Зафар Сайидзода

# ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР: МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ

Нашри дуюми иловадор



***«Истиқлолият рамзи гӯёи озодии миллат ва кишвар аст».***

***Эмомалӣ Раҳмон***

*Бахшида ба 30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Зафар Сайидзода

# ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР: МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ

## Нашри дуюми иловадор

Душанбе-2020

**ББК 66+66.5 (2 тоҷик)**
**С-12**

**Сайидзода Зафар Шералӣ (Саидов Зафар Шералиевич). Тоҷикистони муосир: масъалаҳои мубрами истиқлоли миллӣ. – Нашри дуюми иловадор. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2020. – 640 саҳ.**

Ин китоби таҳлилӣ ба масъалаҳои мубрами истиқлоли миллӣ – гиромидошти забони модарӣ, густариши ахлоқи миллӣ, таъмини рушди устувору босуботи кишвар ва ба ин хотир фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ – бахшида шудааст.

Асари мазкур барои олимон, омӯзгорон, сиёсатшиносон, хизматчиёни давлатӣ ва, умуман, доираи васеи хонандагон иншо гардидааст.

**ISBN 978-99947-49-89-8**

**ББК 66+66.5 (2 тоҷик)**

**© Сайидзода З.Ш.**

# НАҚШИ СИЁСИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРӢ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РУШДИ БОСУБОТИ ТОҶИКИСТОН

***(моҳи январи соли 2012)***

# ПЕШГУФТОР

То ба имрӯз дар бораи хидматҳои бузурги Эмомалӣ Раҳмон, ки дар фоҷиабортарин давроне аз таърихи муосири миллати тоҷик бо ҷасорати инсонӣ ва хиради сиёсӣ тавонистааст, **якҷо бо ҳамсафони содиқаш**, халқи хешро аз коми оташи ҷанг бираҳонад ва мамлакатро аз вартаи нобудӣ берун кашад, китобу мақолаҳои ростгӯёна ва бериёи зиёде навишта шудаанд. Ин осор, ба ҷуз аҳамияти бузургаш, дар баёни ҳақиқати таърихӣ аз лиҳози тарбия ва парвариши меҳандӯстона дорои арзиши зиёде ҳаст. Зеро корнамоӣ ва пайкори қаҳрамононаи шахсиятҳои бузург дар бедор кардани ҳисси ифтихор аз халқи хеш дар зеҳни миллат ба сифати намунаи ибрат хидмат мекунанд ва арзишҳои воло, чун муқаддас донистани Ватан, густариши анъанаву одоби миллӣ ва гиромӣ доштани хотираи ниёгон, маъно ва моҳияти воқеӣ пайдо менамоянд.

Дарки ҷаҳони беинтиҳои шахсияти Эмомалӣ Раҳмон аз қудрати як ё ду муаллиф берун аст ва мо дар чунин андешаем, ки ин китоб дар пайвастагӣ бо китобҳои дигар, ки эҷод шудаанд ва дар оянда низ навишта хоҳанд шуд, барои таҷассум намудани азамати шахсияти ин сиёсатмадори тавоною муваффақ хидмат хоҳад кард.

Он рӯзҳо, ки Эмомалӣ Раҳмон бо тадбири хирадмандонааш хиштҳои иморати муҳташами давлатдории навини тоҷиконро рӯйиҳам мегузошт, ба осорхо-

наи таърих раҳсипор шудаанд. Кайҳост, ки Тоҷикистон номи як кишвари ҷангзадаро аз худ афшонида, ба сарзамини сулҳу салоҳ ва майдони меҳнати созанда табдил гаштааст. То имрӯз Тоҷикистон маротибаҳои зиёд бо оғӯши кушоди тоҷикона мизбони бузургтарин ҳамнишиниҳои муҳими сиёсии байналмилалӣ гаштааast ва пешвои миллати тоҷик аз минбари бонуфузтарин созмонҳои ҷаҳонӣ паёми сулҳҷӯёна ва пешниҳодҳои созандаи халқи хешро ба аҳли башар расонидааст. Кишвари мо чеҳраи хоси як давлати комили мустақилро бо дастгоҳҳои муназзами сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба даст овардааст ва дар роҳи боз ҳам таҳким бахшидан ба пояҳои давлатдории миллии хеш қадам мезанад.

***Аммо таҳлилу баррасии он ҳама рӯйдодҳо, ки аз оғози соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон то ба имрӯз рух намудаанд, ҳамвора дар мадди назари рӯзноманигорон ва таҳлилгарони сиёсӣ қарор доранд, ки, мутаассифона, бархе аз ин таҳлилҳо бо ҳақиқат наздикие надоранд.***

Мо дар саҳифаҳои ин китоб ҳеҷ моил нестем, ки бо чунин муаллифон ба мунозира пардозем, вале нодуруст хоҳад буд, агар бар пояи воқеияти таърихӣ таъкид нашавад, ки яке аз самтҳое, ки ба амнияти ҷомеа халал ворид меоварад, ҳамин туҳмату буҳтон аст ва он таҳлилгарони ғаразманд аз ифротгароён хатари камтаре надоранд. Барои ин ҳам, мо дар саҳифаҳои ин китоб аз дастовардҳои Тоҷикистон, ки имрӯз хеле пешрафт кардааст, нақши бузурги пешвои миллат, инсони дорои ақли табии истисноӣ ва наҷобат Эмомалӣ Раҳмон, ки дар сахттарин замон дар

раъси ҷумҳурӣ истода ва онро ба суботу назму қонун овардааст ва ***ҳамаи ин пешрафтҳо аз бисёр ҷиҳат натиҷаи фаъолияти шабонарӯзӣ ва хастанопазири ӯст,*** мехоҳем сухан гӯем.

На танҳо вазифа, балки қарзи ҳар фарди калонсол роҳнамоии насли ҷавон ба ишқи Ватан, бедор кардани алоқа ба гузаштаи бошукӯҳ ва шахсиятҳои ҷоннисори миллат ва ба сифати намунаи ибрат нишон додани онҳоест, ки барои саодати миллати хеш аз худ фидокорӣ ва қаҳрамонӣ зоҳир намудаанд.

Хеле муҳим аст шахсиятҳое, ки зиндагии худро ба хотири армонҳои баланд ва асили миллӣ бахшидаанд ва хидматҳои фидокорона барои қавму миллати хеш кардаанд, сарчашмаи илҳом ва неруи маънавӣ бошанд. Насли ҷавон бояд итминон ҳосил кунад, ки инсони ҳақиқӣ мондан, ҳисси баланди ифтихори миллӣ доштан, садоқати ҳамешагӣ ба халқи худ хоси ҳар фард буда метавонад.

Неруи тарбиявии омӯзаҳои сиёсӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ ҳамон вақт пуртаъсир мегарданд, ки худи ҷавонон имкони мушоҳидаи бевоситаи равандҳои таърихиро пайдо мекунанд ва ба сифати муҳаққиқи таърихи миллати хеш ба омӯзиш мепардозанд. Ва чунин имконро ба онҳо китобҳое медиҳанд, ки ба мавзӯоти корнамоии ҷовидонаи абармардони миллат, ки дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ барои сарнавишти халқи хеш нақши муҳим ифо намудаанд ва аз худ намунаҳои барҷастаи қаҳрамонӣ нишон додаанд, бахшида шудаанд.

Аз ин лиҳоз фаъолияти сиёсии Эмомалӣ Раҳмон аз ҳар ҷиҳат омӯзанда аст. Мо кӯшиш мекунем, ки аз сутури ин саҳифаҳо пеши дидагони хонанда ҳама он мураккабии авзои замони ба сари кор омадани Эмомалӣ Раҳмон ва чеҳраи Пешвои миллат, ки адолат, ҳақиқат ва садоқат ба халқи хешро сармашқи фаъолияти худ намуда, дар роҳи расидан ба ин армонҳои муқаддас пайваста талош меварзад, падидор намоем. Ва низ аз сифати хоси Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки дар тӯли ин ҳама солҳои сарварӣ ба ҷумҳурӣ, ба ҷуз роҳбари сиёсӣ будан, ба мураббӣ ва роҳнамои маънавии ҷомеа табдил гаштааст, сухан гӯем.

Агар ин китоб ба насли ҷавон дар дарки бештари ин ҳақиқати бебаҳс, ки тоҷикистониён ба шарофати хидматҳои бузурги Эмомалӣ Раҳмон муваффақ ба эҳёи давлатдории миллии хеш шуданд ва бо идома додани роҳе, ки ӯ башоратгари он аст, ба дастовардҳои беш аз ҳоло муваффақ хоҳанд шуд, кумак расонад, мо худро баҳадафрасида ҳисоб мекунем.

# РИСОЛАТИ ФАРЗАНДИ АСИЛИ МИЛЛАТ

Озодиву истиқлол барои ҳар миллат дастоварди муқаддас ба шумор меравconfigured. Миллати тоҷик дар тӯли садсолаҳо бо ормони давлати мустақили миллӣ зиндагӣ ба сар мебурд ва дар тӯли ин ҳама давронҳои тӯлонӣ ҷони садҳо фарзандони содиқу меҳанпарасташро аз даст додааст. Ҳазорон шукр, ки мо имрӯз давлати миллии худ – тифли ормонҳои гузаштагони худро дорем ва бо азму талоши мардуми ватандӯст онро аз соле ба соле бо меҳнати созанда ва талошҳои хастанопазир баояндаи босаодат раҳнамун месозем. Вале ҳақиқати таърихӣ ва сабақе, ки дар оғози истиқлолияти Ватанамон бардоштаем, нишон медиҳанд, ки ҳифзи дастоварди истиқлол ба маротибаҳо аз ба даст овардани истиқлол мушкилтар аст. Албатта, бо хондани ин сатрҳо шояд баъзе касон саҳлангорона фикр кунанд, ки муаллифони ин сатрҳо суханҳои маълуму забонзадаро ба риштаи таҳрир мекашанд. Посух ба чунин андеша бо мақоли «пеши касе, ки ташна нест, пиёлаву дарё якест» хубтар баён мегардад. ***Оре, ҳамин тавр аст ва чун истиқлоли давлатии Тоҷикистон як ҷузъи ҳақиқати зиндагии ҳамагонии мост, мо на ҳамеша бар ин нукта фикр мекунем, ки агар кор ба тарзи дигар сурат мегирифт, яъне агар душманони миллати мо, – онҳое, ки мехостанд мамлакати моро пора-пора карда, аз сафҳаи харитаи ҷаҳон номашро зудоянд, ба мақсади нопоки худ мерасиданд, аҳволи мо чӣ***

***мешуд? Оё мо чун даҳҳо миллатҳое, ки бо вуҷуди доштани собиқаи таърихӣ, анъанаву русуми хоси миллӣ, забону адабиёти борвар ва фарзандони шуҳратманди худ аз неъмати соҳибдавлатӣ бебаҳраанд, бо ҳасрат зиндагӣ ба сар намебурдем?*** Оё мо он вақт метавонистем бо забони шевои модарӣ, ки ҳатто барои миллатҳои дигар гӯшнавозу форам аст, суруди мутантани миллӣ хонем, аз минбарҳои бонуфузи ҷаҳонӣ суханронӣ кунем, шеъру достон нависем ва аз соҳиби чунин забони оламгир будан бинозем? Бино бар ин, мо ҳамеша бояд шукргузор бар саодати соҳибдавлатӣ бошем ва фарзандони худро низ дар рӯҳияи сарфарозӣ ва ифтихор аз давлати соҳибистиқлол доштан парвариш намоем.

Соли 2011 барои тоҷикистониён соли махсусе буд, – мо 20-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистонро ҷашн гирифтем. Дар робита ба ин ҷашни фархунда дар рӯзномаву ҳафтаномаҳо ва алахусус дар сомонаҳои интернетӣ табодули назари густурдае сурат гирифт. Аксари посухгӯён ва онҳое, ки бо ибтикори худ дар саҳифаҳои васоити ахбори умумии коғазӣ ва электронӣ изҳори назар кардаанд, соҳибистиқлол шудани Тоҷикистонро чун рӯйдоди бузурги таърихӣ ва барои миллати тоҷик сарнавиштсоз арзёбӣ менамоянд, ки ин баёни моҳияти аслии ин неъмати бебаҳои таърихӣ аст.

Аммо дар баробари ин иддаи бузурги шукргузор, ки барояшон истиқлол сарвати бебадал аст, онҳое низ ҳастанд, ки бар тибқи назари нофарохи хеш ба истиқлол аз равзанаи ҳадафҳои моддӣ нигариста, бар

чунин ақидаанд, ки соҳибихтиёрӣ барои Тоҷикистон, ҳамчунин барои дигар ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ, бозгашт ба ақиб аст. Ва аз ҳама фикри ботиле, ки дар навиштаҳои ин гуна «шореҳон» ба чашм мехӯрад, ин аст, ки гӯё хидмати роҳбарияти Тоҷикистон дар барқарорсозии сулҳ аҳамияти собиқаашро аз даст додааст. Мо чунин мешуморем, ки ин ақида комилан ғалат аст. ***Ҳамчуноне ки зафари халқи шӯравӣ бар фашизм қаҳрамонии беназир аст ва бо гузашти замон бар аҳамияти он афзуда мешавад, хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва ба сулҳу ваҳдат расонидани қувваҳои ба ҳам зид корнамоиест, ки аҳамияту арзиши он бо мурури айём бештару бештар мегардад. Сулҳу ваҳдат ин ҳамон ниҳолест, ки ба қадри бузург шуданаш пурсамартар ва мевааш пуршираву ширинтар мегардад.***

Нуктаи маълум аст, ки дар сарчашмаи ҳамаи аъмолу кирдори барои ҷомеа судманд шахсиятҳои мушаххас қарор мегиранд. Яъне халқҳо ва миллатҳо дар чи соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ба пешрафт даст наёбанд, мадюни шахсиятҳои барҷаста ва ашхоси бузург ҳастанд. Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳамаи давру замон дар лаҳзаҳои ҳассос ва сарнавиштсоз маҳз шахсиятҳои истисноӣ ва неруманду шуҷоъ масъулияти наҷоти Ватан ва миллатро бар дӯши худ мегиранд.

Шахсиятҳои бузург раҳнамои инсоният ҳастанд ва инсонҳо дар ҳалли масъалаҳои печида ва мураккаби иҷтимоиву иқтисодӣ ба онҳо умед мебанданд. Махсусан нақши инсонҳои бузург дар лаҳзаҳои фоҷиабор аз таърихи халқҳову миллатҳо муассир

воқеъ мешавад. Масалан, дар набардҳои мусаллаҳона ҳамон лашкаркаше метавонад лашкарашро ба пирӯзӣ расонад, ки шуҷоъ ва тавоно бошад ва тавонад вобаста ба вазъияти баамаломада дар майдони ҷанг иқдоми низомии дуруст намояд ва стратегияи мукаммалро ба кор гирад. Зеро танҳо аз истеъдоди лашкаркашии ӯ ва тасмими дурусти ӯ сарнавишти артиш ва кишвар вобаста аст. Маъмулан ашхоси соҳибхирад ва боистеъдодро шароити ҳассос ва тақдирсози таърихӣ ва масъалаҳои мураккаби боқӣ мондан ва ё намондани давлатҳо дар арсаи ҷаҳон ба сиёсатмадорони барҷаста табдил медиҳанд. Дар чунин давронҳо пешвоёне бар арсаи сиёсат ба вуҷуд меоянд, ки қодиранд ҳама гуна саддро аз роҳи пешрафти ҷомеа бигиранд ва роҳро барои рушду густариш омода созанд. Бо ибороти дигар, шахсиятҳои барҷаста маҳсули даврони муҳими таърихӣ мебошанд.

Аммо барои табдил шудани инсон ба шахсияти барҷастаи сиёсӣ фақат шароити таърихӣ кам аст. Худи сиёсатмадор бояд аз фазилат ва хусусиятҳои лозим барои ҳалли масъалаҳои душвор ва анҷоми фаъолиятҳои бузург бархӯрдор бошад. Ӯ бояд донишманд, қавиирода, бебок, нисбати зердастон сахтгир ва дар мавриди ба дӯши худ гирифтани масъулият ва нотарс будан дар баробари хатарҳои эҳтимолӣ аз атрофиёни худ чанд сару гардан боло бошад.

***Барои миллати тоҷик дар охирин даҳаи қарни бистум, ки он вақт Тоҷикистон қадамҳои нахустинашро дар ҷодаи соҳибистиқлолӣ мегу-***

***зошт ва бо хатари нобудшавии давлат ва миллат рӯ ба рӯ омад, ниёз ба чунин шахсияти наҷотбахш ва тавоно ба миён омад. Ҳазорон шукр, ки аз миёни фарзандони миллати куҳанбунёди мо чунин шахс пайдо шуд. Ва ин шахс Эмомалӣ Раҳмон аст. Агар шуҷоату мардонагӣ ва ҷуръати сиёсии Эмомалӣ Раҳмон намебуд, аз даст додани истиқлолияти давлатӣ як амри воқеӣ буд.***

Насли калонсол ва миёнаи мамлакати мо ҳанӯз ба равшанӣ дар хотир доранд, ки оғози истиқлолияти Тоҷикистон, алалхусус нимаи дуввуми соли 1992, дар таърихи навини халқи тоҷик бо чӣ ошуфтагӣ, беқонунӣ, ҳараҷу мараҷ ҳамроҳ буд. Дар ин айёми мусибатбор Тоҷикистонро аз фано шудан, ба маънои воқеии ин калима, фосилае ба қадри як сари мӯ ҷудо мекард.

Дар мамлакат беҳокимиятӣ ва бесарусомонии сиёсӣ ҳукмрон буд. Минтақаҳои ҷанубӣ ва пойтахти мамлакат аслан дар дасти гурӯҳҳои ғоратгари мусаллаҳ қарор доштанд. Мардум ба сабаби даргириҳои байни гурӯҳҳои мусаллаҳ дар тарсу ҳарос ва изтироб ба сар мебурданд. Ҳокимони давр – онҳое, ки то дирӯзи наздик худро «хизматгори халқ» меномиданд, аз вазъи ноором ва барояшон «мусоиди» кишвар истифода бурда, бо азхудкунии моликияти давлатӣ машғул буданд ва коре ба ҳоли ошуфтаи мардуми мусибатзада надоштанд.

Ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ ва вазъи ҷиноии кишвар, ки Тоҷикистонро ба як сарзамини доғ табдил дода буданд, аз обрӯи миллати тоҷик мекостанд

ва мо бо номи нангини як миллати ҷангҷӯ вориди саҳнаи сиёсати байналмилалӣ мешудем.

Дар ин лаҳзаҳои ғамангез Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун наҷотдиҳандаи миллат ва давлат, ба майдони сиёсати ҷаҳонӣ ворид шуд. Мардуми тоҷик дар шахси намояндагони худ дар Парлумони кишвар ягона қадами дуруст ва бехато гузошт ва сарнавишти миллат ва давлати тоҷиконро ба дасти ҷавони ватандӯст, ҷасур ва хирадпеша Эмомалӣ Раҳмон супорид. Маҳз дар ҳамон рӯзҳои поёни тирамоҳи соли 1992 бо ба сари қудрат омадани фарзанди баномус ва сиёсатмадори ҷавон Эмомалӣ Раҳмон нуқтаи атфи наҷоти Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввал барои мардуми мамлакат аён гардид, ки дастгоҳи идораи киштии зиндагии миллат дар дасти қавии инсони боэътимод супорида шудааст ва Ватан, миллат ва тамоми мардуми кишвар яқинан ба вартаи нобудӣ, ки бадхоҳони миллат барояшон омода карда буданд, фурӯ нахоҳанд рафт.

***Хидмати бузурги Эмомалӣ Раҳмон дар назди миллати шарифи Тоҷикистон ва таърихи миллат дар он аст, ки ин шахси нодир ва сиёсатмадори дурандеш дар шароити печида ва мураккабби муноқишаҳои ҳамватанӣ ва ҷанги таҳмилӣ давлатдорики тоҷикон ва бақои давлатро аз парешонӣ ва фано шудан ҳифз намуд. Аз ин рӯ, бо итминони комил метавон гуфт, ки Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши миллати тоҷик ва давлати тоҷикон аст. Маҳз шахсияти Эмомалӣ Раҳмон дар баробари фитнаи душманони миллати тоҷик, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ халқи***

***мoро борҳо ба гирдоби хун кашида буданд, қодир ба истодагарӣ гардид. Ва ин дафъа бо хости сарнавишт дар раъси давлати мо шахсияте қарор гирифт, ки ғайричашмдошти бисёриҳо тамоми ҳадафҳои бадхоҳони миллати моро барбод дод.***

Бо хондани ин сатрҳо дар хонандаи гиромӣ суоли мантиқӣ ва барҷое метавонад пайдо шавад, ки чаро маҳз Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он замон ҳеҷ таҷрибаи фаъолият дар зинаҳои баланди идораи давлат надошт, роҳбари Тоҷикистон интихоб гардид?

Бояд ин нуктаро таъкид кард, ки дар он рӯзҳои ошуфта ва пурфоҷиаи ҷанги шаҳрвандӣ, ки роҳбарияти ҷумҳурӣ яке аз паси дигар иваз мешуд, вале дар пешорӯи алангаи ҷанг бечора мемонд, касе аз сиёсатмадорон ҷуръат намекард, ки масъулияти душвори қатъ кардани ин фоҷиаи миллатро ба зиммаи хеш гирад.

Эмомалӣ Раҳмон бидуни дудилагӣ, бо мардонагӣ ва бо шуҷоати фавқулода бар дӯши худ масъулияти вазнини хотима додан ба ҷанги бародаркушӣ, бунёди появу асосҳои конститутсионӣ ва эҳёи давлатдориро гирифт. Эмомалӣ Раҳмон ба хубӣ дарк мекард, ***ки дар он шароите, ки Тоҷикистон қарор гирифта буд, яъне дар вазъияте, ки давлат фақат дар рӯи коғаз вуҷуд дошт ва дар асл бошад тамоми рукнҳои давлатдорӣ корношоояму фалаҷ шуда буданд ва ё умуман вуҷуд надоштанд***, таърих ва сарнавишт барояш рисолати бузург, вале ниҳоят душвори бунёд намудани давлати навинро гузоштааст.

Биёед, биандешем оё осон буд, ки як сиёсатмадори таҷрибаи кофӣ надошта чунин масъулиятро ба

дӯши худ бигирад? Агар ҳам, ки он чиро Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли як давраи кӯтоҳе дар поягузории аркони давлат анҷом дод, сарфи назар кунем, ***фақат ҷуръати инсониаш ва тасмими қавиаш, ки бори гарони эъмори давлатро бар дӯш гирифт, худаш қаҳрамонӣ аст.***

Мушкилӣ ва печидагии вазъият фақат аз маҷмӯи вазифаҳои барқарор кардани сулҳу оромиш ва бунёди рукнҳои давлатдорӣ дар заминаи холӣ, нарасидани пул, нокифоии маводи ғизоӣ барнамеомад. Дар кишвари ҷангзада, ки сарчашмаи муноқишаҳо аслан аз парешонии ақидавӣ рух намуда буд, ***ҷанги иттилоотӣ*** ҷабҳаи дигари шадиде буд, ки аз он ҷо ба таври пинҳону ошкоро ба ҷониби ҳукумати қонунии нав ҳамлаҳое сурат мегирифтанд. Масалан, он рӯзҳо чи дар васоити ахбори кишварҳои муштаракулманофеъ ва чи дар хориҷаи дур ҳукумати Эмомалӣ Раҳмонро коммунистӣ ва зиддиисломӣ ба қалам медоданд ва бар ин тибқ созмонҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳбарияти ҷумҳурии мо бо як навъ шубҳа менигаристанд. Зиёда аз ин, ҳувияти роҳбари Тоҷикистонро бо паҳн кардани шойеаҳое, аз қабили «собиқ парторг», «собиқ раиси колхоз», мехостанд дар пеши назари ҷаҳониён коҳиш диҳанд. Вале Сарвари давлати тоҷикон ба ин суханҳои ҳарзаомез бо фаъолияти пурсамар ва рӯз аз рӯз ба беҳбудӣ расонидани авзои ҷамъиятиву сиёсӣ дар мамлакат посух медод. Андаке руҷӯъ карда, мехоҳем ин нуктаро махсусан таъкид намоем, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша – чи дар аввалин рӯзҳои бар садри давлат омаданаш ва чи имрӯз – аз решаҳои иҷтимоияш ва роҳи сипари-

кардааш то ба мансаби Сарвари давлат расидан ифтихор мекунад ва ба сарнавишт шукр мегузорад, ки ӯ аз волидайни заҳматкаш ба дунё омадааст ва аз онҳо меҳнатдӯстӣ омӯхтааст ва худаш ҳам солҳои тӯлонӣ аз касби кишоварзӣ нон хӯрдааст.

Ин нуктаро набояд фаромӯш кард, ки дар шароите, ки амалан ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, Раиси Шӯрои Олӣ ҳанӯз на аз ҷониби сиёсатмадорони низоми коммунистии пешин ва на аз ҷониби онҳое, ки тоза вориди ҳукумати нав гашта буданд, дастгирии комил – ва ба истилоҳи сиёсатмадорон – заминаи маънавию сиёсӣ надошт ва ҳам наметавонист дошта бошад. ***Фақат ҳамин далел, ки ҳеҷ як аз ашхоси саршинохтаи ҳизбиву давлатии он замон ҷуръат накарда буд, ки бори масъулияти роҳбарӣ бар ҷумҳуриро бигирад ва низ аксари ашхоси таҷрибадор аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодкардаи Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон худдорӣ карда буданд, баёнгари он аст, ки бисёре аз сиёсатмадорони вақт мавқеи интизориро ихтиёр карда буданд. Ҳатто яке аз онҳо ба Эмомалӣ Раҳмон рӯирост гуфта буд: «Шумо дар ин мансаб аз ду ҳафта зиёдтар намеистед». Ин ҳарфҳо аз сари хусумат гуфта шуда буданд ва ё аз нобоварӣ, вале вазъият чунин буд, ки ҳатто ҷонибдорони зиёди Эмомалӣ Раҳмон дар саросари ҷумҳурӣ бо як навъ дилнигаронӣ ба фаъолиятҳои ӯ менигаристанд ва аз худо илтиҷо мекарданд, ин сарвари ҷавонро, ки бидуни як лаҳзаи оромӣ шабу рӯз барои ба эътидол овардани вазъи ошуфтаи мамлакат заҳмат мекашад, дар паноҳаш нигоҳ дорад.***

Хушбахтона, умеди мардум ба навмедӣ накашид. Ва Эмомалӣ Раҳмон бидуни таамул ва бо иродаи матин ба муқобили ҷангу хунрезӣ паёми сулҳу ризоияти миллиро ҳамчун зербинои давлатдорӣ ташхис дод ва алорағми қувваҳои адоватпешаи дохиливу хориҷӣ, ки ҷиддан мекӯшиданд, то оташи ҷанг дар Тоҷикистон хомӯш нагардад, ба иқдом пардохт. Кӯшишҳои пайгирона ва талошҳои шабонарӯзии Сарвари давлати Тоҷикистон, ки дар фазои ҷонибдории тамоми халқи Тоҷикистон сурат мегирифт, марҳала ба марҳала кишвари моро ба сӯи мақсуд раҳнамун сохт.

Бо такя ба дониши амиқи вазъи мавҷуда дар мамлакат, Эмомалӣ Раҳмон ба хулоса омад, ки нахуст якпорчагии мамлакатро бояд таъмин намуд ва баъдан роҳҳои пешбурди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишварро пеш гирифт, ҷанбаҳои хоси рушди онро ҷустуҷӯ намуд. Вазифаи муҳимтарини хешро низ дар он медид, ки ҳувияти дар асари ҷангу хунрезӣ ва парешонии ақидавӣ дургаштаи мардумро бозгардонад, ваҳдату пайванди пойдори афроди ҷомеаро эҷод намояд ва бо баҳрагирӣ аз ин ягонагиву ваҳдат тавсеаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро ба роҳ андозад ва дигар ҳеҷ гоҳ нагузорад, ки бадхоҳони миллати тоҷик саҳнагардони хоки муқаддаси Ватани мо шаванд.

Таъкиди ин нукта муҳим аст, ки дар он шароити буғранҷи буҳрони сиёсӣ ва парешонии ақидавӣ, ки дар мамлакат ҳукмрон буд, ва дар вазъе, ки тамоми мақомоту сохторҳои ҳокимияти давлатӣ аз ҳам рехтаву корношоям буданд, он чи Эмомалӣ Раҳмон аз

обод кардани мулк ва сарҷамъ намудани миллат ҳарф мезад, хаёлпардозие бештар дарёфт намешуд. Он рӯзҳо чи дар мамолики ҳамсоя ва чи дар кишварҳои дур, чун сухан аз Тоҷикистон мерафт, пуристеъмолтарин калимот «фано шудан», «дар оташи ҷанги ҳамватанӣ сӯхтан», «то охирин тоҷик ҷанг кардан»... буд.

Ва дар воқеъ ҳам ба ҳақиқат пайвастани ин «пешгӯиҳо» аз эҳтимол дур набуд. Аз эҳтимол дур набуд – дар он сурат, ки агар аз миёни миллати тоҷик шахсияте пайдо намешуд, ки масъулияти наҷоти Ватан ва хотима додан ба ҷанги бародаркуширо бар уҳда гирад. Ва низ муҳим ин ки тавонад, ҳамватанонро даъват кунад, то аҳамияту арзиши иқдомҳои ӯро дарк намуда, бо саҳмгирии мустақимашон сарнавишташонро ба дасти худ гиранд ва аз тасмимоту фаъолиятҳои Сарвари давлат, ки ба хотири онҳо анҷом медиҳад, огоҳ бошанд, ба моҳияти онҳо пай бибаранд ва манфиатҳои миллӣ ва ватанашонро аз ҳар чизе болотар гузоранд.

Яке аз муҳимтарин вазифае, ки дар пеши роҳбари Тоҷикистон қарор дошт, ин пиёдасозии барномаи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва мутамаддин буд. Ва муҳимтарин марҳалаи амалӣ намудани ин барномаи стратегӣ қабули Конститусия ба шумор мерафт.

Маълум аст, ки ҳар Сарқонун бояд ҳуқуқу озодиҳои фардиро дар баробари қудрати давлатӣ ва, баръакс, марзбандии фаъолияти давлатро бо ҳуқуқи шаҳрвандон танзим намояд. Яъне Конститутсия, пеш аз ҳама, бояд ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро муҳофизат

кунад ва ҳамзамон бо он масъулияти шаҳрвандро дар назди ҷомеа ва давлат муайян созад.

Бо бардошт аз ин гуфтаҳо, ҳукуматро лозим буд, пеш аз он ки ба тарҳрезӣ ва қабули Сарқонун иқдом намояд, онҳоеро, ки амали Сарқонун барояшон равона карда мешавад, дар чаҳорчӯби назму тартиби муайян дароварад. Яъне модоме, ки мақсади асосии бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд таъмини афзалияти қонун, ҷорӣ кардани низоми одилона ва сулҳу субот дар ҷомеа аст, нахуст корро аз он бояд оғоз намуд, ки монеаҳои асосӣ аз миён бардошта шаванд.

Ҳалли мушкилоти иҷтимоии муҳоҷироне, ки ба кишварҳои ҳамсоя аз ҷанг паноҳ бурдаанд, ва онҳое, ки аз мавзеъҳои даргирӣ ба нуқоти ороми кишвар кӯч бастаанд, танҳо аз дасти давлате, ки муҳофизати манфиатҳои миллиро сармашқи кори худ қарор додааст, бармеояд. Агар ҳукумати тозаинтихоб қодир ба захмҳои садҳо ҳазор овора, гурезагону кӯчбастагон, бозмондагони хонаводаҳои қурбониёни ҷанг, ятимону бепарасторону маъюбон марҳамгузор шавад, дар он сурат эҳёи дигарбора ва шукуфоии Ватан ва ободии шаҳрҳову деҳот, боло рафтани сатҳи зиндагии мардум муяссар мегардад, заминаи рушду тараққии мамлакат фароҳам меояд. Яъне бо ибороти дигар, ҳукумати тозаинтихоб мехост, сарфи назар аз он ки кӣ золим ба ҳисоб мерафт ва кӣ мазлум, бо таъбири худи Эмомалӣ Раҳмон, «ба гузашта салавот гуфта», зиндагии ҷомеаро аз «саҳифаи тоза» оғоз кунад. Аммо ин кор дар он вақт хеле душвор буд. Вале мушкил будани кор маънои ғайриимкон будани ҳалли онро надорад.

Ба ин тартиб, Тоҷикистон ба як чархиши бузурге зарурат дошт, ки тамоми афроди ҷомеа – силоҳдору бесилоҳ, гурезагону дар Ватан будагон, бунёдгароёну озодандешон, ашхоси таҳсилкардаву мардуми одӣ – тавонанд бидуни таҳдиду ташвиш дар эҳёи кишварашон саҳмгузор бошанд.

Ба ин хотир ва ба сифати нахустзаминаи оштии миллӣ Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар даргириҳои мусаллаҳона ширкат намудаанд ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд ва онҳое, ки яроқҳои худро месупоранд, қонун қабул намуд. Вале ин иқдоми давлат, ҳамчуноне ки интизор мерафт, натиҷаи матлуб ба бор наовард. Зеро ҷанги бародаркушӣ, ки бо ҳезуми эҳсосҳои шадиди инсонӣ – кина, хусумат, нанг, интиқом – дар мегирад, ба осониҳо хомӯш намегардад. Ин аст мушкилии кор ва ин аст мизони вазифаи ҳар касе, ки ба дӯши худ масъулияти хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандиро мегирад.

Вале Эмомалӣ Раҳмон аз ин мушкилӣ наҳаросид, зеро вай аз тинати миллати хеш огоҳ буд. Медонист, ки мардуми содадил на аз рӯи кинаву адоват нисбати намояндагони маҳаллу нуқоти дигари мамлакат вориди майдонҳо шудааст, балки бар соиқаи иғвои мансабхоҳон ва зери таъсири ҳиллаву найранги сиёсатмадорони навзуҳур, ки ҷоҳу мақом барояшон аз ҷони инсон арзишмандтар аст, дохили ҷанги нангини шаҳрвандӣ гардидааст.

Даъватҳои такрор ба такрори Сарвари давлат аз иштирокчиёни мухолифатҳо бобати аз гуноҳи

якдигар гузашта, ба зиндагии осоишта қадам ниҳодан, ки дар ниҳояти самимият изҳор мешуданд, эълони авфи умум, ки борҳо сурат гирифт, батадриҷ самараи матлуб ба бор оварданд.

Ҳазорҳо ҷавонони раҳгумзада силоҳҳои худро ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ супорида, бо бурдбориву тааммул ва бо аз сина дур кардани ҳисси адовату кина рӯй ба зиндагии осоишта гузоштанд.

Рӯз аз рӯз шумораи гурезаҳое, ки майли муроҷиат ба Ватан мекарданд, зиёд мешуд.

Ин нуктаро набояд аз ҳисоб хориҷ кард, ки мулки ноором майдони ҷавлони афроди ҷиноятпеша аст. Таркузи силоҳ дар ҷомеа, ки онро ба сифати «афзор»-и асосии мунокишаҳои сиёсӣ баргузидааст ва зӯри силоҳ ҳамчун қотеътарин далели бартарият дар ҳалли тамоми масъалаҳои зиндагии ҷомеа шинохта шудааст, ба олами ҷиноӣ имкон медод, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ нуфуз ёбад. Гурӯҳҳои ҷиноятпеша кӯшиш мекарданд ба иқтисодиёт, сиёсат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид гарданд, соҳаҳои афзалиятноки саноат ва мақомоти калидии ҳокимиятҳои маҳаллиро таҳти назорати худ қарор диҳанд. Зиёда аз ин, гурӯҳҳои ҷиноӣ бо ба тан кашидани либоси низомӣ худро кормандони ҷузъу томҳои неруҳои ҳарбии давлатӣ ҷилва медоданд. Бадеҳист, ки чунин вазъ ба коми қувваҳои манфиатдор ба идомаи беназмӣ дар Тоҷикистон буд ва онҳо бо камоли майл аъмоли ин ҷинояткоронро ҳамчун амали бадқасдонаи неруҳои ҳукуматӣ ба қалам дода, гурезагони иҷбориро аз муроҷиат ба Ватан бозмедоштанд ва дар дохили мамлакат фазои ваҳму ҳаросро ба вуҷуд меоварданд.

Вале Эмомалӣ Раҳмон бо сафарбар кардани неруҳои таъмини амният ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бар зидди ҷинояткорӣ ва гурӯҳҳои ҷиноӣ муборизаи оштинопазир эълом кард ва дар чанд марҳала муваффақ ба ҷорӣ кардани назму суботи пойдори ҷамъиятӣ дар мамлакат гардид.

Баъд аз нисбатан ором гаштани вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар кишвар аввалин марҳалаи ислоҳоти конститутсионӣ, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июли соли 1994 ба он замина гузошт, оғоз гардид.

Бо ташкили Комиссияи Конститусионӣ ва роҳбари Комиссия интихоб гардидани Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таърихии эҷоди Сарқонун ба дӯши Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуд ва ӯ ин вазифаи муҳимро, чун ҳама кореро, ки дар он замон анҷом медод ва то имрӯз анҷом медиҳад, бо дарки масъулияти бузург дар пеши наслҳои имрӯз ва ояндаи Ватан ба иҷро расонид. Сарнавишти таърихии миллат-ба сифати подоши хидматҳои бузургаш-ба Эмомалӣ Раҳмон ин ифтихорро дод, ки маҳз ӯ эҷодкори асосии Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол шавад. Имрӯз бо итминон метавон гуфт, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарогирии арзишҳои демократӣ ва умумибашарӣ дар қатори беҳтарин конститутсияҳои ҷаҳон қарор дорад.

Тоҷикистон ба Конститутсияи давлати бо сохти ҷумҳуриявие ниёзманд буд, ки битавонад посухгӯи

марҳалаи таъмини сулҳу субот дар кишвар бошад ва Тоҷикистонро ба сафи мамолики мутамаддин ва мутараққӣ бозгардонад. Дар ҷараёни эҷоди Сарқонун Сарвари давлат, дар баробари омӯхтани таҷрибаи давлатҳои собиқадори дерини усули демократии идораи ҷомеа ва бо сармашқ намудани арзишҳои умумибашарии озодиву истиқлол, хусусиятҳои хоси миллати тоҷик ва миллатҳои муқими Тоҷикистонро дар мадди назар нигоҳ медошт. Дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад».

Маҳз бо пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мо давлати иҷтимоӣ муайян шудааст ва ин чунин маъно дорад, ки фаъолияти давлат барои баровардани эҳтиёҷоти аслии шаҳрвандон ва ба таъмини зиндагии шоистаи мардуми кишвар нигаронида шудааст. Дар банди дуввуми моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъйиноти муҳим чунин дарҷ гаштааст: «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меоварад».

Баъд аз шаш моҳи кори сахту пурзаҳмат пешнависи Сарқонун дар рӯзномаҳо чоп шуда, барои муҳокима ба мардум пешкаш гардид. Муҳокимаи умумихалқӣ, ки дар тӯли се моҳ – апрел, май ва июни соли 1994 – дар саросари кишвар ҷараён гирифт ва

дар он одамони касбу кори гуногун ширкат варзиданд, собит намуд, ки шаҳрвандони Тоҷикистон ҷонибдори давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ ҳастанд. Ин маърака равшан сохт, ки халқи Тоҷикистон аз лиҳози маънавӣ, сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва бо дарки масъулият баҳри таҳкиму пойдор гардонидани давлати миллии хеш барои баргузоркунии ислоҳоти конститутсионӣ омода аст.

Лозим ба зикр аст, ки дар давраи мураккаб ва тақдирсози соли 1994, ки муҳимтарин санади муайянкунандаи сарнавишти давлати тоҷикон ва миллати тоҷик омода мегашт, дигар рӯйдоди умедворкунанда ва таъйинсозандаи сулҳу субот дар мамлакат – музокироти давлат ва мухолифин барои дарёфти роҳи созгории миллӣ – оғоз ёфт. Чун мардуми ҷумҳурӣ ташнаи сулҳ буданд ва ҳар як қадами дар ин роҳ гузоштаи Эмомалӣ Раҳмонро бо дидагони умедвор мушойиат мекарданд, аз назари онҳо пинҳон намемонд, ки Эмомалӣ Раҳмон барои дарёфти роҳи сулҳ ҷони худро ба чӣ хатарҳо меандозад. ***Сафари ӯ ба мамлакати ҷангзадаи Афғонистон, ба миёни муҷоҳидон, ки ҳанӯз аз хулуси нияти роҳбари Тоҷикистон огоҳии комил надоштанд ва «коммунист»-у «кофар»-аш мепиндоштанд, ба қавли Максим Горкий, «густохии далерон» буд. Вале маҳз ҳамин «густохии далеронаи» Эмомалӣ Раҳмон мавриди писанди бонуфузтарин ашхоси сиёсиву ҳарбии Афғонистон гардид. Афкори баланду ватанпарастона ва азми устувори Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи сарҷамъ кардани миллати тоҷик мӯҷиби тағйири ақида намудани сиё-***

***сатмардони афғон шуд ва бисёре аз онҳо изҳори ҷонибдорӣ аз Ҳукумати Тоҷикистон намуданд.***

Қабули Коститутсия дар раъйдиҳии умумихалқӣ ва зафари Эмомалӣ Раҳмон дар интихоботи президентӣ, ки ин ду маъракаи муҳими сиёсӣ дар як вақт – рӯзи 6 ноябри соли 1994 – баргузор гардиданд, рӯйдоди пешгӯишаванда буд. Натиҷаи муҳокимаи фаъолонаи лоиҳаи Сарқонун, пешниҳоду дархостҳои шаҳрвандон ба Комиссияи Конститусионӣ ва обрӯю эътибори рӯзафзуне, ки Эмомалӣ Раҳмон дар ҷомеа аз он бархӯрдор буд, далолат бар он мекарданд, ки аксарияти шаҳрвандони Тоҷикистон ҷонибдори шакли президентии идораи давлат ҳастанд ва Президенти кишвари хешро дар шахси Эмомалӣ Раҳмон мебинанд.

Охири соли 1994 ва нимаи аввали соли 1995 барҳақ соли таҳкими бунёди қонунии давлати ҷавони Тоҷикистон гардид. Тоҷикистон, сарфи назар аз мушкилиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, бархӯрдҳои шадиди мусаллаҳона дар сарҳадот ва минтақаҳои наздисарҳадӣ, фишори сиёсии қувваҳои оштинопазир, ки садояшонро бо баргузор кардани амалҳои террористӣ ва бо ба кор даровардани лавозимоти тарканда дар пойтахти кишвар ва дигар шаҳру навоҳии мамлакат баланд мекарданд, ба амалӣ кардани нуктаҳои ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ идома дод. Такони ҷиддие, ки дар марҳалаи аввали ислоҳоти конститутсионӣ ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, муносибатҳои нави иқтисодии омехта аз унсурҳои гуногуни шакли моликият, озодии сухан, бисёрҳизбӣ дода шуд, дар марҳалаҳои баъдӣ мӯҷиби суръату сифати навро касб

кардани раванди ислоҳоти куллии ҷомеаи Тоҷикистон гардид.

Эмомалӣ Раҳмон, бо истифода аз салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо такя ба меъёрҳои Сарқонун, дар роҳи танзими вазъи сиёсию иҷтимоӣ иқдомҳои густурда анҷом дод. Ӯ муваффақ шуд, ки – дар баробари мустаҳкам кардани пояҳои давлатдорӣ – ташкили мубориза бо ҷинояткорӣ, ислоҳоти сиёсӣ ва ҳуқуқиро идома диҳад, гурезагони иҷбориро ба Ватан баргардонад, сулҳу ризоиятро дар ҷомеа пойдор намояд.

***Аз соли 1995 дар Тоҷикистон ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ гардид. Дар ин давра санадҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ ба тасвиб расиданд. Шаклҳои гуногуни моликият ҳаққи мавҷудият пайдо карданд. Ташкили савдои озоди хориҷӣ ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ заминаи мусоиди рушди иқтисоди мамлакатро фароҳам оварданд. Бо вуҷуди нобасомониҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсие, ки ҳатто баъд аз имзои Созишномаи сулҳ ва тақрибан то оғози ҳазорсолаи нав идома ёфтанд, иқтисоди Тоҷикистон тамоюли пешрафти худро нигоҳ дошт.***

Дар нимаи дуввуми солҳои навадум, бо хусусияти ҷомеъ ва мутамарказро касб кардани ислоҳоти иқтисодӣ, ***соли 1997 ба Ҳукумати ҷумҳурӣ муяссар гардид, ки коҳиши тавлидотиро боздорад ва иқтисоди мамлакатро бар масири рушди собит равона созад.*** Аз он давра ба баъд иқтисоди мамлакат ҳар сол ба ҳисоби 7,1 дарсад рушд менамояд. Ва

фақат соли 2011 ба иллати таъсири манфии бухрони ҷаҳонии молиявӣ ин нишондиҳанда коҳиш ёфта, 2,6 фоизро ташкил намуд.

Тоҷикистон баъд аз оғози аввалин марҳалаи ислоҳоти иқтисодӣ дар соли 1995 то ба имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Ин муваффақиятҳо худ далели он ҳастанд, ки маҳз иқдомҳои дар марҳалаи нахустини ислоҳоти конститутсионӣ намудаи Президент Эмомалӣ Раҳмон мусоидат карданд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ самтҳои асосии пешбурди минбаъдаи кишварро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муайян созад ва марҳала ба марҳала Тоҷикистонро ба масири пешрафту тараққӣ раҳнамун созад.

Барои дарки беҳтар ва барои хубтар пай бурдан ба моҳияти хидматҳои бузурги Эмомалӣ Раҳмон дар поягузории давлатдории навини тоҷикон ва ба кишвари сулҳу салоҳ табдил додани Тоҷикистон дархӯри мақсад медонем, ки чанд ҷумла аз суханони Президенти Шӯрои Аврупо оид ба равобити байналмилалӣ Антон Караҷаро, ки дар маросими сарфарозгардонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо унвони «Пешвои асри XXI» гуфтааст, биёварем:

*«... Мо ҳамагон, дӯстони башарият, пайи суроғи шахсиятҳои фарзонае ҳастем, ки қарни моро дигаргун сохта, бо амал, идрок ва неруи ҳастии худ суботи ҷаҳонро барои мову шумо таъмин менамоянд.*

*Мо ба он мақсад омадаем, то ба Пешвои асри XXI, ба марде, ки дар замони низову ҷанги шаҳрвандӣ роҳи*

*сулҳу субот ва ваҳдату ягонагиро барои кишвараш интихоб намуд, марде, ки дар замони таназзулу буҳрон пешрафту шукуфоии мамлакаташро таъмин кард, марде, ки дар ҳамдастӣ ва ҳамзистӣ бо мардуми худ дар кори эҷоди ояндаи неки кишвар, минтақа, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва инсоният талошҳои хастанопазир меварзад, изҳори қадрдонӣ намоем. Ин шахс Президент Эмомалӣ Раҳмон аст.*

*Бояд иқрор шуд, ки унвони Пешвои асри XXI унвонест, ки номзадҳо танҳо пас аз омӯзиши амиқ ва баррасии ҳамаҷониба сарфароз гардонида мешаванд. Бинобар он, ки бо он роҳбарони давлатҳо сарфароз гардонида мешаванд, фаъолияти онҳо даҳсолаҳои амалҳову дастовардҳои ноилгаштаро бо таъсири мусбат ба ҳаёти халқу кишвар таҷассум менамояд.*

*Дар раванди қабули қарор ҷиҳати сарфароз гардонидани Президент Эмомалӣ Раҳмон бо унвони Пешвои асри XXI далелҳои зерин ба инобат гирифта шуда буданд:*

*– мусоидат ба ваҳдати миллии Тоҷикистон, мубориза бо коррупсия ва таъмини эҳтироми манзалати инсонӣ, таъмини идоракунии шаффоф ва озодии матбуот, дастгирии равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла ҳуқуқҳои инсон, кафолати озодиву адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ва бароҳандозии дигар барномаҳои созандагӣ;*

*– рушди пайгиронаи пояҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон тавассути маблағгузориҳо ба соҳаҳои тандурустӣ ва маориф, ки дастгириашон ҷавобгӯи чунин арзишҳои дахлнопазири ҳуқуқи инсон, ба монанди тандурустӣ, маориф ва зиндагии солим, мебошад;*

*– мусоидат ба ҳифзи муҳити зист дар Тоҷикистон ва эҳёи симои таърихии Душанбе, тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Иттиҳоди Аврупо, ки яке аз саъю талошҳои муассир барои таъмини дастгирии ояндаи Тоҷикистон маҳсуб меёбад;*

*– рушди доимӣ ва ҳимояи мероси фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик, мубаддал гардондани Душанбе ба яке аз марказҳои ҳамоиши Аврупою Осиё ва машъали рушд барои тамоми минтақа;*

*– дастгирии доимии сулҳу субот ва амният дар миқёси ҷаҳон ва минтақаи Осиёи Марказӣ аз тариқи андешидани тадбирҳои муҳими байналмилалӣ, ба мисли табдил додани Тоҷикистон ба кишвари сулҳоро ва дорои сарҳадҳои бехатар;*

*– ҳамчунин равобити дуҷонибаи Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ҷаноби Олӣ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла фарҳанг, иқтисод, сиёсат, ки заминаи устувори ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бунёд мекунад, хислати рушдкунанда касб намуд» ...*

Ин суханони шахсест, ки ҳама мушкилӣ ва фалокати ҳодисаи хонумонсӯзе чун ҷанги шаҳрвандиро аз рӯи шунидааш медонад. Ӯ боре ҳам аз садои тир ва таркиши гулулаву норинҷак дар дили шаб аз хобаш бедор нашудааст; изтироби мардуми дар маҳалли ҷанг воқеъшударо дар вуҷуди худаш эҳсос накардааст; гиряи дилобкунандаи модарро дар сари ҷанозаи фарзанди аз тири дайду ҳалокгардидааш нашунидааст... Вале бо вуҷуди ин ҳама, чӣ суханҳое мантиқӣ ва чӣ таҳсинҳое барҷо бар забон меронад. Пас мо, мардуми

Тоҷикистон, ки даҳшатҳои ҷангро аз сар гузаронидаем ва хотироти талхи он рӯзҳои пурдоғу дард, бо гузашти ин ҳама солҳо, бар мо гаронӣ мекунанд, бо чӣ амалкарде заҳмати шахсиятеро, ки бар ин даргириҳои накбатбору мусибатовар хотима бахшидааст, посух гӯем?

Оё ниёз ба такрор аст, ки муҳимтарин дастоварде, ки Тоҷикистон таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон ба даст овардааст, ин сулҳу оштии миллӣ аст?

Нуктаи маълум аст, ки ҳар барнома аз муайян намудани ҳадафҳои асосӣ оғоз мегардад. Аз ин нуқтаи назар барномаи, ё ба таъбири дигар, консепсияи сохтмони давлат ин, пеш аз ҳама, муттаҳид намудани тамоми афроди ҷомеа ва ба даст овардани ваҳдату ягонагии мардуми кишвар аст. Ваҳдату ягонагии афроди ҷомеа фалсафаи асосӣ ва баёнгари мазмуну мундариҷаи созмони муташаккил ва муназзаме чун давлат аст. Ҳамчуноне ки организми инсон барои қобили ҳаёт будан пайваста ғизо металабад, организми мураккабе, чун давлат, низ доимо ниёз ба ғизо дорад. Ва ин ғизо ваҳдату ягонагии мардуми мамлакат аст. Аз ин рӯ, ҷараёни таҳкими иттиҳоди иҷтимоӣ на маъракаи якмаротибаӣ, балки иқдомоти доимӣ аст ва дар ҳолати матлуб нигоҳ доштани он муҳимтарин вазифаи дастгоҳи идораи давлат ва институтҳои ҷомеа мебошад. Вале нахуст бояд ин ваҳдатро эҷод кард.

Обрӯю эътибори Президент Эмомалӣ Раҳмон чи дар пеши мардуми Тоҷикистон ва чи дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ дар пеши саршинохтатарин шахсиятҳои сиёсат, пеш аз ҳама, марбут ба хидматҳояш бобати хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ аст.

Эмомалӣ Раҳмон, ки бо рисолати таърихии барқарор кардани сулҳу осоиш сарварии мамлакатро бар дӯши худ гирифта буд, аз аввалин рӯзҳои фаъолияташ роҳи расидан ба мақсудро дар муколама ва муносибати сулҳомез бо тамоми неруҳои сиёсии мамлакат муайян намуд. Вай дар яке аз аввалин изҳороташ ба сифати усули аслии фаъолияти роҳбарияти Тоҷикистон иброз намуда буд: «Идеали сиёсии мо ваҳдати миллӣ аст... Мо ягон масъалаи принсипиалии ҷомеаамонро бо роҳи зӯрӣ ва аз тариқи набарди мусаллаҳона ҳал карданӣ нестем. Мурoду мақсадамон бунёдкорӣ асту бас».

Бо садоқат бар ин усул, Эмомалӣ Раҳмон тарафи мухолифи давлатро ба музокира даъват кард, то масъалаҳои мавриди талоши ҷониби муқобилро на дар сангарҳо ва на бо силоҳ, балки сари миз ва дар ҷараёни гуфтушуниди мусолиҳатомез ҳал намояд.

Музокироти тоҷикон, ҳарчанд ки мушкил ва тӯлонӣ гардид, барои Тоҷикистон марҳалаи тақдирсозе буд. Дар ҷараёни гуфтушунид, ки зиёда аз 40 моҳ идома ёфт ва тарафҳо 21 маротиба сари мизи музокира нишастанд, 40 ҳуҷҷати барои давлат ва миллати тоҷик муҳим ба имзо расид.

Нуқтаи фарҷоми музокироти байни тоҷикон, ки рӯзи 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон гузошта шуд, марҳалаи сифатан тозаеро дар таҳкими пояҳои давлатдории миллии тоҷикон оғоз бахшид.

Имзои Созишнома на танҳо фарҷоми муваффаққиятомези марҳалаи душворе дар таърихи навини давлатдории тоҷикон гардид. Ин рӯйдоди фараҳбахш ҳамчунин собит намуд, ки зимоми қудрати Тоҷикистон дар дасти шахсиятест, ки ӯ на танҳо қодир аст ҳадафҳои волои миллӣ, масъалаҳои печидаи сиёсӣ, равандҳои аслии ҷаҳони муосирро дарк ва ташхис намояд, балки тавоноии онро низ дорад, то даст ба иқдомҳои ҷасурона бизанад ва пирӯз гардад.

Барқарор гаштани сулҳ дар мамлакат ба равшанӣ нишон дод, ки Сарвари давлати Тоҷикистонро суханаш бо амалаш тавъам аст. Зеро ҳамватанон бо сароҳат дар хотир доштанд, ки ӯ дар нахустин муроҷиатномааш ба мардуми мамлакат, аз ҷумла, гуфта буд:

«...Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

Барқарор шудани сулҳ ва таҳкими суботи сиёсӣ дар мамлакат эътибори Тоҷикистонро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ афзун намуд ва ба Ҳукумати мамлакат имконият пеш омад, то ҳамкориҳои бештару густурдатареро бо кишварҳо ва созмонҳои молиявии ҷаҳон роҳандозӣ намояд.

Соли 2012, ки аз баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 сол мегузарад, бо ҷамъбасти даврони гузашта бо итминон метавон гуфт, ки дар ин муддати кӯтоҳи таърихӣ дар роҳи таҳкими рукнҳои давлати воқеан соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон иқдомҳои муассир ба вуқӯъ пайвастаанд, самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии давлат, бо ба инобат гирифтани манфиатҳои миллӣ, муайян шуданд. Дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар бахшҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, барномаҳои густурдаи рушду густариш амалӣ мегарданд.

Дар ин солҳо дар ҷумҳурӣ сохти ҷамъиятии сифатан нави ҷавобгӯ ба арзишҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд омада, иқтисоди бозаргонӣ рӯ ба тараққӣ ниҳодааст, ки нишонаҳои мусбати онҳо дар рӯҳияи одамон ва тарзи зиндагии онҳо таҷассум гаштаанд.

Вале, дар баробари ин, вазъи бесуботи ҷаҳони муосир, бӯҳронҳои фарогири иқлимиву молиявӣ моро водор месозанд, ки ба хотири ободиву шукуфоии Ватан ва баҳри ба насли ҷавони имрӯз ва наслҳои оянда омода сохтани шароити зиндагии шоиста кори пурсамар, эҷодҳо ва кашфиётҳои беш аз пешин намоем, то ин ки онҳо тавонанд анъанаҳои арзишманди миллии халқамонро идома диҳанд ва ғанӣ гардонанд.

# ТОҶИКИСТОН ДАР МАСИРИ СОЗАНДАГӢ

Чунин маъмул шудааст, ки чун сухан аз пешрафти ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ меравад, мусоҳибон ва мухотибон аз худ як навъ нохушбинӣ нишон медиҳанд. Дар мавриди Тоҷикистон бошад, ин гуна нохушбинӣ зиёдтар ба мушоҳида мерасад. Масалан, бархе аз таҳлилгарони ватаниву хориҷӣ аз таърих мисол оварда, пешрафтҳои Япония, Корея ва дигар мамлакатҳоро, ки дар зарфи 10-15 сол ба пешрафтҳои чашмгир соҳиб шудаанд, далел меоваранд ва истинод бар он мекунанд, ки ин мамлакатҳо низ ҷангро аз сар гузаронида буданд. Вале ин таҳлилгарон – мисли ин ки – муҳимтарин нуктаро нодида мегиранд. Аз таърих медонем, ки ҳарчанд кишварҳои номбурда ҷангро аз сар гузаронида буданд, зиёни онҳо фақат зиёни ҳарбӣ буд ва ҷанг ҳеҷ хисорате ба муассисоту корхонаҳои истеҳсолии онҳо ворид наоварда буд. Аммо Тоҷикистон, бар иловаи ин ки дар замони шӯравӣ аз системаи густурдаи истеҳсолӣ чандон бархӯрдор набуд ва барои иқтисоди ягонаи Иттиҳоди Шӯравӣ асосан манбаи ашёи хом ба ҳисоб мерафт, бо вайрон шудани робитаҳои истеҳсоливу истеъмолӣ байни ҷамоҳири шӯравӣ ба вазъияти ниҳоят душвор афтод. Дар ҷараёни ҷанги шаҳрвандӣ сӯхтаву вайрон шудани корхонаҳо ва баъдан аз ҷониби ҷинояткорон ба ғорату тороҷ рафтани боқимондаи онҳо ҳоли табоҳи иқтисоди ҷумҳуриро боз ҳам табоҳтар гардонид.

Дар охири солҳои ҳаштодум дар Тоҷикистон, ба ғайр аз соҳаи кишоварзӣ, ки асосан аз соҳаҳои пахтакорӣ, чорводорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти полезӣ барои эҳтиёҷи дохили ҷумҳурӣ иборат буд, 2908 корхонаи истеҳсолӣ дар риштаҳои саноати нассоҷӣ, коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва инчунин дар истеҳсоли алюминий, семент фаъолият мекарданд. Барои эҳтиёҷоти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ аз дигар манотиқи Иттиҳоди Шӯравӣ ба Тоҷикистон 2,5 миллион тонна маҳсулоти нафтӣ, 1,5 миллион тонна ғалла, 2 миллиард метри мукааб гази табиӣ, наздик ба 350 000 тонна маводи хоми металлургӣ ва қисми зиёди маводи ғизоӣ ворид мешуд. Ҳанӯз то ба таври расмӣ барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, дар асари фалаҷ шудани дастгоҳи идораи ҳукумати шӯравӣ, кумакҳое, ки барои фаъолияти корхонаҳои ҷумҳурӣ расонида мешуданд, қатъ гардиданд. Имтиёзоти иҷтимоӣ, таъмини соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг батадриҷ коҳиш ёфта, дар охирҳои соли 1991 тамоман қатъ гардиданд. Ба иллати вайрон шудани низоми ягонаи иқтисодии шӯравӣ воридоти маводи ғизоӣ дар ҳадди ниҳоят кам гашт, корхонаҳои ҷумҳурӣ бо 15–20 дарсади иқтидори истеҳсолии худ кор мекарданд. Ҳанӯз дар Тоҷикистон ҷанг сар назада буд, вале мардум аз камбуди маводи ғизоӣ азият мекашиданд.

Дар Тоҷикистон дар асари ҷанг 120 ҳазор бино, дар ин ҳисоб хонаҳои истиқоматӣ, марказҳои маъмурӣ, корхонаҳо, биноҳои идорӣ, кӯдакистонҳо, мактабҳо, вайрону валангор гаштанд. Ҷанг ба иқтисодиёти мамлакат, дар маҷмӯъ, беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зиёни моддӣ овард. Офатҳои таби-

ие, ки дар солҳои аввали истиқлолият ба вуҷуд омаданд, канда шудани муносибатҳои иқтисодӣ бо Русия ва дигар ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ, беқурбшавии рӯзафзуни пул барои Тоҷикистон, ки бе ин ҳам ҷанг миёнашро шикаста буд, дар ҳадди қудрати таҳаммул буданд.

Вале, бо вуҷуди ин ҳама шикасту зиён ва маҳдудиятҳои моддиву молиявӣ, Ҳукумати нави Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон, дар баробари иҷрои вазифаҳои таъхирнопазири бунёди появу рукнҳои давлат, баҳри эҳёи иқтисоди кишвар тадбирҳои заруру муассир андешид. Ҳанӯз то имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон Ҳукумати ҷумҳурӣ тавонист, ки ба татбиқи барномаи ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ намояд.

Пас аз пурра татбиқ гаштани нуктаҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, яъне соли 2000-ум, Ҳукумати ҷумҳурӣ бо ба кор бурдани тамоми имкониятҳои давлат ба бунёди якчанд иншоотҳои барои пешрафти минбаъдаи мамлакат муҳим, аз ҷумлаи роҳҳои оҳану мошингард, истихроҷ ва истифодаи конҳои газ, бунёди неругоҳҳои хурду бузурги барқ, нақбҳо ва даҳҳо сохтмонҳо, оғоз намуд ва қисми зиёде аз онҳоро ба анҷом расонид. Корхонаҳоеро, ки қисман ва ё тамоман аз фаъолият бозмонда буданд, ба кор даровард.

Дар марҳалаи сифатан нав дар амри эҳёи иқтисоди мамлакат, ки аз соли 2000-ум оғоз гардид,

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қадамҳои устувор пеш меравад. Дар тӯли ин солҳо иқтисодиёти мамлакат беш аз пеш ба низоми навини бозаргонӣ мутобиқ гашта, рушди босуботро касб намудааст. Дар ин солҳо дар мамлакат даҳҳо корхонаҳои истеҳсоливу саноатӣ, чи бо маблағҳои дохилӣ ва чи бо сармояи хориҷӣ, бунёд гаштанд ва даҳҳо ҳазор одамон бо кор таъмин шуданд.

Дар соли 2011 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 1997 58 баробар зиёд шуда, дар тақсим ба сари ҳар нафар шаҳрванд 43 маротиба афзун гаштааст. Дар ҳамин давра ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ 76 баробар афзоиш ёфта, ба сари ҳар нафар аҳолии кишвар 54 маротиба зиёд гардидааст. Музди миёнаи меҳнат 89 маротиба ва андозаи миёнаи нафақа 118 баробар афзудааст.

***Дар натиҷаи татбиқи Стратегияи миллии рушд сатҳи камбизоатӣ дар кишвар 30 фоиз паст шуда, вазъи иқтисодиву иҷтимоии зиёда аз ду миллион нафар сокинони кишвар беҳтар гардидааст.***

Ҳоло ҳозир дар бахшҳои гуногуни иқтисоди мамлакат 56 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 8,2 миллиард сомонӣ мавриди татбиқ қарор дорад.

Дар тӯли даҳ соли охир зиёда аз 150 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 12 миллиард сомонӣ ва 200 лоиҳа бо ҷалби сармояи мустақим амалӣ шудааст.

***Ин дастовардҳоро чӣ гуна мешавад арзёбӣ кард? Оё онҳо қонеъкунандаанд? Ба ин суол худи***

***Президент Эмомалӣ Раҳмон посух додааст ва таъкидан иброз доштааст, ки «ҳамаи ин нишондиҳандаҳо моро қонеъ карда наметавонанд».***

Вале бо руҷӯъ ба собиқаи давлатҳое чун Япония ва Корея, ки дар аввали ин боб зикрашон рафт, мебинем, ки ҳатто барои чунин кишварҳои бархӯрдор аз шароити мусоиди заминавӣ ва ҷалби сармояҳои бузурги хориҷӣ барои баромадан ба шоҳроҳи тараққӣ даҳ-понздаҳ сол лозим шудааст. Ин нуктаро низ набояд сарфи назар кард, ки Тоҷикистон аз захираҳои бузурги чунин ашёи бозоргире, чун нафту газ, маҳрум аст, то ин ки тавонад аз даромадҳои он дигар бахшҳои иқтисоди худро тараққӣ диҳад. Набудани роҳи кушод ба бандарҳои баҳрӣ ва монеаҳое, ки ба таври сунъӣ дар масири ҳамлу нақли молу колои воридотиву содиротӣ дар сарзамини кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя эҷод мешаванд, наметавонад таъсири манфии худро ба раванди тавсеаи иқтисодӣ нагузорад.

Вале, бо вуҷуди ин ҳама омилҳои айниву зеҳнӣ, Тоҷикистон аз лиҳози сатҳи рушди иқтисодӣ ва вазъи иҷтимоии аҳолӣ, ба истиснои чанд давлатҳои бародар, бо аксар кишварҳои аъзои ИДМ дар зинаи баробар қарор дорад. Ва ҳатто аз бархе аз онҳо пеш гузаштааст.

Бино бар ин, вақте дар мавриди арзёбии дастовардҳои сиёсиву иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон, чи аз ҷониби ҳамватанон ва чи аз тарафи сиёсатмадорон ва таҳлилгарони беғарази хориҷӣ, калимаи

«назаррас» истифода мешавад, ин на ба хотири зеби сухан аст, балки ибрози ҳақиқат аст.

Ҳанӯз бист сол пеш Тоҷикистон дар арсаи сиёсати ҷаҳон вуҷуд надошт. Ва чун вориди саҳна шуд, ҷаҳониён диданд, ки саропо дар оташ аст. Бисёриҳо яқин мекарданд, ки Тоҷикистон сӯхта хокистар хоҳад шуд. Вале мо тавонистем, ки Ватанамонро аз даруни оташ берун кашем, захмҳояшро марҳам кунем, дигарбора қобили нашву намо созем. Мо давлати миллӣ – ормони ҳасорсолаи ниёгонамонро, ки дар тӯли ҳама муддат пас аз суқути Давлати Сомониён барои эҳёяш ҷонбозиҳо мекарданд,- бунёд ниҳодем ва появу арконашро мустаҳкам намудем. Мо ин дастоварди бебаҳои таърихиро ба наслҳои оянда барои ҳифзу ҳиросати ҷовидон армуғон мебарем.

Мо бар асоси сиёсати сулҳу ризоияти ҷомеа ваҳдати комили миллӣ ба даст овардем. Дар ҷумҳурӣ халқи ягонаи Тоҷикистон ташаккул ёфт, ки тамоми афроди ҷомеа, новобаста аз нажоду миллату мазҳабашон, худро соҳиби ин хоки муқаддас медонанд ва масъулияти ҳифзи якпорчагии онро дар замири вуҷудашон эҳсос менамоянд.

Барои он ки Тоҷикистон ҳамчун давлат ташаккул ёбад, лозим буд, ки ӯро дар сатҳи байналмилалӣ ба сифати узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намоянд. Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули «дарҳои боз» мусоидат ба он намуд, ки Тоҷикистон узви шоистаи созмонҳои байналмилалӣ гардад ва

равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ба роҳ андозад. Тоҷикистон имрӯз дар арсаи сиёсати ҷаҳон симои хоси хешро дорад ва ҳамчун узви соҳибэътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди аз сар гузаронидани буҳронҳои шадиди иқтисодии охири асри бист ва даҳаи аввали асри ҷорӣ, ки ҳамаи фазои пасазшӯравиро иҳота карда буданд, қобили ҳаёт будани худро собит намуд. Дар мамлакат дар мушкилтарин шароит ислоҳоти иқтисодии бозаргонӣ баргузор гардид ва заминаи рушду тавсеа гузошта шуд.

Дар ҷомеа ҳанӯз масъалаҳои зиёде ҳалли худро интизоранд, зиндагии мардум ҳанӯз дар сатҳи матлуб нест, камбизоативу фақр домангири қисми қобили мулоҳизае аз аҳолӣ аст. Вале мо душвортарин марҳалаи гузаришро паси сар кардаем ва аз ин пас батадриҷ зиндагиамон рӯ ба беҳбудӣ хоҳад гузошт.

Биёед, бар таъйиди ин гуфтаҳо, бубинем, ки Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президент Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷиашро бар мабнои чӣ омилҳо ва ҳадафҳо муайян намудааст, дар арсаи байналмилалӣ чӣ мавқею манзалат касб кардааст, дар чӣ созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ва бо пайгирии чӣ ҳадафҳо ширкат меварзад. Нигоҳ кунем, ки шарикони иқтисодии Тоҷикистон кадом давлатҳо ва доираҳои молиявии ҷаҳонанд, иқтисоди мамлакати мо дар чӣ зинаи тараққиёти худ қарор дорад ва даромади миллӣ чӣ гуна

корбурд мешавад. Аз иқдомҳои Президенти кишвар дар пешбурди фарҳанг, маориф, соҳаи тандурустӣ, варзиш ва ғайра сухан гӯем.

## АЗ ИСЛОҲОТ БА ТАВСЕАИ ПОЙДОР

Нуктаи маълум аст, ки муҳимтарин арзишҳои давлатдории ҷаҳони имрӯз демократия ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошанд. Усули демократии идораи давлат ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон он меъёрҳоянд, ки обрӯю эътибори давлатҳо, миллатҳо ва роҳбарони сиёсии онҳоро муайян месозанд.

Раванди демократикунонӣ кори бағоят мушкил ва вақтталаб аст, бахусус дар кишваре, ки дар шуури ҷамъиятӣ ва одату рафтори одамон усулу анъанаҳои низоми фармонфармоӣ ҳанӯз муҳру нишони фароване аз худ боқӣ гузоштаанд. Вале бо вуҷуди ин, дар Тоҷикистон аз марҳалаи нахустини ислоҳоти конститутсионӣ то ба имрӯз дар амри демократикунии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, тавсеаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, густариши озодии сухан, ташаккули системаи чандҳизбӣ корҳои зиёде ба анҷом расидаанд.

Дар давраи гузашта – пас аз оғози ислоҳоти конститутсионӣ ва қабули қонунҳои танзимкунандаи ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон – якчанд ҳизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд омада, аз қайди давлатӣ гузаштанд. Имрӯз дар Тоҷикистон 8 ҳизби сиёсӣ расман фаъолият менамоянд ва аъзои панҷ ҳизб дар парлумони кишвар курсиҳои намояндаи мардумро соҳибанд.

Дар ҷараёни бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократикунии ҳаёти сиёсӣ ва густариши фарҳанги таҳаммули мазҳабӣ, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи онро фароҳам овардааст, дар баробари ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои мазҳабӣ низ мақоми хосеро соҳиб шуданд. Дар ин замина ташкилотҳои номбурда, ки шумораашон дар соли 1991 141 адад буд, то ба имрӯз ба теъдодашон афзуда, ба чаҳор ҳазор расидаанд, ки 74-то аз шумораи умумии иттиҳодияҳои динӣ, ки асосан исломӣ мебошанд, ба эътиқодмандони мазҳабҳои дигари ҷаҳонӣ тааллуқ доранд.

Озодии сухан, ки аз арзишҳои бунёдии ҷомеаи демократӣ аст, дар мамлакати мо аз риояти комил бархурдор аст. Барои мисол, агар дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ ҷамъан 139 рӯзномаву маҷалла чоп мешуд, пас имрӯз дар саросари ҷумҳурӣ 404 рӯзнома ва маҷалла, ки аз ин ҷумла 160-тоашон давлатӣ мебошанд, интишор мешавад. Дар мамлакат аз 9 агентии иттилоотие, ки фаъолият мекунанд, танҳо яктои онҳо давлатӣ мебошад. Дар фазои Тоҷикистони имрӯз дар радифи барномаҳои 16 радио ва телевизиони давлатӣ инчунин амвоҷи 28 радио ва телевизиони ғайридавлатӣ пахш мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишвари содиқ ба арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, шумораи зиёди паймонҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ ва минтақавии марбут ба ҳуқуқи инсонро, ба монанди Ковенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ, Конвенсия дар бораи барҳам

додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, Конвенсия зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмонаи ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаҳои онҳо, Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон ва дигар асноди муҳим, имзо кардааст.

Дар мувофиқат бо раванди таҳкими демократия, дастгирии ҷараёни густариш ва назорати риояи ҳуқуқи инсон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони кафили ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон иқдом намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул гардад. Дар пайвастагӣ бо Қонуни мазкур, ки дар таърихи 4 апрели соли 2008 ба тасвиб расид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони худ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро таъйин намуд.

Вазифаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иборатанд аз мусоидат намудан ба:

а) риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

б) барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд;

в) такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

г) баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи онҳо;

д) ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

е) рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

Таъсиси чунин дастгоҳ баёнгари он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи тавсеаи ҳуқуқи инсон қадамҳои устувор мегузорад ва таъмину ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро аз афзалиятҳои муқаддамтарини сиёсати давлатӣ ҳисоб мекунад.

Такмили демократия ҳанӯз идома дорад. Зеро, дар баробари пешрафтҳои намоён дар ин замина, анҷом додани тадбирҳои бисёри дигаре заруранд, то ин ки таҳаққуқи боз ҳам комилтари арзишҳои демократӣ таъмин гардад.

Зикри ин нуктаро зарур медонем, ки дар як замон баргузор намудани ислоҳоти конститутсионӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ, ки ҳар як аз инҳо ҳалли фаврии маҷмӯи масъалаҳоеро, ки дар навбати худ муҳим ва асосӣ ба шумор мерафтанд, кори осоне набуд. Вале Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун сиёсатмадори ҷасур ва дурандеш, бо дарки комили ин ки буду набуди давлат ва миллат маҳз аз иҷрои ҳамин ду иқдом – ислоҳоти конститутсионӣ ва иқтисодӣ – вобастагӣ дорад, қотеъона бар садад баромад ва муваффақ шуд. Барои ин муваффақ шуд, ки талоши пайгирона ва кӯшиши хастагинопазирашро мардум қадр намуданд ва ӯро дастгирӣ карданд.

Ҳар роҳбари хирадпеша медонад, ки вазифаи асосии вай дар роҳи беҳбуди зиндагии халқ хидмат кардан аст. Дар ин росто бо баёни ин нукта, ки одамҳо табиатан ва моҳиятан хоҳони зиндагии бениёзона ва саодатмандона ҳастанд, сухани тозае

нахоҳем гуфт. Ин гуфта шарҳи содаи бадеҳиёт – «моддиёт муайянкунандаи шуур аст», – ки тамоми таърихи инсоният яксара таъйидгари дурустии ин суханон аст.

Неруи баҳаракатоварандаи ҳама тағйироти сиёсиву иҷтимоӣ, инқилобҳо, ошӯбҳо дар ҷаҳон вазъияти иҷтимоии мардум аст. Ҳадафи аслии ҳатто беғаразмандтарин, садоқатмандонатарин ва ватандӯсттарин инсон аз фаъолияти хеш дарёфти неъматҳои зиндагӣ аст, – агар на барои худаш, пас барои наздикону пайвандонаш; агар на имрӯз, пас дар ояндаи наздик. Аз ин рӯ, одамон ҷонибдори ҳамон роҳбароне, ҳамон неруҳои сиёсие ҳастанд, ки на дар сухан, балки дар амал ғамхори халқанд ва пайваста дар фикри беҳбуди зиндагии мардуманд.

Эмомалӣ Раҳмон ба хубӣ дарк мекард, ки идома ёфтани вазъияти ногувори халқ, ки дар боло шарҳ додем, ба оқибатҳои ногувори иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, тадбирҳое бояд андешид, ки ҳарчи зудтар иқтисодиёти кишварро аз буҳрони шадид раҳоӣ бахшад. Бо ин мақсад Ҳукумати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон Барномаи дигаргунсозиҳои муҷтамеи иқтисодиро барои солҳои 1995–2000 таҳия ва қабул намуд. Барномаи мазкур ба озодсозии иқтисодиёт, боздоштани раванди буҳрони фарогир, фароҳам овардани шароити мусоид барои ислоҳоти сохторӣ, муҳайё намудани заминаҳои ҳуқуқии иқтисоди бозаргонӣ равона гардида буд. Ин иқдом амалан озодкунии нархи ҳамаи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, аз ҷумла маҳсулоти дорои ниёзи аввалия, ба монанди нону орду ғалла, озодкунии

савдои хориҷӣ, вусъат додани ислоҳоти воқеии соҳаи кишоварзӣ, бахши молиявию бонкӣ, хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, инчунин такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ислоҳот буд.

Тадбирҳои Ҳукумат дар бораи ҷорӣ кардани шаклҳои гуногуни истифодаи замин, фароҳам сохтани шароит барои ривоҷи соҳибкорӣ, додани имтиёзҳо азми кишоварзонро таҳким бахшид. Махсусан фармони Президент дар бораи ба аҳолӣ дар соли 1995 тақсим карда додани панҷоҳ ҳазор гектар замин ва дар соли 1997 бисту панҷ ҳазор гектар аз ҷониби мардум бо хушнудӣ пазируфта шуд ва дар кори таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ натиҷаҳои мусбат дод.

Ин иқдомҳо имкон доданд, ки, аз соли 1997 сар карда, болоравии иқтисодиёт таъмин карда шавад. Агар дар соли 1997 афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 1,7 фоизро ташкил карда бошад, пас дар муддати солҳои 2000–2004 он аз 8,3 то 10,6 фоиз расонида шуд.

***Бо бардошт аз гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки соли 1997, ки соли дигар аз рӯйдоди муҳим дар таҳкими сулҳу субот дар мамлакат – оштии миллӣ ва барқарории сулҳ – аст, нуқтаи гардиши куллӣ дар тавсеаи иқтисодии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.***

Солҳои минбаъда сиёсати иқтисодии давлат ба такмили муносибатҳои бозаргонӣ, таҳким бахшидан ба заминаҳои рушди устувори иқтисодӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ равона карда шуд. Дар ин раванд ба сиёсати истифодаи самараноки буҷети

давлатӣ ва даромадҳо аз андоз, коҳиш додани тавар-рум, идомаи ислоҳоти сохторӣ, мусоидат ба рушди ҳамаҷонибаи соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории хурду миёна, хусусигардонии корхонаҳо, додани қарзҳо ба-рои рушди соҳибкорӣ ва хоҷагиҳои фермериву деҳқонӣ, ҷаззоб намудани иқтисодиёти ватанӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, густа-риши равобити иқтисодии хориҷӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шуд.

Натиҷаи ин кӯшишу талошҳо буд, ки иқтисоди мамлакат рушди босуботро касб карда, то имрӯз, ҳат-то дар вазъияти бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ, тамоюли пешрафти худро нигоҳ медорад.

Аз соли 1997 то имрӯз ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 58 баробар зиёд шуда, соли 2011 тақрибан 30 миллиард сомониро ташкил дод. Истеҳсоли маҳсуло-ти саноатӣ, дар муқоиса бо соли 1997, зиёда аз 2,5 ба-робар, маҳсулоти кишоварзӣ – 2,8, муомилоти моли чакана – 3,2, хидматрасонӣ ба аҳолӣ – 7,8, даромади аҳолӣ – 38 ва ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ 75 маро-тиба афзоиш ёфтааст, ки дар тақсим ба ҳар сари аҳо-лии мамлакат тақрибан 4000 сомониро ташкил медиҳад.

Дар тӯли муддати гузашта – аз соли 1997 ин ҷониб – музди миёнаи коргарон 89 баробар ва андо-заи нафақа 118 маротиба зиёд гаштааст. Дар бароба-ри ин, бар тибқи ислоҳоти музди меҳнат, маоши кор-гарон ҳарсола ба қадри 27–30 дарсад зиёд карда ме-шавад.

***Рушди муназзами иқтисодии Тоҷикистон имконият фароҳам меоварад, ки сатҳи камбизоатӣ дар кишвар коҳиш дода шавад. Дар соли 2011 нисбат ба соли 2000 шумораи аҳолии камбизоат 30 фоиз кам шудааст. Яъне дар ин муддат зиндагии қариб 2 миллион нафар аҳолии кишвар рӯй ба беҳбудӣ овардааст.***

**Саноат.** Дар тавсеаи саноат, ки яке аз рукнҳои асосии иқтисодиёти мамлакат мебошад, то имрӯз барои таъмини рушди устувори он заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Барномаҳое, ки дар самти коркарди ниҳоии алюминий, маъдан, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, саноати сабук ва хӯрокворӣ қабул шудаанд, ба пешрафти ҳамаҷонибаи соҳаҳои мазкур мусоидат менамоянд.

Натиҷаи иқдомҳои анҷомдодаи давлат дар самти дастгирии соҳибкорӣ ва мусоидат намудан ба фаъолиятҳои соҳибкорон дар афзоиши шумораи корхонаҳо инъикос гаштаанд. Барои мисол, агар дар соли 1991 миқдори корхонаҳои хусусиву ғайридавлатӣ ҳамагӣ 2400 ададро ташкил медоданд, пас соли 2011 теъдоди корхонаҳои хусусиву муштарак 8 баробар афзуда, ба 18 680 адад расидааст. Ҳоли ҳозир 40 фоизи маҳсулот дар корхонаҳои хусусӣ истеҳсол мешавад.

***Саноати химия.*** Саноати химияи Тоҷикистон яке аз бахшҳои асосии саноати кишвар мебошад. Дар мамлакат ҳоли ҳозир истеҳсоли моддаҳои безараркунанда дар асоси хлор ва нуриҳои азотӣ ба роҳ монда

шудааст. Дар корхонаҳои химиявии мамлакат маҳсулоти резинӣ, респиратор, ленолиум, қубурҳои пластмассӣ ва борхалтаҳо аз он, маҳсулоти химияии рӯзгор, доруворӣ, рангҳои минералию лакҳо, шишаи моеъ, содаи каустикӣ, намакҳои техникӣ ва реактивӣ дар асоси стронсий, висмут ва барий, металли стронсий, хромати стронсий, металли рений, хока ва оксиди рений, рентгенлюминофори Р-14, лигатураҳои алюминий-барий ва алюминий-стронсий, крони қӯрғошими тамғаи КЛ-1 ва КЖ-1, сеоксиди молибден, панҳоксиди ванадий, аммонати ванадий, ванадати калсий, нитрати қурғошим, оксиди никел, дуоксиди никел, перренати аммоний ва дигар моддаҳои таркандаи саноатӣ истеҳсол мешаванд. Корхонаҳои «Заря Востока», ҶСШК «Тамохуш», ҶСШК «Химзавод» ва ҶСШК «Нилуфар»-и шаҳри Исфара, ҶСК «Тоҷикхимпром», ҶСП КМ «ТоҷикАзот» ва ҶСП «Фарфор» муассисаҳои бузурги химиявии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар солҳои охир бо ба кор даровардани корхонаҳои мавҷудбуда ва бунёди корхонаҳои нави химиявӣ саноати химиявии мамлакат рӯй ба тараққӣ ниҳодааст. Алҳол дар ноҳияи Ёвон сохтмони корхонаи криолит бо иқтидори истеҳсолии 30 000 тонна фториди алюминий ва криолит дар асоси истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ идома дорад. Корхонаи мазкур бо технологияи муосир муҷаҳҳазонида шуда, дар оянда талаботи солонаи «Ширкати Алюминии Тоҷик»-ро бо фториди алюминий ва криолит таъмин хоҳад намуд. Инчунин сохтмони заводҳои истеҳсоли кислотаи

сулфат бо иқтидори 100 000 тонна ва суперфосфат бо иқтидори 150 000 тонна дар як сол дар назар аст. Кимиёгарони мамлакат ҷидду ҷаҳд бар он доранд, ки истеҳсоли маҳсулоти химиявиро, ба монанди сианиди натрий, карбонати натрий, содаи каустикии хушк, хлорметан ва коркарди ниҳоии он, маводҳои шӯянда, доруворӣ, коркарди ангишт ва нафт, кислотаи нитрат, селитра, хлориди калий, аммофос, коркарди консентратҳои металлдор, ранга ва қиматбаҳо, элементи бор ва сулфур, дар мамлакат афзун намоянд.

***Саноати маъдан.*** Дар баробари ин, истихроҷу истифодаи васеи саноатии захираҳои яке аз бузургтарин конҳои нуқра – Конимансури калон, конҳои тиллои водии Зарафшон, аз ҷумла Кончоч, Мосриф, Чоре, конҳои селестини минтақаи Кӯлоб, Чилтоҷу Гулисой, кони бори Якархар, сангҳои қиматбаҳои Бадахшон ва антратсити аз ҷиҳати сифат дар дунё беҳамтои Назарайлоқ, ки ифтихори миллии мо мебошанд, метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон мусоидат карда, даҳҳо ҳазор коргарону мутахассисонро бо ҷойҳои нави корӣ таъмин намояд ва боиси воридоти технологияҳои пешрафтаи муосир ва ташкили соҳаҳои нави саноат гардад.

Яъне Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз ҳисоби нуқра, сурма ва антратсит яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад.

Дар замони муосир низ, хусусан дар шароити давлати соҳибистиқлол, иқтисоди кишварамонро бидуни корхонаҳои бузурги саноати маъданкоркунӣ, аз қабили корхонаи тиллои Зарафшон, комбинати си-

мобу сурмаи Анзоб, сурбу руҳи Адрасмон, корхонаи сурбу руҳи «Зарнисор», металлҳои нодири Тоҷикистони Шимолӣ, комбинати шаҳри Чкалов, комбинати сементбарории шаҳри Душанбе ва даҳҳо корхонаҳои индустрияи сохтмонӣ, тасаввур кардан душвор аст.

Айни ҳол захираи кони оҳани Шоҳқадамбулак, ки дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров воқеъ мебошад, пурра омӯхта шудааст ва истифодаи васеи он метавонад солҳои дароз барои пешрафти соҳаи саноати металлургияи сиёҳ дар Тоҷикистон хизмат намояд.

Мутахассисони соҳа дар ноҳияҳои Рӯшону Варзоб конҳои оҳанро кашф намудаанд. Дар ноҳияи Рашт кони сионитҳои нифелиндор кашф шудааст, ки метавонад барои истеҳсоли алюминий истифода гардад. Дар водии Зарафшон кони фосфоритҳо кашф шудааст.

Айни замон корҳои ҷустуҷӯиву геологӣ дар кони Пасирӯди ноҳияи Мурғоб босуръат идома доранд ва дар назар аст, ки баъди ҳисобу китоби захираҳо солҳои наздик дар ин минтақа корхонаи коркарди маъдан сохта ба истифода дода шавад.

Инчунин дар кони тиллои Чулбой ва сурбу руҳи Ёкунҷ корҳои ҷустуҷӯиву геологӣ идома доранд ва гирифтани натиҷаи мусбат дар ин конҳо низ дар назар аст.

Бо вуҷуди ин ҳама, конҳои ҳанӯз кашфнагардида дар қаламрави мамлакатамон зиёданд. Боиси ифтихор аст, ки геологҳои кишварамон дар назди худ нақша гузоштаанд, ки аз ҳисоби захираҳои тантали

дар ноҳияҳои Ишкошиму Мурғоб омӯхташуда дар ҷаҳон ба ҷои аввал бароянд.

Мо ҳамчунин имконият дорем, ки ҳамаи намудҳои масолеҳи сохтмонро дар заминаи ашёи ватанӣ истеҳсол намуда, эҳтиёҷоти кишварамонро ба маводу масолеҳи сохтмон таъмин созем.

Қобили зикр аст, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва «Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ» аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон то имрӯз ба корхонаҳо ва ширкатҳо 313 иҷозатнома дода шудааст, ки аз онҳо 70 иҷозатнома барои омӯзиши геологии қаъри замин ва 243 иҷозатнома барои истихроҷи канданиҳои фоиданок мебошад.

Барои пешбурди корҳои омӯзиши геологӣ бо сармоягузории ватаниву хориҷӣ дар ҳаҷми 207 миллион сомонӣ маблағгузорӣ шудааст.

Ба манзури боз ҳам тавсеа бахшидан ба ин бахши муҳими иқтисоди кишвар соли 2011 Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020 қабул карда шуд.

Дар ҳуҷҷати мазкур фаъолияти минбаъдаи соҳаи геология дар самти ҷустуҷӯву иктишофи захираҳои табиии Тоҷикистон, ба баҳрабардорӣ омода намудани конҳо ва, дар маҷмӯъ, рушди самтҳои афзалиятноки саноати маъдани кишвар муайян гардидаанд.

***Саноати маводи сохтмон.*** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои фаровони ашёи хом мавҷуд

мебошанд. Ҳоли ҳозир дар минтақаҳои гуногуни кишвар зиёда аз 400 кон кашф шудаанд, ки 30 намуди ашёи хомро фаро мегиранд. Мамлакати мо аз рӯи захираҳои оҳаксанг, санги хоро, мармар, оҳаксанги мармарӣ, гаҷ, қуми кварсӣ ва амсоли инҳо яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад.

Саноати маводи сохтмон яке аз бахшҳои муҳими саноати кишвар ба шумор меравад. Фаровонии ашёи хоми маҳаллӣ имкон додааст, ки даҳҳо корхонаҳои истеҳсоли хишт, семент, масолеҳи ғайримаъданӣ, тахтасангҳои ороишӣ ва ғайра фаъолият намоянд ва бунёди якчанд корхонаҳои дигар ба нақша гирифта шавад.

Алҳол дар ҷумҳурӣ зиёда аз 5 корхонаи бузург ва хурди истеҳсоли семент, 67 корхонаи хиштбарорӣ, 46 корхонаи истеҳсоли қуму шағал, 5 корхонаи хурди оҳаку гаҷбарорӣ, 4 корхонаи коркарди санг, корхонаҳои шишабарорӣ, шифербарорӣ ва истеҳсоли қубурҳои асбестӣ фаъолият доранд.

Дар корхонаҳои мазкур соли 2010-ум 288,8 тонна семент, 78,4 миллион дона хишт, 448,8 ҳазор метри мукааб қуму шағал, 7,78 миллион дона хишти сементӣ, 9,5 километр қубурҳои асбестӣ истеҳсол шудаанд.

Ба манзури татбиқи «Барномаи рушди масолеҳи сохтмонӣ дар давраи то соли 2015» бунёди корхонаҳои нав ва дар ин замина ташкили ҷойҳои корӣ, инчунин ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави масолеҳи сохтмонӣ идома дорад.

Бо мусоидати Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 аввалин корхонаи

шишабарорӣ бо неруи тавлидотии 1,3 миллион метри мукааб шиша дар як сол ва бо 150 ҷойи корӣ дар шаҳри Қайроққум ба фаъолият оғоз намуд. То ҷашни 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як корхонаи хурди сементбарорӣ бо иқтидори 72 ҳазор тонна семент дар ноҳияи Варзоб, 5 корхонаи хиштбарорӣ дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Нуробод, Рашт ва Мастчоҳ ба кор шурӯъ карданд. Корхонаҳои мазкур 410 нафарро бо кор таъмин намуданд.

Сохтмони чанде дигар корхонаҳои бузурги сементбарорӣ дар ноҳияҳои Данғара ва Шаҳритус бо маблағгузории хориҷӣ ба ҳамин наздикиҳо бояд оғоз шавад.

***Саноати мошинсозӣ.*** Соҳаи мошинсозӣ пойгоҳи тавсеа бахшидан ба илму техника ва фановарӣ дар кишвар мебошад. Бахши мошинсозии саноати Тоҷикистонро КВД «Тоҷиктекстилмаш», ҶСШК «Ҳумо», КД «Востокредмет», ҶСП «Корхонаи арматурӣ», ҶС «Сирандуд», ҶСП «Новселмаш», ҶСП «Сомон-таҷҳизот», ҶСП КМ «Тоҷирон» ва ҶСК «Сомон-Кӯлоб-таҷҳизот» ташкил медиҳанд. Корхонаҳои соҳа номгӯи васеи маҳсулоти мошинсозӣ, ба монанди сипорҳо, ҷузъҳо ва қисмҳои алоҳидаи дастгоҳҳои гуногун, қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ, ҷамъу васли тракторҳо, бетонҳосилкунак, асбобҳои челонгарию васлгарӣ, арматураи сохтмонӣ ва ғайра, истеҳсол мекунанд.

Алюминийи аввалия, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол мешавад, имкон медиҳад, ки корхонаҳои коркард ва

истеҳсоли маҳсулоти бозоргири алюминӣ сохта шаванд. Инчунин мавҷуд будани ашёи хоми фулузот мусоидат мекунад, ки дар кишвар корхонаи бузурги металлургӣ бунёд гардад. Дар ин замина соли 2011 дар мамлакат сохтмони комбинати металлургӣ барои истеҳсоли арматура ва маҳсулоти фулузӣ оғоз гардид. Ҳангоми ба истифода додани навбати аввали корхона иқтидори истеҳсолии он 200 000 тоннаро дар як сол ташкил медиҳад ва пас аз пурра ба кор даромадани комбинат неруи тавлидотии он ба 1 000 000 тонна баробар мешавад.

Дурнамои рушди соҳаро афзалиятҳое, аз ҷумлаи коркарди алюминийи аввалия, металлҳои сиёҳ ва ранга, истеҳсоли анвои мошинҳои соҳаи кишоварзӣ ва агрегатҳо, молҳои ниёзи мардум ва тавсеаи ҳамкориҳои истеҳсолӣ бо кишварҳои дуру наздик ташкил хоҳанд дод.

***Саноати сабук.*** Саноати сабук аз соҳаҳои фоидаовар ва муҳими иқтисоди Тоҷикистон мебошад ва ба далели таъмин будан бо ашёи хоми маҳаллӣ – нахи пахта, пӯст, пашм ва пила ва мавҷуд будани неруи билқувваи корӣ яке аз соҳаҳои нисбатан зудтавсеакунанда ба ҳисоб меравад.

Саноати сабуки ҷумҳурӣ дар зарфи 20 соли давраи истиқлолият ба дастовардҳои назаррасе ноил гаштааст. Дар ин давра дар соҳаи саноати бофандагӣ 20 корхонаи ресандагӣ бо иқтидори коркарди 57,1 ҳазор тонна нахи пахта, 2 корхонаи коркарди пашм бо иқтидори 1200 тонна пашм, 5 корхонаи коркарди пӯст бо иқтидори 1050 ҳазор дона пӯст бунёд гардиданд.

Барои ноил шудан ба коркарди пурраи нахи пахта «Барномаи коркарди пурраи нахи пахтаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда барои давраи то соли 2015» ва барои коркарди пурраи ашёи хоми чорво «Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» қабул шудаанд. Ҳамчунин ба манзури то соли 2015 баровардани ниёзи мардум аз молҳо барои кӯдакон, ҳадди ақал дар ҳудуди 80 фоиз, «Барномаи истеҳсоли маҳсулоти бачагона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015» ба тасвиб расидааст.

Ҳоли ҳозир дар ҷумҳурӣ 6 корхонаи нассоҷӣ, 17 корхонаи ресандагӣ, 16 корхонаи дӯзандагӣ, 3 корхонаи истеҳсоли ҷӯроб, 9 корхонаи коркарди пӯсту пашм, 2 корхонаи истеҳсоли қолин ва маҳсулоти қолинӣ фаъолият мекунанд. Илова бар ин, алҳол сохтмони 2 корхонаи азими коркарди нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ бо иқтидори 10 ҳазор тонна дар як сол ва 3 корхонаи дигар бо иқтидори коркарди 450 ҳазор дона пӯст дар як сол идома дорад.

Бояд зикр кард, ки, бо вуҷуди ин пешрафтҳо, тавсеаи саноати Тоҷикистон ҷавобгӯи талаботи рӯзафзуни ҷомеа нест.

Якчанд омилҳое мавҷуданд, ки ба рушди саноат таъсири манфӣ мерасонанд. Муассиртарин аз ин омилҳо рақобатнопазирии маҳсулоти ватанӣ дар баробари молҳои воридотӣ аст. Ҳаҷми андозҳои гумрукии ҷумҳурӣ, ки яке аз пасттарин дар ҷаҳон мебошад, ва бозори дохилии кишвар, ки яке аз озодтарин бо-

зорҳои дунёст, мӯҷиби онанд, ки вориди бузургҳаҷми молу колои хориҷиро осон карда, маҳсулоти ватаниро аз доираи муомилот берун меандозанд. Ин омил ба рушди саноат таъсири манфӣ расонида, сатҳи самаранокии онро паст менамояд.

Дигар аз омилҳои боздорандаи рушди саноат дараҷаи пасти ҳавасмандкунӣ ба ҷалби сармоягузории ватанӣ аст. Бино ба баланд будани сатҳи андоз аз даромади холис ва мустаҳкам набудани заминаи кафолатҳои молиявӣ сармоягузорони ватанӣ моил нестанд маблағҳои худро ба кори бунёди корхонаҳои нави саноатӣ сарф кунанд. Ҳоли ҳозир зиёдтар муомилот дар бозори амволи ғайриманқул, ки манбаи дарёфти даромади сареъ ва бидуни хатар аст, маъмул мебошад.

Дигар аз омилҳое, ки ба тавсеаи саноат таъсири манфӣ мерасонанд, корбурди таҷҳизоти куҳна ва технологияҳои аз лиҳози маънавӣ ақибмонда ва раванди сусти ҷорӣ кардани дастовардҳои фановарии пешрафта мебошад.

Дар ин росто масъалаи нарасидани кадрҳои лаёқатманд дар бахши саноати кишвар ҳассостарин масъала мебошад.

Сифати пасти омодасозии кадрҳо дар системаи маорифи кишвар монеаи ҷиддие дар масири рушди иқтисоди мамлакат эҷод мекунад.

Вале умедворем, ки бо татбиқ шудани нуктаҳои Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тадбирҳои муҷтамеъ ва илман асоснокро дар бар мегирад, соҳаи истеҳсолии мамлакат дар ҳамаи бах-

шҳои иқтисоди кишвар рӯй ба рушду тараққӣ хоҳад ниҳод.

**Кишоварзӣ.** Кишоварзӣ, ки яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад, рушди он аз ҳар ҷиҳат ба беҳдошти вазъи иқтисодии мамлакат таъсир мерасонад. Зеро аз вазъи бахши кишоварзӣ баровардани ниёзи аҳолӣ аз озуқа, таъмини корхонаҳои саноатии мамлакат бо ашёи хом ва фаро гирифтани аҳолии деҳот бо кор вобастагӣ дорад.

Солҳои охир дар соҳаи кишоварзии мамлакат як қатор ислоҳоти муҳим ва ҷиддӣ амалӣ карда шуд, ки мақсади асосии онҳо афзоиши маҳсулоти ба содирот нигаронидашудаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат мебошад.

Тайи солҳои охир дар натиҷаи иқдомҳои Ҳукумати мамлакат истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ рӯй ба афзоиш ниҳодааст. Дар тӯли муддате аз соли 1997 то соли 2010 фаровардҳои кишоварзӣ ба ҳисоби миёна 2,8 баробар зиёд шудаанд. Аз ин ҷумла, истеҳсоли маҳсулоти ғалладона 2,3 баробар, картошка – 6, сабзавот – 3,3 ва мева 2 баробар афзудааст.

Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ дар соли 2010 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 9,4 миллиард сомониро ташкил дод, ки афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли 2009 6,8 фоизро ташкил медиҳад.

Тамоюли пешрафт дар тамоми бахшҳои кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Аз он ҷумла, дар соли 2010 нисбат ба соли 2009 маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ

7,7 фоиз, истеҳсоли картошка 13,6 фоиз, бунёди боғ ва токзорҳои нав 2,3 маротиба, чорвои калон 28,5 ҳазор сар, гӯсфанду буз 177,4 ҳазор сар, паранда 522,6 ҳазор сар, истеҳсоли гӯшт 6,6 фоиз, шир 4,9 фоиз, пашм 5,9 фоиз, асал 9,8 фоиз, тухм 23,1 фоиз зиёд шудаанд.

Соҳаи кишоварзӣ дар панҷ соли охир ҳам аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ ва ҳам дар раванди иҷрои лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ба андозаи 5,2 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ шудааст. Фақат дар соли 2011 ба ин соҳа 1,3 миллиард сомонӣ ироя шуд. Дар ҷумҳурӣ ҳоли ҳозир барои таҷдиди зерсохторҳои кишоварзӣ, обёрӣ ва ободонии заминҳои бикру боир, кумак ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва рушди соҳаи пахтакорӣ 14 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар марҳалаи амал қарор дорад.

Дар 3 соли охир барои дастгирии хоҷагиҳои кишоварзӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба маблағи 430 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо гардидаанд.

Ба манзури иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2010–2014» дар мамлакат бунёди боғҳои нав идома дорад.

Кишоварзони кишвар дар тӯли солҳои гузашта дар самти идома бахшидан ба рушди боғдорӣ, аз ҷумла ангурпарварӣ, сабзавоткорӣ ва истеҳсоли дигар зироатҳо, ки соҳаҳои афзалиятнок ба шумор меравaнд, инчунин дар чорводорӣ ва пахтакорӣ низ ба дастовардҳо ноил гаштаанд.

**Энергетика.** Дастовардҳои Тоҷикистон дар соҳаи энергетика низ назаррасанд. Бо мақсади бо неруи барқ таъмин намудани минтақаҳои дурдасти аҳолинишини кишвар Ҳукумати Тоҷикистон моҳи октябри соли 2006 Барномаи бунёди силсилаи неругоҳҳои хурди барқро барои солҳои 2007–2020 тасдиқ намуд. Дар натиҷаи амалӣ кардани ин барнома ва ҷалб намудани сармояҳои ватаниву хориҷӣ ба бахши энергетика ба Ҳукумати Тоҷикистон муяссар гашт, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар зиёда аз 262 неругоҳи хурду миёнаи барқи обӣ бунёд намояд. Фақат дар даҳ моҳи соли 2011 дар кишвар 25 неругоҳи хурди барқи обӣ бо иқтидори 7 МВт сохта шуданд, ки 2099 хоҷагӣ, биноҳои маъмурӣ ва корхонаҳоро бо барқ таъмин менамоянд. Ҳоли ҳозир сохтмони 11 неругоҳи дигар идома дорад. Тибқи барномаи мазкур, то соли 2020 боз 190 неругоҳҳои хурди барқи обӣ сохта хоҳанд шуд.

Вориди фаъолият шудани неругоҳҳои «Помир-1», «Сангтӯда-1» ва навбати аввали Неругоҳи «Сангтӯда-2», хаттҳои интиқоли барқи «Лолазор-Хатлон», «Ҷануб-Шимол» ва «Конибодом-Боткент», зеристгоҳи «Сомонӣ»-и шаҳри Кӯлоб имконияти ба вуҷуд овардани шабакаи ягонаи энергетикии кишварро фароҳам сохтанд. Афзоиши ҳаҷми умумии тавлидоти барқ имконият медиҳад, ки, андаке бошад ҳам, мушкилоти мардум аз норасоии барқ дар мавсими зимистон коҳиш дода шавад.

Дар баробари ин, бунёд ва бозсозии иншооти бузургу стратегии кишвар – Неругоҳи барқи обии Роғун

ва неругоҳҳои миёна дар ҳавзаҳои дарёҳои Вахш, Зарафшон ва Варзоб-бо суръати баланд идома доранд.

**Сохтмон.** Инкишофи соҳаи сохтмон намоёнгари неруи созандаи ҳар кишвар аст. Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани сулҳу субот дар мамлакат дар амри тавсеа бахшидан ба ин соҳаи муҳими иқтисоди мамлакат ба комёбиҳои бузург даст ёфтааст.

Дар давоми солҳои истиқлолият барои 141 ҳазор оила беш аз 8,4 миллион метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ сохта, ба истифода дода шуд. Рушди босуръати сохтмон аз ин нишондод маълум мешавад, ки соҳаи мазкур фақат дар 9 моҳи соли 2011 нисбат ба соли 2010 10,4 фоиз зиёд корҳоро ба анҷом расонидааст.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ба таъмин намудани аҳолӣ бо заминҳои наздиҳавлигӣ ва барои сохтмони манзил аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Дар ин замина то имрӯз наздик ба 120 ҳазор гектар замин барои 900 ҳазор оила ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шудааст. Аз ҷумла, дар ду соли гузашта ба 150 ҳазор оила, ки аксаран оилаҳои ҷавон мебошанд, зиёда аз 21 ҳазор гектар замин ҷудо гардидааст.

Дар пайвастагӣ бо сохтмон, ки робитаи маҳкам бо ободӣ ва бунёдкорӣ дорад, мехоҳем дар бораи Душанбе, ки имрӯз дар ҳақиқат ҳусни дилорое ба худ гирифтааст, чанд сухан гӯем.

Душанбе-пойтахти Тоҷикистон-такъягоҳ ва таҷассуми давлатдорӣ, орзуву армонҳои ба ҳақиқат пайвастаи ҳазорсолаи мардум барои расидан ба ис-

тиқлол аст. Душанбе қалби гарм ва ифтихори тоҷикистониён аст!

Пойтахти давлати тоҷикон рӯз аз рӯз дар ҳоли рушду тараққӣ аст ва беш аз пеш бо дилрабоӣ ва ҷаззобияташ дили ҳамватанон ва меҳмононашро тасхир мекунад.

Сабки меъмории муосир, дар ҳамомехтагӣ бо волотарин унсурҳои фарҳангии аврупоиву шарқӣ, ба беҳтарин ваҷҳ симои пойтахти моро ҳамчун маркази сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ инъикос менамояд.

Фақат дар чанд соли охир чашмандози шаҳри мо ба таври аҷибе тағйир кардааст. Ва имрӯз ҳам пойтахтамон дар ҳоли таҳаввулу тағйир аст. Шабонгоҳи Душанбе манзараи дилпазире дорад – нурафшони зебои биноҳо, чароғони хиёбонҳо, рангоранги фавҷи фаввораҳо. Ин ҳама сурате аз вижагиҳои пойтахти кишваранд.

Душанбе ифтихори Тоҷикистон, тимсоли иттиҳоди давлат ва халқ ва таҷассуми ормонҳои миллӣ аст. Пешрафти Тоҷикистон бо фардои пойтахт, ки намое аз тамоми кишвар аст, робитаи мустақим дорад.

Эҳтимолан, ҳар як аз сокини пойтахт боре ҳам пеши худ фикр кардааст, ки Душанбе дар зиндагии ӯ чӣ маъное дорад ва чӣ нақшеро ифо кардааст. Барои касоне ин шаҳр зодгоҳ ва хонаи падарӣ аст, барои бархе дигар Душанбе мазҳари ишқи аввалин, барои баъзе конуне, ки илму маърифат омӯхтааст. Онҳое

низ ҳастанд, ки Душанбе барояшон беҳтарин макони фароғат ва гардишу тафреҳ мебошад. Барои тоҷикони дур аз Ватан Душанбе қисмате аз зоду бум ва баёдовари хотироти дилгусилу ҳаяҷоновар аст.

Дар кӯчаҳои шаҳр қадам зада, кас дар жарфотарин гӯшаи вуҷуди хеш эҳсос мекунад, ки дар он чи ҳама дар атроф аст, порае аз қалби ӯ нуҳуфтааст, зеро ин шаҳри ту, маъвои ту ва мазҳари орзуҳои ту аст. Ин эҳсоси аҷиб ва мофавқи дарк ҳамеша манбаи илҳоми поённопазир аст.

Фақат чанд моҳе пеш мо 20-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ҷашн гирифтем. Мо дар ин рӯзҳо бо нигоҳи нав ба роҳи тайкардаи худ аз аввалин рӯзи ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ, ки дар худ, бидуни муболиға, асрҳоро гунҷонидааст, назар андохтем. Дарк намудем, ки сулҳу суботи имрӯзро аз коми чӣ оташи хонумонсӯзе берун кашидаем. Бори дигар бар он тааммуқ кардем, ки роҳи расидан ба сулҳу созгории миллӣ роҳи осонгузар набуд ва вартаҳои хатарноку ваҳмангезе дар пешу атроф дошт. Вале моро дар ин роҳ роҳбаладе дурбин, мушкилписанд, матин ва қавиирода ҳидоят мекард. Қадрдонӣ аз хидматҳои Эмомалӣ Раҳмон дар ба даст овардани сулҳу оромиш қадр кардани ваҳдати миллӣ ва ягонагии халқу миллат аст. Аз ин рӯ, ҳарчанд бунёдгузорони шаҳри Душанбе падарону бобоёни мо ва дӯстони миллати мо буданд, табдилдиҳандагони ин шаҳри барои мо азиз ба шаҳри сулҳу ризоияти миллӣ Президент Эмомалӣ Раҳмон ва ҳаммаслакони соҳибистеъдод, боғайрату содиқи ӯст.

Пойтахти кишвари мо маҳз бо ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи ҳамешагии Президент Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои назарраси иҷтимоиву иқтисодӣ ноил гаштааст. Дар давоми 10 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии шаҳри Душанбе 5 баробар афзоиш ёфта, беш аз 3,8 миллиард сомонӣ сармояи асосӣ баҳрабардорӣ гардидааст ва ба андозаи наздик ба 3 миллиард сомонӣ захираҳои асосӣ ба кор даровварда шудаанд.

Дар даврони истиқлолият дар шаҳри Душанбе барои таъмини шаҳрвандон бо манзил 1,2 миллион метри мураббаъ биноҳои истиқоматӣ бунёд шудаанд.

Дар рӯзҳои ҷашни истиқлолият дар шаҳри Душанбе даҳҳо иншооти гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла корхонаи кабелбарорӣ бо иқтидори коркарди то 12 ҳазор тонна алюминий дар як сол, корхонаи истеҳсоли лампаҳои каммасраф бо иқтидори 10 ҳазор лампа дар як шабонарӯз, ба кор оғоз карданд. Мавриди баҳрабардорӣ қарор додани се муҷтамеи варзишӣ ва Боғи фарҳангу фароғати пойтахт ба фазои идонаи пойтахти ҷумҳурӣ ҷилои тоза зам намуд.

Ободиву шукуфоии Душанбе ва афзудан ба иқтидори саноатии он гувоҳи ободиву рушди бемайлони мамлакат ва расидан ба ҳадафҳои асосии истиқлолият – таъмини зиндагии саодатмандонаи халқи азизи Тоҷикистон – мебошад.

**Нақлиёт.** Муҳимтарин омили пешрафти иқтисод рушду тавсеаи зерсохторҳои соҳаи нақлиёт ме-

бошад. Дар кишвари мо-ба иллати вазъи ҷуғрофӣ ва дар миёни минтақаҳо қарор гирифтани силсилаи кӯҳҳои бузург-аз давраҳои пеш робитаҳои густурдаи миёни маҳалҳо ниҳоят душвор буд.

Дар даврони истиқлолият дар минтақаҳои гуногуни мамлакат як қатор шоҳроҳҳо, нақбҳо, роҳҳои оҳан ва пулҳо бунёд гаштанд. 1700 километр роҳҳои мошингард, 17 километр нақб ва беш аз 100 пул бунёд ва бозсозӣ шуданд.

Имрӯз дар Тоҷикистон тақрибан ҳамаи зерсохтҳои нақлиёти автомобилӣ бозсозӣ шуда, кишвари мо ба як қаламрави воҳид табдил шудааст ва иртиботи доимӣ бо тамоми манотиқи кишвар ва бо давлатҳои ҳамсоя имконпазир гаштааст. Яъне бо қаноатмандӣ метавонем зикр кунем, ки кишвари мо барои расидан ба яке аз ҳадафҳои асосии стратегии худ – раҳоӣ ёфтан аз бунбасти иртиботӣ – хеле ҳам наздик шудааст.

Тавсеа ва тараққии се бахши муҳими иқтисоди Тоҷикистон, яъне **Энергетика**, **Кишоварзӣ** ва **Нақлиёт,** моҳият ва мазмуни сиёсати иқтисодӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти ғизоӣ ва баровардани кишвар аз бунбасти иртиботӣ бо табдил додани он ба минтақаи ҳамлу нақл тибқи стандартҳои байналмилалӣ – мебошанд.

**Таъмини иҷтимоӣ.** Аз рӯзҳои аввали ба сари қудрати давлатӣ расидани Эмомалӣ Раҳмон ҳифзи иҷтимоӣ ҷавҳари фаъолияти сиёсии ӯро ташкил

медиҳад. Ҳанӯз мамлакат дар миёни буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ дасту по мезад ва имкониятҳои молиявии давлат маҳдуд буд, вале Эмомалӣ Раҳмон бо ба кор бурдани ҳама тадбиру воситаҳо дар бахши таъмини иҷтимоӣ талош меварзид. Ва имрӯз, ки иқтисоди мамлакат рӯй ба инкишоф ниҳодааст, қисми қобили мулоҳизаи маблағ аз буҷети давлатӣ маҳз ба соҳаи иҷтимоӣ сарф мешавад.

Яке аз ҳадафҳои асосии давлат дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа, аз ҷумла собиқадорони ҷангу меҳнат, ятимону маъюбон, пирони бесаробон ва оилаҳои камбизоат, мебошад.

Ба ҳамин манзур аст, ки ҳар сол аз соли пешин маблағгузорӣ ба соҳаи иҷтимоӣ меафзояд. Соли 2011 барои ҳифзи иҷтимоии бошандагони хона-интернатҳои маъюбону ятимон ва пиронсолони бесаробонмонда аз буҷети давлатӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо гардид, ки аз ин миқдор ба ҳар як нафар дар як сол 8600 сомонӣ ва дар як моҳ 715 сомонӣ рост меояд.

Мувофиқи Қонун «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон», ба заноне, ки дар соҳаҳои алоҳида як давраи муайян кор кардаанд ва инчунин заноне, ки зиёда аз 5 фарзандро тарбия намудаанд, нафақаи имтиёзноки пеш аз муҳлат муқаррар гардидааст.

**Тандурустӣ.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи саломатии инсонро бунёд ва ҳадафи стратегии рушди ҷомеа ва талаботи мубрам ва муҳими иҷтимоӣ

ҳисоб мекунад. Ҳукумат барои ҳифзи саломатии шаҳрвандон пайваста ғамхорӣ зоҳир менамояд ва ба ин манзур рушди соҳаи тандурустиро дар барномаҳои рушди кишвар яке аз масъалаҳои аввалин қарор додааст.

Барои рушди соҳаи тандурустӣ миқдори зиёди пул масраф шудааст, то ин ки Тоҷикистон дар даврони истиқлол ба дастовардҳои назаррас дар пешгирӣ ва дармони бемориҳо ноил гардад.

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии кишвар, дар баробари ислоҳоти соҳаҳои гуногун, соҳаи тандурустӣ мавриди бозсозии амиқ қарор гирифта, то имрӯз дар амри беҳтар кардани созу корҳои соҳаи мазкур иқдомоти зиёде ба анҷом расидааст.

Дар тӯли солҳои гузашта дар соҳаи мазкур якчанд иқдомҳои муҳими ташкилӣ анҷом дода шуданд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тибби оилавӣ», тасдиқ шудани «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2020», «Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2015» ва Нақшаи стратегии бозсозии муассисаҳои тиббӣ барои солҳои 2011–2020 ба беҳбуд ёфтани шароити муассисаҳои тиббӣ, сифати хизматрасонии тиббӣ, пешгирии бемориҳо ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим мусоидат намуданд ва хоҳанд намуд.

Бозсозии соҳа, дар навбати аввал, маҷмӯи тадбирҳоро, аз ҷумлаи таҷдиди сохтор, фароҳам

овардани шароит барои кумаки аввалияи тиббӣ, таъмини муассисаҳои бистарикунонӣ бо лавозимоти зарурӣ, такмили ихтисоси кормандони соҳа, мукаммалсозии зерсохтҳо, беҳтар кардани дастрасӣ ба доруворӣ, ворид намудани усулҳои нави маблағгузорӣ, татбиқи усулҳои наву пешрафтаи ташхису табобат бо истифода аз фановариҳои нав, ширкат додани аҳолӣ дар ҳалли масъалаҳои тандурустӣ, таваҷҷуҳи бештар ба вазъи саломатии маъюбон ва амсоли инҳо, дар бар мегирад.

Ҳоли ҳозир дар соҳаи тандурустии мамлакат ба манзури беҳтар кардани вазъи саломатии аҳолӣ ва пешгирии бемориҳо, дар баробари пиёда кардани ҳадафҳои Стратегияи миллии солимии аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2020, зиёда аз 20 барномаи миллӣ, аз ҷумлаи барномаҳои рушди соҳаи донории хун, эндокринология, мубориза бо бемориҳои дил, бемории сил, вараҷа, вируси норасоии масунияти одам, пешгирии маъюбӣ аз садамаҳо, нашъамандӣ, пешгирии бемориҳои касбӣ ва таблиғи тарзи ҳаёти солим, мавриди татбиқ қарор доранд.

Солҳои охир таъмини соҳа бо мутахассисон низ рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Барои мисол, агар солҳои 1991–2007 нишондиҳандаи таъмини соҳа бо мутахассисон тамоюли пастравӣ дошта бошад, дар соли 2010 шумораи табибон 10,8 фоиз ва кормандони сатҳи миёнаи тиббӣ 15,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар зарфи бист соли истиқлолият дар минтақаҳои гуногуни мамлакат зиёда аз 800 муассисаи

тандурустӣ бунёд гардида ва ё таъмиру тармим карда шуда, бо лавозимот ва таҷҳизоти муосири тиббӣ таъмин карда шуданд.

Дар ин давра маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз 956 ҳазор сомонӣ ба 600 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 1992 беш аз 620 баробар зиёд мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон, илова бар маблағгузориҳо аз буҷети давлатӣ, барои боз ҳам беҳтар кардани вазъи соҳаи тандурустӣ ба таври фаъол кумакҳои башардӯстонаи созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои пешрафтаро ҷалб менамояд.

Инак чанд сол аст, ки бо кумаку дастгирии беғаразонаи ташкилотҳои байналмилалии кумакрасон, махсусан Созмони Милали Муттаҳид, хидмати тиббӣ ва таъмин бо доруворӣ барои беморони сил, вируси норасоии масунияти одам ва вараҷа ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст.

Фақат дар солҳои 2010–2011 анвои доруҳо ба маблағи наздик ба 20 миллион сомонӣ ба Тоҷикистон ҳамчун кумаки башардӯстона ворид гаштааст.

Бонки олмонии рушд барои татбиқи лоиҳаи беҳсозии солимии модару кӯдак дар вилояти Хатлон ва ба манзури таъмиру бозсозӣ ва таҷҳизонидани 10 таваллудхона 10 миллион евро ҷудо кардааст, ки ин маблағ баробар бо 70 миллион сомонӣ мебошад. Инчунин ҷиҳати мубориза бо бемории фалаҷ ҷудо намудани 30 миллион сомонӣ ҳалли худро ёфтааст.

Дар зарфи даҳ соли гузашта фақат Ҳукумати Ҷумҳурии Федеролии Олмон барои дастгирии соҳаи тандурустии кишвари мо дар ҳаҷми беш аз 31 миллион евро кумаки башардӯстона расонидааст.

Бояд зикр кард, ки соҳибкорони ватанӣ низ аз ин кори хайр ақиб намемонанд. Бо пули хайрияи онҳо дар ноҳияи Восеъ беморхонаи кумаки таскинӣ барои нигоҳубини беморони музмини сил ва дар ноҳияи Муъминобод маркази баъдитабобатии беморони сил бунёд хоҳанд шуд.

**Маориф.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду густариши соҳаи маориф пайваста ғамхорӣ мекунад. Таҳсили маърифатиро Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Дар моддаи 41 Конститутсия омадааст: «Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад». Таваҷҷуҳи ҷиддии Ҳукумати мамлакат ба таҳсили маърифатӣ аз ин низ бармеояд, ки яке аз аввалин қонунҳои қабулкардааш, пас аз барқарор шудани сохти конститутсионӣ, дар бораи маориф буд.

Бояд хотиррасон кунем, ки нобасомониҳои сиёсиву иқтисодии солҳои аввали истиқлолият ба соҳаи маориф хисороти бузург ворид оварданд. 126 муассисаи маориф пурра аз кор бaромаданд. Беш аз 25 ҳазор оила бесаробон шуданд ва 58 ҳазор нафар кӯдакон ятим монданд.

Дар минтақаҳои даргирии шаҳрвандӣ тақрибан ҳамаи мактабҳои олӣ ва миёна ғайриқобили фаъолият шуданд. Дар тӯли солҳои 1992-1995 беш аз 20

ҳазор нафар омӯзгор кишварро тарк намуданд ва ҳазорон муаллимону хонандагону донишҷӯён гуреза шуданд.

Дар чунин вазъияти душвор Ҳукумати Тоҷикистон ба хотири ояндаи насли наврас ва барои тарбияи онҳо мактаб-интернатҳо барои кӯдакони ятим, литсею гимназияҳои махсус таъсис намуд, барои хонандагони болаёқат имтиёзҳо муқаррар кард ва барои дастгирии кормандони соҳаи маориф як силсила корҳои муфид анҷом дод.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста бар он мекӯшад, ки насли наврас дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ба таҳсили босифат даст дошта бошад.

Суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба он, ки «маориф омили асосии таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст», баёнгари таваҷҷуҳи хосаи Сарвари давлат ба ин соҳаи муҳими фарҳангӣ мебошад, ки аз фаъолияти он ҳувияти миллӣ ва ояндаи давлату миллат вобастагӣ дорад.

Маҳз бо назардошти аҳамияти бузурги таълиму тарбия дар рушди ҷомеа ва устувор сохтани заминаи ҳуқуқию меъёрии фаъолияти соҳаи маориф Ҳукумати ҷумҳурӣ як силсила асноди муҳими давлатӣ, аз ҷумлаи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ», «Барномаи компютеркунонии мактабҳои маълумоти асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳия намуда, ба тасвиб расонид.

Ҳукумати мамлакат оид ба масъалаи беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла бо роҳи баланд бардоштани маоши онҳо, мунтазам ғамхорӣ мекунад.

Ба хотири рушди минбаъдаи соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳи тафаккури техникиву технологӣ, афзоиши саҳми илм ва техника дар тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар соли 2010 «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон гардид.

Ҳукумати мамлакат ҳаҷми маблағгузориро ба соҳаи маориф мунтазам зиёд менамояд. Барои мисол, агар ҳаҷми умумии маблағгузории буҷетӣ ба соҳаи маориф дар соли 2000-ум 41 миллион сомониро ташкил дода бошад, соли 2011 ин нишондиҳанда ба 1,5 миллиард сомонӣ баробар аст.

Дар ин давра дар мамлакат беш аз 1200 бинои мактаби ҳозиразамон барои зиёда аз 310 ҳазор ҷои нишаст сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Фақат дар давоми ду соли охир дар мамлакат 312 бинои мактаб барои 57 ҳазор ҷои нишаст ва дар соли 2011 184 мактаб барои 35 ҳазор ҷои нишаст бунёд гардиданд.

***Дархӯри зикр аст, ки дар Тоҷикистон дар даврони истиқлол бунёд кардани мактабҳо нисбат ба солҳои охири даврони шӯравӣ се маротиба зиёд шудааст.***

Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ афзудааст. Соли 1991 дар ҷумҳурӣ 13 мактаби олӣ фаъолият мекард. Ҳоло шумораи мактабҳои олӣ ба 30 адад расидааст.

Теъдоди донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар, агар то замони истиқлолият 69 ҳазор нафарро ташкил мекарданд, алҳол ин нишондод ба 160 ҳазор нафар баробар шудааст.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки ҳамчун дастоварди шоистаи даврони истиқлолият дар соҳаи маориф ба имзо расид, Созишнома дар бораи эътирофи маълумоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Аврупо ба шумор меравад. Ҳуҷҷати мазкур ба хатмкунандагони мактабҳои олии кишвар имкон медиҳад, ки дар давлатҳои Аврупо низ кору фаъолият карда, донишу таҷрибаи худро такмил кунанд.

Илова ба тадбирҳое, ки дар боло зикр шудаанд, ба манзури мувофиқ гардонидани савияи дониши хонандагон ба талаботи низоми нави иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замони муосир ва бо мақсади пайвастан ба сафи мамлакатҳои пешрафта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста талош меварзад, ки тамоми муассисаҳои таълимӣ, шабакаи таълимгоҳҳои миёнаи касбӣ ва мактабҳои олӣ бо технологияҳои компютерӣ, кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ таъмин карда шаванд. Барои ин мақсад ҳар сол аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сарчашмаҳои молиявӣ маблағҳои бузург ҷудо карда мешаванд.

Имзои созишномаҳо бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои таҳсили донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар муассисаҳои олии ин кишварҳо дар заминаи ҳаракат ба сӯи фаро гирифтани донишҳои мухталиф, бавижа дар ҳавзаи илмҳои дақиқ, фано-

варӣ, пизишкӣ ва амсоли инҳо, азми толибони илмро боз ҳам маҳкамтар кардааст. Соли 2010 дар пойтахти кишварамон – шаҳри Душанбе – филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов таъсис гардид. Дар назар аст, ки дар шаҳри Душанбе филиали Донишкадаи энергетика ва филиали Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи шаҳри Москваи Федератсияи Россия ва филиали Донишгоҳи миллии техникии Харкови Украина созмон дода мешаванд.

Ҳоли ҳозир мутахассисони соҳаи маориф рӯи лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки ислоҳоти ҷиддии соҳаро дар бар мегирад, кор карда истодаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омода намудани шароит барои тарбияи мутахассисони баландихтисоси тамоми соҳаҳои илму истеҳсолот пайваста талош мекунад.

**Фарҳанг.** Фарҳанг мояи аслии ҳувияти миллат аст. Фарҳанг метавонад миллатро пешрафта, тавоно, фановар, нававар ва соҳиби обрӯи ҷаҳонӣ кунад. Агар фарҳанги миллате ба таназзул кашонида шавад, вай миллатро низ бо худаш ба вартаи фано мебарад.

Ғамхорӣ ба рушду густариши фарҳанг дар маркази таваҷҷуҳи Президент Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Таваҷҷуҳ ба тавсеаи фарҳанг бахше дар маҷмӯи иқдомҳои Сарвари давлат дар амри эҳёи маънавиёти мардуми мамлакат аст.

Президент Эмомалӣ Раҳмон аз аввалин рӯзҳои бар садри Тоҷикистон омаданаш дарк мекард, ки яке аз вазифаҳои аввалияи ӯ эҳёи фарҳанги миллӣ мебошад. Барои ин ҳам, ба шароити номусоиди иқтисодии

солҳои аввал нигоҳ накарда, ӯ ҷашнҳои бузургдошти ниёгони номвари миллати тоҷик ва шаҳрҳои таърихии кишварро баргузор намуд. Дар зарфи 20 сол таҳти сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон ҷашнҳои 1000-солагии «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, 1100-солагии таъсиси давлати Сомониён, 2700-солагии «Авасто», 2500-солагии шаҳри бостонии Истаравшан, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ ва бузургдошти шахсиятҳои мӯътабари таърихӣ, чеҳраҳои барҷастаи сиёсӣ, илму адаб ва фарҳанг, аз ҷумлаи Исмоили Сомонӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шотемур, Нусратулло Махсум, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода, ки дар давраҳои гуногун дар ташаккули тамаддун ва давлатсозии мо саҳми арзишманд гузоштаанд, бо таҷалло ва шукӯҳи дархӯри шаъну эътибор ва мақому мартабаи таърихиашон таҷлил гардиданд.

Аз оғози истиқлол то имрӯз дар ҷумҳурӣ садҳо муассисаи фарҳангӣ, театрҳо, залҳои консертӣ, музейҳо, китобхонаҳо ва ёдгориҳои муҳими таърихӣ тармиму таъмир гаштаанд ва даҳҳо маконҳои замонавии фарҳангӣ бунёд карда шудаанд.

Соли 2010 дар пойтахти кишварамон бузургтарин театри ҷумҳурӣ – Театри опера ва балети ба номи устод С. Айнӣ– пеши дидагони пойтахтнишинон ва меҳмонони кишвари мо пас аз таъмири куллӣ бо

ҷилову таҷаммули дархӯри ҳусни дилорои Душанбе ба ҷилва омад.

Дар остонаи ҷашни фархундаи 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Душанбе сохтмони ду иморати муҳташами фарҳангӣ – Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии ҷумҳурӣ-асосан ба итмом расид. Ҳоли ҳозир дар мамлакат сохтмони якчанд муассисаҳои фарҳангӣ идома дорад.

Яке аз самтҳои муҳими ҳавзаи фарҳангӣ ҳифозати мероси таърихии халқи тоҷик ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани он мебошад. Ба шарофати талоши пайгиронаи Президент Эмомалӣ Раҳмон мусиқии классикии «Шашмақом» ва маҷмааи ёдгориҳои таърихии Саразм ба феҳристи мероси умумиҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО ворид карда шуданд. Илова бар ин, барои ба феҳристи ёдгориҳои моддии ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил кардани Ҳулбук, Қалъаи Ҳисор, Қаҳқаҳаи Шаҳристон, Тахти Сангин, Тахти Қубод, Аҷинатеппа ва чанде дигар аз ёгориҳои таърихии нодири кишвар иқдомҳои зарурӣ гузошта шудаанд.

Боиси ифтихор ва сарфарозии мост, ки Наврӯзи Аҷам бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҷашни байналмилалӣ эълон гардид.

**Рушду тавсеаи илм.** Баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, дар баробари ба таназзул рӯ ба рӯ шудани тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ, хатари аз байн рафтани Академияи илмҳо низ пеш омада буд. Вале бо дастгириву пуштибонии Ҳукумати

Тоҷикистон Академияи илмҳо на танҳо аз хатари нобудшавӣ раҳо гардид, балки соҳиби неруи тозаи фаъолият шуд.

Дар тӯли солҳои гузашта – дар ҳамоҳангӣ бо Стратегияи рушди соҳаҳои илму технологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007–2015 – ба манзури баланд бардоштани нақш ва мақоми илм дар пешрафти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа Академияи илмҳои Тоҷикистон мавриди ислоҳоти амиқ қарор дода шуд. Дар ҳошияи ислоҳоти идориву сохторӣ дастгоҳи идории Академия ихтисор карда шуд. Ҳамчунин – ба манзури саҳми соҳаи илми мамлакат дар баргузоркунии таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоиву иқтисодӣ – дар пеши Академия ҳалли масъалаҳои мушаххаси пеш бурдани пажӯҳишҳои илмӣ гузошта шуд. Дар ин росто Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимро омода ва тасдиқ кард, ки барои пешрафти фаъолияти муассисаҳои илмии кишвар ва тавсеаи ҳамаҷонибаи илм мусоидат менамоянд. Дар баробари ин, барои пурсамар кардани кори бахшҳо ва сохторҳои илмӣ маблағҳои зиёде ҷудо гардиданд.

Ба ҳамин манзур ҳаҷми маблағгузории буҷетии муассисаҳои Академияи илмҳо сол ба сол меафзояд ва фақат дар 5 соли охир ҳаҷми маблағгузорӣ 3 баробар зиёд шудааст. Маоши кормандони Академияи илмҳо, бо фармони Президенти кишвар аз 1 сентябри соли 2011, ду баробар баланд бардошта шуд.

Кормандони илми кишвар, бахусус аъзои пайваста ва аъзои вобастаи Академияи илмҳо, аз кумаки иловагии Президенти ҷумҳурӣ, ки ҳамчун унвонпулӣ ироя мегардад, бархӯрдоранд. Ин унвонпулӣ, ки аз 1

январи соли 2002 барои аъзои пайваста 50 доллари амрикоӣ ва барои аъзои вобастаи Академияи илмҳо 100 доллар таъйин гардида буд, аз оғози соли 2012 ду баробар зиёд карда шуд.

Дар давоми солҳои 2000–2007, бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон, бо мақсади омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои муҳими иқтисодиву иҷтимоии кишварамон дар Академияи илмҳо муассисаҳои нави илмӣ – институтҳои иқтисодиёт, демография, масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, давлат ва ҳуқуқ, инчунин Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ-ташкил карда шуданд.

Академияи илмҳои ҷумҳурӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Вазорати маориф, дар ҳошияи татбиқи амалии Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2015 ва Барномаи ҳамгироии илмӣ ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2015, сол ба сол ҳамкориҳои густурдаро ба роҳ мондааст.

Комёбиҳои олимони тоҷик дар соҳаҳои зилзилашиносӣ ва геология, ки солҳои охир ба назар мерасанд, қобили таҳсинанд, зеро пешрафт дар ин самтҳои илмӣ барои Тоҷикистон, ки сарзамини кӯҳистон мебошад, басо муҳим аст.

Дар даврони истиқлолият барои саҳми арзанда дар рушди илм, маориф ва фарҳанги ҷаҳонӣ, таҳкими робитаҳои илмии байналмилалӣ, анҷом додани корҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ даҳҳо нафар олимони мо аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ бо ҷоизаҳо ва унвонҳои байналмилалӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Ҳарсола ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илму техника барои дастовардҳои илмӣ ба олимони тоҷик тақдим мегарданд.

***Бо вуҷуди ин пешрафтҳо, ҳамчуноне ки Президент Эмомалӣ Раҳмон иброз намудааст, дар ҷомеа ҳанӯз масъалаҳое, ки ба тавсеаи иқтисодӣ ва, вобаста ба ин, беҳбудии бештар бахшидан ба сатҳи зиндагии ҷомеа монеъ мегарданд, бисёранд ва мо бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, ки ин монеаҳоро бо ба кор бурдани ҳисси масъулият дар пеши халқи кишвар бартараф намоем.***

Ба андешаи мо, аз ҳад зиёд умед бастан ба бозори кории мамлакатҳои ба мо дӯст, ҳамчун ба падидаи доимӣ, нашояд. Мо бояд кӯшиш намоем, ки аз афзалиятҳои бозори дохилии меҳнат истифода барем, бо фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолият ҷойҳои корӣ ба вуҷуд оварем ва тадриҷан қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатиро ба Ватан бозгардонем.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф дар ҷумҳурии мо ду фазои матлуби фаъолиятҳои густурда – саноат ва кишоварзӣ – мавҷуданд. Дар саноат, бо роҳи тармиму таҷдид, ба кор даровардани корхонаҳои дар солҳои пеш аз фаъолият бозмонда, ҳазорҳо ҷои кори нав ба вуҷуд овардан мумкин аст. Дар кишоварзӣ ва, асосан, дар соҳаи пахтакорӣ, бо сарфи маблағҳои начандон бузург аз ҷониби давлат барои харидани тухмӣ, поруҳои минералӣ, сӯзишворӣ ва ғайра, қувваи кории зиёдеро ҷалб кардан мумкин аст.

Аз ҳеҷ касе пӯшида нест, ки дар масири рушди иқтисодии Тоҷикистон, бахусус дар соҳаи соҳибкории хурд ва миёна, таъсири механизмҳои бюрократӣ ва худсарии мақомоти давлатӣ дар ҳама сатҳ нақши бориз доранд. Нуқзи қонунҳо ва меъёрҳои танзимкунандаи масъалаҳои молиявию иқтисодӣ низ садде дар роҳи рушду тавсеаи иқтисодӣ эҷод мекунанд. Ба ин сабаб аст, ки мамлакати мо ва иқтисоди миллии мо аз лиҳози ҷаззобият яке аз мавқеъҳои пасттаринро дар ҷаҳон касб кардаанд. Барои ин хуб мебуд муайян намоем, ки дар кадом соҳаҳо дахолати сохторҳои давлатӣ зарур аст ва, баръакс, дар кадом риштаҳо мӯҷиби ақибравӣ мешавад.

Паст будани сатҳи муқаррароти ҳуқуқии муносиботи иқтисодӣ, дарвоқеъ, садде дар роҳи пешрафт гардидааст. Қонунгузорӣ дар тамоми кишварҳои мутараққӣ танзимкунандаи асосии низоми иқтисодӣ ба шумор меравад, ки тавассути он масъалаҳои стратегии тавсеаи иқтисодиву иҷтимоӣ ҳалли худро пайдо мекунанд.

***Дар ин росто, худ ба худ, масъалаи салоҳияти кадрҳо ба миён меояд. Зеро меъёрҳо ва қонунҳо ҳамон вақте натиҷаи матлуб медиҳанд, ки агар онҳоро ихтисосмандони босалоҳият, донишманд, поквиҷдон ва кӯшо ба ҳаёт татбиқ намоянд. Аз ин лиҳоз моро зарур аст, ки дар мамлакат сиёсати интихоби кадрҳоро мавриди таҷдиди назар қарор диҳем. Чунин тарзу роҳро пеш гирем, ки дар ҳамаи вазифаҳои давлатӣ, сар карда аз ҷамоати деҳот то вазоратҳову идораҳо, инсонҳои болаёқат, кордон, ибтикорманд ва дилсӯзу ватандӯст масъулиятро ба дӯши худ гиранд.***

Умедворем ва бовар дорем, ки Тоҷикистони азизи мо, ки ҳам аз неъматҳои табиӣ ва ҳам аз неруи зеҳнӣ сарватманд аст, таҳти роҳбарии сарвари миллии мо-Президент Эмомалӣ Раҳмон-дар солҳои наздик ба сафи мамлакатҳои пешрафта ҷой хоҳад гирифт.

# ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН:

***бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ***

***(моҳи майи соли 2016)***

# Тоҷикистон дар низоми ҷаҳони кунунӣ
### *(ба ҷои пешгуфтор)*

***Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,***
***Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам.***

Ҳофизи бузургвор, ки озурдагию эътирозу инзиҷори худро аз риёю фитнаю шар, ки бар авзои пурҷаҳолату торики асримиёнагии рӯзгораш ҳоким буд, бад-ин гуна иброз доштааст, оё метавонист биандешад, ки пас аз гузашти беш аз ҳафт садсола пас аз сари ӯ «аҳволи ҷаҳон, балки гетӣ як сар» тағйир нахоҳад кард, балки печидатар хоҳад шуд?!

Инсонҳо дар раванди моҳиятан пуртазоди пешрафти иҷтимоӣ ва талоши барои расидан ба ҳадафҳо ва ноил омадан ба ҷойгоҳи дархӯр ҳамвора ба гунае вобаста ба муҳити зист ҳастанд. Кӯшиши даст ёфтан ба сарватҳои табиӣ, маъданҳо, заминҳои ҳосилхез, ҷангалҳо, рӯдҳо ва дарёҳо дар ҳамаи замон маншаи танишҳо, рӯёрӯиҳо ва ҷангҳо миёни қавмҳо, нажодҳо, давлатҳо ва империяҳо будааст.

Аз замони ҷангҳои Миср дар садаи XXX пеш аз милод, ки нахустин ҷангҳои маълум дар таърих ба шумор меравад, то имрӯз паҳнаи дунё садҳо ва ҳазорон ҷангҳоро дидааст. Ва дар бештари маврид ҳадафи меҳварии ин ҷангҳо ба даст овардани сарвати кишварҳои дигар будааст.

Асри XX бо ду ҷанги ҷаҳонии хунин, падиду нопайдо шудани империяи бузурги Шӯравӣ тағйироти

шигарфе дар ҷуғрофияи сиёсии ҷаҳон ворид овард. Агар харитаи сиёсии ҷаҳони оғози асри XX ва нақшаи сиёсии дунёи имрӯзаро канори ҳам гузорем ва ба онҳо назар андозем, мисли ин аст, ки мо ду ҷаҳони гуногунро мушоҳида мекунем.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба империяҳои Австро-Венгрия, Олмон, Россия ва Усмонӣ поён бахшид. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ давлатҳои Аврупо аз мустамликаҳои худ дар Осиё ва Африқо даст кашиданд.

Поён ёфтани даврони мустамликадорӣ, ба истиқлол расидани кишварҳои дар гузашта мустамликавӣ, ба мансаи зуҳур падид омадани Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ниҳодҳои амниятии байналмилалию минтақавӣ ва конунҳои башардӯстона аз як низоми навини сиёсии ҷаҳон навид медоданд, ки дар фазои он самимияту бародарӣ ва дӯстию меҳрубонӣ беш аз пеш ҳоким мегарданд ва накукорӣ, ҳамдардӣ ва ҳамдилӣ ба асли равобити инсонҳо, миллатҳо ва кишварҳо табдил меёбанд.

Аммо ҷанги сард шодию сурури мардуми дунёро аз поён шудани ҷанги дуюми ҷаҳон ва умеду орзуҳои ононро азояндаи равшан, даврони эътирофи қадру манзалати инсонӣ, барпоии адолат ва сулҳи умум, таҷаллии қонуният ва барқарории ҳокимияти додгустар барҳам зад. Ҷаҳон вориди давроне гардид, ки кинаварзию хусумату душманӣ ва тардиду фиребкорӣ дар муносиботи байни қавмҳо, нажодҳо, миллатҳо ва давлатҳо ривоҷ ёфтанд.

Бо он ки ҷанги сардро дар ҳеҷ адабиёти марбут ҷаҳонӣ наномидаанд, ин ҷанг ҷаҳонитар аз ду ҷанги пешин буд. Зеро ҳарчанд ҷанги сард байни ду абарқудрати

ҷаҳон – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Шӯравӣ – ҷараён дошт, кишварҳои дунё ба нахве аз муттаҳидон ва ҳампаймонҳои яке аз ин ду қутби қудрат буданд. Дар ҳоле ки Иттиҳоди Шӯравӣ пуштибони кишварҳои шомили ҳавзаи сотсиалистӣ ва ҳаракатҳои коммунистӣ дар тамоми ҷаҳон буд, Амрико талош мекард коммунизмро дар дунё маҳв созад. Ин тазоди идеологии миёни Шӯравӣ ва Амрико боис шуд, ки густураи ҷанги сард ба бисёре аз гӯшаву канори ҷаҳон, бавижа Аврупои Шарқӣ ва Ғарбӣ, Ховари Миёна ва Ҷануби Шарқии Осиё, доман кашонад. Инчунин рақобати ин ду қутб аз ҳавзаи идеологӣ фаротар рафта, дар арсаҳои гуногун, монанди иттиҳоди низомӣ, ҷосусӣ, варзиш, таҷҳизоти низомӣ, саноат ва тавсеаи фановарӣ, идома пайдо кард, ки пайомадҳоеро чун мусобиқаи кайҳонӣ ва мусаллаҳшавӣ бо силоҳи ҳастаӣ ба дунбол дошт.

Гарчи дар тӯли ҷанги сард ҳаргиз даргирии низомии рӯбарӯе миёни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд наомад, аммо густариши қудрати низомӣ, кашмакашҳои сиёсӣ ва даргириҳои шадиди байни кишварҳои пайрав ва ҳампаймони ин абарқудратҳо, монанди ҷангҳои Корея, Ветнам, буҳрони мушакии Куба ва ворид шудани артиши Шӯравӣ ба Афғонистон, аз пайомадҳои он ба шумор меравbooand. Дар ин даврон инчунин ҷангҳое, аз ҷумла ҷанги Исроил бо Фаластин ва Лубнон, ҷанги Ироқу Эрон ва ҷангҳои нажодӣ дар Аврупо ва Африқо, дар гирифтанд, ки ба миллионҳо одамон бадбахтию маҳрумиятҳо ба ҳамроҳ доштанд.

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва поён ёфтани ҷанги сард сулҳ дар дунё пойдор нашуд, шумораи

ҷангҳову муноқишаҳои маҳалливу минтақаӣ ва низ инқилобҳои хунин коҳиш наёфт ва, баръакс, рӯ ба афзунӣ ниҳод. Тайи ин муддат нуқоти гуногуни ҷаҳон ё гирифтори ҷанги дохилӣ буданд, ё ташаннуҷ, ё мухолифатҳои қавмию нажодию ақидаӣ. Ривоҷ ёфтани истифода аз неруи низомӣ ба шакли ғайриқобили назорат дар равобити байналмилалӣ аз вижагиҳои ин даврон мебошад.

Ҷаҳони имрӯза яксара майдони тохтутози ифротиёни барбару хуношом аст. Ҳамарӯза дар Афғонистон, Ироқ, Тунис, Яман, Фаластин, Либия, Покистон, Нигерия, Сурия, Донбасси Украина садҳо зану марду кӯдаки хурдсол ҳадафи ваҳшиёнатарин шабехуни «Толибон», Ал-қоида, Букуҳаром, Ҷабҳаи нусрат, ДИИШ, Сектори рости миллатгароёни украин ва дигар гурӯҳҳои ваҳшатгаро қарор мегиранд, қурбонии мавҷи таркишҳо мешаванд.

Бештарин бахши гузоришҳо ва ахбори рӯзи расонаҳои дунёро бомбагузорӣ, одамрабоӣ, гаравгонгирӣ, хунрезиҳои ваҳшиёнаву нафратбори созмондиҳишудаи террористон ва омори дилхарош аз мардуми куштаю захмию овора пур месозад. Ҳеҷ рӯзе нест, ки сокинони ин ё он гӯшаи кураи замин қурбонии ҷинояткориҳои гурӯҳҳои террористӣ нагарданд.

Фоҷиаҳои инсонӣ, селоби оворагон, вайронии умури иҷтимоӣ ва сомонаҳои таъмини зиндагӣ, вайронии муҳити зист ва бо хок яксон шудани манотиқи маскунӣ, суқути иқтисодӣ, бедодгарию қатлу ғоратҳо, рушди ҳамаи навъҳои тиҷорати ҷиноӣ ва фасоди молии бекарон инҳоянд вижагиҳои даврони пас аз ҷанги сард. Бино ба гузориши Созмони Милали

Муттаҳид, дар ҳоли ҳозир дар саросари ҷаҳон шумораи паноҳҷӯён ва одамоне, ки дар дохили кишварҳои худ овора шудаанд, ба 60 миллион расида, ки аз замони поёни Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ то кунун бесобиқа аст. Ҳар сеюм аз ин шумора онҳое мебошанд, ки бо гурехтан аз ҷангу таъқибу озор рӯ ба оворагӣ овардаанд. Имрӯз ҷаҳон бо буҳрони фарогири шадиде рӯбарӯст, ки амнияту сулҳи ҷаҳониро ба хатар андохтааст. Печидагии авзоъ ба ҷое расидааст, ки метавон гуфт: дар ҳеҷ асре аз таърихи башарият равобити инсонҳо то ин ҳад душманона набудааст.

Афғонистон кишвари фақир, аммо амну босуботе буд. Мардум тангдаст буданд, аммо зиндагии ороммише доштанд. Аз он замоне, ки Афғонистон ба тангаи сиёҳи мубодилаи сиёсии абарқудратон табдил гардид, гирифтори ҷанге шуд, ки ҳеҷ поёнаш пайдо нест. Инак, наздик ба чаҳор даҳа аст, ки хоки ин кишвар ба паноҳгоҳи ифротиёну тундравон ва маншаи бесуботӣ барои саросари ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳамсоягонаш табдил гардидааст.

Ҷаҳони араб дучори ошуфтагию ноороми аст. «Баҳори арабӣ», ки рӯъё ва умедҳоеро барои мавҷи ислоҳоти демократӣ дар Ховари Миёна ба вуҷуд оварда буд, табдил ба «хазони арабӣ» шудааст.

Миср, ки замоне сутуни кишварҳои арабӣ буд, аз соли 2012 то кунун гирифтори бесуботии сиёсӣ аст. Ин кишвар аз аввалин мамлакатҳои ҷаҳони араб буд, ки қурбонии «баҳори арабӣ» шуд. Аммо дар натиҷа зимоми умури ин кишвар на ба дасти неруҳои инқилобии ғайримазҳабӣ, ки бар зидди режими Ҳуснӣ Муборак эътироз карда буданд, балки ба дасти созмони ифрот-

гарои «Ихвон-ал-муслимин» афтод. Танҳо мудохилаи сарони артиши кишвар, ки даст ба сарнагунии мутаассибони ифротӣ заданд, Миср аз вартаи бесуботӣ ва ҳарҷу марҷи иқтисодӣ берун кашида шуд. Вале бо рӯёрӯиҳое, ки «Ихвон-ул-муслимин» бо давлати Миср дорад, муҳол аст, ки ин кишвар дар солҳои наздик мавқеияти пешини худро ҳамчун яке аз бонуфузтарин кишварҳои ҷаҳони араб бозёбад.

Ироқ, ки дар солҳои пеш яке аз нерумандтарин кишварҳои арабӣ буд, ба як сарзамини вайрону харобу шикастхӯрда мубаддал гардида, дар дохили кишвар ҳама ҷо ҷангҳои қавмию мазҳабӣ ҷараён доранд ва бими он аст, ки ин кишвар ба се давлати алоҳидаи курдӣ, суннӣ ва шиаӣ тақсим шавад. Аз лиҳози вазъи дохилӣ Ироқ имрӯз хатарноктарин кишвари минтақа мебошад. Ҳар рӯз дар ин мамлакат таркишҳо рух медиҳанд ва хун рехта мешавад. Фасоди молӣ дар дастгоҳи давлатӣ, ҳаллу фасли кунди масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва раванди заифи бозсозӣ ва эҳёи сомонаҳои таъмини зиндагии мардум баёнгари бӯҳрони амиқи идорӣ мебошанд. Бо вуҷуди он ки Ироқ аз содироти нафт маблағҳои қобили мулоҳизае ба даст меоварад, сеяки ҷамъияти он аз ҳисоби кумакҳои хориҷӣ таъмини маош мешавад.

Тунис, ки дар гузашта такягоҳи демократияи арабӣ буд, пас аз инқилоби ранга натавонист низоми тозаеро барқарор кунад ва акнун дар амал ба давлати исломгарое табдил гардидааст. Норизоятии тозаи мардум ҷои норизоятии пешинро гирифтааст ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва суботу амният дар ин кишвар ба таври мушаххас аз гузашта бадтар шудааст.

Кишвари шукуфои Ливия, ки ба хотири пирӯзии демократия ба хок яксон ва ба гирдоби ҷанги хунини дохилӣ афканда шуд, акнун ба се қисмати ҷудогона тақсим шудааст. Хориҷиёне, ки мӯҷиботи таҷовузро фароҳам оварда буданд, акнун бар ин кишвар фармонравоӣ мекунанд ва коре ба ҳоли мардуми мусибатзадаи либӣ, ки аз вайронии манзилҳояшон, ҷангу муноқишаҳои байниқавмию мазҳабӣ, бедодгарию қатлу ғорати ҷиноятқорон азият мекашанд, надоранд.

Солҳост, ки дар Яман ҳарҷу марҷи хунин ва ҷанги ҳама зидди ҳама идома дорад. Ин кишвари муҳими арабӣ, ки имрӯз иқтисодаш варшикаста аст ва дар он 800 ҳазор кӯдак аз гуруснагӣ азият мекашад ва сеяки аҳолӣ зиндагии нимсерона доранд, дар остонаи фурӯ рехтан қарор дорад.

Мусибатҳое, ки дар тӯли панҷ соли охир ба сари мардуми бахтбаргаштаи Сурия омадааст, берун аз қудрати баён аст. Созмони Милали Муттаҳид вазъияти паноҳандагони суриягиро яке аз бузургтарин фоҷиаи башарӣ дар асри ҳозир баршумурдааст. Бар асоси омори комиссияи босалоҳияти аврупоӣ, ки дар моҳи июни соли 2015 мунташир шуд, 10,5 миллион нафар дар Сурия дар натиҷаи буҳрони кишвар ниёзманди кумакҳои башардӯстона ҳастанд. Наздик ба 7 миллион нафар дар дохили Сурия оворaю бепаноҳу саргардон шудаанд ва ҳудуди 3 миллион нафари дигар низ ба кишварҳои дигар гурехтаанд. Ҳамчунин тақрибан 160 ҳазор шаҳрванд кушта шуда ва ҳазорон нафари дигар захмӣ шудаанд, ки бештари онҳо зану кӯдаку пиру бемор мебошанд.

Аврупо, ки то дирӯзи наздик амнтарин минтақаи ҷаҳон ба шумор мерафт, имрӯз дар маркази хатари террористӣ қарор дорад. Амалҳои террористӣ дар Фаронса ва дар ҳамин наздикиҳо дар Белгия эҳсоси амниятро аз шаҳрвандони кишварҳои Аврупо рабудаанд. Унсурҳои террористӣ, ки ҳамроҳ бо селоби оворагон ва бо худро гуреза намоёндан вориди хоки Аврупо шудаанд, сафи гурӯҳҳои махфии террористони байналмилалиро, ки дар ҳар кишвари ғарбӣ вуҷуд доранд, пур мекунанд. Ҳадафи онҳо бесубот кардани авзои кишварҳои аврупоӣ ва иҷрои силсилаи амалҳои террористӣ аст. Аммо, ба таври куллӣ, ҳадафи онҳое, ки дар пушти пардаи созмонҳои террористӣ қарор доранд, ба ҷаҳониён намоиш додани ин воқеияти хатарбор аст, ки имрӯз терроризми байналмилалӣ ба яке аз марказҳои қудрати ҷаҳонӣ табдил гаштааст.

Дар ҳоле, ки ниҳодҳои низоми ҷаҳонӣ, монанди Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, НАТО ва дигар созмонҳо, натавонистаанд ҷаҳонро ба субот расонанд, дар ҳамин ҳол исломгароёни мутаассиб ва ифротӣ ба созмонҳои неруманд табдил шудаанд ва вориди саҳнаи сиёсии ҷаҳон гардидаанд ва ҳатто давлати дурӯғини худро бунёд ниҳодаанд. Онҳо артиши муназзам, шуъбаю филиалҳои густурда дар тамоми ҷаҳон ва шабакаҳои муҷаҳҳази иттилоотӣ доранд. Пас суол ба миён меояд, ки террористон, ки ба ҷуз қатлу хунрезию харобкорӣ коре аз дасташон барнамеояд, оё метавонанд бидуни кумаки молӣ аз берун ин ҳама воситаю васоили низомию техникию фановариро дошта бошанд?

Ва аҷиб ин аст, ки ин ҳаводис замоне рух медиҳад, ки башарият дар илму фановарӣ ба сурати беназир пешрафт карда, ба маънои томи калима сар ба фалак кашидааст, яъне киштиҳо ва мушакҳои кайҳонӣ ба жарфои фазо фурӯ рафта, дастгоҳҳои сайёрагард паҳнои Моҳу Миррихро менаварданд. Дар сояи пешрафти илмию фановарӣ саноати ҳарбӣ низ тавсеа ёфта, артишҳои кишварҳои мутараққӣ аз силоҳҳои фавқулода дақиқ ва дигар лавозимоти ҳарбию техникии дорои коромадии боло бархӯрдор ҳастанд. Пас оё боваркарданӣ аст, ки бо ин имконият ва бо чунин силоҳҳо зӯри эътилофе, ки аз неруҳои ҳарбии зиёда аз 60 кишвар иборат аст ва зери роҳбарии қудратмандтарин созмони низомии НАТО фаъолият мекунад, ба тӯдае аз террористон нарасад?...

Вақте пас аз поён шудани ҷанги сард мунодиёни демократия ба тамоми ҷаҳон аз рӯи кор омадани як «низоми навини ҷаҳонӣ» навид медоданд, дар дили аҳли башар умед ба зиндагии хубу беҳтар, шуғли саросарӣ, дастрасии озод ба иттилоот, ҳамгироиву ҳамдигарфаҳмии беҳинаву беҳтари миёни фарҳангҳо ва тамаддунҳо ва, албатта, ба сулҳу амнияти ҷаҳонӣ зинда шуда буд. Аммо ба ҷои он чи ваъда шуда буд, имрӯзҳо иқтисоди ҷаҳонӣ беш аз ҳар даврони дигаре талотумитару бесуботтар, нобаробарӣ байни қишрҳои гуногуни ҷомеаҳо шадидтар ва шикофи иҷтимоию иқтисодии миёни кишварҳои пешрафта ва нобархӯрдор жарфтар гаштааст.

Бар асоси тозатарин гузориши мунташиршуда дар бораи ихтилофи табақотӣ дар ҷаҳон, 1 дарсади мардуми ҷаҳон 99 фисади сарвати дунёро дар ихтиёр

дорад. Дар ин гузориш инчунин омадааст, ки дар ду даҳаи гузашта ба таври тақрибан доимӣ сарватмандон сарватмандтар шудаанд ва фақирон фақиртар. Ва ин дар ҳолест, ки ҳар рӯз наздик ба 800 миллион нафар одамон гурусна сар бар болин мегузоранд ва ҳудуди 980 миллион нафар гирифтор ба фақри мутлақ ҳастанд, яъне қудрати харидашон дар як рӯз камтар аз 1 доллар аст. Дар бисёре аз кишварҳо аксарияти мардум аз омӯзишу таълиму тарбия бархӯрдор нест.

Гарчи дар ҷаҳони имрӯз ҷанг, фақр, оворагӣ, бесаводӣ бедод мекунанд, **аммо набояд гуфт, ки буҳрони ҷаҳони муосир танҳо инҳо ҳастанд, балки инҳо ҳама зода ва ҳосили буҳрони ахлоқӣ мебошанд.** Дар дунёи имрӯз арзишҳо ва ормонҳои инсонию иҷтимоӣ коҳиш ёфта, ҷои онҳоро фардгароии ифротӣ ва масрафгароии ифротӣ гирифтаанд.

Омили асосӣ ва муҳиме, ки бар суратпазирии чунин вазъият таъсири асосӣ дорад, таҳаммули беш аз андоза ва раводорӣ нисбат ба масъалаҳои ғайриахлоқӣ дар ҷомеаҳост. Дар солҳои охир ҷаҳонро буҳрони амниятӣ фаро гирифтааст, ки мумкин аст ба фурӯпошии баъзе аз давлатҳо охир шавад, **аммо он чи беш аз ҳар чизе дар дарозмуддат ҷомеаҳоро дучори шикаст хоҳад намуд, фурӯпошии ахлоқ аст.** Сатҳи болои ҷинояткорӣ, истифодаи маводи мухаддир, сукути ҷанин, ҳамҷинсгароӣ ва, баромада аз ин, фурӯпошии бунёди хонаводаҳо, аз байн рафтани арзишҳои маънавӣ, афзоиши шадиди бебандубории ҷинсӣ ва ҷиноятҳои вобаста ба он **масъалаҳое ҳастанд, ки бо гузашти замон ҷомеаҳо ва давлатҳоро аз дарун вайрон мекунанд.**

Бухрони муҳити зист яке дигар аз мушкилоти дунёи муосир ба шумор меравад. Дар ҷаҳони имрӯз ҷони ҷонварон ва гиёҳон ва зиндагонии дарози кӯҳҳо ва ҷангалҳо кӯчактарин арзише надоранд ва мардумони давлатҳо ба осонӣ даст ба нобудии ин сарватҳои беназири табиӣ мезананд. Ва ин ҳама – аз барои иқтисод!

Бино ба гузориши тозаи Бунёди ҷаҳонии табиат, аз 40 соли гузашта то кунун 52 дарсад аз шумори ҷонварони ҷаҳон, аз ҷумлаи хазандагону парандагон, кам шудааст.

Дар гузориши ин бунёди ҷаҳонӣ буридани дарахтони ҷангалҳо ва баҳрамандии нодуруст аз захираҳои табиии ҷаҳон, тавлиди гази карбон ва, дар натиҷа, гарм шудани кураи Замин аз сабабҳои нобудии ин ҷонварони безабон номбар шудааст.

Агар чунин муносибати ноoқилона ва бераҳмона идома ёбад ва дар роҳи пешгирии аъмоли харобиовари инсон нисбат ба муҳити зист иқдомоти муассире бардошта нашавад, дар солҳои наздик ҷаҳон бо мушкили бузурге рӯ ба рӯ хоҳад шуд, ки ҳатто мумкин аст ҳастии башар зери хатар қарор гирад.

Бисёре аз коршиносон ва сиёсатмадорони ҷаҳон бар ин назаранд, ки демократия дар дунёи Ғарб ба демократияи сарватмандон табдил шудааст. Бар тасдиқи ҳаққонияти чунин ақида президенти собиқи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷимӣ Картер дар рӯзномаи «Ню-Йорк Таймс» навиштааст, ки демократияи Амрико ба олигархия табдил гардидааст.

Донишмандони донишгоҳи Пристони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, бар асоси баровардҳо аз таҷзи-

яву таҳлили барномаҳои давлатии дар ин кишвар дар давраи солҳои 1981–2000 батасвибрасида, ба ин натиҷа расидаанд, ки дар даҳсолаҳои охир низоми сиёсии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз демократия ба олигархия табдил шудааст.

Роҳбари инқилоби Куба Фидел Кастро дар мусоҳибаи худ бо Фредерико Майор Сарагоса дар соли 2002 гуфтааст: «Дар ҷомеаи сармоядорӣ, бавижа дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ, тамоми ҳаёти умумиро ширкатҳои бузурги фаромиллӣ муайян мекунанд. Онҳо – чи дар бахши сармоягузорӣ ва чи дар муайян кардани самтҳои рушду тавсеа – тасмимгирӣ менамоянд. Танзими тавлидоти саноатӣ, пардохти хидматгузориҳои иқтисодӣ ва низ бахши бештари таъминоти иҷтимоӣ бар уҳдаи онҳост. Ҳукумат танҳо бо ҷамъоварӣ, сарф ва тақсими даромад аз андозҳо машғул мебошад. Дар бисёре аз чунин кишварҳо, агар тамоми ҳайати ҳукумат якбора ба рухсатӣ равад, касе дар сари кор набудани онро эҳсос намекунад».

Таҳлилгарони илмҳои сиёсӣ ва ҷомеашиносӣ бо баррасии моделҳои сиёсие, монанди низоми интихоботи можаритарӣ, бартарии нахбагони иқтисодӣ, чандандешии можаритарӣ ва ғайра, ба ин хулоса омадаанд, ки бештари ин роҳбурдҳои сиёсӣ махсус барои ҳифзи манфиатҳои олигархияи молиявӣ тарроҳӣ шудаанд ва сиёсати кишварҳои Ғарб – дар моҳияти худ – посухгӯи хостаҳои ширкатҳои бузург, муассисаҳои саноатию тиҷоратӣ ва анҷуманҳои сармоядорони касбӣ мебошад.

**Зиёда аз ин, дар миёни бисёре аз сиёсатмадорон, таҳлилгарон ва коршиносон дар саросари**

**ҷаҳон дидгоҳе густариш дорад, ки ҳарҷу марҷи дунёи имрӯз ба таври сунъӣ созмондиҳӣ мешавад ва ҳадаф аз мухолифатҳои геосиёсии муосир эҷоди як қудрати ҷаҳонии ҳоким аз роҳи таслим кардани миллатҳо, давлатҳо ва фарҳангҳо ба олигархияи ҷаҳонӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ мебошад. Зеро дар шароити ҳарҷу марҷ ба осонӣ мешавад давлатҳову миллатҳову афкори умумии аз таконҳо ва бесуботӣ хасташударо ба андешаи азнавсозии низоми ҷаҳонӣ ва зарурати ташкили давлати ҷаҳонӣ бовар кунонд.**

Олигархияи ҷаҳонӣ дар марҳалаи кунунӣ, дигар чун дар гузашта, танҳо табақаи болои буржуазия нест, балки маҷмӯи печидае аз ширкатҳо ва бонкҳои бузурги фаромиллӣ, созмонҳои бузурги байналмилалии молиявӣ, ниҳодҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатии таъсиррасон ба равандҳои сиёсӣ ва афкори умумӣ, конунҳои таблиғгарон ва назарияпардозони назми навини ҷаҳонӣ аст. Яъне гуфтан мумкин аст, ки **олигархияи ҷаҳонӣ ба як абардавлати нонамоёни таъсиргузор табдил шудааст.**

Имрӯз олигархияи молиявии ҷаҳонӣ ташкилдиҳандаи марказҳои молиявӣ, бонкҳои миллӣ ва фаромиллӣ, соҳиби ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ (Низоми арзии Ямайка, Бунёди байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ), таҷҳизоти хусусии чопи пул (Системаи захираи федеролии Амрико), шабакаи бунёдҳои илмӣ-оянданигарӣ ва ситодҳои махфии сиёсӣ ба шумор меравад.

Муҳимтарин шиори ин диктатураи молиявии ҷаҳонӣ «пул ба ҳар кор қодир аст» мебошад, ки бунёду пояи тамоми фаъолиятҳои ин ҳокимиятро ташкил

медиҳад. Олигархияи молӣ, ки то имрӯз ҳамаи арзҳои миллӣ ва иқтисоди ҷаҳониро ба доллари амрикоӣ вобаста кардааст, ҳаргиз намегузорад, ки кишваре ё созмоне ин назмро ба чолиш кашонад.

Ҳамон тавр ки маълум аст, муҳимтарин низоми пулии ҷаҳонӣ Низоми арзии Ямайка аст. Моҳияти Низоми арзии Ямайка истифода аз пули миллии баъзе аз кишварҳо ҳамчун пули ҷаҳонӣ барои барқарории равобити молиявии байни кишварҳо мебошад. Пеш аз ҳама, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва, ба андозаи камтар, Иттиҳоди Аврупо, Британияи Кабир, Япония, Швейтсария аз ҷумлаи ин кишварҳо ҳастанд. Арзҳои онҳо арзҳои резерв номида мешаванд. Ҳамаи кишварҳои дигар дар амал ба василаи Низоми арзии Ямайка истисмор мешаванд.

Аз ин рӯ, ин кишварҳо арзишҳои моддии кишварҳои дигарро бо пули миллии худ мехаранд, ки тавассути бонкҳои онҳо «ҳеҷ чиз» содир мешавад. Ба ибораи дигар, тамоми «ҷаҳони боқимонда» ба содиркунандагони арзҳои резерв боҷе мепардозанд, ки байни кишварҳои «тавсеаёфта» тақсим мешавад.

Миқёси ваҳшатноки ин боҷ аз он ҷо равшан мешавад, ки бино ба бархе баровардҳо, ҳаҷми арзи амрикоӣ дар хориҷ аз сарзамини Амрико ба 400 триллион доллар мерасад. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҳамин маблағ ёрона (дотатсия) дарёфт кардааст. Ин асоси сарвату қудрати ин кишвар ва сатҳи болои зиндагии ҳамаи кишварҳоест, ки дар тақсими ин ёрона даст доранд.

Ин низом, ки муҳимтарин механизми ҷаҳонии баҳрабардории молиявӣ аз кишварҳои ҷаҳон аст, на

ба худи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, балки ба низоми молиявии ҷаҳонӣ ё, ба ибораи дигар, ба олигархияи ҷаҳонӣ иртибот дорад.

Олигархияи ҷаҳонӣ ҳаргиз нахоҳад гузошт, ки кишварҳо ва сарзаминҳое, ки манбаи маводи хоми арзон мебошанд, яъне дар маркази манфиатҳои ширкатҳои фаромиллӣ ва давлатҳои Ғарб қарор доранд, сиёсати мустақили иқтисодию пулӣ дошта бошанд.

Аз солҳои 90-уми садаи XX поксозии густурдаи ҳавзаи сотсиалистӣ, ҳамаи норозиёни назми ҷаҳонии тозаэҷодшудаи яккутбӣ ва фармонфармоии гурӯҳи сарватмандони бузург ва бонкдорон оғоз шуд.

Югославия – ба хотири талош барои интихоби роҳи рушди мустақил, дунбол кардани сиёсати мухтори молиявӣ ва маҳдуд сохтани гардиши доллар дар кишвар – ба васила «бомбаборонҳои башардӯстона» аз ҳам пора карда шуд.

Саддом Ҳусейн подоши талошҳои худро барои барпо сохтани «сотсиализми арабӣ», сарпечӣ кардан аз истифодаи доллар дар фурӯши нафт ва истиқлоли сиёсии шахсӣ ба қимати ба дор кашида шудан ва зеру забар гаштани Ироқ пардохт кард.

Муаммар Қаззофиро барои кӯшишҳояш дар роҳи ташкили Иттиҳоди Африқо, нияти роиҷ кардани арзи миллӣ – динорӣ тиллоӣ – ва даъватҳояш барои созмон додани неруҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Африқо сарнагун карданд.

«Гуноҳ»-и Сурия дар пеши довталабон ба ҳокимияти мутлақ ба тамоми сарватҳои ҷаҳон ин аст, ки намегузорад ширкатҳои фаромиллӣ сарзаминашро – бо истифода аз мавқеияти вижаи ҷуғрофии он – ба

майдони мубориза дар бозори газ табдил диҳанд. Ба ҳамин сабаб аст, ки ҳазорҳо муздурони мусаллаҳи хориҷӣ барои сарнагун кардани ҳукумати қонунӣ вориди ин кишвар шуда буданд.

Дар шароите, ки дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон мардум дар фақру тангдастӣ зиндагӣ мекунанд, миллионҳо оилаҳо бехонумон ҳастанд ва садҳо миллион одамон аз бекорӣ, гуруснагӣ, оворагӣ, беморӣ ранҷ мебаранд, маблағҳои ҳангуфт ба лашкаркашиҳои бузург, ки дар раванди онҳо ҳазорҳо мардум кушта ва ободиҳо ба вайронӣ мерасанд, сарф мешаванд. Агар мудохила намудан ба корҳои давлатҳои мустақил аз хулуси ният анҷом мешавад ва ҳадаф аз он беҳтар кардани шароити зиндагии инсонҳост, оё дурусту мантиқӣ нест, ки кишварҳое, ки худро муҳофизи сулҳ, демократия, ҳуқуқи башар, озодии баён ва ғайра дар тамоми ҷаҳон мехонанд, ин маблағҳои бузургро барои рушду тавсеаи иқтисодии кишварҳои нобархӯрдор, ташкили ҷойҳои кор, бунёди бемористонҳо, мактабҳо ва ҳаллу фасли даҳҳо мушкили дигар, ки воқеан иқдомҳои башардӯстона мебошанд, сарф кунанд? Аммо посухи ин пурсишҳоро, ки дар мағзи аксари бошандагони солимақли рӯи Замин мечархад, онҳое медонанд, ки аз вазъияти буҳрониву фалокатбори мавҷуд ҳеҷ ранҷ намебаранд, балки ин вазъият ба коми онҳост. Ва он посух ин аст, ки **дунёи имрӯзаи яққутбӣ дар ҳукми пул аст. Яъне дар ин дунё пул ҳоким аст ва шарафу ахлоқу маънавият ва раҳму шафқату адолат тақрибан аз байн рафтааст. Ҳуқуқи байналмилалӣ ҳам, мисли дигар вижагиҳои ҷаҳони дуқутбӣ, нобуд шудааст.**

Ҷорҷ Стемп, ки солҳои 1928-1941 дар мақоми раиси Бонки Англия ифои вазифа кардааст, гуфтааст: «Низоми бонкии кунунӣ аз ҳеҷ чиз пул месозад... Судхӯрон ҳосили беқонунӣ ва зодаи фасод ҳастанд. Ҳамаи ҷаҳон ба бонкдорон тааллуқ дорад. Тасаввур шавад, ки агар ин қудрати азимро аз онҳо бигиред, вале фақат қудрати бо як ҳаракати қалам эҷод кардани пулро гузоред, онҳо метавонанд дубора ҷаҳонро бихаранд».

Харидани дубораи ҷаҳон аз муддате пеш оғоз шудааст ва нахбагони молиявии ҷаҳон барои расидан ба ҳадафи ниҳоии худ акнун аз стратегияи тозаи «неруи нарм», ки то имрӯз дар Ховари Миёна ва Украина мавриди озмоиш қарор гирифтаву «натиҷаи матлуб» ба бор овардааст, истифода мекунанд.

Шумораи қобили мулоҳизае аз таҳлилгарон бар онанд, ки гӯё баргузоркунандагони «баҳори арабӣ» ба ин далел, ки дар кишварҳои мавриди татбиқи назарияи инқилоби ранга ба ҷои намояндагони инқилобчиён неруҳои ифротӣ сари қудрат омадаанд ва низ ин инқилобҳо ба ҷаҳони ислом хунрезию вайронию парокандагии нажодию мазҳабӣ овარданд ва дар инсонҳо эҳсосоти манфури табъизу бадбинию душманиро бедор карданд, бо шикаст рӯ ба рӯ шудаанд. Аммо касе метавонад ба исбот расонад, ки ҳадафи асосии пуштибонҳои инқилобҳои ранга маҳз ба вуҷуд овардани ҳамин авзои пурҳарҷу марҷ ва рӯи кор овардани ифротгарони динӣ набудааст?...

Стратегияи «неруи нарм» маҷмӯи равишҳоест, ки барои сарнагун кардани режимҳои нохушоянд тавассути неруи дохилии кишварҳо ба кор гирифта

мешаванд. Стратегияи «неруи нарм» бар хилофи ҷангҳои «гарм» ва «сард» на бар мабнои фармонравоии ҷаҳонӣ, балки ба пешдории (лидерии) ҷаҳонӣ ва бар шиори демократия устувор аст. Пуштибонҳои инқилобҳои ранга ҳимояти худро аз инқилобчиён аз ҷомеаи ҷаҳонӣ пинҳон намедоранд. Мақоми волою шарифи худашон ба худашон таъйиннамуда ва дар муҳимтарин ҳуҷҷатҳо тасвибшудаи «дифоъкунандагони асосии озодӣ, демократия ва ҳуқуқи башар дар тамоми ҷаҳон» онҳоро «вазифадор» менамояд, ки ба «муборизон»-и роҳи озодӣ, демократия ва ҳуқуқи инсон дар ҳамаи кишварҳо кумаку дастгирии худро дареғ надоранд.

Силоҳҳои «неруи нарм» аз фановариҳои воло гирифта, то рӯзномаҳо мебошанд. Бахши муҳими «неруи нарм» ҷанги иттилоотӣ аст. Дар шароити кунунӣ нерумандии силоҳҳои ҷанги иттилоотӣ ҳатто нисбат ба даҳ сол пеш садҳо баробар бештар шудааст. Империяи расонаӣ, ки ҷузъи ҷудонопазири олигархияи ҷаҳонӣ мебошад, зарродхонаи асосии силоҳҳои ҷанги иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Шабакаҳои иҷтимоӣ, алоқаи мобилӣ, телевизиони интернетӣ ва фановариҳои сиёҳи сиёсӣ аз василаҳои дигари ҷанги иттилоотӣ ба шумор мераванд.

Ин ҷангафзорҳоро, ки нахуст дар Югославия ва баъдан дар чанде аз ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ, кишварҳои Ховари Миёна, Африқои шимолӣ ва Украина аз озмоиш гузаштаанд, ҳамаи коршиносон ҳамчун неруи вайронгари хавфноке шинохтаанд, ки қодир ҳастанд дар ҷомеа падидаҳои бемориовар, буҳронҳои сунъӣ, эътирозҳои созмондодашуда, ҳарҷу марҷ,

сустии иродаи мардум, бемуқовиматӣ ба таҷовузро ба вуҷуд оваранд. Ин силоҳҳои иттилоотӣ дар заиф кардани пояҳои истиқлоли миллии давлатҳои дорои режимҳои номатлуб, барангехтани муноқишаҳо ва ҷангҳои шаҳрвандӣ аз ҳар дигар силоҳҳои оташфишон муассиртар мебошанд.

Ибораи «режимҳои номатлуб» дар ҷумлаи боло дорои маънои нисбӣ аст ва ба ҳамон низомҳои сиёсӣ гуфта мешавад, ки сарзаминҳои таҳти роҳбариашон мавриди алоқаи олигархияи ҷаҳонӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ қарор мегиранд.

Силсилаи инқилобҳои ранга, ки дар кишварҳои Ховари Миёна ва Африқои шимолӣ рӯй доданд, фақат зоҳиран худҷӯш буданд, аммо дар асл созмондодашуда. Ин, ба истилоҳ, инқилобҳо дар боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва пеш рондани онҳо ба сӯи демократия ҳеҷ саҳме ифо накардаанд. Дар ҳеҷ кишваре аз ин кишварҳо, на ин ки демократия, балки содатарин низоми сиёсие, ки қодир бошад амният ва зиндагии одии шаҳрвандонро таъмин намояд, рӯи кор наомадааст. Фақр, гуруснагӣ, бекорӣ, оворагӣ, ҷанг, террор инҳоянд армуғони инқилобҳо ба мардумони азияткашидаи ин кишварҳо. Ин мардумон чӣ гуноҳ доштанд, ки чунин тақдире насибашон шуд? Шояд гуноҳашон ин аст, ки дар сарзамини саршор аз сарватҳои табиӣ ба дунё омадаанд? Беҳуда нест, ки дар миёни иқтисоддонҳо ва сиёсатшиносон чунин гуфтори кинояомезе роиҷ аст: «Нафт хуни иқтисод, ганҷ ва мояи бадбахтии мардуми минтақаи нафтхез аст».

Коршиносону таҳлилгарон бар ин бовaранд, ки талошҳои оғозшуда барои баҳрабардорӣ аз сарватҳои

минтақаи Халиҷи Форс ҳанӯз аввали кор аст ва рӯёрӯйиҳои шадиди ҷонибдорон ва мухолифони назми навини ҷаҳонӣ бар мабнои тарҳҳои олигархияи ҷаҳонӣ дар пешанд...

Бо хости сарнавишт Тоҷикистони азизи мо замоне ба истиқлол расид ва вориди саҳнаи сиёсии ҷаҳон гашт, ки назми ҷаҳонии тоза яккутбишуда бо ҷиддият барои афзудан ба муҳимтарин дастоварди худ – пора кардани Иттиҳоди Шӯравӣ – талош меварзид. Мутаассифона, Тоҷикистон – дар баробари чанде аз минтақаҳои Федератсияи Россия – дар маркази диққати тарроҳони барномаи дар он замон ҳоло тозаи «исломисозӣ» қарор гирифт.

Имрӯз аз касе пӯшида нест, ки он доираҳои муайяни ҷаҳонӣ, ки паси пардаи «исломисозӣ» қарор доранд, ҳам ба дини ислом ва ҳам ба ифротиёни исломӣ назари хуб надоранд. Барои онҳо назарияи «исломисозӣ» ва истифода аз ифротиёни исломӣ танҳо барои эҷоди «ҳарҷу марҷи ҳидоятпазир» лозим ҳастанд. Барои ин доираҳо маълум шуд, ки идораи ҳарҷу марҷ мувофиқтар ва судовартар аз идораи назм аст. Назарияпардозоне, ки дар хидмати ин доираҳо ҳастанд, ҳатто як назарияи комили «ҳарҷу марҷи ҳидоятпазир ва созанда»-ро ба вуҷуд овsecurand.

Осиёи Марказӣ бо захираҳои бузурги манбаъҳои маводи тавидкунанди неру ва манбаъҳои маъданӣ ва бархӯрдор будан аз вазъияти ҳамлу нақлии бартар аз муддатҳо пеш ба нуқтаи баҳамрасии манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии бозигарони бузурги сиёсати ҷаҳонӣ табдил гардидааст.

Ба навиштаи Ҳалфред мак Киндер Осиёи Марказӣ бахше аз қалби Авроосиё (Ҳортланд)-ро ташкил медиҳад. Ба андешаи ин назарияпардоз, «касе, ки Ҳортландро назорат мекунад, Авроосиёро назорат мекунад. Касе, ки Авроосиёро назорат мекунад, бар тамоми ҷаҳон назорати худро барқарор менамояд».

Тоҷикистон барои ин ҳам ба сифати нуқтаи оғози барқарории назорат ба «қалби» Авроосиё баргузида шуд, ки дар кишвари мо, мутаассифона, чанд омил ба ҳам танида, заминаро барои баргузории як озмоиши хунин муҳайё карда буд. Дар он солҳои фоҷиаборе, ки империяи Шӯравӣ тоза ба суқут расидаву сардамдорони назми навини ҷаҳонӣ фикри бозтақсими пораҳои парешони Иттиҳоди Шӯравиро дар сар мепарваронданд, Тоҷикистон бо роҳбарияти нокоромадаш, ки дар баробари ошӯби моҳи феврали соли 1990 бечора монда буд, бо парешонии сиёсӣ, мафкуравӣ ва ақидатии ҳоким бар ҷомеа, бо дар ҳамсоягӣ доштани кишвари Афғонистон – сарзамини ноамн ва таҷаммуи силоҳу неруҳои ифротӣ – туҳфаи осмонӣ буд. Аммо бештар аз ҳама ин омил, ки ҳизби исломӣ, пас аз солҳои тӯлонии фаъолияти пинҳонӣ, рӯи саҳнаи сиёсии ҷумҳурӣ омадаву ба фаъолтарин ҳизб ва довталаб ба қудрати сиёсӣ табдил шуда буд, Тоҷикистонро дар пеши назари коргардонҳои саҳнаҳои мунокишаҳои сиёсӣ «ҷолиб» ҷилва медод.

Тазоди таърихӣ ин аст, ки дар миёни миллати тоҷик, ки поягузори давлатҳои бузург бо фарҳангҳои сиёсии устувор бар асли башардӯстона ба шумор меравад, миллате, ки фарзандони нобиғааш дар ҳамаи давру замон бо чароғи маърифати хеш равшангари

роҳи инсоният будаанд, дар поёни асри XX тӯдае одамоне пайдо шуданд, ки хостанд дастовардҳои бузурги сиёсию иҷтимоию фарҳангии як давраи томро, ки тайи он ҷомеаи тоҷик ба як ҷомеаи сарҷамъ ва бархӯрдор аз фарҳанги пешрафтаи сиёсию иҷтимоию иқтисодӣ табдил гардида буд, ба нестӣ баранд ва мардумро ба тартиботи асримиёнагӣ кашонанд.

Дар адабиёти густурдаи бахшида ба ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бисёре аз муаллифон, ба таври афзун хориҷиён, иддао мекунанд, ки ин ҷанг ҷанги байниқавмӣ буд, яъне муноқишае буд, ки бар пояи маҳалгароӣ ва минтақагароӣ дар гирифта буд. Ин иддао комилан нодуруст аст. Ҳам дар замони ин ҷанги нангин ва низ имрӯз ҳама медонистанд ва медонанд: тарафҳои баҳамзидди ҷанги дохилӣ ба таври кулли исломгароён, ки ақаллияти ночизро дар кишвар намояндагӣ мекарданд ва мехостанд қудрати сиёсиро дар Тоҷикистон ба даст оваранд ва неруҳои ҷонибдори ҳукумати қонунӣ буданд, ки намехостанд исломгароён низоми мардумсолорӣ ва дунявии ҷумҳуриро, ки баёнгари хостаҳои ҳаддиаксари мутлақи мардуми кишвар буд, бо тартиботи ғайридемократӣ ва зиддитамаддунии исломи ифротӣ иваз намоянд. Чи дар ҷониби исломгароён ва чи дар тарафи неруҳои ҷонибдори ҳукумати қонунӣ намояндагони ҳамаи маҳаллу нуқоти Тоҷикистон ширкат доштанд. Албатта, ҳадди аксари афроди ҳар ду ҷонибро намояндагони ин ё он минтақаи кишвар ташкил медоданд, ки сабаби он, аз як тараф, наздикии ҷуғрофӣ ба маркази ҷумҳурӣ бошад, аз тарафи дигар, мафкураи таърихан ташаккулёфтаи муҳофизакории динии намояндагони ин ё он минтақа буд.

Бино бар ин, барои насли ҷавони кишвар ва наслҳое, ки баъдан ба дунё меоянд, донистани ин ҳақиқат муҳим аст, ки ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон на бар мабнои маҳалгароиву минтақагароӣ, балки бо таҳрики неруҳои беруна ва аъмоли зишти ҷонибдорони низоми динии ифротӣ ба вуқӯъ пайвастааст. Ин ҷанге буд, ки дар он даврони ҳарҷу марҷи охирин солҳои ҳукумати шӯроҳо ва солҳои аввали пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳар ҷумҳурие аз ҷамоҳири Шӯравӣ метавонист дар гирад ва шояд ҳам харобиовартар аз ҷанги рухдода дар кишвари мо гардад. Ва худи ин далел, ки ҷанги дохилии даргирифта дар кишвари мо ба рӯёрӯйии фарогир мубаддал нагардид, далели равшани он аст, ки ин ҷанг ба ҳеҷ рӯ ҷанги маҳал зидди маҳал набуд.

Бар хилофи ақидаи аз ҳар ҷиҳат нодурусти бархе муаллифон, ки халқи моро бо истинод ба ҷанги дохилӣ нобархӯрдор аз ваҳдати миллӣ нишон медиҳанд, маҳз пайванди маҳками мардумӣ ва ҳамбастагии устувори таърихӣ ба миллати мо кумак кард, ки аз бемории дар он замон барои ҳамаи халқҳои шӯравӣ хоси бемайлии сиёсию иҷтимоӣ зуд раҳо гардида, зимоми умури давлатро ба дасти худ бигирад ва ба ҷанги нангини бародаркушӣ поён бахшад. Маҳз бо даъвати қотеона ва ширкати фаъолонаи мардуми ҷумҳурӣ дар шахси коргарону деҳқонон, зиёиён, кормандони сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, созмонҳои собиқадорон, занон, ҷавонон ва талоши шахсиятҳои сарсупурдаи миллат, онҳое, ки ҳеҷ мансаберо дар мақомоти роҳбарии ҷумҳурӣ соҳиб набуданд, роҳиҳалҳои коромад ба

мансаи зуҳур падид омаданд ва, дар ниҳоят, бо барқарории ҳукумати қонунӣ анҷом пазируфтанд. Худи ба сари қудрати сиёсӣ интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон намунаи равшани воқеиятёбии ҳаққи мардум ба ҳокимият аст, ки бунёдитарин меъёри демократия ва Эъломияи ҳуқуқи башар ба ҳисоб меравад.

Маҳз бархӯрдории миллати тоҷик аз фарҳангу фалсафаи ҳамбастагӣ ва рафтори иҷтимоии дар тӯли асрҳо ташаккулёфтаи мушорикат дар ҳаллу фасли масоили мубрами ҳаёти умумӣ имкон дод, ки дар замони кӯтоҳтарин пас аз поён бахшидан ба ҷанги дохилӣ бинои муҳташами давлатдории навинро поягузорию устувор намоем ва дар тамоми ҳавзаҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоию иқтисодию фарҳангӣ ба пешрафтҳои беназир даст ёбем.

Олимону муҳаққиқон – бар пояи омӯзиши асноди таърихӣ – собит намудаанд, ки тафаккуру таҷрибаи назарияи мардумсолорӣ – муддатҳо пеш то барқарории аввалин демократия дар Юнон – дар давлати Ҳахоманишӣ ривоҷ доштааст. Ин баровард бисёр шоёни таваҷҷуҳ аст ва нишон медиҳад, ки бисёре аз падидаҳое, ки дар дунё ба номи юнонӣ маъруф шудаанд, хостгоҳи ориёӣ доштаанд.

Дар таърихи гузаштаи мо, ҳамон тавр ки Ҳеродот нақл кардааст, мардум шоҳони худро интихоб мекардаанд. Дар низоми шоҳаншоҳии ориёиёни бостон низоми мардумсолорӣ ба тавре ривоҷ доштааст, ки ҳар шаҳрбон дорои дабире будааст, ки ӯ нозир ва миёнҷӣ байни шаҳрбон ва шоҳи бузург будааст, то аз аҳволу мушкили мардум бохабар бошанд. Инчунин дар ҳар деҳи кишвар мардум сарвареро, ки онро

деҳгон ном мебурдаанд, интихоб мекардаанд. Деҳгон бо танзими корҳои русто, ҷамъоварии андоз, доварӣ барои ҳалли ихтилофҳо миёни кишоварзон ва заминдорон ва амсоли инҳо машғул мешудааст.

Ҳахоманишиҳо, бар хилофи дигар подшоҳони Шарқи бостон, рафтору бархӯрди мадороҷӯёна бо тамоми қавмҳою нажодҳо доштаанд ва ҳатто маъбаду калисоҳои кишварҳои мухталифро, ба мисли ибодатхонаҳои Бобул ва Яҳудистон, дубора барқарор намудаанд. Бавижа, асосгузори давлати Ҳахоманишӣ Куруши Бузург бо додгустарӣ ва мардумдории худ шуҳрати зиёде пайдо карда буд. Форсҳо ӯро «ниёи бузург», бобулиҳо «пайғамбари худои Мардук», юнониҳо «марди бузурги давлатӣ» ва яҳудиён «наҷотбахши худо Яҳва» номидаанд. Дастури ҳуқуқии Куруши Бузург, ки аввалин «Эъломияи ҳуқуқи башар» ба ҳисоб меравад, аз сиришти озода ва адолатпарвари аҷдоди мо сарчашма мегирад.

Яке аз вижагиҳои ҷолиби ориёиён дар тӯли таърих дилбастагӣ ва вафодорӣ ба фарҳанги миллӣ ва расму оинҳои дерини хеш аст. Пас аз фурӯпошии давлати Сосониён бисёре аз одобу оинҳои куҳани зиндагии ориёӣ, аз қабили ҷашнҳо, мусиқӣ, хӯроку пӯшок, саргармию бозиҳо, ҳамчунон зинда ва мавриди пайравӣ боқӣ монданд ва баъд аз гузашти замоне дар Давлати Сомониён идома пайдо карданд.

Фурӯпошию шикасти сиёсӣ ва низомӣ ҳамеша бо заволу нобудии иҷтимоиву фарҳангӣ ҳамроҳ нест. Гоҳе бар асари нокоромадии ҳукуматҳо ва ноуҳдабароии ҳокимони як сарзамин низоми сиёсӣ фурӯ мерезад, аммо ҷомеа ва фарҳанги он сарзамин ба сабаби

бархӯрдорӣ аз пӯёӣ метавонанд роҳи худро дар масири таърих идома диҳад. Ва ин сабаб дорад. Таҳқиқоти охири анҷомшуда дар илми генетика собит кардааст, ки маҳоратҳою истеъдодҳо ва ҳисси ҳувияти ниёгон аз масири генетикӣ ба вуҷуди наслҳои оянда интиқол мешаванд. Пажӯҳишгарон таъкид менамоянд: воқеаҳое, ки бо наслҳои гузашта рӯй додаанд, метавонанд бар рафторҳои наслҳои баъдӣ асар бигузоранд ва ин асарот дар шакли ҳофизаи генетикӣ ба наслҳои баъдӣ мунтақил мешавад. Ин хулосаи илмӣ, бидуни шак, ҳақиқат дорад. Ва ҳамаи мо – гузаштагону имрӯзиён – ҳалқаҳои занҷири наслҳо ҳастем ва таърихи аҷдодамон ба гунае бахше аз вуҷуди мо мебошад. Ҳамин бархӯрдорӣ аз вижагиҳои фарҳангӣ ва сиришти аҷдоди меҳрандеш, бахшоянда ва бекинаамон буд, ки мо, тоҷикон, бо аз дил берун кардани кинаву кудурат ба ҳаммеҳанони гумроҳшудаи худ, ки фиреби таблиғоти дурӯғи бегонагонро хӯрда, бо миллати худ мухолифат карда буданд, дасти оштӣ дароз кардем ва аз дари сулҳу сафо ворид шудем.

Озодагӣ, ростӣ ва мардумсолорӣ дар сиришти мо, тоҷикон, аст. Корномаи сиёсии Эмомалӣ Раҳмон, ки миллати тоҷик унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро ба ин сиёсатмадори беназири таърихи дерини миллати тоҷик эҳдо намуд, намунаи равшани бархӯрдории миллати тоҷик аз ҳунари волои давлатдорӣ ва фарҳанги сиёсии ниёгонамон мебошад.

На танҳо миллати ҳақшиноси тоҷик, инчунин бисёре аз сиёсатмадорони барҷастаи ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун сиёсатмадори тавоно ва давлат-

марди хирадманд мешиносанд ва эҳтиром мекунанд ва изҳор медоранд, ки ин шахсияти фавқулода ва фарзанди содиқи халқ дар ҳассостарин замон, он ҳангом, ки истиқлоли Тоҷикистон дар маърази таҳдиду хатар афтод, чархи фармони сафинаи кишварро ба даст гирифт ва тавонист, ки ба масобаи як наҷотдиҳандаи воқеӣ дар сояи тадбир, шуҷоат ва мардонагии худ Тоҷикистонро аз вазъияти сахту душвор хориҷ созад. Бахт ба Тоҷикистон ёр буд, ки шахсияте бо чунин иродаи азим, ҷуръати баланди сиёсию давлатӣ ва дурандешию идроки беназир роҳбарии кишварро дар даст гирифт. Танҳо мардонагӣ, шикебоӣ ва устувории Эмомалӣ Раҳмон мӯҷиб гардид, ки Тоҷикистон пора-пора нашуд ва имрӯз дар масири пешрафт қарор дорад.

Дар охири соли 1992 ҳангоме, ки Эмомалӣ Раҳмон ба садри роҳбарии ҷумҳурӣ расид, Тоҷикистони тозаистиқлолёфта кишваре буд бо дастгоҳи давлатии нокоромадшуда, бар асари ҷанги мусаллаҳонаю ақидаӣ пора-порагардида, бо иқтисоди комилан нобудшуда, бо муҳоҷирони бесару сомон ва мардуми ноумед. Ва Эмомалӣ Раҳмон бо диловарии асил дар замони кӯтоҳ тавонист ҳамаи сохторҳои давлатиро бозсозӣ ва устувор намояд, вазъияти сиёсиро ба субот расонад, хунрезиҳоро қатъ созад, ислоҳоти иқтисоди навини бозаргониро оғоз бахшад ва рифоҳу осоиши мардумро ба сатҳи дархӯр расонад.

Ҷасорат, тадбир ва азми қавии Эмомалӣ Раҳмон, бавижа ҳангоми баргузории музокирот бо мухолифин ва ҳалли мусолиҳатомези муноқишаи дохилии кишвар, бисёр арҷманд аст. Бо вуҷуди ин воқеият, ки

дар он солҳо дар миёни мардум хотираи бедодиҳои сарбозони «ҷиҳод» ҳанӯз тоза буд ва бисёриҳо аз такрори рӯёрӯиҳо нигарон буданд ва низ худи Эмомалӣ Раҳмон бо борикбинӣ ва ҳассосияти сиёсии хеш як навъ хатари нуҳуфтаеро аз ҷониби мухолифин дарк мекард, ба хотири сулҳу оромиш ва хотима бахшидан ба талафоти инсонӣ ба иқдоми беназир даст зад ва бо анҷом додани гузаштҳои қобили таваҷҷуҳ бо самимият ва хулуси ният бародарони шӯридаи худро ба Ватан фаро хонд. Барқарории сулҳ дар Тоҷикистон хизмати бузурги таърихӣ ва қаҳрамонии беназири Эмомалӣ Раҳмон аст, ки бо иродаи мардуми кишвар ба ҳақиқат пайваст ва заминаро барои пойдории истиқлоли миллӣ ва шукуфоии Ватани азизамон фароҳам овард.

Сиёсати комилан дақиқ, санҷида, оқилона, ҷасурона ва икдомҳои ботадбиронаи Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Тоҷикистон дар тӯли камтар аз дувуним даҳа ба як кишвари ободу шукуфо, ҷазираи сулҳу суботу амният, устувортарин дижи ваҳдати миллӣ ва тамомияти арзӣ, конуни қонунгарой ва мардумсолорӣ, бистари мусоиди бозсозиву инкишоф ва пешрафту тараққӣ мубадддал шудааст.

Оре, Эмомалӣ Раҳмон нақшеро, ки сарнавишт ба вай супурда буд, бо талоши комил ифо намуд ва на танҳо муосирон, балки наслҳое, ки баъд аз мо ба дунё хоҳанд омад, корнамоиҳои ӯро арзёбӣ хоҳанд намуд ва бар хилофи мо – муосирони ҳаводис – ба ин даврони таърихии пояндозӣ ва бунёду устувор сохтани Тоҷикистони навин бо нигоҳи нав ва аз дидгоҳҳои нав хоҳанд нигарист. Ва, бидуни шак, арзёбии онҳо аз ин

даврон ва хидматҳои бузурги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дархӯри мақому манзалати таърихии ин сиёсатмадори бузург хоҳад буд.

Ошносозии насли наврас бо сармояҳои миллӣ дар мисоли бузургон, ифтихорҳои миллӣ, донишмандон, ҳунармандон ва ашхосе, ки барои пешрафти кишвар дар тамоми ҳавзаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ хизматҳои шоён кардаанд, аҳамияти бисёр зиёд дорад.

Эҳёд, парвариш ва густариши ҳофизаи таърихии ҷомеа, бахусус дар мисоли касоне, ки дар марҳалаҳои таҳаввулоти бузурги таърихӣ роҳкушои пешрафтҳои миллӣ будаанд, омили бисёр муҳиме дар ҳифзи ваҳдати миллӣ, худбоварии ҷамъиятӣ ва заминасозӣ барои дастовардҳои ояндаи кишвар аст.

Дар ин замина пардохтан ба муаррифии чеҳраҳое, ки дар раванди устуворсозии истиқлоли давлатӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ нақши калидӣ доштаанд, аҳамияти вижа дорад. Зеро чунин шахсиятҳои бузург, илова бар нақши сиёсиашон, омӯзаҳои ахлоқӣ ва дастовардҳое дар зиндагӣ доранд, ки метавонанд барои тарбияи маънавии насли наврас дархӯри аҳамият бошанд.

Ҳоло насле по ба зиндагии фаъолонаи иҷтимоӣ гузоштааст, ки ҳам самара ва ҳам таҷаллии азимтарин рӯйдоди таърихи муосири миллати тоҷик – соҳибистиқлолии Тоҷикистон – аст. Ин насл, ки бо истиқлол по ба ҳастӣ гузоштаву бо ин истиқлол парвариш ёфтаву болидааст, акнун по ба пои ин истиқлол меравад. Ин насл, ки дар тӯли муҳимтарин

давраи шаклгирии давлатдории навин дар маърази паёмҳо ва хитобҳои сиёсию фарҳангӣ парвариш ёфтааст, омода мешавад, то ояндаро он гуна, ки аҷдоди накуноми мо мехостанд ва дар орзую рӯъёҳояшон медиданд, бисозад.

Нависандаи ин сатрҳо, ки китобҳои худро бештар бо хитоб ба насли ҷавон менависад, ин навбат низ кӯшидааст ба қишриояндасози ҷомеа аз пешрафтҳои беназири миллати тоҷик дар даврони навин дар мисоли бахши муҳимтарини ҳаёти сиёсии Ватани азизамон – сиёсати хориҷӣ, ки ба шарофати талошҳои боазамату арҷманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон тавсеаю ташаккул ёфтааст, сухан бигӯяд.

# Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Имсол миллати шарофатманди тоҷик 25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн мегирад. Ин ҷашн дар шароите таҷлил мегардад, ки мафҳуму ормонҳои истиқлол, озодӣ, демократия барои нахбагони сиёсӣ, зиёиён ва тамоми мардуми Ватани азизамон равшантар ва масири расидан ба ин ҳадафу ормонҳо мушаххастар шуда ва ҳаракати ҳамагонию пурнишот барои пешрафти кишвар дар тамоми заминаҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоию иқтисодию фарҳангӣ ва афзудан ба дастовардҳои беназире, ки давлат ва мардуми мо дар тӯли чаҳоряк қарн ба он ноил гаштаанд, идома дорад. Ва дар ин замина нақши сиёсати хориҷӣ ва дастгоҳи дипломатӣ бисёр калидӣ аст.*

Хотиррасон кардани ин ҳақиқат, ки расидан ба истиқлоли миллӣ дар охирин даҳаи садаи бист барои миллати тоҷик на оғози давлатдорӣ, балки бозгашт ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ аст, хеле муҳим мебошад. Тоҷикистони имрӯз ҳамчун давлати соҳибистиқлол шакли эҳёшудаи Давлати Сомониён аст, ки ба иллати ҳаводиси таърих зиёда аз як ҳазору сад сол пеш аз арсаи сиёсати ҷаҳонӣ фурӯ афтод. Давлати Сомониён, дар навбати худ, шакли идомаёфтаи Давлати Сосониён буд, ки низ замоне бар пояи усули давлатдории Империяи Ҳахоманишӣ бунёд гашта буд. Тоҷикони

Моваруннаҳр ва Хуросон, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ «порс» номида мешаванд ва дар замони ҳукмронии арабҳо номи «тоҷик»-ро гирифтанд, ҳамон ориёиҳое ҳастанд, ки ҳамеша омили давлатҳо ва империяҳои бузург буданд, ки дар дунёи бостон ба вуҷуд омадаву фурӯ пошидаанд.

Ҳамон тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон иброз доштааст, ифтихори тоҷикон аз решаҳои ориёии худ ҳаргиз маънои рӯҳияи истисногарӣ ё бартариҷӯӣ ё, бадтар аз ин, нажодпарастӣ доштани тоҷикон набуда, як ҳисси одии ба ҳар инсон хоси қаноатмандиву ризоят аз ҳувияти таърихии худ аст. Оё боиси ифтихору ризояти мо – тоҷикону эрониёну афғонистониён – нест, ки маҳз ниёгони мо – ориёиёни бостон – на танҳо поягузори давлатҳо ва империяҳои аввалин дар ҷаҳон, балки эҷодкори нахустин эъломияи ҳуқуқи башар мебошанд?!

Устувонаи Куруши Бузург, ки ҳамчун нахустин эъломияи ҳуқуқи башар шинохта шуда, дар соли 1971 Созмони Милали Муттаҳид онро ба ҳамаи забонҳои расмии Созмон мунташир кардааст, нишонаи он аст, ки ниёгони мо нахустин бунёдгузорони ҳуқуқи башар, яъне низоми демократӣ ва дипломатия дар ҷаҳон, ба ҳисоб меравванд. Дар бахше аз ин дастур аз забони Куруши Бузург омадааст: «Артиши бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд, нагузоштам ранҷу ноороҳатӣ ба мардуми ин шаҳр ва ин сарзамин ворид шавад. Онҳоро аз зери юғи асорат хориҷ сохтам, ба бадбахтиҳои онон поён бахшидам ва мо ҳамагӣ шодмона ва дар роҳи сулҳу оштӣ мақоми ба-

ланди худовандгори бузургро сутудем. Ман ҳамаи шаҳрҳоеро, ки вайрон шуда буданд, аз нав сохтам».

Фарҳанги инсондӯстӣ ва рӯҳияи некукории ориёиҳоро бисёре аз бузургони илму адаби ҷаҳон сутудаанд. Донишманд ва шоири баландовозаи олмонӣ Гёте сахт фирефтаи гуфтору сурудаҳои Зардушт буд ва ӯро марди бисёр бузург ва навиштаҳояшро шукӯҳманд бознамуд кардааст. Гёте Зардуштро хирадманде ба шумор меоварад, ки ҷаҳон камтар ҳаммонанди ӯро дидааст. Ӯ дар навиштаҳояш дар бораи Зардушт аз ӯ ҳамчун пешвои маънавие ном мебарад, ки ҳамвора дар андешаи хушбахтию осоиши мардум будааст ва ҷуз ростӣ ва покдилӣ сухан нагуфтааст.

Таърихнависи бузурги юнонии замони бостон Ҳеродот, ки пас аз асре аз даврони Куруши Бузург зиндагӣ кардааст, дар бораи ин абармард чунин менависад: «Ҳеҷ порсе ёфт намешавад, ки битавонад худро бо Куруш муқоиса кунад. Аз ин рӯ, ман китобамро дар бораи порсиён ва юнониён навиштам, то кирдорҳои шигифтангезу бузурги ин ду миллати азим ҳеҷ гоҳ ба фаромӯшӣ супурда нашаванд. Куруш сардори бузург буд. Дар замони ӯ порсҳо аз озодӣ бархӯрдор буданд ва бар бисёре аз миллатҳои дигар фармонравоӣ менамуданд, ба илова, ӯ ба ҳамаи миллатҳое, ки зери фармонравоии ӯ буданд, озодӣ мебахшид ва ҳама ӯро ситоиш мекарданд».

Файласуф ва таърихнигори аҳди бостон Ксенофонт дар бораи Куруш чунин навиштааст: «Куруш нобиғаи бузург, инсони воломаниш, сулҳталаб ва нексират буд. Ӯ дӯсти инсонҳо ва толиби илму ҳикмату ростӣ буд. Куруш ақида дошт: пирӯзӣ бар кишваре ин ҳақро ба ки-

швари ғолиб намедиҳад, ки ба ҳар зулму кори ғайриинсонӣ даст занад. Ӯ барои дифоъ аз кишвараш, ки ҳарсола мавриди тохтутози бегонагон қарор мегирифт, империяи қудратманд ва инсониро поя гузошт, ки собиқа надошт. Ӯ дар набардҳо кишоварзону афроди ғайринизомиро ба оташи ҷанг намекашонд. Ӯ миллатҳои мағлубро шефтаи худ кард, ба сурате ки қавмҳои шикастхӯрда, ки Куруш ононро аз дасти подшоҳони худкома наҷот дода буд, вайро худовандгор меномиданд. Ӯ бартарин марди таърих, бузургтарин, бахшандатарин, покдилтарин инсони ин замон буд».

Ниёгони мо аз замонҳои бостон ба кишварҳои ҳамсоя эҳтиром мегузоштанд ва истиқлоли онҳоро ба расмият мешинохтанд ва то замоне, ки кишваре бо сарзаминашон сари ҷанг намебардошт ва даст ба ғорату чаповули мардум намезад, бо он кишвар равобиту бархӯрди сулҳҷӯёнаву мадорохоҳона доштанд. Зеро ҷавҳари ахлоқию инсонии ориёиён покӣ, ростӣ, некӣ, бахшояндагӣ ва муносибати дӯстонаву самимона бо ҳамнавъон буд.

Ба гувоҳи таърих ва таҳқиқоти илмии анҷомшуда бар асоси бозёфтҳои таърихии бадастомада, нахустин бор дипломатияи байналмилалӣ дар ҷаҳон аз сӯи давлати Ҳахоманишӣ дар робита бо кишвари Юнон ба кор гирифта шуд ва дар он тамомии усули байналмилалӣ ва дипломатӣ риоят шудааст. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки бунёдгузорони дипломатияи сиёсии байналмилалӣ низ ниёгони мо будаанд.

Давлатҳои Ҳахоманишӣ ва Сосониён бо кишварҳои замонашон, аз ҷумлаи Юнон, Рум, Бобул, Миср, Ошур, Чин ва ғайра, равобит ва додугирифти

бозаргонӣ доштанд. Давлати Сомониён равобити тиҷоратии хориҷии фаъол бо Хазарҳо, Булғористон, Чин ва Рус дошт.

Овардани суханони **роҳбари Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 1922–1953 И.В. Сталинро**, ки яке аз огоҳтарин шахсиятҳои замони худ буд ва бар тавсифу таърифи миллате ё шахсе хеле кам сухан гуфтааст, лозим мешуморем: **«Тоҷикон миллати хоссе ҳастанд. Онон куҳантарин миллати Осиёи Миёна мебошанд. Маънои тоҷик тоҷдор аст. Ва тоҷикон арзанда будани худро ба ин ном собит кардаанд.**

**Дар миёни миллатҳои ғайрируси мусулмони Иттиҳоди Шӯравӣ тоҷикон танҳо миллати ғайритурк буда, эронинажод мебошанд. Тоҷикон миллате ҳастанд, ки андешаву фарҳангашон шоири бузурге чун Фирдавсиро зодаву парвардааст.**

**Тоҷикон дорои фарҳанги бостонӣ, истеъдоди баланди ҳунарӣ, ҳисси зариф ҳастанд, ки дар осори мусиқӣ, таронаҳо ва рақсу вашташон ошкор аст.**

**Тоҷикон як миллати ғайриодӣ, соҳиби фарҳанги бузургу қадимӣ ҳастанд ва дар шароити давлати шӯравии мо ононро ояндаи бузурге дар интизор аст. Ва кумак кардан ба онон дар ин амр вазифаи тамоми халқи Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад».**

Ҳақ ба ҷониби ин сиёсатмадори бузург аст. Мо, тоҷикон, бозмондагони ориёиён, Тоҷикистон – мероси муқаддаси ниёгонамонро бо корбурди ҳушу хираду фитрати фарҳангофаринӣ ва давлатофаринӣ, ки аз ниёгонамон ба мерос гирифтаем, дар роҳи расондан

ба ояндаи бузург қадам мезанем. Он ояндаи бузурге, ки оғозаш рӯзи 9 сентябри соли 1991 гузошта шудааст.

9 сентябри соли 1991 дар таърихи миллати тоҷик рӯйдоди бузургу хуҷастае ба вуқӯъ пайваст – Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли худро эълом кард ва ҳамчун давлати мустақил вориди саҳнаи сиёсии ҷаҳон гардид. Акнун роҳбарони ҷумҳурӣ ва нахбагони сиёсиро лозим буд, ки бо истифодаи комил аз ин фурсати мусоиди таърихӣ пояҳои давлати навбунёди худро устувор сохта, барои баровардани ниёзу ормонҳои мардум самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии давлатро – бар асоси анъанаю суннатҳои дерини давлатдории миллии хеш – тарҳрезӣ намоянд ва Тоҷикистонро дар масири рушду тавсеа пеш баранд.

Тоҷикон бо бархӯрдорӣ аз мероси бузурги фарҳанги давлатдорӣ, ки аҷдоди хирадмандашон якчанд давлатҳои бузурги дорои дастгоҳҳои муназзамро поягузорӣ кардаанд ва бо хиради азалӣ ва тафаккури созанда ҳамаи имконро доштанд, ки дар кӯтоҳтарин муддат дар роҳи табдил додани Тоҷикистон ба кишвари воқеан соҳибистиқлол – бо тамоми мушаххасоти давлати демокративу ҳуқуқбунёду дунявӣ – муваффақ шаванд. Аммо ҷанги шаҳрвандӣ, ки бо иғвою фитнаи бегонагон дар хоки муқаддаси Тоҷикистон даргирифт, ҳаллу фасли ин масъалҳои муҳимро ба таъхир андохт. Танҳо пас аз баргузории Иҷлосияи сарнавиштсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба сари қудрати сиёсӣ омадани Эмомалӣ Раҳмон бунёду устувор сохтани пояҳои давлатдории навин аз сар гирифта шуд.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 1992 ба марҳалаи гардиши куллӣ дар таърихи навини Тоҷикистон – даврони поягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати соҳибистиқлол, – оғоз бахшид. Ин марҳала дар таърихи навини Тоҷикистон ҳамчун марҳалаи талошҳои ҷиддӣ дар роҳи хотима бахшидан ба ҷанги бародаркушӣ, сарҷамъ намудани миллати тоҷик ва фароҳам овардани заминаҳои ваҳдати миллӣ, поя гузоштан ба низоми сифатан нави давлатдорӣ дорои аҳамияти бузург аст. Дар ҳамин давра буд, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун муҳимтарин ҳавзаи ҳаёти сиёсӣ, ба шакл гирифтан оғоз кард.

Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар равшан сохтани ҳадафҳои асосӣ ва усулҳои сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи миллии Тоҷикистон бисёр муассир ва корсоз аст. Вижагии сурату сират гирифтани сиёсати хориҷии Тоҷикистони навин ин аст, ки заминаи назариявии ин бахши муҳими ҳаёти давлатӣ на дар доираи коршиносон ва назарияпардозон, балки раҳораҳ, ҳангоми анҷоми фаъолиятҳои пурталошу пӯёи дипломатии Сарвари давлати Тоҷикистон эҷод шудааст.

Дар он шароити печидаву ҳассоси солҳои нахустини пас аз барқарории ҳукумати қонунӣ, ба тақозои вазъият ва ногузирии ҳарчи зудтар хотима бахшидан ба ҷанги бародаркушӣ, раҳо кардани кишвар аз бухрони сиёсию иҷтимоию иқтисодӣ Сарвари давлатро лозим меомад, ки барои эҷоди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, пеш аз ҳама бо Созмони Милали Муттаҳид, давлатҳои минтақа ва ҷаҳон, ба манзури дарёфти ку-

мак ва ҷалби пуштибонии онҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами ҳаёти давлатӣ сафарҳои зиёде анҷом диҳад. Бардоштҳо ва хулосаҳои Сарвари давлат аз ин сафарҳо асоси нахустин назарияи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи миллиро ташкил намуданд, ки онро Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 28 декабри соли 1993 аз минбари Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олӣ эълом дошт.

Бо вуҷуди ин ки дар солҳои баъд таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон санадҳои муайянсозанда ва танзимкунандаи усулҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар таҳия гардидаву ба тасвиб расиданд, ин ғояҳои бунёдии консепсияи сиёсати хориҷӣ аҳамияту арзиши вижаи худро то ҳол ҳифз намудаанд:

«Дар вақти таҳия сохтани консепсияи сиёсати берунии кишварамон мо бояд ба назар бигирем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геосиёсӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳафзаи сиёсӣ дохил мешавад.

*Ҳавзаи якум* Иттиҳоди давлатҳои мустақил аст, ки, бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш, ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоили ботинӣ дорад.

*Ҳавзаи дуввум* Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.

*Ҳавзаи севвум* фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро на фақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию

фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷалб мекунанд.

*Ҳавзаи чаҳорум* доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину оин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, *ҳавзаи панҷум* ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳириву ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд.

Ҳамагон медонанд, ки ҳар гуна сиёсати давлат дар ниҳояти кор дифоъ аз манофеи миллист. Пас, ҳадди ҳунари сиёсатмадорӣ дар арсаи ҷаҳон дарёфтани баланси оқилона ва одилонаи манофеи мухталифи давлатҳост.

Тоҷикистони тозаистиқлол, ки ҳамагӣ ду сол боз ба майдони муносиботи ҷаҳонӣ ворид шудааст, дар бахши фаъолияти байналхалқӣ – чи сиёсату чи тиҷорат – таҷрибаи кофӣ надорад. Бино бар ин, ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷиамон, хусусан аввалияти ину он тадбир ё ташаббуси байналхалқӣ, моро зарур аст, ки манфиат ё ниёзҳое, ки дар ҳавзаҳои мазкур дорем ва ё хоҳем дошт, ба ҳам муқобил нагузорем. Албатта, чун мо ба ҳавзаҳое низ дохил мешавем, ки сурату сирати минтақавӣ доранд, моро зарур аст, ки сиёсати минтақавӣ (чунончи, дар ҳудуди Осиёи Марказӣ) ҳам дошта бошем, вале набояд ба минтақагароӣ роҳ дод, ки он фақат ба ҷудоию тафриқаҷӯиҳои нохуши сиёсӣ оварда метавонаду бас».

Дипломатияи тоҷик дар тӯли давроне пас аз иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ки ин нуктаҳои бунёдии сиёсати хориҷӣ баён гардида буданд, ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст ва тибқи сиёсати усулии «дарҳои боз» равобит ва ҳамкориҳои густурда ва мутақобилан судмандро бо ҳамаи кишварҳои ҳавзаҳои мазкур ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон ба роҳ мондааст. Натиҷаи чунин сиёсати ҳамгирой ва мутавозин аст, ки имрӯз Тоҷикистон узви созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва байналмилалӣ буда, бо зиёда аз 140 мамлакати дунё ҳамкориҳои иқтисодиву технологиву фарҳангиро ба роҳ мондааст.

Роҳи пурифтихори тайкардаи кишвари азизи мо ва дипломатияи тоҷик тайи замоне камтар аз чаҳоряк аср таҳти роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон роҳи ҳамвору осонгузаре набуд.

Дар охири соли 1992, вақте ҳукумати қонунӣ сари кор омад, ба сабаби вазъи ошуфтаи сиёсию низомӣ, ки аз баҳори он сол ба амал омада буд, Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷангзада ба тамоми ҷаҳон муаррифӣ гардида буд ва бисёре аз кишварҳои дунё аз барқарории равобит бо кишвари мо худдорӣ мекарданд. Ва он шумори хеле ками намояндагиҳои дипломатии баъзе аз давлатҳо, ки дар Душанбе ба кор оғоз карда буданд, низ ба мулоҳизаи амният бисоташонро барчида буданд. Илова бар ин, ба мӯҷиби таблиғоти мухолифин, Тоҷикистон он вақт дар зеҳни ҷаҳониён «ҷазираи коммунистӣ»-е буд, ки «роҳбаронаш мардумро дар панҷаи оҳании идеологияи коммунистӣ нигоҳ дошта, онҳоро аз ҳар гуна озодиҳои демократию мазҳабӣ маҳрум кардаанд». Аз ин рӯ, созмонҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналми-

лалӣ ба роҳбарияти ҷумҳурии мо бо як навъ шубҳа менигаристанд.

Дар чунин вазъият роҳбарияти ҷумҳуриро лозим буд, ки бароиислоҳи чеҳраи бо дурӯғу буҳтон «сиёҳгашта»-и худ ва муаррифӣ кардани симои воқеии тоҷикон, ҳамчун миллати бофарҳангу сулҳхоҳ, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ чораҳои ҷиддӣ андешад.

Хиради сиёсии Эмомалӣ Раҳмон дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо Созмони Милали Муттаҳид ва бевосита бо роҳбари он – Сармуншии Созмон – робитаи корӣи мустақим пайдо намуд ва минбари ин маркази бонуфузи ҳамоҳангсозии масъалаҳои умумисайёравиро ҳамчун пойгоҳи шиносонидани Тоҷикистон ташхис дода, тавассути он ҷаҳониёнро аз вазъияти воқеии Тоҷикистон, равандҳои умдаи сиёсиву иҷтимоӣ ва роҳи ҳалли мусолиҳатомез, ки роҳбарияти мамлакат бо иродаи халқи худ пеш гирифта буд, огоҳ менамуд. Аҳли маҳфили сиёсии ҷаҳон ва роҳбарияти СММ, ки аз соле ба соле Сарвари сиёсии Тоҷикистон дар наздашон аз иқдомҳои баамаловардаи роҳбарияти ҷумҳурӣ баҳри расидан ба сулҳи пойдор ва марбут ба дигар масоили ҳалталаби ҳаёти сиёсии мамлакат сухан мегуфт, ба самимияти ӯ, ки дар корҳои амалии анҷомдодааш таҷассум ёфта буд, итминони қавӣ пайдо намуданд. Ба ин сабаб буд, ки Тоҷикистон ва раванди ҳаллу фасли масоили он дар маркази диққати мақомоти роҳбарӣ ва махсусан мавриди таваҷҷуҳи Сармуншии Созмони Милали Муттаҳид қарор гирифт. Бисёре аз роҳбарону сиёсатмадорони давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мавқеъ ва сиёсати дурусти пешгирифтаи давлати

моро ба таври воқеӣ арзёбӣ намуданд. Дере нагузашт, ки Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон намояндагии худро боз намуд ва фиристодаи махсуси Сармуншии СММ ба Душанбе омад.

Бо кумаки Раёсати Комиссариати олии СММ оид ба масъалаи гурезаҳо ва намояндагии Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон раванди бозгардондани гурезагони иҷбории тоҷик аз Афғонистон ва мамлакатҳои ИДМ шурӯъ гардида, дар чанд марҳала бомуваффақият анҷом пазируфт. Бо ҳамкорӣ ва мусоидати фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси исломӣ, давлатҳои бародари Россия, Эрон ва Афғонистон ва дигар кишварҳои дӯст музокироти байни Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин барои пайдо кардани роҳи созгории миллӣ оғоз гардид.

Ба даст овардани сулҳу ризоят муҳимтарин дастоварди роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон гардид. Рисолати сулҳоварии Эмомалӣ Раҳмон махсусан дар ҷараёни музокироти тоҷикон барои сулҳу ризоят боз ҳам равшантар аён гашт. Дар ҷараёни музокираҳо, ки 40 моҳ идома ёфтанд ва тарафҳо 21 маротиба сари мизи музокира нишастанд, 40 ҳуҷҷати барои давлат ва миллати тоҷик муҳим ба имзо расиданд. Эмомалӣ Раҳмон дар ҳассостарин марҳалаи гуфтушунид ворид музокирот шуда, ин ҷараёнро суръат бахшид. Вай баҳри дарёфти сулҳ омодагии худро иброз дошта, изҳор намуд, ки дар ҳар куҷое ҷониби оппозитсия даъват кунад, ба ҳамон ҷо хоҳад рафт. Мисли ин ки барои имтиҳон бошад, нахустин мулоқоташро бо роҳбарони мухолифини тоҷик оппозитсия дар ки-

швари ҷангзадаи Афғонистон таъйин намуд. Ва Эмомалӣ Раҳмон – бидуни тааммул – озими мазҳари ҷанг шуд, то ҷавҳари сулҳ ба даст биёрад. Ин рафтори ҷавонмардона ва ҷасорати инсониву таваккали сиёсиаш аз назарҳо нопадид намонд ва бисёре аз он неруҳое, ки берун аз Тоҷикистон иттилои нодуруст доштанд, аз самимияти мақсаду ниятҳои роҳбарияти кишвари мо воқиф гашта, тамоили худро тағйир медоданд. Барои худи мухолифин низ кӯшишҳои роҳбари ҷумҳурӣ мавриди писанд қарор гирифт ва ҳар мулоқоти Президент ва сарвари оппозитсия Тоҷикистонро торафт ба сулҳи деринтизор наздик овард.

Рӯзи 27 июни соли 1997 дар таърихи навини тоҷикон ҳамчун рӯзи ғалабаи хирад, рӯзи пирӯзии ғояҳои ватандӯстӣ ва иттиҳоди миллӣ боқӣ мемонад. Дар ин рӯз дар шаҳри Маскав Созишномаи барқарории сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гардид, ки ба ихтилофи байни тоҷикон хотима гузошт. Барқарории сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон эътибору нуфузи мамлакати мо ва обрӯи Сарвари давлати тоҷиконро боз ҳам зиёд намуд. Ин рӯйдоди бузург ҳамчунин собит намуд, ки зимоми қудрати Тоҷикистон дар дасти шахсиятест, ки ӯ на танҳо қодир аст ҳадафҳои волои миллӣ, масъалаҳои печидаи сиёсӣ, равандҳои аслии ҷаҳони муосирро дарк ва ташхис намояд, балки тавоноии онро низ дорад, то даст ба иқдомҳои ҷасурона бизанад ва зафар ёбад.

Бо қадршиносӣ бояд ёдовар шуд, ки кишварҳои дӯсту бародари Афғонистон, Эрон, Россия, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон, ки дар марҳалаҳои гуногуни гуфтушуниди тоҷикон мизбони

давраҳои музокирот буданд ва тамоми имкониятҳои заруриро фароҳам оварданд, барои истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон саҳми босазое барҷо гузоштаанд.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун бунёдгузори сулҳу ваҳдат, аҳамияти фавқулода бузургу таърихии имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистонро тавсиф намуда, онро дар як радиф бо Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта, иброз доштааст, ки «агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт».

Имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ марҳалаи наверо дар ташаккули давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва рушду такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа оғоз бахшид.

Ин давраро инчунин метавон ҳамчун марҳалаи муҳиме дар эҳё ва густариши сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор овард. Зеро барқарор шудани сулҳу оромӣ ва таҳкими суботи сиёсӣ дар кишвар ба Ҳукумати мамлакат имконият пеш овард, то ҳамкориҳои бештару густурдатареро бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ роҳандозӣ намояд.

Яке аз пояҳои муҳими давлатдорӣ ҳамеша фаҳми сиёсати берун аз марзҳо будааст. Давлатмардони бузурги таърих онон будаанд, ки миёни воқеияти дохили марзҳо ва таҳаввулоти берун тавозуну таодул эҷод кардаанд. Имрӯзҳо ин масъала беш аз ҳар даврони таърихии дигар мубрам аст. Зеро дар шароити дунёи пур аз хатару чолишҳои имрӯз ҳеҷ кишва-

ре, новобаста аз густурдагии ҳудуд, қудрат, нуфуз ё дигар вижагиҳояш, наметавонад ба танҳоӣ суботу амнияти худро таъмин намояд. Ҳамбастагӣ ва ҳамкорӣ вижагиҳои барҷастаи ин даврон мебошанд.

Агар давлатҳои ҷаҳон ба масобаи сохтаҳои алоҳидаи як муҷтамеи воҳид тасаввур шаванд, чолишҳои замони муосир, монанди терроризми байналмилалӣ, ифротгароии сиёсӣ ва мазҳабӣ, қочоқи маводи мухаддир, буҳронҳои иқтисодӣ ва бисёре аз шароити дигар, бар масали тӯфони фоҷиаборанд. Дар баробари ин фарояндҳои харобиовар давлатҳо метавонанд фақат дар ҳамбастагӣ истодагӣ кунанд ва ҷомеаҳоро аз хатару мушкилот эмин доранд. Бо таваҷҷуҳ бар ин вижагии замони муосир, Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали омадани худ ба сари қудрат равобити зич бо созмонҳои байналмилалӣ ва ҳамёрӣ бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳонро на танҳо омили муассири пешрафтҳои иқтисодии Тоҷикистон, балки ҳамчунин заминаи муҳими таъмини амният ва суботи кишвар муайян намуд.

Истеъдоди сиёсии Эмомалӣ Раҳмон дар ин воқеият низ зоҳир гардидааст, ки ӯ аз ибтидо суботи сиёсиву иқтисодии Тоҷикистон ва суботи кишварҳои ҳамсоя, минтақа ва умуман ҷаҳонро дарк намуд. Бар асоси ин фалсафа, ки моҳиятан диалектикаи тавсеаи давлат мебошад, Сарвари давлати тоҷикон аз нахустин рӯзҳои ба сарварии Тоҷикистон расидан равобити ҳамаҷониба, зич ва дӯстона бо ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқро аз муҳимтарин ва афзалиятноктарин самти сиёсати хориҷии Тоҷикистон муайян намуд. Зеро бо диди амиқи сиёсӣ дарк менамуд,

ки иҷрои вазифаҳои душвору печидаи бунёд ва таҳкими Тоҷикистони соҳибистиқлол ва эҷоди қудрати иқтисодии он бидуни ҳамкории сиёсию иқтисодии густурда бо кишварҳои пасошӯравӣ, ки то дирӯз дар фазои ягонаи иқтисодӣ қарор доштанд ва бо ҳазорон риштаҳои дар тӯли даҳсолаҳо шаклгирифта ба ҳамдигар пайваст мебошанд, имконнопазир аст.

Бо талошу кӯшиши пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар созмонҳои ҳамгирой – чи дар фазои пасошӯравӣ ва чи дар минтақа ва ҷаҳон, – аз ҷумлаи СММ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва эътимод дар Осиё ва дигар созмону ниҳодҳои ҳамгирой, симои вижа ва ширкати фаъолона дорад.

Бо ба тарзи саҳеҳ мушаххас намудани самтҳои тавсеаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва бо дар назар гирифтани мавқеияти ҷуғрофию геосиёсӣ, манфиатҳои миллӣ ва инчунин омилҳое, аз қабили равобити фарҳангиву таърихӣ, арзишҳои умумибашарӣ ва яксон будани манфиатҳо, Эмомалӣ Раҳмон равобити дӯстонаи Тоҷикистонро бо ҳамаи кишварҳо танзим намуд.

Дар натиҷаи чунин сиёсати хориҷии мутавозин равобити созанда бо Россия ва давлатҳои дигари пасошӯравӣ, кишварҳои форсизабони Эрону Афғонистон, Чин, ИМА, Ҳиндустон, Покистон, мамлакатҳои Аврупо, кишварҳои араб, Осиёи Шарқӣ ва Африқо роҳандозӣ гардид.

Дар сояи истеъдоди баланди сиёсатмадорӣ, назари борикбин ва жарфнигарии Пешвои миллат

Эмомалӣ Раҳмон асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ бо муҳтавои прагматикӣ ва воқеъбинона, ки самтҳои асосӣ, роҳу василаҳои татбиқи манфиатҳои дарозмуддати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад, ба вуҷуд оварда шуданд. Қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ», Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои марбут, ки бар мабнои Конститутсияи Тоҷикистон таҳия шудаву ба тасвиб расидаанд, баёнгари ҳадафҳо, вазифаҳо ва хостаҳои давлат ва мардуми кишвар дар роҳандозии сиёсати хориҷӣ ба манзури даст ёфтан ба манфиатҳои миллӣ мебошанд. Барои фаъолияти муассир ва пайгирии пайвастаи манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ марҳала ба марҳала шабакаи густурдаи намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ аз кишвар ба вуҷуд оварда шуданд.

Яке аз вижагиҳои мумтози сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз»-и эъломнамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули «дарҳои боз» мусоидат ба он намуданд, ки Тоҷикистон узви шоистаи созмонҳои байналмилалӣ гардад ва равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ба роҳ андозад. Тоҷикистон имрӯз дар арсаи сиёсати ҷаҳон симои хоси хешро дорад ва ҳамчун узви соҳибэътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирию пуштибонӣ шудани ибтикорҳои Тоҷикистон дар шахси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, бавижа дар ҳаллу фасли

масъалаҳои обу энергетика, мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, аз байн бурдани мушкилоти Афғонистон, баёнгари мавқеи вижаи Тоҷикистон дар низоми равобити байналмилалӣ ва обрӯи баланди роҳбари кишвари мо дар назди маҳофили сиёсии ҷаҳон аст.

Бо таваҷҷуҳ ба имкониятҳои беҳудуди энергетикаи обӣ, Эмомалӣ Раҳмон таъмини истиқлолияти энергетикиро яке аз самтҳои муҳимтарини стратегӣ ва афзалиятноки иқтисодии мамлакат муайян намуд. Дар давоми солҳои гузашта дар ин замина корҳои зиёде анҷом гирифта, дар нуқоти гуногуни мамлакат садҳо неругоҳҳои барқи обии хурд сохтаву ба истифода дода шудаанд ва бунёди неругоҳҳои хурди зиёде дар дасти кор мебошад.

Натиҷаи сиёсати оқилона ва дурбинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва обрӯю эътибори ӯ чун сиёсатмадори сулҳофарин ва таъмингари суботи сиёсиву иҷтимоӣ аст, ки бо иштироки сармояи давлат ва ширкатҳои бонуфузи Федератсияи Россия неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» ва бо ҷалби сармояи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва маблағгузории дохилӣ неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» бунёд гардиданд, хаттҳои баландшиддати интиқоли барқ кишида шуданд, роҳҳо, пулҳо, нақбҳои мошингузар, корхонаҳои зиёди ватанию муштарак сохта шуданд.

Роҳбарияти Тоҷикистон ва шахсан Президент Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун Раиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, бо ҳамватанони бурунмарзиамон робитаи мустақим барқарор намуда, онҳоро дар

иқдомҳои созандаи фарҳангию иқтисодӣ ширкат медиҳад. Ҳамватанони бурунмарзӣ, ки дар гӯшаю канори гуногуни ҷаҳон кору зиндагӣ мекунанд ва Тоҷикистонро хонаи умеди худ медонанд, ҳамеша аз дастгирию пуштибонии давлати Тоҷикистон бархӯрдор ҳастанд.

Сиёсати хирадмандона ва фарогири Сарвари давлат имкон фароҳам овард, ки мардуми тоҷик, бо аз сар гирифтани рисолати олии тамаддунсозии хеш ва бо такя ба арзишҳои волои миллӣ ва арзишҳои фарҳанги муосири сиёсӣ, фасли тозаеро дар таърихи давлатдории дерини худ бинависад.

Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки дар муддати кӯтоҳи таърихӣ дар роҳи таҳкими рукнҳои давлати воқеан соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон иқдомҳои муассир ба вуқӯъ пайвастаанд, самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии давлат, бо ба инобат гирифтани манфиатҳои миллӣ, муайян шудаанд. Дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар бахшҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, барномаҳои густурдаи рушду тавсеа амалӣ мегарданд.

Итминон аст, ки Тоҷикистони азиз бо сарварии Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои наздик, бо бархӯрдорӣ аз рӯҳияи кӯшандаи мардум, дар сояи давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дар ҳамкориҳои густурда бо мамлакатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ ба пешрафтҳои бештаре аз ҳоло даст меёбад ва дар сафи кишварҳои мутараққии ҷаҳон мақоми шоистаи хешро касб менамояд.

# Усулҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сиёсати хориҷӣ яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёти сиёсии кишварҳо дар низоми байналмилалӣ ба шумор меравад ва бақою ҳаёти як кишвар ба он вобастагӣ дорад ва тасмимоту ҷиҳатгириҳои кишварҳо дар заминаи сиёсати хориҷӣ мустақиман бо зиндагии мардум, беҳбудӣ ва амнияти онҳо сари кор дорад. Ба назари бисёре аз коршиносон ва сиёсатмадорони ҷаҳон, манфиатҳои миллӣ чароғи роҳнамои кишварҳо ва давлатҳо дар раванди ҳаракати онҳо дар масири пешрафту тараққӣ аст.

Ба манзури ҳифзи манфиатҳои миллии худ ҳар давлате сиёсати хориҷии муайяне ба роҳ мемонад. Ин сиёсат фаъолиятҳои давлат ва дигар ниҳодҳои сиёсии ҷомеа дар пиёдасозии манфиатҳо ва ниёзҳои худ дар арсаи байналмилалӣ аст.

Сиёсати хориҷӣ идомаи сиёсати дохилӣ мебошад, ки ба кишварҳои дигар нигаронида шудааст. Сиёсати хориҷӣ, монанди сиёсати дохилӣ, бо низоми иқтисодии ҳоким, сохти ҷамъиятию сиёсии давлат робитаи маҳкам дорад ва ифодакунандаи он дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ҳадафи асосии сиёсати хориҷӣ таъмини шароити матлубу мусоиди ба ҳақиқат пайвастани манфиатҳои кишвар, таъмини амнияти миллӣ, осудаҳолии мардум, ҷилавгирӣ аз вазъиятҳои буҳронӣ мебошад.

Фаъолияти давлатҳо дар ҳавзаи сиёсати хориҷӣ, дар маҷмӯъ, муносибатҳои байналмилалӣ, яъне маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, низомӣ ва дигар робитаҳои байни кишварҳо, миллатҳо, созмонҳои сиёсию илмию фарҳангию мазҳабиро дар арсаи байналмилалӣ шакл медиҳанд.

Сиёсати хориҷӣ сиёсати куллии кишвар дар ҳавзаи байналмилалӣ мебошад. Ин сиёсат муносибатҳои як кишварро бо кишварҳои дигар ва миллатҳои дигар мутобиқ ба усулҳо ва ҳадафҳои кишвар, ки бо шеваю равишҳои гуногун амалӣ карда мешаванд, муайян месозад.

Сиёсати хориҷии ҳар кишвар бо сиёсати дохилии он дарҳамтанидагии сахте дорад ва намоёнгари низоми сиёсию ҷамъиятии он кишвар мебошад. Ҳар кишваре бо ворид шудан ба муносибатҳои байналмилалӣ манфиатҳои миллии худро, алалхусус дар ҳавзаи амният, ҳифзу посдории сулҳ, ҳаллу фасли масъалаҳое, ки дар пешрафти иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, бо манфиатҳои умумибашарӣ пайванд медиҳад.

Шаклгирии сиёсати хориҷӣ мутобиқ бо пеш омадани ниёзҳои воқеии кишвар барои ворид шудан ба равобити вижа бо ҷаҳони хориҷ ба зуҳур мепайвандад. Аз ин рӯ, сиёсати хориҷӣ маъмулан дертар аз сиёсати дохилӣ тарҳу шакл мепазирад. Маъмулан равобити хориҷӣ ҳамчун хоҳиши донистану такмил намудани роҳу равиши бархӯрд ва ҳаллу фасли ин ё он масъалаи ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз мешавад. Ва вақте ин ниёз доимӣ ва ҳадафманд мегардад, ба сиёсат, яъне ба фаъолияти мушаххасе, ки ҳадаф аз он ҳаллу фасли масъалаҳои муайян мебошад, табдил мегардад.

Ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ гардад ва сиёсати мустақили посухгӯ ба манфиатҳои мардум ва кишваоро роҳандозӣ намояд. Ба манзури ба таври муассир ба роҳ мондани сиёсати хориҷӣ дар ҷумҳурӣ мақомоти давлатии таъминкунандаи фаъолиятҳои хориҷӣ ва заминаи ҳуқуқии равобити хориҷӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Заминаи ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ, усулҳо ва ҳадафҳои сиёсати хориҷии ҷумҳуриро Конститутсияи Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини татбиқи сиёсати ягонаи хориҷӣ», Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо «Дар бораи хизмати дипломатӣ», «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, дигар асноди меъёрии ҳуқуқии марбут ташкил медиҳанд.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳияти худ сулҳҷӯёна, қонунгароёна, башардӯстона буда, дар якҷоягӣ бо дигар ҳавзаҳои сиёсати давлат барои боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва таъмини амнияти онҳо роҳандозӣ мегардад.

Пойбандии Тоҷикистон ба ҳуқуқи байналмилалӣ дар моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин сабт гардидааст: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро

ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд».

Сиёсати сулҳҷӯёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 11-и Конститутсия чунин ифода ёфтааст: «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад».

Дар моддаи 11-и Конститутсия дар мавриди узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмонҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ чунин таъйинот сабт шудааст: «Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо бароял, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд.

Давлат бо ҳамватанони берунмарзӣ ҳамкорӣ мекунад».

Ҳимояи давлатро аз шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷ аз кишвар Конститутсия дар моддаи 16 ин тавр таъйин кардааст: «Шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад».

Асосу пояи сиёсати хориҷии Тоҷикистон эътирофи мутақобилаи манфиатҳо бо таваҷҷуҳ ба авлавияти манфиатҳои миллӣ, талош дар барқарории сулҳу амният, шаффофият дар роҳандозии сиёсати хориҷӣ ва равобиту ҳамгироии гусутурда бо тамоми кишварҳои сулҳдӯст, бартарии ҳуқуқи байналмилалӣ, эҷоду тавсеаи равобити хориҷии дуҷониба ва чандҷониба мебошад.

Тоҷикистон – бо пойбандӣ ба ҳуқуқи эътирофшудаи байналмилалӣ – сиёсати хориҷии худро бар асоси усулҳои баробарии кишварҳо ва эҳтироми соҳибистиқлолии онҳо, истифода накардан аз зӯрӣ ва таҳдид ба зӯрӣ, дахолатнопазирии марзҳо, ҳаллу фасли мусолиҳатомези ихтилофҳо, дахолат накардан ба умури дохилии кишварҳои дигар ба роҳ меандозад.

Усули эътирофи баробарии кишварҳо ва эҳтироми соҳибистиқлолии онҳо ба ин маънӣ аст, ки Тоҷикистон истиқлоли кишварҳо, низоми сиёсӣ, идеологӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ва ҳаққи онҳоро ба интихоби шарикони равобити байналмилалӣ эҳтиром менамояд.

Усули истифода накардан аз зӯрӣ ва таҳдид ба зӯрӣ ба ин маънӣ аст, ки Тоҷикистон дар равобити байналмилалӣ аз истифодаи абзорҳои низомӣ, сиёсӣ ё ҳар шакли дигари фишор нисбати кишварҳои дигар ба манзури заиф кардани истиқлоли сиёсӣ ё иқтисодии онҳо истифода намекунад.

Усули дахолатнопазирии марзҳо ба ин маънӣ аст, ки Тоҷикистон тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии марзи миёни кишварҳоро эътироф менамояд. Тоҷикистон аз ҳар гуна иқдом ба тасарруфи бахш ё тамоми хоки кишвари дигар дурӣ меҷӯяд.

Усули ҳаллу фасли мусолиҳатомези ихтилофҳо дорои ин маънӣ мебошад, ки Тоҷикистон ҳама гуна ихтилофоти эҳтимолиро бо кишварҳои дигар, аз ҷумла муноқишаҳои марзиро, бо равиши мусолиҳатомез ва ба хотири ба хатар наандохтани сулҳу амният ва манфиатҳои халқҳо ҳаллу фасл менамояд.

Усули дахолат накардан ба умури дохилии кишварҳо, аз як тараф, баёнкунандаи ҳаққи ҳар миллат

барои таъйини роҳу равиши тавсеаи кишвари хеш бошад, аз сӯи дигар, уҳдадории кишварҳо ба худдорӣ кардан аз мудохила ба салоҳияти кишварҳои дигар дар ҳаллуфасли масъалаҳои ҳаёти дохилиашон мебошад.

Тоҷикистон – бо садоқати худ ба ин усулҳо – ҷонибдори як низоми байналмилалии тавоно ба эҷоди фазои мусоиди ҳамкориҳои густурдаи сиёсӣ, бистари амният, эътимод ва ҳамсоягии нек аст. Кишвари мо ҷонибдори шаффофият дар сиёсати хориҷӣ, барқарорӣ ва густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва чандҷониба бо тамоми давлатҳои ҷаҳон – бо авлавият бахшидан ба равобити мустақим ва чандҷониба бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, дар навбати аввал бо Федератсияи Россия, таҳкими ҳамкориҳои дӯстона бо кишварҳои минтақа, пеш аз ҳама, бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, тавсеаи муносибатҳо бо кишварҳои ҳавзаи ҷаҳони ислом, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҳиндустон, ҳамкорӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон, Фаронса, Италия ва дигар кишварҳои Аврупо – мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифи қатъии истифодаи ҷанг ҳамчун василаи ҳаллу фасли масъалаҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ буда, ҷонибдори аз байн бурдани ҳар гуна муноқишаҳои байни давлатҳо ва бартараф кардани иллати ихтилофи назарҳо аз роҳи дипломатӣ мебошад.

Тоҷикистон – бо авлавият додан ба усулҳои умумибашарӣ дар равобити байни давлатҳо – ҳаргиз неруҳои мусаллаҳи худро барои ҳамла ба кишвари

дигар истифода нахоҳад кард, ба истиснои мавриди ҳамлаи берунӣ гардидани худ ва кишварҳое, ки бо Тоҷикистон паймони кумаки мутақобили ҳарбӣ доранд. Тоҷикистон моил нест шомили блокҳо ва созмонҳои таҷовузкор шавад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асри XXI аз лиҳози зеҳнӣ, иқтисодӣ, технологӣ ин қадар пешрафт кардааст, ки ҷанг набояд абзори сиёсати хориҷӣ бошад, зеро ҳама гуна ҳаққу ҳуқуқи давлатҳо ва миллатҳо дар муайян кардани сарнавишти худ, баробарӣ, эҳтироми истиқлолият ва тамомияти арзии давлатҳо, дахлнопазирии марзҳо, ки санадҳои байналмилалӣ кафолат медиҳанд, халалдор мегарданд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки пайравӣ аз се роҳи асосии таъмин кардани амнияти байналмилалӣ имкон медиҳад, ки вазъияти бухронии пешомада дар равобити байни давлатҳо бо роҳи осоишта ҳаллу фасл гардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳони он аст, ки низоми навини ҷаҳонии дар ҳоли ташаккул комилан озод аз ҷангҳову даргириҳо, зулму ситам, хушунату таассуби фарҳангиву мазҳабӣ, бегонаситезӣ ва устувор бар пояи ҳамкориҳои баробару мутақобилан судманд ва мушорикати ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бошад. Ва мубориза бо таҳдиду чолишҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ, дар ҳамбастагии зич ва ҳамкории якҷояи давлатҳои дунё бар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, сурат пазирад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори эҷоди созукорҳои муассири ба ҳам танидани манфиатҳои миллӣ ва талошҳои байналмилалӣ, якҷоя кардани

кӯшиши ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бахри омода кардани иқдомот барои мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав мебошад.

Тоҷикистон дар саҳни сиёсати дохилии худ – ба манзури тақвияти ҷанбаҳои калидии сиёсати хориҷӣ – дар робита бо мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, радикализми мазҳабӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, хатарҳои муҳити зист, тағйири иқлим ва таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ ва озуқавӣ ба иқдомҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иттилоотию тарғиботӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар иқдомҳои вижа мепардозад.

Ба ҳамин наҳв, мақомот ва ниҳодҳои давлатии масъул ба иҷрои сиёсати хориҷии созанда ва сулҳдӯстонаи Тоҷикистон, бар тибқи ин усулҳои бунёдӣ, дар тӯли солҳои гузашта дар вазъияти ҷаҳони пур аз таҳдиду чолишҳо озодиву истиқлол, тамомияти арзӣ, амнияти ҷомеа ва суботи устувори сиёсию иҷтимоии кишварро таъмин намуда, кафили пешрафту тараққии Ватани маҳбубамон ва меҳнати созандаи мардуми шарифи Тоҷикистон гардидаанд ва бо итминон метавон гуфт, ки ин рисолати муқаддасро дар оянда ва ҳамеша шарофатмандона иҷро хоҳанд кард.

# Вазифаҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Назарияҳои зиёде мавҷуданд, ки вазифаҳо, ҳадафҳо, моҳият ва абзору воситаҳои пиёдасозии сиёсати хориҷиро ба таври гуногун таъриф мекунанд. Амммо як назарияи умумие дар ҳавзаи сиёсати хориҷӣ бештар корбаст мешавад, ки бар асоси он масъулин василаю равишҳои муассири дастёбӣ ба ҳадафҳоро тадорук мекунанд ва фаъолиятҳои хориҷии худро ҳамоҳанг ва барномарезӣ менамоянд.

Барномарезии сиёсати хориҷӣ маънои банақшагирии фаъолиятҳои мушаххас ва чандмарҳалаест, ки дар ояндаҳои наздику дур ба амал хоҳад пайваст. Ин барнома таҳаввулоти муносибатҳои хориҷиро дар тамоми ҷаҳон ё дар минтақае аз дунё ва ҳамкориҳои кишварро бо давлатҳои дигар пешбинӣ мекунад.

Дар миёни ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии ҳар кишвар таъмини амният, талош барои афзун кардани имкониятҳои моддӣ, сиёсӣ, низомӣ, зеҳнӣ ва боло бурдани обрӯю нуфузи кишвар дар ҷомеаи байналмилалӣ ҳаққи муқаддам доранд.

Амалӣ гаштани ин ҳадафҳо аз сурату сифати ҳамкориҳои хориҷии кишвар ва вазъи байналмилалӣ вобаста мебошад. Дар баробари ин, фаъолиятҳои кишвар дар ҳавзаи сиёсати хориҷӣ бояд бо таваҷҷуҳ ба манфиатҳо ва хостаҳои кишварҳои дигар ба амал бароварда шаванд.

Вазифаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз бунёдитарин ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, яъне таъмини истиқлолияту озодӣ, ҳифзи амнияту суботи сиёсию иҷтимоӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвар, тақвияти ҷойгоҳи вижа ва симои ҷаззоби Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, бармеоянд.

Вижагии муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз» аст. Ҷавҳари ин сиёсат, ки Президент онро эълом кардаву бар он роҳбарӣ мекунад, ин аст, ки кишвари мо ҳеҷ кишвареро ғайридӯст намешуморад ва омода аст бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон – бар пояи дӯстӣ – ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд дошта бошад.

Фароҳам овардани шароити мусоиди берун аз марзҳо барои рушди устувори ҳамаҷонибаи кишвар, беш аз пеш устувор намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, кӯшишҳои пайгирона барои дарёфти роҳу равиши ҳамкориҳои боэътимод бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, тавсеаи пайгиронаи ҳамкориҳои бурунмарзӣ дар ҳавзаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангию инсонӣ, илмию техникӣ ба манзури расидан ба ҳадафҳои авлавиятноки сиёсати дохилии кишвар, аз ҷумла ҳадафҳои стратегии таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти иртиботӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ, вазифаи аслӣ ва асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Иштироки судманд дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид, муассиса ва ниҳодҳои тахассусии он, пуштибонии манфиатҳои миллии Тоҷикистон, муар-

рифии иқдомҳои созандаи кишвар дар ростои ҳадафҳои Оинномаи СММ ва кӯшиш барои касби узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ниҳодҳо ва сохторҳои интихобии СММ яке аз вазифаҳои калидии сиёсати хориҷии кишвари мо ба шумор меравад.

Густариши беш аз пеши ҳамкории босамари кишвари мо бо муассисаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг – ЮНЕСКО – ба манзури истифода кардани саҳнаи он барои муаррифии дастовардҳои фарҳангию маънавии миллати тоҷик ва ҳифзу эҳёи мероси моддӣ ва ғайримоддии он посухгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошад.

Боз ҳам фаъол кардани ҳузури Тоҷикистон дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва ба роҳ мондани муносибатҳои афзалиятноки бисёрҷониба ва дуҷониба бо давлатҳои иштирокчии ИДМ аз вазифаҳои муҳими сиёсати берунии кишвари мо мебошад. Тоҷикистон ягона давлат дар ИДМ аст, ки наваду нуҳ дарсади тамоми қарордод ва шартномаҳоеро, ки сарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳод ба имзо мерасонанд, иҷро мекунад.

Вазифаи дигари сиёсати хориҷии кишвари мо эҷоди низоми мутавозини шарикии стратегӣ бо кишварҳои бузург, аз ҷумла Федератсияи Россия, Чин ва Эрон, ҳамкории судовар бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, мусоидат ба тавозуни геосиёсӣ дар минтақа, гуногунсозии ҳамкориҳои амиқи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фановарӣ ва дигар равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ.

Мусоидат намудан ба ҳифзу тақвияти сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ, табдили минтақа ба сарзами-

ни амн ва рушди устувор, пуштибонии равандҳои солимгардонии вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар Афғонистон ва табдил додани ин мамлакат ба кишвари амну ободу шукуфо аз дигар вазифаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

Роҳбарияти Тоҷикистон тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, чи дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва чи дар ҳаллу фасли мушкилоти башарият, аз ҷумлаи терроризм, ифротгароӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ бисёр муҳим мешуморад. Бино бар ин тақвияти равобит бо ин кишвари бонуфуз аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Вазифаҳои мусоидат ба эҷоди камарбанди эътимоду амният дар тамоми тӯли сарҳади кишвар аз роҳи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор, бо истифода аз созукорҳои (механизмҳои) сиёсию дипломатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, бо шумули иқдомҳои дипломатияи пешгирона, барои ҳалли саривақтии мушкилоти мавҷуд ё эҳтимолӣ дар минтақа саъю талош намудан дар сиёсати хориҷии кишвари мо мавқеи муҳим доранд.

Густариши ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, ки яке аз ҳамкорони муҳими иқтисодии кишвари мо ба шумор меравад, дорои мақоми муҳиме дар доираи вазифаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад. Ҳамкорӣ бо ин иттиҳоди бонуфуз ва ниҳодҳои таркибии он, монанди Парлумони Аврупо, Шӯрои Аврупо, Бон-

ки сармоягузории Аврупо, барои пешбурди иқтисодии кишвари мо ҳоизи аҳамияти зиёд аст.

Пӯё гардондани ҳамкориҳои гуногунҷанбаи дуҷониба бо кишварҳои аврупоӣ, монанди Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Италия, Испания, Белгия, Австрия, Швейтсария, Чехия, Лаҳистон, кишварҳои соҳили Балтика барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои муҳими сиёсати хориҷиаш ба ҳисоб меравад.

Эҷоду тавсеаи низоми байналмилалии долонҳои нақлиётию иртиботӣ барои таъмини дастёбии Тоҷикистон ба муҳимтарин масирҳои ҳамлу нақл ва бозорҳои бузурги ҷаҳон, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва фановариҳои пешрафта ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ яке аз вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад. Ҳамкории густурда бо кишварҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ, аз ҷумла Япония, Ҷумҳурии Корея, Таиланд, Индонезия, Малайзия, Ветнам, Сингапур ва кишварҳои дигари минтақа, дар ин росто барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суди зиёде ҳамроҳ мебошад.

Нақши Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамчун василаи судманди равобити чандҷонибаи кишварҳои мусулмон, баҳри таъмини сатҳи баланди зиндагӣ ва пешрафти мамлакатҳои мусулмоннишин хеле бузург аст. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ширкат дар ин созмонро аз вазифаҳои муҳими сиёсати берунии худ мешуморад. Кишвари мо ҳамчунин густариши равобити устувори дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои ҳавзаи ҷаҳони ислом, аз ҷумла бо мамлакатҳои олами араб, бар пояи амалгароии (прагматизми) иқтисодӣ ва ҳусни тафоҳум аз ҷумлаи вазифаҳои сиёсати бурунмарзии худ мешуморад.

Тавсеаи ҳамкории мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Туркия дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла ба манзури ҷалби сармоягузории ин кишвар ба иқтисодиёти Тоҷикистон, аз вазифаҳои дарозмуддати кишвари мо мебошад.

Вазифаи муҳими дигари сиёсати берунии Тоҷикистон тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои дӯстона, мустаҳкам ва созанда бо кишварҳои Ҳиндустон, Ҷумҳурии Корея, Покистон, Туркия дар соҳаҳои бунёди инфрасохтори иртиботиву нақлиётӣ, сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ ва монанди инҳост.

Таъмини чеҳраи матлуби кишвар ҳамчун шарики боэътимоди сиёсию иқтисодӣ, афзоиши ҷаззобияти кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ аз нуқтаи назари сармоягузорӣ, гардишгарӣ, фарҳангӣ, ҳифзи мартабаву манзалат, обрӯю эътибори миллати тоҷик яке аз вазифаҳои марказии сиёсии Тоҷикистон мебошад.

Таъмини иштироки фаъол дар кори Созмони умумиҷаҳонии савдо ба манзури ҳимоя, пешбурд ва рақобатпазир кардани иқтисодиёт, густариши раванди ҳамгироии иқтисоди мамлакат бо иқтисоди ҷаҳонӣ, даст ёфтан ба бозорҳои бузурги байналмилалӣ ва, дар маҷмӯъ, пиёда сохтани манфиатҳои миллии Ватани мо дар арсаи ҷаҳонии иқтисод ва савдои ҷаҳонӣ вазифаи муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

Пуштибонии ҳуқуқию фарҳангию маърифатии тоҷикони бурунмарзӣ бо корбасти ҳуқуқи байналмилалӣ ва созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумак ба анҷуманҳои ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳифзи вижагиҳои нажодию фарҳангӣ, аз

ҷумла забони модарӣ ва анъанаю суннатҳои миллӣ дар чорчӯби қонунҳои кишварҳои иқоматашон, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба шумор меравconfigured.

Иҷрои муваффақомези ин вазифаҳо на танҳо ба фаъолияти коромади ниҳодҳои марказии сиёсати хориҷии кишвар – Вазорати корҳои хориҷӣ, сафоратхонаҳо, консулгариҳо, намояндагиҳои фарҳангӣ, – инчунин ба ҷаҳду талоши фаъолони миллӣ дар низоми тиҷорати байналмилалӣ ва равобити иқтисодӣ бастагӣ дорад. Ва бо таваҷҷуҳ ба ин воқеият, ки то имрӯз кишвари мо дар арсаи ҷаҳон симои вижаи худ ва обрӯю манзалати хоси хешро пайдо кардааст, итминон дорем, ки мавқеи байналмилалии Тоҷикистон беш аз пеш устувортар гардида, аз баракати он иқтисоди кишвар пешрафтатар ва нуфузу эътибори Ватани азиз ва миллати шарофатманди мо афзунтар хоҳад шуд.

# Тоҷикистон дар арсаҳои ҳамкории байналмилалӣ

Кишварҳо дар арсаи равобити дипломатӣ мутаносиб бо аҳамияте, ки ба шарикони худ нисбат медиҳанд, дар чорчӯби ҳадафҳо ва манфиатҳои дарозмуддати худ иқдом ба эҷоди ҳамкорӣ мекунанд. Манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, амниятӣ ва низомию стратегии кишварҳо ибтидоитарин ҳадафҳои ҳар кишваре мебошанд. Барқарории равобити сиёсӣ байни кишварҳо собиқаи дерина дорад ва пешрафтҳои ҳайратовари фановарӣ, дар арсаи ҷаҳонӣ падид омадани чолишу таҳдидҳо, гармшавии иқлим, офатҳои табиӣ ва даҳҳо омилҳои дигар ниёзи кишварҳоро ба роҳандозии ҳамкориҳои густурда бо ҳамдигар даҳчандон кардаанд.

Нигоҳе ба таҳаввулоти чанд даҳаи гузашта нишон медиҳад, ки қудрату нуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавии баъзе аз кишварҳо таъсири мустақиме бар мизони дахолати он кишварҳо дар умури дохилии кишварҳои дигар дорад. Кишварҳое ҳастанд, ки ба мизону таносуби тавонмандиҳои низомию иқтисодии хеш аз нуфузи бештаре дар сатҳи ҷаҳонӣ бархӯрдор ҳастанд ва бо истифода аз тавонмандиҳои худ таъсиргузории бештаре бар соир кишварҳо доранд. Ҳам кишварҳое, ки абарқудрат номида мешаванд ва ҳам кишварҳое, ки дар сатҳи поёнтар қарор доранд, вале неруи иқтисодии боло доранд, аз роҳи барқарории равобити иқтисодӣ ва молиявӣ нақши муҳим дар

таҳаввулоти сиёсии кишварҳо бозӣ мекунанд ва аз ҳузури кишварҳои мустақил дар маҷмаа ва созмонҳои байналмилалӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ ва стратегияҳои худ истифода мебаранд. Бахши дигаре аз кишварҳо, ки ба сабабу омилҳои гуногун аз пешрафти чандоне бархӯрдор нестанд, вале дорои мавқеи ҷуғрофӣ ва геосиёсии афзалиятнок мебошанд, ин мавқеияти худро дар баробари кишварҳои бузург, ҳамчун варақи баранда, мавриди истифода қарор медиҳанд. Бо як калом, ҳар кишваре, чи хурд ва чи бузург ва чи пешрафта ва чи нобархӯрдор дар равобити худ бо дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, талош бар он доранд, ки аз ин ҳамкориҳо барои баровардани ҳадафҳо ва манфиатҳои худ ҳадди ақал истифода намоянд.

Дар дунёи муосир, ки кишварҳо ба самти ҷаҳонишавӣ ҳаракат мекунанд, сиёсати хориҷӣ аҳром (рычаг)-и муассире барои афзоиши сарватҳои миллӣ аст. Дар ҷаҳони имрӯз на танҳо кишварҳои тавсеаёфта, балки бисёре аз мамлакатҳои дар ҳоли рушд низ аз сиёсати хориҷӣ ва фанни дипломатӣ барои пешбурди ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худ баҳра мебаранд.

Донишмандони арсаи илмҳои сиёсӣ сиёсати хориҷиро идомаи сиёсати дохилӣ медонанд. Мафҳумҳое, ки дар дохили як кишвар дар арсаи сиёсат вуҷуд доранд, ба мафҳумҳои берун аз марзҳо ва равиши ҳамкориҳои байналмилалӣ мубаддал мешаванд.

Равобити хориҷӣ яке аз омилҳои муассир бар амалкарди иқтисодӣ, бавижа рушди иқтисодии дарозмуддат аст. Равобити сулҳомезу созанда бо ки-

шварҳои ҷаҳон яке аз бахшҳои асосии таъмини амнияти миллӣ ва коҳиши хатару номуайянӣ барои сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ аст.

Рушди иқтисодӣ яке аз аввалин ҳадафҳои ҳар давлате дар ҷаҳон аст ва боис ба он мешавад, ки шаҳрвандони он кишвар аз рифоҳи иқтисодию иҷтимоии болотар бархӯрдор шаванд. Аз тарафи дигар, таҳқиқоти иқтисодӣ нишон додааст, ки ҳар кишваре, ки саҳми бештаре дар иқтисоди байналмилалӣ дошта бошад, бештар тавсеа меёбад. Ба ибораи дигар доштани мубодилаи тиҷоратии густурда яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодии кишварҳо ба шумор меравад. Дар ҳоли ҳозир саҳми тиҷорат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳон наздик ба 30 дарсад аст ва пешбинӣ мешавад, ки ин саҳм дар соли 2020 ба 50 фисад мерасад.

Кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар даҳаҳои гузашта талоши зиёдеро анҷом додаанд, то аз роҳи коҳиши тарифҳо ва озодсозии мубодилот тиҷорати байналмилалиро густариш диҳанд. Озодсозии тиҷорат метавонад рақобати кишварҳоро афзун намояд. Ба ҳамин далел таваҷҷуҳи бисёре аз кишварҳои ҷомеаи байналмилалӣ ба ин бахш беш аз пеш зиёд мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати хориҷии худро бар усули ҳамгироӣ ва равобити дӯстона бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ба роҳ мондааст, аз ҷумлаи ҳадафҳои гуногун, ки асоси муносибатҳои байнидавлатиро муайян мекунанд, ҳадафҳои иқтисодиро дар madди аввал мегузорад. Зеро ҳадафи асосии мо ҳарчи зудтар барҳам додани камбизоатӣ ва муҳайё

сохтани шароити зарурӣ барои зиндагии шоистаи тоҷикистониён мебошад.

Тоҷикистон дар тӯли 25 соли истиқлоли давлатӣ дар роҳи тавсеаи сиёсати хориҷии худ ҳам дар сатҳи муносиботи дуҷониба ва ҳам дар чорчӯби равобити байналмилалӣ ва минтақавии тиҷоративу иқтисодӣ қадамҳои баланд бардоштааст. Ҳадафҳои асосии сиёсати давлат дар ин самт тавсеаи равобити иқтисодӣ, бозсозии зерсохтҳо, ҷалби сармоя, эҷоди шароит барои тиҷорати озод, коҳиш додани пардохтҳои гумрукӣ ва монеаҳо дар савдои бурунмарзӣ, ҳалли мушкилоти вобаста ба раҳо намудани мамлакат аз бунбасти иртиботӣ, гуногуннавъсозии масирҳои тиҷоратӣ барои кушодани роҳ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мебошанд.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо беш аз 124 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла бо 10 мамолики аъзои ИДМ ва 114 кишвари хориҷаи дур, равобити иқтисодиву тиҷоратӣ дорад. Бино ба омори дастрас, муомилоти тиҷоратии хориҷии кишвар дар соли 2015 4325,5 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст, ки аз ин ҷумла саҳми воридот 3434,9 миллион доллар ва саҳми содирот 890,6 миллион доллар мебошанд.

Ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ батадриҷ раванди рӯ ба афзоишро ба даст меоварад. Барои мисол, дар соли 2007 дар қиёс бо соли 1997 ҳаҷми сармояҳои анбошта аз шарикони хориҷӣ 11 бор ва мизони воридоти солонаи сармоя 26 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Дар соли 2015 буҳрони шадиди молиявӣ дар ҷаҳон, ки инак чанд сол идома дорад, коҳишёбии намояи нархҳои мол ва ашёи хом дар бозорҳои ҷаҳон

ба рушди иқтисодиёти аксарияти кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсири манфӣ расонданд. Кам шудани ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ боиси ноустувории пули миллӣ, коҳиш ёфтани сатҳи даромади аҳолӣ ва қудрати харидории мардум, инчунин суст шудани рушди иқтисодӣ гардид. Бо вуҷуди ин, ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2015 305 894,92 миллион доллари амрикоиро ташкил кард.

Ҳамкорони асосии тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равобити иқтисодии хориҷӣ, пеш аз ҳама, мамолики аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил мебошанд, ки 48 дарсади муомилоти тиҷорати ҳориҷии кишварро ташкил медиҳанд.

Аз самтҳои муҳим дар ҳамкориҳои иқтисодӣ дар ҳавзаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил ин ширкати фаъол дар чунин ниҳодҳои муҳим, ба монанди Минтақаи тиҷорати озоди кишварҳои муштаракулманофеъ ва Ҷомеаи иқтисодии Авроосиё, мебошад. Бо ин ки соли 2014 фаъолияти Ҷомеаи иқтисодии Авроосиё (ЕврАзЭС) қатъ гардид, тамоилҳои дар солҳои гузашта шаклгирифта дар ҳамкорию ҳамгироии кишварҳои аъзои он ҳамоно таъсири мусбати худро ҳифз намудаанд ва дар равобити дуҷонибаи иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ идомаи мантиқӣ доранд.

Бо иноят ба гуфтаҳои боло, Тоҷикистон ба манзури касби пешрафт ва муҳайё кардани зиндагии беҳинаву шоиста барои мардуми кишвар равобити хориҷии худро дар самтҳои зерин роҳандозӣ менамояд:

– бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил;

– бо кишварҳои форсизабон;
– бо дигар кишварҳои ҷаҳон;
– бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ.

## Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷкистон бо кишварҳои аъзои ИДМ

Равобити дуҷонибаи сиёсиву иқтисодию фарҳангӣ бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил аз муҳимтарин самтҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва метавон гуфт, ки ҳамкориҳои кишвари мо бо мамлакатҳои аъзои ИДМ дар тӯли ҳамаи солҳои гузашта дар сатҳи баланд анҷом мегиранд.

Сатҳи баланди муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва равобити дӯстонаи Тоҷикистонро бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, пеш аз ҳама, гузаштаи начандон дур, ки ин ҷумҳуриҳо аъзои низоми воҳиди сиёсӣ ва иқтисодӣ буданд, боис гаштаанд. Имрӯзҳо, бо ин ки ҳар як аз ҷумҳуриҳои собиқ давлати мустақил гаштаанд, шаҳрвандони ин кишварҳо бо ҳам бо риштаҳои маҳками умумияти иҷтимоиву фарҳангӣ пайванд мебошанд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия

Барои бисёре аз тоҷикон аз Россия наздиктар ва матлубтар кишваре вуҷуд надорад, зеро садҳо ҳазор оилаи тоҷик ризқу рӯзиашонро аз ҳамин мамлакат пайдо мекунанд.

Аслан, сатҳ, мазмун ва муҳтавои равобити Тоҷикистону Россияро на танҳо манфиатҳои геосиёсӣ ва прагматизми иқтисодӣ, ҳамчунин заминаҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва пайвандҳои инсонӣ муайян месозанд.

Ҳақшиносона бояд гуфт, ки маҳз ба шарофати Россия ва инқилоби болшевикии соли 1917 тоҷикон на танҳо аз хатари чун миллат аз сафҳаи таърих нест шудан раҳо ёфтанд, балки соҳиби сохтори худмухтори давлатӣ гаштанд. Инқилоби Октябр, Давлати Шӯравӣ ва миллати рус тоҷиконро, ки дар ҳолати парешонии иҷтимоиву фарҳангӣ ба сар мебурданд ва аз ситамҳои хонҳову бекҳову амирҳо аҳволи табоҳу рӯзи сиёҳе доштанд, ба рӯшноӣ баровარданд ва бар тибқи усули башардӯстонаи интернатсионалистӣ аъзои баробарҳуқуқи ҷомеаи бисёрмиллати советӣ ва омили мамлакати бузургу қудратманди Шӯравӣ гардонданд. Бо мадади Россия ва саҳмгузории бевоситаи ҳазорҳо мутахассисони рус биёбонҳои лабташна обёрӣ шуда, ба водиҳои зархез табдил ёфтанд. Дар ҷумҳурӣ муносибатҳои истеҳсолии пешрафта, таркиботи иқтисодии навин, техникаву тенологияи замонавӣ ҷорӣ карда шуданд.

«Чу дасти рус мадад намуд...», ки сатри аввали гимни давлатии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аст, як баёни шоирона набуда, ҳақиқати бебаҳси таърихӣ аст. Маҳз мадади Россия ва халқи бузурги рус буд, ки тоҷикон андаке монда буд, дар тирагиву ҷаҳолати асримиёнагӣ нопадид гарданд, дигарбора рисолати фарҳангсолории хешро аз сар гирифтанд, дар кӯтоҳтарин муддат саросар босавод

шуданд, соҳиби донишкадаҳои олӣ, институтҳои таҳқиқотӣ ва Академияи илмҳо гардиданд. Давлати Шӯравӣ тамоми қудрати илмиву техникиву фарҳангии халқи пешрафтаи русро ба ихтиёри ҳамаи шаҳрвандони шӯравӣ гузошт. Тамоми донишгоҳҳо, донишкадаҳо, китобхонаҳо, лабораторияҳо ва фарҳангистонҳои Россия дарҳояшонро ба рӯи толибони илм боз карданд. Фазои ягонаи фарҳангии шӯравӣ имконият дод, ки илму фарҳанги асримиёнагии мо ба зинаҳои баланди рушду такомул бирасад. Маҳз заминаҳои маънавию фарҳангӣ ва раванди худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ки дар даврони шӯравӣ сурат гирифта буд, нахбагони сиёсиву фарҳангиро, – онҳоеро, ки истиқлолияти воқеии Тоҷикистонро ба амал баровarданд, ба вуҷуд овард.

Таърихшиносон ва олимони шарқшиноси рус Семёнов, Бартолд, Брагинский, Андреев, Шишов ва дигарон дар омӯзиши таърих, адабиёт, фолклор ва этнографияи тоҷик ва ба ҷаҳониён шиносондани ғановати фарҳангии тоҷикон хизматҳои бузург кардаанд. Академик Евгений Павловскийро метавон сарчашмадори Академияи илмҳои Тоҷикистон номид.

Нақши Россия дар дастёбии Тоҷикистон ба сулҳу оромӣ низ хеле бузург аст. Федератсия Россия дар музокироти тоҷикон аз аввалин то охирин давраҳои он ширкати фаъолона намуда, ҳамроҳ бо тарафҳои музокира роҳи пуршебу фарози гуфтушунидро тай намуд. Ҳузури неруҳои ҳифзи сулҳи Россия ва сарҳадбонони россиягӣ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон боло гирифтани хушунатро дар мамлакат ҷилавгирӣ намуд. Зиёда аз 200 нафар афсарон ва сар-

бозони Федератсияи Россия дар ин роҳ ҷони худро қурбон карданд. Пойгоҳи 201 артиши Россия, ки дар хоки Тоҷикистон ҷой гирифтааст, зомини аз нав сар назадани даргириҳои фоҷиаомез дар кишвари мо шуд.

Ин амр тасодуфӣ нест, ки имзои муҳимтарин санади сарнавиштсози даврони навини давлатдории тоҷикон – Созишномаи барқарории сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон – маҳз дар Москва ва дар дили идораи сиёсии Россия – Кремл – дар ҳузури шахсии Президенти Федератсияи Россия сурат гирифт.

Мо набояд кумакҳои башардӯстонаи иқтисодии Россияро, ки ба кишвари мо расонидааст, фаромӯш кунем. Дастгирии роҳбарияти сиёсии Федератсияи Россия, дар навбати аввал, ва дигар ҷумҳуриҳои дӯсту ҳамсоя буд, ки дар давраи фоҷиаомези муқовимати ҳамватанӣ ва баъдазҷангӣ хатари гуруснагӣ дар мамлакати мо бартараф карда шуд.

Саҳми Федератсия Россия дар барқарорсозии иқтисодии баъдазҷангӣ, бунёди артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва ҳифзи амният, бо васоили техникӣ ва лавозимоти ҳарбӣ таъмин намудани онҳо, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси афсарӣ барои Қувваҳои мусаллаҳ ва Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон, ва бо ин восита, дар таъмин ва таҳкими пояҳои давлатдории тоҷикон – ба унвони давлати соҳибистиқлол – хеле бузург аст.

Пойтахти Ватани мо – шаҳри Душанбеи нозанин, – ки на танҳо мояи ифтихори шаҳрвандони Тоҷикистон, балки хонаи умеди тамоми тоҷикони дунёст, бо заҳмати халқи рус симои нотакрори худро соҳиб шудааст. Зеро ҳанӯз дар соли 1926 меъморони рус ба

Душанбе омада, нақшаи аввалини бозсозии шаҳрро тартиб дода буданд. Дар аввали солҳои 30 шаҳри Ленинград корҳои сохтмониро дар пойтахти ҷумҳурии мо таҳти сарпарастии худ гирифта буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ибрози қадрдонӣ зимни яке аз суханрониҳояш чунин гуфтааст: «Мо нақши халқи рус ва ходимони сиёсиву олимони барҷастаи онро дар эҳёи давлатдории тоҷикон, густариши илм ва инчунин ташаккули пойтахти нави он ҳамеша қадр менамоем».

Қадршиносии некиҳои шахсиятҳо ва кишварҳо маънои зону хам карданро надорад, бавижа барои мо, тоҷикон, ки сипосгузорӣ ва қадр кардани аъмоли нек аз унсурҳои бунёдии фарҳанг ва маънавиёти миллиямон ба шумор меравад. Аз ин нуқтаи назар, баҳсҳои доманадоре, ки вақтҳои охир дар атрофи «сардиву» «гармии» муносибатҳои миёни Тоҷикистону Русия ва «иқдоми» баъзе аз назарияпардозон, ки бо истинод ба «принсипҳои баробарҳуқуқӣ, соҳибистиқлолӣ, эҳтироми тарафайн дар равобити байнидавлатӣ» «пешниҳодҳое» ба амал меоваранд, масъулиятношиносие беш нестанд.

Ҳамчуноне ки мадду ҷазри дарё ҳамеша яксон нест, дар равобити байнидавлатӣ низ давраҳои пурҷӯшухурӯш ва, баръакс, марҳалаҳои нисбатан ором мушоҳида мешаванд. Ин амр вобаста ба мазмуну муҳтавои ҳамкориҳоест, ки байни ду кишвар бар мабнои тааҳҳудот сурат мегиранд. Барои ин ҳам роҳбарони кишварҳо сари ҳар вақт бо ҳам мулоқот мекунанд, то аз корҳои баитмомрасида натиҷагирӣ кунанд ва марҳалаи нави ҳамкориҳоро оғоз бахшанд.

Шарикии стратегӣ бо Федератсияи Россия, ҳамкориҳои судманд, рушду густариши минбаъдаи равобити ҳамаҷониба, устувортар намудани пайвандҳои иқтисодӣ ва алоқаҳои фарҳангӣ, амиқтар сохтани ҳамкориҳои сиёсию низомӣ ва низомӣ-техникӣ бо ин давлати дӯсту бародар умдатарин ҳадафи Тоҷикистон ҳаст ва хоҳад монд.

Ба ин далел аст, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия сол аз сол тавсеа пайдо мекунанд. Имрӯз дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвари мо бештар аз 160 корхонаи муштараки Тоҷикистону Россия фаъолият мекунанд. Дар соли 2010 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими Россия ба иқтисоди Тоҷикистон 110 миллион доллари амрикоиро ташкил дод.

Равобити мустақими Тоҷикистон бо минтақаҳои гуногуни Россия низ дар сатҳи матлуб аст. Дар ин замина беш аз 230 созишномаи муҳими ҳамкорӣ ба имзо расидаанд.

Ҳамкории иқтисодӣ бо Россия, чуноне ки пеш аз ин зикр шуд, аз аҳамияти вижа бархӯрдор аст. Бо саҳми ширкати РАО ЕЭС неругоҳи «Сангтӯда-1» бунёд гаштааст, ки 15 фоизи ҳаҷми умумии неруи барқи кишварро тавлид мекунад. Ҷамъияти саҳомии «Газпром-Нефт» дар якчанд майдонҳои ояндадори нафту газ бо корҳои ҷустуҷӯиву иктишофӣ машғул аст.

Мулоқотҳои пайвастаи президентҳои кишварҳои мо фурсати муҳиме барои пайдо кардани роҳу равиши муассир барои ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами равобити стратегии Тоҷикистону Россия мебошанд. Масалан, танҳо дар соли гузаштаи 2015 сарони давлатҳои мо се мулоқоту дидору гуфтугӯ бо

ҳамдигар доштанд, ки ин воқеият баёнгари пӯёии равобити байни кишварҳои Тоҷикистону Россия мебошад.

Таъкиди ин нукта муҳим аст, ки Федератсияи Россия тайи солҳои гузашта ва то имрӯз мақоми шарики рақами аввали сармоягузори Тоҷикистонро ҳифз намудааст. Сармояи мустақими ин кишвари дӯст дар тавсеаи соҳаҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистон хидмат мекунад. Бо ин ки, бино ба таъсири манфии буҳрони фарогири молиявии ҷаҳонӣ, ҳаҷми табодули молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Русия коҳиш ёфта, аз 5274,7 миллион доллар дар соли 2014 ба 4325,5 млн. доллар дар соли 2015 поён фаромадааст, равобити иқтисодии миёни кишварҳоямон тамоили мусбати рушд ва устувории худро нигоҳ доштааст.

Барномаи ҳамкории иқтисодии Тоҷикистону Россия барои солҳои 2011–2014, ки қабул шуда буд, равобити иқтисодии кишварҳои моро дар самтҳои асосӣ, аз ҷумлаи энергетика, сармоягузорӣ ва кооператсия, ҳамчунин татбиқи лоиҳаҳои мушаххаси соҳаҳои гидроэнергетикӣ, рушди зерсохти нақлиётӣ ва алоқа, ба таври қобили мулоҳизае тавсеа бахшид. Тибқи барномаи мазкур, ҳамкориҳои дуҷониба дар саноати кӯҳию маъданӣ, сохтмон, саноати сабук ва ғизоӣ, истеҳсоли молҳои саноатӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, пешбурди корҳои кашфиётию геологӣ, омӯзиши конҳои гази табиӣ ва баҳрабардорӣ аз онҳо суръати бештарро касб карданд. Бино ба тавофуқҳои ҳосилшуда миёни роҳбарияти кишварҳои мо, амали барномаи мазкур идома хоҳад ёфт.

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи таҳсилоти олӣ низ хеле назаррасанд. Таъсис шудани Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон дар соли 1996, ифтитоҳи филиалҳои Донишгоҳи давлатии Масква ба номи М.В. Ломоносов, Донишкаи пӯлод ва хӯлаи Маскав дар шаҳри Душанбе, факултетҳои муштараки тоҷикӣ-россиягӣ дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб имкониятҳои васеи ҳамгироии илмиву таълимиро дар ин самт фароҳам овардаанд.

Донишгоҳҳои Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия шартномаҳои ҳамкориро дар самти тайёр кардани мутахассисон барои Тоҷикистон, кадрҳои илмиву омӯзгорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмиву тадқиқотиву инноватсионӣ ба имзо расонида, онҳоро пайваста амалӣ менамоянд. Садҳо толибилмони тоҷикистонӣ айни замон дар як қатор донишгоҳҳои Маскаву Санкт-Петербург, Донишгоҳи давлатии химиявӣ-технологӣ ва Академияи давлатии кишоварзии шаҳри Иваново, Донишгоҳи давлатии технологии шаҳри Кострома, Донишгоҳи давлатии технологии шаҳри Воронеж ва дигар мактабҳои олии Россия таҳсил мекунанд.

Дар мавзӯи равобити Тоҷикистону Россия сухан гуфта, наметавон масъалаи муҳимеро, чун муҳоҷирати меҳнатӣ, аз мадди назар дур кард. Тибқи омори ғайрирасмӣ, наздик ба ду миллион ва ё ҳар севвумин оилаи тоҷик муҳоҷири худро дар хориҷа дорад ва аксари онҳо дар Россия иқомат мекунанд. Мутаассифона, имрӯз барои бисёриҳо ягона роҳи пайдо кардани

қути лоямут муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Мунсифона бояд иқрор шуд, ки созукорҳои назоратии кишварамон барои танзими ин падида ҳанӯз заиф ҳастанд ва наметавонанд доираи васеи масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи коргарони муҳоҷирро дар хориҷи мамлакат ҳал намоянд.

Сабаби асосии сурат гирифтани чунин вазъи ноҷӯр дар масъалаи мазкур бемасъулиятиву хунукназарӣ ва, дар бисёр маврид, бесалоҳиятии баъзе аз кормандони мақомот ва сохторҳои марбута мебошад. Зеро аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи дар сатҳи равобити байнидавлатӣ ва чи дар фаъолиятҳои дохиликишварӣ, ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд, ки мушкилоти рӯзгори муҳоҷирони меҳнатӣ, ки камбизоатӣ маҷбур сохтааст падару модар, зану фарзанд ва наздикони худро дар Ватан монда, барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ ба хориҷи кишвар раванд, то ҳадди имконпазир ҳал карда шаванд.

Масъалаи мазкур дар ҳар мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамтои россиягиаш мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор мегирад. Дар мулоқотҳои роҳбарони Тоҷикистону Россия, ки моҳи сентябри соли 2014 дар Душанбе ва моҳҳои июл ва октябри соли 2015 дар Россия баргузор гардида буданд, низ зарурати андешидани тадбирҳои муассир барои ба вуҷуд овардани шароити мусоиди кору зиндагӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Русия махсусан таъкид карда шуд.

Вале, дар баробари ин ҳама, бояд мунсифона иқрор шуд, ки сабабгори нобасомонӣ ва мушкили бисёре аз муҳоҷирони меҳнатӣ худи онҳоянд. Ҳадди ак-

сари муҳоҷирон, вақте озими Россия мешаванд, намедонанд, ки бо чӣ коре машғул хоҳанд шуд. Омори марбут дар ин замина нишон медиҳад, ки зиёда аз 30 фисади онҳое, ки ба муҳоҷират мераванд, ягон ихтисос надоранд ва зиёда аз 60 дарсади тахассуси муҳоҷирон бо корҳое, ки дар муҳоҷират бо он машғуланд, мутобиқат намекунад. Бе донистани забони русӣ ва бе касби тахассус онҳо фақат ба дарёфти корҳое, ки барои анҷом доданашон донистани забон ва маҳорати касбӣ талаб карда намешаванд, умед мебанданд.

Бино бар ин, аксар вақт онҳо ба дасти корфармоёни хусусӣ, ки мехоҳанд қувваи кории арзон дошта бошанд, меафтанд. Корфармои хусусӣ манфиатдор нест, ки ҳуҷҷатҳои коргаронашро тибқи қонун дуруст кунад ва ба давлат андоз супорад. Ва ин сабаб мешавад, ки муҳоҷирон ба вазъияти одамони ғайриқонунӣ дар ҳудуди кишвари дигар ҳузурдошта меафтанд.

Аз ҷониби дигар, дараҷаи пасти маърифати ҳуқуқии муҳоҷирон мӯҷиби он мегардад, ки бар хилофи қоидаву қонунҳои кишвари муҳоҷират рафтор мекунанд ва аз ҷониби кормандони мақомоти марбутаи он кишвар аз мамлакат берун карда мешаванд.

Мушкили дигаре, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар сарзамини Россия бо он рӯ ба рӯ мегарданд, ин хусумати миллӣ ва амали ҷинояткоронаи миллатгароён мебошад.

Ҳеҷ ҷомеае аз вуҷуди чунин афрод, ки «миллатдӯстӣ»-и худро бо душманӣ кардан ба намояндагони дигар миллату халқиятҳо зоҳир менамоянд, покиза нест. Тамоюли хатарноки нажодпарастӣ, миллатга-

роии ифротӣ ва фашизми навбаромад ва, дар ин замина, мавҷуд будани созмонҳои пинҳонкор, ки миёни авом бо номи «скинхедҳо» машҳуранд, мӯҷиби ташвиши давлат ва ҷомеаи Россия мебошад ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳои марбута ҷиҳати решакан кардани ин тамоюлоти зараровар мубориза мебаранд.

Бо вуҷуди ниҳоят мураккаб ва печида будани масъалаи танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Россия, бо фикри баъзе таҳлилгарон, ки гӯё дар ин замина мақомоти давлатӣ ҳеҷ коре анҷом намедиҳанд, розӣ шудан мумкин нест.

Чуноне ки дар боло зикр шуд, яке аз мавзӯъҳое, ки дар мулоқоти роҳбарони давлатҳои мо мавқеи доимӣ доранд, ин ҳаллу фасли масъалаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи онҳо дар Федератсияи Россия мебошад.

Ҳукумати Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии муҳоҷирон, корҳои зиёдеро ба сомон мерасонад.

Ҳанӯз моҳи октябри соли 2004 барои ба низом даровардани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ созишномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳукумати Федератсияи Россия «Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расида буд.

Ба хотири ба танзим даровардани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ чандин қонун, фармонҳои Пре-

зиденти кишвар ва қарорҳои Ҳукумат, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», «Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа», ба тасвиб расидаанд.

Барои таҳкими ҳамкории байнидавлатии Тоҷикистон ва Россия дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ якчанд ҳуҷҷатҳои муҳим, аз ҷумла созишномаҳо «Дар бораи ташкили биржаи муҳоҷирати меҳнатии «Россия-Тоҷикистон», «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ», созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Тотористони Федератсияи Россия «Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ» ба имзо расидаанд.

Ва, ниҳоят, бо дарки аҳамияти масъалаи танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва бо мақсади ташкили низоми ягонаи идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, дар таърихи 21 январи соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо фармони худ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷиратро таъсис дод. Вазифаҳои ин ниҳод аз танзими муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа, таълими касбии муҳоҷирони меҳнатӣ, бакортаъминкунии шаҳрвандон дар хориҷи кишвар, робита бо ҳамватанони бурунмарзӣ ва танзиму назорати муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошанд.

Бо мақсади мусоидат намудан ба шаҳрвандон бобати соҳиб гаштан ба касбу тахассус ва одоби муошират ва омӯзонидани забони русӣ, вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва маориф дар омӯзишгоҳҳои касбию техникии мамлакат курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат таъсис додаанд.

Дар солҳои гузашта ба манзури танзими бозори меҳнат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ қабул карда шуданд. Ин иқдомҳо боис гаштанд, ки тайи солҳои гузашта садҳо ҳазор ҷойҳои кор ташкил карда шуданд. Фақат дар соли гузаштаи 2015 дар доираи барномаҳои давлативу соҳавӣ беш аз 205 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис гардиданд.

Дар Маркази таълими калонсолон, ки соли 2008 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, зиёда аз 45 номгӯй ихтисосҳои барои бозори меҳнати дохилию хориҷӣ зарур омӯзонида мешаванд.

Аз ибтидои соли 2009 то ба имрӯз дар Маркази мазкур ва бахшҳои минтақавии он ҳазорҳо нафар бекорон ихтисосҳои гуногун гирифтаанд.

Тавре ки болотар гуфта шуд, Президенти кишвар масъалаҳои мубрами рӯзгори муҳоҷирони меҳнатии кишварамонро ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи хеш қарор дода, баҳри ҳалли мусбати онҳо пайваста талош меварзад.

Дар баробари ин, Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар масъалаи фаро гирифтани қувваи кории мамлакат дар дохили кишвар ҷидду ҷаҳд менамоянд.

Суръат бахшидан ба фаъолиятҳо дар соҳаҳои сохтмон, энергетика, саноати сабуку хӯрокворӣ, кишоварзӣ ва нақлиёт, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ, ба хоҳишмандон ҷудо намудани қитъаҳои замин барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, додани қарзҳои имтиёзнок барои ташкили соҳибкорӣ ва корҳои ҷамъиятӣ аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки ҳоли ҳозир дар марҳалаи амал ҳастанд ва ба паст намудани шиддати муҳоҷирати аҳолӣ ба хориҷ аз мамлакат нигаронида шудаанд.

Иншооти азими стратегие, ки дар кишвар бунёд карда мешаванд ва сохтмони чанде аз онҳо, ки оғоз гаштааст, ҳазорҳо коргарону мутахассисонро метавонанд бо ҷойи кор таъмин намоянд.

Айни муддао хоҳад буд, ки ҳар он чиро, ки дар мавриди равобити Тоҷикистону Россия гуфта шуд, бо чанд нуктаи арзишманди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми суханрониаш дар расми кушодани Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Россия 6 октябри соли 2005 иброз доштааст, ҷамъбаст намоем:

«Тоҷикон аз рӯзҳои аввал нисбат ба Русия ва сокинони он барои дили васеъ, ҳисси адолат доштан ва ба дӯстӣ содиқ буданашон, ки ин хислати мардуми рус аст, ҳисси эҳтироми самимона ва таваҷҷуҳ доранд. Дӯстии байни халқҳои мо аз байни ҳамаи душворию мураккабиҳои қарнамон гузашта ва қобили ҳаёт ва мустаҳкамиашро исбот намуд. Русия дар давоми асрҳо мақоми як навъ пулеро мебозид ва мебозад, ки дигарон, аз ҷумла тоҷикон ҳам, тавассути он аз илму фарҳанги ҷаҳон бархӯрдор мешаванд.

Хурсандибахш аст, ки мо дар шароити нави рушди мустақилонаи ҳар ду мамлакат, чун пештара, ба таҳкурсиҳои мустаҳкам такя намуда, муносибатҳоямонро дар рӯҳи иттифоқчигӣ ва ҳамкории стратегӣ густариш медиҳем. Дар шароити имрӯза маҷмӯи ҳамкории ҳамаҷонибаи байни давлатҳоямон ва ҳамфикрии соҳаи фарҳангию гуманитарӣ аҳамияти ҳарчи муҳимтаре пайдо мекунанд».

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон

Дигар аз шарикони боэътимоди Тоҷикистон дар фазои пасошӯравӣ Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад.

Равобити Тоҷикистон ва Қазоқистон ба 7 январи соли 1993, ки ҳар ду кишвар созишномаи марбутро ба имзо расонданд, бармегардад. Аз он даврон то имрӯз ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи миёни Тоҷикистону Қазоқистон дар фазои дӯстӣ ва барои тарафҳо муфид идома доранд ва беш аз пеш мазмуну муҳтавои тоза касб мекунанд.

Наздикии маънавии халқҳои мо решаҳои амиқи таърихӣ дорад. Фақат намунаи он чи, ки Наврӯзи хуҷаста ҳам барои мардумони эронинажод ва ҳам барои халқҳои турктабор иди умумӣ мебошад, баёнгари ҳамгунии сарнавишти таърихӣ, ягонагии пояҳои ахлоқию маънавӣ ва фарҳангии мардумони мост.

Тоҷикон беш аз ҳар миллати дигари кишварҳои ҷомеаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил аз кумакҳои бародаронаи Қазоқистон бархӯрдоранд, зеро бар иллати ҷанги шаҳрвандӣ бештар аз дигарон ниёз ба ку-

мак доштанд. Дар солҳои ихтилофи шаҳрвандӣ нисбати халқи бародари қазоқ зарбулмасали «Дӯстро дар мусибат мешиносанд» комилан таъйид шуд.

Қазоқистон ба таври комил барои дар сарзамини мусибатбори тоҷикон ҳукмфармо шудани сулҳ мусоидат менамуд. Бо лутфи бародарона ба кишвари мо ба таври ройгон маводи ғизоӣ, маҳсулоти нафтӣ, доруворӣ, пули накд мефиристод.

Бисёре аз тоҷикистониён дар он солҳои сахт дар сарзамини меҳмоннавози қазоқ барои худ паноҳгоҳ ва зиндагии ором пайдо намудаанд. Ҳукумати Қазоқистон ба онҳо барои ба зиндагиашон сару сомоне бахшидан кумак кардааст.

Қазоқистон дар амри сурат бахшидан ба музокироти байни тоҷикон низ хеле фаъол буд ва баъд аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон яке аз кишварҳои зомини иҷрои ин санади сарнавиштсоз буд.

Лозим ба зикр аст, ки дар солҳои ҷанги дохилӣ сарбозони қазоқистонӣ марзи Тоҷикистонро бо Афғонистон ҳифз мекарданд. 35 нафар аз онҳо дар ин марз қаҳрамонона ҳалок шудаанд.

Дар боғи Дӯстӣ»-и шаҳри Душанбе лавҳаи ёдбуд – намоде аз қадрдонии мардуми тоҷик ба сарбозони қазоқистонӣ, ки ба хотири сулҳу субот дар сарзамини тоҷик ҷон супурдаанд, барқарор аст.

Мардуми Қазоқистон имрӯз низ ба Тоҷикистон бародарона кумак мекунад. Қазоқистон аз лиҳози расондани кумакҳои башардӯстона ба Тоҷикистон – пас аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико – дар ҷои дуввум қарор дорад.

Кумаки Қазоқистон дар ҳавзаи омӯзиш низ қобили таваҷҷӯҳ аст. Ҳар сол барои шаҳрвандони Тоҷикистон 100 бурсияи давлати Қазоқистон барои таҳсил дар мактабҳои олии ин кишвар ихтисос дода мешавад.

Бунёди ҳуқуқии равобити Тоҷикистону Қазоқистонро беш аз 75 санад ташкил медиҳанд. Ин санадҳо равобити ду кишварро дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, сармоягузорию андозбандӣ, бонкӣ, гумрукӣ, ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ танзим менамоянд.

Сафарҳои расмию кории сарони давлатҳои Тоҷикистону Қазоқистон ва дидорҳои онҳо дар чорчӯби созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ки кишварҳои мо шомиланд, зомини тақвияту густариши ҳамкориҳо мебошанд. Ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ба Тоҷикистон, ки 14 сентябри соли 2015 сурат гирифт, равобити кишварҳои мо ба мақоми баландтаре бардошта шудаву «стратегӣ» номида шуд.

Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистон, ба таври умда, дар бахшҳои саноати сабук, металлургияи ранга, энергетика, нақлиёт, иртиботот ва кишоварзӣ сурат мегиранд. Тоҷикистон ба Қазоқистон неруи барқ, пахта, алюминий, маҳсулоти кишоварзӣ ва нассоҷӣ содир мекунад ва аз Қазоқистон ба кишвар ғалла, орд, фаровардаҳои нафтӣ, фулузоти оҳанӣ ва маҳсулоти кимиёӣ ворид месозад.

Сармоягузорони Қазоқистон тасмим гирифта буданд, ки дар бунёди неругоҳҳои миёна ва хурд дар ҳавзаи дарёҳои дохилии кишвар саҳм гузоранд.

Шоёни зикр аст, ки дар заминаи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва инсонӣ Тоҷикистону Қазоқистон аз

равобити рӯбарушд бархӯрдор ҳастанд, ки мавриди пуштибонӣ ва таҳсини мардумони дӯсти ҳар ду кишвар қарор гирифтааст.

Баргузории мувафаққомези Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Қазоқистон дар моҳи августи соли 2007 ва доир гардидани Рӯзҳои фарҳангии Қазоқистон дар кишвари мо дар моҳи октябри соли 2008 далели густариши робитаҳои фарҳангии мардум ва кишварҳои мо мебошанд.

Нигоҳе ба 24 соли равобити гуногунпаҳлуи дӯстонаю самимии кишварҳои мо ва дастовардҳои муштараке, ки дар ин замина ба даст омадаанд, итминон медиҳанд, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон, инак дар мақоми шарикони стратегӣ, пешрафти босуръаттар аз пешро касб хоҳанд кард.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Беларус

Аз замони барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистону Беларус дар таърихи 5 сентябри соли 1996 ба ҳукми анъана даромадааст, ки муносибатҳои дуҷониба дар фазои ҳамкории мутақобилан судманд ва мусоидати дутарафа барои тавсеаи муваффақиятомези ҳамкорӣ дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ роҳандозӣ гарданд.

Ба файзи талошу эҳтимоми роҳбарони ду кишвар – Эмомалӣ Раҳмон ва Александр Лукашенко – равобити дуҷонибаи байни ду кишвар имрӯз мақоми дӯстии мустаҳкам ва пуштибонии тарафайнро касб

кардаанд. Дидору мулоқотҳои мунтазами сарони давлатҳо, ҳайатҳои сатҳи баландпоя баҳри густариши муносибатҳо ва тақвияти появу асоси ҳуқуқии ҳамкорӣ мусоидат менамоянд.

Бунёди ҳуқуқии ҳамкориҳои дуҷонибаи байни Тоҷикистону Беларусро зиёда аз 76 ҳуҷҷат ташкил медиҳанд. Санадҳое, ки аз тарафи роҳбарони ду кишвар қабул шудаанд, соҳаҳои муҳимтарини равобити ҷонибҳоро фаро гирифта, таъмини заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ барои таҳкими минбаъдаи ҳамкории дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Беларус дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ, бонкӣ, ҳарбӣ, ҳарбӣ-техникӣ ва андозу гумрук аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Ҳамкориҳои парлумонҳои ду кишвар низ дар сатҳи баланд қарор доранд ва дар таҳкими равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаи миёни Тоҷикистону Беларус, аз ҷумла дар самтҳои ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, илмию фарҳангӣ, нақши муҳим ифо менамоянд.

Робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Беларус рӯ ба густариш мебошанд. Осори чанде аз адибони тоҷик ба забони беларусӣ тарҷума ва нашр шудааст. Ходимони фарҳанг ва адибони ду кишвар дар анҷуманҳои байналмилалии фарҳангӣ, форумҳои илмӣ ва намоишгоҳҳои осори ҳунарие, ки дар Тоҷикистону Беларус баргузор мешаванд, ширкат меварзанд. Баргузор шудани Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Беларус дар Тоҷикистон аз 15 то 18 октябри соли 2015 рӯйдоди муҳиме дар ҳаёти фарҳангии мардуми кишвари мо гашт. Сокинони пойтахт ва ноҳияҳои атрофи Душанбе, ки макони баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ дар до-

ираи Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Беларус буданд, имкони онро доштанд, ки бо фарҳанги бою пурғановати мардуми Беларус аз наздик ошно гарданд.

Самти муҳими ҳамкориҳои гуногунпаҳлуи Тоҷикистону Беларус равобити иқтисодию тоҷоратӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Беларус трактор, асбобҳои хонагӣ, яхдон, мебел, мошин, маводи хом барои истеҳсоли таҷҳизоти гуногун, масолеҳи сохтмон, доруворӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, шакар ворид мекунад.

Ҳаҷми муомилоти тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус дар соли 2015 32,7 млн. доллари амрикоиро ташкил дод, ки дар ин ҷумла ҳаҷми содирот 2,8 миллион доллар ва ҳаҷми воридот 29,9 миллион доллари амрикоӣ мебошанд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркманистон

Муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Туркманистон бар муштаракоти фарҳангӣ ва таърихии деринаи ду кишвари ҳамсоя ва наздикии маънавию фикрии ду халқ устувор аст.

Пояи ҳуқуқии равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон дар таърихи 27 январи соли 1993 бо имзо шудани тавофуқнома «Дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон» гузошта шуд.

Сатҳи кунунии ҳамкориҳои байни Тоҷикистону Туркманистон бисёр баланд мебошад. Равобити ду

кишвар ба таври пӯёю пайваста ва бар усули эҳтироми мутақобил, баробарӣ ва бо таваҷҷуҳ ба манфиатҳои якдигар рушд меёбанд. Ҳар ду ҷониб барои табдил додани Осиёи Марказӣ ба минтақаи орӣ аз хушунату тазоду рӯёрӯӣ, сарзамини суботи доимӣ, саҳнаи ҳамкориҳои густурдаи байналмилалӣ талош меварзанд.

Кишварҳои мо ба иҷрои лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ, нақлиётӣ ва зербиноии нақлиётӣ дар ҳамкории зич аҳамияти вижа медиҳанд.

Тоҷикистон ва Туркманистон нисбат ба масоили пуштибонӣ ва ҳифзи сулҳу субот дар тамоми ҷаҳон, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир рӯйкард (подход)ҳои ҳаммонанд доранд.

Роҳбарияти олии кишварҳои мо ба ҳаллу фасли мушкилоти обу энерҷӣ дар Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи вижа доранд ва чунин мешуморанд, ки ин масоил бояд бар пояи меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, эҳтироми мутақобил ва бо таваҷҷуҳ ба манфиатҳои ҳамаи кишварҳои минтақа ва бо иштироки созмонҳои байналмилалӣ ҳаллу фасл гардад.

Байни кишварҳои мо созишномаҳо дар бораи афзоиши тиҷорати дуҷониба, фаъол гардондани сиёсатҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои хадамот ва кишоварзӣ ба имзо расидаанд. Дар ин росто мақомоти марбутаи ҳар ду кишвар ҳама гуна иқдоми мумкинро ба хотири ҳидояти соҳибкорони ҷонибҳо барои ширкати фаъол ҷиҳати иҷрои барномаҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои мазкур анҷом хоҳанд дод.

Яке аз самтҳои муҳимтарини ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркманистон энергетика ва ҳамлу

нақл мебошад. Кишварҳои мо ба иҷрои лоиҳаи эҷоди хатти лӯлаи Туркманистон–Ӯзбекистон–Тоҷикистон–Кирғизистон–Чин аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Роҳи оҳани Туркманистон–Афғонистон–Тоҷикистон, ки дар ҳамкории ин се кишвар дар ҳоли сохт аст, ҳалқаи пайванд байни минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ хоҳад буд.

Тоҷикистон ва Туркманистон ҷонибдори ҳамкориҳои танготанг дар заминаҳои ҳамлу нақл ва транзит, иҷрои лоиҳаҳои бунёди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ бо таваҷҷуҳ ба мавқеи ҷуғрофии матлуби худ мебошанд.

Байни кишварҳои мо ҳамкориҳои хуб дар заминаҳои фарҳангӣ, инсонӣ, илмӣ, омӯзишӣ ва варзиш роҳандозӣ шудаанд.

Ба манзури истифодаи ҳарчи бештар аз зарфиятҳои иқтисодии ду кишвар ва рушди равобити мутақобилан судманди тиҷоратӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон Комиссияи байниҳукуматии муштарак оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ фаъолият дорад. Ин комиссия масъалаҳои ҳамкориҳоро баррасӣ ва роҳкорҳои иҷрои онҳоро мушаххас менамояд.

Тавсеаи рӯзафзуни равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон нишонгари иродаи ду кишвар, пеш аз ҳама президентҳояшон, барои тақвияти муносиботи дуҷониба мебошад. Сафарҳои президентҳои ду ҷумҳурӣ, ки ба сурати мутақобил анҷом мегиранд, пояҳои сиёсию ҳуқуқии равобити ду кишварро мустаҳкамтар аз гузашта мекунанд.

Туркманистон дар байни кишварҳои ҳамсарҳад бо Тоҷикистон дорои бештарин ҳаҷми гардиши мол бо ҷумҳурии мо мебошад. Дар соли гузаштаи 2015 ҳаҷми умумии савдои ду кишвар 106,6 миллион доллари амрикоиро ташкил кард.

Ҳамкориҳои миёни Тоҷикистон ва Туркманистон ба таври матлуб ва посухгӯ ба ҳадафҳои дарозмуддати мардумон ва кишварҳоямон пайваста дар ҳоли тавсеаю густариш мебошанд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Ҳамкориҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон бар пояи ҳамсоягии нек, дӯстӣ, эҳтирому эътимоди тарафайн, хайрхоҳӣ ва ҳамкории судманду созанда асос ёфтаанд. Умумияти зиёди таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва пайвандҳои устувори дӯстӣ миёни халқҳои тоҷику ӯзбек омили муҳими густариши равобити ду кишвар мебошанд.

Самтҳои муҳимтарини муносибатҳои ду ҷонибро санадҳои асосие, ки дар сатҳи роҳбарони ду кишвар ба имзо расидаанд, муайян месозанд. Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 4 январи соли 1993 ва Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 июни соли 2000 аз ҷумлаи ин асноди муҳим мебошанд. Дар маҷмӯъ, Тоҷикистон бо ҳамсоякишвари худ то кунун дар заминаҳои гуногун 115 созишнома ба имзо расондааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо таваҷҷуҳ ба муносибатҳои таърихан ташаккулёфтаи халқҳои ду кишвар, ба рушду таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон некбин мебошад ва барои густариши равобити гуногунҷанбаи посухгӯ ба алоқаи мардумони ду кишвар пайваста талош меварзад.

Сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 4 январи соли 1998 ва 11июни соли 2010 ба Ӯзбекистон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов 27 августи соли 2008 ва 11 сентябри соли 2014 ба Тоҷикистон ба ҳамкориҳои миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон такони тоза бахшиданд. Ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки зимни ин сафарҳо ба имзо расиданд, самту сӯи ҳамкориҳои мутақобилан судманди ду ҷониб ва равиши барои ҳар ду тараф матлуби ҳаллу фасли масоили мавриди баҳси мамлакатҳоро муайян намуданд.

Боиси қаноатмандист, ки дар солҳои охир ҳамкориҳои кишвари мо беш аз пеш рушд меёбанд ва шумораи шаҳрвандони ду ҷумҳурӣ, ки ба кишварҳои якдигар сафар мекунанд, аз соле ба соли дигар меафзояд.

Лозим ба зикр аст, ки Ӯзбекистон яке аз шариконии асосии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ мебошад. Ба манзури рушди ҳамкориҳо дар заминаҳои мазкур Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ташкил гардидааст. Дар ҷаласаҳои ин комиссия масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷониба

дар соҳаҳои неруи барқ, об, саноат, кишоварзӣ, нақлиёту иртиботот ва масоили дигари равобити тиҷоратию иқтисодӣ мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор мегиранд.

Бо он ки ҳаҷми савдои миёни ду кишвар – дар муқоиса бо нишондоди савдои хориҷии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа – чандон қобили таваҷҷуҳ нест ва дар соли 2015 ҳамагӣ 12 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст, тамоили рӯбарушди равобити ҷумҳуриҳои мо ва имкониятҳои зиёди ҳамкориҳо умед медиҳанд, ки дарояндаи наздик додугирифти кишварҳоямон ба сатҳи дархӯр ривоҷ хоҳад ёфт.

Ҳамкориҳои фарҳангии кишварҳои мо бино ба ин воқеият, ки Тоҷикистон ва Ӯзбекистон шомили ҳавзаи ягонаи фарҳангӣ мебошанд ва бисёре аз унсурҳо ва таркиботи фарҳангии мардумонашон ҳамсон ҳастанд ва низ бахши қобили мулоҳизае аз аҳолии Тоҷикистонро ӯзбекон ва аҳолии Ӯзбекистонро тоҷикон ташкил медиҳанд, имконияту фурсатҳои истифоданашудаи зиёде барои рушду густариш доранд. Итминони он аст, ки дарояндаи наздик анъанаи неки дар замони шӯравӣ ривоҷдоштаи рӯзҳои фарҳангӣ ва баргузоркунии дигар маъракаҳои фарҳангии халқҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон аз сар гирифта мешаванд.

Собиқаи таърихии муштарак, арзишҳои умумии фарҳангию маънавӣ, пайравӣ аз анъанаю одоби ҳаммонанд, бархӯрдорӣ аз таҷрибаи дерини ҳамсоягии нек омилҳои пешбари рушди ҳамкориҳои ҳамаҷониба байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мебошанд.

# Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ду ҳамсояе бо муносибатҳои самимона ҳастанд, ки аз оғози барқарории равобити дипломатӣ дар таърихи 14 январи соли 1993 то имрӯз аз равобити пешрафтаву муносибе бархӯрдор ҳастанд.

Усули асосӣ ва самтҳои ҳамкории ду ҷонибро Аҳднома оид ба асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, ки 12 июли соли 1996 имзо шудааст ва Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва мушорикат, ки 26 майи соли 2004 ба имзо расида буд, инъикос мекунанд.

Ҳифзу таъмини суботу амният ва мусоидат ба рушди минбаъдаи равандҳои ҳамгирой дар минтақа аз афзалиятҳои равобити сиёсии ду кишвар мебошанд.

Дар зарфи солҳои гузашта мулоқоту дидорҳои сершумори Президентҳои Тоҷикистону Қирғизистон ба вуқӯъ пайваста, дар ҷараёни онҳо масоили рушду густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва ҳамоҳангсозии мавқеи байни ду давлат оид ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва масъалаҳои минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар соли 2013 – 20-умин соли барқароршавии муносибатҳои дипломатии байни ду кишвар – сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қирғизистон сурат гирифт. Натиҷаҳои ин

боздид уфуқҳои нави ҳамкории ҳамаҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистонро боз намуда, муносиботи ду кишварро ба сатҳи тоза боло бурд.

Дар доираи ин сафар ҳамчунин – ба манзури тавсеаю густариш бахшидан ба ҳамкориҳои густурдаи миёни ду кишвар – ба кори Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба ва Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба муайян кардани хатти сарҳади давлатӣ такони ҷиддӣ дода шуд. Беш 10 асноди байнидавлатӣ ва байниҳукуматии имзошуда дар ҷараёни ин сафар пояҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои гуногунпаҳлуи ду кишварро густурдатар намуданд.

Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷонибдори садоқатманди ҳамкориҳои минтақавӣ ва таҳкими равандҳои ҳамгироӣ мебошанд. Ду кишвар ба ҳамкориҳои фаъолона дар чорчӯби созмонҳои байналмилалию минтақавӣ аз ҷумлаи Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Бунёди байналмилалии наҷоти Арал, ниҳодҳои молиявӣ ва дигар созмонҳо, ки Тоҷикистону Қирғизистон аъзои онҳо мебошанд, аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Ба таври куллӣ, равобити сиёсии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон – чи дар сатҳи дуҷониба ва чи бар асоси бисёрҷониба – муваффақомез густариш меёбанд.

Пояҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистонро 88 аснод, ки дар давраи солҳои 1993–2014 ба имзо расидаанд, ташкил медиҳанд. Дар ҳоли ҳозир, тибқи созишномаҳои ҳосилшудаи миёни ду кишвар, ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт, маориф, илм, фановарии иттилоотӣ, фарҳанг, варзиш, ҳифзи ҳуқуқ сурат мегиранд.

Дар ҳавзаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистон бештар дар бахшҳои ҳамлу нақли автомобилӣ, саноати кӯҳӣ, энергетикаи обӣ, афзорҳои хонадорӣ ва амсоли инҳо тавсеа ёфтаанд.

Соҳаҳоеро, монанди гидроэнергетика, истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои обӣ, иктишоф ва истеҳсоли муштараки маводи маъданӣ, такмили зерсохтҳои ҳамлу нақл, роҳандозии сиёсати муштарак дар соҳаи нақлиёт, бунёди корхонаҳои муштараки саноатӣ, тавсеаи феҳристи маҳсулоти содиротию воридотӣ ва ғайраро метавон ҳамчун афзалиятҳои дарозмуддати ҳамкориҳои мумкини ду кишвар баршумурд.

Бино ба омори расмӣ, ҳаҷми мубодилаи мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар соли 2015 33,8 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст, ки аз ин ҷумла ҳаҷми содирот 9,4 миллион ва ҳаҷми воридот 24,4 миллион доллар мебошад. Бидуни шубҳа, ин нишондоди муомилоти тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон инъикоскунандаи имкониятҳои ҳамкории иқтисодии ду кишвар намебошад.

Равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар заминаҳои фарҳангию

инсонӣ, ҳарбӣ-техникӣ ва дигар самтҳо низ дорои тамоили мусбат мебошад. Бавижа ҳамкориҳо дар ҳавзаи фарҳангӣ ба таври муассир сурат мегиранд. Муколамаи фарҳангии мардумони ду кишвар ба ҳукми анъанаи неке даромадааст. Дар заминаи шиносонидани фарҳанги миллии якдигар гурӯҳҳои театрии Тоҷикистон ва Қирғизистон нақши бузург ифо менамоянд. Баргузории фестивалҳо, ки ба таври муназзам сурат мегиранд ва дар онҳо ҳунармандони ду кишвар ширкати фаъол меварзанд, барои таҳкими дӯстӣ ва тақвияти равобити фарҳангии мардумони ҷумҳуриҳои мо мусоидат менамоянд.

Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон, ки аз 8 то 13 июли соли 2015 баргузор шуданд, фурсати хубе барои шиносондани фарҳанги ғанию рангоранг ва ҳунари миллати тоҷик ба мардуми Қирғизистон гардид.

Ба таври куллӣ, ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар сатҳи баланду матлуб қарор доранд ва масъулони ҳар ду давлат талош доранд, ки ҳамкориҳои ду кишвар беш аз пеш тавсеа ёбанд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Озарбойҷон

Равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Озорбойҷон бо садоқат бар анъанаҳои дӯстии миёни мардумони ду кишвар ва бар пояи рӯҳияи эҳтироми мутақобил густариш меёбад.

Дар ҳоли ҳозир пояи ҳуқуқии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Озарбойҷонро беш аз 30 ҳуҷҷат таш-

кил медиҳанд. Муҳимтарин ҳуҷҷат дар миёни ин аснод Аҳдномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон мебошад, ки 16 марти соли 2007 ба имзо расидааст. Ин санад ва дигар аснодидиги имзогардида заминаҳои густариши равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Озарбойҷонро дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, андозбандӣ, гумрук, равобити бонкӣ ва ҷалби сармоя таъмин менамоянд.

Дидору мулоқоти роҳбарони ду кишвар, ки ҳангоми сафарҳои мутақобил ба кишварҳои якдигар ва дар ҳошияи иҷлосияҳои созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ба вуқӯъ мепайванданд ва дар ҷараёни онҳо маҷмӯи масъалаҳои муҳими ҳамкорӣ мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор мегиранд, ба таҳким ва густариши ҳамкориҳо мусоидат менамоянд ва такони тоза мебахшанд.

Самтҳои афзалиятноки ҳамкории иқтисодии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон металлургияи ранга, кишоварзӣ, энергетика, саноати сабук, нақлиёт ва иртиботот мебошанд.

Ҳаҷми муомилоти тиҷоратӣ миёни ду кишвар тамоил ба афзоиш дорад. Бахши умдае аз савдои миёни Тоҷикистону Озарбойҷонро маҳсулоти корхонаи арзизи «ТАЛКО» ташкил медиҳад, ки – ба ҷуз ба худи ин кишвар – аз тариқи роҳҳои обӣ ва роҳи оҳани он ба мамлакатҳои Аврупо содир мегардад. Тоҷикистон аз Озарбойҷон гилхок, кокс ва дигар маводи хом мехарад.

Аз соли 2008 Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону

Озарбойҷон фаъолият мекунад. Комиссияи мазкур масъалаҳои муҳими муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ду кишвар ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистону Озарбойҷонро дар самтҳои мухталиф муайян менамояд.

Ҳамкориҳои минтақаҳои ду кишвар низ рушди матлуб доранд. Инак, чанд сол аст, ки шаҳрҳои Хуҷанд ва Ганҷаи Озарбойҷон равобити фаъоле доранд.

Ҳамкориҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Озарбойҷон низ хуб роҳандозӣ шудаанд. Фаъолияти гурӯҳҳои дӯстӣ, ки дар чорчӯби парлумонҳои ду кишвар ташкил шудаанд, барои ҳамоҳанг кардани фаъолиятҳои ҷонибҳо дар ростои тасвиби асноди марбут ба ҳамкориҳои ду кишвар мусоидат менамоянд.

Дар баробари густариши ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ кишварҳои мо ба таҳкими равобити фарҳангӣ низ таваҷҷуҳи вижа медиҳанд. Баргузории Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Озарбойҷон ва Рӯзҳои фарҳангии Озарбойҷон дар Тоҷикистон дар солҳои 2007 ва 2008 нишонгари алоқамандии тоҷикистониёну озарбойҷониҳо ба фарҳангу ҳунари якдигар мебошад, ки аз бисёр ҷиҳат ҳаммонандии шигифтангезе доранд.

Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон дар чорчӯби созмонҳои байналмилалию минтақавӣ низ дар сатҳи матлуб қарор дорад.

Баҳрабардорӣ аз имкониятҳои то имрӯз истифоданашуда, ки дар ҳавзаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳанг, сайёҳӣ, маориф ва ғайра дар равобити ҳар ду кишвар ҳанӯз хеле зиёданд, имкон медиҳад, ки

сатҳи равобити Тоҷикистону Озарбойҷонро ба зинаҳои баландтар аз имрӯзи ҳамкориҳои ба ҷонибҳо судманд бароварад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Арманистон

Равобити дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Арманистон 12 октябри соли 1992 оғоз шудааст. Равобити дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Арманистон дар таърихи 12 октябри соли 1992 бо имзои созишномаи дуҷониба байни ду кишвар барқарор гардидааст ва дар марҳалаи кунунӣ – чи дар сатҳи дуҷониба ва чи дар сатҳи бисёрҷониба – аз раванди густариши солим бархӯрдор мебошад.

Заминаи ҳуқуқии равобити дуҷонибаро беш аз 20 аснод ташкил медиҳанд. Ин аснод ҳамкориҳои ду кишварро дар ҳавзаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ ва илму маориф танзим менамояд.

Эътимод ба ҳамдигар, ҳаммонандӣ ва ё наздикии мавқеи ҷонибҳо ба масъалаҳои рӯзмарраи байналмилалӣ ва минтақавӣ аз вижагиҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Арманистон мебошанд.

Сафарҳои мутақобили президентҳои ду кишвар ва дидору мулоқотҳои онҳо дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар ростои таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи ҷумҳуриҳои мо дар ҳавзаҳои гуногун дорои аҳамияти вижа мебошанд.

Дар зарфи солҳои гузашта барои барқарорӣ ва густариши ҳамкориҳои рӯёрӯии ширкатҳо ва корхонаҳои ду кишвар, ташкили додугирифтҳои маҳсулоти техникӣ, молҳои ниёзи мардум ва ашёи хом қадамҳои устувор гузошта шудаанд.

Равобити тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Арманистон решаҳои амиқ дорад ва ҳанӯз дар даврони шӯравӣ ҷонибҳо аз ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодию тиҷоратӣ, иттилоотӣ ва фарҳангии фаъоле бархӯрдор буданд.

Ба манзури ҳаллу фасли ҳарчи зудтари масоили ҳамкориҳо дар соли 2004 Комиссияи байниҳукуматии доимоамалкунандаи Тоҷикистону Арманистон доир ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ таъсис гардид. Ин комиссия ҳамкориҳои ду кишварро дар ҳавзаҳои гуногуни ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ танзим намуда, дар ҷаласоти худ доир ба таҳкиму густариши равобити ҷонибҳо қарорҳои лозим қабул менамояд.

Таҷрибаи ҳосилшуда дар солҳои гузаштаи ҳамкориҳои ду кишвар нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Арманистон ба тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба ва барои тарафҳо судманд беш аз пеш алоқаманд мебошанд.

Пояҳои ҳуқуқии ҳамкории дуҷонибаи ду кишварро алҳол 27 аснод ташкил медиҳанд ва ҷараёни муваффақомези ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Арманистонро дар ҳавзаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, инсонӣ ва ғайра танзим ва ба таъмиқу густариши онҳо мусоидат менамоянд.

Ба таври куллӣ, равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Арманистон аз дурнамои хуби рушду густариш бархӯрдор аст.

Дар соли 2015 ҳаҷми умумии савдои хориҷии ду кишварро бо якдигар 66 миллион доллари амрикоӣ ташкил дод, ки ин далели ҳанӯз нокифоя будани пӯёии равобити иқтисодии ду кишвар мебошад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Украина

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина 24 апрели соли 1992 барқарор шудаанд.

Рушду таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Украинаро ҳуҷҷатҳои байнидавлатии имзошуда, ки Аҳднома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина аз 6 июли соли 2001 дар ин миён ҷойгоҳи вижа дорад, таъмин месозанд.

Ҳамкориҳои миёни кишварҳои мо ба таври анъанавӣ гарму самимӣ мебошанд ва аз эътимоду ҳамдигарфаҳмии тарафайн дар баррасӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои муҳими ҳамкориҳо бархӯрдоранд. Тоҷикистону Украина нисбат ба масъалаҳои калидии амнияти ҷаҳон ва фароияндҳои ҳамгироии байналмилалию минтақавӣ мавқеъ ва нуқтаи назари ҳамонанд доранд.

Боздидҳои расмии президентҳои ду мамлакат ба кишварҳои якдигар дар амри такони тоза бахшидан ба раванди ҳамкориҳо дорои аҳамияти вижа мебо-

шанд. Дар ҷараёни ин сафарҳо масъалаҳои калидии равобити Тоҷикистону Украина баррасӣ гардида, шуморе аз асноди муҳим имзо шудаанд.

Дар марҳалаи кунунӣ заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украинаро беш аз 80 санади аз ҷониби ду кишвар имзошуда ташкил медиҳанд, ки равобити ду тарафро дар феҳристи васеъе аз ҳавзаҳо ва бахшҳои ҳамкорӣ муайян менамоянд.

Унсури муҳими ҳамоҳангсозӣ ва таъмиқи ҳамкориҳои гуногунпаҳлуи ду кишвар Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Украина оид ба ҳамкории иқтисодӣ мебошад, ки соли 2003 таъсис шудааст.

Ҳуҷҷатҳои имзокардаи ин Комиссия таҳкими ҳамкориҳои кишварҳои моро дар ҳавзаҳое, монанди бунёди зерсохтҳои энергетикӣ ва азнавсозии сохтаҳои мавҷуда, тарҳрезии неругоҳҳои барқи ҳароратӣ бар асоси ангишт дар ҳудуди Тоҷикистон ва сохтмони онҳо, ҷалби маблағҳои сармоягузорони украинӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон, эҷоди корхонаҳои муштараки саноатӣ, аз ҷумла, корхонаҳои истеҳсолкунандаи таҷҳизоти гуногуни барқӣ, истихроҷ ва фароварии манбаъҳои табиӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, муайян мекунанд.

Аз лиҳози табодули молу коло Украина яке аз шарикони фаъоли Тоҷикистон мебошад. Муҳимтарин молу колои содироти Украинаро ба кишвари мо маводи хӯрокворӣ, маҳсулоти консерв, шакар, маҳсулоти қаннодӣ, маводи дору, симон, гилхок, ангишт, кокс, қир, нафт, сунбодаи сунъӣ, оксиди алюминий, гидрооксиди алюмин, муҳаррик ва турбинаҳои обӣ, коғаз, ма-

солеҳи сохтмон, маҳсулоти фулузӣ, абзорҳои хонадорӣ, техникаи кишоварзӣ, вагонҳои нақлиёти роҳи оҳан, мебел ва ғайра ташкил медиҳанд. Украина аз Тоҷикистон ба таври умда нахи пахта, маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла мева, сабзавот ва меваи хушк, мехарад.

Равобити иқтисодии Тоҷикистон бо Украина, ба ҷуз ҳамкориҳо дар гидроэнергетика, ки яке аз бахшҳои анъанавӣ ба ҳисоб меравад, дар дигар соҳаҳо низ босуръат тавсеа меёбад. Аз афзалиятнокии соҳаи гидроэнергетика дар равобити ду кишвар ҳамин далел, ки наздик ба 90 фисади тамоми таҷҳизоти техникии дар неругоҳҳои барқи обии Тоҷикистон истифодашаванда маҳсулоти корхонаҳои саноатии Украина мебошад, ба хубӣ шаҳодат медиҳад.

Дар соли 2015 ҳаҷми мубодилаи мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина 40,2 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ки дар ин ҷумла ҳаҷми содирот 2,1 миллион доллар ва ҳаҷми воридот 38,2 миллион доллари амрикоӣ мебошанд.

Равобити минтақаҳои ду кишвар солҳои охир ба таври намоёне густариш ёфтааст. Вилояти Хатлон бо вилояти Харков ва вилояти Суғд бо вилояти Днепропетровск дар бораи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ созишномаҳо имзо кардаанд.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина дар ҳавзаҳои фарҳангию инсонӣ низ батадриҷ тавсеа меёбанд. Ҳар сол ҷавонони Тоҷикистон бо истифода аз бурсияҳои давлати Украина ба мактабҳои олии ин кишвар ба таҳсил мераванд.

Иртиботи донишмандони ду кишвар густариш меёбад. Дар солҳои охир ҳамкории Академияи

илмҳои Тоҷикистон бо Академияи миллии илмҳои Украина тавсеаи пурборе пайдо намудааст.

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Украина дар ҳавзаи фарҳангӣ дар сатҳи матлуб қарор доранд. Рӯзҳои фарҳангии Украина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 23 то 27 июни соли 2013 баргузор гардиданд ва дар доираи онҳо ҳафтаи синамои Украина доир шуд, барои ошноии наздики тоҷикон бо фарҳангу ҳунари халқи бародари украин ва дигар халқҳои муқими ин кишвар нақши муҳиме барҷо гузошт.

Дар ҳоли ҳозир равобити Тоҷикистон ва Украина дорои тамоили тавсеаи пӯё буда, умед аз дурнамои равшане медиҳад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Молдова

Равобити дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Молдова дар таърихи 26 январи соли 1993 барқарор гашт ва имрӯз тамоили рӯбарушд дорад.

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Молдова дар рӯҳияи эътимоди мутақобила, ҳаммонандӣ ва ё наздикии мавқеи ҷонибҳо нисбат ба масъалаҳои алоҳидаи байналмилалӣ ва минтақавӣ тавсеа меёбанд.

Сафарҳои мутақобили сарони давлатҳои Тоҷикистон ва Молдова ва дидорҳои онон дар доираи нишастҳо дар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ки ҳар ду кишвар аъзои онҳо мебошанд, мавридҳое мебошанд, ки самтҳои гуногуни муносибатҳои дуҷониба баррасӣ ва дурнамои ҳамкориҳо муайян мегарданд.

Пояи ҳуқуқии равобити ду кишварро Аҳдномаи дӯстӣ ва ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Молдова ва дигар асноди байниҳукуматӣ ва байниидоравие, ки дар зарфи солҳои гузашта ба имзо расидаанд, фароҳам сохтаанд.

Тоҷикистон ва Молдова, ки дар доираи созишномаҳои солҳои пешин Барномаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии ду кишварро барои солҳои 2015–2020 таҳия ва тасвиб намудаанд, дар садади он ҳастанд, ки ҳамкориҳоро дар ин замина аз сар гиранд ва фаъол намоянд.

Барномаи мазкурро Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Молдова доир ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ, ки соли 2004 ташкил шуда буд, таҳия намудааст.

Ҷонибҳо талош доранд ҳамкориҳоро ҳамчунин дар бахшҳои кишоварзӣ, саноат, сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, энергетика, зерсохтҳои нақлиётӣ, маориф, илм, фарҳанг, сайёҳӣ, варзиш, рушди минтақавӣ роҳандозӣ намоянд.

Мақомоти марбутаи ду кишварҳои мо сайъ доранд – дар ростои иҷрои муоҳидаҳои ҳосилшуда – дар заминаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва ҳамчунин муайян кардани самтҳо ва ҳавзаҳои тозаи ҳамкориҳо иқдомҳои муштарак анҷом диҳанд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Гурҷистон

Равобити дипломатии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурҷистон аз 4 августи соли 1994 оғоз шудааст.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки бо ин ки Гурҷистон аз 18 августи соли 2009 фаъолияти худро дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил расман қатъ кардааст, бино ба ин далел, ки равобити ин кишвар бо ҳамаи ҷумҳуриҳои Шӯравии собиқ – чи дар замони шӯравӣ ва чи дар даврони пасошӯравӣ – ба таври қобили таваҷҷуҳ фаъол буд, тамоили мусбати худро ҳамоно ҳифз кардааст.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурҷистон ба таври анъанавӣ бар пояи усули эътимоди мутақобил, дӯстӣ, баробарӣ ва эҳтироми ҳамдигар сурат мегиранд.

Миёни сарони давлатҳои Тоҷикистону Гурҷистон ва дигар мақомоти давлатии ҳар ду ҷумҳурӣ чанд мулоқот ва муоҳидаҳо анҷом гирифта, дар ҷараёни онҳо масоили гуногуни ҳамкориҳои ду ҷониб баррасӣ шуд.

Пояи ҳуқуқии ҳамкориҳои ду кишварро Созишнома оид ба барқарор кардани равобити дипломатӣ ва ду созишномаи байниидоравӣ дар бораи ҳисоббаробаркуниҳои байнидавлатӣ ва ҳамкории кишварҳо дар соҳаи сохтмон ташкил медиҳанд. Беш аз даҳ санади ҳамкориҳо дар заминаҳои мухталиф мавриди омӯзиши ҷонибҳо қарор доранд.

Дар савдои хориҷӣ Тоҷикистон аз Гурҷистон ба таври умда маводи ғизоӣ, дору, чӯб, абзорҳои барқӣ, мебел ва ғайра ворид мекунад.

Ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Гурҷистон дар ҳоли ҳозир, ба таври куллӣ, дар чорчӯби иҷрои Барномаи ТРАСЕКА-и Иттиҳоди Аврупо анҷом мегирад. Ҳадаф аз ин барнома тавсеаи долони

нақлиётии Аврупо–Қафқоз–Осиё мебошад. Мушорикати Тоҷикистон дар ин барнома дастрасии кишвари моро ба шабакаҳои нақлиётии Қафқоз ва Осиёи Марказӣ таъмин менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳони тавсеаю таъмиқи ҳамкориҳои дуҷониба бо Гурҷистон дар заминаҳои саноат, кишоварзӣ, энергетика, иртибототу иттилоот, пизишкӣ, варзишу гардишгарӣ ва маорифу фарҳанг мебошад.

Дар поёни соли 2015 ҳаҷми тиҷорати ду ҷониб 0,1 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ки посухгӯи хостҳо ва имкониятҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурҷистон намебошад. Аз ин рӯ, бино ба гуфтугӯҳои суратгирифта миёни мақомоти ду кишвар дар вақтҳои охир, равобити ҷумҳуриҳои мо дар дурнамои наздик рӯ ба густариш хоҳад овард.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои форсизабон

Халқҳои тоҷику эрониву афғонистонӣ пешинаи муштарак доранд ва зиндагиашон аз як сарчашмаи пурфайзе, ки аҷдоди умумиамон ба вуҷуд овардаанд, шодоб аст. Дар замони дури таърихӣ – мазҳари асотиру ривоятҳои муъҷизанамо, ки ҳатто таърихшиносон дар абҳоми он раҳгум мезананд ва умри сарчашмаҳои ахлоқиву маънавии аҷдоди моро гоҳо ба ҳафт ҳазор сол ва баъзан ба шаш ҳазор сол муайян мекунанд, ниёгони мо дар паҳнои бузурге, ки имрӯз якчанд давлатҳои мустақил ҷой гирифтаанд, дар давраҳои мухталиф ба авҷи тараққиёте, ки ҳатто аз

нигоҳи имрӯз касро ба ҳайрат меоваранд, расида будаанд.

Ҳамзабонӣ ва фарҳанги муштараки Тоҷикистону Эрону Афғонистон яке аз неъматҳои бузурги таърих ба миллатҳои се кишвар аст. Забону адабиёти форсӣ, ки муҳимтарин ва аслитарин омили пайванди маънавӣ ва фарҳангии тоҷикону эрониёну афғонистониҳо ба шумор меравад, самари талоши мардумӣ аст. Ниёгони фарҳехтаи мо алорағми фосилаҳои маконӣ ва марзҳои сиёсӣ бо роҳи додугирифти фарҳангӣ забону суннатҳои адабии худро на танҳо зиндаву пӯё нигоҳ доштанд, балки ин ганҷинаи гаронбаҳои фарҳангиро аз асре ба асри дигар ғанитар ва пурбортар карданд. Ва имрӯз, ки садде дар ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи ҳар се халқи бародар вуҷуд надорад, барои ҷуброни давронҳои гузашта ҳамкориҳои кишварҳо ва халқҳои мо беш аз ҳар замони дигаре амиқтар, қавитар ва густурдатар мегарданд.

Инак, наздик ба бисту панҷ сол аст, ки Тоҷикистон дар масири истиқлол қадам мезанад. Дар тӯли ин солҳо кишвари мо дар заминаи таҳкими низоми сиёсӣ ва иқтисодӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот ба муваффақиятҳои бисёре ноил гаштааст. Аз зумраи муҳимтарин рӯйдодҳое, ки дар сояи неъмати истиқлол ба вуқӯъ пайвастаанд, барқарории равобити аз садсолаҳо пеш кандашудаи кишвари мо бо Эрон ва Афғонистон аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ибтикоргари тавсеа ва густариши ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни се кишвари ҳамзабони Тоҷикистону Афғонистону Эрон

мебошад. Талошҳои Пешвои миллати тоҷик буд, ки дар мулоқоти сарони се кишвар дар шаҳри Душанбе дар моҳи июли соли 2006 президентҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳои сеҷонибаро дар ҳавзаҳои алоқа, ҳамлу нақл, энергетика, илм, маориф ва фарҳанг, ҳамчунин дар самти мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва қочоқу савдои ғайриқонунии маводи мухаддир густариш диҳанд. Натиҷаи ҳамин мулоқот буд, ки дар зарфи солҳои минбаъда се кишвари форсизабони дӯсту бародар ба тавсеаи қобили таваҷҷуҳе дар ҳамкориҳои гуногунпаҳлу бо якдигар даст ёфтаанд.

Дар ин марҳала равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои бародари Эрон ва Афғонистон дар сатҳи дуҷониба низ аз раванди тавсеаи солиму пойдор бархӯрдор буд ва бо таваҷҷуҳ ба тавоноӣ ва зарфиятҳои мавҷуд ва садоқату дӯстие, ки миёни кишварҳоямон барқарор аст, ин ҳамкориҳо дар оянда бештар аз имрӯз густариш хоҳанд ёфт.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон

Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон ба равобити самимию дӯстонаи гуногунҷанба ва беш аз пеш густаришёбанда бо кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанги Эрон аҳамияти вижа медиҳад. Ҳамкориҳои ду кишвар сол аз сол амиқтар ва мазмунан ғанитар мегарданд.

Ҳамкориҳои густурда, фарогир ва самимии Тоҷикистону Эронро сарнавишти таърихии ин ду миллати ба ҳам хешованд муайян кардааст. Ба далели

ҳамин хешовандии наздик ва муҳаббату дилбастагии тоҷикону эрониён ба ҳамдигар аст, ки Тоҷикистону Эрон ба шарикии роҳбурдӣ расидаанд ва ба ҳамкориҳои густурдае дар бахшҳои гуногун даст ёфтаанд.

Ҷанбаҳои ҳамкории ду кишвари форсизабони Тоҷикистон ва Эрон бисёр чашмгиранд ва, тибқи назари коршиносон, ин ду кишвар бовафотарин шарикони ҳамкорӣ дар минтақаи Осиёи Миёна мебошанд. Воқеан, имрӯз ҳамкории иқтисодии ду кишвар ба намоди равобити созанда барои ҳамаи кишварҳои минтақа табдил шудааст.

Эрон аввалин кишваре буд, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва намояндагии дипломатии худро дар Душанбе боз кард. Ин рӯйдод, ки соли 1991 ба вуқӯъ пайваст, асоси он сатҳи болои равобити байни ду кишварро, ки имрӯз мушоҳида мешавад, пайрезӣ намуд. Эрон дар дастёбии тоҷикон ба сулҳу созгории миллӣ – бо чандин маротиба мизбони давраҳои музокирот будан – нақши муҳиме ифо кардааст ва дар заминаи расондани кумакҳои инсонии қобили мулоҳизае дар он замони душвор иқдомҳои бародарона намудааст.

Мушорикати байни Тоҷикистон ва Эрон имрӯз зоҳири муътабаре дорад. Ҳамакнун дар Тоҷикистон беш аз 220 корхонаи бародарони эронӣ дар заминаҳои энергетика, ҳамлу нақл, роҳсозӣ, кишоварзӣ, фаровариии маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маводи сохтмонӣ ва ғайра фаъолият мекунанд ва қарор аст, ки дарояндаи наздик чанд ширкати дигар бунёд шаванд. Афзоиши мизони мубодилоти коло низ миёни

ду кишвар хеле баланд аст ва дар даҳ соли охир шаш баробар зиёд шудааст.

Эрон аз назари сармоягузорӣ дар иқтисоди Тоҷикистон дар яке аз мақомҳои асосӣ қарор дорад. Дар чанд соли охир байни ду кишвар беш аз 100 мувофиқатнома дар бораи ҳамкорӣ дар заминаҳои мухталиф ба имзо расидаанд. Тарҳҳои бузурге, аз ҷумлаи неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» ва тунели Анзоб, ки то имрӯз аз ҷониби Эрон иҷро шудаанд, имзои мувофиқатномаҳо, ки тибқи онҳо оби ошомиданӣ аз Тоҷикистон тавассути кишвари Афғонистон ба Эрон интиқол мегардад ва бо ҳамин масир хатти лӯлаи нафти Эрон ба Тоҷикистон кашида хоҳад шуд, нишонгари пӯёии равобити иқтисодии ду кишваранд. Дар назар аст дарояндаи наздик чанд тарҳи тоза ва муҳим иҷро шаванд. Аз ҷумла қарор аст неругоҳи барқи обии «Айнӣ» бо зарфияти 150 МВт ва неругоҳи хурди барқи обӣ дар рӯди Искандардарё бо зарфияти 22 МВт сохта шаванд. Эрон дар сохти корхонаи нави симон дар вилояти Хатлон маблағи бесобиқаи 500 млн доллар сармоягузорӣ хоҳад кард. Ҳамчунин ҷонибҳо ба мувофиқа расида буданд, ки дар Тоҷикистон бо сармояи эронӣ аввалин полоишгоҳи нафт бунёд мегардад. Дар соли 2010 Тоҷикистон ва Эрон мувофиқатномаеро имзо карданд, ки нишонаи ошкори наздикии на танҳо фарҳангӣ, балки сиёсии ду кишвар аст. Мулоқотҳои пайдарпайи президентҳои ду кишвар, аз ҷумла баргузории муштараки иди Наврӯз, бар наздикии равобити ду ҷониб гувоҳӣ медиҳанд.

Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамеша изҳори омодагии кумак ба бародари худ, ки аз назари тавсеаи иқтисодӣ нисбатан навкор аст, менамояд.

Роҳбарияти кишвари мо ин ҳамкориҳоро арзишманд мешуморад ва, аз ҷониби худ, иқдомҳои намоёнкунандаи садоқати худро ба ин кишвари дӯст анҷом медиҳад. Барои мисол, Тоҷикистон ба таҳримҳои зиддиэронии Амрико ҳамроҳ нагардид. Президент Эмомалӣ Раҳмон мавзӯи ба Созмони ҳамкории Шанхай пайвастани Ҷумҳурии Исломии Эронро дар мулоқотҳо бо сарони кишварҳои аъзо пайгирӣ менамояд ва чунин мешуморад, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон – бар пояи асосҳои ҳуқуқӣ ва шартномавии Созмони ҳамкории Шанхай – метавонад ҳамчун узви комили ин созмон пазируфта шавад.

Чашмандози тавсеаи равобити байни Тоҷикистон ва Эрон дар ҳоли ҳозир бештар мусбат ба назар меояд. Ду кишвар дар ояндаи наздик ба ҳукми воқеияти байналмилалӣ ба барқарории таомули густурдатар аз ҳоло муваффақ хоҳанд шуд, ки ин амр ба манфиати ҳар ду ҷониб аст. Барои Эрон аҳамият дорад, ки як такягоҳи форсизабон дар минтақаи Осиёи Миёна, ки умдатан туркзабон аст, дошта бошад. Барои Тоҷикистон низ ҳамкорӣ бо Эрон муфид аст, зеро кишвари мо ба сармоягузориҳо, аз ҷумла дар тарҳҳои бузурги зербиноӣ, ниёз дорад.

Ҳамзабонӣ ва решаи ягонаи нажодии тоҷикону эрониён омили муҳиме мебошад. Ҳамин қаробати нажодию забонии ду кишвари ориёӣ асоси ибтикороти муштараки онҳоро дар заминаи сиёсати хориҷӣ ташкил медиҳад. Дар ин росто метавон ба паймони ҳамкориҳои сеҷонибаи кишварҳои форсизабони Тоҷикистону Эрону Афғонистон ишора намуд. Се кишвар то имрӯз иҷрои якчанд тарҳҳои бузурги зерби-

ноиро барномарезӣ кардаанд, ки шомили сохти хатти роҳи оҳан аст, ки аз хоки Афғонистону Тоҷикистон гузашта, ба Қирғизистон хоҳад расид, то Эронро бо Чин пайваст намояд.

Бисёре аз сиёсатмадорони дурандеш ва шаҳрвандони одии Тоҷикистон ин иттиҳоди сегонаро пуштибонӣ мекунанд. Фоидаи сиёсӣ ва иқтисодии ин навъи равобит байни се кишвар беш аз пеш равшан мегардад.

Бо иноят ба аҳамият ва ҳаҷми равобити ду кишвар дар заминаҳои гуногун, илова бар сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, дар кишвари мо Ройзании фарҳангӣ, дафтари намояндагии Созмони садо ва симо, дафтари намояндаи Кумитаи «Имдод»-и Имом Хумайнӣ, дафтари хабаргузории ИРНО, шуъбаи Бонки тиҷорат ва дафтари намояндагии Ҳилоли Аҳмари Эрон фаъолият доранд.

Равобити илмию фарҳангии ду кишвар яке аз ҳавзаҳои ҳамкориҳои пӯёи Тоҷикистону Эрон мебошад. Табодули таҷрибаи пажӯҳишгарон, муаллимон, донишҷӯён, роҳандозии барномаҳои фарҳангӣ ва мусиқӣ, ширкати аҳли илму фарҳанг дар маросимҳои фарҳангӣ вижагиҳои ҳамкориҳо дар ин ҳавза мебошанд. Донишҷӯёни тоҷик, ки бар асоси тавофуқномаҳои имзошуда байни ду кишвар ба Эрон мераванд, дар донишгоҳҳои шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Қазвин, Исфаҳон ва Ҳамадон таҳсил мекунанд. Бисёре аз онҳо донишҷӯи риштаи забон ва адабиёти форсӣ мебошанд.

Ҳаҷми тиҷорати дуҷониба байни Тоҷикистон ва Эрон дар соли 2015 183,4 миллион доллари амрикоиро ташкил кардааст, ки аз ин ҷумла ҳаҷми содирот 60

миллион ва ҳаҷми воридот 123,4 миллион доллар мебошад.

Молҳои асосии содироти Тоҷикистон ба Эрон аз пахта ва алюминии хом иборат мебошанд. Молҳои асосии воридотиро масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти саноати химия ва мошинсозӣ, маводи хӯрокӣ ва маҳсулоти дигар ташкил медиҳанд.

Президенти Эрон Ҳасан Рӯҳонӣ дар ҷараёни сафари расмии худ ба Тоҷикистон дар иртибот бо пурра ба кор даромадани неругоҳи «Сангтӯда-2», изҳор намуд, ки «ба анҷом расидани сохтмони неругоҳи «Сангтӯда-2» на анҷоми кор, балки оғози ҳамкории густурдаи иқтисодии Эрону Тоҷикистон, бавижа дар бахши энерҷӣ, мебошад». Итминони он аст, ки ин ҳамкориҳои густурдатар барои боз ҳам устувор шудани равобити бародаронаи Тоҷикистону Эрон – чи дар сатҳи давлатӣ ва чи дар заминаи мардумӣ – мусоидат хоҳанд кард.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Тоҷикистон устувор намудани робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо кишвари дӯсту бародар ва ҳамзабони Афғонистон аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ медонад.

Тоҷикистон ҷонибдори ҳарчи зудтар барқарор гардидани сулҳу суботи пойдор дар сарзамини Афғонистон аст. Президент Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои бар садри Тоҷикистон омаданаш, ҳамчун кафили амният ва истиқлоли Тоҷикистон, аз вазъи

бесуботу ошуфтаи Афғонистон дар ташвиш буд ва дар тӯли солҳо ба таври пайгирона аз минбарҳои созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, дар вохӯрӣ бо сарони давлатҳо ва ҳайатҳои дипломатии мамлакатҳои манфиатдор ба хотимаи ҷанг дар Афғонистон даъват ба амал меовард, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар якҷоягӣ барои ҳаллу фасли қазияи ин мамлакат тадбирҳои муассир анҷом диҳад. Чунин даъват дар ҳар суханронии Президенти Тоҷикистон аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид садо додааст.

Субот пайдо кардани Афғонистон на фақат ба худи ин кишвар шароити эҳёи иқтисоду фарҳанги ба буҳрон афтодаашро муҳайё месозад, балки барои Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои минтақа ва ҷаҳон масири Роҳи бузурги абрешимро комил мегардонад ва ҳамчунин барои мамлакати мо роҳҳои пайвандиро бо Ҷумҳурии Халқии Чин, кишварҳои ҷануб ва ҷанубу шарқии минтақаи Осиё боз мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз муддатҳое пеш аз рух додани ҳодисаҳои фоҷиабори 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо диди амиқ ва таҳлили дақиқи ҳодисаҳои дохилии Афғонистон ба ниятҳои нопоки режими иртиҷоии «Толибон» ва пуштибонҳои онҳо, ки дар паси пардаи шиори «ҳимоят аз дин» дар асл нақшаи комилан тағйир додани низоми сиёсии сайёраро дар сар мепарвариданд, пай бурда буд. Пешвои миллат дар вохӯрӣ бо сарони давлатҳо ва ҳайатҳои дипломатии мамлакатҳои манфиатдор ба хотимаи ҷанг дар Афғонистон даъват ба амал меовард, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ он хатари шадидеро, ки буҳрони

Афгонистон ба амнияти минтақа ва ҷаҳон дар пай дорад, дарк намояд ва дар якҷоягӣ барои ҳаллу фасли қазияи ин мамлакати ҷангзада тадбирҳои муассир анҷом диҳад. Чунин даъват аз ҷониби Президенти Тоҷикистон фақат аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид беш аз даҳ маротиба садо додааст.

Роҳбари олии кишвари мо имрӯз ҳам аз минбарҳои баланди созмонҳои байналмилалӣ ҷонибдории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ташаккули ҷомеаи босуботи Афғонистон, ки нисбат ба ҳамсоягони худ муносибатҳои дӯстона дошта бошад, баён медорад ва изҳор мекунад, ки ҷумҳурии мо кӯшишҳои ҳукумати Афғонистонро дар бобати вусъат додани раванди сулҳ ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд. Ӯ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват мекунад, ки кумаки худро ба ин кишвари харобгардида ҳамоно идома диҳад ва ба дигаргуниҳои мусбате, ки дар Афгонистон рӯй додаанд, тақвият бахшад.

Роҳбарияти Тоҷикистон дар фаъолияти амалӣ барои таҳкими суботу амнияти Афғонистон ва ба маҷрои солиму мутамаддин гузаштани зиндагии мардуми азияткашидаи ин кишвари ба мо дӯст кӯшишҳо ба харҷ медиҳад. Ҳамкориҳои торафт густаришёбандаи Тоҷикистону Афғонистон баёнгари ягонагии қавлу амали роҳбарияти кишвари мо дар роҳи мусоидат намудан ба ободию шукуфоии ин кишвари бародар аст.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки имрӯз бино ба хабарҳои аксаран дилхароши ҳамлаҳои интиҳорӣ, ҳуҷуми гурӯҳҳои террористӣ, одамрабоӣ, куштору захмӣ шудани одамон, ки аз ин кишвар ба ақсои нуқоти

ҷаҳон пароканда мешаванд, дар зеҳни ҷаҳониён тасвири ноҳинҷоре аз Афғонистон ба масобаи як кишвари комилан аз назму низом афтода, бо мақомоти давлатии бекифоят, сарзамини тавлидкунандаи аслии моводи мухаддир ва фурӯшандаи ин заҳр дар ҷаҳон тасаввур мегардад.

Агарчи ҳамаи ин падидаҳои манфӣ дар Афғонистон, мутассифона, воқеият доранд, паҳлуи ин ҳақиқат ҳақиқати дигаре низ ҳаст, ки дар ин бора сухани камтаре гуфта мешавад. Ва ин ҳақиқат раванди ободонӣ ва созандагӣ дар Афғонистон ва талоши мардуми заҳматписанд ва кордӯсти кишвар барои ободонии меҳани худ аст.

Дар кишваре, ки се даҳа дар оташи бедоди ҷанг ва таҷовузу қатлу қурбонӣ даступо мезанад ва ҳанӯз ҳам ин мусибатҳо даст аз сари мардум барнадоштааст, дар кишваре, ки насли аз чиҳил сол бад-ин сӯ таваллуд ва бузург шуда, зеҳну ҳавосаш бо оташу хун хӯ гирифтааст ва ин ҳама ҷангу вайрониву ҳарҷу марҷ арзишҳо ва русуми ахлоқиву маънавияти иҷтимоиро низ дар ҳам рехтааст, дар кишваре, ки кайфияти омӯзишу парвариш дар сатҳи поин қарор дорад ва бо камбуди шадиди кадрҳои коршинос рӯ ба рӯ мебошад, ба роҳ мондани созандагӣ ва омода кардани мардум барои бозсозии бунёдини зиндагии дастаҷамъӣ амрест дар ниҳоят душвор. Вале, бо вуҷуди ин ҳама чолишҳое бар сари роҳи рушду инкишофи кишвар, мардуми бошаҳомат, сахткӯш ва шуҷои Афғонистон – бо дилбастагии шадид ба ободии меҳан – дар бозсозӣ ва навсозии он ҷаҳд менамояд ва то имрӯз ба пешрафтҳое даст ёфтааст.

Дар кишвар дар солҳои гузашта дар заминаи демократӣ кардани низоми давлатӣ ва зиндагии умумӣ, сохту соз ва умрону ободӣ корҳои қобили таваҷҷуҳе анҷом шудаанд. Дар сояи сармоягузориҳои хориҷӣ дар арсаҳои баҳрабардорӣ аз манбаъҳои маъдан, сохтмони манзил ва эҷоди роҳҳо ҷунбуҷӯшҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Дар Кобул, Мазори Шариф, Ҳирот, Кандаҳор ва дигар шаҳру рустоҳо ҷодаҳо асфалтрезӣ шудаанд ва ин кор беш аз пеш равнақ пайдо мекунад. Ривоҷи бахши сохтмон мӯҷиби эҷоди теъдоди зиёди корхонаҳои тавлидкунандаи масолеҳи бинокорӣ, аз ҷумла коргоҳҳои хиштпазӣ, гаштааст. Дар Афғонистон тайи солҳои охир садҳо кӯраҳои хиштпазӣ барпо шудаанд ва бо зарфияти тамом фаъолият мекунанд.

Дар заминаи эҳдоси роҳи оҳан низ гомҳои устувор гузошта шудаанд. Сол ба сол дар низоми ҳамлу нақли роҳи оҳанӣ навсозиҳо сурат мегиранд. Роҳи оҳани Ҳайратон – Мазори Шариф, ки дар соли 2011 сохта шуд, аз бузургтарин созаҳои солҳои истиқрори ҳукумати кунунӣ ба шумор меояд.

Тақрибан дар ҳамаи шаҳрҳои калон шаҳракҳои саноатӣ барпо гардидаанд. Даҳҳо ва садҳо корхонаҳо ба баҳрабардорӣ супурда шудаанд. Дар саросари Афғонистон алҳол бештар аз се ҳазор коргоҳ фаъол мебошанд ва заминаи кор барои садҳо ҳазор нафар фароҳам оварда шудааст. Бозсозии корхонаҳои барқ ва истгоҳҳои фаръии барқи мавҷуд амалӣ шудааст ва корхонаҳои нави шабеҳи онҳо бунёд мешаванд. Истгоҳҳои хурди обӣ ва офтобии тозаи барқ эҷод шудаанд ва ё дар дасти сохтмон мебошанд.

Дар ҳар шаҳру шаҳрак ва рустоҳо лоиҳаҳои сарсабзӣ амалӣ мегарданд, боғҳо, токистонҳо эҳдос мегарданд, каналҳо сохта мешаванд. Садҳо хоҷагиҳои зироатӣ ва молдорӣ таъсис шуда ва ин бахши иқтисоди кишвар дар ҳолати равнақ ёфтан ва пешрафт кардан аст.

Имрӯз дар Кобул, Мазори Шариф, Ҳирот, Кандаҳор ва соир шаҳрҳои калон даҳҳо марказҳои бузурги тиҷоратӣ, меҳмонхонаҳо, ресторанҳо, фурӯшгоҳҳо, муҷтамеъҳои варзишии имрӯзӣ эҳдос гаштаанд ва мегарданд.

Дар чанд соли охир сармоягузорони кӯчак фаъолтар ба назар мерасанд. Онҳо бо сармояи худ корхонаҳои хурди зиёдеро вориди тавлид месозанд ва барои ҳаммеҳанонашон заминаи корро фароҳам меоваранд.

Дар тӯли солҳои истиқрори ҳукумати кунунӣ на танҳо тамоми мактабҳое, ки осеб дида ва ё комилан хароб шуда буданд, тармиму бозсозӣ шуданд, инчунин зиёда аз 2000 мактаби нав бунёд гардиданд. Дар ин арса низ бахши хусусӣ фаъол аст. Бо сармояи ин бахши иқтисодӣ мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва касбӣ, литсейҳо сохта шудаанд ва ё дар дасти сохтмон ҳастанд.

Дар солҳои охир хидматрасонии пизишкӣ дар Афғонистон ба таври қобили мулоҳизае беҳбуд ёфтааст. Дар ҳоли ҳозир дар кишвар беш аз 2000 бемористон ва маркази хидматрасонии тиббӣ ва ҳазорҳо дармонгоҳ ва маркази беҳдоштии хусусӣ ба мардум хизмат мекунанд.

Шароити зиндагии мардум ҳам батадриҷ рӯй ба беҳбудӣ меоварад ва ин аз рӯи бунёди хонаҳо дида

мешавад. Дар ҳар шаҳру русто мардум бо таъмиру таҷдиди хонаҳои хеш машғул аст ва ё хонаҳои нав эъмор мекунад.

Хулоса, мардуми матин ва заҳматкаши Афғонистон алорағми талоши душманон, ки бо ҳамлаҳои интиҳорӣ, одамрабоӣ ва куштори одамони бегуноҳ ҳамвора дар пайи халалдор сохтани раванди одии зиндагӣ дар кишвар ҳастанд, бо алоқаи зиёд дар роҳи пӯяндагӣ ва пешрафту тараққии зодгоҳи худ гом бардошта, имони пӯлодини худро ба ояндаи равшани меҳан ва фаъолиятҳои хешро дар арсаи созандагӣ бар рухи душманони Афғонистон мекашад.

Ин дастовардҳо бамаротиб афзун мешуданд ва Афғонистон гомҳои ҷиддӣ дар роҳи расидан ба худкифоии иқтисодӣ мегузошт, агар кишварҳои ҷаҳон ба ҳамкориҳои бештар ва гуногунарса бо ин кишвари азияткашида иқдом менамуданд.

Тоҷикистон, дар шахси Пешвои миллати тоҷик Президент Эмомалӣ Раҳмон, бо таваҷҷуҳ ба ин воқеият, ки бо вуҷуди қабули санадҳо ва имзои мувофиқаҳои муфиди ҳамкорӣ байни Афғонистон ва кишварҳои гуногуни ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ раванди амалӣ намудани онҳо дар сатҳи дархӯр қарор надорад, пешниҳод менамояд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд дар ростои эҷоди созукорҳои мукаммали татбиқсозии санадҳо ва муоҳидаҳои ҳосилшуда иқдомҳои муассир анҷом диҳад.

Аз ин рӯ, кишвари мо татбиқи роҳбурд (стратегия)-и фарогири байналмилалиро барои таъмини сулҳу субот ва барқарорсозии баъдиҷангии Афғонистон сидқан дастгирӣ намуда, бар он назар аст, ки ба

ҷанбаи иқтисодию иҷтимоии он бояд таваҷҷуҳи бештаре зоҳир гардад.

Роҳбарияти кишвари мо бо зикри ин, ки калиди ҳалли мушкилоти Афғонистон, пеш аз ҳама, дар дасти худи мардуми афғон ва ҳукумати кишвар аст, аз иқдомот ва ташаббусҳои ҳукумати кунунии Афғонистон дар комёб шудан ба мусолиҳа ва таъмини сулҳу суботи устувор дар кишвар ҷонибдорӣ менамояд.

Фароянди тадриҷии гузаштани масъулияти таъмини амнияти кишвар ба зиммаи неруҳои ҳукуматии Афғонистон тақозо мекунад, ки ҳайати ниҳодҳои қудратӣ барои мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва ҷинояткории муташаккил ҳамаҷониба омода карда шаванд.

Аммо имрӯз равшан аст, ки танҳо бо истифода аз абзори низомӣ наметавон ба таъмини зиндагии осоишта даст ёфт. Барои расидан ба сулҳу суботи пойдор ва хушк кардани решаҳои иҷтимоию иқтисодии терроризм, ифротгароӣ ва дигар ҷиноятҳо зарур аст, ки иқдомҳое дар ростои таҳия ва татбиқи барномаю нақшаҳои фарогир, пеш аз ҳама дар ҳавзаи иқтисодӣ, гузошта шаванд.

Роҳбарияти кишвари мо бар ин ақида аст, ки барои анҷоми муваффақомези чунин иқдомҳо амалӣ намудани барномаи муборизаи муштарак бар зидди парвариш ва савдои ғайриқонунии моводи мухаддир яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи шарикони байналмилалӣ мебошад. Бахши муҳими чунин баронома бояд ҳаллу фасли масъалаи ҷалб намудани кишоварзони афғон ба раванди солимгардонии ҷомеа бошад.

Дар ин замина на танҳо иваз намудани кишти зироатҳои нашъадор бо дигар намудҳои зироатҳо, балки пешгирии қотеъонаи воруди пешмоддаҳои маводи мухаддир (прекурсорҳо) ба Афғонистон аҳамияти ҷиддӣ дорад.

Тоҷикистон аз ҷониби худ омодагиашро барои бозсозии системаи обёрии Афғонистон ва обёрӣ намудани заминҳои кишт эълом намудааст. Бунёди шабакаи неругоҳҳои барқи обӣ ва обанборҳои Тоҷикистон ва Афғонистон ҳамчун манбаи захираҳои обӣ ва неруи барқи арзон барои баҳрабардорӣ аз заминҳои киштнашудаи Афғонистон ва эҳёи бахши кишоварзӣ аз омилҳои муҳимтарини тавсеаи кишвари ҳамсоя хоҳад буд.

Бо баҳрагирии короитар аз имкониятҳои кишоварзии Афғонистон барои баровардани ниёзҳои дохилӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ ва роҳандозии содироти он ба бозорҳои минтақавӣ метавон ба эҳёи ин соҳаи муҳими иқтисоди миллӣ ва то ҳадде ба коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар кишвар муваффақ шуд.

Истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон дар ин марҳала ба рушди манобеи инсонӣ пайванди маҳкаме дорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин воқеият, роҳандозии ҳамкориҳои минтақавӣ барои таъмини бахшҳои гуногуни иқтисоди миллии Афғонистон бо коршиносони босалоҳият яке аз самтҳои калидии фаъолияти шарикони байналмилалӣ мебошад.

Тоҷикистон аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват менамояд, ки дар ин росто аз имкониятҳояш истифодаи густурдатаре намояд. Ҷумҳурии мо, ки то имрӯз дар амри омӯзондани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ,

марзбонон, ҳайати афсарии артиш ба Афғонистон кумак мекунад, омода аст, бо истифода аз зарфиятҳои марказҳои таълимии марбути хеш доираи ҳамкориҳоро дар ин замина тавсеа бахшад.

Дар ин росто Тоҷикистон шарикони байналмилалиро даъват менамояд, ки бо истифода аз таҷриба ва зарфиятҳои кишвари мо ва имкониятҳои кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ барои омӯзиши мутахассисони дигар соҳаҳои иқтисоди миллии Афғонистон кумак кунанд.

Таҳти сарпарастии байналмилалӣ эҷоди Маркази таълимии бисёрсоҳавии касбию техникӣ дар Тоҷикистон метавонад иқдоми воқеӣ ва муассире дар ин росто бошад.

Густариши ширкати Афғонистон дар раванди ҳамгироии минтақавӣ – аз тариқи тақвияти ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо кишварҳои ҳамсоя – яке аз муҳимтарин омилҳои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ин кишвар мебошад. Тоҷикистон зарурати истифодаи ҳарчи бештари имкониятҳои иқтисодӣ ва захираҳои табиии худи Афғонистонро ҷиҳати ҳалли мушкилоти ин кишвар таъкид месозад.

Дар ҳоли ҳозир масъалаи таҳияи ибтикороти ҳамгирой, ҳамчунин эҳёи масирҳои бозаргонии таърихӣ ва тақвияти ҳамкориҳои тиҷоратӣ ниёзманди таваҷҷуҳи вижаи кишварҳои минтақа мебошанд. Ҳамкориҳои фаъол ва танготанги кишварҳои минтақа бо Афғонистон ва тақвияти ҳамбастагиҳои минтақавӣ метавонанд дар ҳалли мусолиматомези мушкилоти амниятии ин кишвар ва рушду тавсеаи иқтисоди он мусоидати комил намоянд.

Аҳамияти масири роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон, ки ба шохаҳои роҳи оҳани Туркманистон-Афғонистон ва қисматҳои дигари он пайваст хоҳад шуд, аз ҳоло аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ арзёбӣ шудааст. Масири мазкур дар оянда бо Қирғизистон ва Чин пайваст шуда, метавонад ҳамчун хатти транзитии минтақа бо бамаротиб афзудани гардиши мол байни кишварҳо ҳамасола фоидаи зиёдеро ба буҷаи Афғонистон ворид намояд.

Лоиҳаи CASA-1000 метавонад камбуди неруи барқро дар Афғонистон ва Покистон аз ҳисоби интиқоли он аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба таври назаррас ҷуброн намояд.

Ҳамчунин бунёди лӯлаи интиқоли газ аз Туркманистон ба Покистону Ҳиндустон тавассути хоки Афғонистон метавонад ниёзи кишварҳои минтақаро ба гази табиӣ бароварад. Бидуни шак, ин лоиҳа низ ба суди Афғонистон хоҳад буд.

Ҳамроҳ бо ин бояд таваҷҷуҳ дошт, ки дар чорчӯби ин барномаҳои бузург ва дар фароянди амалӣ гаштани даҳҳо лоиҳаҳои дигар ҳазорон одамон на танҳо дар Афғонистон, балки дар тамоми минтақа бо кор таъмин хоҳанд шуд.

Тағйироти анҷомгирифта дар солҳои охир дар раванди барқарории сулҳу субот дар Афғонистон аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, кишварҳо ва созмонҳои манфиатдор мушорикати фаъолонаю созандаи посухгӯ ба ниёзҳои ҳаётии мардуми азияткашидаи Афғонистонро тақозо мекунад.

Итминони он аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ – бо дарки таъхирнопазирии ҳаллу фасли мушкилоти фаровони ҷомеаи Афғонистон – ба иқдомҳои муассир дар

ростои таъмини сулҳу субот ва рушди иқтисодии ин кишвар эҳтимом меварзад. Ва Тоҷикистон, ҳамчун кишвари дӯсту бародар ва ҳамзабону ҳамфарҳангу ҳамкеши мардуми Афғонистон, аз ин фароянди сарнавиштсоз дар канор нахоҳад монд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон

Ҳамон тавр ки дар боло гуфта шуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон **бо беш аз 120 кишвари ҷаҳон** ҳамкориҳои гуногунҷанба дорад. Дар ин рисола, ки ба таври умда ба масоили равишҳо ва рӯйкардҳои сиёсати хориҷӣ бахшида шудааст, мо фақат ба таври фишурда ба ҳамкориҳои Тоҷикистон **бо баъзе аз кишварҳои ҷаҳон** таъкид менамоем. Албатта, Тоҷикистон, бо таваҷҷуҳ ба фалсафаи сиёсати хориҷии худ ва низ бар тибқи сиёсати «дарҳои боз», **бо ҳамаи кишвари ҷаҳон**, ки майл ба ҳамкориҳои хубу созанда бо кишвари мо намоянд, равобит дорад ва хоҳад кард.

Тоҷикистон дар оянда низ дипломатияи мубтанӣ бар усули эҳтиром, суди мутақобил ва ҳусни тафоҳумро **бо ҳамаи кишварҳои дунё** густариш хоҳад дод ва дар солҳои оянда мақсад дорад шуморе сафоратхонаҳоро дар кишварҳои дуру наздик роҳандозӣ намояд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Британияи Кабир

Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир маҷмӯи муровидоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷти-

моии васеъеро дар бар мегирад. Ин муносибатҳо аз замони барқарории равобити дипломатии ду кишвар дар таърихи 15 январи соли 1992 то имрӯз дар сатҳи матлуб қарор доранд.

Британияи Кабир сафорати худро дар ш. Душанбе 20 декабри соли 2001 боз намудааст. Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Лондон 11 феврали соли 2008 таъсис гардид.

Миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гурӯҳи парлумонӣ оид ба Осиёи Марказии Парлумони Британия аз соли 2009 равобит барқарор шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир дар ҳошияи барномаи ҳамкории Тоҷикистон бо СААШ, ҳамчунин дар ростои мусоидати кишвари мо ба неруҳои эътилофии СААШ дар Афғонистон ҳамкории ҳарбиро роҳандозӣ намудаанд. Ҳамасола байни вазоратҳои мудофиаи ду кишвар машваратҳои ҳарбӣ баргузор мешаванд.

Ҳамкориҳои ду кишвар дар заминаи инсонӣ низ дар сатҳи шоён қарор доранд. Вазорати байналмилалии рушди Британия дар ростои барномаи коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, ки дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ пиёда мегардад, аз соли 2003 фаъолияти худро дар Тоҷикистон роҳандозӣ менамояд.

Британияи Кабир дар тайи панҷ соли охир дар ҳаҷми 75 миллион доллари амрикоӣ лоиҳаҳои мухталифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ намудааст. Илова бар ин, Британияи Кабир лоиҳаи минтақавии CASA-1000-ро ба маблағи 37 миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ кардааст.

Густариши муносибатҳо бо Британияи Кабир дар соҳаи иқтисоду тиҷорат дар ҳоли инкишоф аст. Бино бар маълумоти расмӣ, ҳаҷми тиҷорати дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир дар соли 2015 2886,2 ҳазор доллари амрикоиро ташкил дод.

Бахшҳои асосии содирот: маҳсулоти пахтагӣ, маъдан ва консентрат. Бахшҳои асосии воридот: маҳсулоти нафтӣ, таҷҳизоти истеҳсолӣ-техникӣ.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд корхонаҳои муштараки Тоҷикистон ва Британияи Кабир фаъолият мекунанд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеролии Олмон

Тоҷикистон ба равобити худ бо Олмон таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Зеро Олмон аз миёни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо зиёдтар аз ҳама ба соҳаи тандурустии Тоҷикистон кумакҳои бедареғ мерасонад.

Муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон моҳи декабри соли 1992 барқарор шуданд.

Табодули сафарҳо дар сатҳи баланди дуҷониба заминаи рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Олмонро муайян менамояд.

Қобили зикр аст, ки аз байни кишварҳои Аврупо Тоҷикистон беш аз ҳама бо Олмон созишномаҳо имзо кардааст. Созишномаҳо равобити давлатҳои моро дар соҳаҳои гуногун фароҳам овардаанд.

Соҳаҳои асосии ҳамкории иқтисодии ду кишвар ба таври умда дар заминаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, истеҳсол ва фароварии навъҳои гуногуни сангҳои сохтмонии декоративӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири хориҷӣ сурат мегиранд.

Тайи солҳои пас аз барқарории равобити дипломатии Тоҷикистону Олмон маблағи умумие, ки Ҳукумати Олмон ба Тоҷикистон дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои техникӣ ва молиявӣ кумак намудааст, беш аз 150 миллион евро мебошад.

Таъкид кардан бамаврид хоҳад буд, ки дар ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Олмон, ки дар моҳи октябри 2014 баргузор шуд, ҳукумати Олмон дар доираи «Барномаи ҳамкориҳо баҳри рушд» ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи навбатӣ наздики 55 миллион евро кумакҳои молиявӣ ва техникӣ ихтисос дод.

Муносибатҳои байнипарлумонии ду кишвар дар ҳоли инкишоф мебошанд. Ба манзури густариши равобити ниҳодҳои қонунгузори ду кишвар дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бундестаги Олмон гурӯҳи дӯстии порлумонҳои Тоҷикистону Олмон фаъолият мекунад.

Ҳамкориҳои ҳарбии ду кишвар низ дар сатҳи матлуб қарор доранд. Вазорати мудофиаи Олмон – Бундесвер – тасмим гирифтааст дар ташкили давраҳои бозомӯзии ҳайати афсарии Вазорати мудофиаи Тоҷикистон, анҷоми сафарҳои мутақобили ҳайатҳои роҳбарикунандаи вазоратҳои марбути ду кишвар ба шаҳрҳои Душанбе ва Берлин, таҳкими техникии Вазорати мудофиаи Тоҷикистон кумак намояд. Ҳамчунин

Бундесвери Олмон дар доираи ҳамкории ҳарбии Тоҷикистону Олмон дар соли 2016 барои бозомӯзии афсарони Тоҷикистон 6 курсӣ ихтисос додааст.

Сатҳи ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм низ миёни ду кишвар тамоили рӯ ба таҳким доранд. Ҷониби Олмон бо роҳандозии барномаи мубодилаи академиявӣ барои баланд бардоштани сатҳи тахассусии донишҷӯён ва аспирантҳои муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона кумак менамояд.

Аз соли 2010 ба баъд – ҳарсола – ҳафтаҳои фарҳангии Олмон дар Тоҷикистон баргузор мегарданд.

Ҳаҷми муомилоти тиҷоратии Тоҷикистону Олмон, масалан, фақат дар ҳафт моҳи соли 2015 117,952 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ки аз ин ҷумла ҳаҷми содирот 1,064 миллион ва ҳаҷми воридот 116,888 миллион доллар мебошад.

Ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон корхонаҳои муштараки «Мах Хуросон», «Мюллер ва Шелл», «Зимменс-Шивас ЛТД» ва «Дӯстӣ» фаъолият мекунанд.

Доираи фаъолиятҳои ин корхонаҳо аз истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ, сангҳои декоративӣ, маҳсулоти кишоварзӣ дар заминаи техника ва технологияҳои муосири олмонӣ иборат мебошад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Фаронса

Муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса алҳол дар соҳаҳои иқтисод, фарҳанг ва ҳарбӣ ҷараён доранд. Заминаи ин равобитро 12 ҳуҷҷати муҳиме, ки байни Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Фаронса имзо шудааст, фароҳам сохтаанд.

Бунёди равобити дипломатии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса 3 марти соли 1992 пайрезӣ шудааст.

Ҷумҳурии Фаронса дар шаҳри Душанбе сафоратхонаи худро 3 ноябри соли 2001кушод.

Сатҳи робитаҳои дуҷониба солҳои охир тамоили рӯ ба инкишоф пайдо намудаанд.

Ҳамкориҳои ҳарбии ду кишвар низ батадриҷ густариш меёбанд. Моҳи декабри соли 2002 Тоҷикистону Фаронса Созишнома оид ба ҳамкории байни муассисаҳои ҳарбии ду кишварро ба имзо расонданд. Ин созишнома ҳамкориҳоро дар соҳаи тайёр намудани кадрҳои ҳарбӣ барои Тоҷикистон пешбинӣ менамояд. Тибқи нуктаҳои созишномаи мазкур, ҷониби Фаронса ҳар сол ба низомиёни тоҷик барои гузарондани машқҳо ва дигар чорабиниҳо кумак мекунад.

Дар ҳавзаи равобити инсонӣ низ ҳамкории ду кишвар дар сатҳи матлуб қарор дорад. 28 ноябри соли 2012 дар Париж дар бинои Сенати Фаронса гурӯҳи Ассотсиатсияи дӯстии «Фаронса-Тоҷикистон» таъсис дода шуд.

Дар ҳамкориҳои парлумонии Тоҷикистону Фаронса раванди солиму устувори густариш мушоҳида мешавад. Дар парлумонҳои ҳар ду кишвар гурӯҳҳои байнипарлумонии дӯстӣ фаъолият мекунанд.

Ҳаҷми савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Фаронса дар соли 2010 4,6 миллион доллари амрикоиро ташкил дод.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Швейтсария

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори густариши ҳарчи бештари муносибатҳои дуҷониба бо Швейтсария мебошад.

Швейтсария нахустин мамлакатест, ки ҷонибдории худро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи ворид шудани кишвари мо ба Созмони байналмилалии савдо изҳор намудааст.

Равобити дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария 9 декабри соли 1992 барқарор шудааст.

Табодули боздиди мақомоти олии ду кишвар фурсатҳое мебошанд, ки Тоҷикистону Швейтсария масоили муҳими ҳамкориҳоро мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор медиҳанд.

Ба манзури тавсеаи ҳарчи бештари равобити дуҷониба 3 сентябри соли 2010 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Женева кушода шуд.

Дар ҳамкориҳои дуҷониба равобити иқтисодӣ ҳавзаи бархӯрдор аз густариши бештар мебошад.

Конфедератсияи Швейтсария тавсеаи Тоҷикистонро аз тариқи тахсиси кумакҳои молӣ дар чорчӯби се тарҳ – кумакҳои дарозмуддати техникӣ, молиявӣ ва башардӯстона – дастгирӣ менамояд.

Ба таври куллӣ, ин барномаҳои кумакӣ дар заминаҳои ислоҳоти идораи давлатӣ, бахши хусусӣ ва иқтисоди куллӣ, манбаъҳои табиӣ ва зерсохтҳо, коҳиши хатари офатҳои табиӣ эҳтимолӣ роҳандозӣ мешаванд.

Дар ҳоли ҳозир Швейтсария иҷрои 6 тарҳи сармоягузориро дар бахшҳои мухталифи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағи умумии 34,2 миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ менамояд.

Молҳои содиротии Швейтсария аз кишвари мо, асосан, пахтаи маҳиннах, сангҳои қиматбаҳо ва алюминий мебошанд. Ва молҳои воридотии ин кишвар ба Тоҷикистон аз маҳсулоти химиявӣ, лавозимоти техникӣ, қисмҳои эҳтиётӣ барои дастгоҳҳои саноати бофандагӣ иборат аст. Беш аз 98 % ҳаҷми умумии содироти Тоҷикистонро ба ин кишвар фулузоти гаронбаҳо ташкил медиҳад.

Молҳои воридот аз Швейтсария ба Тоҷикистон дору, ба таври куллӣ, витаминҳо, рангҳои қимиёӣ, протоинҳо, маҳсулоти кимёӣ ва қисмҳои эҳтиётии мошинҳо ташкил медиҳанд.

Заминаи ҳуқуқии равобити ду кишвар дар марҳалаи ибтидоӣ қарор дорад ва аз 10 созишномаи байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ иборат мебошад.

Ҳаҷми умумии савдои берунии байни Тоҷикистон ва Швейтсария дар соли 2015 310,5 миллион доллари амрикоиро ташкил кардааст. Ин нишондод, ки назар ба омори солҳои гузашта кам мебошад, на далели коҳиши ҳамкориҳои иқтисодӣ, балки нишонгари таъсири манфии буҳрони молиявии ҷаҳонӣ аст, ки ба таври куллӣ дар равобити хориҷии Тоҷикистон бо бештари кишварҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Италия

Барқарории муносибатҳои дипломатии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия 15 майи соли 1992 сурат гирифтааст.

Равобити Тоҷикистон ва Италия аз оғоз ба таври умда вижагии башардӯстона дошт. Масалан, соли 2001 дар чаҳорчӯби Конвенсияи Лондон оид ба кумаки ғизоӣ Ҳукумати Италия – барои рафъи оқибатҳои хушксолӣ ва таъмини гурезаҳои иҷбории ба Ватан бозгаштаи Тоҷикистон бо ғизо – ба маблағи 685 000 доллари ИМА маводи ғизоӣ ироа дода буд.

Моҳи марти соли 2002 Ҳукумати Италия омодагии хешро ҷиҳати расонидани кумаки башардӯстона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намуд. Кумаки мазкур аз 1500 тонна гандум, садҳо тонна биринҷ, шакар ва 100 адад обкаш (насос) барои беҳтар кардани таъмини аҳолии шаҳри Душанбе бо оби тоза иборат буд.

Ҷумҳурии Италия яке аз донорҳои асосии Агентии назорати маводи мухаддири назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳукумати Италия барои гузаронидани амалиёти зидди маводи мухаддир 450 ҳазор доллари ИМА ҷудо карда буд.

Соли 2008 Кумитаи Вазорати корҳои хориҷии Италия оид ба ҳамкорӣ ва рушд барои амалӣ намудани Барномаи AID 8838 – «Беҳсозии захираҳои об ва шароити беҳдоштию гигиенӣ дар деҳоти вилояти Хатлон», – ки аз ҷониби созмони ғайридавлатии итолиёвии CESVI таҳия шудааст, 892 500 евро ҷудо кард.

Ҳукумати Италия моҳи майи соли 2009 – ҷавобан ба муроҷиати Ҳукумати Тоҷикистон – ба кишвари мо 100 000 евро кумаки таъҷилӣ намуд. Кумаки мазкур ба воситаи Ҷамъияти ҳилоли аҳмари Тоҷикистон дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва Қӯрғонтеппа тақсим карда шуд.

Моҳи апрели соли 2010 Ҳукумати Ҷумҳурии Италия барои 120 оилаи аз офати табиӣ зарардидаи шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои вилояти Хатлон 25 000 евро кумаки башардӯстона расонид.

Тайи солҳои гузашта ҳамкориҳои ду кишвар дар заминаи мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил хуб роҳандозӣ шуданд. Ҷумҳурии Италия аз ҷумлаи кишварҳое буд, ки ҳангоми таъсиси Агентии назорати маводи мухаддир дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ин ниҳодро маблағгузорӣ намудаанд.

Дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Италия равшан аст. Сармоягузорони итолиёӣ омодагии худро барои ширкат дар татбиқи барномаҳои энергетикӣ, бунёди корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ иброз дошта, дар ин замина якчанд созишномаҳоро ба имзо расонидаанд.

Дар соли 2015 ҳаҷми тиҷорати дуҷонибаи Тоҷикистону Италия 33288,2 ҳазор доллари амрикоиро ташкил додааст.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Литва

Равобити дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Литва соли 1992 поягузорӣ шуд.

Сафарҳои мутақобили мақомоти баландпояи Тоҷикистон ва Литва мавридҳое мебошанд, ки самтҳои гуногуни муносибатҳои дуҷониба баррасӣ ва дурнамои ҳамкориҳо муайян мегарданд.

Энергетика, саноати сабук, кишоварзӣ, нақлиёту иртиботот, сайёҳӣ, ҳамчунин бунёди корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон оид ба истеҳсоли маводи сохтмонӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзии муҷаҳҳаз бо технологияҳои пешрафтаи аврупоӣ аз самтҳои афзалиятноки рушди равобити дуҷонибаи ду кишвар мебошанд.

Ҳаҷми тиҷорати дуҷониба байни Тоҷикистон ва Литва дар соли 2015 81,6 миллион доллари амрикоиро, ки аз ин ҷумла 0,2 миллион доллар марбути содирот ва 81,4 миллион доллар алоқаманд ба воридот аст, ташкил дод.

Муносибатҳои тиҷоратии ду кишвар аз тамоили рӯ ба рушд бархӯрдор ҳастанд. Соҳаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта ва меваю сабзавот, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, мебел, техникаи рӯзгор, чарм, пойафзол, баҳрабардорӣ аз конҳои канданиҳои фоиданок ва захираҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон, густариши робитаҳои нақлиётию транзитӣ аз самтҳои асосии ҳамкории Тоҷикистону Литва мебошанд.

Бунёди ҳуқуқии равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Литва дар ҳоли тавсеа қарор дорад ва то имрӯз байни кишварҳои мо 5 санади расмии ҳамкориҳо имзо шудаанд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Латвия

Ҳамкориҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Латвия 11 майи соли 1992 бо имзои созишномаи дуҷониба байни ду кишвар оғоз шудааст.

Дафтари сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Латвия дар шаҳри Минск воқеъ мебошад. Қароргоҳи Сафири фавқулода ва мухтори Латвия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Тошканд аст.

Равобити сиёсии Тоҷикистон ва Латвия дар табодули сафарҳои расмии сарони кишварҳо ва мақомоти давлатии ду кишвар ба зуҳур пайваста, тайи онҳо мавзӯъҳои муҳими ҳамкорӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд ва роҳкорҳои иҷрои тавофуқоти ҳосилшуда муайян мегарданд.

Барои ҳаллу фасли масоили ҳамкориҳо дар ҳавзаи мазкур Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Латвия оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ фаъолият мекунад.

Робитаҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Латвия ҷузъи муҳим ва таркибии ҳамкориҳои дуҷониба мебошанд. Ҳамкориҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сейми Ҷумҳурии Латвия беш аз пеш густариш меёбанд.

Ҳаҷми умумии савдои хориҷии Тоҷикистон бо Латвия дар соли 2015 19,7 миллион доллари амрикоиро ташкил дод. Савдои хориҷӣ бо Латвия дар айни замон нисбат ба солҳои пеш ба иллати буҳрони молиявии ҷаҳонӣ коҳиш пайдо намудааст.

Ҳамкориҳо дар ҳавзаҳои энергетика, аз ҷумла бунёди иншооти барқӣ, марбут ба зерсохтҳои иртиботӣ, корхонаҳои фароварии маҳсулоти кишоварзӣ, дорусозӣ, маориф, бунёди корхонаҳои муштарак дар ҳудуди 4 минтақаи озоди иқтисодии кишвар ва бахши сайёҳӣ самтҳои ояндадору афзалиятноки равобити иқтисодии Тоҷикистону Латвияро ташкил мекунанд.

Латвия барои роҳандозии равобити иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо, аз ҷумла бо Олмон, Лаҳистон, Финляндия ва ғайра, метавонад ба таври муассир мусоидат намояд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз зумраи аввалин кишварҳоест, ки истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтаанд. Равобити дипломатӣ байни кишварҳои мо 14 феврали соли 1992 поягузорӣ шудааст.

Вижагиҳои ҳамкориҳои Тоҷикистону Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳусни тафоҳум, ҳамраъйӣ ва мавқеъгирии созанда дар баррасӣ ва ҳаллу фасли масоили муҳими равобити ду кишвар ва авзои байналмилалӣ мебошад.

Ба таври умда, мавзӯоти ҳамкориҳои Тоҷикистону ИМА таъмини амният дар минтақа, пеш аз ҳама дар Афғонистон, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, қочоқу савдои ғайриқонунии маводи мухаддир мебошад.

Дар ҳоли ҳозир равобити Тоҷикистону Амрико дар соҳаҳои сиёсат, иқтисоду тиҷорат, бахшҳои гуманитарӣ, маорифу фарҳанг, беҳдошт, амнияти минтақавӣ, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва ғайра бо таваҷҷуҳ ба манфиатҳои ҳар ду кишвар ба таври муассир густариш меёбад.

Тоҷикистон шарикии ИМА-ро дар мубориза бар зидди терроризм, қочоқи маводи нашъаовар ва ха-

тарҳои дигари ҷаҳонӣ баҳри амният ва суботи минтақа ва ҷаҳон арзишманд мешуморад. Бавижа барои Тоҷикистон ҳамкориҳои марзӣ ва амниятӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муҳим мебошад ва дар ин замина дар солҳои охир неруҳои марзбони кишвари мо аз кумаки ин кишвар барои тақвияти худ бархӯрдор шудаанд.

Тоҷикистону Амрико барои таҳким ва рушди ҳамкорӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ собитқадамона талош мекунанд. Дар ин росто мусоидати ИМА дар густариши равобити иқтисодии Тоҷикистон бо кишвари ҳамсояи Афғонистон шоёни таҳсин аст. Бо кумаки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар рӯи дарёи Панҷ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон якчанд пулҳои автомобилгузар бунёд карда шудаанд, ки мӯҷиби 300 дарсад афзудани ҳаҷми муомилоти тиҷоратии мамлакати моро бо кишвари ҳамсоя фароҳам овардааст.

Ҳаҷми савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соли 2012 ба болотарин сатҳ расида, ба 194,7 миллион доллари амрикоӣ баробар шуд, ки дар ин ҷумла ҳаҷми содирот 0,7 миллион доллар ва ҳаҷми воридот 194,0 миллион долларро ташкил дод. Дар соли 2015 – ба иллати таъсири манфии буҳрони молиявии ҷаҳонӣ – ҳаҷми муомилоти ду кишвар коҳиш ёфта, 38,2 миллион долларро ташкил дод, ки ҳаҷми содирот 0,2 миллион доллар ва ҳаҷми воридот 38,0 миллион доллар мебошанд.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соҳаи маориф низ дар ҳоли тавсеа мебошанд. Дар солҳои охир мубодилаи теъдоди до-

нишҷӯён ва муаллимон дар ҳар ду самт афзоиш ёфтааст. Ҷониби Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон якчанд барномаи омӯзиширо, монанди «Эдмонд Маски», «Фулбрайт», «Флекс», барномаи тадқиқотии «Кокран» ва барномаи иқтисодии «САБИТ»-ро роҳандозӣ менамояд. Бар тибқи барномаҳои мазкур, ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳар сол донишҷӯёну олимони тоҷикро барои такмили донишу ихтисос ба ИМА даъват менамояд. Ба далели ин, ки Тоҷикистон бо камбуди кадрҳои дорои маълумоти олии ғарбӣ мувоҷеҳ аст, ҷониби ИМА дар садад аст ба афзоиши шумори донишҷӯёну олимони тоҷик, ки аз омӯзиш дар ниҳодҳои таълимии амрикоӣ бархӯрдор хоҳанд шуд, иқдом намояд.

Саҳми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар заминаи расондани кумакҳои башардӯстона низ қобили мулоҳиза аст. Солҳои гузашта аз кулли кумакҳои башардӯстонае, ки кишварҳои ҷаҳон ба Тоҷикистон мерасонданд, бештарин саҳм ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тааллуқ дошт. Бо ин ки ҳаҷми чунин кумакҳо аз ҷониби Иёлоти Муттаҳидаи Амрико андаке коҳиш ёфтааст, ин давлати абарқудрат ҳамоно барои Тоҷикистон яке аз мамлакатҳои кумакрасон боқӣ мемонад.

Заминаи ҳуқуқии равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро беш аз 30 аснод, ки дар тӯли даврони барқарории равобити ду кишвар аз ҷониби тарафҳо дар заминаҳои тиҷорату иқтисод, ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ, мубориза бо терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба имзо расидаанд, ташкил мекунанд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Чин

Ҷумҳурии Халқии Чин ҳамсояи хуб, дӯсти содиқ ва шарики боэътимоди стратегии Тоҷикистон аст ва кишвари мо аз таҳкиму густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, пеш аз ҳама дар заминаи ҳамкориҳои иқтисодӣ, истиқбол мекунад.

Равобити дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Чин 4 январи соли соли 1992 поягузорӣ шудааст. Сафорати Ҷумҳурии Халқии Чин дар Тоҷикистон 13 марти соли 1992 ва Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Чин 7 апрели соли 1997 ба фаъолият оғоз намудаанд.

Тоҷикистон ба густариши равобит бо Ҷумҳурии Халқии Чин аҳамияти вижа медиҳад. Ҳамкориҳои байни Тоҷикистону Чин дар чанд соли охир дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва инсонӣ ба таври қобили мулоҳиза густариш намудаанд. Байни ду кишвар зиёда аз 150 созишнома ва асноди ҳуқуқӣ ба имзо расидаанд. Бо итминон метавон гуфт, ки дар тӯли солҳои гузашта марзи миёни ду кишвар ба марзи дӯстию равобити ҳасана табдил ёфтааст. 70 дарсад аз ҳаҷми умумии муомилоти молии ду кишвар дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Чин анҷом мегирад.

Ҷумҳурии Халқии Чин аз лиҳози сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон яке аз мақоми аввалро дар миёни шарикони иқтисодии кишвари мо соҳиб мебошад. Вижагии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

Ҷумҳурии Халқии Чин сатҳи устувору пойдори ҳамкориҳои ду кишвар мебошад. То имрӯз бо маблағгузории ин ҳамсояи бузург силсилаи лоиҳаҳои стратегӣ, аз қабили шоҳроҳи Чанак–Хуҷанд–Душанбе, нақбҳои Шаршар, Чормағзак, Шаҳристон, хаттҳои интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол», «Лолазор-Хатлон» ва дигар созандагиҳо анҷом ёфтаанд. Кишвари Чин ҳамчунин дар назар дорад, ки дар оянда дар пиёдасозии лоиҳаҳои энергетикии кишвари мо, аз ҷумла дар бунёди неругоҳҳои ҳароратӣ ва барқи обӣ бо зарфияти миёна, ширкат намояд.

Сафарҳои мутақобил, дидору гуфтугӯҳои муназзами роҳбарони давлатҳои мо, вохӯриҳо дар чорчӯби анҷуману иҷлосияҳои байналмилалӣ, муколамаҳои телефонӣ фурсатҳое мебошанд, ки ба тавсеаи ҳамкориҳои байни кишварҳои мо ва таъмиқи беш аз пеши онҳо кумак мекунанд.

Дар ин росто сафари расмии давлатии Раиси Ҷумҳурии Халқии Чин Си Зинпин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи сентябри соли 2014, ки сиёсатшиносон ин сафарро, бо таваҷҷуҳ ба тавофуқҳои ба дастомада, «оғози марҳалаи нав дар ҳамкориҳои ду кишвар» унвон кардаанд, саҳифаи тозаеро дар равобити гуногунарсаи Тоҷикистону Чин боз намуд.

Дар ҷараёни ин сафар дар ҳузури сарони ду кишвар агрегати дуюми навбати аввали Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе ба кор даровarда шуда, сохтмони навбати дуюми ин иншооти муҳими энергетикӣ, инчунин бунёди қисмати тоҷикистонии лӯлаи чоруми гази Осиёи Марказӣ-Чин расман оғоз гардид.

Пас аз ба кор шурӯъ кардани навбати дуюми Маркази барқу гармидиҳӣ, ки иқтидори лоиҳавии он 300 мегаватт мебошад, зарфияти ин иншоот ба 400 мегаватт хоҳад расид.

Қобили зикр аст, ки дар ҷараёни сохтмони лӯлаи чоруми гази Осиёи Марказӣ-Чин ва иҷрои ҳамаи қарордодҳои баимзорасидаи ду кишвар ба иқтисодиёти Тоҷикистон беш аз 6 миллиард доллари амрикоӣ ворид мешавад.

Ҳамчунин ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ширкати давлатии нафту гази Чин (CNPC) ва шариконии он корҳои ҷустуҷӯӣ-геологиро дар Тоҷикистон идома медиҳанд. Анҷоми муваффақиятомези ин корҳо кишвари моро соҳиби газу нафт месозад.

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар соҳаи маориф низ дар сатҳи матлуб роҳандозӣ шудааст. Дар ҳоли ҳозир дар 112 мактаби олии Чин беш аз 2 ҳазор донишҷӯи тоҷик таҳсил мекунанд. Дар Маркази Конфутсийи шаҳри Душанбе ҷавонони зиёди тоҷикистонӣ забони хитоиро ёд мегиранд.

Бисёре аз мутахассисони Тоҷикистон дар давраҳои омӯзишӣ ва семинарҳо, ки коршиносони хитоӣ дар заминаҳои гуногун ташкил менамоянд, такмили донишу ихтисос мекунанд. Дар якчанд донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшҳои забони хитоӣ кушода шудаанд. Тоҷикистон низ дар мактабҳои олии худ барои шаҳрвандони Чин курсиҳое ихтисос додааст.

Равобити фарҳангии ду кишвар беш аз пеш густариш меёбад. Баргузории Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистону Чин ба ҳукми анъана даромадааст ва ин

чорабинии муҳими фарҳангӣ ба таври муназзам дар ҳар ду кишвар баргузор мегардад.

Чин ва Тоҷикистон 500 километр марзи муштарак доранд ва ҳамкорӣ дар заминаи марзбонӣ барои ҳар ду кишвар бисёр муҳим мебошад. Вазорати мудофиа Чин дар 15 соли гузашта 500 низомии тоҷикро дар донишгоҳҳои низомии худ омӯзиш додааст.

Хотирнишони ин нукта ҷоиз аст, ки барои Тоҷикистон амиқтар шудани равобит бо Чин, аз ҷумла, ба маънои бархӯрдорӣ аз пуштибонии шарики боэътимоди иқтисодӣ дар равобити байналмилалии муосир ва ҷалби сармоягузорӣ мебошад, ки дар шароити бештар ниёз доштани кишвари мо ба маблағҳои бузург барои расидан ба амнияти энергетикӣ, инчунин барои тавсеаи пойдори иқтисоди Тоҷикистон зарурат дорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин нуктаҳо, Тоҷикистон ва Чин дарояндаи низ ба густариши ҳамкориҳои стратегии худ идома хоҳанд дод.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон 6 июни соли 1992 барқарор шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории гуногунсоҳаро бо Ҷумҳурии Исломии Покистон аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ меҳисобад. Тоҷикистону Покистон ҳамдигарро шарики муҳими худ дар минтақа медонанд.

Покистон ба соҳаҳои сохтмони роҳҳои мошингарду оҳан, истихроҷу коркарди металлҳои қиматбаҳо, маводи сохтмон, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, туризм ва ғайра мароқ зоҳир мекунад. Лоиҳаҳои энергетикии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи Покистон мебошанд.

Баргузории мунтазами музокироти сатҳи олӣ омили муассири тавсеаи ҳамкории мутақобилан судманди ду кишвар ва фароҳам овардани заминаи мусоиди равобит дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷорату иқтисод, фарҳанг, илм, маориф, энергетика, пешбурди муштараки лоиҳаҳои зерсохтӣ барои тавсеаи ҳамгироии минтақавӣ, таъмини амнияту субот дар минтақа мебошад.

Дар 22 соли барқарории равобити миёни ду кишвар Президент Эмомалӣ Раҳмон ба Покистон чаҳор маротиба сафари расмӣ анҷом додааст ва президентҳои Покистон се бор ба Тоҷикистон боздиди расмӣ анҷом додаанд.

Дар аснои мулоқотҳои охири сарони кишварҳои мо бештар татбиқи лоиҳаи CASA-1000 мавриди баррасӣ қарор мегирад. CASA-1000 лоиҳаи энергетикиест, ки барои интиқоли барқ сохта мешавад ва татбиқи он Осиёи Миёнаро бо Осиёи Ҷанубӣ пайванд медиҳад.

Покистон, ки бо камбуди барқ рӯбарӯ аст, хоҳони иҷрои ҳарчи зудтари лоиҳаи CASA-1000 мебошад. Бунёди CASA-1000, ки 12 майи 2016 расман дар Тоҷикистон шурӯъ шудааст, пас аз пурра мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтан, интиқоли барқи изофии Тоҷикистону Қирғизистонро ба Покистон фароҳам

меоварад. Нақши CASA-1000 барои Тоҷикистон аз ду ҷиҳат дорои аҳамият мебошад, яъне кишвари мо ҳам аз ҳисоби интиқоли барқи худаш ва ҳам бо ифо намудани нақши кишвари транзити барқи Қирғизистон фоида ба даст меоварад.

Ин лоиҳа барои Афғонистон низ дархӯри аҳамият аст, зеро Афғонистон дар роҳи интиқоли барқ ба Покистон кишвари транзитӣ хоҳад шуд ва аз ин нақш суди зиёде ба даст хоҳад овард.

Дар ҳоли ҳозир дар кишвари мо беш аз 40 ширкати хусусии покистонӣ ва шумори қобили таваҷҷуҳе аз соҳибкорони инфиродии покистонӣ дар заминаҳои гуногуни иқтисодӣ фаъолият менамоянд.

Дар ҳамин охирҳо ширкати машҳури покистонии «Tabani Group of Companies», ки бо истеҳсоли мол аз пӯст ва пахта машғул мебошад, тасмим гирифтааст бо Тоҷикистон вориди ҳамкорӣ шавад.

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Покистон дар соҳаи маориф батадриҷ рушд меёбанд. Миёни ду кишвар табодули донишҷӯён роҳандозӣ шудааст.

Дар соли 2015 мизони табодули молу коло миёни Тоҷикистону Покистон беш аз 84 милллион доллари амрикоиро ташкил додааст, ки беш аз 64 миллион доллари он ба воридоти коло аз Покистон марбут аст.

Ҳар ду ҷониб дар садади онанд, ки мубодилаи молу коло дар байни ду кишвар бояд аз 65 миллион доллари имрӯз дар солҳои наздик ба 500 миллион бирасад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ ба ҳамкориҳои гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Туркия аҳамияти махсус медиҳад. Миёни ду кишвар ҳамкориҳо дар заминаҳои мухталиф, аз ҷумла тиҷорат, энергетика, саноат, маориф, фарҳанг, сохтмон ва меъморӣ, ба таври муассир роҳандозӣ мешаванд. Ҳимояту пуштибонӣ аз мавқеияти якдигар дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва анҷуманҳо, хусусан дар доираи ҷаласаҳои Созмони Милали Муттаҳид, аз вижагиҳои равобити кишварҳои мо мебошад.

Ҷумҳурии Туркия дар таърихи 29 январи соли 1992 истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва аз он замон миёни ду кишвар равобити дипломатӣ барқарор гашт. Ҳамон сол Ҷумҳурии Туркия Сафорати худро дар Душанбе боз намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафорати худро дар Анқара дар моҳи декабри соли 1995 кушод. Консулгарии умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Истамбул дар соли 2011 ба фаъолият оғоз кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози барқарор намудани равобити дипломатӣ бо Ҷумҳурии Туркия ҳамкориҳои ба ҷонибҳо муфиди иқтисодию тиҷоратиро роҳандозӣ намуд ва марҳала ба марҳала онҳоро рушду тавсеа бахшид. Дар ҷараёни гуфтушунидҳо дар сатҳи олӣ шуморе аз асноди муҳими ҳамкориҳои густурдаи ду кишвар ба имзо расиданд, ки тамоми ҷанбаҳои равобити тарафҳоро дар бар мегиранд. Имрӯз

пояи ҳуқуқии равобити ду кишварро беш аз 50 созишнома, тафоҳумнома ва дигар асноди ҳамкорӣ, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар зарфи солҳои гузашта ба имзо расидаанд, фароҳам сохтаанд.

Тайи давроне, ки миёни ду кишвар равобити дипломатӣ барқарор аст, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Туркия 6 маротиба боздидҳои расмӣ ва корӣ ба амал овардааст. Дар ҳамин солҳо президентҳои Туркия 3 бор ба Тоҷикистон сафарҳои расмӣ ва корӣ анҷом додаанд.

Ду давлат нисбат ба масъалаҳои муҳими байналмилалӣ ва минтақавӣ дорои мавқеияту назари ҳаммонанд ва ё яксон мебошанд.

Равобити Тоҷикистону Туркия дар соҳаи маориф низ аз тавсеаи солим бархӯрдор аст. Ҷониби Туркия барои бозомӯзии мутахассисони тоҷик мунтазам давраҳои таълимӣ ташкил менамояд ва барномаҳои марбут роҳандозӣ месозад. Дар ҳоли ҳозир дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Туркия шумораи қобили таваҷҷуҳи донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар риштаҳои гуногун таҳсил мекунанд.

Ба манзури баррасии масоили муҳими ҳамкориҳо дар ҳавзаи иқтисодӣ Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Туркия оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ таъсис гирдидааст, ки то имрӯз ба таври муассир фаъолият мекунад.

Дар ҳоли ҳозир дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 60 ширкати туркӣ фаъолият мекунанд. Ширкатҳои сохтмонии туркӣ бо бунёду эҳдоси би-

ноҳои маъмурӣ, истиқоматӣ, тиҷоратӣ, меҳмонхонаҳо, ҳамчунин роҳҳои автомобилгард машғул мебошанд.

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия дар соҳаи фарҳанг рушд мекунад. Бо кумаки молиявии ҷониби Туркия таъмиру барқарорсозии дохил ва намои берунии бинои Осорхонаи миллии Тоҷикистон анҷом гирифтааст. Барои ин корҳо беш аз 40 ҳазор доллари амрикоӣ сарф шудааст.

Ҳаҷми умумии савдои хориҷии байни Тоҷикистон ва Туркия дар соли 2015 437 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ки дар ин ҷумла ҳаҷми содирот 377 миллион доллари амрикоӣ мебошад.

Ба таври куллӣ, ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Туркия дорои имкониятҳои ҳанӯз истифоданашуда мебошанд ва метавонанд дар оянда хислати густариши пойдорро касб намоянд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳиндустон

Тоҷикистон ҳамкориҳои дӯстона ва созандаро бо Ҳиндустон аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ муайян намудааст.

Коршиносон тақвияти равобити Тоҷикистон ва Ҳиндустонро барои ҳар ду кишвар дорои аҳамияти зиёд медонанд.

Равобити дипломатии Тоҷикистон ва Ҳиндустон аз соли 1992 оғоз шудааст. Ҳукумати Ҳинд ҳамон сол дар Душанбе сафоратхонаи худро боз намуд. Сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ҳиндустон соли 2003 таъсис

гардид. Тайи солҳои гузашта то кунун давлатҳои мо даҳҳо санади ҳамкориро дар бахшҳои гуногун имзо ва ҳамкориҳои худро устувор намуданд. Дар ҳоли ҳозир Ҳиндустон яке аз шарикони Тоҷикистон барои иҷрои тарҳҳои иқтисодӣ ба шумор меравад.

Тоҷикистону Ҳиндустон дар равобити дуҷонибаи худ, хусусан дар бахши иқтисод ва тиҷорат, то имрӯз ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд.

Барои танзим, баррасӣ ва ҳаллу фасли масоили ҳамкориҳои ду кишвар дар заминаҳои савдо, саноат, илм, фарҳанг ва масъалаҳои амниятӣ Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Ҳиндустон фаъолият менамояд.

Ҷониби Ҳиндустон неругоҳи барқи обии «Варзоб-1»-ро тармиму таҷдид намудааст. Аз ҷониби яке аз ширкатҳои бузургтарини Ҳиндустон «CHL Hotel Group of India’s investment» меҳмонхонаи панҷситораии «Шератон» дар маркази шаҳри Душанбе сохта шудааст. Бунёди корхонаи истеҳсоли шарбат дар шаҳри Душанбе, ибрози ҳамкории ширкати «KEG» барои амалӣ кардани лоиҳаи хатти интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба Афғонистон, аз рушди ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Ҳиндустон шаҳодат медиҳанд.

Ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон корхонаҳои муштараки Тоҷикистону Ҳиндустон, ба монанди «Кармел Оверсиз Лимитед», ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Металлҳо ва минералҳои тоҷик», «Голф Тур», «Шабакаи осмонӣ» фаъолият доранд.

Тасмими ҷониби Ҳиндустон барои бунёди корхонаҳои хурди истеҳсоли афшураю нӯшокиҳо аз меваю

сабзавот, коркард ва бастабандии чойи ҳиндӣ, таҷдиди корхонаҳои нассоҷии Тоҷикистон, ибрози майли ҳамкорӣ дар бахши коркарди пӯсту чарм, ташкили корхонаҳои муштараки дорусозӣ ва ҷавоҳирот, ҳамкорӣ дар соҳаи туризм аз рушди беш аз пеши равобити иқтисодии кишварҳои мо башорат медиҳанд.

Ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи маориф дар сатҳи дархӯр густариш меёбанд. Дар ин замина ҷонибҳо ба роҳандозии барномаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи вижа медиҳанд. Таъсиси таълимгоҳи технологӣ дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ ва Маркази иттилоот ва технология дар шаҳри Душанбе, муҷаҳҳаз гардондани Донишгоҳи техникии Тоҷикистон бо суперкомпютер нишонгари ин таваҷҷуҳ мебошанд.

Дар ростои амалисозии барномаи омӯзишии «ITEC»-и ҷониби Ҳиндустон ҳамасола барои донишҷӯёни тоҷик 150 адад бурсияҳои таълимӣ ҷудо мегарданд, ки дар қиёс бо кишварҳои минтақа собиқа надорад.

Соҳаи кишоварзӣ барои ҳар ду кишвар яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Тоҷикистон бо иқтидору имкониятҳое, ки дар заминаи истеҳсоли меваи хушк, парвариши сабзавоту мева, пахта ва ғалладона дорад, метавонад яке аз мақоми аввалро дар ҷаҳон дошта бошад. Истифода аз фановариҳои нав, ки Ҳиндустон дар он пешсаф мебошад ва пайравӣ аз таҷрибаи ғании андӯхтаи ин кишвар дар ин замина метавонад барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва фароварҳои маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон нақши муҳиме ифо намояд.

Ҳамкориҳои фарҳангии байни ду кишвар дар сатҳи намоён қарор доранд. Сафарҳои мутақобили ҳунармандони ду кишвар, баргузории мунтазами чорабиниҳои фарҳангӣ бо иштироки дастаҳои ҳунарии ду кишвар намоишгари тавсеаи равобити фарҳангӣ ва алоқамандии мардумони Тоҷикистону Ҳиндустон ба фарҳанги асилу ғании ҳамдигар мебошанд.

Дар ин росто таъкид кардан ба нақши муҳими Шӯрои байналмилалӣ оид ба ҳамкориҳои фарҳангии кишвари Ҳиндустон амри матлуб аст. Зеро маҳз бо пуштибонии молиявии ин ниҳод сафарҳои ҳунармандони ду кишвар ва баргузории чорабиниҳо имконпазир мегарданд.

Ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи ҳарбӣ густариш меёбанд. Барои танзими фаъолиятҳои ду кишвар дар самти мубориза бар зидди терроризм гурӯҳи кории муштараки ду давлат таъсис шудааст. Ҳамкориҳои Тоҷикистону Ҳиндустон дар ин самт собиқаи дерин дорад ва ба охири солҳои 1990 бармегардад.

Ҷониби Ҳиндустон, дар заминаи иҷрои тарҳҳои ҳамкории низомӣ бо сарфи маблағи беш аз 20 миллион доллар, таъмиру таҷҳизи фурудгоҳи низомии «Айнӣ»-ро дар наздикиҳои пойтахт ва пойгоҳи низомии «Фархор»-ро дар вилояти Хатлон анҷом додааст. Ҳамчунин як бемористони низомӣ дар вилояти Хатлон сохта шудааст, ки ҳамзамон аҳолии маҳаллӣ низ метавонад аз он истифода кунад. Барои баровардани ниёзҳои ҳамлу нақли низомиёни тоҷик Ҳиндустон як чархбол низ эҳдо намудааст.

Давлати Ҳиндустон ҳамасола барои таҳсили низомиёни тоҷик дар ниҳодҳои таълимии низомии худ

бурсияҳои ройгон ихтисос медиҳад. Афсарону сарбозони ҷавони тоҷик дар Академияи миллии дифои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ҳиндустон, Академияи ҳарбии Ҳиндустон ва дигар муассисаҳои таълимии низомии ин кишвар бозомӯзӣ мекунанд ва ё давраҳои пурраи таҳсилро мегузаронанд.

Ҳаҷми мубодилоти тиҷоратии ду кишвар дар солҳои гузашта коҳиш ёфт ва, бар асоси омори расмӣ, ин мизон дар соли 2015 17 миллион доллари амрикоиро ташкил кард, ки 16,8 миллион доллари он марбут ба содироти Ҳиндустон ба Тоҷикистон мебошад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷопон

Ҷопон истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро 28 декабри соли 1991 эътироф намудааст. Равобити дипломатӣ миёни кишварҳои мо 2 феврали соли 1992 барқарор шудааст.

Сафоратхонаи Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 январи соли 2002 ва сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ҷопон дар соли 2007 ба фаъолият оғоз намудаанд.

Пояҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои дуҷонибаро алҳол 30 аснод ташкил медиҳанд ва ҷараёни муваффақомези ҳамкориҳои и Тоҷикистон ва Ҷопонро дар ҳавзаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, инсонӣ ва ғайра танзим ва ба таъмиқу густариши онҳо мусоидат менамоянд.

Солҳои охир ҳамкории Тоҷикистону Ҷопон дар соҳаҳои мухталиф, монанди саноат, кишоварзӣ, тиҷорат, маориф ва технологияҳо, роҳандозӣ гар-

дидааст. Аммо дар равобити ду кишвар кумакҳои ройгони ҷониби Ҷопон бештар ба назар мерасанд.

Дар ин замина Ҷопон барои сохтмони муассисаҳои маишиву иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла мактабу бемористон, роҳ ва бунёди хатти оби ошомиданӣ, беш аз 27 миллион доллар сармоягузорӣ кард. Дар маҷмӯъ, ин кишвар тӯли солҳои гузашта дар Тоҷикистон 352 барномаи мухталифро роҳандозӣ кардааст.

Махсусан саҳми Ҷопон дар таҷдиди роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа-Дӯстӣ-Панҷи поён хеле назаррас мебошад.

Дар ноҳияи Қубодиён фабрикаи дорусозии «Аввалин», ки бо сармояи ширкати «Коки»-и Ҷопон сохта шудааст, фаъолият мекунад.

Кишвари Ҷопон дар бозсозии мактабҳои деҳот, таъмини дармонгоҳҳо бо таҷҳизоти тиббии замонавӣ кумакҳои бедареғ мекунад. Мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар деҳаи ба номи Саъдии Шерозии ноҳияи Вахш ва деҳаи «Сомонобод»-и ноҳияи Бохтар, ки сохтмонашон дар моҳи апрели соли 2016 ба охир расид, бо кумакҳои ройгони Ҷопон бо сарфи беш аз 200 ҳазор доллари амрикоӣ бунёд шуданд.

Ҷониби Ҷопон ба шуъбаи ҷарроҳии беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳритус бо сарфи маблағи наздик ба 88 ҳазор доллари амрикоӣ ва ба дармонгоҳи минтақавии №1-и деҳоти «Наврӯз»-и ноҳияи Носири Хусрав ба маблағи 100 ҳазор доллари амрикоӣ таҷҳизоти муосири тиббӣ тақдим намуд.

Дар чорчӯби лоиҳаи «Рушди таҳсилоти фарогир барои кӯдакони дорои имконияти маҳдуд дар шаҳри

Душанбе» аз ҷониби ҳукумати Ҷопон барои фароҳам кардани шароити мусоиди омӯзиши кӯдакони маъюб иқдомҳои зиёде анҷом дода шудаанд.

Шоёни зикр аст, ки аз соли 2001 то кунун дар заминаи расондани кумак ба соҳаи маорифи Тоҷикистон кишвари Ҷопон 16 тарҳи кумаки ройгонро ба маблағи 3,3 миллион доллар роҳандозӣ намудааст.

Дар заминаи омода кардани мутахассисон барои соҳаҳои мухталифи кору фаъолият низ миёни Ҷопону Тоҷикистон ҳамкориҳо густариш меёбанд. Аз соли 1993 то имрӯз бисёре аз донишҷӯёни тоҷик дар донишгоҳҳои гуногуни Ҷопон касби дониш кардаанд. Сол ба сол теъдоди бурсияҳо барои таҳсили донишҷӯёни тоҷик ба донишгоҳҳои бонуфузи Ҷопон афзоиш меёбад. Бино ба омори Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон, дар давоми 5 соли охир 56 нафар донишҷӯи тоҷик имкон пайдо кардаанд, ки дар донишгоҳҳои Ҷопон ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Толибилмони тоҷик ба таври умда дар риштаҳои фановарӣ, энергетика, фановарии нано ва монанди инҳо, ки посухгӯ ба ниёзҳои кишвар ва бозори ҷаҳонии кор мебошанд, касби дониш мекунанд. Илова бар ин, беш аз 1500 нафар хизматчиёни давлатӣ дар ниҳодҳои таълимии Ҷопон бозомӯзӣ ва такмили ихтисос кардаанд.

Ҳамкориҳои фарҳангии ду кишвар дар ҳоли тавсеа қарор доранд. 12-13-уми марти соли 2016 дар шаҳри Душанбе бо ибтикори сафорати Ҷопон фестивали фарҳангии «Рӯзҳои Ҷопон» баргузор гардид. Бадеҳист, ки баргузории чунин маросимҳо, монанди Рӯзҳои Ҷопон дар Тоҷикистон, барои муаррифӣ

намудани расму оини халқи ҷопон ба мардуми Тоҷикистон ва густариши муносибатҳои дӯстонаи ду кишвар мусоидат мекунад.

Ҳамкориҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Ҷопон низ дар сатҳи матлуб роҳандозӣ мешаванд. Парлумони Ҷопон бо таҷрибаи фаровони худ дар заминаи эҷоди қонунҳо ва дигар асноди танзимкунандаи ҳаёти сиёсию иҷтимоию иқтисодии дохили кишвар метавонад мазҳари омӯзишу пайравӣ барои қонунгузорони тоҷик бошад. Дар парлумонҳои ҳар ду кишвар барои таҳкими равобити ҳасанаи ду ҷониб гурӯҳҳои дӯстӣ таъсис дода шудаанд.

Савдои хориҷии байни кишварҳои мо дар соли 2014 ҳаҷми баробар ба 8,4 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ки нишонгари тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвар мебошад. Дар соли 2015 ин нишондод дар мубодилаи молу коло миёни Тоҷикистону Ҷопон афзоиш ёфта, ҳаҷман 9,6 миллион доллари амрикоиро ташкил дод.

## Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ

Ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ вижагиҳои даврони кунунӣ аст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ талош хоҳад кард, ки бо пайравии беш аз пеш аз усули «дарҳои боз» бо созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ равобиту ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва танготанг дошта бошад ва онҳоро тавсеаю густариш бахшад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди давлатҳои мустақил

Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба робитаҳои анъанавии таърихӣ, ки бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил дорад, иштирок дар ин созмонро аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии худ мешуморад ва аъзои фаъоли он мебошад. Кишвари мо пайваста ба инкишофи равобити худ – чи бо сохторҳои Иттиҳод ва чи бо кишварҳои аъзои он – саъю талош меварзад.

Тайи соли гузашта равобити Тоҷикистон бо аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил тамоили рӯ ба густаришу тақвият дошт ва дар марҳалаи кунунӣ низ бар он мекӯшад, ки аз имкониятҳои ҳамгироӣ дар ин созмон ҳарчи бештар истифода намояд.

Тоҷикистон ба такмилу тавсеаи ниҳодҳо ва созукорҳои ҳамгироии Иттиҳоди давлатҳои мустақил аҳамияти зиёд медиҳад ва дар ростои тақвияти созмон, ширкати пайгирона дар чорчӯби он, ҳимоят ва густариши паймонҳои башардӯстона, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ талош мекунад.

Иттиҳоди давлатҳои мустақил 8 декабри соли 1991 дар Беловежская пуша, воқеъ дар наздикиҳои Брест, таъсис шудааст. Дар он рӯз роҳбарони Россия, Украина ва Белорусия Созишномаро дар бораи таъсиси Иттиҳоди давлатҳои мустақил имзо карданд.

21 декабри соли 1991 дар мулоқоти Алмаато роҳбарони ёздаҳ ҷумҳурии Иттиҳоди Шӯравӣ (ба истисноии ҷумҳуриҳои назди Балтика ва Гурҷистон, ки баъдан дар соли 1993 ба ин созмон пайваст) Паймони Созишномаи мазкурро имзо карданд, ки дар он дарҷ

гардид: Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Украина бар пояи баробарӣ Иттиҳоди давлатҳои мустақилро ташкил менамоянд.

Ширкаткунандагони мулоқот бо ҳамдилӣ Эъломияи Алмаатоpo, ки дар он пойбандии ҷумҳуриҳои собиқ ба ҳамкорӣ дар заминаҳои мухталифи сиёсати дохилию хориҷӣ ва кафолати онҳо дар амри иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Иттиҳоди Шӯравии собиқ таъкид гардида буд, ба тасвиб расонданд.

22 январи соли 1993 дар шаҳри Минск дар иҷлосияи сарони давлатҳои аъзои ИДМ Оинномаи Иттиҳод қабул гардид.

24 марти соли 1994 Маҷмаи умумии СММ бо қабули қатъномаи 48/237 Иттиҳоди давлатҳои мустақилро ба мақоми нозир пазируфт ва 3 августи ҳамон сол, мувофиқи моддаи 102-и Оинномаи СММ, Оинномаи ИДМ ҳамчун созишномаи байналмилалии бисёрҷониба дар Котиботи СММ ба сабт расид. Пас аз ин Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҳамчун созмони минтақавии байналмилалӣ эътироф гардид ва ҳуқуқи ширкатро дар тамоми анҷуманҳои умдае, ки СММ анҷом медиҳад, ба даст овард.

Иттиҳоди давлатҳои мустақил барои густаришу тақвияти равобити дӯстона, ҳисси ҳамсоягии нек, ҳамдигарфаҳмии қавмию нажодӣ, боварӣ, дарки мутақобили ҳамкориҳои судманди миёни давлатҳо хидмат мекунад.

Тибқи Оинномаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ҳадафҳои созмон иборатанд аз:

– роҳандозии ҳамкориҳо дар ҳавзаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, муҳити зист, инсонӣ, фарҳангӣ ва дигар заминаҳо;

– тавсеаи ҳамаҷониба ва мутавозини иқтисодию иҷтимоии кишварҳои аъзо дар чорчӯби фазои ягонаи иқтисодӣ, ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва ҳамгироӣ;

– таъмини ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон мутобиқ бо меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва усулҳои санадҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо;

– ҳамкории кишварҳои аъзо дар таъмини сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, иҷрои иқдомоти муассир барои коҳиши мусаллаҳшавӣ ва масрафҳои низомӣ, аз байн бурдани силоҳҳои ҳастаӣ ва дигар силоҳҳои қатли ом, дастёбӣ ба халъи силоҳи умумӣ ва комил;

– кумак ба шаҳрвандони кишварҳои аъзо дар иртиботи озод, мухобирот ва ҳаракат дар ҳудуди Иттиҳоди давлатҳои мустақил;

– кумакҳои ҳуқуқии мутақобил ва ҳамкорӣ дар дигар ҳавзаҳои равобити ҳуқуқӣ;

– ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофҳо ва муноқишаҳо байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил.

Имрӯза ИДМ як шакли ҳамкориҳои давлатҳои мустақили устувор бар пояи баробарҳуқуқист, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун созмони байнидавлатии минтақавӣ эътироф гардидааст. Вижагиҳои мумтози ин созмон ташкили ҳамкориҳо дар ҳамаи ҳавзаҳои иртибототи байнидавлатӣ, содагии созукорҳо ва чорчӯби ҳамкориҳои ҷамъӣ мебошанд.

Созукори содаи ташкили равобити байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ дараҷаи гуногуни омодагии кишварҳоро ба назар мегирад ва дар ҷараёни ҳамгироӣ ба ҳар кишвар имкон медиҳад, ки ширкати худро вобаста ба манфиатҳои миллиаш дар самтҳои барояш посухгӯ ба роҳ андозад.

Ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳод тавассути мақомоти оинномавии он, аз ҷумла мақомоти олии Шӯрои сарони давлатҳо, Шӯрои сарони ҳукуматҳо ва Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ, ба роҳ монда шудааст. Қароргоҳи Кумитаи иҷроияи ИДМ дар шаҳри Минск ва шуъбаи он дар шаҳри Москва ҷойгир шудаанд.

Дар канори мақомоти дар боло зикршудаи ИДМ беш аз 70 ниҳодҳои соҳавӣ эҷод гардидаанд, ки робитаҳои муштараки давлатҳои аъзоро дар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ, масоили инсонӣ, мубориза бо терроризм ва ҷинояткории муташаккил ва заминаҳои дигари фаъолияти кишварҳои аъзои ИДМ ҳамоҳанг менамоянд.

Шӯрои сарони давлатҳо, ҳамчун мақоми олии Иттиҳод, тамоми масоили усулиро вобаста ба ҳадафҳои умумии кишварҳои аъзо ҳаллу фасл менамояд.

Қарорҳои Шӯрои сарони давлатҳо ва Шӯрои сарони ҳукуматҳо дар мавриди ризоияти ҳамаи иштирокдорон қабул мегарданд. Ҳар кишваре ҳақ дорад алоқаманд набудани худро доир ба ин ё он мавзӯъ иброз намояд. Ва дар ин гуна маврид мавқеи кишвари ноалоқаманд ҳамчун монеа барои қабули қарор дарёфт намегардад.

Дар иҷлосияи Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ки 5 октябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе баргузор

гардид, сарони кишварҳои аъзо Консепсияи рушди ояндаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва Барномаи фаъолиятҳои асосиро барои амалисозии Консепсия тасвиб намуданд. Бо қабули ин аснод Иттиҳоди давлатҳои мустақил равиши такомули тозаро, устувор бар созишномаҳо дар бораи фаъолиятҳои амалӣ, соҳиб гардид.

Ҳамчуноне гуфта шуд, Тоҷикистон иштирокчии фаъоли Иттиҳоди давлатҳои мустақил мебошад. Кишвари мо наздик ба 2 ҳазор асноди қабулшуда дар чорчӯби Иттиҳодро, ки дар маҷмӯъ 3 ҳазор санадро ташкил медиҳад, имзо кардааст.

Дар феҳристи ҳамкории гуногунпаҳлуи кишварҳои ИДМ ҳамкорӣ дар ҳавзаи инсонӣ нақши муҳиме ифо мекунад. Тоҷикистон дар ҳавзаи ҳамкориҳои инсонии ИДМ ширкати фаъол меварзад. Кишвари мо 53 санад аз 88 асноди тасвибшуда дар заминаи ҳамкориҳои инсониро ба имзо расонидааст.

Тоҷикистон борҳо мизбони ҷаласаҳои сатҳи олӣ, нишастҳои сарони ҳукуматҳои кишварҳои аъзо ва раисикунанда бар Иттиҳоди давлатҳои мустақил буд.

Дар ҷаласаи сарони ҳукуматҳои кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ки дар таърихи 30 октябри соли 2015 дар Душанбе баргузор гардид, муҳимтарин масъалаҳои ҳамгироии кишварҳои аъзои Иттиҳод мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтанд ва иштирокдорони нишаст беш аз бист асноди марбутро ба имзо расонданд.

Нуктаи маълум аст, ки ҳар кишваре бо пайвастан ба ин ё он созмон ё иттиҳод, пеш аз ҳама, ҳадафҳои иқтисодиро дунбол мекунад. Ва ҳадафи меҳварии ҳар

гуна созмону иттиҳоди давлатҳо низ рушду тавсеаи иқтисодии кишварҳои аъзои онҳо мебошад, ки Иттиҳоди давлатҳои мустақил аз ин қоида истисно нест.

Дар солҳои охир ин воқеият беш аз пеш равшан мегардад, ки тамоили ҳоким бар авзои байналмилалӣ ҷаҳонишавии иқтисод ва ҳамгироии минтақавӣ мебошанд. Бар ин мабно аз муддатҳо пеш роҳбарони кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин дарк расидаанд, ки танҳо дар сурати эҷоди иттиҳоди неруманди иқтисодӣ дар фазои пасошӯравӣ метавонанд ба андозаи кофӣ иқтисоди кишварҳои худро бо иқтисоди ҷаҳонӣ якпорча намоянд.

Дар тайи 25 соли мавҷудияти ИДМ вазъияте ба вуҷуд омадааст, ки ҳадафҳои иқтисодии дарозмуддат бар авлавиятҳои сиёсии кӯтоҳмуддат бартарият пайдо кардаанд. Зеро ҳамагон медонанд, ки маҳз омилҳои иқтисодӣ муайянкунандаи рушди давлатҳо хоҳанд буд, ки ҳар як аз онҳо вобаста ба афзалиятҳои рақобатпазирии худ метавонанд дар ҳавзаҳои гуногун фаъолиятҳои мустақил ва ё ҳамгироёна бо ҳамсоягон дошта бошанд.

Масалан, ҳамон тавре ки маълум аст, кишварҳое, монанди Туркманистон ва Озарбойҷон, ки дорои манбаъҳои ғании ашёи хом мебошанд, метавонанд сиёсати иқтисодии худро бар мабнои фурӯши ин сарватҳо бино намоянд. Дигар кишварҳое, ки аз ин гуна сарватҳои табиӣ бархӯрдор намебошанд, ногузиранд рушду тавсеаи иқтисодии худро бо тараққӣ додани дигар соҳаҳо ба даст оваранд. Намунаи чунин равиш Украина аст, ки дорои ҷодаҳои транзитӣ, бандарҳо ва роҳҳои оҳану мошингарди пайваст ба шаба-

каҳои нақлиётии Аврупо мебошад. Илова бар ин, кишвари Украина иқтидори бузург дар рӯёндани ғалла дорад. Албатта, ин афзалиятҳо нақши муҳиме дар тавсеаи иқтисодии ин мамлакат доранд, аммо ба ин ҳадаф танҳо дар сурати ҳамкории наздик бо ҳамсоягон мешавад расид.

Алорағми буҳронҳои ҳукмрон дар тамоми ҷаҳон Иттиҳоди давлатҳои мустақил на танҳо тавонист дар арса бимонад, балки бистаре барои зиёда аз 70 ниҳоди соҳавӣ гардад, ки доираи васеъе аз масоили ҳамкориҳоро – аз кишоварзӣ гирифта, то бунёди роҳҳои оҳан – танзим ва ҳаллу фасл менамоянд. Вазъи ҳамкориҳои кишварҳои аъзо нишон медиҳад ва дурнамои тавсеаю густариши иқтисодӣ тақозо мекунад, ки фаъолиятҳои ҳамгироёнаи аъзои ИДМ дар **панҷ самти стратегӣ** ба таври пӯё ва рӯбарушд идома ёбанд.

**Самти якум** энергетика мебошад. Дар ин самт кишварҳои ИДМ дорои иқтидори бузурге ҳастанд. Дар байни лоиҳаҳои ояндадори Россия метавон сохтмони якчанд даҳа неругоҳҳои ҳастаӣ, неругоҳҳои барқи обӣ дар Сибир ва дар Шарқи Дур, истифода аз сарватмандтарин конҳои ангиштро баршумурд. Тавсеаи энергетикаи обӣ дар Тоҷикистон ва Қирғизистон, сарфи назар аз вазъияти душвори молиявӣ, аз ҳадафҳои стратегии ин давлатҳо ба шумор мераванд ва роҳбарияти ин кишварҳо – бо истифода аз тамоми имкониятҳои дохилӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ – дар садади он ҳастанд, ки ҳарчи бештар ба иқтидори энергетикии мамлакатҳояшон афзоянд.

Тоҷикистон захираҳои гидроэнергетикии кишварро сарвати миллӣ мешуморад. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ барои рушди соҳаи энергетика дар кишвар 32 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо ҷалби беш аз 12 миллиард сомонӣ татбиқ шудааст. Дар ҳамкорӣ бо шариконии байналмилалӣ таъмиру навсозӣ ва сохтмони иншооти энергетикӣ идома дорад. Дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон 11 неругоҳи барқи обии бузургу миёна мавҷуданд. Ҳамчунин беш аз 320 неругоҳи барқи обии хурд ва 2432 адад дастгоҳи барқдиҳандаи офтобӣ неру истеҳсол менамоянд. То поёни соли 2016 навбати дуюми Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2», ки ба маблағи дуюним миллиард сомонӣ бунёд мегардад, ба истифода дода мешавад. Инчунин сохтмони хатти минтақавии интиқоли барқи CASA-1000 (252 километр) оғоз мегардад, ки он шабакаҳои барқии Тоҷикистонро бо дигар кишварҳои минтақа пайваст намуда, ба тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо давлатҳои ҳамсоя мусоидат мекунад. Ба манзури расидан ба истиқлолияти энергетикӣ дар тӯли солҳои гузашта аз буҷети давлат ва аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, танҳо соли ҷории 2016 4 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Имкониятҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон хеле бузурганд. Тоҷикистон аз лиҳози иқтидори энергетикаи обӣ дар дунё ҷои 8-умро пас аз Чин, Россия, ИМА, Бразилия, Зоир, Ҳиндустон ва Канада ишғол менамояд. Иқтидори истеҳсоли солонаи барқ ба андозаест, ки аз ниёзи тамоми Осиёи Марказӣ ба неруи барқ се баробар зиёд мебошад. Бино ба таҳқиқоти коршиносон, дар маҷрои 948 дарё ва аз ин ҷумла 5

дарёи бузурги Тоҷикистон, имкони бунёди беш аз 900 неругоҳи барқи обии хурд вуҷуд дорад.

Дар Қазоқистон низ соҳаи энергетика рушди босуръатро касб хоҳад кард ва дар ин замина ҳавзаи ангишти Экибастуз, ки дар он ҷо ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри гузашта то даҳаи аввали садсолаи нав як қатор истгоҳҳои барқии неруманд бунёд шудаанд, истифода хоҳад шуд.

Тавсеаи энергетика тақозои даврон аст. Ҳамон тавре маълум аст, кишварҳое, аз қабили Ҳиндустон, Чин, кишварҳои Аврупо, бино ба рушди босуръати саноати худ ниёзи сахт ба неруи барқ доранд. Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар садади он аст, ки аз неругоҳҳои барқи ҳастаӣ дар қаламрави худ пурра даст кашад ва бадеҳист, ки барои ҷуброни камбуди неруи барқ ногузир мешавад ба хориҷа рӯ оварад.

Аз ин рӯ, кишварҳои аъзои ИДМ-ро зарур аст, ки дар чанд соли наздик ба эҷоди як ниҳоди фаромиллии муайянкунандаи авлавиятҳои рушди соҳаи энергетика, танзиму ҳамоҳангсозандаи бунёд ва маблағгузориҳои иншооти нав иқдом намоянд.

Муайян намудан лозим аст, ки неруи барқи истеҳсолшаванда ба чӣ самтҳое интиқол хоҳад шуд. Барои ин эҷоди шабакаи густурдаи интиқол лозим аст, ки бидуни кумаки мутақобили кишварҳои ҳамсоя наметавон дар ин замина ба муваффақият расид. Танҳо дар ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии кишварҳои аъзои Иттиҳод мешавад ба таъмини устувор ва боэътимоди неруи барқ даст ёфт ва шароити заруриро барои ташаккул ва фаъолияти бозори ягонаи энергетикӣ ва савдои неруи барқ ба вуҷуд овард.

Ҳамлу нақли транзитӣ **дигар аз самти муҳими ҳамкорӣ** мебошад. Имрӯз барои кишварҳои асосии иқтисодиёти ҷаҳонӣ интиқоли ҳарчи босуръати молу коло ва маводи хом, масалан, аз Чин ба Аврупо ва, баръакс, яке аз мушкилҳои ҷиддӣ аст. Ҷопон, Чин ва Кореяи Ҷанубӣ аз норасоии маводи хом азият мекашанд ва пайваста дар ҷустуҷӯи роҳҳои мутаносибгардонии масрафҳои транзитӣ, аз ҷумла дар ҳамкорӣ бо Россия, мебошанд.

Дар ин вазъият бояд рушди соҳаи ҳамлу нақли транзитӣ дар феҳристи авлавиятҳо – пас аз барномаи рушди неруи барқ – дар ҷои дуввум қарор гирад. Тасодуфӣ нест, ки дар айни замон ҳам Қазоқистон ва ҳам Тоҷикистон бо дарки аҳамияти рушди долонҳои нақлиётӣ ба бунёду сохтмони роҳҳо аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Мутобиқ бо самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, ки аз ҷониби аъзои ИДМ дар соли 2008 ба тасвиб расидаанд, созишнома дар бораи фаъолияти якҷоя барои тавсеаи долонҳои нақлиётии байналмилалӣ ба имзо расида, консепсияи рушди стратегии нақлиёти роҳи оҳан қабул гардидааст.

Имрӯз омӯзишу баррасии тозаи роҳҳои транзитӣ идома дорад ва равшан аст, ки соҳаи мазкур на танҳо ба локомотивҳои нав, вагонҳои нав, васеъ намудани роҳҳои танг, балки ба пешниҳодҳои навоваронаю созанда ниёз дорад.

**Самти сеюми** стратегӣ, ки эҷоди як мақоми танзимкунандаи фаромиллиро тақозо мекунад, соҳаи кишоварзӣ мебошад. Имконияти соҳаи мазкур ниҳоят бузург аст, бавижа бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, ки ки-

шварҳои аъзои ИДМ – мутобиқ ба талаботи ҷаҳонӣ – барномаҳои ҳадафмандонаи ба маротибҳо зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли гӯшт ва ғалларо қабул намудаанд.

Россия ва Қазоқистон аз ҳоло дар масири роҳандозии сиёсати ягона дар соҳаи истеҳсоли ғалла қадам мезананд. Агар чунин иттиҳоде дар ҳамкории дигар кишварҳои ИДМ ба вуҷуд ояд, он гоҳ ин ҳавза метавонад нерумандтарин бозигар дар бозори ҷаҳонии ғалла гардад ва заминаи устувореро барои ба даст овардани амнияти озуқаворӣ дар фазои Иттиҳод, пеш аз ҳама дар Осиёи Марказӣ, фароҳам оварад.

**Самти чаҳорум** – рушду тавсеаи технологияҳои нав, бозсозӣ ва такмили ҳамаи соҳаҳову заминаҳое, ки робита бо дастовардҳои тозаи илмӣ доранд. Барои мисол, Россия ва Қазоқистон метавонанд ковишҳои илмиро дар бахши омӯзиши кайҳон тавсеа бахшанд. Робитаҳои матлуб ва ҳадафмандонаи иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию фановарӣ бо Россия имкон медиҳанд, ки неруи бузурги илмии ин кишвар мавриди баҳрабардории ҳамагонӣ қарор гирад.

**Самти дигари муҳими** ҳамкориҳо, ки ҳамоҳангии бештареро тақозо мекунад, муҳоҷират аст. Бардошта шудани сарҳадҳои миёни кишварҳои Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодии байни Россия, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон масъалаи муҳиме – ба Фазои ягонаи иқтисодӣ пайвастани Тоҷикистонро – ба миён овардааст. Ин кор шитобро намепазирад, вале ба таъхир андохтани он низ на бар манфиати умум хоҳад буд. Пайвастан ба Фазои ягонаи иқтисодӣ – пеш аз ҳама ва бештар аз

ҳама – барои муҳоҷирони меҳнатии кишвари мо бо сабукиҳое дар масъалаҳои будубош ва дигар талаботи мавҷуди марбут ба мақоми муҳоҷир ҳамроҳ аст.

Барои фаъолияти муваффақомез ва самаранок дар самтҳои дар боло номбаршуда на танҳо бунёди баъзе аз мақомоти ҳамоҳангсоз, балки кори матлубу ҳамоҳанги парлумонҳои кишварҳои аъзои Иттиҳод лозим аст. Дар сурати ҳамоҳангии бештари мақомоти қонунгузори кишварҳои ИДМ мешавад заминаи ягонаи меъёрию ҳуқуқиро ба вуҷуд овард ва аз низоми ҷории нокоромади тасвиби созишномаҳо ва дигар асноди ҳамкорӣ, ки моҳҳо тӯл мекашад, даст кашид.

Чунин як модел дар Иттиҳоди Аврупо коромадии худро собит намудааст ва итминон ин аст, ки дар фазои ИДМ низ аз муваффақият бархӯрдор хоҳад буд.

Вақти он расидааст, ки ниҳодҳои ҳамгироии мавҷуд аз маҳфилҳои гуфтугӯҳои бесамар ба арсаи ҳаллу фасл ва тасмимгириҳои воқеӣ табдил дода шаванд. Мувофиқи мақсад хоҳад буд, ки дар ин замина таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо ва фаъолияти Парлумони Аврупо, ки дар амалӣ гаштани ғояҳои гуногун – аз марҳалаи пешниҳод ва баҳсу баррасӣ то замони татбиқи онҳо – нақши назаррас мебозад, мавриди пайравӣ қарор гирад.

Мутаассифона, Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ вазифаҳо ва салоҳиятҳоеро, ки Парлумони Аврупо доро мебошад, надорад ва танҳо макони таҳияи қонунҳо ва ҷаласаҳову мулоқотҳои ғайрирасмӣ мебошад. Гоҳо парлумонҳои кишварҳои мо амалан аз баҳсу баррасии санадҳои ИДМ берун мемонанд. Дар шароити дунёи зудтағйирёбандаи имрӯз чунин вазъе ғайри қобили қабул аст. Зарур аст барои расидан ба

ҳадафҳое, ки кишварҳои аъзо эълом доштаанд ва ин ҳадафҳо дар асли худ ҷавобгӯи манфиатҳои миллии ин кишварҳост, созукорҳои муассир ва коромади назорати татбиқу иҷрои барномаҳо ва созишномаҳои баимзорасидаи ҳамкориҳо эҷод гарданд.

Умед аст, ки Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҳамчун созмоне, ки дар буҳронитарин марҳалаҳо қобили ҳаёт будани худро собит намудааст, бо иродаи сиёсӣ ва масъулиятшиносии роҳбарони кишварҳои аъзо, ки ҳадафи асосиашон таъмини манфиатҳои миллӣ ва даст ёфтан ба шукуфоии кишвар ва мардумашон мебошад, ба созмони коромадтар аз вазъи имрӯзи худ табдил хоҳад шуд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид

Тоҷикистон ҳамкории худро бо бонуфузтарин ниҳоди ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид – хеле арзишманд ва дорои аҳамияти бузург арзёбӣ мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 1992 ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд.

Кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистон замоне ба Созмони Милали Муттаҳид пайваст, ки мамлакат дар остонаи ҳаводиси харобиовари ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт ва дар ҳарҷу марҷи он даврони пурошӯб аслан қодир набуд ба таври бояду шояд ҳамкориҳоро бо СММ, ки ҳадафҳои оинномавии он посдории сулҳу субот ва ҳифзи ҳуқуқи башар аст, роҳандозӣ намояд. Хиради сиёсии Эмомалӣ Раҳмон дар он зоҳир мегардад, ки аз нахустин рӯзҳои ба қудрати сиёсӣ расидани

худ бо Созмони Милали Муттаҳид ва бевосита бо роҳбари он – Сармуншии Созмон – робитаи мустақим пайдо намуд ва минбари ин маркази бонуфузи ҳамоҳангсозии масъалаҳои умумисайёравиро ба ҳайси пойгоҳи мурочиат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян сохт. Ба ин сабаб буд, ки Тоҷикистон ва раванди ҳаллу фасли масоили он дар маркази диққати мақомоти роҳбарӣ ва махсусан мавриди таваҷҷуҳи Сармуншии Созмон, қарор гирифт. Маҳз бо кумаки Созмони Милали Муттаҳид ва кишварҳои дӯст, ки бо мусоидати Созмони Милал ба мақоми кафил баргузида шуданд, роҳи бартараф сохтани муноқишаи байни тоҷикон пайдо гардид ва бо паймудани он роҳи печидаю мураккаб ва ҳамзамон сарнавиштсоз Тоҷикистон ба манзили мақсуд – сулҳи деринтизор – расид.

Бисёре аз сиёсатмадорону таҳлилгарони муътабари дунё таҷрибаи сулҳофаринии тоҷиконро падидаи нодир номида, таъкид кардаанд, ки ин таҷрибаро мешавад барои хомӯш кардани муноқишаҳои дохилии кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода кард.

То имрӯз борҳо дар кишвари мо – бо иштироки намояндагони Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо ва созмону ташкилотҳои зиёди дигари байналхалқӣ – доир ба баҳрабардорӣ аз таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон ва истифодаи он дар нуқтаҳои доғи ҷаҳон конфронсҳои байналмилалӣ баргузор гардидаанд.

Имрӯз Тоҷикистон узви фаъоли Созмони Милали Муттаҳид мебошад ва кишвари мо ҳамкориҳои худро бо ин ниҳоди муҳими ҷаҳонӣ баланд арзёбӣ менамояд. Ҷумҳурии мо бо мақсади таъмини рушди

устувори иқтисодӣ ва амнияти кишвар торафт васеъ гардондани доираи ҳамкориҳоро бо Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаҳои махсусгардонидашудаи он аз ҷумлаи ҳадафҳои аввалиндараҷаи худ медонад.

Ширкати фаъоли кишвари мо дар созмондиҳӣ ва амали эътилофи байналмилалии мубориза бар зидди терроризм, талоши созанда ва пайгир барои ташкили иттиҳоди ҷаҳонии зидди маводи мухаддир, ҳанӯз дар соли 2008 шомил шудани сарбозони тоҷикистонӣ ба неруҳои байналмилалии ҳифзи сулҳи Созмони Милали Муттаҳид намунаҳои равшани ширкати амалии Тоҷикистон дар ҳалли масоили мубрами зиндагии башарият мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои узвияти худ дар Созмони Милали Муттаҳид дар ростои мубориза бар зидди қочоқи маводи мухаддир, таъсиси эътилофи зидди маводи мухаддир, эҷоди «камарбанди амниятӣ» дар марзҳои Афғонистон якчанд пешниҳод ба амал баровард.

Рӯйдодҳои муҳиме, ки дар таърихи ҳамкории миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид ба зуҳур пайвастаанд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудани ибтикороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи истифодаи об мебошад. Дар як фосилаи кӯтоҳи таърихӣ аз ҷониби ин созмони ҷаҳонӣ пазируфта шудани се ибтикори кишвари мо – эълони Соли байналмилалии оби тоза дар соли 2003, тасдиқи Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» барои солҳои 2005–2015 ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардидани соли 2013 – нишонгари обрӯю эътибори афзуни Тоҷикистон дар арсаи сиёса-

ти байналмилалӣ мебошад. Ба шарофати ибтикори Тоҷикистон аст, ки ҳамасола рӯзи 22 март чун Рӯзи байналмилалии об ҷашн гирифта мешавад.

Тайи Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» барои иҷрои лоиҳаву барномаҳои марбут ба об аз сарчашмаҳои мухталиф наздик ба як миллиарду 648 миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ шуд, аз ҷумла барои татбиқи лоиҳаҳо оид ба таъминсозӣ бо оби ошомиданӣ як миллиарду 51 миллион доллари амрикоӣ, барои иҷрои лоиҳаҳои беҳдоштӣ 262 миллион доллари амрикоӣ ва барои иҷрои дигар тарҳҳои обёрӣ ва таҳкими соҳил 335 миллион доллари амрикоӣ ихтисос дода шуд. Тайи ин муддат дар кишвар дастрасии якуним миллион нафар ба оби ошомиданӣ беҳтар гардид.

Дигар аз дастоварде, ки Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо кишварҳои форсизабони Эрону Афғонистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон ба он ноил гаштааст, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид эълом гаштани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз мебошад.

Ҳамкориҳои гуногунпаҳлуи Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид сол аз сол густариш меёбанд. Бо кумаки Созмони Милал ва ниҳодҳои гуногуни он тарҳҳои бисёре дар кишвари мо иҷро шудаанд ва лоиҳаҳои зиёди дигар дар марҳалаи татбиқ шудан қарор доранд.

## Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳони иштироки боз ҳам фаъоли худ дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ мебошад.

Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ – СААД – ташкилоти ҳарбию сиёсиест, ки тавассути ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ бар асоси Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, ки 15 майи соли 1992 ба имзо расида буд, таъсис шудааст. Аз ташкилоти гурӯҳӣ ба созмони тамомиёри байналмилалӣ табдил гардидани Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар таърихи 14 майи соли 2002 ба вуқӯъ пайвастааст.

Ҳоли ҳозир аъзои СААД ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мебошанд.

СААД созмони ҳарбию сиёсии дорои вижагии мудофиавӣ мебошад ва барои аъзои наве, ки аз ҳадафу усулҳои созмон пайравӣ мекунанд, боз мебошад. Фаъолияти созмон бар пояи эҳтироми истиқлоли сиёсии кишварҳои аъзо, мушорикати довталабона, баробарии ҳуқуқ ва вазифаҳои аъзо ва дахолат накардан бар умури ҳамдигар роҳандозӣ мегардад.

Ҳадафҳо ва усулҳои аслии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ тақвияти сулҳ, таҳкими суботу амнияти минтақа ва ҷаҳон, ҳимояти дастаҷамъонаи истиқлолият, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии кишварҳои аъзо бо авлавият додан ба абзорҳои сиёсӣ мебошад. Аъзои созмон рӯйкардҳои сиёсати хориҷии худро нисбат ба масоили амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ, пеш аз ҳама бо корбурди абзорҳои машовара, ҳамоҳанг месозанд, талошҳои худро ҷиҳати мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароии мазҳабӣ, қочоқи маводи мухаддир, маводи равонгардон(психотропӣ), силоҳ, ҷинояткории созмонёфтаи фаромарзӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ди-

гар таҳдидҳо ба амнияти кишварҳои аъзо мутамарказ менамоянд.

2 декабри соли 2004 Маҷмаи умумии СММ дар бораи ба Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ додани мақоми нозир дар Маҷмаи умумии СММ қатънома ба тасвиб расонд.

18 марти соли 2010 Эъломияи муштарак дар бораи ҳамкорӣ байни Котиботи СММ ва Котиботи СААД ба имзо расид.

Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ метавонад бо кишварҳое, ки аъзои ин созмон нестанд, ҳамчунин бо созмонҳои байналмилалии байниҳукуматие, ки дар заминаи амният фаъолият мекунанд, ҳамкорӣ намояд. Созмон салоҳият дорад, ки бо иттиҳодияҳои мазкур дар ростои барқарорӣ ва тавсеаи равобит дар заминаи фаъолиятҳои амниятӣ аҳдномаҳои байналмилалӣ имзо кунад. Ҳоли ҳозир Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ талош дорад бо созмонҳое, монанди Кумитаи зиддитеррористии Шӯрои амнияти СММ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, инчунин бо Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ пояҳои гуфтугӯро пайрезӣ намояд.

Асоси бахши ҳарбии низоми амнияти дастаҷамъӣ Неруҳои муштараки вокуниши фаврии СААД дар ҳудуди кишварҳои аъзо мебошанд, ки барои боздорандагӣ ё дифоъ аз таҷовуз ба кишварҳои аъзо эҷод шудаанд.

Ба манзури муттаҳид ва ҳамоҳанг намудани талошҳои кишварҳои аъзои созмон дар таъмиқу беҳбуди ҳамкориҳои бисёрҷониба, тавсеаи ҳамгироӣ ва

ҳаллу фасли фарогиртари масоили ҳарбию иқтисодӣ ва ҳарбию техникӣ дар ҳавзаи СААД дар моҳи июни соли 2005 Комиссияи байнидавлатии ҳамкориҳои ҳарбию иқтисодии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ таъсис шуд.

Дар моҳи ноябри соли 2006 Ассамблеяи парлумонии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ таъсис гардид. Дар ҷаласаҳои Ассамблеяи парлумонӣ ва комиссияҳои доимӣ, ки ду бор дар як сол баргузор мешаванд, масъалаҳои фаъолияти созмон, вазъияти минтақаи масъулияти созмон, иҷрои қарорҳои ҷаласаи Шӯрои амнияти дастаҷамъии он ва вазифаҳои таъмини ҳуқуқиашон баррасӣ мегарданд. Дар ин ҷаласаҳо ҳамчунин масоили марбут ба иҷрои Барномаи таъмини ҳуқуқии фаъолияти созмон, тасвиби созишномаҳои байналмилалии имзошуда аз ҷониби СААД ва ғайра мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Мавҷудияти Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар вазъи кунунии ҷаҳон омили муҳими суботу амният дар марзҳои хориҷии кишварҳои аъзои созмон мебошад. Фаъолияти собит дар чорчӯби СААД ба кишварҳои аъзо имкон медиҳад, ки робитаҳои байниҳамдигарии ҳарбию сиёсии худро ба манзури ташаккули низоми воқеан муассири амнияти дастаҷамъӣ ба сатҳи сифатан болотар бардоранд. Зеро ҳамсонӣ ва наздикии дидгоҳҳои кишварҳои аъзо нисбат ба вазъи ҷаҳон ва нигаронии онҳо аз чолишҳо ва таҳдидҳо ба амнияти ҷаҳон ва минтақа пояи сиёсии СААД мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иштироки худ дар фаъолияти СААД аҳамияти вижа медиҳад. Ҳамкорӣ

дар чорчӯби ин созмон посухгӯ ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошад ва имкон медиҳад, ки давлати мо бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароии мазҳабӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, ҷинояткории созмонёфтаи фаромарзӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ фаъолтар мубориза кунад ва, дар маҷмӯъ, амнияту суботи минтақаи густурдаи Авроосиё, ҳамчунин тамомияти марзӣ ва истиқлоли кишварҳои аъзоро таъмин намояд. Тоҷикистон ҷонибдори табдил шудани СААД ба омили воқеии таъмини амният дар минтақа ва ҷаҳон мебошад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории Шанхай

Тавсеаи робитаҳо бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад.

Узвияти Тоҷикистон ба «Панҷгонаи Шанхай» ва ширкати фаъоли Сарвари давлати мо дар ин созмони бонуфузи байналхалқӣ, ки омили ташаккули низоми нави ҷаҳонии асосёфта бар усулҳои эътирофшудаи муносибатҳои байналхалқӣ, бисёрқутбии ҷаҳон ва эътирофи манфиатҳои қонунии тарафҳо гардидааст, дорои аҳамияти бузурги сиёсӣ мебошад.

Пояю бунёди Созмони ҳамкории Шанхай 26 апрели соли 1996 дар Шанхай гузошта шуда буд. Дар он рӯз роҳбарони панҷ кишвари бо якдигар ҳамсарҳади Ҷумҳурии Халқии Чин, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ омада буданд. Дар ҷара-

ёни мулоқоти аввалин масъалаҳои коҳиш додани ҳайати марзбонии тарафҳо ва таҳкими равобити ҳасана дар соҳаи ҳарбӣ дар минтақаҳои сарҳадӣ сурат гирифт. Эъломияе, ки дар бораи таъсис додани созмон ба имзо расид, заминаи ҳамкориҳои ояндаро фароҳам овард.

Созмони ҳамкории Шанхай ниҳоди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи густариши сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ, бистари гуфтугӯи кушоду созанда ва тавсеаи ҳамкориҳо дар самтҳои мухталиф аст.

Ҳадафҳои аслии Созмони ҳамкории Шанхай таъмини амният, сулҳу субот дар минтақа, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ҷудоиталабӣ ва ифротгароӣ дар ҳамаи шаклҳои он, ҳамчунин мубориза бо қочоқи маводи мухаддир ва бо густариши силоҳҳои куштори ҷамъӣ мебошад. Дигар даста аз ҳадафҳои Созмони ҳамкории Шанхай ҳавасмандкунӣ ва мусоидат ба ҳамкориҳои иқтисодии бисёрҷонибаи судманд барои тарафҳо, ҳамкориҳои ҳамаҷониба дар ҳавзаҳои инсондӯстӣ, рушди иҷтимоию фарҳангӣ ба шумор меравaнд.

Бадеҳист, ки барои иҷрои ин ҳама вазифаҳои душвор зарур аст, ки Созмони ҳамкории Шанхай як ниҳоди навпазир, кушод ва посухгӯ ба ниёзҳо ва хостҳои воқеии кишварҳои аъзояш бошад. Бояд ки талошҳои давлатҳоро дар атрофи масоили бунёдии ҳамкориҳо, ки ба андозаи ҳамсон баёнгари манфиатҳои кишварҳои аъзои СҲШ мебошанд, таҷаммуъ намояд.

Тоҷикистон ҷонибдори тамаркузи талошҳои кишварҳои аъзои СҲШ дар самтҳои барои ҳамагон

манфиатнок, яъне таъмини сулҳу субот дар минтақа ва ҳамкориҳои иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити матлуб барои рушди иқтисодии пойдор ва боло бурдани сатҳи зиндагии аҳолии кишварҳои аъзо, мебошад. Яке аз авлавиятҳои муҳим барои Тоҷикистон тақвияти ҳамкориҳои сармоягузорӣ, тавсеаи иртибототи ҳамлу нақл, иртиботи роҳи дур (телекоммуникация), эҷоди бештари ҷойҳои иловагии кор дар маҳалли зисти шаҳрвандон ва ҳаллу фасли дигар масоили иҷтимоӣ ба шумор меравaнд.

Нақшу аҳамияти Созмони ҳамкории Шанхай дар ҳалли масоили амнияти минтақа ва ҷаҳон, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ҷудоиталабӣ ва ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва чолишу таҳдидҳои дигар ба амнияти минтақаи муҳиму стратегии Осиёи Марказӣ ҳар сол меафзояд.

Нишонаи равшани аҳамияти физояндаи Созмони ҳамкории Шанхай дар арсаи байналмилалӣ дарҳои бози Созмон, омодагии он барои роҳандозии ҳамкориҳо бо кишварҳои дигар мебошанд. Мавриди баррасӣ қарор додани дархости Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка бобати ба онҳо ато кардани мақоми шарикони гуфтугӯ дар СҲШ далели дигаре бар таъйиди гуфтаҳои болост.

Дар моддаи 13 Хартияи СҲШ, бо баёни иттиҳодияи боз будани Созмони ҳамкории Шанхай, таъкид шудааст, ки созмон барои пазириши аъзои нав аз кишварҳои минтақа, ки уҳдадор ба пайравӣ аз ҳадафҳо ва усули Хартия мешаванд ва низ муқарраротои созишномаҳо ва асноди созмонҳои дигари байналмилалиро риоя менамоянд, омода аст.

Узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ аз лиҳози геостратегӣ, пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар чорчӯби Созмон бо ду кишвар – Россия ва Чин – шарикии стратегӣ дорад, ки ҳар ду дорои аслиҳаи ҳастаӣ ҳастанд ва ҳар ду аъзои доимии Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид мебошанд. Мушорикати Тоҷикистон бо ин ду кишвари бузург – чи дар чорчӯби СҲШ ва чи дар дигар созмонҳои минтақавӣ – ба кишвари мо як навъ эҳсоси офият медиҳад, зеро ин ду кишвари бузург на танҳо зомини амният дар Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором мебошанд.

Созмони ҳамкории Шанхай қасди табдил шудан ба блоки ҳарбиро надорад ва ҳадафи он танҳо мубориза бо падидаи хатарноки терроризми байналмилалӣ мебошад.

Фаъолиятҳои СҲШ на танҳо ба масъалаҳои сиёсӣ, инчунин ба робитаҳои иқтисодӣ мутамарказ мебошанд. Дар созмон барномаи ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодии байни кишварҳои аъзо қабул шудааст, ки ҳадаф аз он мусоидат намудан ба ҳаракати озоди молу коло, хизматрасонӣ, фановариҳо ва савдои озоди байни шаш кишвари аъзо мебошанд. Ҳамкориҳои кишварҳои аъзо ҳамчунин дар соҳаҳои тандурустӣ, фарҳанг, маориф, илм ва техника, кишоварзӣ, гумрук, энергетика, ҳамлу нақл ва иртиботот ва мубориза бо ҷинояткорӣ тавсеа меёбанд.

Фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои соҳибкорон ва Иттиҳодияи байнибонкии СҲШ, ки масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро пайваста баррасӣ мекунанд, низ қобили таваҷҷуҳ аст.

Равобити илмии кишварҳои аъзо низ аз раванди солими тавсеа бархӯрдор аст. Дар ин росто дар чорчӯби созмон Донишгоҳи СҲШ таъсис гардидааст, ки 53 донишгоҳи маъруфи давлатҳои аъзо дар он ширкат меварзанд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ бо ин донишгоҳ ҳамкорӣ мекунанд.

Бо ин ки Созмони ҳамкории Шанхай дар қиёс бо дигар ниҳодҳои байналмилалӣ собиқаи тӯлонӣ надорад, дар солҳои мавҷудияташ худро ҳамчун бистари муҳими гуфтугӯи озод, мубодилаи афкор, ҳусни тафоҳум ва ҳамоҳангсозии дидгоҳҳои мухталиф ҷилва додааст.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки бо такя ба истеъдоди баланди сиёсӣ Созмони ҳамкории Шанхайро ҳамчун воситаи роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои густурда бо кишварҳои аъзои СҲШ дар заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, фарҳангӣ ва ҳамчунин гирифтани кумакҳои молиявӣ ва моддиву техникӣ ба хотири рушди Тоҷикистон истифода намояд.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори густариши бештари ҳамкориҳои дӯстонаю судманд бо Созмони ҳамкории исломӣ ва кишварҳои аъзои он мебошад.

Узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории исломӣ, ки яке аз ташкилотҳои бонуфузи

ҷаҳон ба шумор меравад ва дар ҳошияи Созмони Милали Муттаҳид метавонад дар ҳаллу фасли масъалаҳои таъмини сулҳу субот, амният, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва густариши ҳамкориҳои байнидавлативу минтақавӣ саҳм гирад, бар мабнои ду омили муҳим сурат гирифтааст:

Аввалан, Тоҷикистон, ки 90 дарсади аҳолиашро мусулмонон ташкил медиҳанд, чузъи ҷаҳони ислом аст ва мусаллам аст, ки наметавонад аз доираи чунин созмони бонуфузе, ки дар он масъалаҳои дар назди халқҳои мусулмон қарордошта ҳаллу фасл мешаванд, дар канор бимонад.

Ва дуввум, Тоҷикистон, ки равобити густурда ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои ҷаҳон усули бунёдии сиёсати хориҷиаш мебошанд ва марҳалаи ҳассосеро дар рушди иқтисодию иҷтимоии худ аз сар мегузаронад, бо ширкати фаъоли худ дар ин созмон, ки яке аз ҳадафҳои асосиаш ташкил ва мусоидат ба ҳамкориҳои зичу самараноки байни давлатҳои аъзо мебошад, ҳамчун узви комилҳуқуқ имконияти бештари ҳамкорӣ ва ҷалб намудани маблағгузориҳоро ба иқтисодиёти хеш ба даст меоварад.

Тоҷикистон таҳким ва такмили сохтори Созмони ҳамкории исломӣ, тақвияти ниҳодҳои муҳимтарин, таъсиси ниҳодҳои нав, ислоҳоти сохтори созмон ва Котиботи генералии онро ҳамчун масъалаи муҳимтарин арзёбӣ менамояд ва чунин мешуморад, ки Созмони ҳамкории исломӣ ва сохторҳои иҷроияи он бояд динамикӣ, фаъол, пӯёю созгор бо дигаргуниҳои рӯзафзун дар арсаи байналмилалӣ бошанд. Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар ин росто пешниҳодҳои арзишмандро, аз қабили додани салоҳияти бештар ба бахшу ниҳодҳои таркибии Созмон, таъсиси сохтори намояндагии доимӣ аз ҳисоби сафирони давлатҳои аъзо, кушодани бахшҳои минтақавӣ ва намояндагиҳо дар хориҷ аз ҳудуди кишварҳои аъзо, маъқул шуморида, худ пешниҳод карда буд, ки хуб ва бамаврид хоҳад буд, агар масъалаи таъсис додани сохтори ҳамоҳангсози миллӣ дар ҳар кишвари аъзо дар шахси як нафар аз роҳбарони масъули вазоратҳои хориҷӣ, ки Котиботи генералӣ бо онҳо тамос ва робитаи мустақим дошта бошад, мавриди татбиқи амалӣ қарор гирад.

Асре, ки дар он зиндагӣ ба сар мебарем, давраи пешрафти бесобиқаи илмиву технологӣ ва рушди босуръати мубодилаи иттилоотӣ дар тамоми ҷаҳон аст. Вале бо таассуф бояд зикр намуд, ки дар соҳаи илму техника ва технология ва пешрафтҳои зеҳнӣ дастовардҳои халқҳои мусулмон маҳдуд ва хоксоронаанд. Аз ин хотир Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намудааст, ки дар чаҳорчӯбаи Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамзамон бо тақвият додани ниҳодҳои илмӣ ва технологии мавҷуда, сохтори нав – Бунёди рушди илм ва технологияи навин – таъсис дода шавад.

Сарвари давлат муътақид аст: вақти он расидааст, ки нақши Созмони ҳамкории исломӣ дар ташкили ҷомеаи воқеии иттилоотӣ дар асоси муносибатҳои васеъ ва хақиқатан шариконаи ҳамаи давлатҳои аъзо ба сатҳи сифатан нав бароварда шавад.

Рушди фарҳангию маънавӣ ва зеҳнии инсон мақсади муҳимтарини ҷомеаи иттилоотӣ мебошад.

Аз ин рӯ, бояд ҳама гуна кӯшишҳои истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, дар навбати аввал шабакаи глобалии Интернет, ки ба вайрон ва суст кардани суботу амнияти байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида, содир намудани амалиёти ҷинояткоронаю террористӣ, тарғибу ташвиқи хушунату зӯроварӣ, фисқу фасод, истеъмоли маводи мухаддир ва зуҳуроти бадахлоқию зиддиинсонӣ равона гардидаанд, пешгирӣ карда шаванд. Президенти Тоҷикистон таъкидан иброз медорад, ки давлати мо фаъолияти гурӯҳи кории Созмони Милали Муттаҳидро оид ба идораи Интернет пуштибонӣ менамояд ва ташаккули муносибати яксони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории исломиро дар арсаи иттилоотӣ ва дар таркиби сохторҳои он ба роҳ мондани фаъолияти густурдатари Агентии муштараки иттилоотиро мувофиқи мақсад медонад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сарчашмаи ҳамкориҳои васеътар ва пурмуҳтавои мамлакатҳои мусулмониро дар ваҳдати исломӣ мебинад ва муътақид аст, ки даст ёфтан ба пешрафти ҳар кишвар ва ноил шудан ба зиндагии борифоҳи ҳар хонаводаи мусулмон, алалхусус кишварҳои гирифтори мушкилоти айнӣ, пеш аз ҳама мамлакатҳои мусулмоннишини Африқо ва бархе аз давлатҳои Осиё, бидуни ҳамкории густурдаи иқтисодӣ, ҳамбастагии воқеии исломӣ дар партави фармудаи қуръонии «муъмин-бародари муъмин» имконнопазир аст.

Сарвари давлати мо иброз медорад, ки, мутаассифона, татбиқи ҳадафҳои таърихие, ки дар маром-

номаи Созмони ҳамкории исломӣ эълом шудаанд, суръат ва вусъати дилхоҳ касб накардааст. Ҳанӯз ҳамаи кишварҳои аъзои созмон ба рушди босуръат ва пешрафтаи ҳамагонӣ, ки омили аслии таъмини зиндагии шоистаи мусулмонон аст, дастёб нашудаанд. Ин дар ҳолатест, ки олами ислом захираҳои азими ҳаётӣ ва стратегӣ, сарватҳои бузурги зеризаминӣ, манобеи зарурӣ ва ҳатто изофии молиявӣ, мавқеияти ниҳоят мусоиди геостратегӣ ва геосиёсӣ ва, муҳимтар аз ҳама, неруи азими инсонӣ ва ақлонӣ, усулу арзишҳои воло ва зиндагисози тамаддунӣ ва фарҳангӣ дорад. Аз нигоҳи роҳбари олии сиёсии Тоҷикистон, истифодаи ин имкониятҳо – ба манфиати кишварҳои дар ҳоли рушди мусулмон ва ба хотири инкишоф додани илму техника, технологияҳои пешқадам, маориф, нигаҳдории тандурустӣ, таҳкими иқтисодиёт ва аз байн бурдани қашшоқӣ дар олами ислом – ҷавобгӯи кӯшишҳои роҳбарияти давлатҳои аъзо дар роҳи таъмин намудани некуаҳволии пайравони дини мубини ислом хоҳад буд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон мавқеи давлатро дар ин замина баён намуда, изҳор медорад, ки ҳамкорӣ дар ҳошияи Созмони ҳамкории исломӣ бояд ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошад, зеро дар давраи ҷаҳонишавӣ рушди ҳамаҷонибаи минтақаи созмон, дар маҷмӯъ, ва пешрафти устувори кишварҳои аъзо, дар алоҳидагӣ, метавонанд омили сулҳ ва ободӣ гарданд. Ва дар ин замина махсусан тазаккур медиҳад, ки Созмони ҳамкории исломӣ барои таъмини ҳаматарафаи кишварҳои минтақа бо захираҳои даркорӣ, ҳамчунин густариши ҳамкориҳои до-

хилиминтақавӣ ҳамаи имконниятҳоро дорад. Барои ин танҳо муносибати беғаразона ва дӯстона ба ҳамдигар, густариш ва таъмиқи ҳамкории судманди тарафайн лозим аст.

Ба ҳамин тартиб Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз шарикони худ дар ин ташкилоти бузург даъват ба амал меоварад, ки ваҳдати воқеӣ ва ҳамкориҳои барои ҳама иштирокчиён судмандро ба роҳ монанд. Агар ҳамкориҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории исломӣ ба ҳамон тарзе, ки Сарвари давлати мо пешниҳод менамояд, сурат гиранд ва мамлакатҳои қудратманди исломӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба бунёди иншооти бузург ва муосири иқтисодӣ пардозанд, он гоҳ ин сабаб мешавад, ки сатҳи зиндагии мардуми мамлакатҳои мусулмонӣ рӯ ба беҳбудӣ оварад ва ҳамзамон, ба ин мамлакатҳо дар ҳалли мушкилоти зиёди иҷтимоӣ, ки сарчашмаи хушунат, бесуботӣ, тундравӣ ва ҳатто заминаи мусоид барои зуҳуроти ифротӣ ва терроризм мебошад, кумак намуда, омили суботу амният дар минтақа гарданд.

Мусаллам аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, бо пешниҳод намудани роҳу тарзи мусоиди маблағгузорӣ ва барои ҷонибҳо судманд, пешрафти Тоҷикистонро дар мадди аввал қарор медиҳад. Зеро ҷумҳурии мо, ки дар роҳи дигаргунсозиҳои азими иқтисодӣ қадам мезанад, бештар аз ҳар даврае ниёз ба маблағгузориҳои бузурги хориҷӣ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир бо кумаки созмонҳои молиявии ҷаҳон, аз ҷумла Бонки исломии

рушд, тавассути татбиқи як қатор барномаҳои тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ ба инкишофи бонизоми иқтисоди миллӣ суръати тоза бахшид ва муваффақ гардид, ки сатҳи зиндагии мардумро то андозае беҳтар кунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамкории ҷумҳурии мо бо Бонки исломии рушд, ки ниҳоди молиявии Созмони ҳамкории исломӣ мебошад, баҳои баланд медиҳад ва ин ҳамкориро арзишманд ва хеле муҳим меҳисобад.

Сарвари давлати Тоҷикистон вазифаи дигар ва муҳими муштараки давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории исломиро дар мусоидати фаъол ба бунёди низоми боадолатона ва мутавозини ҷаҳонӣ мебинад.

Имрӯз дар дунё масъалаи решакан кардани терроризм мубрамтарин масъалаест, ки дар маркази ҷаҳду талоши давлатҳо ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ қарор дорад.

Дар чанд соли охир дар дунё, бавижа дар ҳавзаи ҷаҳони ислом, дар симои «Ал-қоида»-ю «ДИИШ»-у «Ҷабҳаи нусрат» ва дигар гурӯҳу созмонҳои террористӣ хавфу хатарҳое падид омадаанд, ки амнияти байналмилалиро барҳам задаанд ва боиси бесуботиву бесарусомонӣ дар мамлакатҳо ва ҳатто дар минтақаҳои том гаштаанд. Дар ин замина алалхусус барои минтақае, ки Тоҷикистон ва як қатор давлатҳои аъзои СҲИ шомили онанд, терроризми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, густариш ёфтани тамоюлҳои ифротгароӣ аз ҷумлаи ин хатарҳо мебошанд.

Аз ин рӯ, мубориза бо ин падидаҳои хавфнок аз ҳамаи давлатҳо андешидани тадбирҳои ҷиддӣ ва ҷустуҷӯи роҳу усулҳои муассирро тақозо мекунад.

Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон, бо таҳлили амиқи ин зуҳуроти хавфнок, бар ин ақида аст, ки заминаи мусоиди зуҳур ва густариши терроризм ва дигар аъмоли ифротгароёна ноустувории авзои сиёсию иқтисодӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва сатҳи баланди камбизоатии ҷомеаҳо мебошанд.

То замоне, ки башарият ба ҳамкорӣ ва гуфтугӯи судманд даст наёбад ва расонидани кумакҳои иқтисодиро ба мамлакатҳои ақибмонда ба хотири рушди мутавозин ба роҳ наандозад, падидаҳои терроризм ва ифротгароӣ, ҳамчун яке аз проблемаҳои ҷиддии даврон, боқӣ хоҳанд монд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, чун роҳбари мамлакате, ки мубориза бо терроризм ва тамоми мушкилоти ин раванди мураккабро дар таҷрибаи амалӣ медонад, масъулона ва рисолатмандона давлатро дар ҳар созмону ташкилоти байналмилаливу минтақавӣ, ки мубориза бо терроризм аз ҳадафҳои муҳими онҳо ба шумор меравад, фаъолона намояндагӣ мекунад ва аз минбарҳои баланди ин созмонҳо мавқеи усулии Тоҷикистонро дар мубориза ба муқобили терроризм бо афкору назари судманду созанда баён медорад.

Сарвари давлат изҳор медорад, ки Тоҷикистон терроризмро дар ҳамаи шаклҳои зуҳуроташ, инчунин истифодаи усулҳои террористиро ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва рӯпӯш намудани онҳоро бо ғояҳои сиёсӣ, динӣ, миллӣ ва нажодӣ ко-

милан ва қатъиян маҳкум мекунад. Имрӯз тамоман равшан аст, ки ин раванди барои тамаддуни инсонӣ бегонаро танҳо бо кӯшишҳои муштарак, аз ҷумла дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ, ҷилавгирӣ кардан мумкин аст.

Роҳбари олии сиёсии Тоҷикистон чунин мешуморад, ки имрӯз таҳия ва имзои муоҳидаи ягонаи мукаммал зарур мебошад, ки самтҳои мушаххаси ҳамкории имконпазири байналмилалиро дар мубориза ба муқобили терроризм муқаррар намуда, муҷозоти давлатҳоеро, ки аз ин гуна ҳамкорӣ саркашӣ мекунанд ва гурӯҳҳои террористиро дастгирӣ менамоянд, пешбинӣ карда, ба ҳам мувофиқ сохтани қонунҳо ва асноди дигари иловагии меъёриеро имконпазир гардонад, ки масъалаҳои мубориза ба муқобили терроризмро ба низом медароранд.

Сарвари давлати Тоҷикистон муътақид аст, ки муборизаи самарабахш ба муқобили ҷиноятҳои муташаккили минтақавӣ, аз ҷумла дар самти пешгирӣ кардани раванди густариши терроризм ва ҷиноятҳои муташаккилона, танҳо дар мавриди ҳамоҳанг сохтани фаъолияти давлатҳои ҷаҳон имконпазир аст.

Дар ин росто бояд тазаккур дод, ки мавзӯи кумак ба Афғонистон дар муборизаи ӯ бо гурӯҳҳои террористӣ, ки садди оҳание дар роҳи расидани ин кишвари азияткашида ба сулҳу суботанд, яке аз самтҳои сиёсати хориҷии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Пешвои миллат аз ҳамаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории исломӣ, даъват мекунад, ки кумаки худро ба ин кишвари харобгар-

дида дареғ надоранд ва ба дигаргуниҳои мусбате, ки дар Афғонистон рӯй додаанд, тақвият бахшанд.

Ба андешаи роҳбари олии Тоҷикистон, дар ростои масоили Афғонистон, пеш аз ҳама, ба он муваффақ шудан лозим аст, ки раванди сулҳ дар ин сарзамин хислати бебозгашт гирад ва кӯшишҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба решакан намудани муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир вусъат ёбанд, то ин ки Афғонистон дигар ҳеҷ гоҳ ҳамчун кишвари тавлидкунандаи ин маводи марговар номбар нашавад.

Президенти Тоҷикистон бар он ақида аст, ки ҳаллу фасли муноқиша дар Афғонистон бо кумаки ҷомеаи ҷаҳонӣ, иштироки фаъолонаи Созмони ҳамкории исломӣ дар ин раванд метавонад барои таъмини бехатарӣ ва субот дар минтақа заминаи ҷиддӣ гузорад.

Бад-ин наҳв, мубориза бо терроризм – зуҳуроти манфии зиддинсонӣ ва зиддитамаддунӣ – бояд дар маркази ҷаҳду талоши пайгиронаи тамоми давлатҳои ҷаҳон бошад. Вале барои давлатҳои мусулмонӣ, ки зиёдтар аз ҳама кишварҳои дигар зарари ҷониву маънавӣ мебинанд ва доираҳои муайяни сиёсӣ беадолатона дину диёнати онҳоро олуда ба ин зуҳуроти палидона месозанд, мубориза бо терроризм на танҳо талош барои таҳкими суботу амнияти ҷомеаҳои мусулмонӣ, балки ҳамчунин мубориза баҳри барқарор кардани адолату ҳақиқат, ҳифзи нангу номус ва покизаву мубарро нигоҳ доштани ному симои дини мубораکашон мебошад. Зеро, ба қавли Сарвари давлати мо, терроризм ва ифротгарони

сиёсӣ душманони ашаддии ислом ва пайравони ин дини бузург мебошанд. Аз ин рӯ, фаъолияти дастаҷамъии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории исломӣ ба муқобили таҳдидҳои муосири амниятии глобалӣ ва ба хотири ҳифзи ному симои неки дини мубини ислом бояд ҳарчи бештар ва ҳарчи зудтар иқдомҳои мушаххаси амалӣ ба бор оварад.

Хулоса, узвияти Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории исломӣ ва ширкати фаъоли Сарвари давлати он дар ҷаласаҳои ин созмони бонуфузи байналмилалӣ, ки нақш ва саҳмаш дар ҳалли масъалаҳои бузурги аҳамияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пайваста меафзоянд, дорои аҳамияти хосса аст. Ва Тоҷикистон бо камоли самимият тарафдори он аст ва аз ҷониби худ пайгирона мекӯшад, ки Созмони ҳамкории исломӣ такмил ва тақвияти бештар пайдо кунад, фаъолияти ниҳодҳо ва муассисаҳои таркибии худро дар самтҳои афзалиятнок ҳамоҳанг ва пурсамар гардонад, бо ҳамаи кишварҳои аъзо, аз ҷумла дар олами араб ва минтақаи Осиёи Шарқӣ, пайвандҳои амиқтар дошта бошад, ба ҳаллу фасли масъалаҳои умда ва мубрами ҷаҳони ислом боз ҳам бештар ва муассиртар машғул шавад, то тавонад посухгӯи ниёзҳои рӯзафзуни мардумони мусулмон дар тамоми ҷаҳон бошад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО)

Тоҷикистон ҷонибдори густариши ҳамкории боз ҳам муассир бо Созмони ҳамкории иқтисодӣ мебошад.

Созмони ҳамкории иқтисодӣ ташкилоти минтақавии иқтисодӣ мебошад, ки онро давлатҳои Эрон, Покистон ва Туркия дар соли 1977 аввалин бор поярезӣ карда буданд.

Пас аз инқилоб дар Эрон кори созмон муддате қатъ гардид, то ин ки дар соли 1985 бо номи «ЭКО» ҳаёти худро аз сар гирад.

Дар соли 1992 кишварҳои Афғонистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба созмони ЭКО пайвастанд ва ҳамакнун созмон бо даҳ узв, ҳудуди 330 миллион нафар аҳолӣ, 7620697 километри мураббаъ масоҳати кишварҳо, имкониятҳои бузурги газу нафт ва саноати тавсеаёфта ба фаъолиятҳои густурдаи иқтисодию тиҷоратии худ идома медиҳад.

Тибқи Оинномаи худ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои беҳбуди шароити тавсеаи иқтисодии пойдори кишварҳои аъзо талош мекунад. Дигар аз ҳадафҳои ЭКО таҳияи барномаи муштарак барои тавсеаи манбаъҳои инсонӣ дар ин даҳ кишвар аст. Созмон ҳамчунин дарростои суръат бахшидан ба иҷрои барномаи рушди соҳаи ҳамлу нақл ва иртиботот фаъолият мекунад. Забони расмии Созмони ҳамкории иқтисодӣ англисӣ аст ва қароргоҳи он дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон воқеъ мебошад. Ба далели англисӣ будани забони расмии созмон унвони онро бо ихтисор аз ин забон ЭКО ном мебаранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ҳамкориҳои густурда бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ дар чорчӯби Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ мебошад. Ин

нуктаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори дигар дар мулоқоти ҳаштуми сатҳи олии ин созмони бонуфузи минтақавӣ, ки моҳи сентябри соли 2004 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд, таъкид намуд.

Ҳамоиши мазкур, ки дар он якчанд асноди ниҳоят муҳим қабул шуданд, бо муайян кардани дурнамои ҳамкориҳои густурда ва барои ҷонибҳо судманд, саҳифаи тозаеро дар равобити гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории иқтисодӣ боз намуд.

Дигар аз ҳамоиши созмон, ки барои Тоҷикистон дорои аҳамияти вижа мебошад, нишасти 11-уми сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои ЭКО ба шумор меравад, ки 22–23 декабри соли 2010 дар шаҳри Истамбули Ҷумҳурии Туркия баргузор гардид. Дар ин ҳамоиш пешниҳодҳои ҷониби Тоҷикистон дар бораи пайвастани роҳҳои нақлиётии Чин, Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Туркия ва ҳамчунин зарурати пурра истифода намудани имкониятҳои гидроэнергетикии минтақа ва ҳарчи зудтар иҷро намудани лоиҳаи «CASA-1000» барои ба ҳам пайвастани шабакаҳои энергетикии Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон мавриди қабули сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои ЭКО қарор гирифтанд ва дар матни Эъломия инъикос ёфтанд.

Муҳимтарин санад – Созишномаи тиҷоратии ЭКО (ЭКОТА), – ки Тоҷикистон онро соли 2003 имзо кардааст, барои рушди тиҷорат – асоситарин бахши ҳамкории минтақавии аъзои созмон – ҷиҳати

марҳала ба марҳала паст кардани тарифҳо дорои аҳамияти вижа мебошад.

Яке аз равишҳои роҳандозии ҳамкориҳои муассири тиҷоратӣ таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аксари кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ, ки дар ин замина дорои таҷрибаи зиёд мебошанд, метавонанд барои Тоҷикистон беҳтарин намунаи пайравӣ бошанд.

Дигар аз бахшҳои равобити кишварҳои аъзои ЭКО ҳамкориҳо дар ҳавзаи нақлиёт мебошанд. Рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар кишвар аз бисёр ҷиҳат ба вазъи зерсохтҳои нақлиётиаш вобаста мебошад. Дар ин замина ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои ЭКО дар ростои пайванд додани роҳҳои мавҷуди транзитии худ ва бунёди роҳҳои автомобилгард ва роҳҳои оҳан ба хотири баҳрабардории бештар аз бартариҳои ҳамлунақлии хеш дорои аҳамияти бузурганд.

Яке аз тарҳҳоиояндадор дар ин росто тарҳи дар ҳоли иҷрои бунёди роҳи оҳани Эрон–Афғонистон–Тоҷикистон мебошад, ки саранҷом тавассути қаламрави Қирғизистон ба Чин хоҳад пайваст. Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дорад барои ҳарчи зудтар ба анҷом расондани ин барномаи стратегӣ аз қудрати сармоягузории шарикони худ дар Созмони ҳамкории иқтисодӣ баҳра бигирад.

Барои Тоҷикистон ҳамкориҳо бо созмони ЭКО боз аз ин ҷиҳат муҳим аст, ки кишвари мо дар шароити надоштани масири мустақим ба бандарҳои баҳрӣ метавонад, ба манзури истифода аз мавқеи бартари кишварҳои аъзои созмон, дар заминаи ҳамлу нақли

баҳрӣ ҳамкориҳои густурдаро бо онҳо дар ин самт роҳандозӣ намояд.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти кишоварзӣ дар иқтисоди тақрибан ҳамаи кишварҳои аъзои ЭКО, Котиботи ин созмон ба таври мунтазам машварати вазирони кишоварзии кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодиро баргузор менамояд. Дар миёни асноди зиёди батасвибрасондаи созмони ЭКО ду санади муҳим – эъломияҳои Исломобод ва Анталия, – ки дар онҳо роҳкорҳо ва самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо дар соҳаи кишоварзӣ таъйин гаштаанд, дархӯри аҳамият мебошанд. Бар тибқи асноди номбурда, Ассотсиатсияи тухмипарварони ЭКО таъсис шудааст, ки корхонаву муассисаҳои марбут ба соҳаи кишоварзии кишварҳои аъзо шомили он мебошанд.

Дар ин замина Котиботи ЭКО бо дастгирии фаннӣ ва молиявии Созмони хӯрокворӣ ва кишоварзии СММ – ФАО – Стратегияи минтақавии Созмони ҳамкории иқтисодиро дар тавсеаи кишоварзӣ ва таҳкими амнияти ғизоӣ таҳия намудааст.

Тоҷикистон алоқаманд ба густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар соҳаи саноат мебошад. Дар ин замина барномаи ЭКО ба тасвиб расидааст, ки фаъолиятҳои зерини мушориконро дар бар мегирад: беҳбуди фазои сармоягузорӣ, стандартикунӣ, беҳбуди сифати маҳсулот, бардоштани монеаҳои техникии тиҷорат, мусоидат ба рушди бахши хусусӣ, эҷоди корхонаҳои саноатии хурду миёна, ҳамлу нақли таҷҳизот ва амсоли инҳо.

Тоҷикистон ба тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи иртиботи роҳи дур (телекоммуникатсия) таваҷҷуҳи ҷиддӣ

медиҳад. Барномаи рушди алоқаи иртиботи роҳи дур ва почта, ки қабул шудааст, заминаҳои калидии ҳамкориҳо ва фаъолияти кишварҳои аъзоро дар ҳавзаи мазкур муайян менамояд.

Барнома ҳамчунин самтҳои фаъолияти муштаракро барои дар ҳудуди кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ҷорӣ кардани алоқаи мухобироти роҳи дури пешрафтаи имрӯзӣ, омода кардани коршиносони босалоҳият, таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсоли таҷҳизоти телекоммуникатсия ва ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуд дар ҳавзаи мазкур дар бар мегирад.

Ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг ва маориф низ аз мадди назари созмон дур наафтодааст. Тоҷикистон, ки бо ҳамаи кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ мушорикати фарҳангию таърихӣ дорад, ба тавсеаю таҳкими беш аз пеши равобити фарҳангӣ бо шарикони худ дар созмон аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Тоҷикистон яке аз аввалин кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ мебошад, ки Оинномаи ниҳоди фарҳангии ЭКО ва фонди илмии ЭКО-ро имзо карда ва ба тасвиб расондааст.

Баргузории ҷаласаи панҷуми коршиносони сатҳи баланд ва ҷаласаи шашуми Шӯрои сарпарастони Муассисаи фарҳангии ЭКО 19–23 марти соли 2015 дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Қайроқуми вилояти Суғд, иштироки роҳбарони вазоратҳои фарҳанги кишварҳои Афғонистон, Эрон, Покистон, Тоҷикистон ва Муассисаи фарҳангии ЭКО дар ин маъракаҳои фарҳангӣ ва мизбонии шахсии Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз ин меҳмоно-

ни олиқадр дар шаҳри Хуҷанд дар рӯзҳои таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз нишонгари густариши равобити мамлакатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ, аз ҷумла дар ҳавзаи фарҳангӣ, мебошад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) 26 феврали соли 1992 ҳамроҳ шуд.

Зарурати истифода аз таҷриба, нуфуз ва имконияти Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар раванди демократикунии ҷомеа, таҳкими амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, эҷоди унсурҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳаллу фасли муваффақомез дар масоили ба даст овардани тафоҳуми миллӣ дар кишвар заминаи пайвастани Тоҷикистонро бар ин созмон фароҳам намуд.

Густаришу тақвияти ҳамкориҳо бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бо ҳадафу усули сиёсати хориҷии Тоҷикистон мувофиқ аст. Ҳамкорӣ бо ин созмон метавонад ба тақвияти беш аз пеши истиқлоли давлатӣ ва амнияти миллӣ кумак кунад.

Дафтари намояндагии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон 17 феврали соли 1994 кушода шуд. Аз он ҷо ки он замон дар кишвари мо ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, фаъолияти САҲА бар мабнои мусоидат ба ҳаллу фасли мусолиҳатомези муноқишаи миллӣ, ба даст овардани ризоияти тарафҳо, ҳамчунин кумак кардан ба раванди демокра-

тисозии ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа роҳандозӣ мешуд.

Феҳристи вазифаҳо ва фаъолиятҳои САҲА пас аз барқарории сулҳ ва расидан ба ризоияти миллӣ дар кишвар комилан иваз шуда, акнун ба таври умда ҳаллу фасли масоили иҷтимоӣ ва таҳкими ризоияти бадастовардаи ҷониби давлат ва мухолифин пеши намояндагии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ҳаққи муқаддам пайдо намуданд. Ба ин далел аст, ки бо тасмими Шӯрои доимии САҲА дар таърихи 31 октябри соли 2002 маъмурияти нави САҲА дар Тоҷикистон таъйин шуд ва он ба Маркази САҲА тағйири ном кард. Доираи вазифаҳои маъмурияти нав, ба таври умда, иборат аз роҳандозии фаъолиятҳо дар ҳавзаи умури иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист гардид.

Дар ҳоли ҳозир Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон панҷ дафтар дорад, ки дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Ғарм ва Шаҳритус воқеъ мебошанд. Дар соли 2009 САҲА Коллеҷи худро таъсис дод, ки дар он кормандони идораҳои марзбонии Тоҷикистон бозомӯзӣ ва такмили дониши касбӣ мекунанд. Аз коллеҷи мазкур ҳамаи 57 кишвари иштирокчии САҲА ва 11 шарики он метавонанд дар мавриди такмили ихтисоси марзбонони худ истифода намоянд.

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон дар се ҳавза – ҳарбию сиёсӣ, иқтисодиву экологӣ ва инсонӣ – тарҳҳои гуногунро иҷро менамояд. Созмон корҳои дигареро дар заминаи мусоидат кардан ба шаклгирии гуфтугӯи созанда миёни ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ низ анҷом медиҳад.

САҲА дар ҳавзаи ҳамкории ҳарбию сиёсӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти қудратии кишвар дар ростои мубориза бо терроризм, ҷиноятҳои муташаккилона, баргузоркунии ислоҳот дар соҳаи милитсия, барчидани минаҳо, ҳамчунин ҳифзи сарҳади давлатӣ кумак мекунад. САҲА дар фаъолияти худ ба таҳким ва ҳифзи сарҳади давлатӣ ва беҳбуди маҳорати касбии марзбонон таваҷҷуҳи вижа медиҳад. Дар ин замина лоиҳаҳои зиёде, аз ҷумла дар расондани кумакҳои техникиву молиявӣ, иҷро мешаванд. Нақши Коллеҷи мудирияти сарҳадҳои САҲА дар ин маврид шоёни таҳсин аст. Дар давраҳои омӯзишӣ, ки Коллеҷ ташкил мекунад, марзбонон дониши худро дар ростои ба таври муассир таъмин кардани амнияти сарҳад, роҳбарии коромад ба воҳидҳои марзбонӣ, беҳбуди унсурҳои назорати сарҳад, беҳтар кардани шароити ҳифзи ҳайати афродӣ ва ғайра такмил менамоянд.

Ҳамкории байни Тоҷикистону Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар ҳавзаи иқтисодиву муҳити зист низ, чун дар ҳавзаҳои дигар, аз раванди тавсеаи солим бархӯрдор аст. Дар ин замина аз ҷониби САҲА лоиҳаҳои гуногун – ба манзури беҳбуди фазои сармоягузорӣ ва тиҷорат; густариши тиҷорати минтақавӣ ва маҳаллӣ; баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум дар робита бо шурӯи фаъолияти соҳибкорӣ ва иттилоъ доштан аз заминаҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ; баҳрабардории муассир аз бахши обу энергетика ва идораи коромади захираҳои об; бунёди неругоҳҳои хурди барқи обӣ; такмили қонунгузорӣ дар заминаи муҳити зист ва баланд бардоштани са-

вияи дониши шаҳрвандон дар ин замина ба манзури пешгирии мушкилот дар муҳити зист; густариши «иқтисоди сабз»; мубориза бо ришвахорӣ ва ғайра – мавриди иҷро қарор доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА ба ҳамкорӣ дар ҳавзаи инсонӣ таваҷҷуҳи вижа медиҳанд. Дар тӯли солҳои гузашта бо кумаки САҲА дар заминаи густариши демократия, масоили ҳифзи ҳуқуқи инсон, баргузор кардани интихоботи озоду шаффоф, озодии васоити ахбори омма ва иштироки занон дар ҳаёти сиёсии кишвар корҳои зиёде анҷом гирифтаанд.

Иҷрои чанд лоиҳа дар заминаи ислоҳоти Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, татбиқи барномаҳои маърифати ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон, низоми адолати судӣ, боло бурдани сатҳи маърифатнокии ҷавонон, мусоидат ба васоити ахбори оммаи озод, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, пешгирии хушунати хонаводагӣ феҳристи номукаммале аз корҳои анҷомгирифта дар ҳавзаи мазкур мебошад.

Ҳамчунин, бо шурӯъ аз соли 2000, нозирони Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ODIHR) пайваста барои назорат бар интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват мешаванд. Дар чорчӯби ODIHR намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сифати нозир дар интихоботи парлумонӣ ва маҳаллии кишварҳои иштирокчии САҲА ширкат мекунанд.

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ҳар сол конфронси Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои САҲА-ро баргузор менамояд, ки дар он Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон низ ширкат меварзад.

Дар ин нишаст масоиле, монанди пойдории сулҳу субот, амният, густариши демократия, ҳуқуқи башар ва дигар масъалаҳои муҳим, мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегиранд.

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар ҳоли ҳозир дар сатҳи баланд қарор доранд. Тоҷикистон аз ин пас низ барои густариши равобит бо ин созмони бонуфуз ба манзури гирифтани кумакҳо ва мусоидати ин ниҳод ба кишвар дар ростои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор, таъмини беш аз пеши сулҳу субот ва амнияти марзҳои давлатӣ талош хоҳад кард.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (СААШ)

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1992 бо Шӯрои ҳамкории Атлантикаи Шимолӣ санади ҳамкориро имзо кард ва баъд аз 10 сол – дар соли 2002 – ба барномаи «Ҳамкорӣ барои сулҳ» ҳамроҳ шуд.

Аз рӯзҳои нахустини иштирокчии барномаи мазкур шудан Тоҷикистон ба густариши ҳамкорӣ бо НАТО дар заминаи масъалаҳои мавриди алоқаи худ ва манфиатҳои мутақобил пардохт. Аз ҷумла, воҳидҳои ҳарбии неруҳои мусаллаҳи кишвари мо дар машқҳое, ки дар чорчӯби барномаи «Ҳамкорӣ барои сулҳ» баргузор мешуданд, фаъолона ширкат меварзиданд. Дар ҷараёни ин машқҳо, ки масоили роҳбарӣ бар воҳидҳои низомӣ ва амали ҳамоҳанги онҳо дар шароити вазъияти фавқулода тамрин мешуданд, барои такмили маҳорати касбии афсарону сарбозони

неруҳҳои мусаллаҳи кишвари мо нақши мусбат бозидаанд. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти машқҳои муштарак, идораи ҳарбии кишвари мо феҳристи густурдаи воҳидҳои омода ба ширкат дар ин гуна машқҳоро тартиб дод. Илова бар ин, кормандони Вазорати мудофиаи Тоҷикистон ба семинарҳо ва конференсияҳое, ки дар мавзӯъҳои сулҳофаринӣ, барчидани минаҳо ва ҷанбаҳои ҳуқуқии муноқишаи мусаллаҳона баргузор мешуданд, ширкат меварзиданд.

Лозим ба зикр аст, ки ҳамкории амалӣ байни СААШ ва Тоҷикистон тавассути Барномаи шарикии инфиродӣ, ки механизми кории барномаи «Шарикӣ барои сулҳ» мебошад, анҷом мегирад. Тоҷикистон ислоҳоти неруҳои мусаллаҳи миллии худро, ки ҳадаф аз он ҷорӣ кардани назорати қобили эътимод, коромад ва демократӣ бар артиш мебошад, дар ҳамкории наздик бо кишварҳои аъзои СААШ баргузор менамояд. Бидуни шак, ҳамкорӣ бо НАТО барои дастёбӣ ба ин ҳадафҳо аз манфиат холӣ нест.

Дигар аз самтҳои асосии ҳамкории Тоҷикистон бо СААШ омода кардани кадрҳои низомӣ барои артиши миллии Тоҷикистон аст. Коршиносони СААШ то имрӯз барои Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон шумораи қобили таваҷҷуҳи ошкоркунандаҳои минаҳоро омода кардаанд ва ба низомиёни маҳаллӣ усулҳои мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддирро омӯзондаанд. СААШ ба Тоҷикистон ҳамчунин дар такмили ниҳодҳои Вазорати ҳолатҳои фавқулода кумак мекунад. Тоҷикистон ва СААШ дар якҷоягӣ равишҳои пешбиникунии офатҳои табииро таҳия менамоянд.

Тоҷикистон фаъолиятҳои СААШ-ро дар Афғонистон дастгирӣ менамояд. СААШ маводи ғайринизомии худро бо истифода аз қаламрави Тоҷикистон ҳамлу нақл мекард. Гурӯҳе аз неруҳои ҳавоии Фаронса, ки ба неруҳои низомии худ дар эътилофи байналмилалии таъминкунандаи амнияти Афғонистон кумак мекунад, фурудгоҳи воқеъ дар Душанберо маҳалли буду боши худ қарор дода буд. Дар навбати худ, СААШ ба Тоҷикистон дар муҷаҳҳаз кардани сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, таҳкими пойгоҳҳои марзӣ ва барои сохтани пуле дар болои дарёи Панҷ кумак кардааст.

Лозим ба зикр аст, ки СААШ сатҳи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва неруҳои мустақар дар Афғонистони НАТО-ро дар чорчӯби «Ҳамкорӣ барои сулҳ» баланд арзёбӣ намуда буд.

Тоҷикистон ва СААШ дар ҳавзаи мубориза бо терроризм низ ҳамкории хуб доранд. Созмон ният дорад, дар кишвари мо як маркази мубориза бо терроризм таъсис кунад ва мақоми онро дар оянда аз ниҳоди маҳаллӣ ба як сохтори минтақавӣ боло барад.

Ду ҷониб дар соҳаи илм низ ҳамкорӣ мекунанд. Олимони Тоҷикистон дар кори Кумитаи илмии НАТО ва дар чорчӯби лоиҳаи «Роҳи абрешими маҷозӣ» фаъолона ширкат меварзанд. Ҳадафи лоиҳаи «Роҳи абрешими маҷозӣ» беҳбуди дастрасии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва коркунони илмии кишварҳои Қафқоз ва Осиёи Марказӣ ба Интернет – бо истифода аз шабакаи моҳвораии СААШ – мебошад.

Тоҷикистон ва СААШ бо талоши якҷоя саъй мекунанд, то манфиатҳои ҳамкории Тоҷикистонро бо

САА Ш ба мардуми кишвар фаҳмонанд. Дарки дурусти аҳолӣ аз ҳадафҳои ин ҳамкориҳо ба Ҳукумати кишвар барои баргузоркунии ислоҳот дар соҳаи мудофиа ва амният кумак мекунад.

Дар солҳои охир Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ҳамкориҳои худро бо Тоҷикистон беш аз пеш густариш медиҳад. САА Ш ба густариши равобит бо кишвари мо, ки дорои марзи тӯлонӣ бо Афғонистон мебошад, аҳамияти вижа медиҳад.

Ҳамкорӣ бо САА Ш барои кишвари мо низ судманд аст, зеро масъалаи таъмини амнияти сарҳади давлатӣ аз унсурҳои калидии амнияти миллии Тоҷикистон мебошад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо

Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупоро шарики муҳими байналмилалии худ медонад ва талош мекунад, ки бо ин созмони бонуфуз равобити устувору дарозмуддати барои ҳар ду тараф судманд дошта бошад.

Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо дар соли 2015 ёздаҳумин солгарди созишномаи ҳамкории стратегии Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистонро ҷашн гирифтанд. Дар тӯли ин муддат ду тараф талош карданд пояҳои устуворе барои равобити ҳамаҷониба ва дарозмуддат бунёд намоянд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон борҳо изҳор доштааст, ки Иттиҳоди Аврупо шарики муҳими Тоҷикистон дар иҷрои боҳадафи навсозии куллии ҷомеа аст ва дар ин росто омӯзиши таҷрибаи киш-

варҳои аврупоӣ дар амри демократикунии ҳаёти ҷомеа ва пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ аҳамияти вижа дорад. Мақомоти Иттиҳоди Аврупо низ ба Тоҷикистон ҳамчун ба шарики муҳим ва дар бархе заминаҳо шарики аслӣ дар Осиёи Марказӣ менигарад. Иттиҳоди Аврупо нақши Тоҷикистонро дар робита ба барқарорсозии иқтисодиёт ва амнияту субот дар Афонистон муҳим мешуморад.

Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо аз раванди матлуби густариши пайваста бархӯрдор мебошад. Доираи равобити Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо хеле васеъ буда, ҳамкориҳоро дар соҳаҳои амнияти минтақавӣ, тақвияти ҳифзи сарҳадот, ҷалби сармоя ба бахшҳои стратегии иқтисоди Тоҷикистон, идоракунии захираҳои обу энергетика, ҳифзи муҳити зист, рафъи камбизоатӣ, рушди маорифу тандурустӣ, тавсеаи ислоҳоти демократӣ, таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаро мегиранд.

Дар шароити навқадам будани Тоҷикистон роҳандозии иқтисоди бозаргонӣ ва дар вазъе, ки дар кишвари мо зарфияти ниҳодӣ ҳоло ба таври матлуб қавӣ нагардидааст, дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо, чун тамоми кумакҳои шарикони рушди Тоҷикистон, дар таъмини тавсеаи тадриҷии иқтисодӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муҳим дорад.

Иттиҳоди Аврупо омода аст дар баргузор кардани ислоҳоти иқтисодӣ, ки ҳадаф аз он тавсеаи иқтисоди миллӣ ва поён бурдани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар мебошад, кумак кунад. Дар ин росто Ит-

тиҳоди Аврупо бар он аст, ки ислоҳот, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои молия, тиҷорат, соҳибкории хурд ва умури деҳот сурат гирад.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо ба таври умда дар доираи Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои минтақаи Осиёи Марказӣ сурат мегиранд. Шӯрои Иттиҳоди Аврупо стратегияи нав барои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро ба тасвиб расонд, ки буҷаи он маблағи беш аз 1 миллиард еврోро ташкил медиҳад. Кумак дар чорчӯби ин стратегия барои Тоҷикистон маблғаи 251 миллион евро ё ҳудуди 30 дарсади ҳаҷми умумии маблағи стратегияро ташкил медиҳад. Ин кумакҳо марҳалаи солҳои 2014 то 2020-ро дар бар мегиранд. Кумакҳо ба Тоҷикистон дар се бахш – рушди соҳаи кишоварзӣ, тандурустӣ ва маориф – сурат хоҳанд гирифт.

Қобили зикр аст, ки агар қаблан сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар иҷрои Стратегия барои кишварҳои Осиёи Марказӣ бештар ҳамкориҳои минтақавӣ, яъне муштаракро бо ҳама кишварҳо, дар назар дошта бошад, Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои минтақаро дар авлавият қарор медиҳад. Зеро ҳар кишваре, ки мехоҳад ҳамкории бештару зичтарро бо ин созмон дошта бошад, Иттиҳоди Аврупо низ аз он истиқбол мекунад.

Лозим ба таъкид аст, ки ҳаҷми кумакҳои Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон аз соли 1992 то ба имрӯз беш аз 500 миллион еврోро ташкил кардааст ва бо ба ҳисоб гирифтани кумаки молиявии мазкур

ҳаҷми умумии кумакҳо аз як миллиард доллари амрикоӣ афзун мешавад.

Таъмини суботу амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ, бавижа Тоҷикистон, аз ҳадафҳои аслии Иттиҳоди Аврупо мебошад. Зеро ҳар таҳаввулоте, ки дар Афғонистон ба вуқӯъ мепайвандад, ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсир хоҳад расонд, чун Тоҷикистон тӯлонитарин сарҳадро бо ин кишвари нооромдорад.

Аз ин рӯ, Иттиҳоди Аврупо дар ҳамкорӣ бо шарикони худ тарҳҳоеро дар заминаи таҳкиму тақвияти марз, бавижа муҷаҳҳаз кардани дидбонгоҳҳои марзӣ ва бунёди дидбонҳои нав дар марзи Тоҷикистон бо Афғонистон, иҷро мекунад.

Самти муҳим дар ҳамкории Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо мубориза бо қочоқ ва паҳншавии маводи мухаддир мебошад. Дар ин замина аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид Барномаи мусоидат ба идораи сарҳадот дар Осиёи Марказӣ – БОМКА – ва Барномаи пешгирии паҳншавии маводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ – КАДАП – роҳандозӣ шудаанд.

Ҳамоҳангсозии амалҳои муштараки Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо барои таъмини суботу амният ва эҳёи иқтисодию иҷтимоии Афонистон аз ҷумлаи самтҳое мебошад, ки ду ҷониб алоқамандии зиёд доранд. Зеро мусоидат ба ҳалли мушкилоти Афғонистон ва таъмини амнияту субот дар ин кишвар маънои мусоидат кардан ба амнияту субот дар минтақаро дорад.

Самти дигари муҳим, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо густариш пайдо намудаанд,

энергетика мебошад. Дар ин замина Иттиҳоди Аврупо дар садади он аст, ки дар кишвари мо теъдоде аз неругоҳҳои хурди барқи обиро бунёд намояд. То имрӯз Иттиҳоди Аврупо дар иҷрои тарҳи CASA-1000 бо ба ШСХК «Барқи Тоҷик» додани қарзи калонҳаҷм саҳм гузоштааст. 50 миллион доллар сармоягузории Бонки аврупоии таҷдид ва рушд барои азнавсозии Неругоҳи барқи обии Қайроққум ҷудо карда шудааст.

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо дар бахши кишоварзӣ низ аз раванди матлуби густариш бархӯрдор аст. Иттиҳоди Аврупо дар мушорикат бо Бонки аврупоии таҷдиду рушд ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар доираи ду лоиҳа – Барномаи кумаки молиявӣ ба соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ва Лоиҳаи рушди сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва беҳбуди фазои соҳибкорӣ – ба Тоҷикистон кумакҳои қобили таваҷҷуҳе расондааст.

Ҳар ду лоиҳа ҷузъи таркибии Барномаи Иттиҳоди Аврупо оид ба рушди бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошанд. Лоиҳаҳои мазкур бо расондани кумаки молиявӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ба рушди бахши кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои нави кор ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Ҳамкорӣ дар соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо аст. Иттиҳоди Аврупо дар заминаи кумак барои омода кардани кадрҳои тоҷикистонӣ дар мактабҳои олии кишварҳои аврупоӣ аз ду барнома – Тампус ва Эразмус Мундус – истифода мекунад. Тампус барномаи фароаврупоӣ дар соҳаи маорифи

донишгоҳӣ мебошад. Ҳадафи асосии барнома густариши ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ миёни Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои шарик, аз ҷумла бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, мебошад. Тоҷикистон низ аз ҷумлаи шарикони ин барнома мебошад. Эразмус Мундус барномаи мубодилаи донишҷӯён мебошад, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо бо мақсади баланд бардоштани сифати маълумоти олӣ эҷод шудааст. Дар чорчӯби ин барнома шумораи қобили таваҷҷуҳе аз донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар мактабҳои олии кишварҳои Аврупо таҳсил мекунанд.

Ҳамкориҳои байнипарлумонии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо беш аз пеш тақвият меёбанд. Барои густариши ҳамкориҳо ва тамосҳои бештар Кумитаи ҳамкории байнипарлумонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Аврупо ташкил шудааст. Сафарҳои мутақобили мақомоти роҳбарии парлумонҳои ду ҷониб ва баргузории ҷаласаҳои Кумитаи ҳамкории байнипарлумонӣ, ки ба таври мунтазам сурат мегиранд, ба тақвияти равобити ниҳодҳои қонунгузори ду тараф мусоидат менамоянд. Дар ҷараёни мулоқотҳои роҳбарияти Маҷлиси намояндагон ва Парлумони Аврупо ва ҷаласаҳои Кумитаи ҳамкории байнипарлумонӣ масоили зиёде аз ҷумлаи тақвияти ҳамкориҳо байни ду ҷониб, вазъи Афғонистон, мубориза бо падидаҳои хатарноки даврони муосир, аз қабили терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, инчунин дигар масъалаҳои муҳим мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегиранд.

Бо кумаку пуштибонии Иттиҳоди Аврупо ҳамасола дар Тоҷикистон «Ҳафтаи Аврупо» баргузор ме-

гардад. Дар доираи ин маърака намоишгоҳҳои санъати тасвирӣ, масолеҳи ҳунарҳои дастӣ, бозёфтҳои моддии таърихӣ созмон дода мешаванд, консертҳои ҳунармандони тоҷик, намоиши филмҳо ва ғайра баргузор мегарданд. Ҳафтаи Аврупо фурсати хубе барои ба аврупоиён шиносондани фарҳанги асили миллати тоҷик ва огоҳ шудани тоҷикон аз фарҳангу тамаддуни мамлакатҳои Аврупо мебошад.

Ҳар сол дар кишварҳои Аврупо бо ибтикору эҳтимоми сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони фарҳангии кишвари мо ва дастгирии мақомоти маҳаллӣ ҷашни байналмилалии Наврӯз бо шукӯҳу ҷалол ва бо густурдани дастархони наврӯзӣ барои мардуми маҳаллӣ баргузор мегардад.

## Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ҳамкориҳои хубу матлуб дорад ва дар тӯли солҳои гузашта аз вомҳои имтиёзнок ва сармоягузориҳои Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки осиёии рушд, Бонки аврупоии таҷдиду рушд, Бонки исломии рушд ва дигар ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ барои пешбурду тавсеаи соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоии кишвар ба таври муассир истифода кардааст.

Бонки ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 1993 ба узвияти худ қабул кард. Равобити кишвари мо бо Бонки ҷаҳонӣ ба таври умда дар ростои паст кардани сатҳи камбизоатӣ сурат мегирад.

Бино ба омори расмӣ, то имрӯз бо сармояи ин ниҳоди молиявии байналмилалӣ 96 лоиҳа бо маблағи беш аз 740 миллион доллари амрикоӣ ба иҷро расидааст.

Дар ҳоли ҳозир бо кумаки Бонки ҷаҳонӣ 18 лоиҳа бо маблағи 345,8 млн. доллари амрикоӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, обёрикунӣ, беҳбуди таъмин бо оби ошомиданӣ, энергетика, ҳамлу нақл, ҳифзи муҳити зист, пешгирии ҳолатҳои фавқулода, эҷоди зерсохтҳои маҳаллӣ, рушди бахши хусусӣ, ислоҳоти соҳаи андоз ва ғайра мавриди иҷро қарор доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Хазинаи байналмилалии асъор 27 апрели соли 1993 пазируфта шуд. Ҳамкории воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ХБА бо кушода шудани дафтари намояндагии ин созмон дар соли 1995 оғоз гаштааст.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Хазинаи байналмилалии асъор дар ҳавзаҳои гуногун, пеш аз ҳама дар заминаи додани вом ба лоиҳаҳои барои Тоҷикистон муҳим, густариш меёбанд.

Дар солҳои гузашта ҳамкории ҷумҳурӣ бо ХБА ба таври назаррас тақвият пайдо намудааст, ки намоёнгари аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудани талаботи ин созмон ва эътирофи пояҳои ҳуқуқии низоми молиявии кишвари мо ва ислоҳоти баргузоркардаи роҳбарияти Тоҷикистон аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ХБА, мебошад.

Далели равшани ин гуфтаҳо қарзҳои дар заминаҳои зайл додаи ХБА ба Тоҷикистон мебошад:

– барои барқарорсозии харобаҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳаҷми 22 миллион доллари амрикоӣ;

– барои таъмини қурби пули миллӣ 40 миллион доллари амрикоӣ;

– барои бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиӣ 9 миллион доллари амрикоӣ.

Илова бар ин, 24 июни соли 1998 бо қарори Шӯрои иҷроияи худ ХБА барномаи сармоягузории густурдаи ислоҳоти сохториро барои 3 сол бо маблағи 128 миллион доллари амрикоӣ тасвиб намуд. Дар моҳи декабри соли 1998 ин маблағ зиёд карда шуда, 134 миллион доллари амрикоро ташкил кард.

Хазинаи байналмилалии асъор пайваста ба Тоҷикистон кумакҳои назариявию техникӣ мерасонад. Аз ҷумла, ХБА дар таҳияи Барномаи рушди иқтисодӣ барои солҳои 1998–2002 ва такмили Кодекси андози ҷумҳурӣ кумак кардааст.

Моҳи декабри соли 2002 Шӯрои иҷроияи ХБА дар ростои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои барномаҳои рушди иқтисодии Ҳукумат додани 87 миллион доллари амрикоӣ тасмим гирифт.

Бино ба натиҷаи гуфтушунидҳо, ки миёни Тоҷикистон ва Хазинаи байналмилалии асъор дар авалҳои соли 2016 анҷом шудаанд, ХБА ба кишвари мо вомҳои нав ироя хоҳад кард. Бори охирин Тоҷикистон аз Хазинаи байналмилалии асъор ҳанӯз соли 2009 ба маблағи 145 миллион доллари амрикоӣ қарз дарёфт карда буд.

Равобити Тоҷикистон бо Бонки осиёии рушд дар масири инкишоф ҷараён дорад. Ду ҷониб дар якҷоягӣ стратегияи ҳамкориҳо барои панҷ солро таҳия намудаанд, ки тибқи он бонки мазкур ба Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020 беш аз 240 миллион доллари амрикоиро ихтисос хоҳад дод.

Интизор меравад, ки ин бонк Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ростои иҷрои барномаи зиддибуҳронӣ пуштибонӣ хоҳад кард.

Бонки осиёии рушд тасмим гирифтааст, то лоиҳаҳои таҷдиди роҳи Душанбе-Қӯрontеппа ва Роғун-Нуробод, инчунин идомаи азнавсозии Неругоҳи барқи обии Норак ва дигар тарҳҳои афзалиятнокро маблагузорӣ намояд.

Оғози ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ба 4 июни 1993, замони узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бонки номбурда, бармегардад. Тайи солҳои гузашта густариши доимӣ аз виҷагиҳои аслии ҳамкориҳои ду ҷониб будааст.

Истифодаи Тоҷикистон аз сармояҳои Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, ба таври умда, дар заминаҳои такмили бахши хусусӣ, тақвияти ниҳодҳои молиявӣ, бозсозӣ ва эҷоди зерсохтҳои таъмини неруи барқ ва амсоли инҳо сурат мегирад.

Бино ба омори махзани Низоми иттилооти идоракунии кумаки беруна аз соли 1993 то ба 1 январи соли 2016 Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар кишвари мо 30 тарҳро бо сарфи маблағи беш аз 395 миллион доллари амрикоӣ ба иҷро расондааст.

Дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сармояи Бонки аврупоии таҷдид ва рушд 15 лоиҳа бо маблағи умумии 710,4 миллион доллари амрикоӣ дар бахшҳои таъмини аҳолӣ бо об, энергетика, ҳамлу нақл ва фароварии дубораи порӯбҳо ва ғайра дар дасти кор ҳастанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Бонки исломии рушд соли 1996 бо ҳиссагузории 4 960 000 динори исломӣ қабул шуд.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд дар тӯли солҳои гузашта дар ростои маблагузориҳо ба лоиҳаҳои муҳим дар ҳавзаҳои тандурустӣ, маориф, бунёди зерсохтҳо, энергетика, кишоварзӣ тавсеа пайдо кардаанд. Бо сармоягузориҳои Бонки исломии рушд то имрӯз дар кишвари мо 50 лоиҳа дар ҳавзаҳои дар боло номбаршуда иҷро шудаанд.

Дар марҳалаи кунунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кумаки молиявии Бонки исломии рушд 8 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар соҳаҳои маориф, обёрӣ, энергетика ва ҳамлу нақл иҷро мешаванд. Маблағи умумии лоиҳаҳои номбурда 543,7 миллион доллари ИМА буда, 191,7 миллион доллари онро маблағҳои Бонки исломии рушд ташкил медиҳанд.

Соли 2015 Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд барои маблағгузории лоиҳаи «CASA-1000» созишномаи қарзӣ имзо карданд. Маблағи қарзие, ки БИР барои иҷрои лоиҳаи «CASA-1000» хоҳад дод, 70 миллион доллари амрикоиро ташкил хоҳад кард.

Илова бар ин, Бонки исломии рушд, тибқи як созишномаи маблағгузорӣ, ки бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо кардааст, ба сохтмони роҳи оҳани Туркманистон–Афғонистон–Тоҷикистон, беҳбуди зерсохтҳои обёрӣ дар вилояти Хатлон, таҷҳизи техникии бахшҳои кишоварзии ҷумҳурӣ маблағгузорӣ намуда, барои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон кумаки техникӣ бо сарфи маблағи умумии беш аз 80 миллион доллари амрикоӣ хоҳад расонд.

Фонди саудии рушд яке аз ниҳодҳои молиявии қарздиҳӣ дар чорчӯби Созмони ҳамкории исломӣ ме-

бошад. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фонди саудии рушд дар соли 1997 оғоз шуда, то имрӯз он дар кишвари мо 5 лоиҳаро дар ҳавзаҳои ҳамлу нақл, маориф ва тандурустӣ бо ҳаҷми умумии 29,7 миллион доллари амрикоӣ маблағгузорӣ намудааст.

Фонди саудии рушд сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумбро дар мушорикат бо якчанд бонкҳои шомили ҳавзаи бонкии Созмони ҳамкории исломӣ, аз ҷумла Бонки исломии рушд, Фонди Абузабӣ, Фонди кувайтии рушди иқтисоди араб ва Фонди СДСН, маблағгузорӣ менамояд. Саҳми Фонди саудии рушд дар лоиҳаи мазкур, ки бо сарфи маблағи 92,2 миллион доллари амрикоӣ иҷро мегардад, 20 миллион доллари амрикоӣ мебошад.

Лозим ба зикр аст, ки ҳамаи маблағгузориҳои Фонди саудии рушд қарзҳои имтиёзнок буда, дар чорчӯби барномаҳои асосии рушди кишвар – Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи миёнамуҳлати инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон – мавриди истифода қарор мегиранд.

# ГУСТАРИШИ АХЛОҚИ МИЛЛӢ ВА ГИРОМИДОШТИ ЗАБОНИ МОДАРӢ – ПОСУХ БА ПАЙОМАДҲОИ МАНФИИ ҶАҲОНИШАВӢ

*(моҳи августи соли 2015)*

# ПЕШГУФТОР

Бисёр хонда ва шунидаем, ки бузургтарин донишмандони илмҳои ҷомеашиносӣ, файласуфон ва сиёсатмадорони ҷаҳон давронҳои тағйиру таҳаввулро душвортарин даврон барои ҷомеа ба ҳисоб овардаанд. Ба андозае, ки чиниҳо аз замонҳои қадим ба ҳар касе, ки озорашон медодааст, мегуфтаанд: «Орзу мекунам, ки дар даврони дигаргуниҳо зиндагӣ кунӣ!». Аммо даврони тағйиру таҳаввуле, ки беш аз ду даҳсола дар кишвари мо идома дорад, на мусибат, балки иқбол аст. Зеро ин даврон ба масобаи фурсате барои эҳёи давлатдории навин ба миллати куҳанбунёди мо даст додааст; зеро ин даврони тағйиру таҳаввул ҳамон орзуву ормони ба ҳақиқат пайвастаи ниёгони некноми мост, ки садсолаҳо дар ширинтарин рӯъёҳои худ медидаанд; зеро ин даврони тағйиру таҳаввул ҳамон туҳфаи бебаҳои сарнавишт аст, ки бисёре аз миллатҳои боасолати ҷаҳон барои расидан ба он розӣ ҳастанд ҳатто аз ҷон гузаранд. Дар баробари ин, таърих мисолҳои фаровон дорад, ки маҳз дар чунин марҳалаҳои ҳассос ҷомеаҳо ва низомҳои сиёсӣ бино ба надоштани пешвоёни тавонманду ботадбир натавонистаанд заминаву имкониятҳои муассир барои иҷрои тарҳҳои андешамандона ба вуҷуд оваранд, то ҷомеаро ба сӯи ҳадафҳои нек раҳнамун созанд. Хушбахтона, миллати тоҷик, ки дар дарозои таърих дар домани худ бузургмардони ҳамосаӣ ва номоварону андешамандони зиёде парвардааст, ин

дафъа низ дар лаҳзаҳои сарнавиштсоз шахсиятҳои бонангу номус ва огоҳу бедордилро ба саҳнаи сиёсат овард, то баъд аз ҳазор сол дар ин хоки пургуҳар давлати навини миллиро поягузорӣ намояд, бо вуҷуди тамоми мушкилоту сахтиҳо, ҳадафҳои волои худро дунбол намояд, аз гузаргоҳҳои сахту монеаҳои душвор гузарад ва ба муваффақиятҳои бузург дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ноил гардад.

Имрӯз ҳар як аз мо аз таҷрибаи худ ва дар мисоли зиндагии хонаводаи хеш пай ба ин ҳақиқат бурдаем ва огоҳона дарк намудаем, ки ниҳоли истиқлол дар сурате ба дарахти бузургу борвар табдил хоҳад гашт ва меваҳои ширин хоҳад дод, ки пайваста ба нигоҳубин ва парваришаш бошем. Яъне мо бояд ҳамеша барои густариш додан ва афзудан ба дастовардҳои истиқлол бо эҳсоси гарми ватандӯстиву ватандорӣ, дилсӯзиву масъулиятшиносӣ кору фаъолияти содиқонаву софдилона ва саъю кӯшиши доимӣ намоем. Зеро фалсафаи зиндагӣ чунин аст ва таърихи башар собит намудааст, ки ҳифзи истиқлолият мушкилтар аз ба даст овардани истиқлолият аст. **Дар ҷаҳони пуртазод ва пур аз мухолифатҳои имрӯз, ки раванди умумиҷаҳоние ба номи ҷаҳонишавӣ кишварҳо ва миллатҳо, пеш аз ҳама, ҷавононро бо чолишҳои равонӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии фаровону физоянда рӯ ба рӯ намудааст, ҳифзу ҳиросат намудани хусусиятҳои миллӣ, ҳувияти таърихӣ ва вижагиҳои ахлоқии халқамон вазифаҳое ҳастанд, ки аз иҷрои онҳо бақову пойдории давлати Тоҷикистон ва истиқлолияту соҳибихтиёрии он вобаста аст.**

Ҳақиқат ин аст, ки барои давлатҳои ҷавон дар марҳалаи оғози бунёд ва таҳкими пояҳои он масъалаҳое вуҷуд надоранд, ки дуввумдараҷаву севвумдараҷа бошанд ва ҳалли онҳо мавқуф гузошта шавад. Балки ҳамаи масъалаҳое, ки бо зиндагии ҷомеа вобастаанд, муҳиму аввалиндараҷа ба ҳисоб меравindepend. Бо ин ҳама, дар ин миён масъалаи таълиму тарбияи насли ҷавон, омӯзишу парвариши онҳо дар рӯҳияи ахлоқу одоби миллӣ, омода кардани шароит барои рушди ҳамаҷониба, густариши донишу ҷаҳонбинии сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, рушди фикриву маънавӣ, соҳиби касбу ҳунари дархӯри замон намудани онҳо аз авлавиятҳои муҳим ва масъалаҳои бунёдии ҷомеаи имрӯзи мо мебошад.

Кишварҳое, ки ба тараққиву пешрафт расидаанд ва мардуми онҳо дар рифоҳу осоиш ба сар мебаранд, кишварҳое ҳастанд, ки мардумонашон дар ин роҳ талош карда ва ба натиҷае расидаанд. Агар мо низ хоҳони пешрафту рифоҳу осоиш ҳастем, бояд худамон ҳиммат кунем ва ба умеди бегонагон набошем. Ин як асли куллӣ ва асосии дар тамоми ҷаҳон шинохташуда аст.

Бо нигариш ба ин воқеият зарурати як навъ **бозсозии фарҳангӣ** ошкор мешавад. Нахустин қадаме, ки мо, тоҷикистониён, дар роҳи пиёда кардани бозсозии фарҳангӣ ва солимгардонии ҷомеаи худ бояд бардорем, ин аст, ки фарҳанги имрӯз омехташуда бо унсурҳои фарҳангҳои бегона ва аз ҳар ҷиҳат зарароварро тағйир диҳем ва дигаргун созем. Барои анҷоми муваффақомези ин иқдом мо бояд мардуми сарзаминамонро бедору огоҳ созем ва ба онҳо фаҳмонем, ки

агар хоҳони зиндагии беҳтару инсонитар ҳастанд, боястӣ бардоштҳои нодуруст ва тақлидҳои беҷоро аз фарҳанги бегонагон, ки ҳеҷ робитае бо «ҳамқадам будан бо замон»-ро надоранд, аз афкору андешаҳои худ берун созанд.

Дар ростои расидан ба ин марҳала, ки ширкати фаъолонаи ҳамаи мардумро металабад, таълиму тарбияи афроди ҷомеа нақши калидӣ дорад, таълиму тарбияе, ки бояд аз даруни хонаводаҳо оғоз гардад. Зеро нахустин тарбиякунандагони ҳар фарде дар ҳар ҷомеа падарону модарон ҳастанд, ки рукнҳои асосии хонавода ба ҳисоб меравад.

Падарону модарон бузургтарин саҳм ва муҳимтарин нақшро дар таълиму тарбияи фарзандони худ доранд. Пас аз ин ду рукни аслӣ омӯзгорону устодон ҳастанд, ки дар мактаб ва донишгоҳҳо таълиму тарбияи фарзандони ҷомеаро бар уҳда мегиранд.

Хонавода нахустин ва кӯчактарин воҳиди ҷомеа аст. Маҷмӯаи ин воҳидҳо дар густураи як сарзамин мамлакатро ташкил медиҳанд. Агар афрод дар ин конунҳои кӯчак ба вазифаю ҳуқуқи худ ошно шавад, тамоми ҷомеа роҳи саломатро дар пеш мегирад ва ба роҳи дуруст хоҳад рафт.

Фарзанди як падару модари солим аҳёнан носолим мешавад. Аъзои як хонаводаи дорои ахлоқи писандида ҳеҷ гоҳ ба аъмоли ғайриахлоқӣ даст намезанад. Падару модаре, ки ба миллати худ ва ба мамлакати худ садоқатманд ҳастанд, фарзандонашон низ чунин хоҳанд буд. Онҳое, ки дигаронро озор медиҳанд, касоне, ки ҳуқуқи дигаронро поймол месозанд, ашхосе, ки ба дуздиву ғорати чизу моли мардум

ва кишварашон даст мезанад, мансабдороне, ки вазифаҳо ва масъулиятҳои худро дуруст иҷро намекунанд, ҳама тарбияи аввали худро аз хонавода ва аз падару модарашон гирифтаанд.

Ин нуктаро ҳам бояд дар назар дошт, ки дар оғози кори худ падарону модарон низ ниёз ба омӯзиш доранд, зеро кӯдакон ниёзманди мураббиҳои шоиставу босалоҳияту огоҳ ва сармашқҳои ғайратманде ҳастанд, то онҳоро ба сӯи сифатҳои писандидаву матлуб ҳидоят намоянд ва дар замини ҳастии онҳо тухми арзишҳои ахлоқиву тарбиятӣ бипошанд.

Агар афроди ҷомеа дар нахустин конуни зиндагӣ, ки хонавода аст, ба гунае тарбия шавад, ки бо ҳуқуқи шахсиву иҷтимоии худ аз ҳамон даврони кӯдакӣ ошно бошад, агар онҳо донанд, ки дар баробари ҳамватанони худ чӣ масъулият ва нисбат ба мамлакати хеш чӣ вазифаҳое доранд, агар ҳамин гуна таълиму тарбия аз кӯдакӣ то замони боландагии онҳо дар мактабу донишгоҳҳо идома пайдо кунад, бунёди маънавию ахлоқии чунин ҷомеа ҳамеша устувор мемонад ва ҳаргиз гирифтори нобасомонӣ намегардад.

# ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ – МЕҲВАРИ ҒОЯИ МИЛЛӢ

Талошу кӯшиш ва ҷустуҷӯву такопӯ ба хотири ба вуҷуд овардани меъёрҳои ахлоқӣ умре ба дарозои тамаддуни башарро дорад. Аз замоне, ки инсон ҳамчун мавҷуди дорои фикр, андеша ва хирад ба тафаккур намудан пардохтааст, тарбияи одобу ахлоқ яке аз мавзӯъҳои муҳими ӯ будааст. Ва ин бадеҳист, зеро таълиму тарбия дар рӯҳияи одобу ахлоқи нек нахустин ва муҳимтарин омили саодату камоли одамӣ ва ҷомеаи инсонӣ аст.

Ниёгони мо низ аз давронҳои қадим ба таълиму тарбия аҳамияти бисёр медоданд. Хираду дониш ва одобу ахлоқ дар назди гузаштагони мо пурарзиштарин сифатҳои инсон ба шумор мерафт. Дар китоби «Авасто» ва дигар китобҳои фалсафию адабӣ гуфторҳои фаровоне дар бораи донишу адаб ёфт мешаванд ва ҳамин гуфторҳо, ки дар дарозои садаҳои дигар дар китобҳои гуногун ба тарзи мухталиф такрор шудаанд, нишондиҳандаи таваҷҷуҳи ниёгони мо ба таълиму тарбия ва гиромӣ будани мақоми донишу хираду адаб дар назди миллати мо мебошанд. Таълиму тарбия дар пеши ниёгони бостонии мо ин мафҳумро доштааст, ки ҳар инсоне бояд донишандӯзӣ намояд ва адабро фаро гирад, то соҳиби сифатҳову кирдори нек гардад ва тавонад барои ҷомеа узви муфиде ба шумор равад. Ин анъана баъдҳо низ идома ёфтааст.

Ин нукта басе ҷолиб аст, ки ҳамаи бузургони илму адаби мо омӯзгорон ва талқинкунандагони хираду дониш ва одобу ахлоқ буданд. **Дар тамаддуни умумибашарӣ назири халқи тоҷикро ёфтан муҳол аст, ки бузургонаш ҳама, бидуни истисно, қисматҳои бузурге аз осори худро ба панду насиҳат дар боби ростӣ ва дурустӣ, некуӣ ва накукорӣ, адлу инсоф, беозорӣ, эҳсон ва мурувват, дӯстию рафоқат, ҳифзи обрӯ ва мавқеи инсонӣ бахшидаанд.** Бузургтарин шоҳкори адабиёти ҷаҳонӣ, ифтихори тоҷикон ва тамоми форсизабонон «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ бо ситоиши Хирад оғоз мегардад. Чуноне ки Президент Эмомалӣ Раҳмон иброз намудааст, «тамоми осори гузаштагони моро – аз «Авасто» сар карда, то Рӯдакию Фирдавсӣ, Мавлавию Хайём, Носири Хисрав ва Хоҷа Камол, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Соиб, Сайидою Дониш ва садҳо дигар – маҷмӯаи одобу ахлоқ номидан мумкин аст».

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини барқарор намудани сохти конститутсионӣ дар моҳи ноябри соли 1992, дар баробари иҷрои вазифаҳои душвори бунёду таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ба масъалаи таълиму тарбия аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Бо назардошти аҳамияти бузурги таълиму тарбия дар ташаккули инсони нави фаъолу созанда, дар солҳои гузашта силсилаи ҳуҷҷатҳои бунёдӣ, аз ҷумлаи «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», тасвиб гардидаанд ва, муҳимтар аз ҳама, баъд аз муҳокимаи васеъ бо аҳли ҷомеаи кишвар Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд, ки дар навъи худ беназир мебошад.

Боиси қаноатмандист, ки давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти соҳаи маориф ҳамаи иқдоми лозимро анҷом медиҳад. Вале давлат бо иқдомҳои худ барои ниҳодҳои таълимиву омӯзишӣ шароиту омилҳои лозим эҷод мекунад, заминаҳои фаъолиятро муҳайё месозад ва роҳу равиши дурусти омӯзишу парваришро нишон медиҳад. Тарбияи саҳеҳ, шукуфо кардани истеъдодҳо ва ба сӯи камол ҳаракат додани насли наврас бошад, вазифаи ниҳодҳои тарбиятӣ – аз хонавода гирифта, то донишгоҳҳо – ва тамоми равшанфикрони ҷомеа мебошад. Бино бар ин, донишмандон, пажӯҳишгарон, таърихшиносон, ҳуқуқдонон, нависандагон, рӯзноманигорон ва ҳамаи соҳибназарони коршинос ва касоне, ки салоҳияти тарбияи афроди ҷомеаро доранд, дар ин заминаҳо аз ҳеҷ гуна кумак бояд дареғ накунанд.

Зиёда аз ду даҳсолаи гузашта пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар афкори иҷтимоии ҷумҳуриҳои собиқи ин давлати бузург ақидае устувор гаштааст, ки **гӯё идеология як чизи нодаркор ва беаҳамият аст**. Шояд чунин андеша бар асари таблиғоти имрӯз андаке хомӯшшудаи сиёҳ кардани сиёсати Давлати Шӯравӣ ва идеологияи ҳизби коммунистӣ падид омада бошад, ҳарчанд ки муҳтавои ахлоқии идеологияи коммунистиро ғояҳои барои инсони заҳматкаш наздик – адолати иҷтимоӣ, баробарӣ ва бародарӣ – ташкил медиҳанд.

Намешавад аз баёни ин ҳақиқат худдорӣ кард, ки кишвари бо меҳнату машаққати бобоён ва падарони мо бунёдшудаи шӯроҳо, бар хилофи даъвоҳои бадбинонаи «демократҳо»-и мубталои марази нигилизм, аз нуқтаи назари робитаҳои инсонӣ намунаи дӯстии воқеии халқҳо, бародарӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ буд. Имрӯз бо мушоҳидаи муносибатҳои хушунатомез миёни халқҳои бархе аз кишварҳои мустақил, дargириҳои милливу мазҳабии фурӯнишаста, вале ҳанӯз комилан хомӯшнашуда, одамон ба душворӣ бовар мекунанд, ки мафҳуми дӯстии халқҳо, ки имрӯз ба масобаи як афсона пазируфта мешавад, замоне воқеият дошт...

Ба ҳар ҳол воқеияти зиндагии иҷтимоиву сиёсӣ дар кишварҳои мо нишон медиҳад, ки идеология бо тағйир ёфтани сохти давлатдорӣ ва низоми иқтисодӣ аз байн намеравад, балки бо шаклу мазмуни дигар ва мутобиқ бо равандҳои сиёсӣ боқӣ мемонад. Яъне ки ҳар ҷомеа ва ҳар давлате ба ғояҳо, консепсияҳо, барномаҳое, ки тамоми гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеаро дар атрофи масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ муттаҳид намоянд, ниёз доранд.

Имрӯз муҳимтарин вазифае, ки миллати тоҷик ва миллату халқиятҳое, ки сарзамини меҳрпарвари тоҷиконро Ватани хеш медонанд, бояд анҷом диҳанд, ҳифзу таҳкими истиқлолият мебошад. Ин вазифаест, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон ба сифати ғояи миллӣ муайян намудааст.

**Ҳифзи истиқлолияти миллӣ ин ҳифзи асолат, ҳувият, забон, расму оин, садоқату вафодорӣ ба**

**арзишҳои фарҳангӣ ва риояи одобу ахлоқи миллӣ аст.** Бино бар ин, имрӯз барои мо, тоҷикистониён, зарур аст, ки ин арзишҳои фарҳангиву маънавии халқамон – амонату мероси гаронбаҳои аҷдодиро – ба беҳтарин шакл ҳифз ва дар борварии он талош намуда, онро ба ояндагон супорем.

Ҳамон тавре ки дар ҷаҳони доимо дар тағйиру таҳаввул кишварҳо сари ҳар замоне ниёзманд ба иҷрои ислоҳот дар низомҳои сиёсиву иқтисодии худ мешаванд, ба ҳамин наҳв бо зарурати таҷдиди назар кардан дар низоми таълиму тарбия рӯ ба рӯ мегарданд. Бар ниёзмандии низоми тарбиявии кишвари мо ба як **таҳаввули бунёдӣ** суханони Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки дар вохӯрӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» баён доштааст, далолат мекунад: **«Ҳоло равиши тарбиявии қисми зиёди падару модар ҳамон равиши тарбиявии суннатиест, ки дар гузашта дар фазои он худашон тарбия ёфтаанд. Бо ин равиш намешавад фарзандро барои замони муосир, замони рушди босуръати техника ва технологияи нав тарбия кард. Дар ин маврид, дар шароити ҷаҳонишавӣ моро зарур аст, ки на танҳо тарҳи тарбия, инчунин тарҳи таълимро ба таври куллӣ таҷдиди назар намоем».**

Ҷолиб ин аст, ки Президенти кишвар дар ин ибрози назари худ **«тарбия»** ва **«таълим»**-ро ҳамчун ду фароянди алоҳида арзёбӣ менамояд. Зеро ин ду мафҳум – таълим ва тарбия – бо вуҷуди ин ки дар канори ҳам ба кор мераванд ва дарҳамтанидагии танготанге

доранд, фарояндҳои гуногун мебошанд. Таълим дар луғат ба маънои ёд додан аст ва дар истилоҳ ба фароянде гуфта мешавад, ки вазифаи интиқоли донишро бо равишҳои гуногун бар уҳда дорад. Таълим, ки вожаи сохта аз калимаи илм аст, маънои интиқоли донишу иттилоъро аз устод ба шогирд, аз китобҳо ба мутолиакунанда ва, умуман, аз касе ба касе ифода менамояд. Бино бар ин, амри таълим ба ин маънӣ, ки, ба ҷуз омӯхтани маърифат, нақши дигаре надорад, фароянди маҳдуде ба ҳисоб меояд. Аммо тарбия фароянди бисёр густурда аст ва густураи он тамоми истеъдодҳо, қобилиятҳо ва ҳамаи ҷанбаҳои ҳастии инсонро ва ҳар гуна иқдомеро, ки барои покизаву беҳтар кардани ахлоқу рафтор сурат мепазирад, дар бар мегирад. Тарбия бахшҳои фаровоне, монанди тарбияи баданӣ, тарбияи ақлонӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи равонӣ, тарбияи маданӣ, тарбияи динӣ ва ғайра, дорад, ки аз ин миён тарбияи ахлоқӣ барои такомули фард аҳамияти вижа дорад ва ба ҳамин сабаб ҳам аст, ки тарбия, пеш аз ҳама, фароянде марбут ба ахлоқ дарёфт мешавад.

Бо назардошти нақши тарбияи ахлоқӣ дар ташаккули насли наврас ва ба шахсиятҳои комил, огоҳ, боодобу бофарҳанг ба воя расонидани онҳо, Президент Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: **«Дар чунин шароит ва дар замоне, ки таблиғи рафтори зишт ва ба фарҳанги миллии мо бегона аз тариқи шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва барномаҳои телевизионии хориҷӣ афзоиш ёфтааст, мо бояд тарбияи ахлоқиро дар навбати аввал гузорем ва бо истифода аз таҷрибаи нодири халқамон ба фарзандонамон адаб ёд диҳем»**.

Инсоният дар илму фановарӣ пешрафтҳои бузурге кардааст, вале барои дигаргунсозии шахсияти худи инсон низ бояд иқдомҳои бузурге ба амал оварда шаванд. Яъне **ғановати маънавӣ барои комил шудани инсон бештар аз сарватҳои моддӣ аҳамият дорад. Ин иқдоми бузург ва ғановати маънавӣ ахлоқ аст**. Зеро ахлоқ заминасози фарогирии дигар илму донишҳост. Бидуни шак, сабаби асосии фасоди ахлоқӣ, ки сояи сиёҳи худро бар тамоми ҷаҳон паҳн кардааст, нобаробарии рушди илму технология бо такомули ахлоқӣ аст. Бино бар ин, то замоне, ки дар ҷаҳон байни пешрафти илмиву фановарӣ ва камолоти ахлоқии инсон тавозун барқарор нашавад, наметавон интизор дошт, ки хатари заволи ҷомеаҳо бартараф шудааст.

Инсон ҳастии худро дар заминаи садоқат ва эътимод бар дигарон бино месозад. Ӯ ниёзманди робитаҳои пойдори дӯстона бо дигарон аст. Инсон мавҷуди иҷтимоӣ аст ва созандагиҳои фардии ӯ дар пайвастагии иҷтимоӣ ба арсаи зуҳур мерасанд. Ҳар фарде дорои вижагиҳоест, ки ин вижагиҳо заминасози зиндагии иҷтимоии ӯянд. Маҳз ба ҳамин иртиботи пойдор ва имкони эътимод ба дигарон аксари кулли одамон аҳамияти вижа медиҳанд. Ахлоқ ин тарзи андеша ва кирдори осеб нарасонидан ба хештан ва дигарон аст.

**Поябу асоси пешрафти маънавии инсон ахлоқ аст.** Ахлоқ порсанги табиӣ ба фарҳанги моддии дунёи муосир аст, фарҳанге, ки дар ҳадди зиёд ғайриахлоқӣ аст.

Ҳадафу маънои зиндагӣ дар дунёи имрӯз барои бисёре аз одамон мубориза барои зинда мондан аст.

Набояд саҳлангорона фикр кард, ки инсоният дар роҳи расидан ба рифоҳи умумӣ қуллаҳои баландеро фатҳ кардааст. Ба қуллаҳои саодату хушбахтии моддӣ шахсиятҳои алоҳида расидаанд. Он шахсиятҳое, ки кӯшиш мекунанд ба ҳама «роҳи дуруст»-и расидан ба «ояндаи дурахшон»-ро нишон диҳанд. Вале он назарияҳо ва усулҳои пайдо кардани «роҳи дуруст»-е, ки онҳо кашф кардаанд, барои бисёриҳо қобили фаҳму дарк нестанд. Бахши бештари аҳолии ҷаҳон ниёзманди як ҳақиқати содаву қобили дарк ва ҳадафҳои дастрас мебошад. Ин ҳадаф хеле наздик, равшан ва барои ҳама қобили дарк аст. **Ва ин ҳадафро ном ахлоқ аст. Маҳз ахлоқ моликияти мондагор ва ғайриқобили мусодира аст**.

Далели раднопазири ин, ки чунин мақулаи мавҳуме чун ахлоқ вуҷуди воқеӣ дорад ва ҳатто қобили андоза аст, аз арсаи ҳастӣ нопадид нашудани инсон аст. **Тамоми қонунҳо ва созишномаҳои ҷамъиятӣ барои он ҳам ба иҷро мерасанд, ки бар усули ахлоқӣ бино шудаанд.**

Мавҷуд набудани роҳнамоҳои ахлоқӣ боиси нобовариву тарси нохудогоҳона мегардад ва ин нобовариву тарс ба нафояи ахлоқ мубаддал мегардад.

Мақулаҳои «**ҳақиқат**», «**ахлоқ**», «**инсон**», «**худо**» дигар дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеа қарор надоранд. Одамон амалан фақат аз «зиддиидеология»-ҳо ва «идеологияҳо»-и ҷойгузин(алтернативӣ) пайравӣ мекунанд. Мавзӯи суҳбатҳо аз зиндагӣ танҳо ҳасрат аз гузашта ва нигаронӣ аз оянда аст. Ва ба таври ҳайратоваре «имрӯз» ва «ҳоло» аз калом афтодааст.

Барои расидан ба фикре, ки ҳалли мушкилоти тамаддуни инсонӣ маҳз дар замони ҳорӣ бояд сурат

гирад, бояд ба равшанӣ дарк кард, ки на бо ҳасрат ба гузашта ва на бо нигаронӣ аз оянда, балки бо ташвиши имрӯз бояд зист, зеро появу асоси «ояндаи дурахшон» имрӯз гузошта мешавад.

Ин вазъ баёнгари он аст, ки рӯз аз рӯз таъсири ғояҳои зиддибашарӣ пурзӯртару пурзӯртар мегардад. Ва аҷиб ин аст, ки бо ин ки ҳама аз зарари физояндаи ин идеологияи ғайриахлоқӣ воқифанд, муҳри хомӯшӣ ба лаб задаанд. **Зиёда аз ин, сухан гуфтан дар ин бора нишонаи ақибмондагӣ ва мухолиф будан бо «арзишҳои демократия» дарёфт мегардад.** Вале мо бояд ба худамон ва наздиконамон ин ҳақиқатро талқин кунем, ки ҳар заҳре позаҳр дорад ва ба муқобили **идеологияи ғайриахлоқии «ба ҳар қимате кисаҳоро пур кардан»**, ки татбиқи амалиашро одамон дар тамоми ҷаҳон мебинанд, идеологияи ахлоқӣ вуҷуд дорад.

**Идеологияи ахлоқӣ** афкоре, ба монанди таблиғоти арзишҳои кишварҳои ғарбӣ, пучу бемоя нест, балки дорои андешаҳои пурмағз ва қобили даркест, ки моҳияти замонро бозтоб ва иродаи халқро баён медорад. Онҳое, ки муқобили ахлоқ ҳастанд, муқобили халқанд. Подоши ахлоқии кирдори онҳо ин ифодаи иродаи халқ ва ҳамзамон ҳимояти онҳо аз нафрати халқ аст. Идеологияи ахлоқӣ афзори дорои қудрати бартар аз қудрати сиёсӣ аст, ки ҳокимияти давлатиро бо мардум пайванд медиҳад.

Роҳи ахлоқӣ, ки фардо ё пасфардо тамоми башар ногузир бо он хоҳад рафт, ҳамон роҳест, ки ҳастию тамаддуни навини башарӣ сохта хоҳад шуд. Ҳар ҷомеае дар дунёи имрӯз вазифадор аст, ки барои ахлоқӣ шудани аъзои худ кумак кунад. Ва ҳар кас дар

роҳи аз худ ва дигарон парвардани инсони боахлоқ саҳм гузорад.

Идеологияи ахлоқӣ, ки дар ин саҳифаҳо чанд бор зикр шуд, мақулаи муҷарраду мавҳуме нест, балки назарияи то имрӯз баамалпайвастае дар кишвари бародарии Россия аст. Ва ҷолиб ин аст, ки базри ин назария ҳанӯз дар даврони шӯравӣ дар замини андешаи соҳибназарон афтодаву сипас дар солҳои баъдӣ ба шукуфоӣ расидааст.

Ҳанӯз аз замони бозсозии горбачёвӣ, ки косташавии ахлоқии кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, аз он даврон оғоз гаштааст, бисёре аз олимони соҳаҳои ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва таълиму тарбия бо эҳсоси наздикшавии буҳрони шадиди маънавӣ ва таъсири харобиовари ин буҳрон ба ҳаёти ҷомеа барномаи тадбирҳои аз нигоҳи илмӣ асосноки пешгирии ҳаддалимкони оқибатҳои ногувори онро таҳия менамуданд.

Бар асоси барномаи азнавсозии ҳаёти маънавӣ ва ахлоқии ин донишмандон, ки дар тӯли солҳои навадуми асри XX ва оғози асри XXI омода намуда буданд, дар Россия идеологияи ахлоқии фароҳизбӣ, фаромиллӣ ва фаромазҳабӣ таҳия гардид. **Ҳадафи асосии ин идеологияи ахлоқӣ мубориза бо идеологияи бадқасдонаи сарватғундорӣ мебошад, ки имрӯз бар тамоми ҷаҳон ҳукм меронад ва мӯҷиби тамоми бадбахтиҳои дунёи кунунӣ аст.**

Бавуҷудоварандагони ин идеология, ки баъдан ҷунбише бо номи «Довталабони роҳи ахлоқӣ» («Добровольцы нравственного пути»)-ро асос гузоштанд, ода-

мони синну сол, мавқеияти иҷтимоӣ, миллат ва вобастагии ҳизбии гуногун мебошанд, ки онҳоро **ғояи умумии ахлоқӣ** муттаҳид намудааст. Ғояи ҷунбиши «Довталабони роҳи ахлоқӣ» – консепсияи эҳёи ахлоқиву маънавӣ – батадриҷ дар ҷомеа мавқеи вижа пайдо намуда, пас аз омӯзишу баррасии амиқ соли 2005 ҳамчун асоси ғоявии **лоиҳаи «Институти ахлоқ»,** ки маҷмӯи якчанд созмонҳое бо ин ном мебошад, пазируфта шуд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Дар заминаи яке аз ин созмонҳо Шӯрои машваратии илмии давлатӣ-ҷамъиятӣ бунёд гардидааст, ки дар чорчӯби он, ҳамчун ниҳоди таркибӣ, Институти ахлоқ фаъолият менамояд.

**Шӯрои машваратии илмии давлатӣ-ҷамъиятӣ ин афзори решадоркунии демократия бо корбурди усулҳои ахлоқӣ мебошад.** Самаранокии кори Шӯроро на танҳо коркунони босалоҳият, балки инчунин тарзи коргузориашон, ки дар рӯҳияи ахлоқӣ сурат мегирад, таъмин менамояд.

Имрӯз дар Шӯрои машваратии илмии давлатӣ-ҷамъиятӣ ниҳодҳои таркибии он, монанди Институти ахлоқ, Департаменти хидмати давлатӣ, Кумитаи политсияи ахлоқӣ, Шӯрои додгоҳи ахлоқӣ, фаъолият мекунанд.

Мутаассифона, дар маҳдудаи ин рисола имконияти муфассал сухан рондан дар бораи тамоми ҷузъиёти фаъолияти ин ниҳодҳоро надорем. Фақат бо зикри ин нукта иктифо мекунем, ки фаъолияти онҳо дар мутобиқат бо муқаррарот ва низомномаҳои вижа сурат мегирад ва дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мунҳасиран ба усули ахлоқӣ такя мекунад.

Манзур аз овардани ин мисол аз иқдоми меҳанпарастона ва сазовори пайравии донишмандону соҳибназарони россиягӣ ин аст, ки мувофиқи мақсад хоҳад буд, **агар равшанфикрони тоҷик низ барои таҳияи як чунин барномаи фарогири покизасозиву беҳтаргардонии ахлоқи миллӣ талош намоянд. Дар ин замина ҳатто мумкин аст нуктаҳои асосии назарияи мазкур, бо таҷдиди назар ва мувофиқ кардан бо вижагиҳои равандҳои ҷорӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон, пазируфта шаванд.** Зеро ҳамаи кишварҳои пасошӯравӣ, бидуни истисно, новобаста аз дараҷаи рушду тавсеаи иқтисодӣ, ки яке андаке пештар ва дигаре каме дар ақиб қадам мезананд, бо якдигар умумиятҳои зиёде доранд ва ҳама бо чолишҳое, аз ҷумлаи зиндагии шукӯҳмандонаи ҷунуномези нахбагони ҳоким дар шароити камбизоатии мардуми одӣ, фасод дар ҳамаи қишрҳои зиндагӣ, ҷинояткорӣ, нашъамандӣ, коҳиши фарҳангӣ, табоҳии ахлоқии ҷавонону наврасон, гаравидани ҷавонон ба ҷунбишҳои иғвоангезу ифротгаро, пошхӯрии оилаҳои ҷавон, хушунати хонаводагӣ, фасоди ахлоқии мансабдорон ва даҳҳо падидаҳои номатлубу нангини дигар, дастбагиребон ҳастанд.

Дар дунёи имрӯз кишварҳои пасошӯравӣ шояд бештар аз ҳар кишвари ҷаҳон дар маърази чолишҳои замони муосир қарор гирифтаанд. Зеро агар барои дигар кишварҳои ҷаҳон таъсирҳои манфии инқилоби саноатӣ, фароянди ҷаҳонишавӣ ва падидаи истеъмолгароӣ батадриҷ расида бошанд, ин ҳама селе аз мушкилот ба кишварҳои мо якбораву ногаҳон – чун офати осмонӣ – фурӯ омаданд. Ва ин ҳама дар шароите рух намуд, ки кишварҳои мо дар миёни мушкилиҳои сахту

сангини зиёди марҳалаи гузариш аз як низоми сиёсиву иҷтимоӣ ба низоми комилан нави сиёсиву иҷтимоӣ даступо мезананд. Вазъияти Тоҷикистон, ки, илова ба ҳамаи ин мушкилиҳо, гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ шуд, боз ҳам вахимтар гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ ҳодисаи моҳиятан ғайриахлоқӣ аст ва бунёди маънавии ҷомеаро дар ҳам мезанад ва бистарро барои зуҳури падидаҳои номатлуб фароҳам меоварад. Бино бар ин, костагии ахлоқие, ки дар ҷомеаи мо мушоҳида мешавад, аз бисёр ҷиҳат таъсири ҳарҷу марҷ ва буҳрони шадиди сиёсиву иҷтимоии сароғози истиқлолият аст.

Барои эмин мондан аз таъсири манфии раванди фарогири ҷаҳонишавӣ, ки хоҳу нохоҳ фосилаи замону вақт, сарҳадҳои маънавӣ ва асолати фарҳангии давлатдории миллиро тағйир медиҳад, тафаккури солими миллиро дар зеҳни ҷавонон инкишоф додан, арзишҳои миллии худро аз таҳдидҳои хатарбори тахрибкориву тундравӣ ҳифз кардан, ваҳдати миллиро таҳким бахшидан, амнияту суботи ҷомеаи кишварро мустаҳкам намудан, сатҳи огоҳии мардум, хусусан ҷавононро баланд бардоштан аз ҷумлаи корҳои доимӣ ва заҳматталаби сиёсати давлатдорӣ ва фарҳангии мо мебошанд. Ва дар ин замина бузургтарин иқдоме, ки бояд анҷом диҳем, ин покиза кардани фазои ҷамъиятии то ба ҳадде олуда ба фасоди ахлоқӣ ва пурбор кардани ҷаҳони маънавии аҳли ҷомеа, бавижа наврасону ҷавонон, бо дурдонаҳои ахлоқӣ аст. Зеро ҳар қадар тафаккури наврасону ҷавонон аз лиҳози ахлоқӣ неруманд бошад, давлат ва миллат низ ба ҳамон андоза неруманду тавоно мегарданд.

# ТАЪСИРҲОИ МУСБАТ ВА МАНФИИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ОСЕБҲОИ ПАДИДАИ ИСТЕЪМОЛГАРОӢ

Ҷаҳонишавӣ имрӯзҳо яке аз муҳимтарин масъалаест, ки зеҳни бисёре аз андешамандон ва донишмандони сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмҳои дигарро ба худ ҷалб намудааст. Мафҳуми ҷаҳонишавӣ пуркорбурдтарин мафҳум аст, ки тақрибан дар саҳифаҳои ҳамаи рӯзномаҳои кишварҳои ҷаҳон ба чашм мехӯрад ва аз суханрониҳои ҳамаи сарони давлатҳову ҳукуматҳо ба гӯш мерасад.

Бадеҳист, ки ҳар кас метавонад пеши худ биандешад, ки ҷаҳонишавӣ умуман чист ва онро чӣ омиле ба вуҷуд меоварад? Ҷаҳонишавӣ падида аст ё раванд? Оё омили бавуҷудоварандаи он низоми сармоядорӣ аст? Оё тамоми кишварҳо ногузир ҳастанд, ки ба чунин маҷмӯае пайванданд ё метавонанд аз он гурезанд? Оё ҷаҳонишавӣ боиси эҳёи фарҳангҳо мешавад ё мӯҷиби аз байн рафтани фарҳангҳо? Оё фарҳангҳои миллӣ дар даруни фарҳанги ҷаҳонӣ ба завол мегироянд? Оё ҳуviятҳо дар ин раванд рӯ ба нестӣ меоваранд?...

Албатта, бо таваҷҷуҳ ба ин воқеият, ки падидаи ҷаҳонишавӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, ба ҳамаи ин пурсишҳо посух гуфтан имконнопазир аст. Аммо бо такя ба он чи дастрас аст, мешавад ба таври умумӣ аз таъсири ин падида ба сиёсат, иқтисод, иҷтимоъ, фарҳанг, ҳувият ва ахлоқ ибрози назар кард.

## Сайри кӯтоҳе
## дар таърихи ҷаҳонишавӣ

Ҷаҳонишавӣ, албатта, на ба ин ном, аз гузаштаҳои дур то имрӯз чун ҳадафи ормонӣ дар қолаби мазҳабҳо, мактабҳои фалсафӣ ва идеологияҳо вуҷуд дорад. Аммо таърихи оғози ба ҳақиқат пайвастани ин падида, ки имрӯз бо номи ҷаҳонишавӣ дар сари забонҳост, ба қарни нуздаҳум, ба марҳалаи рушди сармоядорӣ бармегардад. Он замон ин падида бо аз миён бардоштани монеаҳои мазҳабӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба сурати як неруи ғайриқобили инкор зоҳир гашт, аммо баъдан ба чолиш кашонида шуд. Пас аз Инқилоби Октябр муддати дарозе ба хотири пешгирӣ кардани инқилобҳо он маҷбур ба иҷрои як силсила ислоҳоти либералӣ ва имтиёздиҳӣ барои коргарон шуд.

Дар солҳои 30-ум ва 40-уми асри XX раванди ҷаҳонишавиро рақобатҳои се мактаби идеологӣ – сотсиализм, либерализм ва фашизм – тақрибан боздоштанд. Пас аз ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ ва ба нобудӣ расидани фашизм ҷаҳон ба ду қутби ба ҳам зид тақсим шуд ва ҷанги сард миёни ин ду қутб – кишварҳои сармоядорӣ ба роҳбарии ИМА ва кишварҳои сотсиалистӣ ба роҳбарии Иттиҳодӣ Шӯравӣ – оғоз ёфт. Дар даврони ҷанги сард ҷаҳонишавӣ амалан бо таҳдидҳои блокҳои ҳарбӣ ва марзбандиҳои сиёсиву низомиву идеологӣ рӯ ба рӯ гардид.

Дар марҳалаи ниҳоии ҷанги сард фурӯ пошидани Иттиҳоди Шӯравӣ боис шуд, ки марзҳои геосиёсӣ ва идеологии собиқ аз миён раванд ва раванди ҷаҳонишавӣ бо суръати бесобиқа ба густариш пардозад,

ҳарчанд бисёре аз соҳибназарон бар чунин назаранд, ки ҷанги сард ҳанӯз идома дорад ва танҳо аз рӯйкарди ошкоро ба душмании пасипардаӣ гузаштааст, ки «дилбастагӣ ба демократия» дар ин душманӣ нақши «парда»-ро мебозад.

**Мафҳуми ҷаҳонишавӣ нахустин бор дар фарҳанги Вебстер дар соли 1961 ба кор гирифта шудааст** ва имрӯз нигаришҳои илмӣ дар робита ба ҷаҳонишавӣ дар маҳфилҳо ва доираҳои илмӣ вуҷуд доранд.

## Назари донишмандон дар бораи ҷаҳонишавӣ

Дар мавриди ҷаҳонишавӣ бояд гуфт, ки ин масъала як падидаест ё як раванд, байни соҳибназарон як таърифи воҳид вуҷуд надорад. Ҷанбаҳои гуногуне, ки ин падида дорад, боис шуда, ки дарки дурусту саҳеҳе аз ин мавзӯи мушкилу душвор ба амал наояд. Бино бар ин, барои равшан шудани ин мафҳум беҳтар аст ба таърифҳои то имрӯз гуфташуда ба таври хулоса ишора шавад.

Ҳар гоҳе сухан аз ҷаҳонишавӣ ба миён меояд, манзур ин аст, ки нақши омилҳои фаромиллӣ дар равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамаи кишварҳо афзоиш ёфтааст. Ин таҳаввул инсон ва перомунашро дастхуши тағйир мекунад. Ҷаҳонишавӣ ба хуруҷи инсон аз ҳолати даруннигарона ва тааллуқ доштан ба як минтақаи хоси ҷуғрофӣ ба сӯи як ҳувияти берунnigarона ва фаросарзаминӣ мусоидат мекунад, ки ин баёнгари такопӯи доимии башар барои такомули хеш аст.

Донишманди британӣ Ҷон Томлинсон ин нуктаро ёдовар мешавад, ки ин ҳаракат танҳо дар қолаби гузашт аз як назми маҳаллӣ ба назми калон намеғунҷад ва на танҳо фаротар аз таъсиргузориҳои иртиботот, ҳамлу нақл ва технологияҳои нав аст, балки ба устуворшавии ҳарчи бештари пайвандҳои «вобастагии мутақобил» миёни инсонҳо меанҷомад. Бавижа, рушду тавсеаи иртиботот, ҳамлу нақл ва фановариҳои навин на танҳо барқарории пайвастан бо фосилаҳои дурро мумкин сохтааст, балки падидоварандаи иттиҳодҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳамбастагиҳои тоза гаштааст.

Ин иттиҳодҳо ба далели монандиҳои сиёсиву фарҳангӣ шакл гирифтаанд ва дар ҳоли ҳозир марҳалаи ибтидоиро тай мекунанд, вале эҳтимолан баъдан бо ҳам пайванди маҳкамтаре пайдо намоянд ва ба суст шудани робитаҳои фарҳангӣ анҷоманд ва пайванди фарҳангҳои маҳаллиро ба сарзаминҳои хосашон заиф кунанд. Падидаи коҳиши пайвастагӣ байни фарҳанг ва маконро донишмандон бо мафҳуми «сарзаминзудоӣ» ном мебаранд.

Ҷомеашинос ва оянданигар (футуролог)-и амрикоӣ Элвин Тоффлер дар тавсифи таҳаввулоти охири ҷаҳон дар ин назар аст, ки **ҷаҳон ба сӯи як тамаддуни навин равон аст, тамаддуне, ки дар он нақши давлатҳои миллӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ ба коҳиш меравад.** Мавҷи севвуме дар роҳ аст, ки дар натиҷа давлатҳо бахше аз қудрати ҳокимияти худро аз даст хоҳанд дод. Дахолатҳои фарҳангиву иқтисодии дигар кишварҳо мӯҷиби бархӯрдҳои шадид, жарф ва

ҳамаҷониба байни се тамаддун хоҳанд шуд: мавҷи севвум – иттилоотиву иртибототӣ, мавҷи дуввум – саноатӣ ва мавҷи аввал – кишоварзӣ. Ба назари вай, ин бархӯрдҳо то замони пурра устувор шудани тамаддуни мавҷи севвум идома хоҳанд ёфт.

Дигар аз мутафаккирони барҷаста Мануэл Кастеллс бо таъкид бар унсури иттилоот ва иртибот муътақид аст, ки ҷаҳони наве дар ҳазораи дуввум шакл гирифтааст. Ин ҷаҳон дар охирҳои даҳаи 60-ум ва нимаи даҳаи 70-уми садаи бистум бар асари баҳамомезии таърихии се фароянди мустақил – инқилоби фановарӣ ва иттилоот, бухронҳои иқтисодии сармоядорӣ ва давлатсолорӣ ва шукуфоии ҷунбишҳои иҷтимоиву фарҳангӣ – падидор шудааст. Ба назари ӯ, раванди ин таҳаввулот бо падид омадани **«ҷомеаи шабакаӣ»** ба анҷом расидааст.

Ба назари ҷомеашиноси англис Энтони Гидденс, дунёи имрӯз дунёи гурезон аст ва на танҳо суръати таҳаввулоти иҷтимоӣ дар он бошитобтар аст, балки майдони амал ва жарфои таъсири он ба коркардҳо ва шеваҳои рафтории ҷомеаҳои пешин низ бесобиқа аст.

Ба ақидаи ӯ, тамаддуни имрӯз бо ин пӯёии ғайриодӣ на танҳо неруи эҳсоси вақту фазоро аз даст медиҳад, балки риояи меъёрҳои ахлоқиву маънавиро низ пайваста фаромӯш мекунад.

Устоди донишгоҳи Вестфал профессор Мартин Албер муътақид ба оғози як давраи навин дар таърихи ҷаҳон аст, ки дар он тамаддуни кунунӣ ба поён

расидааст ва тамаддуни наве оғоз шудааст. Ин даврони нав «асри ҷаҳонӣ» аст, ки дар он ҳама чиз бо корбурди андозаҳои ҷаҳонӣ баррасӣ мешавад.

Дар ин даврони нав – ба ҷои давлати миллӣ ва навъҳои он – «инсоният» дар маркази таваҷҷуҳ қарор мегирад, инсоняте, ки дар арсаи ҷаҳонӣ ҳаёти тозае ёфта ва ин ҳаёти тозаро бо тарзи тафаккури имрӯз наметавон фаҳму дарк намуд. Асри нави ҷаҳонӣ, аз назари ӯ, ду ҷанбаи асосӣ дорад: нахуст ин, ки дар ин аср зиндагии мардум ҷаҳонӣ шудааст ва ҷаҳонгароиву ҷаҳонишавӣ ба зиндагии мардум маъно мебахшад.

Таърихшиноси марксисти англис Эрик Хобсбаум, дар шарҳи раванди таҳаввулоти охири ҷаҳон, ҳаракат ба сӯи миллигароӣ ва фурӯмиллигароиро пешбинӣ мекунад. Аз як сӯ, ин раванд боиси ҳаракати ҷомеаҳо ба самти ташкили созмони сиёсиву иқтисодӣ дар сатҳи як минтақа ё дар миқёси ҷаҳонӣ мегардад. Ва аз сӯи дигар, ин раванд метавонад бо тағйир ёфтани ҳувият ва фарҳанги ҷомеаҳо анҷом пазирад.

Ҳамаи ин таърифҳо аз ҷаҳонишавӣ нишон аз падидаи чолишангезе доранд, ки ҷанбаҳои мухталифи он қаламрави бисёре аз мафҳумҳои иҷтимоии суннатиро, монанди назм, қудрат, амният, давлат, машрӯият, фарҳанг, ҳокимият ва ҳувият, дигаргун сохта, заминаро барои тафсири нави онҳо фароҳам сохтааст.

Бад-ин тартиб **дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ на бо як вазъияти ниҳоӣ, балки бо фароянде сари кор дорем, ки ҳанӯз ба итмом нарасидааст.**

Дигаргунӣ ва таҳаввул дар зоти башар нуҳуфтааст. Башар мавҷудест, ки пайваста барои такомулу пешрафт такопӯ мекунад.

Таҳаввулу тағйир зомини бақои сиёсии башар аст ва посухи муносиб пайдо кардан ба чолишҳои доимӣ вижагии муҳими ҷомеаи башарист. Таҳаввулоти даҳаҳои охир низ чолишҳои тозаеро барои инсонҳо эҷод кардааст ва посуххои тозаеро металабад. Ин даврон асри таърихии тозаест, ки бо вижагиҳо ва чолишҳои худ одамиро ба посух гуфтан фаро мехонад. Бино бар ин, бояд алифбову адабиёти тағйирро дар тафаккур, андеша ва боварҳо эҷод кард, **навъи нигаристан ба ҷаҳонро тағйир дод** ва ҳоким будани инсонро бар сарнавишту иродааш дар афкору андешаҳо ба вуҷуд овард.

## Таъсирҳои ҷаҳонишавӣ

Ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидае, ки инсоният имрӯзҳо бо он рӯ ба рӯ шудааст, монанди дигар рӯйдодҳое, ки дар дарозои таърих тамаддуни башарро таҳти таъсири худ қарор додаанд, дорои таъсирҳои гуногун аст, ки бар кишварҳо ва бар ҷомеаи башарӣ мегузорад. Ин таъсирот, ки дар иқтисод, арсаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва бисёр заминаҳои дигар ба зуҳур меояд, мумкин аст дар нигоҳи аввал каму кӯчак шумурда шавад, лекин таъсири амиқу қобили таваҷҷуҳеро дар пай хоҳад дошт.

Падидаи ҷаҳонишавӣ алоқамандон ва мухолифони худро дорад. Касоне, ки ҷаҳонишавиро маҳкум мекунанд, амиқтар шудани фосилаҳои байни мардум ва кишварҳои сарватманд ва фақирро ба тарзи чашм-

гире натиҷаи ҷаҳонишавӣ медонанд. Афроде, ки аз ҷаҳонишавӣ истиқбол мекунад, таъсиси бозорҳои ҷаҳонӣ, афзоиши додугирифти ҳамаҷонибаи кишварҳо ва дигар равандҳои ҳамгироии иқтисодиро чун фароянди мусбату муфид ба қалам медиҳад.

Назаре, ки дар бораи паҳлуҳои манфӣ ва мусбати ҷаҳонишавӣ ин ҷо меоварем, бозтоби андеша ва назари ҳамин алоқамандон ва мухолифон аст, **дар ҳоле ки нависандаи ин сатрҳо бештар ҳамақидаи он соҳибназаронест, ки ба ҷанбаҳои гуногуни раванди ҷаҳонишавӣ нигоҳи интиқодӣ доранд.**

## Таъсири мусбати ҷаҳонишавӣ

Ҷаҳонишавӣ – ҳамчун раванди якпорчасозии иқтисодиву фарҳангии мардумони дунё – метавонад ба густариши ақидаҳову назарияҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба ҷомеаҳо хидмат кунад. Ҷаҳонишавӣ – аз ин нуқтаи назар ва низ аз дигар дидгоҳҳо – ҳамчун раванди мусбат тавсиф шудааст.

## Коҳиши хатари ҷангҳои ҷаҳонӣ

Ҷаҳонишавӣ кишварҳои ҷаҳони севвумро бо буҳрони ҳувият ва ҳокимият рӯ ба рӯ сохтааст. Ин кишварҳо, ки афзорҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодии лозиму таъсиргузор барои дифоъ аз худ дар баробари таҳдидҳои физоянда надоранд, чорае, ҷуз устувор намудани неруи низомиашон ва истеҳсоли силоҳҳои қатли ом, намебинанд ва аз ин рӯ, ҷаҳонишавӣ омили густариши ноамнӣ ба шумор меравад.

Дар айни замон бо пешрафти ҷаҳонишавӣ заминаҳои бурузи ҷанг байни кишварҳои бузург, бавижа низомҳои сармоядор, ки то кунун мӯҷиби чандин ҷанги бузурги хонумонбарандоз шудаанд, то ҳадди зиёде аз байн мераванд ва ин кишварҳо дар вазъияте қарор мегиранд, ки ҷангро ҳамчун охирин ва бадтарин роҳи ҳал медонанд. Чунон ки мебинем, бо вобаста шудани ҳарчи бештари кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо бо якдигар эҳтимоли бурузи ҷанг миёнашон ба шиддат коҳиш ёфтааст.

Иттиҳоди сиёсиву иқтисодиву амниятии Россия ва Чин дар чорчӯби Созмони Ҳамкории Шанхай эҳтимоли даргирии ҳама гуна мунокишаҳои низомиро миёни ин ду кишвари бузург амалан аз байн бурдааст.

## Таъсири иқтисодӣ

Сода шудани шароити иқтисодӣ дар ин раванд боиси содагии мубодила ва интиқоли пул мегардад ва ин вазъ ба сармоягузорони бузург бештар имкон медиҳад, ки сармояҳояшонро ба кишварҳои рӯбарушд ба кор андозанд ва низ ба ширкатҳои бузург кумак мекунад, то кору тиҷораташонро дар ин минтақаҳо густариш диҳанд ва заминаҳои хидматрасониҳо ва фурӯши колоҳои мавриди ниёзи ин кишварҳоро фароҳам созанд. Ҳамчунин ин падида боиси афзоишу рушди шуғл дар ин минтақаҳо мегардад.

## Таъсир ба омӯзиш

Раванди ҷаҳонишавӣ боиси афзоиши сатҳи омӯзиши умумӣ мегардад. Дастрасӣ ба технологияҳои навини

иртиботӣ сабаб мешавад, ки ҷаҳон чун муҳити кӯчактаре ба назар ояд ва барои аҳолии кишварҳои дар ҳоли тавсеа, ки ниёз доранд аз масъалаҳо ва мушкилҳои ҷаҳон огоҳ гарданд, шароити муносиби дастрасӣ ба иттилоот ба вуҷуд ояд. Технологияҳои навини иртиботӣ ҳамчунин барои густариши ҳамкориҳои ниҳодҳои омӯзишии кишварҳои дар ҳоли рушд ва робитаи онҳо бо марказҳои илмиву омӯзишии пешрафтаи ҷаҳон ба хотири омӯзиши беҳтари шаҳрвандон кумак менамоянд. Бадеҳист, ки дар ин кишварҳо барномаҳои омӯзишӣ таҷдиди назар мегарданд, то ин ки беҳтар тавонанд ба падидаи ҷаҳонишавӣ мусоидат намоянд.

## Дастёбӣ ба интиқоли иттилоот

Ҷаҳонишавӣ боис мешавад, ки дастёбӣ ба иттилоот осонтар гардад. Равшан аст, ки дар чунин шароите ҳаҷму мизони иттилоот низ афзоиш меёбад.

Технологияҳои иртиботӣ, монанди Интернет, ки дар тамоми гӯшаҳои дунё қобили дастрасӣ мегарданд, боис мешаванд, ки шумораи бештаре аз одамон аз ин фановариҳо истифода кунанд ва насли имрӯз нисбат ба наслҳои пешин иттилооти беҳтаре дошта бошад.

## Афзоиши ҳамкорӣ

Табдили дунё ба як дунёи кӯчактар, аз роҳи ҷаҳонишавӣ, боиси афзоиши ҳамкорӣ байни кишварҳо ва сулҳи пойдортар дар байни онҳо мегардад. Аз он ҷо, ки дар ин раванд кишварҳо беш аз қабл нисбат ба ҳамдигар ошноиву иттилоот пайдо мекунанд,

бештар ба якдигар вобаста мешаванд ва ба мизони бештаре ба ҳам эътимод менамоянд, ки ин мавзӯъ барои анҷоми корҳои тиҷоратӣ, монанди содироту воридоти мол ва хизматрасониҳо, муфид хоҳад буд ва ба ҳамин далел эҳтимоли ихтилофҳо ва даргириҳо ба ҳадди қобили мулоҳизае коҳиш меёбад. Ин навъ ҳамкорӣ ҳамчунин боиси рақобати муфид байни кишварҳо мегардад. Бадеҳист, ки тиҷорати байналмилалӣ тавлиди маҳсулоти аълосифатеро, ки тавонад бо маҳсулоти якхелаи дигар тавлидкунандагон рақобат намояд, имконпазир мегардонад.

## Ҳифзи ҳуқуқи ақаллиятҳо

Гумон меравад, ки бо бештар ба якдигар наздик шудани кишварҳо ва ягонагии нисбии ҷомеаи ҷаҳонӣ гуногунрангии фарҳангӣ беш аз пеш имкони буруз пайдо мекунад. Дар ин ҳолат тафовутҳои нажодӣ, қавмӣ ва мазҳабӣ он қадар зиёд хоҳанд шуд, ки чорае, ҷуз расмият бахшидан ба ҳамаи онҳо, вуҷуд надорад. Дар чунин фазое ҳамаи ақаллиятҳо метавонанд аз ҳуқуқи худ дифоъ кунанд. Шабакаи Интернет дар айни ҳол, **ки афзори густариши арзишҳои ғарбӣ аст,** метавонад бунёдгароёни мазҳабиро низ дар саросари олам ба якдигар пайванд диҳад ва василае барои тарғибу ташвиқи инсониву динӣ бошад. Бо пешрафти ҷаҳонишавӣ диктаторҳо ва режимҳои саркӯбгар маҷоли боқӣ мондан дар сари қудрат ва пӯшондани зишткориҳои худро надоранд. Зеро поймол кардани ҳуқуқи ақаллиятҳо дар расонаҳои оммавии ҷаҳон ба таври васее бозтоб хоҳад шуд.

Ин асари мусбати ҷаҳонишавӣ дар сурате ба ҳақиқат мепайвандад, ки ду омили зер ба иҷро расад:

1. Фановарии иртиботот дар инҳисори кишварҳо ва гурӯҳҳои хос набошад ва имкониятҳои истифода аз он ба гунаи яксон байни кишварҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии гуногун тақсим гарданд.

2. Ақаллиятҳо тавонанд дар баробари сели бузурги **яксонсозии фарҳангии Ғарб** муқовимат кунанд ва бар асари буҳрони ҳувият ё табоҳии фарҳангӣ фурӯпошӣ нашаванд. Мутаассифона, **муҳол аст,** ки ин ду шарти зикргардида ба осонӣ даст диҳад.

## Таъсири манфии ҷаҳонишавӣ

Ҷаҳонишавӣ осори манфии **бисёре** низ дорад, ки мӯҷиби мухолифатҳои зиёде дар саросари ҷаҳон, дар миёни сиёсатмадорон, иқтисоддонон ва донишмандони илмҳои иҷтимоӣ шудааст ва **тақрибан тамоми ҷомеаҳо фарҳанги худро аз ҳуҷуми ҷаҳонишавӣ дар маърази хатар мебинанд.**

Доманаи мушкилоти дар раванди ҷаҳонишавӣ эҷодшуда ба таври густурдае мавриди баррасӣ воқеъ шудааст, вале **барои ҳаллу фасл ва роҳу равиши пешгирии таъсири харобиовари ин раванд пешниҳодҳои хеле кам ироя гаштаанд.**

Бисёре аз афрод, ки бо ин таҳаввулоти рӯзафзун рӯ ба рӯ шудаанд, дар бораиояндае, ки андешамандони мухталиф «фарҳанги ваҳшат» ё «ҷомеаи дар маърази хатар» меноманд, нигарон ва беэътимод ҳастанд. Аз назари ҷомеашиноси барҷастаи муосири англис Энтони Гидденс, ҷаҳонишавӣ «ҷаҳоне аз ба-

рандагон ва бозанандагонро эҷод мекунад. Иддае бо суръат ба сӯи саодат пеш мераванд ва аксарият низ маҳкум ба зиндагии фалокатбор ва навмедонае ҳастанд». Аз ин рӯ, вай **ҷаҳонишавиро шеваи нави ғорати ҷаҳон мешуморад**. Гидденс бо иқтибосгирии иборае аз Эдмунд Лич – яке аз назарияпардозони инсоншиносии иҷтимоии Британия – бар ин назар аст, ки ҷаҳонишавӣ дар ҳоли эҷод намудани як «ҷаҳони фирорӣ аст». Энтони Гидденс мегӯяд, таҳаввулоти чанд даҳаи охир нишон медиҳад, ки ҳамакнун давроні ҳамон ҷаҳони фирорӣ фаро расидааст: «Ҳадди ақал дар ҳоли ҳозир дар назми ҷаҳонӣ ваҳдати ақидаву иродаи инсонӣ вуҷуд надорад. Баръакс, дар назми ҳозираи ҷаҳон бештар ошуфтагиву ҳарҷу марҷ ба назар мерасанд».

## Хароб шудани муҳити зист

Бояд иқрор шуд, ки ҷаҳонишавӣ орӣ аз як ҷавҳари ахлоқӣ аст. Берун аз ахлоқ будани ҷаҳонишавӣ ба ин далел аст, ки тамаъ, ғазаб ва ҷаҳл дар асри ҳозир метавонанд бидуни ҳеҷ гуна монеаву боздорандае рушд намоянд. Агарчи ин се вижагии манфӣ ҳамвора бахше аз зиндагии инсонӣ будаанд, вале меъёрҳои суннатии ахлоқу одоб дар ҷомеаҳо пеши роҳи ин рафторҳои зиштро мегирифтанд. Меъёрҳои зикршуда позаҳри ин заҳрҳо буда ва онҳоро метавон дар тамоми меъёрҳои ахлоқии миллатҳои ҷаҳон ёфт. Ҷаҳонишавӣ дар тӯли ним қарни гузашта пайомадҳои моддӣ ва низ ахлоқии зиёдеро эҷод кардааст. Шояд, муҳимтар аз ҳама, саноатӣ шудан ва истеъмолгароии

беҳадду ҳаср гармшавии ҷаҳониро мӯҷиб шудаанд. Зиёд ба амал омадани тӯфонҳову бодҳо, гармои бесобиқа, боронҳои тунду хушксолиҳои шадид ва босуръат об шудани пиряххои табиӣ нишонаҳое аз ин мушкилҳои физоянда мебошанд.

Илова бар ин, тамоми кишварҳои ҷаҳон роҳу равиши кишварҳои ғарбиро дар пай гирифтаанд ва ғӯлҳои саноатии осиёӣ, монанди Чин, бештар алоқаманд ҳастанд, то, ба ҷои муҳофизати муҳити зист, ба бахше аз иқтисоди ҷаҳонишуда табдил гарданд.

### Дар иқтисод

Нобаробарии рӯз ба рӯз физояндаи шароити моддии зиндагии мардум яке аз оқибатҳои номатлуби ҷаҳонишавии иқтисод аст. Ҳар сол ба иллати факр, камбуди ғизо ва дастрасӣ надоштан ба хизмати тиббӣ ҳазорон нафар ба коми марг фурӯ мераванд. **Даромади рӯзонаи як миллиард нафар одамон ҳудуди камтар аз як доллар мебошад, дар сурате, ки андаке бештар аз 350 нафар сарвати молии бештар аз нисфи аҳолии ҷаҳонро дар ихтиёр доранд.**

### Буҳрони давлатҳои миллӣ

Неруҳое, ки мошини ҷаҳонишавиро ба пеш мебаранд, ба таври ошкоро иқтисодҳои миллиро таҳти нуфузи худ қарор додаанд ва барои ба даст гирифтани манбаъҳои даромад бо ҳукуматҳо сари носозгорӣ доранд. Қонунҳо ва меъёрҳои миллӣ андак-андак дар сояи қонунҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ ка-

маҳамият мешаванд. Ҳар ҷо, ки пои созмонҳои фаромиллӣ, монанди Бунёди байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ, мерасад, дастгоҳи қонунгузории кишварҳо вазифаи қонунгузориро бо тарсу ҳарос анҷом медиҳад. Масъулони умури иқтисодии давлатҳо ҳангоми таъсиси буҷа, молиёт ва тақсими даромадҳо тавсияҳои созмонҳои байналмилалиро бояд ба таври ҳатмӣ дар назар дошта бошанд. Барои кишварҳои дар ҳоли тавсеа сиёсатгузорӣ ва иҷрои барномаҳои иқтисодӣ монанди гузаштан аз даҳлези торикест, ки ҷо-ҷои он ханҷарҳо ва олатҳои бурранда гузошта шудаанд. Бесабаб нест, ки дар ду даҳсолаи охир бисёре аз кишварҳои ҷаҳони севвум дар барномарезӣ ва иҷрои он саргашта шудаанд. Дар вазъияти баамаломада давлатҳо, созмонҳо ва ширкатҳои миллӣ ногузиранд ҷойгоҳи худро дубора иваз намоянд.

Ба ақидаи Эрик Хобсбаум, неруҳои фаромиллӣ аз се роҳ давлатҳоро заиф мегардонанд:

**Якум.** Эҷоди иқтисоди фаромиллӣ, ки аксарияти муомилоти он хориҷ аз ҳисобдориҳои давлатҳо сурат мегирад ё ҳатто назораташ берун аз тавони давлатҳост. Ин амр қудрати давлатҳоро дар заминаи идораи иқтисоди миллӣ маҳдуд мекунад.

**Дуввум.** Зуҳури ниҳодҳои минтақавӣ ва ҷаҳоние, монанди Иттиҳоди Аврупо ва муассисаҳои Бунёди байналмилалии асъор, давлатҳоро заиф кардааст. Давлатҳои хурдтар ногузиранд бар ҳайси як бахше аз блоки бузург ба рақобати байналмилалӣ ворид шаванд. Иқтисоди ин гуна давлатҳо гоҳо чунон нотавон аст, ки онҳоро ба қарзҳои бузург бо шартҳои маҳдудкунандаи сиёсӣ вобаста мекунад.

**Севвум.** Бо инқилоби фановарӣ дар арсаи ҳамлу нақл ва иртиботот, то ҳадди зиёде, марзҳои сарзаминӣ феълияти худро аз даст додаанд. Имрӯзҳо бисёре аз мардум озодона дар чанд кишвар зиндагӣ мекунанд ё дар ҳоли рафтуомад байни кишварҳо ҳастанд. Комилан табиист, ки шахсе аз табақаи миёнаҳол дар ду ё чанд кишвар дорои манзил ва соҳиби даромад бошад. Ин амр ба робитаҳои байни муҳоҷирон ва кишварҳои маҳалли зиндагиашон ва низ ба робитаҳои байни муҳоҷирон ва сарзамини ватании онҳо таъсир мегузорад.

## Таъсири фарҳанги ғарбӣ

Пуртаъсиртарин афзор, ки раванди ҷаҳонишавиро шитоб бахшидааст, пешрафтҳоеанд, ки дар саноати иртиботот ва фановарии компютерӣ рӯй додаанд. Сармоядории ҷаҳонӣ ин муваффақиятро доштааст, ки фановариҳои иртиботот ва компютериро дар инҳисори худ нигоҳ дорад. Ҳатто мутаассибтарин душманони Амрико низ ахбору таҳлилҳои тозаи сиёсиву иқтисодиро дар барномаҳои шабакаҳои монанди CNN ҷустуҷӯ мекунанд. Ҷаҳони Ғарб ҳам аз ҷиҳати фановарии иртиботот ва ҳам аз ҷиҳати густурдагии «империя»-и хабариву таблиғотиаш беназир аст. Бидуни шак, онҳо ҳеҷ гоҳ маводу матлабҳоро ба хости рақибони сиёсиву иқтисодии худ таҳияву танзим намекунанд. Моҳвораҳо ва шабакаҳои Интернет ба афзорҳое барои коста кардани иқтидори давлатҳои ҷаҳони севвум ва беасар сохтани барномаҳои радиову телевизионҳои миллӣ табдил шудаанд. Ҳар рӯз, беш аз пеш, Амрико ва Аврупо ба воси-

таи расонаҳои умумӣ ва барномаҳои пурҷозибаашон ҷавонони кишварҳои гуногунро аз фарҳанги миллӣ ва боварҳои мазҳабии ниёгонашон бегона мекунанд.

**Ҳамаи ин фаъолиятҳо барои дамидани рӯҳи сармоядорӣ дар колбади ҷаҳони муосир анҷом мешаванд. Либерализм дар тамоми арсаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таблиғ мешавад, то муқовиматҳое, ки реша дар боварҳои милливу мазҳабӣ доранд, аз миён раванд ва ҷаҳон сурати бозори ягонаро гирад, ки истеъмолкунандагонаш танҳо онро талаб кунанд, ки ширкатҳои бисёрмиллатӣ истеҳсол мекунанд ва барои дастёбӣ ба ин ҳадаф бояд яксонсозии фарҳангӣ дар паҳнои гетӣ бо таблиғи фарҳанги ғарбӣ анҷом шавад.**

Баъзе аз соҳибназарон ва донишмандон ҷаҳонишавии фарҳангро як навъ **«зиндони фарҳангӣ»** таъбир кардаанд. Яке аз ин донишмандон бо номи Ҷорҷ Оруэлл[1] ба шарҳи шеваи ба зиндон табдил кардани фарҳанг пардохтааст ва нишон додааст, ки чӣ тавр метавон аз як фарҳанг барои одамон зиндон сохт. Донишманди дигаре, ки китоби машҳуреро дар ин мавзӯъ дорад, Олдос Хаксли[2] мебошад. Вай фарҳангро ба як пардаи намоиш ва ё театр монанд кардааст, ки ҷанбаи саргармкунанда дорад ва тамошогаронро батадриҷ олудаи худ месозад ва сипас ба табоҳӣ мекашонад.

Ҳамаи мо аз ин нукта огоҳ ҳастем, ки дунёе, ки дар он зиндагӣ мекунем, бо девори зиндонҳои

[1] Ҷорҷ Оруэлл – нависанда ва рӯзноманигори англис
[2] Олдос Хаксли – нависандаи англис

фарҳангии бисёре иҳота шудааст ва сурати зишту нописанде гирифтааст. Дар ин дунё ба сифати афзори тағйирдиҳандаи афкору андеша ба одамон романҳову достонҳову филмҳо пешкаш мегарданд.

Бидуни шак, миллионҳо одамон дар рӯи замин ҳастанд, ки таҳти таъсири ин афзорҳо қарор доранд. Бо ин ҳама, афроде, монанди Оруэлл, ки ба шарҳи табоҳшавии рӯҳиву харобшавии маънавии инсонҳо пардохтааст, кам нест. Зеро иддаи зиёде аз мардуми ҷаҳон ба ҳадафҳои аслии дастандаркорони табоҳкунандаи ахлоқу маънавиёт пай бурдаанд.

Хаксли дар асари маъруфи худ нишон додааст, ки харобкориҳои фарҳангӣ дар асри технологӣ дар бисёр маврид зери ниқобе, ки писханд бар лаб дорад, сурат мегиранд. Дар дунёе, ки Хаксли тасвир мекунад, зиндонбонҳо ва деворҳои зиндон зарурате надоранд. Ҳеҷ ниёзе ба ниҳодҳои назораткунандаи тафаккуру андешаи мардум нест. Зеро ин корҳоро Интернет, моҳвора, телевизион ва дигар афзорҳои таблиғотӣ анҷом медиҳанд.

Ҳама медонем, ки вазъияти фарҳангии ҷомеаи мо дар ҳоли ҳозир то ҳадди зиёде дар дасти шабакаҳои моҳвораӣ ва телевизион қарор дорад. Вақте нигоҳи гузаре ба он, чи дар миёни мардум ва андешаву тафаккуроти он ҷой дорад, меандозем, дармеёбем, ки фарҳангамон бо чӣ зиштиҳое омехта шудааст.

Он чи мушаххас аст, ин аст: вақте аҳли як ҷомеа худро ба дасти ҳавову ҳавас месупорад, вақте маънои ҳаёти фарҳангӣ яксара бо тамошои филмҳову сериалҳои хориҷӣ, намоишҳои шодиофарин ва барномаҳои саргармкунанда маҳдуд мешавад, вақте ис-

теъмолгароиву таҷаммулгароӣ ҷойгузини фарҳанги миллӣ шудаанд, ин маънои онро дорад, ки вазифаи ҳифзу ҳиросати арзишҳои ноби фарҳангӣ ба дасти онҳое афтодааст, ки ниҳодҳои таъсиргузор ба шууру андеша ва шахсияту ҳувияти инсонро ба дастгоҳи таблиғкунандаи зиндагии бебандуборона, хушиву беғамӣ ва беқайдиву бероҳагӣ табдил додаанд.

**Вақте шаҳрвандони боақлу фаросат ба тамошочиёни бехаёл табдил мешаванд ва зиндагии иҷтимоиву фаъолиятҳои дастаҷамъии инсонҳо ба саҳнаҳои театр ё пардаҳои намоиш табдил мешаванд, ин вазъ нишонаи он аст, ки фарҳанги миллӣ дар хатар аст. Ба ин тартиб мумкин аст буҳронҳои шадиде ба вуҷуд биёянд. Буҳронҳое, ки гоҳ-гоҳ ба нобудии тадриҷии арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳанги миллӣ анҷом мешаванд.**

Тамошои беш аз ҳадди хушунат, дуздӣ, нафрат, ишқ, муҳаббат, рифоҳу осоиш аз тариқи шабакаҳои моҳворaӣ метавонад дар вуҷуди бархе аз инсонҳо рӯҳияи хушунатталабиро барангезад ва дар андешаи дигарҳо рӯҳияи таҷаммулгароӣ, масрафзадагӣ, хушгузарониву беқайдиро устувор намояд. Тамошои саҳнаҳои қатли ҳадафмандона ва ғайриҳадафмандона ва ё худкушӣ дар сериалҳои телевизионӣ, намоишҳои зиёде аз зиндагии ашрофмандонаву таҷаммулгароёна, ба ҷуз табоҳии равониву ахлоқӣ, пайомаде надоранд.

## Рушди тариқатгароӣ ва ҷудоиталабии қавмӣ

Ақидае, ки фарҳанги ғолиб дар раванди ҷаҳонгароӣ яксонсоз аст, ҳеҷ гоҳ ба маънои ин нест, ки ин-

сонҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки бо якдигар ҷидолу кашмакаше намекунанд. **Яксонсозӣ одамҳои худхоҳ, манфиатҷӯ ва бегузаштро ба бор меоварад, ки танҳо ба зиндагии хуши худашон ва гурӯҳашон фикр мекунанд. Ин худмеҳварӣ бо ормони ҷаҳонгароӣ носозгор аст.** Ба назар мерасад рушди миллатгароӣ ва даъвоҳои бартарии қавмӣ, ки раванди ҷаҳонишавиро ба чолиш мекашанд, реша дар ҳамин амр доштаанд. Ҷудоиталабии аҳолии Баск дар Испания, Ситсилия ва Венетсия дар Италия, Квебек дар Канада ва ҳатто Шотландия дар Британия нишонаи он аст, ки ҳатто кишварҳои босубот низ аз ин пайомад бенасиб нестанд. Қавмҳое, ки алорағми андешаҳои нажодпарастии гузашта дар канори ҳам мезистанд, акнун ангезае намебинанд, ки ҳосили заҳмати худро бо дигарон тақсим кунанд. Аз ин рӯ, ҷаҳонишавӣ ба ҳама фаҳмондааст, ки ҳар кас бояд мисли анкабут танҳо тори худро танад.

# ҶОМЕАИ ИСТЕЪМОЛГАРО ВА АХЛОҚ

Истилоҳи **«ҷомеаи истеъмолгаро»** ба ҷомеае гуфта мешавад, ки дар он истеъмол ба ҳадде расидааст, ки метавонад назми иҷтимоиро ҳам дар сатҳи муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳам дар сатҳи сохторҳои иҷтимоӣ шакл диҳад ва муайян созад.

**Истеъмолгаро номидани ҷомеае дар дунёи муосир интиқоди ҷиддие ба ҳисоб меравад.** Албатта, ин ба он маъно нест, ки дар ҷомеаҳои дигар истеъмол вуҷуд надорад. Зеро ҳар ҷомеае барои солим нигоҳ доштани набзи зиндагӣ ногузир аст истеҳсоли молу маҳсулотро ба роҳ монад ва ниёзи шаҳрвандонро ба маводи ғизоӣ, сару либос ва дигар молу колои мавриди ниёз қонеъ гардонад. **Бино бар ин, ҷомеаи истеъмолгаро ҷомеаест, ки дар он шиори асосии идеологияи ғайриахлоқии «ба ҳар қимате сарват ҷамъ кардан» ҷойгоҳи устувор пайдо намудааст ва ақаллияти сарватманд аксарияти миёнаҳолу фақирро ба доми таблиғоти фиребову ҷаззобаш афтондааст.**

Харҷу сарфи беш аз ҳад ва беҳуда ҷузъи ҷудоинопазири ҷомеаи истеъмолгаро аст, ки пурсишҳои ахлоқии муҳимеро боис мегардад. Ин пурсишҳо на танҳо ба ахлоқиёти худи харҷу сарфи беш аз ҳад марбутанд, балки ҷомеаи истеъмолгароро низ дар бар мегиранд. **Ҷомеаи истеъмолгаро ҷомеае нест, ки дар он истеъмол ба хотири бақои зиндагӣ бошад,**

**балки ҷомеаест, ки дар он зиндагӣ ба хотири истеъмол аст.** Шиори ин ҷомеа «зиндагӣ барои бениёз шудан аз ниёзҳо» мебошад. Бисёре аз кишварҳо, махсусан дар Ғарб ва баъзан дар Шарқ, ҷомеаҳои истеъмолгаро доранд. Нишонаҳои вижаи чунин ҷомеае таблиғоти густурда барои мол, истеҳсоли молҳои зудхаробшаванда, тавлиди асбобу анҷоми пастсифати рӯзгор ва таблиғоти доимиву исроркорона ба манзури ташвиқи мардум барои зиёд харидорӣ кардан мебошанд.

Насли имрӯз мумкин аст бар ин тасаввур бошад, ки ҷомеа ҳамеша ба ҳамин шакл будааст. Воқеият ин аст, ки аз замони пайдоиши ҷомеаи истеъмолгаро вақти нисбатан бисёре нагузаштааст. Пеш аз инқилоби саноатӣ истеҳсолу истеъмол дар ду бахши мустақил сурат мегирифтанд. Масалан, одамоне, ки бо кишоварзӣ машғул буданд, хонаи худро худашон месохтанд, хӯрду хӯроки худро аз киштукори худашон таъмин мекарданд, ҳезумро худашон ҷамъ менамуданд ва пӯшокро низ худашон мересиданд, мебофтанд ва медӯхтанд. Ҳанӯз ҳам бунёди иқтисодӣ дар бархе аз кишварҳо бар ҳамин минвол аст. Аммо ҳар куҷо, ки пои инқилоби саноатӣ расидааст, робитаи миёни истеҳсол ва истеъмол дигаргун шудааст. Тафовути асосӣ ин аст, ки акнун истеҳсол беш аз ниёзи истеъмолкунандагон мебошад.

Баъзе аз истеҳсолот низ истеъмолкунандаи табиӣ надорад ва ба зӯри таблиғ дар миёни мардум ниёзи дурӯғин эҷод мекунад. Корхонаҳо кӯшиш мекунанд, ки одати истеъмоли ҷомеаро бо таблиғот тағйир диҳанд, то мардум худро фақат ба хариди

чизҳои барои зиндагиашон зарур маҳдуд накунад. Одамон ташвиқ мешаванд, ки молҳоеро бихаранд ва пулашро баъдан пардохт намоянд ё колоҳоеро бихаранд, ки танҳо ҷанбаи намоишӣ доранд ва қонеъкунандаи хоҳишҳои яклаҳзаинаву зудгузари ҳаяҷонӣ ҳастанд. Таблиғгарон мегӯянд: «Агар ин колоро бихаред, вориди чунин дунёе хоҳед шуд ё аз чунин маҳбубияте бархӯрдор хоҳед гашт ё ба чунин лаззатҳое даст хоҳед ёфт». Ба ин тартиб, ҳар рӯз миллионҳо молу маҳсулоти ғайризарурӣ равонаи бозор мешаванд, ба мардум дода мешаванд ва онҳоро ба қарз ғӯтавар мекунанд.

Масъалаи ҷомеаи истеъмолгаро бар ин меҳвар мечархад, ки чӣ касе ва чӣ чизеро ба қиблаи парастиш табдил диҳад. Қарздоршавӣ аломати беморӣ аст, на худи беморӣ. Бемории аслӣ парастиши ҳар кас ва ҳар чиз аст. **Дар ҷомеаи истеъмолгаро молу колоро ба мартабаи мавҷуди муъҷизакоре баровардаанд, ки метавонад тамоми ниёзҳои инсонро бартараф созад.** Одамон даъват мешаванд, ки ба фурӯшгоҳҳо ба парастиши молу коло шитоб намоянд. Китобҳои номгӯи чизу ашёи фурӯшӣ низ барои ҷомеаи истеъмолгаро ҳукми китобҳои муқаддасро гирифтаанд.

Ҷомеаи истеъмолгаро доимо дар ҳоли шитоб аст, – «агар ҳоло нахаред, баъдан дер мешавад». Аммо инсони дорои ахлоқи дуруст майл ба лаззатҳои яклаҳзаина надорад ва шикебоиро пеша мекунад.

Ҷомеаи истеъмолгаро ба зебоии зоҳирӣ дилхуш аст ва одамони хушахлоқу андешаманд ба зебоии ботинӣ.

Ҷомеаи истеъмолгаро робитаи ҷинсиро барои лаззатҷӯӣ мебинад. Аммо афроди боахлоқ онро як кирдори маҳрамонаву хусусӣ ва ҷузъи муносибатҳои заношӯӣ дарёфт менамояд.

Ҷомеаи истеъмолгаро ишқро тарғиб мекунад, ишқи аз аввалин нигоҳ ва ишқи бидуни дарду ранҷро. Аммо меъёрҳои ахлоқи солим оила ва фидокориву бурдбориву садоқатро илқо менамоянд.

Таваҷҷуҳи ҷомеаи истеъмолгаро ба муваффақиятҳои фардӣ нигаронида шудааст, аммо ҷомеаи ахлоқгаро хоҳони саодати ҳамаи афрод мебошад.

Ҷомеаи истеъмолгаро бештар тарғиб мекунад, ки фалон чиз ё мол метавонад шуморо ба дунёи зебои хаёлӣ барад. Ва ин гуна таъкидҳо таблиғу ташвиқ намудани инсон ба гурез аз воқеият ва аз хештан ва даъват кардан ба худхоҳиву бемасъулиятианд. Дар сурате, ки ҷавҳари ахлоқи солим хидмат ба дигарон аст.

Ҷомеаи истеъмолгаро ҳеҷ гоҳ чизеро кофӣ намедонад. Аммо инсонҳои ахлоқгаро бо буда қаноат ва ба набуда сабр мекунанд.

Асоси ҷомеаи истеъмолгаро қарздор кардани афрод аст. Аммо меъёрҳои ахлоқии бисёре аз миллатҳои ҷаҳон одамонро ба парҳезгорӣ аз қарздорӣ даъват мекунанд. Масалан, дар бахше аз «Авасто» омадааст, ки «ҳеҷ гоҳ кас набояд худро қарздор кунад. Бо қарздор шудан мо монанди дуздон мешавем». Зеро ориёиён ҳеҷ чизро ба қадри дурӯғ мӯҷиби шармсорӣ намедонистаанд ва, баъд аз дурӯғ, қарз гирифтанро шармандагӣ ҳисоб мекардаанд ва мегуфтаанд: «он кас, ки қарз дорад, дурӯғ ҳам мегӯяд».

Дар раҳо шудан аз одатҳои ғайриахлоқии истеъмолгарой ин нуктаи содаро бояд дар назар дошт, ки одамоне, ки ба зери бори истеъмолгарой рафтаанд, фақат худашон метавонанд ин шароитро тағйир диҳанд. Ва дар ин маврид ин пурсиш мусаллам аст: барои онҳое, ки тарғибу ташвиқи истеъмолгарой ба ин андоза таъсиргузор будааст, ки сарфу харҷи беҳуда мекунанд ва китф зери бори миёншикани қарздоршавӣ мениҳанд, чаро меъёрҳои ахлоқӣ коргар нестанд? Посух ба чунин пурсиши мантиқӣ ин аст, ки ниҳодҳои иҷтимоӣ – падару модар, хонавода, мактабу донишгоҳ ва дигар муассисаву созмонҳое, ки вазифаи асосиашон таълиму тарбия дар рӯҳияи ахлоқу одоби миллӣ аст, – ҳанӯз дар саҳнаи мубориза барои таъсиргузории бештар ба рӯҳу равони инсонҳо сабқатро ба пайравони идеологияи ғайриахлоқӣ мебозанд. Ва ҳақиқат будани ин натиҷагирӣ дар он зоҳир мегардад, ки **барои бисёре аз ҳамватанони мо истеъмолгарой ба як навъ ифтихор табдил шудааст**.

Чаро чунин шудааст ва чаро истеъмолгарой барои бархе мояи ифтихор гаштааст? Барои ба ин саволи калидӣ ҷавоби дурусте додан бояд нахуст ба ин нукта ишора кард, ки далелҳои гуногуне дар робита бо густариши истеъмолгарой вуҷуд доранд. Далелҳое, ки бархе аз онҳо, ба қавли донишмандон, зербиной буда, танҳо боиси ривоҷи истеъмолгарой намегарданд, балки мӯҷиби мушкилоти зиёди дигаре ҳам ҳастанд.

Далелҳои ривоҷи истеъмолгарой – чи дар дигар ҷомеаҳо ва чи дар кишвари мо – ба ду даста ҷудо мешаванд. Якум, далели зербиной, дуввум, далели ангезанда.

Далели аввалин, яъне далели зербиноӣ, аз костагиҳо дар фароянди тарбияи ахлоқӣ ба зуҳур мепайвандад. Ба маънии дигар, нокифоя будани тарбияи афрод дар рӯҳияи арзишҳои ахлоқӣ боис мешавад, ки ҷои меъёрҳои ахлоқиро таблиғу ташвиқи густурдаи тарзи зиндагии муосир гирад ва дар шуури пайравони он эҳсоси ифтихор аз пайваст будан ба «тамаддуни муосир»-ро ба вуҷуд оварад. Яъне одамони гирифторшуда ба «беморӣ»-и истеъмолгароӣ худноогоҳона чунин мепиндоранд, ки рафтору кирдорашон дархӯри замон аст ва аз ин ифтихор меварзанд.

Ҳамон гуна ки медонем, байни «тарбия кардан» ва «тарбия шудан»-и инсон тафовути бузурге вуҷуд дорад. Ва ин тафовут ба ду равиши мухталиф, аммо мавҷуд дар фароянди тарбия, ишора дорад. Дар «тарбия кардан» мурод ин аст, ки фард ба василаи омилҳои берунӣ ба дарки амиқи арзишҳо ва зиддиарзишҳо даст меёбад ва худро маҷбур ба риояи онҳо мекунад. Ин равишро – ҳамчун маъмултарин равиши тарбиявии шинохташуда – ниҳодҳои омӯзишӣ, мисли мактаб, донишгоҳ ва расонаҳо, ба кор мегиранд.

Аммо дар «тарбия шудан» худи фард даст ба тарбияи хеш мезанад. Яъне фард пас аз расидан ба дарки ин, ки бояд фикре ба ҳолу афкору эҳсосоту кирдораш кунад, бо интихоби равишҳои хосе саъй мекунад худашро тағйир диҳад ва рафторашро беҳтару хубтар созад.

Аммо ин ҳарфҳо чӣ робитае ба истеъмолгароӣ доранд? Яъне байни «тарбия шудан» ва «тарбия кардан» ва густариши истеъмолгароӣ дар ҷомеа чӣ иртиботе ҳаст? Дар ҷавоб бояд гуфт, ки ҳар гуна

рафтор ва гироиши фикриву эҳсосӣ, ки дар ҳар фард ё иҷтимоъ мебинем, бидуни шак, ба сохтмони шахсиятии он фард ё иҷтимоъ вобастагӣ дорад ва андешаву кирдори ҳар кас зодаи шахсияти вай аст. Барои мисол, вақте касе дорои рафтори истеъмолгароёна аст, ин нишондиҳандаи табоҳии шахсиятии вай мебошад. Ин табоҳии шахсиятӣ баёнкунандаи он аст, ки фард ё дуруст тарбия нашудааст ва ё натавонистааст худашро дуруст тарбия кунад.

Вақте дар як ҷомеаи фарҳангӣ шоҳиди ин ҳастем, ки рафторҳои ғайрифарҳангӣ, монанди истеъмолгароӣ, рух менамоянд, пеши худ меандешем, ки ниҳодҳои тарбиявии мо кори вижаи худро дар парваридани афрод дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида дуруст анҷом намедиҳанд. Масалан, оё дар миёни китобҳои дарсии мактабиён дастуре ҳаст, ки шогирдонро ба парҳез кардан аз одатҳои зишти дунёи муосир, аз ҷумла ба худдорӣ аз харҷу сарфи беҳуда, ташвиқ кунад? Оё дар сафҳаи телевизион барномае дидаем, ки аз таъсирҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ ва падидаи истеъмолгароӣ сухан ба миён оварда бошад? Оё дар донишгоҳҳои мо, ки моҳиятан дастгоҳи сохтани шахсият мебошанд, дар вуҷуди донишомӯзон фарҳанги сарфакориву қаноатмандиро ниҳодина месозанд?...

Бар ивази ин, расонаҳо – чи рӯзномаву ҳафтанома ва чи радиову телевизион – ба ҷои он ки мардумро ба сарфаҷӯӣ ва бамавриду муносиб харҷ кардан ташвиқ кунанд, ба харҷи беш аз ҳад ва хариди молу масолеҳи гаронқимат фаро мехонанд ва дар амри риводи истеъмолгароӣ амалан ҳамдасти моҳвораҳо ва сайтҳои хориҷӣ мебошанд.

Хулоса, ҳақиқати талх ин аст, ки инсон имрӯз дар пеши молу матои истеъмолӣ оҷиз шудааст ва таҳти таъсири гипнози таблиғоти масрафгароӣ нохудогоҳона хешро ба мағозаву фурӯшгоҳҳо мезанад. **Инсони истеъмолгаро ба ҳадде расидааст, ки худ ба витрина табдил гаштааст.**

**Бо ин ҳол, истеъмолгароӣ реша дар сохтори иҷтимоии ҷомеа дорад** ва наметавон фақат яке аз ниҳодҳои иҷтимоиеро, монанди оила, мактаб ё расона, масъули чунин вазъият дарёфт намуд. Бино бар ин, ҳеҷ як аз ин ниҳодҳо дар алоҳидагӣ наметавонанд нуқтаи оғоз барои ислоҳи рафторҳои истеъмолгароӣ бошанд, балки танҳо дар ҳамкориву ҳамқадамии ҳамаи сохторҳо ва коркардҳои иҷтимоӣ ва бо ба кор гирифтани равишҳои ахлоқӣ метавон гиреҳи мушкилоти истеъмолгароиро боз кард.

# ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ИНҚИЛОБИ ФАНОВАРӢ ДАР ЭҶОДИ ЧОЛИШҲОИ ФАРҲАНГӢ

Ҷаҳонишавӣ савор ба аспи низоми сармоядорӣ – пас аз фурӯпошии сотсиализм – бо суръати ҳарчи тамомтар паҳнои ҷаҳонро мепаймояд. Аз он замон то кунун дар раванди ҷаҳонишавӣ тавсеаи консорсиумҳои бузурги саноатии Ғарб, бонкҳо ва бозорҳои молӣ бо суръати рӯзафзуне идома дорад. Ҳарчанд ки бисёре аз кишварҳои дунё ба ҷаҳонишавӣ назари хубе надоранд, қарору тасмимҳое, ки роҳбарон ва раисони бузургу соҳибқудрат дар бузургшаҳрҳо қабул мекунанд, ҳатто дар дурафтодатарин нуқтаҳои Осиё, Африқо ва Амрикои ҷанубӣ таъсир мегузоранд.

Аммо ин ки чаро аксари кишварҳо бо он мухолифанд, посухи ин пурсиш низ бо таваҷҷуҳ ба он чи, ки дар маънои ҷаҳонишавӣ дар саҳифаҳои пеш баён шуд, равшан мегардад. **Яке аз ҳадафҳои асосии ҷаҳонишавӣ ҳуҷуми фарҳангӣ ба кишварҳои заиф ва дар ҳоли рушд ва нуфузи фарҳангиву иқтисодӣ бар онҳост, ки боварҳо ва эътиқодҳо ва фарҳангҳои бумиро дар бар доранд. Ба ин сабаб аст, ки бисёре аз равшанфикрони ҷаҳон бар ин боваранд, ки ҷаҳонишавӣ бо амрикоӣ шудан дар ҳам танида шудааст ва дар ин раванд ҳувияти фикриву фарҳангии миллатҳои кӯчак ба хатар меафтад.**

Дар воқеъ ҷаҳонишавӣ иқдоми амалии назарияи ҷанги тамаддунҳои Сэмюэл Хантингтон[3] аст, ки ӯ тамаддуну фарҳанги Ғарбро **ягона** тамаддуни ҳақиқӣ меҳисобад ва хоҳони пирӯзии **бечунучарои** он бар дигар тамаддунҳост. Хантингтон **вижагиҳои** тамаддуни Ғарбро дар таҳаммулгароӣ, озодбаёнӣ, инсонӣ будан мебинад ва дигар тамаддунҳоро дар ҳалли мушкилоти башарият баставу ноком ва худраъю худсар муаррифӣ мекунад. Ин ҷомеашинос, ки тамаддуни Ғарбро мероси Юнон, католитсизму протестантизм, Ренессанс,ислоҳоти зидди Ренессанс ва забонҳои аврупоӣ медонад, натиҷа мегирад, ки ин тамаддун арзишҳоеро, аз ҷумлаи ҳокимияти қонун, озодибаёнии иҷтимоӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи башар, доро мебошад, ки дар дигар тамаддунҳо аз ин арзишҳо хабаре нест.

Бидуни шак, таъсиргузортарин воситаи интиқоли арзишҳои тамаддуни ғайр ва ба мағзҳо ҷо намудани онҳо Интернет ва шабакаҳои моҳвораӣ ва муносибтарин ниҳоде, ки бо осеб расондан ба он дар бархӯрди тамаддунҳо метавон бештар ва пештар ба пирӯзӣ расид, **оила** мебошад. Ба ҳамин далел аст, ки осебрасонии шабакаҳои моҳвораӣ ва интернетӣ бар низоми оила дар **маркази диққати** идеологҳои раванди ҷаҳоникунӣ қарор гирифтааст.

Бо он ки нуфузи моҳвора ва шабакаи Интернет мушкилоти фарҳангиву иҷтимоии бисёре дар байни оилаҳои кишварҳои дар ҳоли рушд падид овардааст, мутаассифона, таҳқиқоти илмии ҳамаҷонибаву

[3] Сэмюэл Филлипс Хантингтон – ҷомеашинос ва донишманди илмҳои сиёсӣ, муаллифи консепсияи бархӯрди тамаддунҳо.

дақиқе дар ин замина сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, дар ин навишта, ки аз пайомадҳои манфии Интернет, моҳвора ва дигар расонаҳо ба арзишҳои фарҳангӣ, **пеш аз ҳама ба арзишҳои оилавӣ,** сухан меравад, усулан намешавад дар атрофи тамоми ҷанбаҳои масъалаи мазкур изҳори назар кард.

## Косташавии пайвандҳои оилавӣ

Бисёре аз наврасон ва ҷавонон ба далели истифодаи зиёди Интернет, тамошои беш аз ҳад ва бидуни назорати барномаҳои моҳвораӣ гирифтори хурофотпарастӣ, коҳиш ёфтани эътиқодот ва, аз ҳама муҳимтар, бебандуборӣ гардидаанд, ки ҳамаи инҳо, дар маҷмӯъ, бо коста шудани ҳувияти шахсияти онҳо анҷом мегиранд.

Дар ҷаҳони имрӯз пешрафти технологӣ дар заминаи иртиботот боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои иртиботии зиёде дар саросари ҷаҳон шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба рушду густариши расонаҳои иртиботи оммавӣ ва истифодаи рӯзафзун аз ин фановариҳои муосир, бавижа шабакаҳои моҳвораӣ, унсурҳои фарҳангии наве дар миёни хонаводаҳо ва ҳарими хусусии онҳо ворид гаштаанд, ки боиси пайдоиши рафторҳо, нигаришҳо ва боварҳои гуногуне дар миёни онҳо шудааст. Вобаста ба ин вазъ доштани хонаводаи солим аҳамияти бештаре касб мекунад, зеро хонавода аз бунёдитарин ниҳодҳои ҷомеа ва шарти саломату бақои он аст. Бино бар ин, саломати ҷомеа дар гарави доштани оилаи солиму дорои ахлоқи ҳамида аст.

Дар қарни муосир хонавода дар Машриқзамин ҳанӯз асолату ҳувияти ахлоқии худро то ҳудуде ҳифз кардааст. Дар шароити таҳаввулоти ҷаҳонӣ бо қарор гирифтани хонавода зери ҳуҷуми фарҳанги ғарбӣ, ки расонаҳои навин онро анҷом медиҳанд, албатта, ин ниҳод ба ҳимоят ва қудрати бештаре ниёз дорад, то тавонад ҳувияти худро ҳифз кунад. **Имрӯзҳо хонавода дар Ғарб дар ҳоли фурӯпошӣ аст ва равшантарин далелаш ҳам канор рафтани ахлоқ аз ҳамаи арсаҳои зиндагӣ аст. Кор ба ҷое расидааст, ки издивоҷи ҳамҷинсгароён бар издивоҷи анъанавӣ бартарӣ пайдо намуда, дар ҳуҷҷатҳои барасмиятдаровараҳдаи никоҳ, ба ҷои мафҳумҳои «шавҳар» ва «зан», «шарики якум» ва «шарики дуввум» менависанд.**

Издивоҷи ҳамҷинсгароён навъе аз издивоҷ мебошад, ки бар асоси он ду завҷи ҳамҷинс ба сурати қонунӣ вориди зиндагии муштарак мешаванд. То ба имрӯз издивоҷи афроди ҳамҷинс дар 15 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла дар бархе аз штатҳои ИМА, Мексика, ҳамчунин Англия ва Уэлс, вуҷуд дорад. Дар соли гузаштаи 2013 дар чаҳор кишвари ҷаҳон – Бразилия, Фаронса, Уругвай ва Зеландияи Нав – издивоҷи ҳамҷинсгароён қонунӣ карда шуд. Ва дар назар аст, ки дарояндаи наздик лоиҳаи чунин қонунҳо дар Шотландия ва дигар кишварҳо ба тасвиб хоҳад расид.

Воқеият ин аст, ки хонавода ҳам аз назари сохторӣ дигаргун гаштааст ва ҳам аз нигоҳи эътиқодиву арзишӣ – зери таъсири **навгароӣ, дунё-**

**гарой ва динзудой** – бо дигаргуниҳои бисёре рӯ ба рӯ шудааст. Технологияҳо ва васоити иртиботи оммавӣ бо ворид шудан ба оилаҳо арзишҳои иҷтимоии хонаводаҳоро таҳти таъсир қарор додаанд ва боиси тағйирот дар андешаву рафтору гуфтори насли ҷавон гардидаанд.

Аз ҷумлаи ин воситаҳо метавон ба шабакаҳои телевизионии моҳворай ишора кард. Замоне шунидан ва тамошо кардан дар ҳар хона ба таври якҷоя сурат мегирифт, дар ҳоле ки акнун шунидану дидани расонаҳо инфиродӣ шудааст ва истифодаи ҳамзамон аз якчанд расонаҳои гуногун ба меъёрҳои зиндагии хонаводагӣ табдил шудааст. Васоити иртиботи оммавӣ фосилаҳоро нопадид месозад ва девори байни инсонҳоро низ то ҳудуди зиёде шаффофтар мегардонад. Бино бар ин, чӣ гуна метавон тасаввур кард, ки ин воситаҳо ба ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила, таъсир нарасонанд?

Бисёре аз коршиносон муътақиданд, ки пешрафтҳои технологӣ дар ҷомеа ба ҷои ин, ки ба озодии инсон ва ҳукмронии ӯ ба табиат анҷом шаванд, ба воситаи баҳраи бештаре бурдан аз инсонҳо табдил шудаанд. **Инсон дорои як ҷанба, ҷанбаи мошинӣ шудааст ва дигар ҷанбаҳои шахсияти ӯ аз байн рафтаанд.** Ахлоқ, забон, фарҳанг, ҳунар, эҳсос – ҳама – таҳти ҳукумату таъсири технология қарор гирифтаанд ва дар натиҷа дар ҷомеа **тафаккури яксоҳавӣ** ба вуҷуд омада, ҳуқуқу озодиҳои фардӣ маънои анъанавиашонро гум карда, ҷои худро ба **фарҳанги моддӣ** супурдаанд.

Донистани ин, ки мо дар истифода аз воситаҳои иртиботи оммавӣ дар чӣ вазъияте қарор дорем, аҳамияти вижа дорад. Чаро ки инқилоби технологии иттилоот, ки муҳимтарин омили ба вуҷуд овардани тағйирот ба ҳисоб меравад, ҳокимон ва маҳкумони худро дорад. Расонаҳои фаромиллӣ, ки аз дидгоҳи бисёре аз андешамандону коргузорон, **афзори асосии фароянди ҷаҳоникунӣ** ба шумор меравand, омили аслии пешкаш намудани фарҳанги ҷаҳонӣ маҳсуб мешаванд. **Фарҳанге, ки дар он моддагароӣ, истеъмолгароӣ, сервисҳои саргармкунандаву авомписанд, секс ва хушунати ифротӣ талқин мешаванд.**

Ба эътиқоди баъзе аз назарияпардозон, маҳз ҳамин омилҳову арзишҳо ба суботу ҳамбастагии рукнҳои **хонаводаи суннатӣ ва издивоҷи анъанавӣ** ба таври ҷиддӣ таҳдид мекунанд. Ин назарияпардозон омори дар ҳоли афзоиши пошхӯрии иттиҳоди заношӯӣ ва фарзандони таваллудшуда аз издивоҷҳои ғайрирасмиро дар кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ, ки марҳалаҳои зиёди ҷаҳонишавиро тай кардаанд, далели маҳкаме бар тасдиқи иддаои хеш медонанд.

Густариши расонаҳои оммавӣ, бавижа расонаҳои намоишӣ ва барномаҳои шабакаҳои моҳвораӣ, ба бесуботии оилаҳо доман задааст. **Нахустин мушкиле, ки ин расонаҳо дар хонаводаҳо эҷод мекунанд, тарғиби истиқлоли фардӣ ва гӯшагирӣ дар оила аст.** Метавон гуфт, ки моҳвора яке аз расонаҳои бисёр таъсиргузор дар дунёи имрӯз аст, ки ба дунболи афзоиши инқилоби саноатӣ ва воруди технологияҳо бунёди хонаводаҳоро дучори осеб кардааст.

## Баррасии назарияҳои ҷомеашинохтӣ дар бораи гироиши хонаводаҳо ба шабакаҳои моҳворай

Аъзои хонавода иттилогирандагоне ҳастанд, ки дар маърази паёмҳои расонаҳои оммавӣ қарор доранд. Иттилогирандагон бахши асосии фароядҳои марбут ба иртиботи оммавӣ мебошанд, ки паёмҳои пахшуда дар расонаҳоро дарёфт мекунанд ё дарёфт кардаанд. Дар натиҷа иттилогирандагон гурӯҳе ҳастанд, ки дар фароянди иртиботи оммавӣ иштирок мекунанд, аммо маъмулан ба мазмуну муҳтавои паёмҳо наметавонанд таъсир расонанд.

Имрӯзҳо моҳвораҳо ва барномаҳое, ки аз ин шабакаҳо пахш мешаванд, воқеиятҳоро, он тавре ки бояду шояд, ба тасвир намекашанд ва гоҳе бунгоҳҳои истеъморӣ ҳастанд, ки масъалаҳоро кӯчаку бузург мекунанд ва ба афрод маҷоли тааммулу тафаккур намедиҳанд. Зеро робита миёни моҳвора ва иттилогиранда робитаи яксӯя аст ва дар ин фароянди паёмрасонӣ таъйини навъи паёмҳо ва огоҳиҳо дар ихтиёри фиристанда аст ва гирандаи паём ба гунаи хунсо ва ғайрифаъол онро дарёфт мекунад. Аз нигоҳи устоди Донишгоҳи Амстердам Дэнис Маккуэйл низ, мафҳуми анъанавии иттилоъгиранда аз байн рафтааст ва ҷои онро маҷмӯаҳои бешуморе аз истеъмолкунандагони навъҳои номаҳдуди хидматҳои иттилоӣ гирифтаанд. Мафҳуми расонаи оммавӣ дигар коргузории собиқашро надорад.

Дар ин миён яке аз вазифаҳои расонаи миллӣ моделсозӣ барои рафторҳо ва одатҳои арзишӣ ва

фарҳангии ҷомеа аст. Барои ин манзур расонаи миллӣ бояд – зимни пахши матлабе аз ахлоқи миллӣ – иттилоъгирандагонро ба тафаккур, жарфандешӣ ва хирадварзӣ даъват кунад ва барои боло бурдани сатҳи тафаккури онҳо заминаи парвариши фарҳанги пӯёи миллиро фароҳам созад.

Агар дар гузашта анъана, ирсият, муҳит ва хонавода омилҳои асосии шаклгирии шахсият ва таълиму тарбияи фард ба ҳисоб меомаданд, имрӯз бо таваҷҷуҳ ба густурдагӣ ва таъсиргузории воситаҳои иртиботи оммавӣ ба афроди ҷомеа метавон омили дигарро ба ин маҷмӯа афзуд, яъне омили радио ва телевизионро.

## Назарияи ҷорӣ шудан

Назарияи ҷорӣ шудан – ҳамчун яке аз пуркорбурдтарин назарияҳои марбут ба таъсири расонаҳои иртиботи оммавӣ – беҳтар аз ҳар назарияе таъсири технологияҳои расонаиро бар ҷомеа ва таҳаввулоти ононро нишон медиҳад. Ин назария маҳсули фаъолияти пажӯҳишии ду даҳсолаи гурӯҳе бо сарпарастии назарияпардози амрикоии иртиботот Ҷорҷ Гербнер аст, ки доир ба воситаҳои иртиботи оммавӣ, дар маҷмӯъ, ва телевизион ба таври хос, анҷом шудааст. Гербнер бар ин бовар аст, ки телевизион, дар миёни расонаҳои замонавӣ, дар зиндагии рӯзмарраи мо чунон ҷойгоҳи меҳварӣ пайдо кардааст, ки намоиш ва паёмҳояш барои дарёфти воқеият ҷои таҷрибаи шахсӣ ва дигар тарзи шинохти ҷаҳонро гирифтаанд.

Гербнер бар асоси мушоҳидаҳои шаҳрвандоне, ки мизони тамошои телевизион дар миёни онҳо зиёд

аст ва муқоисаи онҳо бо афроде, ки камтар телевизион тамошо мекунанд, чунин натиҷа гирифтааст, ки аз назари тамошогарони фаъол, телевизион амалан манбаи иттилоот, афкор ва огоҳиҳоест, ки онҳоро ҷамъоварӣ кардаву дар инҳисори худ қарор додааст. Асари чунин рӯбарӯӣ бо паёмҳои ба якдигар монанд чизеро тавлид мекунад, ки Гербнер онро «ҷорӣ шудан» ё омӯзиши ҷаҳонбинии ҷорӣ ва нақшҳову арзишҳои ҷорӣ номидааст. Аз назари Гербнер, ҷорӣ гаштан ҳангоме рӯй медиҳад, ки тамошои беш аз андоза ба иттифоқи назарҳо дар миёни инсонҳои зиёд анҷом мепазирад. Шиддат пайдо кардани ин вазъият низ замоне рӯй медиҳад, ки асари ҷорӣ шудан дар гурӯҳи хосе аз ҷамъият бештар бошад. Ҳамчунин Гербнер мегӯяд: «Кӯдакони имрӯз дар ҳоле по ба арсаи ҳаёт мегузоранд, ки дар даруни хонавода ба ҳисоби миёна рӯзе 7 соат телевизион тамошо мекунанд. Нахустин қиссаҳои башариро дар бораи мардум, зиндагиву арзишҳо на аз волидайн, мактаб, ибодатгоҳ ва дигар ниҳодҳои ҷомеа, балки аз роҳи заррахое, ки аз дур паёмҳоеро мерасонанд, дарёфт мекунанд».

Ҷомеаи солим бидуни доштани хонаводаҳои солим наметавонад ба вуҷуд ояд ва ҳеҷ як аз осебҳои иҷтимоӣ бидуни таъсир ба хонавода падид наомадаанд. Бино бар ин, метавон аҳамияти пажӯҳишро дар мавриди таъсири фарҳангии моҳвора бар хонаводаҳо пай бурд ва ба он эҳтимом варзид.

Ниҳоди хонавода дар Тоҷикистон дар ду даҳаи ахир дучори дигаргуниҳои зиёде шудааст. Оила дар асри ҷаҳонӣ шудан ба ҳаёти худ идома медиҳад, ар-

зишҳои хонавода, робитаҳои ҷорӣ дар он ва низоми дарунии хонавода дигаргун шудаанд ва инсонҳо бо шаклҳои нав ва дар айни замон гуногуни робитаҳои хонаводагӣ рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Оила аз ҷумлаи ниҳодҳоест, ки дар анъанаҳо, боварҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ реша дорад. Хонавода ҳалқаи пайвасти фарҳанг ва низоми иҷтимоӣ мебошад ва дар воқеъ ниҳодест, ки масъулияти сомон бахшидан ба саломатии ахлоқии ҷомеаро бар уҳда дорад.

Агар хонаводае дучори ошуфтагиву нобасомонӣ бошад ва вазифаю нақши асосии худ, яъне тарбияро аз даст диҳад, фароянди ҷомеапазирӣ ба хубӣ анҷом намешавад. Хонавода ба унвони як маҷмааи табиӣ сарчашмаи аслии зуҳури меъёрҳои иҷтимоӣ аст.

Тағйир дар фарҳанги асили иттилоъгирандагон ва таъсир дар арзишҳо, боварҳо ва рафторҳои мазҳабии онон, беэътиқод кардани мардум нисбат ба ҳукуматҳои дохилӣ ба далели ифшои бисёре аз ахбори дохилии кишварҳо аз таъсирҳои дигари ин шабакаҳост.

Аз ин нигоҳ, **хонаводаҳо бузургтарин қурбониёни моҳвораҳо ҳастанд.** Моҳвораҳо бо аз байн бурдани зиштии равобити ғайриахлоқӣ дар конуни гарми хонавода сустии пояҳо ва азҳампошидагии онро фароҳам меоваранд. Яке аз омилҳои бунёдие, ки самти рафторҳои инсониро дар ҳама ҳол таъйин мекунад, арзишҳои фарҳангии он ҷомеа мебошад.

Арзишҳо нерумандтарин унсури таъйинкунанда дар низоми иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаҳо ба шумор меравад, ки хатти сайри андеша ва рафтори афродро дар ҷомеа ҳидоят ва назорат мекунанд. Ҳамчунин

ба унвони равишҳои рафтории нисбатан собите ҳастанд, ки пайваста аз сӯи афроди ҷомеа бозбинӣ ва назорат мешаванд.

Гироиши мардум ба моҳвора, бавижа дар кишварҳои суннатгаро, арзишҳо, боварҳо, рӯҳияҳои фарҳангӣ ва фарҳанги асили онҳоро таҳти таъсир қарор додааст. Ба таъбири дигар, расонаҳо, аз ҷумла телевизион ва моҳвора, намоди фарҳангие ҳисоб мешаванд, ки боварҳо, арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқиро таҳти таъсир қарор медиҳанд. Ин дар ҳолест, ки ҷомеаи Тоҷикистон ҷомеаи нисбатан пойбанд ба суннатҳоест, ки имрӯзҳо наслҳои нав то ҳудуде онҳоро ба чолиш кашидаанд.

Бисёре аз хонаводаҳо – бидуни таваҷҷуҳ ба осебҳои моҳвора – аз ин васила истифода мекунанд ва аз он, ки фарзандонашон низ ҳамроҳи онҳо ба тамошои филмҳову сериалҳои моҳвора мепардозанд, ҳеҷ нигаронӣ надоранд. Вақте аъзои як хонавода соатҳо пеши телевизор барои тамошои филмҳои моҳвора менишинанд, риояи бисёре аз арзишҳо, **аз ҷумла ҳарими миёни зану мард,** ба гузашти замон назди онҳо коста мегардад. Бино ба назари ҷомеашиносон, тамошои барномаҳои бархе аз шабакаҳои моҳвораӣ бо фасоди ахлоқӣ, бебандуборӣ дар робитаҳо байни навҷавонон ва ҷавонон меанҷомад. Аммо падару модарон ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд.

Мутаассифона, тамошои моҳвора на танҳо ҳарими аъзои хонаводаро аз байн бурдааст, балки сабаби ибратгириҳои нодурусти навҷавонон низ гардидааст.

Бисёре аз навҷавонон ва ҷавонон – ба далели тамошои бидуни назорати барномаҳои моҳвораӣ – гирифтори хурофапарастӣ, костагии эътиқод ва, аз ин ҳам бадтар, бебандуборӣ шудаанд.

Ҷавонони имрӯз бар пояҳои ларзони ҳувиятҳои асри ихтироъҳои бесобиқа қарор гирифтаанд, ки дар қолаби ҳеҷ кадом аз онҳо наметавонанд мавқеи инсони фаъолро пайдо кунанд. Густариши иртиботот ва гардиши озоди иттилоот дар ҷаҳони муосир заминаи навин ва саршор аз чолишҳоро фароҳам овардааст, ки дар он ҳувияти фарҳангии ҳамаи ҷомеаҳо дар маърази тағйироти амиқ қарор гирифтааст. Бисёре аз соҳибназарон бар ин ақида ҳастанд, ки имрӯзҳо ҳувияти фарҳангии наврасону ҷавонони Тоҷикистон дар вазъияти мубҳаму ҳассос ва дар маърази чолишҳои ҳувиятии ҷиддии аз таъсири расонаӣ бавуҷудомада қарор дорад.

Дар ҷаҳони имрӯз, ки кишварҳову миллатҳо бо риштаи садҳо омилҳои иҷтимоиву иқтисодиву фарҳангӣ ба ҳам пайвастаанд, субот ё тағйири арзишҳои фарҳангии як ҷомеа, ки дар назари сатҳӣ танҳо бахши аслии он ҷомеа ба шумор меравconfigured, мӯҷиби субот ё тағйири фарҳанги ҷомеаҳои дигар мешаванд ва вобаста ба он субот ё дигаргунии хонаводаҳо низ таҳти таъсир қарор мегиранд. Дар солҳои охир арзишҳои фарҳангӣ – ҳамчун яке аз омилҳои муассир дар суботу пойдории зиндагии заношӯӣ – дар бисёре аз ҷомеаҳо боаҳамият ташхис дода шудаанд, ба гунае ки аз онҳо ба унвони як пешбиникунандаи суботу пойдории издивоҷҳо ёд шудааст.

Аз назари ҷомеашинос ва файласуфи неомарксисти амрикоӣ Иммануил Валлерстайн, агар ҷаҳонӣ шудани фарҳангӣ ба маънои бартарии фарҳанги Ғарб бар дигар фарҳангҳо бошад, ин ба дугонагии фарҳангӣ дар кишварҳои Ҷануб поён хоҳад пазируфт. Мунаққидоне, чун ӯ, бар ин боваранд, ки ғарбӣ кардан наметавонад охирин ва беҳтарин посух ба ҷаҳонӣ шудан бошад, зеро худи Ғарб бо мушкилоти зиёди иҷтимоиву фарҳангӣ ва чолишҳои фаровон рӯ ба рӯ мебошад. Нуфузи Ғарб бар расонаҳо ва воситаҳои навини расонаӣ, бавижа шабакаҳои моҳвораӣ ва Интернет, танҳо ба бесуботии фарҳангӣ, арзишӣ ва ҳувиятӣ дар кишварҳои музофотӣ охир мешавад. Ба ҳамин сабаб аст, ки тамоми давлатҳои дунё – чи равшанфикру чи ғайриравшанфикр – пайваста саъй доранд муҳтавои телевизион ва ҷараёни иттилоотиро зери назорат қарор диҳанд. Аммо сензура кардани иртибототи моҳвораӣ ва Интернет барои давлатҳо ҳанӯз кори мушкил ва тақрибан ғайриимкон аст.

Дар ин миён телевизион – ҳамчун воситаи ба вуҷуд овардани афкори умумӣ – бо пӯшондани мушкилоти иҷтимоӣ ва масъалаҳои марбут ба сиёсатҳои дохиливу хориҷӣ бо роҳи пахши барномаҳои фароғативу намоишӣ нақши худро ифо менамояд. Бо ин ки дар телевизион дар канори тарғибу ташвиқи сиёсати давлат барномаву намоишҳои дигаре, аз қабили фарҳангӣ, мусиқӣ, мусобиқоти варзишиву телевизионӣ, филму сериал ва ғайра, пахш мешаванд, нақши ин воситаи иртиботӣ, ҳамчун муҳимтарин минбари идеологӣ, боқӣ мондааст ва то дер замоне чунин боқӣ хоҳад монд.

# АСАРИ МАНФИИ ҶАҲОНИШАВИИ АРЗИШҲОИ ОИЛАВӢ

Баррасиҳо ва таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки густариши рӯзафзуни ҷаҳонишавӣ осору пайомадҳои манфии бисёре ба ҳамроҳ доштааст. Аз дидгоҳи иддае аз таҳлилгарон, ҷаҳонишавӣ зерсохтори зиндагии инсонҳоро тағйир додааст ва равиши навини зиндагиро ба ҳамаи башарият талқин хоҳад намуд. Вале аз ҳоло маълум аст, ки падидаи ҷаҳонишавӣ таъсирҳои амиқу муҳимеро ба зиндагӣ ва муносиботи байниҳамдигарии инсонҳо ба вуҷуд овардааст.

**Яке аз муҳимтарин арсаҳое, ки таъсири падидаи ҷаҳонишавӣ тағйироти умдаеро пазиро мебошад, ниҳоди хонавода аст.** Афзоиши вайроншавии издивоҷҳо дар ҷомеаи Ғарб, ки ҳудуди сеяки издивоҷҳоро дар бар мегирад ва густариши ҳамзистии муштараки бидуни никоҳ, ки дар бисёре аз кишварҳои Ғарб то се баробар афзоиш ёфтааст, чолишҳоянд, ки таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ ба вуқӯъ пайвастаанд ва имрӯз бошиддаттарин хатар дар баробари талоши ҷомеаҳои башарӣ барои ҳифзи якпорчагии хонавода ба ҳисоб мераванд.

Хонаводаҳои якволидӣ ба ин сурат, ки маъмулан занон довталабона фарзандони худро ба танҳоӣ сарпарастӣ мекунанд ва дар айни ҳол иртиботи худро бо мардони дигар ҳифз менамоянд, ба навъе шикасти сохтори хонаводаи анъанавиро дар пай доранд.

Ҷаҳонишавӣ ба сабаби коҳиш ёфтани муносибатҳои байниҳамдигарии хешовандону наздикон, фардгарой*(индивидуализм)*, истеъмолгарой ва заиф шудани фарҳангҳои маҳаллӣ робитаҳои байни аъзои оилаҳоро ба шиддат таҳти таъсир қарор додааст. Пешрафтҳои ҳайратовар дар заминаҳои фановарии иттилоот робитаҳои байни инсонҳоро беш аз пеш таҳти таъсири воситаҳои расонаӣ ва иртибототӣ, монанди Интернет ва шабакаҳои радиову телевизион, қарор додааст.

Агар иттиҳоду ягонагии аъзои оиларо муҳимтарин нишонаҳои солимии оила ҳисоб кунем, равшантарин нишонаи харобии он коҳиши робитаи аъзои хонавода ва аз байн рафтани фурсати гуфтугузори муносиб байни онҳо мебошад. Таъсиргузортарин омиле, ки оиларо ба чунин вазъе рӯ ба рӯ мекунад, истифодаи ифротӣ аз телевизион мебошад.

Воқеият ин аст, ки акнун дар ҷомеаи мо телевизион муҳимтарин узви хонавода шудааст, – узве, ки бештарин таваҷҷуҳро ба худ ҷалб мекунад, дар робита аз ҳама фаъолтар аст ва дар айни ҳол робитаи ғолиби яктарафа дорад, ки дар ин робита ҳеҷ як аз аъзои хонавода аҳамиятеро, ки телевизион дорад, надорад.

Иртибототи маҷозӣ **фазои маҷозӣ** падид овардааст, ки на танҳо сифати иртибототи воқеиро фурӯ нишондааст, балки **боиси коҳиши арзишҳои ахлоқӣ, воқеиятгарой, густариш пайдо намудани арзишҳои маҷозӣ ва аз байн рафтан ё мубҳам шудани ҳадафмандиҳо дар зиндагӣ шудааст.**

Ҷанбаи иқтисодии ҷаҳонишавӣ низ пайомадҳое барои хонавода доштааст. Воруди занон ба бозори кор манбаъҳои даромади оилавиро афзун кардааст. Ин амр, ҳарчанд фоидае барои занон доштааст, аммо масъулиятҳои хонаводагии ононро камаҳамият кардааст. Зеро занон дар анҷоми ҳамзамони нақши шуғлӣ ва вазифаҳои хонаводагӣ дучори сардаргумӣ шудаанд, ки афзоиши пошхӯрии иттиҳодҳои заношӯӣ – бо ташаббуси занон – далели равшани ин вазъ мебошад. **Ҷаҳонишавӣ фарҳанги оиларо ба истеъмолгароӣ кашондааст.**

Ҷомеаи нави ҷаҳонӣ истеъмолгароёнеро ба вуҷуд меоварад, ки рафтори онҳо комилан бо шеваи зиндагии насли пешин фарқ дорад. Онҳо истеъмолгарони ормонӣ ҳастанд. Яъне истеъмоли онҳо бар пояи **лаззатгароӣ** аст ва ҳеҷ майле ба пасандозу ояндаанигарӣ надорад.

Ба назар мерасад, ки омилҳое, монанди истеъмолгароӣ, истиқлоли фардӣ, густариши иртибототи маҷозӣ, боиси коҳиш ёфтани фарҳангҳои миллӣ гардидаанд ва ҷойгоҳи муҳими падару модарро, ки муҳимтарин нақшро дар тарбияи иҷтимоӣ ва ахлоқии кӯдакон доранд, дар хонавода заиф кардаанд. Канда шудани пайванди наслҳо низ маҳсули чунин фароянд мебошад.

# ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ ЧӢ ГУНА ТАРБИЯ МЕКУНАД?

## Ё зери таъсири чӣ меъёрҳои ахлоқӣ қарор дорем?

Тарбия – ба маънои парвариш додан ва парвариш ёфтани инсон – аз ибтидои офариниш будааст, зеро аз он ҳангом, ки одамҳои нахустин равиши ғизо хӯрдан ва чаронидани чорпоён ва кишти заминро бо олоту афзорҳои ибтидоӣ ба фарзандони хеш ёд додаанд, таълиму тарбия оғоз гардидааст. Аммо омӯзишу парвариши шаклёфта ва ҳадафдор, ҳамин ки инсон иҷтимоӣ шудааст ва бо дигарон зиндагии ҳамагониро оғоз кардааст, нахуст дар шакли аз баъзе озодиҳои худ чашм пӯшидан ва бахше аз озодиҳои дигарро маҳдуд кардан ба вуҷуд омадааст. Ҳатто қабилаҳое, ки коре бо тарбия надоштаанд, барои рафтори иҷтимоии худ ночор ба муайян кардани марзҳои шинохташудае мешуданд, то аз он фаротар наравандд.

Агар тавонем дар бораи пояҳои асосии таълим ин иддаоро кунем, ки таълим фароянди куллӣ аст ва метавонад дар ҳама ҷо ва миёни ҳамаи халқҳову миллатҳо ба таври яксон ҷорӣ гардад, бегумон ин иддао дар бораи тарбия дуруст нахоҳад буд. Зеро усули тарбия комилан нисбӣ аст. Шояд бархе дар ростои ин гуфтаҳо эрод гиранд, ки тарбияи мо дар замони шӯравӣ аслан русӣ буд ва ҳамаи дастурамалҳо дар

Маскав таҳия мешуданд. Аввал ин ки меъёрҳои ахлоқии ҷомеаи шӯравӣ на русӣ, балки коммунистӣ буданд ва чунин ҳам ном доштанд: «Кодекси ахлоқии созандагони коммунизм». Ин кодекс дар моҳияти худ аз ҳамидатарин меъёрҳое, ки инсоният дар тӯли ҳазорсолаҳо чун дурдонаҳои ахлоқӣ дар доманаш парваронидааст, фароҳам омада буд. Имрӯз танҳо онҳое, ки аз равандҳои умда дар паҳнои пасошӯравӣ ғофил мондаанд, намедонанд, ки бисёре аз унсурҳо ва равишҳои тарбияи ахлоқии шӯравӣ дар кишварҳои ИДМ бозсозӣ шудаанд ва ин ҷараён дар ҳоли густариш аст. Масалан, дар Россия бисёре аз равишҳо ва ниҳодҳои тарбиявии замони шӯравӣ, аз ҷумлаи тарбияи ватанпарварӣ, дружинаи халқӣ, омодасозии меҳнативу ҳарбии наврасону ҷавонон(ГТО) эҳё гардидаанд. Дар Қазоқистон бо фармони сарвари давлат дар бораи эҷоди ҷамъияти меҳнат ҳуҷҷати махсусе қабул карда шудааст. Дар Беларус ҳаракати пионерӣ ва темурчиёни ҷавон хеле фаъол аст...

Иқтисоддони англис Роберт Доттерренс ақида дорад, ки «барномаҳои омӯзишии ҳар миллат дар салоҳияти худи он миллат аст». Шоир ва ходими сиёсиву иҷтимоии Мексика Торрес Бодет, ки дар миёнаҳои асри гузаштаи ХХ ҳамчун мудири кулли ЮНЕСКО ифои вазифа намудааст, чунин изҳор доштааст: «Ба чӣ тариқ метавон барои кишварҳое, ки сарватҳои ҳангуфте аз роҳи саноат андӯхтаанд ва он кишварҳое, ки, баръакс, ба маҳсулоти хориҷӣ такя мекунанд, равиши монандро пеш гирифт ва саранҷом кадом иқдоми муштаракеро метавон дар умури иҷтимоиву

фарҳангии миллатҳо, ки он қадар бо ҳам фарқ доранд, ба кор бурд?».

Ҷанбаҳои инсонӣ вобаста ба омилҳои иҷтимоӣ шакл мегиранд. Инсон дар оғози ба дунё омадан орӣ аз ҳама гуна ҷанбаҳост ва монанди пораи лой дар дасти кулол аст, ки ба майлу хоҳиши ӯ ё ба кӯза табдил мешавад ё ба пиёла. Ва ин «кулол» шароит ва омилҳои иҷтимоианд, ки шахсияти инсонро месозанд. Яъне инсон дар зоти худ моддаи вижаест, ки дар партави омилҳои иҷтимоӣ ба шахс мубаддал мегардад.

Насли ҷавони имрӯз дар шароите зиндагӣ мекунад, ки арзишҳои барои ҷомеаи мо нави демократия, иқтисоди бозорӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳоли истиқрор пайдо кардан ҳастанд. Агарчи муносибатҳои бозорӣ – яъне сармоядорӣ – дар сохтори иқтисодии кишвари мо бо мушкилӣ устувор мегарданд, аммо ҷанбаҳои манфии он дар ҷомеа аз ҳоло рафтору одатҳои дар тӯли садсолаҳо шаклгирифтаи иҷтимоиву ахлоқиро танг менамоянд. Чунин вазъи мавҷуд нахуст баёнгари он аст, ки барои идеологҳои иқтисоди бозорӣ дар афкору шуури одамон ҷо намудани арзишҳои истеъмолгароӣ муҳимтар аз кумак намудан ба истиқрори иқтисоди бозорӣ аст ва дуввум ин ки мо худамон натавонистаем дар баробари арзишҳои нав, ки ба масобаи унсурҳои ҷудонопазири иқтисоди бозорӣ ё, ҳатто гуфтан мумкин аст, ба сифати пешпайғоми он ба дунёи маънавияти мо фурӯ омадаанд, муқовимат кунем.

Инсон табиатан хоҳони зиндагӣ дар муҳити оромбахшу муносиб аст. Ӯ мехоҳад умрашро ҳамеша бидуни парешониву нигаронӣ гузаронад, манзили

хубу муҷаҳҳаз дошта бошад, ғизои нағз хӯрад, либоси хуб пӯшад, зоҳири хуб дошта бошад ва барои анҷом додани корҳои рӯзгор аз беҳтарин асбобу афзор истифода намояд. Ва фалсафаи иқтисоди бозорӣ бар пояи ҳамин ниёзмандии воқеии инсонҳо бино шуда ва, гузашта аз ин, бо роҳкорҳои бисёр зиракона аз дилкашолиҳои инсонҳо сӯистифода менамояд.

Наметавон инкор кард, ки низоми сармоядорӣ бахшеро аз он чи мо ниёз дорем, истеҳсол мекунад. Аммо низоми кунунии олам бар меҳвари ниёзҳои мо ба маҳсулоти сармоядорӣ устувор шудааст. Он ниёзҳое, ки хаёле беш нестанд. Зеро бисёре аз онҳо табиӣ нестанд ва, на ин ки ниёз, балки ҳавас мебошанд. Дар айни ҳол наметавон ин ниёзҳоро беасос пиндошт, чунки ин ниёзҳо ҳосили ҷамъи ниёзҳои табиӣ ва ҳавасҳои инсонӣ аст, ки онро ном **нафс** аст. **Ва муваффақияти низоми сармоядорӣ маҳз бар пояи нафси инсонӣ бино шудааст.**

**Тамоми қудрати иқтисоди бозорӣ бар он равона гардидааст, ки дар одамон эҳсоси нафсро афзоиш диҳад.** Ба ҳамин далел бақо ё тағйири низоми сармоядорӣ ба ирода, дурусттар гӯем, ба сустии иродаи инсонҳо вобаста мебошад. Аммо ба назар мерасад, ки инсоният чандон талоше надорад, ки бо нафси худ мубориза барад.

Дар «иқтисоди бозорӣ», ки имрӯзҳо ба ҷои он ибораи «низоми сармоядорӣ»-ро ба кор мегиранд, маҳсулот фақат молу ашё нест, балки ҳама воситаву афзорҳое, ки барои андӯхтани сармоя ба кор бурда мешаванд, маҳсулот ба шумор мераванд. Кино, театр, санъати тасвирӣ, поп, рэп, рок, металл ва дигар навъҳои

ҳунар интиқолдиҳандаи идеяҳову назарияҳо ва консепсияҳои идеологҳои иқтисоди бозорӣ мебошанд.

Дар ҷаҳони сармоядорӣ бисёре аз маҳсулот, дар баробари даромад овардан, ҳамзамон чанд вазифаи дигареро иҷро мекунад. Масалан, маҳсулоти киноматографӣ, ба ҷуз сарчашмаи даромад будан, нақши таблиғотӣ дорад ва арзишҳои фарҳангии созандагони онро тарғиб менамояд. Баъзеҳо – бо инкори ин воқеият – бо як навъ эътироз суол мекунанд, ки барои кишварҳои Ғарб коҳиш додани арзишҳои фарҳангии миллатҳои дигар, бавижа кишварҳои дар ҳоли рушд, чӣ суде меоварад? Барои дунёи Ғарб чӣ фарқ дорад, ки одамон чӣ мазҳаберо мепарастанд ва аз чӣ арзишҳои ахлоқӣ пайравӣ менамоянд? Шояд худи фароянди тағйир ёфтани арзишҳои фарҳангии маҳаллӣ барои ғарбиҳо дорои аҳамият набошад, аммо натиҷаи дигаргун шудани арзишҳо ва вобаста ба он тағйир ёфтани тарзи зиндагии одамон **камоли орзуи** наҳангони ҷаҳони сармоя аст. Зеро ин одамон таҳти таъсири падидаҳои истеъмолгароӣ, зоҳирпарастӣ, бебандуборӣ қарор гирифта, шумораи истеъмолкунандаҳои молу маҳсулот, сервисҳо, василаҳои нақлиёт, намудҳои гуногуну рангоранги саргармиҳо ва ғайраро, ки рӯз ба рӯз дар ҳоли афзоиш мебошанд, ба қадри қобили мулоҳиза зиёд мекунанд.

Нависанда ва сиёсатшиноси муосири рус Юрий Шалиганов дар асари арзишманди худ «Проект Россия» вижагиҳои иқтисоди бозориро чунин тасвир кардааст: «Бозор, барои ин ки ба қудрати мутлақ бирасад, тамоми ниҳодҳои инсонӣ ва иҷтимоиро порапора мекунад. Оилаҳо, ҷамъиятҳо, қавмҳо, миллатҳо аз

ҳам пош мехӯранд. Сохторҳои калидии давлатҳо фурӯ мерезанд. Бар асоси бархе баровардҳо дарояндаи наздик ба ҷои дусад давлатҳои ҷаҳони имрӯз беш аз ҳаштсад давлат ба арсаи ҳастӣ падид меояд. Пай бурдан ба алоқамандии корпоратсияҳои фаромиллӣ ба раванди азҳамрезӣ кори душворе нест. Чунки давлатҳо ҳарчи бештар дар ҳолати азҳамрезӣ бошанд, ба ҳамон андоза неруи муқовиматашон коҳиш меёбад. Бунёдҳои инсонӣ, аз ҷумлаи оила ва иттиҳоди дӯстона, бар асари иваз шудани арзишҳо нобуд мегарданд. **Фурӯпош кардани давлатҳо дар навбати аввал бо роҳи коҳиш додани ахлоқу маънавиёт ва баъдан аз тариқи заиф сохтани соҳаҳои маориф, низомӣ ва саноат ба амал бароварда мешавад.** Анҷом додани маҷмӯи чунин иқдомҳо ба дастандаркорон имкон медиҳад, ки ҷомеаро дар ҳолати ошуфта нигоҳ доранд. Дар ҷомеаи аз сохторҳои гуногун таркибёфта ҷорӣ кардани демократия ғайримумкин аст. Барои ин гуна ҷомеа ҳарҷу марҷ ва надоштани шахсиятҳои тавоно айни муддаост».

Ва дар ҷои дигари китоби мазкур муаллиф менависад: «Бозор маҷбур намекунад, балки монанди море аз китоби муқаддаси Аҳди қадим ба васваса меандозад. Ӯ, бидуни бо тозиёна задану ба зиндон андохтан, шуурро занҷирбанд мекунад ва озодии даруниро маҳдуд месозад. Аз равандҳои тафаккурӣ мавзӯъҳои **Некӣ** ва **Бадӣ** бардошта мешаванд. Ҳама чиз тобеи меъёрҳои самаранокӣ ва судоварӣ мегардад. Бо он ки ҳама пай мебаранд, корҳо бо равиши носолиме ҷараён доранд, вале, ба далели нотавонӣ дар арзёбии равшани вазъият, маҷбур мешаванд ба ҳама чи чашм пӯшанд».

Тоҷикистон, ки монанди садҳо кишварҳо – бино ба хости сарнавишти таърихиаш – вориди раванди ҷаҳонишавӣ шудааст ва зиёда аз ду даҳсола аст, ки дар масири иқтисоди бозорӣ қадам мезанад, оё воқеан ҳам зери таъсирҳои манфии равандҳои мазкур афтодааст ё ҳар онноҳинҷорие, ки имрӯз дар зиндагии фарҳангии ҷомеа ба назар мерасанд, пеш аз ин ҳам будаанд ва ба далели надоштани қувваи муқовимат дар баробари дигаргуниҳои дар тамоми ҷаҳон ҷараёндошта густариш пайдо намудаанд?

## Хушбахтӣ ё танбалӣ?

Чуноне дар боло гуфта шуд, таъсири омилҳо ва шароитҳои зиндагии иҷтимоӣ барои шаклгирии рафтори инсонҳо басе таъсиргузор ҳастанд. Вале бар худи мост, ки чӣ гуна бо таъсири манфии ин омилҳо муқовимат мекунем ва ҳолати ахлоқию маънавии афроди ҷомеаро дар вазъи матлуб нигоҳ медорем.

Имрӯзҳо дар шуури ҷамъиятӣ чунин афкору андеша устувор гаштааст, ки хушбахтии инсон ин пайдо кардани касбу корест, ки дарди сари кам, заҳмати андак ва даромади баланд дошта бошад. Барои бисёрии одамон корманди идораи давлатӣ будан яке аз чунин шуғлҳост. Зеро чунин ба назарашон мерасад, ки корманди идора кори зиёде намекунад ва барои пушти миз нишастан ва бо телефон гап задан моҳонаи хубе мегирад. Дигар аз шуғлҳои хубе, ки ҷавонон мепиндоранд сарчашмаи пули калон аст, бизнес мебошад, ки ташвишу дардисарҳои зиёде надорад. Бизнес дар ҷомеаи пасошӯравӣ бештар на ба

маънои истеҳсол, балки хариду фурӯш дарёфт мешавад. Ин тасаввури ғалат ҳанӯз аз замони бозсозии горбачёвӣ, ки он вақт, дар соли 1988, қонуни моҳиятан зиддимардумӣ ва зиддиахлоқии «Дар бораи кооператсия дар СССР» содир гардид ва тавассути он ҳаннотиву мардумфиребӣ роҳи васее ёфт, оғоз шудааст. Маҳз ҳамин қонун мӯҷиб шуд, ки одамон, махсусан насли ҷавон, ки имрӯз худашон падару модар ҳастанд, барои замони тӯлоние тамоилҳои ахлоқӣ ва хушбинии иҷтимоиро аз даст доданд.

Насли миёна ва калонсол дар ёд доранд, ки дар кишвари Шӯравӣ харидан ва сипас фурӯхтани мол бо нархи баланд ба хотири ба даст овардани даромад – ба истилоҳи он замон «савдогарӣ» – ҷинояти сахттарин ба шумор мерафт. Агарчи ин қонун шадид буд, имкон намедод, ки одамон ба фикри даромади осон афтанд.

Дар замони шӯравӣ ва низ пеш аз инқилоби Октябр чунин расм буд, ки фарзандон, бавижа писарҳо, аз даврони наврасӣ баъд аз дарсҳо дар канори падар кор мекарданд ва касби падарро ёд мегирифтанд. Ин расм дар ноҳияҳову шаҳракҳо, ки ҳанӯз зиндагии анъанавӣ доранд, то ҳол каму беш риоя мешавад.

Ба таври хулоса метавон гуфт: бархе аз ҷавонон фаҳмише, ки аз хушбахтӣ доранд, баробари осудагиву танбалӣ аст. Яъне хушбахтиро бо осудагӣ иштибоҳ кардаем. Суол ин ҷост, ки ин фарҳанг аз куҷо омадааст ва тайи чӣ фароянде чунин шаклеро гирифтааст? Дар ҳоле, ки ахлоқи миллати мо бар аҳамияти меҳнату талош таъкид мекунад ва аҷдоди мо доимо бар ризқу рӯзии бо арақи ҷабин бадастомада ва хизмат ба халқ насиҳат мекарданд, ин равишро оё

сармашқи зиндагӣ кардаем? Шояд сабаби ин танбалии мо бошад?

Дигар аз мушкилоти ҷомеаи имрӯзи мо истиқлоли молӣ надоштани ҷавонон аст. Бештари ҷавонон бо ин тафаккур зиндагӣ мекунанд, ки то замоне, ки дар хонаи падарӣ ҳастанд, волидайн бояд хароҷоти онҳоро таъмин кунад. Аз харҷи рӯзмарра гирифта, то кисапуливу пули мактабу донишгоҳ. Ва ин пурсиш маъмулан беҷавоб мемонад, ки падару модар то чӣ замоне бояд хароҷоти зиндагии фарзандро таъмин кунанд. Дар кишварҳои пешрафта ва анъанавие, монанди Чин, Япония, Сингапур, Малайзия, яъне ҳамон кишварҳое, ки бо вуҷуди баҳраварӣ аз фановариҳои замони муосир арзишҳои миллии худро ҳифз намудаанд, аз даврони кӯдакӣ ба фарзандон омӯзиш дода мешавад, ки бояд мустақил шаванд. Падару модар фақат то синни ҳаждаҳсолагӣ бояд таъмингари зиндагии фарзандонашон бошанд ва – баъд аз он – қонун онҳоро ба анҷом додани ин кор вазифадор намекунад. Бино бар ин, фарзандон аз солҳои аввали зиндагӣ меомӯзанд, ки бояд мустақил шаванд. Аммо дар кишвари мо ин гуна суханҳо на дар кӯдакистон гуфта мешаванд, на дар мактаб ва на дар донишгоҳ. Истиқлоли молӣ яке аз нуктаҳои бағафлатмондаи низоми таълиму тарбияи кишвари мост.

Фарзандон бояд ёд гиранд, ки танҳо то синни қонунӣ метавонанд ба умеди падар бошанд. Бояд ин тафаккурро аз зеҳни наврасону ҷавонони имрӯз берун кард, ки падар вазифа дорад хароҷоти зиндагии онҳоро – то зинда ҳаст – таъмин намояд. Падар ҳомии фарзандон аст. Нақши ҳомӣ бо нақши вазифадор комилан фарқ дорад.

Агар равишҳои дурусти зиндагӣ ба кӯдакони имрӯз омӯхта шаванд ва агар тавонем, ки дар ҷомеа фарҳанги иззату эҳтиром нисбат ба падару модарро густариш диҳем, фарзандон на танҳо пас аз синни қонунии мустақил шудан дастгири падару модар хоҳанд шуд, балки аз он ҳам пештар ва ҳамеша иззату эҳтироми волидайнро ба ҷо хоҳанд овард.

## Ахлоқамон коста шудааст ё расонаҳо гунаҳгоранд?

Расм шудааст, ки тамоми норасоиҳо ва костагиҳоро дар ҳавзаи фарҳанг ва зиндагии иҷтимоӣ ба сари расонаҳои имрӯзӣ, монанди Интернет ва моҳвора, андозем. Ин, албатта, барои ин ки ҳамаи кӯтоҳиҳои худамонро дар арсаи фарҳангӣ ба осонӣ пӯшонем, беҳтарин роҳ аст. Албатта, наметавон асари расонаҳоро ба таври комил инкор кард, аммо ҳама мутахассисони риштаи илмҳои иртибототи иҷтимоӣ бар асоси тадқиқоти худ таъкид мекунанд, ки расонаҳо танҳо метавонанд **асари устуворсозӣ** дошта бошанд ва монанди катализаторе дар як озмоиши кимиёӣ фарояндеро тақвият намоянд ва тезонанд.

Агар вазъияти муносиботи хонаводагиамон нобасомон шуда бошад, агар шумораи пош хӯрдани издивоҷҳо афзоиш ёфта бошад, агар муносибатҳои ҷинсӣ белаҷому ноҳинҷор шуда бошанд, ба ин худамон гунаҳгорем. Бидуни шак, чуноне пештар таъкид шуд ва ба ин мавзӯъ боз хоҳем баргашт, расонаҳо бо интиқол додани арзишҳои фарҳангии бегона то андозае ахлоқи миллиро коста мекунанд. Вале чунин фарз

кардан, ки расонаҳо дар танҳоӣ ин қудратро доранд, ки фарҳанги ҷомеаро ба куллӣ тағйир диҳанд, боис мегардад, ки омилҳои баамаловарандаи мушкилҳои иҷтимоиро нодида гирем ва онҳоро пай набарем.

Тағйироти сабки зиндагӣ ва ҳадафҳои бунёдии зиндагии ҷомеаи Тоҷикистон бо нишонаҳое, монанди тағйири сабки иқтисодӣ, камаҳамият гардидани арзишҳои маънавию ахлоқӣ, бартарӣ ёфтани нигариши лаззатҷӯёна, истеъмолгароӣ, беқайдиву бебандуборӣ, баррасии амиқ мехоҳанд. Барои пайдо кардани сабабу далелҳои ин ҳама тағйирот бояд нахуст тағйироти фарҳанги ҷаҳониро, ки ҳамаи ҷомеаҳои башариро ба таври ногузир ба масири нав кашондааст ва бо ин сели шадид ҳатто пӯшидатарин кишварҳоро низ тоби муқовимат намондааст, мавриди баррасӣ қарор диҳем. Вале ҳамзамон набояд фаромӯш кунем, ки аз худи мо дар бархӯрд бо ин раванд чӣ кӯтаҳиҳое сар задааст.

Омори ҷустуҷӯҳо дар Интернет, ки аз ҷониби тоҷикистониён сурат гирифтааст, мутаассифона, баёнкунандаи он аст, ки ҳамватанони мо дар Интернет бештар ба дунболи тамошои аксҳо ва намоишҳои дорои мазмуни робитаҳои ҷинсӣ будаанд. Расона ва дар ин маврид Интернет, гунаҳкор нест, зеро ин шабака дорои садҳо китобхонаи ройгон, сайтҳои маърифатӣ, илмӣ, варзишӣ ва дигар бахшҳои ҷолибу хонданиву диданӣ аст. Агар ахлоқи мо коста намебуд, аз Интернет маводу матолиби фарҳангиву илмӣ ва дигар паёмҳое, ки барои густариши ҷаҳонбинии инсон мусоидат мекунанд, ҷустуҷӯ мекардем. Ин ахлоқи костаи мо, тоҷикон, аст, ки боиси падид омадани мушкилиҳои гуногуни иҷтимоиву фарҳангӣ дар ҷомеа

мешавад. Ва ин костагии ахлоқӣ ҳосили на як рӯзу ду рӯз, балки солҳои тӯлонӣ мебошад.

Фарҳанг ҳам чизе нест, ки дар як муддати кӯтоҳ ба вуҷуд биёяд ва дар як муддати кӯтоҳ ба куллӣ тағйир кунад, балки падидаи фарҳанг дар тӯли солҳои тӯлонӣ ва балки садсолаҳо шакл мегирад. Бисёре аз костагиҳо ва низ ислоҳи онҳоро бояд андаруни таърихи фарҳангии худамон ҷустуҷӯ кунем. **Равиши маҷбуркунӣ дар кори интихоби роҳи дуруст суде дар пай надорад. Таҷрибаи бисёре аз кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки манъ кардану ҷазо додани дорандагони мавҷгирҳои моҳвора ва филтр кардани Интернет таъсири баръакс дошта, мӯҷиби иқболи бештар пайдо кардани моҳвораву Интернет аз ҷониби афроди ҷомеа мегарданд.**

## Омехтагии фарҳангӣ –<br>офати имрӯзи ҷомеа

Мафҳуми байналмилалии «модерн», ки бо он давраи таърихии нав ё навин ва вижагиҳои ин давра ифода мегарданд, дар забони тоҷикӣ бо вожаҳои баробари он – «муосир» ва «замонавӣ» – баён мегардад. Ва қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки мо, тоҷикон, на танҳо дар корбурди ин истилоҳ ягонагӣ надорем, ҳамчунин бо вижагиҳои замони муосир низ аз мувофиқати комил бархӯрдор намебошем. Яъне замоне, ки ба нафъамон аст, замонавӣ мешавем ва ҳангоме, ки бо тафаккури анъанавиамон корамон беҳтар пеш меравад, худро содиқ ба арзишҳои пешини халқамон нишон медиҳем. Шояд яке аз бузургтарин мушкилоти

ҳоло ва ҳозири фарҳангии мо ҳамин **омехтагии фарҳангӣ** бошад. Зеро бо он, ки аксари мардуми мо фарҳанги муосири ҳоким бар ҷаҳонро ба ҳайси тарзи тафаккур ва сармашқи сабки зиндагӣ пазируфтааст, дар баъзе аз масъалаҳо наҳви андешаи анъанавию миллии онҳо низ ба назар мерасад. Нигоҳҳоямон ва сармашқҳоямон анъанавӣ аст, вале равиши рафториамон замонавӣ шудааст.

Масалан, мардони мо дар муносибат бо занони дигар комилан шарму ҳаёи гузаштаро фаромӯш кардаанд, аммо вақте ҳамсарашон бо марде хуш бархӯрд мекунад, ғайраташон ҷӯш мезанад. Занони мо он итоату фармонбардории анъанавиро аз шавҳарашон надоранд ва истиқлоли комилро ҳаққи қонунии худ медонанд ва кор кардану таъмин кардани хонаводаро вазифаи мардон ба ҳисоб меоваранд. Вале аз сӯи дигар, агар ҳамсарашон барои ба даст овардани музди бештар бо кори иловагие машғул шудаву ба хона дер биёяд, ӯро мавриди шубҳаву бадгумонӣ қарор медиҳанд. Занон пулеро, ки ҳамсарашон ба даст меоварад, буҷаи оила ва моли муштараки хонавода мешуморанд, вале дастмузди худашонро, чун қоида, танҳо ҳаққи худашон медонанд.

Сабаби бисёре аз ихтилофҳои заношӯӣ, ки бо ҷудо шудани завҷҳо ба поён мерасад, ҳамин омехтагии фарҳангӣ аст. **Ба назар мерасад, ки ду роҳи бештар пеши рӯ надорем: ё комилан замонавӣ шавем ва тамоми ҷанбаҳои зиндагии муосирро пазирем, ё комилан ба шеваи анъанавӣ зиндагӣ кунем ва монанди падару модаронамон ва бобою модаркалонамон нисбат ба мушкилҳо бархӯрд**

**намоем. Дар айни замон бозгашт ба роҳи дуввум амри маҳол ба назар мерасад.** Пас агар наметавонем пурра анъанавӣ монем, бояд ақаллан монанди шаҳрвандони кишварҳои пешрафта ба издивоҷ тибқи қарордоди ҳуқуқии дутарафа рӯй оварем.

Ин ҷо сухан фақат сари муносибатҳои заношӯӣ нест, чаро ки **омехтагии фарҳангӣ дар хонавода ба шакл гирифтани шахсияти фарзандон таъсири манфӣ мерасонад ва боиси сахт коҳиш ёфтани арзишҳои ахлоқӣ мегардад.**

Омехтагии фарҳангӣ дар ҷомеа гоҳе ба тарзи хандаовар ва ҳатто ҳақоратомез ба зуҳур мепайвандад. Бисёр дидаем, ки дар сари мизи ресторанҳо одамони масту сархуш бо шӯру валвала дар бораи арзишҳои динӣ баҳсу талош мекунанд.

## Ба худамон дурӯғ нагӯем!

Яке аз хусусиёти ҷомеаҳои дар масири тараққӣ ақибмонда худситоиву худтаърифкунӣ ва ба иғроқ кашондани дастовардҳои кӯчакашон дар ин ё он ҷанбаҳои зиндагӣ мебошад. Масалан, мо одат дорем, ки худамонро боахлоқтарин ва бофарҳангтарин миллати дунё номем. Чаро ба иғроқ роҳ медиҳем? Чаро намехоҳем воқеъбинона иқрор кунем, ки кишвари мо ва ҷомеаи мо дар бархе аз бахшҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ба сарҳади буҳрон расидааст? Чаро худамон худамонро бо хаёлбофиҳо хушҳолу хотирҷамъ мекунем?

Вақте дар кӯчаҳои шаҳр наврасону ҷавонон бо садои баланд ба якдигар суханони қабеҳу фаҳш мезананд ва дар ин маврид вуҷуди калонсолонро умуман

нодида мегиранд; вақте тамошочиёни бозиҳои варзишӣ ба мухлисони тарафи муқобил дармеафтанд; вақте ронандагони нақлиёти мусофиркаш ҳатто ба мусофирони куҳансол дағалона рафтор мекунанд..., мо мегӯем, ки инҳо «баъзе аз ҷавонон» ҳастанд ва чунин ҳодисаҳо «баъзан» рух медиҳанд. Дар сурате, ки чунин ҳодисаҳоро дар ҳар сари қадам мушоҳида мекунем.

Чаро вақте занҳо ва духтарҳои ҷавон бо шармовартарин либосҳову ороиш дар хиёбонҳо гаштугузор мекунанд ва дар тарабхонаҳову дигар маконҳои саргармӣ бо тани тақрибан нимурён ҳозир мешаванд ва рафторҳои қабеҳу зишт аз худ нишон медиҳанд, мо инро «таъсири фарҳанги бегона» меномем? Чаро вақте медонем, ки донишгоҳҳо ва ҳатто мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои духтарони наврасу ҷавон ба макони мусобиқаи либоспӯшиву зебу зинат табдил шудаанд ва фасоди молӣ – бадтарин бемории имрӯзаи ҷомеаи мо – дар ин конунҳои ахлоқӣ низ дар ҳоли шукуфтан аст, ин ҳамаро нодида мегирем?

То замоне, ки бемор напазирад, ки бемор аст, ҳеҷ табибе наметавонад ӯро табобат кунад. То вақте қабул накунем, ки ҷомеаи мо ба бемориҳои гуногуне дучор шудааст ва бемориҳои дигаре дар ҳоли таҳдид ба саломатии кишвар ҳастанд, ҳеҷ гоҳ ба ҳалли мушкилот нахоҳем расид.

Мо бояд бипазирем, ки бо тамоми пешрафтҳои дурахшону мусбате, ки дорем, дучори бемориҳои гуногуне шудаем. Ҷомеаи мо ниёз ба дармон ва таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ дорад. Бо худсензура ва пӯшондани ҳақиқати вазъи воқеӣ ҳар

рӯз ҳоламон бадтар мешавад. Бо ҳарф задану таъкид кардан аз мушкилоти ахлоқиву иҷтимоии кишварҳои Ғарб ва бо ҷилва додани бартарии фарҳангу ахлоқи миллии худамон ҳеҷ мушкилоти фарҳангиамон аз байн намеравад. Рӯзе ҳазор бор ҳам бо таърихи чандҳазорсолаву миллати бофарҳангу дорои ахлоқи ҳамидаамон ифтихор кунем, дардҳои имрӯзи ҷомеа даво намеёбанд.

Камбудиҳои ҷомеаро пинҳон намудан хизмати хирсона кардан ба мардуми хеш аст. Бидуни ошкор кардани сабабҳо ва омилҳои бемориҳои иҷтимоӣ решакан кардани онҳо комилан ғайримумкин аст. Ватандӯст он касе нест, ки фақат сухан аз пешрафт мегӯяд, балки ватандӯсти ҳақиқӣ он касест, ки дардҳои ҷомеаро меёбад, меандешад, барояш посухе ҷустуҷӯ мекунад ва ин посухро ба баҳси иҷтимоӣ мегузорад ва аз ба чолиш кашидани камбудиҳои ҷомеа ибое надорад.

## Насли мобил, Интернет, ишқи кӯчагӣ

Тарзи тафаккур ва сабки зиндагии бисёре аз ҷавони ҷомеаи имрӯзи мо бо тарзи зиндагии ҷавонони замони шӯравӣ тафовутҳои зиёде дорад. Дигар на нишонае аз ҳадафмандӣ дар рафтори онҳо ёфт мешавад ва на фаъолияти вижае, ки ҷавононро дар ҷомеа ба иштирокчиҳои фаъол табдил кунад. Умуман, онҳо намоде аз инсонҳои истеъмолгарову хушгузаронро аз худ буруз медиҳанд, ки олитарин ормонашон доштани имкони зиндагии пур аз шодии ҳамроҳ бо дошта-

ни тамоми ниёзмандиҳо ва «пурмаънотарин» робитаашон бо ҳамнавъон суҳбатҳое аз телефони мобил, бозиҳои интернетӣ, ишқу ошиқиҳои кӯчагии зудҳангом ва монанди инҳост.

Ҷавонони замони шӯравӣ ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар синфҳои поёнии мактаб орзуи мутахассиси ин ё он соҳа шуданро дар андешаҳояшон мепарваронданд. Аз падару модарон гирифта, то мактабу устодон талош мекарданд, ки кӯдакон ҳанӯз аз овони тифлӣ дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия шаванд. Чунин ниҳодҳое, аз ҷумлаи хонаи пионерон, стансияҳои техникони наврас, маҳфилҳои ихтироъкорони наврас, барои дар зеҳну шуури кӯдакон парвариш додани меҳри заҳмати ҳалол ва аз онҳо сохтани шахсиятҳои мустақил ба мактаб ва устодон кумак мекарданд. Бисёре аз ҷавонони даврони шӯравӣ мехостанд, ки муаллим шаванд ва омода буданд тамоми зиндагии худро содиқона сарфи таълиму тарбияи фарзандони мардум кунанд.

Агар хоҳем хусусиятҳои ҷавонони имрӯзро дар як калима хулоса кунем, вожаи «ғайрифаъол» муносибтар мебошад. Ҷавононе, ки ҳеҷ гуна фаъолияти асаргузоре надоранд ва дар заминаҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ танҳо як фарди корноомад ва истеъмолкунанда ҳастанд. Насле, ки зиндагии худро бидуни телефони мобил, бозиҳои интернетӣ, ишқи кӯчагӣ ва ҳар чизи зудгузару сатҳӣ наметавонад тасаввур кунад. Насли донишҷӯёне, ки танҳо барои дарёфти диплом пушти миз қарор мегиранд ва барои ҳар қадами мондаашон ба сӯи донишгоҳ аз волидайни худ пул меситонанд.

## Асири технологияҳо

Имрӯзҳо бисёр воқеъ мешавад, ки чун чанд ҷавоне бо ҳам меоянд, ҳатман сари суҳбаташон аз телефони мобайл аст. Охирин модели Галакси чӣ хусусиятҳо дорад ва фарқаш бо телефонҳои пешин дар чист? Айфони нав чӣ бартариҳо нисбат ба телефонҳои дигар дорад? Ба Фейсбук аъзо шудӣ? Ва садҳо чунин пурсишҳо аст, ки зиндагии рӯзмарраи моро пур кардаанд. Албатта, телефонҳои ҳамроҳ солҳост дар тамоми дунё вуҷуд доранд ва ба ҳамин далел яке аз пурравнақтарин бозорҳои ҷаҳонро дар ихтиёри худ қарор додаанд. Ҳеҷ кори баде ҳам нест, ки аз технологияҳои пешрафта, хусусан дар роҳи мусбаташ, истифода шавад. Аммо оё пулу вақту неруе, ки мо сарфи ин чизҳо мекунем, бо хидматҳое, ки аз ин фановарӣ мегирем, баробарӣ доранд?

Бояд ба ин ҳақиқати талх иқрор шавем, ки аз тамоми василаҳои бешумори техникие, ки зиндагии моро осон мекунанд, ҳеҷ якеро наметавонем номбар кунем, ки худамон сохта бошем. Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки фарҳангу қоидаи истифодаи дурусташро намедонем. Телефони ҳамроҳ низ – тибқи ҳамин тартиб – пеш аз он ва беш аз он, ки воситаи иртиботот бошад, василаи бозӣ аст. Дар нақлиёти мусофирбар ё дар ҳар ҷои дигар мебинем, ки ҷавонон чӣ бо шӯру шавқ бо задани ангуштон рӯи шумораҳои телефон бозӣ мекунанд.

Истифодаи бебаҳра аз технологияҳо дар ҷомеаи мо ба як падидаи маъмул табдил шудааст ва шигифтовар ин аст, ки барои чунин коре мехоҳем фақат воситаҳои пешрафтаву гаронбаҳо дошта бошем. Имрӯзҳо

нархи телефонҳое, ки имкониятҳои техникии бисёр доранд, то 4000 сомонӣ ва гоҳе болотар аз ин аст.

Бо вуҷуди тадбирҳое, ки бобати ба низом даровардани тарзи истифодаи телефонҳои ҳамроҳ дар сатҳи баланди давлатӣ гирифта шудаанд, хариди телефонҳои мобилӣ ва шумораи истифодабарандагони он торафт меафзоянд. Шумораи умумии муштариёни телефонҳои мобилӣ дар мамлакат дар чаҳор соли гузашта тақрибан ду баробар афзуда, бештар аз 10 миллион нафарро ташкил додааст.

Ҳоло таҳқиқоти олимон исбот намудааст, ки истифодаи бенизому бемеъёри телефонҳои мобилӣ, махсусан аз ҷониби наврасону ҷавонон, ба сустшавии фаъолияти ҷисмонӣ, пастшавии қобилияти фикрронию қабули ахбор, бемор шудани узвҳои шунавоӣ ва ҳатто ба безурётӣ оварда мерасонад.

Хулоса, технологияҳое, ки бояд дар хизмати инсон бошанд, акнун лаҷоми моро ба даст гирифтаанд ва роҳбарони ширкатҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои электронӣ моро ба ҳар тарафе, ки мехоҳанд, мебаранд ва мо фақат мунтазирем, ки маҳсулоти нави онҳоро харидорӣ кунем ва даромадашонро саршортар созем. Аммо онҳо ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ даромаде қонеъ намешаванд ва бо пешкаш намудани навъу намудҳои тозаи телефонҳояшон, ки дар сафҳаи паҳни онҳо сурати моту мабҳут ва ба васвасаи харид афтодаи худро мебинем, моро барои сарозер кардани пулҳоямон фаро мехонанд. Ва акнун бо боварии комил метавон гуфт: **он гумони пеш, ки инсон технологияҳоро ба хидмат мегирад, ботил шудааст, зеро акнун инсон асири технологияҳо шудааст.**

## Асари тасвири шаҳватангез ва порнография бар хонавода

Ҳарчанд порнография дар Ғарб каме баъд аз синамо пайдо шудааст, дар кишварҳое, мисли кишвари мо, дар ду даҳсолаи охир сурати ҷиддӣ ба худ гирифтааст ва акнун – бо зуҳури Интернет – ҳар мактабхон ҳам метавонад, бо фишор додан, ба аксҳо ва филмҳое аз ин қабил даст ёбад ва ҳатто филтри шадид ҳам монеаи дастрасӣ намебошад.

Дар баъзе аз кишварҳои анъанагарои пешрафта талоши зиёд мекунанд, ки бо ҳар роҳе дастрасии кӯдаконро ба порнография ҷилавгирӣ намоянд ва ақаллан онро таҳти назорати волидайн қарор диҳанд. Дар ин замина қонунҳое ба тасвиб расидаанд, ки тибқи онҳо сайтҳои дорои муҳтавои ҷинсӣ баста мешаванд. Дар Тоҷикистон низ барои тайёр кардан ва ба муомилот баровардани маводи порнографӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Дар кишвари мо бо таваҷҷуҳ ба маҳдудиятҳои робитаҳои ҷинсӣ, ки ахлоқи миллӣ муайян намудааст, таъсири харобиовари порнография ба маротиб бештар аз кишварҳоест, ки дар онҳо озодии робитаҳои ҷинсӣ вуҷуд дорад. Ҳарчанд омори дақиқе аз таҷовуз ба номус дар кишварамон интишор нашудааст, аммо метавон гуфт, ки бисёре аз ин гуна ҷиноятҳо ба иллати таъсири бардошта аз тамошои маводи порнографӣ сурат мегиранд.

Порнография беш аз ҳама ба навҷавонон таъсири харобиовар дорад. Каҷравиҳо ва бебандубории ҷинсие, ки бар асари тамошои маводи

порнографӣ ба вуҷуд меоянд, масъалаи исботшуда мебошад.

Тамошои филмҳои порнографӣ ба муносибатҳои заношӯӣ низ таъсир мерасонад. Филмҳои порнографӣ бо намоиши саҳнаҳои ғайривоқеӣ ва тахаюлии робитаи ҷинсӣ барои афрод намоди ҳамхоби ормониро эҷод мекунанд. Ва вақте он афрод дар робитаи ҷинсӣ ба ормони худ даст намеёбад, дучори яъсу ноумедӣ мешавад ва мушкилро дар ҳамсари худ ва ё нотавонии хеш ҷустуҷӯ мекунад. Бадеҳист, ки наслҳои ду-се даҳсолаи пеш ин мушкилро надоштанд ва бидуни ҳеҷ гуна сармашқҳои хаёлӣ аз робитаи заношӯӣ эҳсоси ризояти комил ба даст меоварданд.

Илова бар ин, тасвири тахаюлии иғроқомези робитаи ҷинсӣ ба муҷаррадҳо низ дар интихоби ҳамсари зиндагии худ асари манфӣ мегузорад. Бисёре аз муҷаррадҳо, ки пеш аз издивоҷ робитаи комили ҷинсӣ надоранд, бо ҳамин сармашқҳои хаёлӣ ба интихоби ҳамсар мепардозанд ва зебоиву андоми каси мавриди интихобашон ба онҳо асари ғайримантиқӣ мегузорад. Беш аз ҳад дар издивоҷ ба масъалаи ҷинсӣ аҳамият додан боиси бурузи мушкилоти зиёде дар издивоҷ хоҳад шуд, ки дар ниҳоят сабаби афзоиши ҷудошавии завҷҳо мешавад.

Хулоса, масъалаи мубориза бо падидаи тамоили наврасону ҷавонон ба маводи шаҳватангез яке аз гиреҳҳои сарбастаест, ки бояд равоншиносон ва донишмандони илмҳои тарбиявӣ барои кушодани он ҷаҳду талош намоянд. Ба ҳар ҳол равшан аст, ки сензура ва филтри Интернет роҳи ҳалли масъала намебошанд.

## «Ороиш мекунам, пас ҳастам»

Имрӯзҳо истифодаи беш аз ҳадди лавозимоти ороишӣ дар ҷомеа ба як мавзӯи баҳсталаб табдил шудааст. Одамоне, ки аз кишварҳои хориҷӣ ба мамлакати мо меоянд, бо пиндоре, ки як ҷомеаи ба куллӣ анъанавиро хоҳанд дид, аз либосу ороиши хоси иддаи зиёде аз духтарону ҷавонзанҳои мо ҳайратзада мешаванд. Ин духтарону ҷавонзанҳо дар хиёбонҳову кӯчаҳои шаҳр чунон ороиш мекунанд, ки занони кишварҳои дигар дар маросими арӯсиашон ҳам чунон ороиш намекунанд. Кӯчаву хиёбонҳои шаҳр мисли толори мӯд шудаанд ва наметавон ташхис дод, ки кӣ аз рӯи касбаш раққосаи тӯйгард асту кӣ корманди идораи давлатӣ ё мутахассиси ширкати обрӯманд.

Барои посух гуфтан бар ин пурсиш, ки чаро ин масъала ба тарзи рӯзафзун рӯ ба густариш аст, метавон ба ин падида аз паҳлуҳои гуногун нигоҳ кард, вале ба назар мерасад, ки далелҳои асосии ин масъала инҳоянд:

***Мушкилоти ҳувиятии насли ҷавон.*** Насли ҷавонро **насли фарҳанги омехта** номидан ба ҳақиқат наздик аст. Ба ин далел, ки ин насл дар даврони гузариш аз фарҳанги шӯравии аз бисёр ҷиҳат анъанавӣ ба фарҳанги замони навин бо унсурҳои ғарбгароӣ ва таъсири расонаҳо зиндагӣ мекунад ва таҳти таъсири ҳар ду қарор гирифтааст. Ин омехтагии фарҳангӣ мӯҷиб шудааст, ки гурӯҳи бузурге аз ҷавонон то ба андозае ҳувияташро гум кунад. Онҳо намедонанд дар саҳнаи зиндагӣ чӣ нақше доранд ва барои аз ҳузури худ ба дигарон хабар додан бо худнамоӣ, ороиши

ғализ ва либосҳои таннамо таваҷҷуҳи дигаронро ба худ ҷалб мекунанд. Ба ибораи дигар, бақои худро дар ороишу ҷилвагарӣ мебинанд. **Зеро арзишҳои анъанавии онҳо дучори харобӣ шудаанд ва аз байн рафтаанд ва арзишҳои нав низ ҷойгузини онон нашудаанд.** Дар натиҷа ба ин вазъ расидаанд, ки танҳо бо худнамоӣ ҳаёт меёбанд ва бо таҳрифи қавли Рене Декарт мегӯянд: «Ороиш мекунам, пас ҳастам».

Занҳо ва духтарони оилаҳои солим ниёз ба пайдо кардани ҳувияти худ бо ин равишро надоранд ва саъй мекунанд – бо пайравӣ аз арзишҳои анъанавии миллӣ – бо рафтори писандидаву дархӯри ҷомеа таҳсил намоянд, касбу кор омӯзанд, кор кунанд, бо ҷуфти муносиби худашон оила барпо созанд ва фарзандони солеҳ ба дунё биёранд.

***Мушкилоти иқтисодӣ.*** Иқтисоди тавсеанаёфта, ки иддаи зиёде аз ҷавонони кишварро бекор гузоштааст, боис шудааст, ки неруи ин ҷавонон сарфи корҳои беҳуда ва зоҳирпарастӣ шавад. Илова бар ин, фарзанддӯстдории бемантиқи анъанавӣ хонаводаҳоро маҷбур мекунад, то хароҷоти зиёди худоройӣ ва зоҳирпарастиҳои фарзандонро ба ҳар қимате таъмин намоянд.

***Расонаҳо.*** Ин мушкил фақат ба кишвари мо хос нест ва ороиши тан ва ба таври сунъӣ афзудан ба зебоии он имрӯзҳо дар тамоми дунё ба як мушкил табдил шудааст, ки муҳимтарин омили он расонаҳо низ мебошанд, ки дар низоми сармоядорӣ барои афзоиши даромади худ доимо либосу мӯд ва ороишҳои ифротиро таблиғ ва арзишгузорӣ мекунанд.

**Таннамоӣ ва бемории таҳрики ҷинсӣ осори дарозмуддате дорад, ки бояд дар ояндаи начандон дур мунтазири пайомадҳои хатарбори он буд. Чунончи, имрӯзҳо низ осори онро дар афзоиши бемайлони вайроншавии оилаҳо мушоҳида менамоем.**

Дар ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи мо падидаи дигаре, ки усулан иқдоми амалии таннамоӣ ва бемории таҳрики ҷинсӣ аст, ба чашм мерасад, ки ба шаъну обрӯи миллат иснод меоварад. **Ва ин падидаи фоҳишагӣ аст.** Равоншиносон иллатҳои ин падидаро иллатҳои равонӣ, аз ҷумла гироиш ба гуногунталабӣ ва заифии ҳувияти ахлоқӣ, медонанд ва дар бархе аз афроди ин гурӯҳ табоҳии шахсиятро мушоҳида намудаанд.

Аз назари ҷомеашиносон, иллати фоҳишагӣ танҳо падидаи равонӣ намебошад, балки бештар ҷанбаҳои ахлоқиву иҷтимоӣ дорад. Намояндагони ин гурӯҳ маъмулан афроде ҳастанд, ки бино ба нагирифтани таълиму тарбияи дуруст, намехоҳанд ва наметавонанд бо сахтиҳои зиндагӣ мубориза намоянд, дар паҳлуи падару модар ё ҳамсар, бо қаноат кардан ба он чи бо меҳнати ҳалол ба даст меоянд, зиндагӣ кунанд. Мушкилоти иқтисодӣ, бекорӣ, камбизоатии хонаводаҳо, тамошои филмҳои гуногун дар барномаҳои моҳвораӣ ва тақлид ба фарҳанги Ғарб муассиртарин омилҳои лағзиши духтарони ҷавон аз роҳи рост ба пайроҳаи нопокиву фасод мебошанд.

Воқеият ин аст, ки ҳамаи ин занҳо ва духтарҳоро наметавон фоҳиша номид. Бисёре аз онҳо қурбонии муносибатҳои оилавӣ, хушунат, камбизоатӣ, нашъамандӣ, бекорӣ, издивоҷи маҷбурӣ ва дигар омилҳо мебошанд. Ба таври куллӣ, то он замоне, ки

заминаҳои иҷтимоиву иқтисодиву фарҳангии густариш пайдо кардани ин падидаи нангин аз байн нараванд, кӯчактарин пешравие дар решакан кардани ин мушкил ба даст нахоҳад омад.

**Ин нукта имрӯз дигар баҳсе наметавонад ба вуҷуд оварад, ки сарфакорӣ, қаноат, эҳтиром ба волидайн, хушзабонӣ, бавижа дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, хоксорӣ ва монанди инҳо батадриҷ камарзиш шудаанд.** Омилҳо даст ба дасти ҳам додаанд ва ин тағйиротро ба вуҷуд овардаанд, ки ба назар мерасад дар ин замина таъсири барномаҳои телевизиони хориҷӣ, моҳвора, матбуоти ватанӣ, ки низ асосан бо шеваи хориҷиён мақолаву мавод ба табъ мерасонад, нақши муҳиме доштааст.

Нақши асосии воситаҳои иртиботӣ интишори ҷараёни рӯйдодҳои иҷтимоӣ аст, ки инсон имкон меёбад аз рӯйдодҳои муҳим иттилоъ пайдо кунад ва вокунишҳои муносибе дар пеш гирад ё метавонад аз омӯзишҳои дарсӣ ва ғайридарсӣ истифода кунад. Вале баъзе аз василаҳои иртиботӣ, бавижа телевизион, моҳвора, Интернет ва матбуот, бо пахши филмҳо ва омӯзишҳо талош мекунанд омӯзаҳое бо мӯдҳои тоза ва мутаносиб бо фарҳанги худашон ба гирандагони барномаҳо пешниҳод намоянд. Барои мисол, корбарон метавонанд аз омӯзишҳои Интернет ва моҳвора истифода намоянд ва бо мӯдҳои ҷадид ошно шаванд. Ин омӯзишҳо ба таври мустақим мӯдҳоеро ироя мекунанд, ки лозиман бо фарҳанги ҷомеаи мо мувофиқ нестанд.

Пахши филмҳо ва бархе аз барномаҳо дар телевизион ва синамо илова бар ин, ки нақши иттилоърасонӣ доранд ва ба огоҳиҳои афрод меафзоянд,

дар андешаву тафаккураш низ таъсирҳои зиёде мегузоранд. Ин таъсиргузорӣ ба интихоби рафторҳои тозаи зиндагӣ меанҷомад. Масалан, бо дидани филмҳои марбут ба зиндагии ҷавонони имрӯзи кишварҳои Ғарб ақидаи шахсии фард нисбат ба ахлоқ ва шароити зиндагии ҷавонон дигаргун мешавад ва ҳатто мумкин аст дар худ гироишро ба зиндагии ошуфтаи ҷавонони он кишварҳо эҳсос кунад.

Таблиғи филм ва намоишҳо дар маҷаллаву рӯзнома ва намоиши онҳо дар телевизиону синамо ва тамошои баъзе аз онҳо аз тариқи моҳвора ҷилваҳои дигаре доранд. Дар кишвари мо бештар филмҳо дар хонаҳои бузургу бошукӯҳ ба навор гирифта мешаванд ва мебелҳои гаронбаҳо, сервисҳои хӯрокхӯрӣ, ошпазхонаҳои бузургу муҷаҳҳаз бо охирин василаҳои техникаи маишӣ ва ғайра ба кор мераванд. Ва тамошобинро ба зиндагии дабдабанок талқин мекунанд.

Дар аксар филмҳо ва сериалҳо ба ҳанарпешаҳо тозатарин мӯдҳоро мепӯшонанд ва дар ҳар саҳна аз филм либосҳо ва ороишҳои тозае иваз мешаванд. Духтарони муҷаррад ва издивоҷкарда ба таври хиракунандае чеҳрапардозӣ мешаванд, ҳатто агар дар филм нақши фарди камбизоатро бозӣ кунанд. Созандагони филм – бо истифодаи мусоҳибаҳои давомдор – арзишҳоеро ба тамошогарон илқо мекунанд, ки гумон меравад мавриди ниёз бошанд.

Тақлидҳои шигифтовар аз ороиши мӯ ва либосу ҳаракати ҳунарпешагони филмҳои ғарбӣ – билофосила пас аз намоиши он филмҳо – дар хиёбонҳои шаҳрҳои кишварончунон ба чашм мехӯранд, ки гӯё инҳо шабаҳи қаҳрамонҳои филмҳои хориҷӣ бошанд.

Тақрибан дар ҳамаи шабакаҳо – бо тақлид ба барномаҳои телевизиони Россия ва кишварҳои ғарбӣ – барномаҳои хӯрокпазӣ намоиш дода мешаванд ва дар он барномаҳо тарзи зиндагии лаззатгароёна тарғиб мешавад. Рафтору гуфтори барандагони ин барномаҳо низ тақлиди мӯбамӯ ба хориҷиён аст.

Бештар филмҳо ва барномаҳо чунин муҳтавое доранд, ки ба бинанда талқин мекунанд, ки ҳар кас мошини хориҷӣ, ҷиҳози гаронбаҳо, моҳвора ва амсоли инҳоро надошта бошад, фақиру бечораву бадбахт аст ва гӯё бидуни ин василаҳо зиндагӣ умуман ғайримумкин аст. **Чунин бардошт инъикос аз зиндагии буржуазӣ аст.** Аз тарафи дигар, намоиши чунин филмҳо ва барномаҳо дар афкори мардумони дигар кишварҳо аз тарзи зиндагии тоҷикон, ки гӯё ҳама дар манзилҳои бошукӯҳ зиндагӣ мекунанд ва зиндагии хушу бениёзона доранд, тасаввури барғалат эҷод мекунад. Ва ин ҳама дар суратест, ки то ҳол ягон филме аз зиндагии душвори муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар кишварҳои ҳамсоя бо сахтиву зиллат кору зиндагӣ доранд ва фарзандонашон дар ватан солҳо чашм ба роҳи бозгашташон дӯхтаанд, ба навор бардоштаву намоиш дода нашудааст. Ҳақиқат талх аст, вале онро пинҳон кардан меваҳои аз он талхтар ба бор меоварад. Бигзор онҳое, ки дар ватан ҳастанд, донанд, ки ҳамватанони муҳоҷири мо бо чӣ азобу машаққат барои наздикону фарзандонашон ризқу рӯзӣ ба даст меоваранд. Дар чӣ шароити ғайриинсонӣ зиндагӣ мекунанд ва дар миёни мардуми кишвари будубошашон чӣ мақому мартабаи инсонӣ доранд. Вале аз рӯи барномаҳову филмҳои телевизион

чунин тасаввур пайдо мешавад, ки дар ҷомеаи мо ягон камбудӣ вуҷуд надорад ва, агар мушкиле ҳам ҳаст, фақат мушкили дарунихонаводагист, ки он ҳам заминаи моддӣ надорад. Ҳол он ки ҳамасола садҳо хонаводаҳо маҳз дар заминаи ҳодисаҳои марбут ба муҳоҷират пош мехӯранд.

Телевизион дар ҳар хонае вуҷуд дорад. Аъзои хонавода маъмулан дар канори ҳам машғули тамошои телевизион ҳастанд. Аммо дар вақти тамошои филмҳои сохти хориҷӣ банохост лаҳзае фаро мерасад, ки ҳама, чи калонсолон ва чи хурдсолон, аз шарм сарҳояшонро ба зер меандозанд. Ва ин лаҳзаи ногувор ба далели намоиши саҳнаи муошиқати қаҳрамонҳои филм ба вуҷуд меояд. Тақрибан филми хориҷиеро наметавон пайдо кард, ки дар он саҳнаҳои муошиқат ва бӯсу канор набошанд. Барои фарҳанги Ғарб, ки бӯсу канор як кори одӣ аст, тамошои такрор ба такрори чунин саҳнаҳо дар назари ҷавонони мо амали ғайриахлоқӣ будани муошиқату муғозаларо батадриҷ коҳиш медиҳад.

Тамошои такрори барномаҳо ва филмҳо бинандагонро ба пайравӣ кардан, аз он чи мебинанд, ташвиқ мекунад. Ҳар қадар пахши филмҳо ва барномаҳои дорои муҳтавои муайян бештар такрор шавад, рафтор тибқи он барномаву филмҳо низ бештар мешавад ва афрод ба анҷом додани чунин рафторҳое одат мекунад.

Вақте бинандагон ба як ангезаи арзишӣ одат мекунанд, онро дигар «бад» ё «манфӣ» ҳисоб намекунанд. Бисёре аз инсонҳо ақида доранд ва медонанд, ки маводи мухаддир, масалан тарёк, чизи баде мебошад,

зеро қудрати ҷисмиву рӯҳии инсонро коҳиш медиҳад. Аммо агар ба ҳамон инсонҳо бо равишҳои гуногун, бидуни он ки худашон фаҳманд, батадриҷ ба миқдори каме тарёк хӯронда шавад, онҳо ба ҳамон миқдор одат мекунанд ва дигар тарёкро чизи бад намедонанд. **Бо ҳамин тартиб аъзои оила ё ҷомеа низ он арзишҳоеро, ки пеш манфӣ ҳисоб мекарданд, пас аз зери таъсири онҳо қарор гирифтан ва ба бахше аз одату рафтори худ табдил додан, дигар бад ҳисоб намекунанд, балки хубу матлуб медонанд.**

Ҳамон тавр ки гуфта шуд, ҷомеаи мо ҷомеаест бо арзишҳо ва меъёрҳои хоси худаш. Бино бар ин, расонаҳо бояд ба унвони афзорҳое дар хидмати арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқии миллати мо бошанд ва бо пешниҳоди барномаҳои гуногун афроди ҷомеаро ба сӯи саодат ва зиндагии беҳтар раҳнамун созанд. Шеваҳои дурусту беҳтари зиндагӣ, сармашқҳои рафтор, либоспӯшӣ ва монанди инҳоро тарғиб намоянд.

## Дунёи кӯдак – дунёи Интернет

Имрӯзҳо компютер ва Интернет яке аз бахшҳои зиндагии рӯзмарраи мо шудаанд. Дар ҷомеаи имрӯз муносибатҳо ва робитаҳои баъзе оилаҳо – чи дар зиндагии шахсӣ ва чи дар масъалаҳои корӣ – ба қадре бо ин воситаҳо гиреҳ хӯрдаанд, ки ҳатто дигар тасаввури вуҷуд надоштани компютер ва Интернет дар зиндагии онҳо ғайримумкин аст. Наметавон тасаввур кард, ки фарзандони мо ба воя расанд, рушд кунанд, ба донишгоҳ дохил шаванд ва ё бо касбу коре машғул

шаванд, аммо бо компютер ошно набошанд ва натавонанд аз Интернет истифода намоянд. Аммо дунёи Интернет, монанди дунёи воқеӣ, метавонад барои кӯдакон хатарнок бошад. Дар ин чанд саҳифа дар атрофи мавзӯъҳое, чун кӯдак ва Интернет, кӯдак ва омӯзиши интернетӣ, назорати волидайн бар истифодаи кӯдак аз Интернет, вобастагии интернетии кӯдак ва дигар масъалаҳои марбут, сухан хоҳад рафт.

## Кӯдак ва Интернет

Имрӯз дар ҷаҳон, аз рӯи баровардҳои гуногун, ба ҳисоби миёна аз 1 то 1,4 миллиард нафар одамон, ки бахши қобили мулоҳизае аз онҳо кӯдакҳо мебошанд, аз Интернет истифода мебаранд. Кӯдакон барои касби иттилоот, ба роҳ мондани иртибот бо дӯстону ҳамсинфону хешу таборашон аз тариқи номаи электронӣ, омӯхтани маҳоратҳои компютерӣ ва ширкат дар ҳар гуна баҳсҳо ба Интернет муроҷиат мекунанд.

Интернет метавонад барои кӯдакон конуни беҳтарини илму маърифат бошад, то биомӯзанд, бозӣ кунанд, бо дӯстони худ гап зананд ва барои баҳраманд шудан аз илму фарҳанг аз он истифода намоянд. Кӯдакон метавонанд – бо истифода аз Интернет – музейҳо ё ҷойҳои дидании шаҳрҳо ва дигар кишварҳоро бинанд, бо тарзи зиндагиву рӯзгори ҳамсолони худ ошно шаванд. Кӯдакони бемору нотавон метавонанд бо ҳамсолони худ гуфтугӯ кунанд ва аз эҳсоси танҳоии худ раҳоӣ ёбанд.

Дар баъзе кишварҳо ҳудуди 80% мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба Интернет дастрасӣ доранд. Бо ин

ҳама, лозим ба тазаккур аст, ки кор бо компютер ва Интернет мӯҷиби беҳбуди вазъияти таҳсилии кӯдак намешавад. Кӯдакон беҳтарин омӯзишро бо доштани муаллими ботаҷриба ва таҳсил дар мактаб ба даст меоваранд. Яъне донишомӯзон – барои истифодаи муассир аз ин воситаҳои технологӣ низ – ба омӯзгорони моҳир ниёз доранд, то донишу маҳораташон дар ворид шудан ба дунёи беканори маҷозӣ ҳадафмандона ва судовар бошад.

Дар айни ҳол ин восита, монанди тамоми технологияҳои нав, дорои мушкилотест, ки бетаваҷҷуҳӣ ба он метавонад бисёр хатарнок бошад. Интернет ба далели густурдагии хадамоте, ки ба истифодабарандагон арза мекунад ва ҳамчунин ба сабаби фарогирии корбурди он дар миёни одамони зиёд, дар муқоиса бо дигар падидаҳои технологии навин, бештар мӯҷиби харобиву зиёну зарар дар ахлоқу маънавиёт мегардад. Ба таври қатъӣ осебпазиртарин гурӯҳ дар баробари ин зараpу зиён кӯдакону наврасон ҳастанд. Дар солҳои охир дар кишвари мо, чун дар бисёре аз кишварҳо, роҳу равиши дар ихтиёри кӯдакону наврасон гузоштани Интернет аз нигарониҳои муҳими оилаҳои мо шудааст. Бештари падарону модарон талош мекунанд, ки бо корбурди назорат ва маҳдуд кардан хатарҳои Интернетро барои фарзандони худ ба ҳадди ақал расонанд. Вале бисёре аз онҳо шеваҳои муносиби назорат ва корбурди маҳдудиятро намедонанд ва ин шеваҳои нодуруст дар баъзе мавридҳо боиси нофармонии кӯдакону наврасон ва бурузи мушкилоти сахттаре мешаванд.

## Кӯдак ва омӯзиши интернетӣ

Дунёи иртибототи электронӣ барои кӯдакон ояндаи тозае кушодааст. Дар ҳама ҷои ҷомеа омӯзиш ба чашм мехӯрад, ҳатто дар хона низ метавон омӯхт. Омӯзиш ба як фаъолияти ҳамагониву дастрас табдил шудааст ва ҳар созмони омӯзишӣ хазинае аз донистаниҳои гуногунро дар ихтиёр дорад. Ин омӯзиш бисёрҷанбаист ва метавонад дар як вақт аз якчанд риштаи таълимӣ донистаниҳоеро арза намояд. Чунин ба назар мерасад, ки он донишҳоеро, ки наслҳои пешин дар тӯли солҳои дароз фаро мегирифтанд, имрӯз мешавад бозикунон омӯхт. Аҷиб ин аст, ки баъзеҳо ба ростӣ бовар доранд, ки кӯдакон дар асри иртиботот метавонанд ҷиддитарин муҳтавоҳои омӯзиширо дар камоли осонӣ фаро гиранд. Кор ба ҷое расидааст, ки бархе аз муҳаққиқон муътақиданд: бояд аз равишҳои анъанавии омӯзиш, ки дар он муаллимон нақши фаъолеро бар уҳда доранд, даст кашид ва ба шеваҳои омӯзиши муносиби асри иттилоот, ки донишомӯзон бо омӯхтани саводи иттилоотӣ нақши пӯёе дар раванди ёдгирӣ меёбанд, рӯй овард.

Албатта, иттилооту дониши зиёде дар Интернет вуҷуд доранд, вале ин иттилооту донишҳо хеле зуд мӯҷиби сардаргумӣ ва ноумедии донишомӯзон мешаванд ва баррасиҳо низ нишон медиҳанд, ки аз Интернет – ҳамчун воситаи омӯзишӣ – танҳо тавассути муаллим бояд истифода кард. Бино бар ин, барои истифодаи дуруст аз Интернет дар ростои омӯзиш бояд сатҳҳои онро дар мадди назар дошт:

– сатҳи якум: омӯзгорон манбаъҳои интернетиро барои гирдоварии иттилооти мавриди истифода муайян мекунанд;

– сатҳи дуввум: манбаъҳои интернетӣ ба сурати муштарак байни донишомӯз ва муаллим истифода мешаванд;

– сатҳи севвум: омӯзгорон ба таври мустақим манбаъҳои интернетиро ба барномаҳои таълимӣ ворид мекунанд;

– сатҳи чаҳорум: донишомӯзон худ интихоби манбаъҳоро бар уҳда мегиранд ва муаллим фақат роҳнамоӣ мекунад;

– сатҳи панҷум: донишомӯзон ба сурати мустақим истифода аз манбаъҳои интернетиро ба уҳда мегиранд ва аз онҳо баҳра мебаранд.

Бо ин ҳама, вуҷуд доштани мушкилоте, мисли дастрас набудани Интернет ба ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, хароҷотҳои марбут ба он, мавҷуд набудани сохтори танзимкунандаи омӯзиши интернетӣ дар низоми омӯзишӣ ва монанди инҳо, ҳатто барои кишварҳои саноатии бузурге, чун ИМА, комилан муваффақиятомез набудааст.

Аз бартарии дигари Интернет дар заминаи омӯзиш метавон ба алоқаманд кардани кӯдакон ба хондан ва навиштан ишора кард, бахусус барои эҷоди ангеза дар донишомӯзоне, ки сустхон ҳастанд. Аммо дар ин маврид низ ба тавсияҳои омӯзгорон бояд таваҷҷуҳ кард.

Бо ин ҳама, аз нигоҳи муҳаққиқон, компютер, бавижа Интернет, кӯдаконро аз мутолиа дур мекунанд, ба самти одатҳои нохушоянд раҳнамун месозанд ва

онҳо афзалтар медонанд аз компютерҳо ва Интернет ҳамчун аз воситаи гӯш кардани суруд ва тамошо кардани ҳар гуна маводи тасвирӣ истифода намоянд.

Коршиносон дар як назарсанҷӣ аз муаллимон, кормандони китобхонаҳо ва истифодабарандагони компютер ба натиҷа расидаанд, ки **истифодаи Интернет ба пешрафти таҳсилии бештар аз 86 дарсади донишомӯзон ва донишҷӯён кумаке накардааст.** Зеро иттилооти интернетӣ он қадар бесарусомон ва мавзӯъҳои дарсӣ ба андозае номураттаб ҳастанд, ки истифодакунанда барои пайдо кардани маводу матолиби мавриди ниёз сардаргум мезанад.

## Истифода аз Интернет ва назорати волидайн

Кӯдак ҳангоми хондани китоб қаҳрамонҳо ва манзараҳоро дар зеҳни худ тасаввур мекунад. Шуури ӯ қодир аст, то ҳар тавр, ки мехоҳад, тасаввур кунад. Вале дар иртибот бо компютер тамоми тахайюлоти ӯ аз пеш сохта шудааст. Бино бар ин, ӯ дигар даст ба офариниши тасвирҳои зеҳнӣ намезанад ва ин вазъ батадриҷ неруи тахайюли ӯро ба коҳиш мебарад. Аз ин рӯ, набояд кӯдаконро дар баробари компютер беназорат ва танҳо гузошт.

Аммо таҳқиқоти суратгирифта нишон медиҳад, ки волидайни бештари кӯдакону наврасон дар ҳолати онлайн будани фарзандонашон ҳеҷ назорате бар онҳо надоранд. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто мумкин аст бисёре аз оилаҳо аз фаъолиятҳои онлайни фарзандонашон иттилоъ надошта бошанд ва ё дар сурати

огоҳӣ – ба далели надоштани дарки моҳияти ин фановарӣ – натавонанд ба таври комил ба хатарҳои эҳтимолии истифодаи он пай баранд. Баррасии анҷомшуда дар бисёре аз кишварҳо нишон медиҳад, ки танҳо ҳафт дарсади волидайни кӯдакон аз рафторҳои онҳо дар Интернет воқифанд ва онҳоро дар дунёи онлайн зери назорат доранд. Ҳамчунин ин баррасиҳо мушаххас кардаанд, ки 20 дарсади кӯдакон ба сурати мураттаб вориди сайтҳое мешаванд, ки аз ҷониби волидайн манъ шудаанд.

Вуруди кӯдак – бидуни назорати волидайн – ба дунёи онлайн мавқеият ва вазъияти ӯро ба хатар меандозад. Бино бар ин, дар канори равишҳои маҳдудкунанда, монанди филтргузорӣ, мавзӯе, ки мавриди таваҷҷуҳи вижа бояд қарор гирад, омӯзиши волидайн аст. Зеро дар аксар маврид сатҳи иттилоот ва таҷрибаи мустақими волидайн аз маҳорату дониши кӯдакон ба маротиб камтар аст. Мушкиле, ки аз сӯи волидайн дар бисёре аз гӯшаҳои дунё ба назар мерасад, маҳз ҳамин надоштани донишу малакаи истифодаву корбурди падарону модарон аз компютер ва Интернет аст, ки дастрасии озод ва бидуни маҳдудияти фарзандонро ба дунёи маҷозӣ фароҳам меоварад.

Барои ин ҳам натиҷаи баррасиҳои коршиносонро дар мавриди таъсири компютер ва Интернет ба кӯдак бояд дар маркази таваҷҷуҳ дошт ва – дар ҳадди тавон – барои пешгирии он талош намуд. Бино бар ин, волидайн бояд содиқона биандешанд, ки оё ҳамаи имконияту тавоноиҳои худро барои назорати саҳеҳу дуруст ҳангоми истифодаи кӯдак аз Интернет ба кор мегиранд, ҳамон тавр ки кӯдак аз ҳамаи тавоноии худ ҳангоми вуруд ба Интернет истифода мебарад?

## Кӯдак ва хушунати интернетӣ

Нокомӣ яке аз муассиртарин омилҳои бавуҷудоварандаи рафтори хушунатомез дар миёни дигар сабабу омилҳо мебошад. Агар инсоне дар роҳи расидан ба ҳадафи худ ба шикасту нокомӣ рӯ ба рӯ шавад, эҳтимоли зуҳури пархошгарона дар рафтори ӯ ба маротиб афзоиш меёбад. Равоншиносон ба натиҷа расидаанд: кӯдаконе, ки асбоби бозӣ надоранд, камтар пархошгар мешаванд, вале кӯдаконе, ки комилан интизори онро доранд, ки бо асбоби бозие бозӣ хоҳанд кард, агар ин интизор бароварда нашавад, асабонӣ мешаванд. Бино бар ин, дарёфти дастрасӣ ба Интернет аз ҷониби кӯдакон – ҳамчун пайдо кардани имконияти хушгузарониву бозӣ – метавонад таъсири харобиовар ба рӯҳияи онҳо дошта бошад. Зеро кӯдакон одатан дар мавриди даст наёфтан ба он чи, ки майли шадид доранд, сахт ноумеду афсурда мегарданд.

Тамошои филмҳо ва барномаҳои хушунатомези интернетӣ низ метавонад бар рафтори кӯдак таъсири манфӣ дошта бошад. Маҷмӯае аз озмоишҳои коршиносон нишон додаанд, ки мушоҳидаи рафтори пархошгаронаи дигарон метавонад рафтори пархошгаронаи кӯдакро афзоиш диҳад.

Аз ин рӯ, падарону модаронро лозим аст, ки худашон пойгоҳҳои махсуси синну соли кӯдакони худро боз намоянд ва ҳамроҳи онҳо ба хондану тамошо кардани муҳтавои он пойгоҳҳо нишинанд. Ва, муҳимтар аз ҳама, волидайн бар он кӯшанд, ки кӯдакон пайваста таҳти назорат қарор гиранд, то ин ки бар соиқаи кунҷкобии

кӯдакона ба фикри ҷустуҷӯи пойгоҳҳои дорои муҳтавои зӯровариву пархошгарӣ наафтанд.

## Кӯдакон ва порнографияи интернетӣ

Кӯдакон дар ҳамаи гӯшаву канори дунё гурӯҳе ҳастанд, ки пеш аз ҳама дар робита бо таъсири зид-диахлоқии Интернет, бавижа дар масъалаи сӯистифодаи ҷинсӣ, мавриди таваҷҷуҳ ҳастанд. Бино бар ин, ҳарчи Интернет бештар тавсеа ёбад, кӯдакон бештар дар маърази маводу муҳтавои хатарноки он қарор мегиранд. Фаъолиятҳои ҷинояткоронаи марбут ба фаҳшои кӯдакон ва порнография, ки аз тариқи Интернет мавриди сӯистифода қарор мегиранд, акнун аз масъалаҳои доғ ба шумор мераванд.

Дар ҳоли ҳозир, тибқи омори сарчашмаҳои гуногун, шумораи сайтҳои порнографӣ дар Интернет аз 20000 то 7 миллион мебошад; ҳар сония 28258 истифодабарандаи Интернет сайтҳои порнографиро тамошо мекунад; дар ҳар 39 дақиқа порновидеои наве сохта мешавад; 12 дарсади тамоми веб-сайтҳо порнографӣ мебошанд; ҳар рӯз дар Интернет 266 сайти нави порнографӣ пайдо мешавад; 9 нафар аз 10 кӯдаки аз 8 то 16-сола дар Интернет – ё тасодуфан ва ё ҳангоми дарси хонагӣ тайёр кардан – порнография тамошо кардаанд; тибқи таҳқиқоти агентии NetValue, кӯдакон бештар аз 64 дарсади вақти худро, нисбат ба сайтҳои бозӣ, ба тамошои сайтҳои порнографӣ сарф мекунанд; 62% волидайн аз ин, ки фарзандонашон метавонанд ба сайти номуносибе ворид шаванд, изҳори нигаронӣ намекунанд.

Имрӯзҳо яке аз муҳимтарин вазифаҳои ҳар ҷомеа посдошти кӯдакон аз хатарҳову осебҳост. Ва мавзӯе, ки бештар аз ҳар мавзӯи дигар боиси изтироби мардум аст, Интернет мебошад. Дастраспазирӣ ва аҳамияти омӯзишии Интернет аз ҷумлаи далелҳои калидӣ аст, ки дар саросари ҷаҳон давлатҳоро ба он водоштааст, ки ба насби шабакаҳои Интернет дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ иқдом ва ин гуна лоиҳаҳоро сармоягузорӣ намоянд. Бо ин ҳама, ҷомеаҳо аз дастёбии осони кӯдакон ба порнография пайваста дар ташвиш ҳастанд.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки масъулияти посдошти кӯдакон аз таъсири манфии Интернет, ба ҷуз падарону модарон, ҳамчунон бар уҳдаи омӯзгорон, мутасаддиёни китобхонаҳо ва интернет-кафеҳост. Онҳо бояд, бо насб кардани воситаҳои вижаи амниятӣ ба компютерҳо, дастрасии кӯдаконро ба пойгоҳҳои дорои маводу матлабҳои ғайриахлоқӣ пешгирӣ намоянд ва бо додани тавсияҳо кӯдаконро аз фиристодани бархе аз иттилоот, масалан, шумораи телефон, боздоранд. Яке аз имтиёзҳои воситаҳои вижаи амниятӣ ин аст, ки падарону модарон метавонанд – бар асоси синни балоғати кӯдак – тасмим гиранд то чӣ андоза бояд дастрасӣ ба иттилооти интернетиро маҳдуд созанд. Албатта, кӯдаконро низ бояд ёд дод, ки чӣ гуна худашонро аз таъсири манфии Интернет посдорӣ кунанд.

## Вобастагии интернетии кӯдак

Истифода аз Интернет яке аз ҷилваҳои ошкори дунёи имрӯз ва воситаи муҳим барои омӯзиши насли

наврас ба шумор меравад. Интернет дар ҳама ҷо ҳузур дорад, – дар хона, мактаб ва ҳатто дар марказҳои савдо. Сол аз сол шумораи ҳарчи бештари кӯдакони синну соли гуногун дар сафи рӯ ба афзуни истифодабарандагони Интернет қарор мегирад. Дар соли 2011 беш аз 227 миллион кӯдак вориди фазои маҷозӣ шудааст. Ҳамзамон бо дастрасии густурдаи афрод ба Интернет шоҳиди навъи тозаи вобастагӣ – вобастагии интернетӣ – ҳастем, ки масъалаи хоси асри иттилоот буда, нишонаҳоеро, мисли изтироб, афсурдагӣ, каҷхулқӣ, беқарорӣ, маъюсию васвосигарӣ, ба ҳамроҳ меоварад.

Аз тарафи дигар, дар ҳоле, ки воридшавии одамон, ба вижа кӯдакону наврасон, ба ҷаҳони маҷозӣ афзоиш меёбад, робитаҳои онҳо бо ҷараёнҳои зиндагии воқеӣ коста мешаванд, ки ин хатари аз таълиму омӯзиш канда шудани кӯдакону наврасонро дар пай дорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомгирифтаи коршиносон баёнгари он аст, ки 26 дарсади онҳо пули хӯрокро сарфи бозиҳои интернетӣ мекунанд. Донишомӯзоне, ки бозиҳои компютериро аз ҳар шуғли фароғатии дигар беҳтар медонанд, дар қиёс бо дигар шогирдон дорои мушкилоти рафтории бештаре ҳастанд.

Муҳимтарин омили пешгирикунандаи вобастагии интернетии кӯдакону наврасон назорати падарону модарон аст. Шабакаи Интернет, ки акнун василаи иртиботии дорои тавоноии беканор дар ҷаҳон шинохта шудааст, дар баробари ҷанбаҳои мусбат, аз ҷумлаи иттилоӣ, омӯзишӣ, фароғатӣ ва ғайра, ҷанбаҳои манфӣ низ дорад. Истифодаи назоратнашудаи Интернет аз ҷониби кӯдакон онҳоро дар маърази

мушкилоти ҷисмонӣ, иҷтимоиву равонӣ қарор медиҳад ва ба бинои, шунавои, мағзи сар, мағзи устухон ва ғайра зарарҳои ҷубронннопазир ворид меоварад. Пайомадҳои таъсири манфии Интернет ба организми инсон бо гузашти замон маълум мешаванд. **Донишмандон собит кардаанд, ки хатари гирифтор шудан ба афсурдагӣ, фаромӯшхотирӣ, вайроншавии хоб, суст шудани масуният, бурузи бемориҳои гуногуни мағзи сар ва мағзи устухон ва дигар осебҳои табобаташон душвор барои онҳое, ки беш аз ҳад аз Интернет истифода мекунанд, дар муқоиса бо дигарон се баробар зиёд аст.**

Аз он ҷо ки Интернет дар ҳама ҷои зиндагӣ ҳузур дорад, муҳим аст падарону модарон, омӯзгорон ва ҳамаи онҳое, ки ба кори таълиму тарбия робита доранд, дар самти муайян намудани роҳу равиши дурусту муносиби истифода аз фановариҳои иртиботӣ ва таъсири онҳо ба рушду такомули кӯдакон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Ширкатҳое, ки дар заминаи истеҳсоли воситаҳои филтр барои назорати дастрасии кӯдакон ба Интернет фаъолият мекунанд, дар гузоришҳои худ эълом кардаанд, ки **беш аз сеяки Интернетро сайтҳои ғайриахлоқӣ ташкил медиҳанд, ки метавонанд осебҳои фаровоне ба кӯдакон ва ҳатто ба калонсолон ворид кунанд. Бар асоси натиҷаҳои ҳосилшуда аз ин баррасиҳо мушаххас шудааст, ки аз кулли Интернет беш аз 37 дарсади сайтҳо дорои мавзӯҳои ғайриахлоқӣ мебошад.**

Шумораи сайтҳои интернетии пешниҳодкунандаи бозиҳои онлайн дар тӯли як сол 212 дарсад

афзоиш ёфта ва сайтҳои дорои бахшҳои хушунатомез 10 дарсад бештар шудааст, ки ин амр ҳушдоре барои истифодаи бидуни назорати кӯдакон аз Интернет аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки огоҳии кӯдаку наврасон барои дастрасии осон ба ин сайтҳо рӯз ба рӯз афзоиш меёбад, бояд диққату назорати оилаҳо низ барои роҳ надодан ба вуруди фарзандон ба сайтҳои номуносиби интернетӣ бештар гардад. Аз он ҷо, ки донистани усулҳои аввалияи муҳофизат дар фазои маҷозӣ амри зарурӣ ба назар мерасад, коршиносон ба ҳамаи хонаводаҳо риояи нуктаҳои зеринро тавсия намудаанд:

**1. Ба маҳалли қарор додани компютер дар хона диққат кунем**

Дар хонае, ки кӯдакон ва наврасон зиндагӣ мекунанд, маҳалли қарор гирифтани компютери оила бисёр муҳим аст. Бино бар ин, беҳтар аст, ки компютери хонаводагӣ дар маҳалле аз хона қарор гирад, ки ҷои рафтуомади зиёди аъзои оила бошад ва шумораи соатҳое, ки фарзандон бо ин компютер кор мекунанд, низ маҳдуд бошад. Беҳтар аст фарзандон итминон ҳосил кунанд, ки дар системаашон воситаҳои назорати волидайн фаъол аст.

**2. Якҷоя кор кардани аъзои оила барои мушаххас кардани маҳдудиятҳо**

Оилаҳо бояд дақиқан дар мавриди ин, ки, чи чизҳое муносиб ҳастанд ва чи чизҳое номуносиб, тасмим гиранд ва дар ин кор фарзандон низ бояд иштирок намоянд. Барои дуруст анҷом шудани ин кор ба веб-сайтҳои

муносиб ва утоқҳои чат[4], ки барои мукотибаву мусоҳиба мувофиқ ҳастанд, таваҷҷуҳ кунанд. Беҳтар аст, ки аз утоқҳои чати назоратшуда истифода шавад ва итминон ҳосил гардад, ки ба ғайр аз ин мавридҳо фарзандон аз дигар утоқҳои чат истифода намекунанд. Зеро дар Интернет утоқҳои чати зиёде ҳастанд, ки метавонанд дорои мавзӯъҳои номуносибе барои кӯдакон бошанд. Хонаводаҳо ҳамчунин бояд маҷмӯи мавзӯъҳоеро, ки фарзандон метавонанд ба сурати онлайн дар атрофи онҳо баҳсу суҳбат намоянд, мушаххас кунанд.

### 3. Дар оила дар мавриди риояи қоидаҳои истифодаи компютери хонагӣ ҳамдигарфаҳмӣ ҳосил шавад

Барои ҳамдигарфаҳмӣ дар истифода аз компютери хонагӣ беҳтар аст, ки маҷмӯи қоидаҳое ҷорӣ карда шавад. Масалан, ҳама донанд, ки вақте сайтҳо калимаи рамз(*парол*) ё шумораи телефон ё адреси истифодабарандаро дархост мекунанд, ҳаргиз ба он дархост посухи мусбат надиҳанд ва рамз, шумораи телефон ва нишонии маҳалли зистро фош нанамоянд. Ба ҳеҷ ваҷҳ иттилоотеро, ки ҳувияти истифодабарандаро ошкор менамояд, ҳамчунин тасвирҳои номуносиб ё тасвирҳоеро, ки ҳувияти шахсро ифшо месозанд, ҳаргиз ирсол накунанд.

Ҳамчунин бар асоси ин қоидаҳо ҳеҷ гуна иттилоотеро ба бегонаҳое, ки ба тариқи онлайн бо онҳо

---

[4] чат – пойгоҳ дар Интернет аст, ки одамон дар он бо якдигар дар замони воқеӣ суҳбат мекунанд.

мулоқот мекунанд, ошкор нанамоянд. Ҳаргиз бо бегонаҳое, ки ба сурати онлайн ошно шудаанд, қарори мулоқот нагузоранд ва ҳаргиз замимаҳои ирсолшуда аз тарафи бегонаҳоро боз накунанд. Беҳтар аст, ки ин қоидаҳо барои корбурд ба хешовандону наздикон ва ҳамсояҳову дӯстон тавсия шаванд.

**4. Насби барномаҳои амниятӣ**

Оилаҳо бояд итминон ҳосил кунанд, ки барномаҳои амниятии мустаҳкаме доранд, ки системаашонро дар баробари вирусҳо, барномашиканҳо ва барномаҳои ҷосусӣ муҳофизат мекунанд. Ин барномаҳои амниятӣ ҳамчунин бояд муҳтаво, тасвирҳо ва вебсайтҳои хатарнокро филтр кунанд. Барномаҳои амниятӣ бояд мураттаб таҷдид шаванд, зеро ҳаррӯза таҳдидҳои тоза падид меоянд ва танҳо барномаҳои амниятии таҷдидшуда бо онҳо метавонанд ба таври муассир муқобилат кунанд.

**5. Аз воситаҳои назоратии волидайн истифода шавад**

Бархе аз тавлидкунандагони барномаҳои амниятӣ, илова ба қарор додани вижагиҳои назоратӣ дар ин барномаҳо, барномаҳои махсуси назорати волидайнро низ пешниҳод мекунанд. **Дар баъзе кишварҳо сохторҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ барномаҳои филтри хонагиро ба сурати ройгон аз тариқи порталҳои худ дастрас мекунанд. Хуб мебуд, ки дар кишвари мо низ чунин иқдомҳое сурат гиранд.**

Ин гуна барномаҳо фарзандони оилаҳоро аз дастрасӣ ба муҳтавои номуносиб, хатарҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, афроди бегона ва дигар таҳдидҳои онлайн барҳазар медоранд. Албатта, ин барномаҳои амниятӣ дорои маҳдудиятҳои хоси худ низ ҳастанд ва беҳтар аст волидайн худ шахсан кори фарзандонашонро дар Интернет назорат кунанд.

**6. Афроди низоми онлайн бегона аст**

Касе, ки вориди низоми онлайн мешавад, ин нуктаро ба хотир супорад, ки сарфи назар аз ин ки бо дӯстони дар Интернет пайдо кардааш чанд бор ва тайи чанд муддат ба сурати онлайн мулоқот кардааст, онҳоро намешавад ҳамчун ошноёни боэътимод ва шахсияти онҳоро ҳамчун шахсияти воқеӣ ба ҳисоб овард. Зеро барои онҳое, ки дар Интернет ба тарзи онлайн суҳбату мулоқот ва худмуаррифӣ мекунанд, дурӯғ гуфтан кори бисёр маъмулӣ аст. Ҳамчунин кӯдакону наврасон бояд донанд: фарде, ки вонамуд мекунад ҳамсинни онҳост, метавонад намояндаи ҳар синне бошад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки кӯдакону наврасон ба сабаби бетаҷрибагию зудбоварӣ ва тасаввури нодуруст аз зиндагӣ метавонанд фирефтаи хушсуханиву изҳори дӯстии ошноёни номушаххаси интернетӣ шаванд, ба оилаҳо тавсия мешавад, ки дохили сайтҳои воридшудаи фарзандон гардида, сабти вуруди онҳоро тафтиш кунанд, то итминон ҳосил намоянд, ки муколамаҳои номуносибе рух надода ва тасвирҳои ғайриқобили қабуле ирсол нашуда бошанд. Волидон бояд муколамаҳои онлайни фарзандони худро баррасӣ

кунанд, то хотирҷамъ шаванд, ки онҳо дар маърази хатари афроди номуносиб қарор надоранд.

**7. Волидайн бояд бо кӯдакони худ суҳбат кунанд**

Падарону модарон бояд огоҳ бошанд, ки фарзандонашон бо афроди аз синну соли худашон калон дар Интернет иртибот барқарор накунанд. Ба ҳамин иллат ба волидайн тавсия мешавад, ки бо фарзандони худ дар хусуси аҳамияти ҳифзи амният дар Интернет суҳбат кунанд ва барои онҳо тавзеҳ диҳанд, ки барномаҳои амниятӣ на аз рӯи беэътимодӣ ба фарзандон, балки барои пешгирӣ аз нуфузи харобкунандаҳои компютери онҳо насб карда шудаанд.

Волидон барои фарзандони худ дар бораи аҳамияти ифшо накардани иттилои шахсӣ дар Интернет суҳбат кунанд ва гӯянд, ки набояд дар бораи маҳалли зиндагӣ ё мактаби худ ба дигарон иттилоъ диҳанд.

Падарону модарон кӯдаконашонро водоранд, ки онҳо пурсишномаҳои онлайнро бидуни ҳузури волидайн пур накунанд ва барои ҷустуҷӯи маводу матолиби муносиби хурдсолон пойгоҳҳои ҷустуҷӯии махсуси кӯдаконро, монанди Kids ва Yahoo, ба онҳо нишон диҳанд. Барои фарзандони калонтар низ дар мавриди вирусҳо, ҷосусафзорҳо ва харобкунандагони барномаҳо ва тарзи кори онҳо суҳбат карда, ба онҳо чӣ гуна сурат гирифтани дуздии ҳувиятро шарҳ диҳанд. Барои онҳо тавзеҳ дода шавад, ки ҳар ҳодисаеро, ки ба компютер пеш меояд, мешавад баррасиву пайгирӣ кард. Кӯдакон бояд мутмаин бошанд: дар су-

рати рух намудани ҳолатҳое, ки худи кӯдакон ба бартараф кардани оқибатҳои онҳо қодир нестанд, волидон ҳатман кумак хоҳанд кард.

**8. Падарону модарон огоҳиашонро афзоиш диҳанд**

Волидайн бояд дарк кунанд, ки ҳарчи бештар донанд, аз амнияти бештаре бархӯрдор хоҳанд буд. Барои ин манзур бояд ба ахбори амниятӣ ва таҳдидкунандаҳои амниятӣ таваҷҷуҳ кунанд, мақолаҳои марбут ба ин мавзӯъро хонанд ва бо коршиносон машварат намоянд.

Хулоса, Интернет дар моҳияти худ бавуҷудоварандаи мушкилоти иҷтимоӣ нест, балки таваҷҷуҳи афродро ҷалб мекунад, ки мушкилоти иҷтимоӣ дорад, аммо барои он роҳи ҳалле пайдо намекунад. Аз сӯи дигар, Интернет фақат маҳдуд бо ҷанбаи мазкур нест ва ҳамон тавре ки гуфта шуд, таъсирҳои рафтториву амалии бисёреро, аз ҷумлаи пархошгарӣ, тундравӣ, бадбиниву хушунат ба кӯдакону наврасон, бар ҷой мегузорад. Агар аз ҷониби волидайн аксуламале сурат нагирад, ин тундравию бадбиниву хушунат батадриҷ ба одати ҳаррӯза ва ҷузъи рафтори ҳамешагии кӯдакону наврасон табдил мегарданд.

Ба ҳар ҳол, ба назар мерасад, ки дар сурати назорати ҷиддӣ ва ҳузури волидайн ҳангоми истифодаи кӯдакону наврасон аз Интернет на танҳо метавон таъсирҳои манфии онро коҳиш дод, балки фазои истифодаро ба самти ҳадафманду арзишманд ҳидоят намуд ва шабакаи ҷаҳониро дар ростои баланд бардоштани сатҳи донишу ахлоқи кӯдакону наврасон истифода кард.

# ВАЗИФАҲО, НАҚШҲО ВА МАСЪУЛИЯТҲОИ НИҲОДҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ

Дар Тоҷикистон дар даврони истиқлол дар роҳи таҳкими рукнҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ иқдомҳои муассир ба вуқӯъ пайваста, низоми сиёсиву ҷамъиятии сифатан нави мутобиқ ба арзишҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ беш аз пеш тавсеа пайдо мекунад.

Дар тӯли ин даврон дар соҳаи таълиму тарбия низ корҳои зиёди муфиде ба анҷом расонида шудаанд. Бавижа дар даҳ соли охир дар ин бахши муҳими иҷтимоӣ ислоҳоти ҷиддӣ сурат гирифтааст. Барномаҳои махсусе, ки оид ба ҷорӣ намудани низоми нави таҳсили миёнаи умумӣ, ворид сохтани технологияҳои нав дар ҷараёни таълим ва истифодаи усулҳои замонавӣ қабул шудаанд, барои мутобиқ гардидани сатҳу сифати дониши хонандагон ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Худи ин воқеият, ки соҳаи илму маориф дар сиёсати давлатии кишвар яке аз самтҳои калидӣ эътироф шудааст ва маблағгузории соҳа ҳамасола ба таври назаррас афзоиш меёбад, далели равшани таваҷҷуҳ ва ғамхории давлат ба ин соҳаи муҳими ҷомеа мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соҳаи таълиму тарбияро **«омили асосии таҳкими давлат ва наҷоти миллат»** номидааст. Таълиму тарбияро омили асосии таҳкими давлат ва

наҷоти миллат тавсиф намудани Сарвари давлат бар пояи ин фалсафаи зиндагӣ қарор гирифтааст, ки танҳо инсонҳои соҳибмаърифат, огоҳу худшинос ва дорои ахлоқи неку маънавиёти баланд метавонанд ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиву ахлоқии халқи худро ҳифз созанд ва ба ин васила ҷойгоҳи вижаи миллатро дар арсаи ҷаҳонӣ муайян намоянд. Дар баробари ин **Президент Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, ки ҳадафи асосии ислоҳоти низоми маориф фақат беҳтар кардани сифати омӯзиши донишу маърифат набуда, пеш аз ҳама, тақвияти одобу ахлоқ мебошад.**

Таваҷҷуҳи хосаи Эмомалӣ Раҳмон ба тарбияи ахлоқӣ аз ин низ бармеояд, ки дар суханронии худ дар сессияи генералии XXXIII ЮНЕСКО дар моҳи октябри соли 2005 **пешниҳод кардааст, ки яке аз солҳо «Соли ахлоқи ҳамида» эълон гардад ва дар тӯли он усулҳои беҳтарини ахлоқи умумиинсонӣ таблиғ карда шаванд.**

Зикри ин нукта муҳим аст, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар маҷлису машварати сатҳи баланди давлатӣ, дар мулоқоту дидорҳо бо олимону омӯзгорон, аҳли зиё, занону духтарон ва ҷавонони кишвар аз аҳамияти тарбияи ахлоқӣ дар парвариши насли наврас сухан ба миён меоварад ва роҳу равиши дурусту самарабахши коргирӣ аз ин **фароянди шахсиятсозро** нишон медиҳад.

Сарвари давлат барҳақ тарбияи ахлоқиро **муҳимтарин** бахши низоми омӯзишии кишвар медонад. Зеро ахлоқ яке аз ҷанбаҳои табиии ҳаёти инсон аст. **Ҳамон тавр ки инсон барои парвариши ҷисми**

**худ ба ҳавою ғизо ниёз дорад, ба ахлоқ ҳам ниёз дорад.** Ахлоқ шинохти огоҳонаи вазифаҳо, масъулиятҳо, шеваҳои пиндору гуфтору кирдори фард дар ҷомеа мебошад. Меҳвари ахлоқ хидмат ба халқ аст. **Ва мусаллам аст, ки фароянди муҳиме чун ахлоқро, ки худаш мактаби асолати арзишҳои миллӣ аст, волотарин ормони миллии тарбия дар кишварамон қарор диҳем.** Аммо, мутаассифона, имрӯз тарбияи ахлоқӣ бо мафҳуми умумии таълиму тарбия омехта шудааст, ҳол он ки тарбияи ахлоқӣ бояд ҳамчун **фароянди мустақил** асосу пояи фаъолияти низоми омӯзишу парваришро ташкил диҳад.

Ҳар қадар дар бораи зарурати тарбияи ахлоқӣ сухан гӯем, ҳамон бештар чунин андеша ба зеҳнамон роҳ меёбад: **мо ҳанӯз дарк накардаем**, ки имрӯзҳо ҳувияти фарҳангии бисёре аз наврасону ҷавонони кишварамон дар вазъияти мубҳаму ҳассос ва дар маърази чолишҳои ҷиддии фарҳанги бегонагон қарор дорад, бисёре аз наврасону ҷавонон ба далели ин чолишҳо гирифтори хурофапарастӣ, костагии эътиқод, истеъмолгароӣ, лаззатҷӯӣ, беқайдиву бебандуборӣ шудаанд. **Дарк накардаем**, ки хатарноктарин ва харобиовартарин осебҳо ва офатҳо барои ҳар ҷомеае – чи куҳанбунёд ва чи навин – набоҳӣ ва фурӯпошии **бунёдҳои ахлоқӣ** аст. Ба умқи суханони Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки ба сифати ҳушдор баён намудааст, – «агар мо имрӯз насли дорои ахлоқи ҳамида ба камол нарасонем, фардо ҷомеа ба мушкилоти сангини иҷтимоиву фарҳангӣ дучор меояд» – пай набурдаем. Агар дарк карда бошем ва пай бурда бошем, чаро аз таҳияву тасвиби ҳуҷҷати воқеан муҳими «Консепсияи

миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаротар нарафтаем. Масалан, дар вазъияте, ки дар ҷомеа, ба иллати омилҳои муайяни дар ин саҳифаҳо борҳо зикршуда, арзишҳои маънавию ахлоқӣ торафт камаҳамият мешаванд, **дар муҳимтарин санадҳои соҳаи таълиму тарбия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2015» мафҳуми «тарбияи ахлоқӣ» умуман вуҷуд надорад...**

Сухани тозае нахоҳем гуфт, агар гӯем, ки мо имрӯз ба як низоми таълиму тарбияи воқеан миллӣ, низоме, ки устувор бар пояи ахлоқ бошад, ниёзманд ҳастем. Фароҳам овардани заминаҳои лозим барои беҳбудии бештар бахшидан ба **саломати ахлоқии** ҷомеаи Тоҷикистон, аз ҷумла демократӣ кардани тамоми ҳавзаҳои зиндагии иҷтимоӣ ва **ба ҳайси меъёр** қарор додани фазилатҳои инсониву ахлоқӣ дар робитаҳо ва муносибатҳои фардиву иҷтимоӣ, аз ҷумлаи появу асоси ин низом бояд ба шумор равад. Зеро дар ин марҳалаи ҳассоси таърихӣ, ки вазифаи асосии тамоми афроди ҷомеа таҳкими дастовардҳои истиқлол аст, натиҷаи талошҳои мо на танҳо бояд дастовардҳои сиёсиву иқтисодӣ, балки дастовардҳои ахлоқиро низ ба дунбол дошта бошад. Танҳо дар ин сурат мо ба ҳадафҳои истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллӣ пирӯзмандона даст хоҳем ёфт.

Тарбияи ахлоқию маънавии шаҳрвандони Тоҷикистон ин **маънову моҳият ва шарти асосии** пешрафтҳои сиёсиву иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа мебошад. Тавсеаи кишвар аз тарбияи насли наврас

оғоз мегардад, зеро танҳо насли наврасе, ки дорои маърифати баланд ва тафаккури созандаву ахлоқи ҳамида аст, метавонад тавсеаро анҷом диҳад.

Давлат дар фароянди таълиму тарбия нақши **марказӣ** дорад ва тавассути мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва амалии фаъолияти соҳаи таълиму тарбияро таъмин менамояд ва бо таҳияву тасвиби қонунҳову қарорҳо ва барномаҳову консепсияҳо роҳу равиши дурусту самарабахши омӯзишу парваришро таъйин месозад. Давлат ҳамчунин ба манзури беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони соҳаи маориф бо роҳи баланд бардоштани маоши онҳо мунтазам ғамхорӣ мекунад. Нақши асосӣ дар ин фароянд, албатта, ба **мактаби таҳсилоти умумӣ** тааллуқ дорад. Маҳз **мактаб** бахши **калидии** раванди такомули маънавию ахлоқии шахсияти шаҳрвандон мебошад. Вале, бо ин ҳама, дуруст нахоҳад буд, ки кори тарбияи ахлоқӣ фақат ба дӯши ниҳодҳои тарбиявӣ гузошта шавад. Дар ҳалли масъалаи печидаи тарбияи маънавию ахлоқӣ ба хотири тақвияти омӯзаҳое, ки дар мактаб ба насли наврас талқин мешаванд, ҳамаи ниҳодҳои ҷомеа бояд саҳм гузоранд. Яъне ба иҷрои муваффақомези **фароянди тарбияи миллӣ** ва расидан ба ҳадафи **омӯзишу парвариши ахлоқии насли наврас** танҳо бо талоши якҷоя, ҳамоҳангии фаъолиятҳо ва масъулиятпазирии ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои мухталифи иҷтимоӣ ва афроди фаъоли ҷомеа метавонем даст ёбем.

Хулоса, тарбияи саҳеҳ, шукуфо кардани истеъдодҳо ва ба сӯи камол ҳаракат додани насли наврас вазифаи ниҳодҳои тарбияӣ – аз хонавода ги-

рифта, то донишгоҳҳо – ва тамоми равшанфикрони ҷомеа мебошад. Дар ин миён тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила аст ва муҳимтарин конунҳои тарбия хонавода ва мактаб мебошанд.

Бо таваҷҷуҳ ба нақши муҳими тарбияи ахлоқии насли наврас, дар ин бахш вазифаҳо, масъулиятҳои ниҳодҳои тарбиявӣ ва нақши оила, волидайн, мактаб, муаллимон ва дигар ниҳодҳоро дар тарбияи неку саҳеҳи ахлоқии кӯдакон баррасӣ менамоем.

# ТАРБИЯИ ФАРЗАНДИ НЕК

## Ҷойгоҳи падару модар дар хонавода

Аз он ҷо ки асли вуҷуди ҳар инсоне аз падару модар аст, метавон гуфт, ки дар миёни пайвандҳои хешовандӣ ҳеҷ кас ба андозаи падару модар ба инсон наздик нест. Ин ду мавҷуди меҳрубон ба фарзандони худ аз даврони кӯдакӣ то замони тавонмандӣ ёрӣ мерасонанд ва ҳамаи имкониятҳои худро саховатмандонаву бериё нисори онҳо мекунанд. Бино бар ин, нақши ҳаётиву арзишманди падару модар дар парваришу рушди фарзанд бар касе пӯшида нест ва бар фарзандон лозим аст, ки ба қадри заҳматҳои падару модари худ бирасанд.

Падару модар дар тамоми дину мазҳабҳо ва таълимоти тарбиявии дунявӣ ҷойгоҳи вижа доранд ва аз эҳтирому гиромидошти бузург бархӯрдор ҳастанд. Ва бо ба таври пайваста зикр намудани мақому манзалати волои волидайн инсонҳоро талқин мекунанд, ки аз эҳтироми падару модар ва некӣ ба онҳо ба ғафлат намонанд.

Ҳар як аз падару модар дар сохтори оила аз ҷойгоҳи хосе бархӯрдоранд. Онҳо бо таваҷҷуҳ ба мавқеияташон дар муҳити хонавода нақшҳои гуногун ва дар айни ҳол мукаммалро ифо мекунанд. Дар ҷойҳое ҳузури модар бузургтар ва дар мавридҳое ҳузури падар муассиртар аст. Ба ҳар ҳол онҳо метавонанд ба таври муштарак низ ба муносибатҳои оилавӣ таъсир

гузоранд. Дар сохтори як хонаводаи комил, яъне хонаводаи ташкилшуда аз падару модар ва фарзандон, маъмулан падарон ноновари оила ҳастанд ва масъулияти таъмини хароҷоти рӯзгор ва ниёзҳои иқтисодии хонавода бар уҳдаи онҳо мебошад. Агарчи имрӯзҳо – ба иллати душвории зиндагӣ – занон низ дӯш ба дӯши мардон дар пӯшондани бахше аз хароҷотҳои зиндагӣ саҳм мегиранд, аммо мардон вақти бештареро дар кори ба даст овардани маош сарф мекунанд. Ин амр мумкин аст сабаби камаҳамият шудани робита миёни падарону фарзандон шавад.

Падар, ҳамчун намоди иқтидор дар оила, дар тарбияи равонию ахлоқии фарзандон нақши муҳим дорад. Падар метавонад роҳнамои фикрии хубе барои писар бошад. Ӯ метавонад писарро барои ифои нақшҳои мардона тарбия кунад. Бар пояи таҳқиқоти анҷомшуда аз ҷониби коршиносон, писарҳо аз синни сесолагӣ мекӯшанд рафтори худро монанди рафтори падар кунанд. Писар ба муҳаббати падар ва эҳсоси ҳамдигарфаҳмӣ бо ӯ ниёзманд аст. Падарон аз тамоили писарон барои тақлид кардан аз онҳо дар тарзи роҳ рафтан ва ё либос пӯшидан ва суҳбат кардан бояд истиқбол кунанд. Ин тақлидҳоро набояд накуҳиш кард. Тақлиди гуфтору рафтори падар мумкин аст ба ёдгирии арзишҳо ва анъанаҳои иҷтимоӣ анҷом гирад. Беҳтарин робитаи байни падару писар бар пояи дӯстиву самимият шакл мегирад. Робитаи наздик ва самимии писар бо падар ва ҳимоятҳои фикрии ӯ сабаб мешаванд, ки писар эҳсос кунад, ки аз такягоҳи устуворе бархӯрдор аст. Албатта, дар ин ҳимоятҳо набояд зиёдаравӣ шавад, зеро фарзанд шахсияти вобаста пайдо мекунад.

Робитаи падарон бо духтарон низ аз аҳамияти хосе бархӯрдор аст. Духтар марди ормониашро аз тариқи падар шиносоӣ мекунад. Рафтори падар бо ҳамсараш нақши зиёде дар нигоҳи духтар ба зиндагии муштарак дар оянда дорад. Духтароне, ки рафтори эҳтиромомези падар бо модарро дар хона мебинанд, аз издивоҷ ва ояндаи худ тасвири мусбате дар зеҳн хоҳанд дошт. Падарон метавонанд роҳнамои фикрии хубе барои духтари худ бошанд. Падар бояд ба духтар муҳаббат кунад, ӯро дӯст дорад ва ин дӯстиро ба сурати ошкор иброз намояд. Ин муҳаббатварзӣ дар рушди равонии духтар бисёр муассир аст. Бархе аз пажӯҳишҳо нишон додаанд, ки агар миёни падару духтар меҳрубониву муҳаббат набошад, ин вазъ боис мегардад, ки замина барои бисёре аз лағзишҳову каҷравиҳо фароҳам гардад.

Дар мавриди нақши модар дар хонавода бояд гуфт, ки модар муассиртарин омили тарбия ва таъминкунандаи саломати рӯҳӣ, равонӣ ва ҷисмонии фарзандон аст. Нақши асосии модарон дар тарбия мӯҷиб шудааст, ки дар меъёрҳои ахлоқии мо ба модарон таваҷҷуҳи хосе шавад. Муҳаббати модар ба фарзанд чунон таъсиргузор аст, ки ҳеҷ чизе наметавонад ҷои онро гирад. Навозиши модар яке аз ғизоҳои рӯҳии кӯдак аст ва модар бояд ба андозаи лозим фарзанди худро аз ин ғизои рӯҳӣ баҳраманд созад. Модар аз нигоҳи равониву эҳсосӣ саршор аз муҳаббат аст ва тавоноии вижае дар ибрози меҳрубониву муваддат дорад. Агар аз ин тавоноӣ дуруст истифода шавад, дар таҳкими пайвандҳои хонаводагӣ ва чигунагии шаклгирии робитаҳои иҷтимоии фарзандон нақши

созандае хоҳад дошт. Модарон, бавижа дар иртибот бо духтарон, аз коркардҳои таъсиргузори тарбиявӣ бархӯрдоранд. Равоншиносон муътақиданд, ки парвариши сифатҳое, аз қабили итминон ба хештан, иззатмандӣ, худбоварӣ, бар уҳдаи модарони хирадпешаву андешаманд аст. Чаро ки ин нисоркунандагони муҳаббат аз тариқи масире, ки бо меҳри худ роҳи пурфарозу нишеби тарбияро ҳамвор мекунанд, гоҳе тундхӯиҳо ва пархошгариҳои писаронро дар як суҳбати содаву оромбахши худ фурӯ менишинанд. Модарон, ба далели меҳрубонии зиёд, ба гилаҳову мушкилиҳои фарзандон беҳтар таваҷҷуҳ мекунанд ва роздорони боэътимод дар хонадон ҳастанд. Ба илова, модарон – дар заминаи сармашқи рафтору гуфтор ва иффату покдоманӣ будан ба духтарон – нақши бисёр муассир доранд. Пайванди ҷисмиву рӯҳиву равонии духтар ба модар бештару амиқтар аст. Духтар наметавонад худро ҷудо аз модар тасаввур кунад ва зиндагии бидуни модар барои ӯ мушкилоти рӯҳиву равонӣ ба бор меоварад.

Модар маҳрами асрори духтар аст. Чун балоғати ӯ зудтар аз писарон аст, ба ночор ниёзи шадиде ба ҳамдиливу самимият бо модар дорад ва аз назари муҳитӣ ҳам пайванди духтар бо модар бештар аз падар аст. Ба ҳамин сабаб дар парвариши равонии духтарон бояд дар онҳо масуниятеро эҷод кард, ки – дар баробари нобасомониҳо, рафторҳои ғайриахлоқӣ ва найрангбозиҳои маккоронаи ҷавонони беадаб – дар ҷомеа шахсияту ҳувияти худро аз даст надиҳанд.

Аз ин рӯ, волидайн ва, пеш аз ҳама модарон, дар равиши тарбиявии худ, илова ба муҳаббат варзидан

ба фарзандон, аз хатарҳои эҳтимолие, ки дар ҳар ҷомеа бо ҳар касе метавонанд рух диҳанд, бо истифода аз намунаҳои воқеиву таърихӣ ба онҳо дарси рафтору одоби писандида диҳанд, то дар идомаи роҳи худ дучори сустию лағзиш нашаванд, шахсияту матонати худро ҳифз кунанд ва ба ҳамнавъони худ дар рафтору одоб намунаи ибрат бошанд.

## Нақши модар дар тарбияи кӯдак

Падару модар вазифа доранд, ки бо фарзанди хеш рафтори шоиста дошта бошанд. Онҳо, монанди як боғбон, ин навниҳолро парвариш дода, дар ҳадди тавони худ ӯро аз офатҳову газандҳои моддию маънавӣ ҳифз намуда, истеъдод ва созандагиҳои ӯро шукуфо сохта ба самар мерасонанд. Дар ин миён модар нақши ҳассостар ва фавқулодаеро бояд ифо кунад, заминаро барои тақвият ва рушди шахсияти кӯдак омода созад ва ӯро ҳамоҳанг бо рушду такомули ҷисмонӣ ба рушду такомули иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва, аз ҳама муҳимтар, рушду такомули ақлонӣ ҳидоят намояд. Иффат, покдоманӣ, тақвою хештандории модарон метавонанд онҳоро дар ин маврид муҳим ёрӣ кунанд ва фарзандонашонро аз фосидиҳое, ҳамчун риё, дурӯғ, нифоқ, кинаварзӣ ба ҳамнавъ ва дигар хислатҳои зишт, дур намоянд.

Покдоманию тақвои модар таъсири босазое дар ранги инсоният гирифтани кӯдак дорад. Шуҷоату шаҳомати рӯҳӣ, ҳақдӯстӣ, ҳақҷӯӣ, ниятҳои нек, андешаҳои поку виқору матонат аз ҷумлаи таъсиру баракоти иффату тақвои волидайн мебошанд.

Дар муҳити оила ва ҷомеа барҷастатарин нақши модар нақши тарбиявии ӯст. Аҳамияти ин нақш аз он ҷо равшан мешавад, ки кӯдак нахустин бор дар оғӯши модар қарор мегирад ва одобу ахлоқ ва русуми иҷтимоиро аз ӯ меомӯзад. Кӯдак аз домани модар ёд мегирад, ки чӣ гуна бо дигарон рафтор намояд ва чӣ гуна бо онҳо бархӯрд дошта бошад. Чигунагии рафтори модар ба кӯдак дар шаклдиҳии сохтори шахсиятии ӯ таъсири чашмгир дорад. Аз ин рӯ, коршиносони масъалаҳои таълиму тарбия бар нақши модар дар тарбияи фарзанд ҳамвора таъкид медоранд.

Нақши модар дар тарбияи ахлоқии фарзанд бар ҳамагон равшан аст ва ниёзе бар баён надорад, зеро модар намоди рафториву ахлоқӣ барои фарзанд аст. Ҳар кори андаку бузурге, ки анҷом медиҳад, дар кирдору тарзи рафтори фарзанди ӯ бо дигарон таъсир мегузорад. Модар бо рафтори намунавии худ инсон мепарварад, фарзандро аз олами нопокиҳо, ҳасадҳо, кинаҳо ва разилиҳои ахлоқӣ дур месозад ва дар дилаш меҳру сафо ва хайрандешӣ нисбат ба атрофиён падид меоварад. Модар сарчашмаи фазилатҳову хубиҳост, ӯ дар муҳити хона метавонад дарси ростиву дурустӣ ба фарзанд диҳад ва аз кӯдаки заифу нотавон шахсияти тавонои илмиву ахлоқӣ созад ва ба хидмати ҷомеа фиристад. Ва, баръакс, агар модар ба вазифаи хеш амал накунад ва дар баробари чашмони кӯдак даст ба рафторҳои номуносибу ношоиста занад, табиист, ки кӯдак аз ӯ ибрат мегирад ва дар натиҷа мумкин аст беодобу бешахсият тарбия шавад.

Фарзандони солим, хушному бошахсият аз доманҳои солиму пок падид меоянд. Фарзанде, ки дар

домани поку бофазилат рушд меёбад, заминаҳои мусоид барои соҳиб шудан ба сифатҳои некро дорад, вале агар дар муҳити фосид парвариш ёфта бошад, заминаҳои ирсӣ боздорандаи рушду тарбияи хуби кӯдак мегарданд.

##Ислоҳи ихтилофҳои хонавода

Яке аз омилҳое, ки дар заминасозӣ барои тарбияи фарзандон муассир аст, талош барои пешгирии ихтилофот ва аз ҳам пошидани оила аст. Ҷанҷолу кашмакаш дар даруни хонавода ва дар байни волидайн, бидуни шак, таъсири ногувор дар рӯҳу равони кӯдак доранд ва фарзандонро дар масири осебҳову носозгориҳои иҷтимоӣ ва фардӣ қарор медиҳанд. Кӯдакон зотан ба оромиву субот дар хона майл доранд ва волидайн метавонанд бо ба кор гирифтани равишу усулҳои хосе ин оромиву суботро эҷод кунанд.

Дар рафтори тарбиявӣ ва маниши ахлоқӣ талош бароиислоҳи носозгориҳо ва рафъи ихтилофҳои дохилии хонаводаҳо қобили таваҷҷуҳ мебошад. Волидон бояд дар пеши фарзандони худ аз гирудор ва низову ихтилоф парҳез намоянд. Зеро кашмакаш ва муҷодилаи падару модар мӯҷиби заминасозӣ барои носозгориҳои фарзандонашон мегарданд.

Дар ин гуна маврид беҳтар аст, ки:

– падару модар барои барқарории оромиш дар ҳузури кӯдакон аз сарзаниши якдигар худдорӣ намуда, аз низову ҷидол парҳез кунанд;

– волидон набояд фазое ба вуҷуд оваранд, ки фарзандон маҷбур шаванд ба қазоват дар мавриди

падару модарашон шаванд ё хоҳанд яке аз онҳоро ҷонибдорӣ кунанд, балки бояд муҳаббатро дар дили фарзандон афзоиш диҳанд;

– волидон дар нишастҳои оилавӣ аз матлабҳое, ки рӯҳи ҳирсу тамаъ ва бадгӯӣ аз дигаронро дар фарзандон талқин мекунанд, худдорӣ намоянд;

– усули рафтори байни падару модар бояд бар асоси хушбинӣ ва ҳусни эътимоду боварӣ бошад;

– ба ҳамдигар бо калимаҳои эҳтиромомез муроҷиат намоянд, бо суханҳои меҳрубононаву муҳаббатомез бо ҳамдигар суҳбат кунанд ва аз суханони зишту тавҳиномез ва кинаовар парҳез кунанд;

– дар ҳузури фарзандон аз мушкилоти зиндагӣ шикоят накунанд ва аз баррасии масъалаҳое, ки ғолибан ва ба таври нохудогоҳ дар зиндагӣ ба фарзандон назари манфӣ талқин мекунанд, парҳез намоянд.

## Эҷоди муҳити осудаву бонишот

Муҳити тарбия бояд фазои бонишоту дилангезе бошад, то имкони он пеш ояд, ки волидон фарзандонро ба таври шоиста тарбия намуда, онҳоро ба қуллаҳои баланди ифтихору саодат расонанд. Асосан кӯдакон – бар асоси фитрати табиии хеш – ниёзманди гармтарин ибрози муҳаббат ва бонишоттарин конунҳои оилавӣ ҳастанд. Онҳо дӯст медоранд, ки дар оғӯши меҳрубониву муваддат ҷой гирифта, доимо хушу хурсанд бошанд. Ҳастии фарзандон омезае аз муҳаббатхоҳӣ ва шодиталабӣ аст. Мураббиёни соҳибмаърифат ва волидайни огоҳ – бо истифода аз шодиҳои саҳеҳ ва саргармиҳои солим – муҳити бонишоту дилангез ба вуҷуд оварда, ба

ин васила дили фарзандонро ба даст мегиранд ва онҳоро ба сӯи рафторҳои матлубу хислатҳои сутуда раҳнамун месозанд.

## Тарбия дар ҷомеаи имрӯзӣ

Имрӯзҳо мавзӯи тарбия дар ҷомеаҳо ва хонаводаҳо муҳимтарин мавзӯи мавриди таваҷҷуҳ аст ва ҳар падару модар орзу мекунанд, ки фарзандони худро тибқи раҳнамудҳои саҳеҳ ва усулу арзишҳои олӣ тарбия кунанд ва дар ниҳоят фарзанди рушдёфтаю коромад дошта бошанд. Ҳадафҳои таълиму тарбия яке аз муҳимтарин талошҳои ҷаҳонӣ низ аст. Созмони Милали Муттаҳид ҳадафи таълиму тарбияро дар банди 2 моддаи 26 Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар чунин муқаррар намудааст: «Мақсади таълим бояд рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон, афзоиши эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон бошад. Таълим бояд ба ҳусни тафоҳум, бурдборию дӯстии миёни тамоми миллатҳо, гурӯҳҳои нажодӣ ва мазҳабӣ ва ҳамчунин ба вусъати фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид дар роҳи ҳифзи сулҳ мусоидат намояд». Ва дар банди 3 моддаи мазкур омадааст: «Волидайн дар бобати интихоби навъи таълим барои фарзандони хурдсол ҳаққи аввалият доранд».

## Аъзои оила

Оила аз муҳимтарин омилҳои нақшофарин дар арсаи тарбия аз назари ворисият ва муҳит аст. Муҳимтарин ҳадаф аз ташкили он тавлиду парвари-

ши насли нав ва ҳидояти он ба сӯи ҳадафҳои олии тарбиявӣ аст. Оила конуни муқаддасест, ки дар партави пайванди бомеҳрумуҳаббати зану мард поягузорӣ мешавад ва бо падид омадани фарзанд ҷилваи тоза ба худ мегирад. Натиҷаи ин пайванд фарзандонанд, ки ҳар кадом мумкин аст бар асари таъсиргузории хонавода дар оянда сарбор ё узви фаъоли ҷомеа мешаванд. Равоншиносони иҷтимоӣ оиларо яке аз посдорони осори тамаддуну фарҳанги ҷомеаҳои гуногуни инсонӣ медонанд. Муҳимтарин рукни оила падару модар ҳастанд. Нақши волидон дар такомули фарзанд аз ду ҷиҳат қобили баррасӣ аст:

## Падари солеҳ

Падар, ки рукни муҳими оила аст ва ҳамчун омили муҳитиву ворисиятӣ нақш ифо мекунад, бояд дорои шахсияти шоиста, сифатҳои хуб ва ахлоқи писандидаву неку бошад. Оилаи асил замоне метавонад дар оғӯши худ фарзандони шарофатманду бофазилат бипарварад, ки роҳбари он хонадон дучори табоҳиву фарсудагии маънавӣ нашуда бошад ва покизагии ахлоқии хонаводагии худро, ки сармояи шарафу иззати он оила аст, монанди гавҳари гаронбаҳое дар муҳити хонавода ҳифз кунад. Аммо сустии пояҳои маънавию ахлоқии падар, монанди бемории саратон, бар пайкари оилаи асилу наҷиб панҷа мезанад ва решаҳои фазилату шарофатро яке аз паси дигар аз байн мебарад.

Агар падар, ки барои ҳар хонавода роҳбари оила маҳсуб мешавад, фарди боандешаву солеҳ бошад, ҳамсар ва дигар аъзои оиларо дар партави меҳру

муҳаббат қарор медиҳад, бар асари шоистагиҳои маънавии хеш конуни хонаводаро ба муҳити осудаву босафо табдил мекунад ва заминаи рушду тарбияи фарзандони боодобу масъулиятпазирро фароҳам меоварад. Падар дар конуни хонавода нақши роҳбарӣ дорад ва устуворкунандаи амният, қонунмандӣ, адолат ва назм дар оила аст. Ӯ дар мавриди ба вуҷуд омадани ҳар гуна хавфу ҳарос паноҳгоҳи аъзои хонавода мебошад. Падар барои рафъи ҳамаи ниёзҳои хонавода, аз ҷумла ниёзҳои молӣ, дар ҳадди имкон мекӯшад.

Ӯ метавонад мушкилоти фарзандонро ҳал намояд ва ба онҳо эътимоду итминон диҳад. Дар айни ҳол решаи бисёре аз исёнҳо, лағзишҳо ва гироишҳои нописанди кӯдак аз рафторҳои хашмгин ва зулму ситами падар ба вуҷуд меояд. Кирдору рафтори таҳқиромези падар дар роҳбарӣ бар оила ва табоҳии ахлоқии ӯ боиси падид омадани осори номатлуб ва пайомадҳои манфӣ дар вуҷуди фарзандон хоҳад шуд.

## Нақши модари шоиста

Модар – рукни дигари оила – нақши қобили таваҷҷуҳе дар рушду шукуфоии истеъдодҳо ва созандагиҳои фарзандон дар муҳити хонавода дорад, ба андозае, ки яке аз омилҳои саодат ва ё бадбахтии ҳар инсоне дар гарави вазъу ҳолати модар дар даврони бордорӣ аст ва оғози некбахтӣ ва ё ба пастӣ гироидани афрод ба он даврон марбут мебошад.

Модар – ҳамчун намоди меҳру муҳаббат – дар шаклгирӣ ва рушди шахсияти рӯҳӣ ва ҷисмонии кӯдак бештарин асарро дорад. Бавижа дар нуҳ моҳи

давpoни ҳомилагӣ ва айёми ширдиҳӣ, ки фарзанд дар оғӯш ё канори ӯст, сохтори равонӣ ва ахлоқии кӯдак – ҳамзамон бо парвариши ҷисми ӯ – дар ҳоли рушд аст ва модар асоситарин манбаи ғизои рӯҳиву ҷисмӣ, маҳрами роз ва паноҳгоҳи кӯдак ба шумор меравад.

Баъд аз синни омӯзиш модар боз ҳам наздиктарин ёр ва маҳрами асрори фарзандон дар сахттарин лаҳзаҳои зиндагӣ аст ва муассиртарин намоди мавриди назар барои онҳост. Фарзанд дар синни хурдсолӣ дар сояи модар роҳ меравад ва розҳои зиндагии хешро кашф мекунад ва ҷаҳону атрофи худро дар партави роҳнамоиҳои модар мешиносад.

Дар бораи ин пурсиш, ки оё коркунии модарон дар берун аз хона созанда аст ё зиёновар, ҷавоби қатъиву равшане наметавон дод. Мизони таъсири фаъолияти меҳнатии модарони коркун бар фарзандон робитаи наздике бо вижагиҳо, нигаришҳои иҷтимоӣ, шароити мавҷуд дар хона ва ҷамъият, ҷинсу синни кӯдак ва низ бо сабаби коркунии модар дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки модарони коркун вақти ниҳоят камеро бо фарзандони худ мегузаронанд ва, чун аксар вақт, аз кори корхона ё идора ва масъулиятҳои хона хаста мешаванд, наметавонанд фарзандони худро ба таври бояду шояд таълим диҳанд.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки сарфи кор шудани тамоми вақти модарон ба таври қатъӣ таъсироти номатлубе ба рушди кӯдак, бавижа ба рушди равонии ӯ, бар ҷой мегузорад. Хонадории модарон низ ҳангоме метавонад равиши тазминшудае барои тарбияи солиму шоистаи кӯдак ба ҳисоб ояд, ки модарон аз

муҳити хона робитаи хешро бо кӯдак ҳифз кунанд ва нисбат ба умури тарбиявии онҳо эҳтимом варзанд.

Ин ки баъзе аз коршиносон дар хона анҷом додани кори корхонаро, аз қабили корҳои бофандагӣ, дӯхтани либосҳои миллӣ, борпӯшу рӯймол ва ғайраро барои модарон беҳтар мешуморанд, шояд ба ин далел бошад, ки ин корҳо, аз сӯе, корҳои ором ҳастанд ва аз тарафи дигар, анҷом додани кор дар муҳити хона барои тарбияи меҳнатдӯстии фарзандон хеле муҳим мебошад. Дар ин робита бояд гуфт, ки тарбияи меҳнатдӯстӣ дар кӯдакон фароянди печида, доманадор ва, бидуни гумон, хеле муҳим мебошад. Инсоне, ки ҳанӯз аз овони кӯдакӣ ба меҳнат одат кардааст, бо мушкилот ва чолишҳои зиндагӣ, ки дар умри худ бо онҳо бархӯрд мекунад, осонтар мутобиқ мегардад.

Падару модар набояд фикр кунанд, ки кӯдаконашон ҳанӯз барои кор кардан ва ба онҳо додани дарсҳои меҳнатдӯстӣ хурдсол ҳастанд. Маҳз чунин ақида дар миёни падару модарон ақидаи ғалати роиҷтарин аст. Зеро ҳар қадар кӯдак зудтар ин фаҳмишро, яъне меҳнатдӯст буданро аз бар кунад, ба ҳамон андоза вай аз одати танбалӣ бегона мешавад. Агар мо чунин фурсатро ҳангоми хурдсолии кӯдак аз даст диҳем, баъд мумкин аст ҳаргиз натавонем онро пайдо кунем ва ба меҳнатдӯст тарбия кардани фарзанди худ муваффақ нашавем.

Воқеият ин аст: решаҳои танбалии кӯдакон аз андешае, ки ҳамаи корҳоро касони дигар ба анҷом мерасонанд ва ӯ метавонад бо корҳои барои худаш муфид машғул шавад, шодоб аст. Чунин тарзи андеша ва кирдор метавонад мӯҷиби нокорой ва ноуҳдабароии инсон дар тамоми умри ӯ гардад.

Хулоса, ахлоқи волидон, ки ду рукни хонавода ҳастанд, шароити асосии даст ёфтан ба ҳадафҳои баланду ормонии тарбия мебошад. Ҳамчунин бародарон, хоҳарон ва дигар аъзои хонавода ва хешовандону наздикон низ дар амри тарбия таъсиргузор ҳастанд.

## Бародарон ва хоҳарон

Хоҳару бародари калон – баъд аз волидайн – дар шаклгирии шахсият ва рафторҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии кӯдак бештарин таъсирро доранд, бахусус агар дар синни аз 2 то 10-сола бошанд. Дар муносибатҳои хоҳару бародар эҳтимоли пайравии кӯдак аз сифатҳои рафторие, монанди вафодорӣ, ҳимоят, ихтилофҳо, бартариҷӯӣ ва рақобат, зиёд аст.

Хоҳарону бародарон зудояндаи ғаму андуҳи якдигар мебошанд ва ҳангоми андуҳу бало ёвару пуштибони ҳам ва дар хушиву осоиш зинати якдигар мебошанд. Қобили зикр аст, ки дар бештар мавридҳо бародар нисбат ба бародар ва хоҳар нисбат ба хоҳар муносибати дӯстонатаре доранд.

Таҳқиқотҳои тоза нишон медиҳанд, ки вуҷуди хоҳар дар оила сабаби саломату саодати бештари хонавода мешавад ва беш аз бародар инсонро аз афсурдагӣ дур мекунад. Албатта, ин ба он маънӣ нест, ки вуҷуди бародар сабаби афсурдагӣ мешавад.

Дар шарҳи таҳқиқоти мазкур омадааст, ки яке аз омилҳои таъсири мусбати хоҳар бар саломати аъзои дигари хонавода ин аст, ки духтарон беш аз писарон аз рӯи эҳсосу муҳаббат сухан мегӯянд. Дар натиҷа вуҷуди ин эҳсоси хоҳарона сабаби самимият дар хонавода ме-

шавад ва дигар аъзои оила, аз ҷумла бародарон, хоҳарро маҳрами розҳои худ медонанд. Беҳуда нест, ки дар ҷомеаи мо хоҳарро дар маҳалҳои гуногун «бибича» ё «апача» ном мебаранд, ки маънои модари хурдро дорад. Ин худ далели боризи мақоми вижаи хоҳар дар байни фарзандони як падару модар мебошад.

## Дӯстон ва ҳамсолон

Баъд аз оила дӯстон, ҳамсолон, рафиқон ва ҳамсинфҳои кӯдак метавонанд ҳамчун омили муҳитӣ дар тарбияву хулқу хӯи кӯдакону наврасон таъсиргузор бошанд. Кӯдакону наврасон фитратан ба дӯстони худ гироиши зиёде доранд, зеро кӯдак ҳамчун як мавҷуди иҷтимоӣ ниёз дорад, ки анису мӯнис дошта бошад, ба ӯ дарди дил кунад, бо ӯ машварат намояд, лаҳзаҳои фароғату саргармиро бо ӯ гузаронад ва – ба ин васила – аз танҳоӣ раҳо шавад. Пас пур кардани ин холигоҳ як ниёзи табиист ва метавон гуфт, ки хуштарин ва лаззатбахштарин лаҳзаҳои зиндагии кӯдакону наврасон дақиқаҳоест, ки бо дӯстонашон мегузаронанд. Бидуни шак, ин ҳамгироиву ҳамнишинӣ бо дӯстон дар якдигар муаассир хоҳад афтод ва дар ин муносибатҳо хулқу хӯю рафтори онҳо ба ҳамдигар таъсир хоҳад гузошт.

## Муаллимон

Устодон, муаллимон ва андешамандони ҷомеа аз дигар нақшофаринон дар саҳнаи парваришу тарбияи инсонҳоянд. Муаллим дар назари тифл иқтидору шахсияти вижае дорад ва кӯдакон аз ҳаракоту суку-

ноти вай тақлид мекунанд ва ӯро сармашқи хеш дар назар мегиранд. Ҳамчунин ҳассостарин даврони зиндагии кӯдак дар марказҳои омӯзишӣ ва мактаб мегузарад ва мураббиёну муаллимон ба таври мустақим дар шаклгирии тарбиявии вай нақш доранд. Таъсири гуфтор, рафтор, маниш ва ҳаракатҳои муаллиму мураббӣ дар рафтори кӯдак амри мусаллам ва тардиднопазир аст. Дар ин марҳала ҷанбаи намунаи ибрат будани онҳо барои донишомӯзон камтар аз волидайн нест, балки кӯдакон дар ин даврон бештар сифоту ахлоқи худро аз устодону мураббиёни худ меомӯзанд ва тақлид мекунанд. Кӯдакону наврасон пайваста таваҷҷуҳ ба сухану тавсияҳои муаллими маҳбуби хеш мекунанд, – он чиро арзишманд медонанд, ки муаллим таъйид мекунад ва он чизеро нописанд мешуморанд, ки муаллимашон зишт медонад. Ва метавон гуфт, ки рафтору гуфтори кӯдакон инъикосдиҳандаи шахсияти муаллиму устоданд.

Аз ин рӯ, вижагиҳо ва сифатҳои шахсиятии муаллим нақши босазое дар шаклгирии кӯдакон ифо мекунанд. Кӯдак бо пазириши рафторҳои муаллим, ҳамчун намунаи ибрат, ҳувияти иҷтимоии худро устувор месозад. Агар шахсияти муаллим дорои сифатҳои инсоние, аз ҷумлаи меҳрварзӣ, инсондӯстӣ, дурусткорӣ ва хештандорӣ, бошад, табиатан тақлиди чунин вижагиҳо боиси саломатии равонию ахлоқии кӯдак мегардад. Бино бар ин, муаллим бояд дар рафтору кирдораш он қадар бузургвор бошад, ки намуна ва сармашқи шогирдонаш қарор гирад. Шогирдонашро озодаву доно ба бор оварад, ба онҳо биомӯзад, ки инсони ҳақиқӣ будан танҳо бо меҳнатдӯстӣ, ҷидду ҷаҳд

дар донишомӯзӣ, эҳтироми калонсолон ва дигар сифатҳои писандида ба одам даст медиҳад. Ва худаш чӣ гуна инсони ҳақиқӣ буданро дар амал ба шогирдон нишон диҳад.

## Конунҳои иҷтимоӣ

Аз омилҳои корсоз дар амри тарбия марказҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва монанди инҳоро метавон ном бурд. Зеро инсон дар муҳити зиндагии хеш ва ҳангоми нишасту бархост бо одамоне, ки дар чунин маконҳо бархӯрд мекунанд, бар афкору андешаҳои худ таъсир мепазирад.

Фарзандони ҷомеа низ бар асари муошират бо аъзои марказҳо ва маҳфилҳо ва ширкат намудану истироҳат кардан дар ин гурӯҳҳо таҳти таъсири рафторҳо ва хулқу хӯи онҳо қарор мегиранд. Агар аъзои ин ҷамъиятҳо аз афроди некандеш ва дорои афкори солиму мусбат бошанд, бар хӯю хислат ва рӯҳияи кӯдакону наврасон таъсири муфиду мусбат хоҳанд гузошт ва агар аз афроди сустахлоқ ва носолим бошанд, бадеҳист, ки нақши онҳо манфӣ ва хароб хоҳад шуд.

Ин гуна маконҳо омилҳои муҳиме ҳастанд, ки дар сохтан ва ё вайрон кардани бинои ахлоқии наврасон нақши боризе доранд. Чӣ бисёр инсонҳои поку шарофатманд бар асари робита бо гурӯҳҳо ва мафҳилҳои дорои рӯҳияи носолим ҳувияти худро аз даст додаанд ва ба як фарди носолеҳу сарбори ҷомеа табдил шудаанд?

Дар асри мо конунҳои иҷтимоиро метавон таҳти унвонҳои варзишӣ, фароғатӣ, адабӣ ва ғайра ном

бурд. Агар ин марказҳо таҳти назорату таваҷҷуҳи дилсӯзон ва андешамандони ҷомеа бошанд ва иштироккунандагони чунин ҷамъиятҳо одамони хубу хайрхоҳ ва ошно бо ниёзҳои насли наврас бошанд ва падарону модарон низ рафтуомади фарзандонашонро ба ин конунҳо назорат кунанд, ин марказҳо таъсири шоёни таваҷҷуҳе дар парвариши ақидавӣ, ҷисмонӣ, равонӣ ва ахлоқии кӯдакон ва наврасон хоҳанд дошт.

Агар волидайн ва омӯзгорону мураббиён тавонанд фарзандон ва шогирдони худро бо чунин марказҳое ва ё конунҳои боварибахше, монанди конунҳои мазкур, ошно кунанд ва кӯдакону наврасон бо майлу рағбат ба ин маҳфилҳо раванд, ба созандагӣ ва боландагиву рушди рӯҳиву равонии онҳо кумаки қобили таваҷҷуҳе мешавад ва, бидуни шак, ба суръату сифати парваришу рушди кӯдакон барои касби камолоту хислатҳои писандида афзуда хоҳад шуд.

# НАҚШИ ОИЛА ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ФАРЗАНДОН

Инсон, ки мавҷуди иҷтимоӣ мебошад, аз замони таваллуд то вопасин дами ҳаёт ниёзманди дигарон аст. Дар ҷомеа зиндагӣ мекунад, аз он таъсир мепазирад ва бар он таъсир мегузорад. Конуни хонавода нахустин ниҳоди иҷтимоист, ки кӯдак дар он парвариш меёбад ва меомӯзад, ки чӣ гуна рафтори иҷтимоӣ дошта бошад.

Равоншиносон ақида доранд, ки як намуна ва сармашқи шоиста аз ҳазор насиҳат ва панду андарз некутару беҳтар аст ва ҳеҷ чиз барои кӯдак бадомӯзтар аз ин нест, ки гуфтору кирдори мураббии панддиҳандаро мушоҳида намояд, ки бо якдигар тазод доранд. Ин боиси сабук шуморидани намунаҳои оливу хуб ва пандҳои ахлоқӣ мегардад.

Муҳаббати падару модар мояи шодиву нишоти кӯдак аст. Ҳеҷ неруе ба андозаи муҳаббати волидайн хотири тифлро мутмаин ва ором намекунад ва ҳеҷ мусибате, монанди аз даст додани тамом ё қисмате аз меҳри падару модар, равони кӯдакро он қадар музтарибу озурда намесозад. Агар волидон тавонанд, ки дар ин замина ҳаргиз аз меҳру муваддаташон коста нагардад, фарзандони онҳо низ, дар навбати худ, на танҳо дар даврони тифлӣ, балки баъд аз калон шудан саъй мекунанд хотири волидайнро озурда насозанд ва аз корҳое, ки волидайнро меранҷонанд, дурӣ кунанд.

Пас муҳаббату меҳрубонӣ ба кӯдакон – илова ба арзои ниёзи онҳо ба меҳру мувaддат – василаи ҷазб ва заминаи итоати онҳоро фароҳам месозанд. Албатта, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ин муҳаббат ба ҳадди ифрот нарасад. Зеро ҳам сахтгириву ҳам бемеҳрию бемуҳаббатии шадид – ҳар ду – зараровар ҳастанд. Масалан, агар падару модар ҳини хурдсолии кӯдак бо фикри ин ки ӯ ҳанӯз тавоноии мустақилона анҷом додани кореро надорад, ё аз сари меҳрубонии зиёд ба фарзанд нагузоранд, ки ӯ ба коре даст занад, бо чунин рафтор пеши шукуфоии қисме аз истеъдодҳои кӯдакро мегиранд. Баъд аз ин фарзанд эътимод ба хештанро аз даст дода, сарфан мехоҳад дар ҳар коре бо дигарон машварат намояд ва ҳозир нашавад, ки мустақилона тасмим гирад.

Коршиносон ва донишмандони илмҳои таълиму тарбия – бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти аз ҷониби волидон риоя шудани ҳадди эътидол дар муносибатҳои волидайниву фарзандӣ ва дигар мавридҳои таъсиргузор ба шаклгирии шахсияти фарзандон – тавсияҳои зиёде додаанд, ки бархе аз онҳо аз ин ҷумлаанд:

## Собитқадам бошед

Назм, қоида ва маҳдудиятҳои мушаххас бавуҷудоварандаи эътимод ҳастанд. Ин ҳамон чизест, ки фарзандонатон барои эҳсоси амнияту оромиш ба он ниёз доранд.

## Сармашқи хубе бошед

Агар мехоҳед, фарзандонатон ба коре, ки шумо дӯст медоред, гироиш пайдо кунанд, шумо худ

сармашқ барои он рафтор бошед. Фарзанди шумо ба касе ниёз дорад, то аз ӯ ибрат гирад.

## Қобили эътимод бошед

Дурӯғ нагӯед ва саъй кунед, ки рафторҳои сохта аз худ нишон надиҳед. Фарзандон бояд шуморо ҳамон тавре, ки ҳастед, бинанд ва шиносанд.

## Ҳозир ба кумак бошед

Саъй кунед, вақте кӯдаконатон ба шумо ниёз доранд, дар паҳлуи онҳо бошед ва ба қадри имкон ниёзҳои онҳоро бароред. Нагузоред, ки коре ё масъалае шумо ва фарзандатонро аз ҳамдигар дур кунад.

## Хушбин бошед

Ҳалли масъалаҳо, ба чи андозае набошанд, аз кӯшишу талоши пайгиронаи шумо вобастаанд. Агар ба оянда хушбин бошед, аз зиндагӣ лаззати бештаре хоҳед бурд.

## Фаъол бошед, фақат дар як ҷо нашинед

Агар идеяи хубе доред, даст ба фаъолият занед. Амалкардҳои шумо ба фарзандонатон нишон медиҳанд, ки танҳо роҳи анҷоми корҳо иқдом ба амал кардан аст.

## Қобили эътимод бошед

Замоне эътимоди дигарон ба шумо бештар мешавад, ки гуфтору кирдоратон ҳамоҳанг бошанд. Ҳамеша кӯшиш кунед, ки байни гуфтору кирдоратон фосила нагузоред. Вақте ба ин кор муваффақ мешавед, фарзандон ҳаргиз аз ҳарфҳоятон сар намепечанд. Ва, баръакс, агар кирдори шумо бо он чи бар забон меронед яксон набошад, эътимоди фарзандонатон ба шумо мекоҳад ва шояд дар оянда умуман ба садоқати суханҳоятон бовар накунанд.

## Ҳамдил бошед

Яке аз муҳимтарин фазилатҳои инсонӣ тавоноии дарки дигарон ва фаҳмидани эҳсосоти онҳост. Ҳамдилӣ позаҳре барои рафторҳои худписандона, бераҳмӣ ва номеҳрубонӣ аст. Агар мехоҳед фарзандонатон бо шумо ҳамеша мисли дӯст бимонанд, бо онҳо ҳамдил бошед, ба ҷои таҳқир, сарзаниш, насиҳат ва бозпурсӣ кардан, беҳтар аст фақат гӯш диҳед. Гоҳе гӯш додану сукут кардан метавонанд боиси ҳамдилии бештаре гарданд.

Бо ин ки ин масъалаҳо дар назари аввал содаву осон ба назар мерасанд, амал кардан дар мавриди онҳо чандон кори содае нест. Рафторҳое, ки мо дар кӯдакон мушоҳида мекунем, фақат инъикоси он чи дар хонаводаҳои худашон мебинанд нест, балки бозтоби рафтору кирдорҳоест, ки аз дунёи васеи атрофашон ёд гирифтаанд. Дунёе, ки пур аз хатар аст ва дар он на ҳамеша метавонем фарзандонамонро назорат

кунем. Танҳо он чи метавонем анҷом диҳем, ин аст, ки ҳамчун волидайни солеҳ ва мураббиёни шахсиятофарин худи кӯдаконро омодаи муқобилат бо ин хатарҳо кунем. Ҳар коре, ки мо анҷом медиҳем, таъсири мустақим бар фарзандонамон ва дунёи онҳо дорад. Пас бояд даст аз баҳонатарошӣ ва масъулиятро бар ҳамдигар вогузорӣ кардан бардорем ва ҳамаи нерую тавоноиамонро сарфи тарбияи фарзандон кунем.

## Таъсири оила дар шаклгирии одоб

Яке аз мушкилоти ҷомеаҳои имрӯз мушкили ба ҷо наовардани эҳтироми калонсолон аз ҷониби кӯдакон ва наврасон мебошад. Мутаассифона, ин мушкил – бо пешрафти ҷомеаҳо – дар фазои фарҳангии муосир беш аз пеш меафзояд.

Бо таваҷҷуҳ ба таъсири ин мавзӯъ ба таълиму тарбияи саҳеҳи кӯдакон пайдо намудани роҳкорҳои пешгирии рафтори номатлуб дорои аҳамият аст. Барои рафъи ин мушкил бояд нахуст ба решаёбии ин мушкил дар оила пардохт. Зеро хонавода аввалин муҳитест, ки кӯдак бо тақлид кардан ба шеваи рафтору гуфтори дигарон ба рафтору гуфтори худ шакл медиҳад. Дар баробари оила омӯзгорони мактаб, расонаҳои оммавӣ, аз ҷумла матбуот ва бавижа телевизион, метавонанд дар ривоҷ додани фарҳанги эҳтиром дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа, алалхусус кӯдакону наврасон, таъсир расонанд.

Кӯдак аз ҳангоми таваллуд бо аввалин муҳити иҷтимоӣ, яъне оила, рӯ ба рӯ мешавад. Ӯ дар ин замон

тасаввури мушаххасе аз баду нек надорад ва батадриҷ бо аъзои ин ҷомеаи кӯчак ва шеваи рафтору гуфтори онҳо шинос мешавад. Агар кӯдак аз ҳамон ибтидо эҳсос кунад, ки дар ин муҳити иҷтимоӣ эҳтироми аъзои он ба ҷо гузошта мешавад, ҳеҷ касе ба каси дигар суханҳои хушунатомез намегӯяд ва ҳама – чи калонсолу чи хурдсол – ба ҳамдигар эҳтиром мегузоранд, хӯю хислати вай дар ҳамин фазои солиму босафо ба тарзи матлуб шакл мегирад. Илова бар ин, ки аҳамияти эҳтиромгузориро дарк мекунад, батадриҷ ба як инсони соҳибэҳтиром ва бошахсият низ табдил мегардад.

Волидон бояд кӯдакро аз замони ба дунё чашм кушоданаш дар оғӯши меҳру латофати худ ҷой диҳанд ва бо вай робитаи пойдор бар эътимоду итминон ва эҳтиромомез барқарор созанд. Мутаассифона, бисёре аз падарону модарон мехоҳанд, ки фарзандашон эҳтироми онҳоро комилан нигоҳ дорад, дар сурате, ки худашон ҳаргиз ба фикри эҳтиром гузоштан ба шахсияти фарзанд нестанд, пайваста ӯро сарзанишу таҳқир мекунанд ва дар пеши рафиқону ҳамсинфонаш суханҳои носазо мегӯянд.

Усулан рафторҳои инсон асосан аз роҳи ёдгирӣ ташаккул меёбанд ва пойдортарин ёдгириҳо ёдгириҳои мушоҳидаӣ мебошанд. Аз ин рӯ, кӯдакон аз замоне, ки қодир мешаванд – бо баёни содатарин ибораҳо – бо падару модар ва атрофиёни худ иртибот барқарор кунанд, батадриҷ қобилияти фарогирии эҳтиромро низ пайдо менамоянд. Бояд бидонем, ки он чи ба кӯдак медиҳем, ҳамонро пас мегирем.

Дар давраи кӯдакӣ ёдгириву омӯхтани кӯдак бар пояи тақлид ва пайравӣ устувор аст. Кӯдак аз синни

дусолагӣ ба ҳаракату рафтору гуфтори волидайн тақлид мекунад ва кам-кам эҳтиром гузоштан ба калонсолон дар ӯ даруни мегардад ва дар даврони балоғат ин одатҳои писандида фаромӯш намегарданд. Агар тақлиди кӯдак аз рафтору кирдорҳои шоистаи дигарон аз ҷониби падару модар таҳсин шавад, ба рағбати ӯ барои идома додани ёдгирӣ афзуда мешавад. Бино бар ин, волидонро лозим аст, ки ахлоқи писандидаи фарзанди худро таҳсин кунанд ва, илова бар ин, онро барои эҳтиром кардани калонсолон ташвиқ намоянд. Дар ин замина муҳим аст, ки худи падару модарон нисбати ҳеҷ касе беэҳтиромӣ накунанд, ки ин амали онҳо мумкин аст кӯдаконро ба беэҳтиромӣ кардан нисбат ба дигарон водорад.

Инсон – хоҳ хурдсол бошад, хоҳ калонсол – шахсияти худаш барояш арзишманд аст. Ӯ мехоҳад ҳамвора мавриди эҳтироми дигарон қарор гирад. Шахсияти ӯ дар муҳити хона ё мактаб ва ё ҷамъият нигоҳ дошта шавад. Ин ҳифзи шахсият дар тамоми афроди ҷомеа мушоҳида мешавад. Шахсиятталабӣ ҷузви зотии ҳар инсонест ва ҳама ба он пойбанд ҳастанд. Ҳаргиз бояд гумон накунем, ки кӯдакони хурдсол ин гуна чизҳоро намефаҳманд ва ба он таваҷҷуҳе надоранд. Бино бар ин, бояд пазирем, ки кӯдакон ҳам дар навбати худ мақому эҳтиром ва шахсияте доранд ва калонсолон ва, бахусус волидон, бояд ин шахсиятро муҳтарам шуморанд ва дар пеши рафиқу ҳамсинфҳояшон обрӯи онҳоро нарезонанд ва ба онон тавҳину носазо нагӯянд.

Волидон бояд кӯдаки худро, ҳамон гуна ки ҳаст, бипазиранд. Ҳар кӯдаке бояд эҳсос кунад, ки шахси-

яти ӯ дар хона мавриди эҳтиром аст, то тавонад ба худбоварӣ расида онро ҳифз намояд ва истеъдодҳову тавонмандиҳои худро рушд диҳад. Ҳамчунин бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ҳақшиносиву қадрдонии падару модар аз корҳои кӯдакон равишҳои беҳтар ва шоистатари ба кӯдакон нишон додани тарзи эҳтиром гузоштан мебошанд. Аз ин рӯ, лозим аст, ки падарону модарон дар муҳити хона баъзе корҳои сода ва ҷузъиро ба кӯдакони хурдсол вогузор кунанд ва аз онҳо масъулият талаб намоянд. Ин амал нақши муассире дар эҳсоси шахсияти кӯдакон дошта, барои ба вуҷуд овардани эҳсоси масъулият, варзида шудан дар корҳои зиндагӣ, ба кор андохтани тахайюлот ва низ дар тарбияи масъулиятҳои болотари онҳо нақши беҳтаре ифо мекунад.

Усулан кӯдакон ба он касе, ки ӯро дӯст медоранд, саъй мекунанд бештар монанд шаванд, зиёдтар эҳтиромашро ба ҷо оваранд ва супоришҳояшро бечуну чаро иҷро кунанд. Он кӯдаконе, ки бештар маврид шоҳиди баҳсу ҷидол ва ихтилофу ҳамдигарнафаҳмии волидайни худ мешаванд, на танҳо эътимоду итминонашон ба падару модар мекоҳад, балки эҳсоси хударзишмандӣ ва тавоноии нишон додани омодагии равонии лозим барои қадршиносиву сипосгузориро низ аз даст медиҳанд. Ба таври куллӣ, танҳо дар сурати ҳоким будани фазои эҳтиром дар хонавода, бавижа байни волидайн, фарзандон бо ҷону дил меомӯзанд, ки чӣ гуна аз некиҳои дигарон, бавижа падару модар ва муаллими хеш, сипосгузориву қадршиносӣ намоянд. Албатта, баъзан лозим меояд, ки дар хона яке аз волидайн, масалан, падар, ба шеваи

комилан дӯстона ва ба забони содаву лаҳни хушоянд ба кӯдак ёдоварӣ кунад, ки ба хотири лутфу муҳаббате, ки модар ба вай раво доштааст ва заҳмате, ки барояш кашидааст, ташаккур намояд ва ба вай эҳтиром гузорад.

Писандида аст, ки муаллимони мактаб – бар асоси заминаҳои фитрии кӯдакону наврасон – арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва амалии онҳоро тақвият намуда, заминаҳои парвариши онҳоро фароҳам оварда, дар амал ба онон эҳтиром ба атрофиёнро ёд диҳанд. Дар ин замина яке аз омилҳое, ки метавонад эътимодро пайваста ҳифз кунад ва посдори шахсияту суботи кӯдак бошад, ин аст, ки волидон дар аҳду паймони худ бо кӯдакон вафодор бошанд ва ҳеҷ гоҳ нисбат ба фарзандон ваъдахилофӣ накунанд ва рафторашон хилофи гуфторашон набошад. Кӯдакони мо он гуна мешаванд, ки мо ҳастем. Ва барои дуруст тарбия кардан бояд дуруст тарбия шуда бошем. Кӯдакон замоне ёд мегиранд, то ба дигарон эҳтиром гузоранд, ки афроди барояшон муҳим намунаи ибрат ба эҳтиром гузоштан бошад.

# НАҚШИ МАКТАБ ДАР ШАХСИЯТСОЗӢ

Кӯдакон ва наврасон сармояҳои ҷомеа мебошанд ва саломати рӯҳу ҷисми онҳо шарти муҳими саломати ҷомеаи оянда аст. Бино бар ин, масъалаҳои онҳо аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки бояд ба онҳо таваҷҷуҳи кофӣ мабзул дошт. Зеро таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба муҳити оила ва мактаб, ки нақши босазое дар таквини шахсияти донишомӯзон доранд, зарурати инкорнопазир аст.

Хотирнишон кардани ин нукта муҳим аст, ки дар ҳар матлабу мақола ва ҳатто пажӯҳишҳои бузурге, ки ба масъалаи нақши мактаб дар тарбияи насли ҷавон бахшида шудаанд, ҳатман, чун ҷузъи ҷудонопазир, вожаҳои оила ва волидайн ҳузур доранд. Зеро мактаб ва оила ниҳодҳое мебошанд, ки фақат дар ҳамбастагии онҳо барномаҳову тарҳҳои тарбиявие, ки ҳадаф аз онҳо шаклгирии шахсиятии кӯдакону наврасон мебошад, ба марҳалаи иҷро мерасанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки аввалин муҳите, ки кӯдак бо он дар иртибот мешавад, хонавода мебошад, муҳити хонавода омили муассир дар сохтани шахсияти кӯдак аст. Ва он ҳукми пайроҳаеро дорад, ки тавассути он кӯдак ба шоҳроҳи фарҳанги иҷтимоӣ ва ахлоқи миллӣ мебарояд ва дар миёни анбӯҳе аз меъёрҳову қоидаҳову русуму одатҳо воқеъ мешавад, ки шахсияти ӯро таҳти таъсир қарор медиҳанд. Ҳамон шахсиятеро, ки таъсири тафаккури волидайн ва дигар аъзои хонавода ҳанӯз ба шакли, ба истилоҳ, «нимахом» сохтаанд. Аз ин рӯ, кӯдакон бо чи

кӯлбори ахлоқиву маънавӣ вориди нахустин ҷомеаи бузург, яъне мактаб, мешаванд, вобаста ба аъзои хонавода, бавижа падару модар, аст.

## Таъсири муҳити мактаб ба ахлоқ

Ҳар воҳиди омӯзишӣ аз муаллим, шогирд, воситаҳои таълимӣ ва макони таълим ташкил шудааст, ки ҳар кадом муҳити хосеро эҷод ва нақши босазое дар тарбияи ахлоқ ифо мекунанд.

**а) Муаллим.** Муаллим касест, ки бештарин таъсирро дар амри покиза кардани дунёи шогирдон бар ҷо мениҳад. Муаллим устоди инсонсоз мебошад: ҳам метавонад одам бисозад ва ҳам одамро вайрон кунад. Аз ин рӯ, агар муаллимон худашон ҳоким бар нафс ва дорои ахлоқи писандида бошанд, дар тарбияи кӯдакону наврасон осори матлубе бар ҷой мениҳанд.

Муаллим барои шогирдон инсони бузурге мебошад, ки тамоми рафтору кирдори ӯ ҳамчун сармашқ дарёфт мешавад. Бузургтарин рисолати муаллим бедорсозии инсонҳо ва коридану парвиш намудану ба шукуфоӣ расонидани гулҳои фитрату одобу ахлоқ дар замини ҳастии насли ҷавон мебошад. Бино бар ин, нақшу ҷойгоҳи муаллимон дар тарбияи ахлоқии шогирдон бузургу ҳаётӣ ва ғайриқобили инкор аст.

**б) Мудири мактаб.** Нақши мудири мактаб дар таълиму тарбияи насли наврас аз муаллимон камтар нест. Зеро мудирон, илова бар ин ки ба шогирдон таъсир мерасонанд, ба муаллимон низ таъсир доранд. Мудирон дар интихоби муаллимон, коркунон, дар эҷоди тартибу интизом, иҷрои барнома ва тартиб

додани барномаҳои дорои ҷанбаи тарбияи ахлоқӣ саҳми бузург доранд. Бино бар ин, агар мудирон бо сифатҳои неки ахлоқӣ ороста бошанд, ба фазои мактаб сафо медиҳанд.

Илова ба мудиру муаллимон, китобдор, роҳбари бахши таълим, роҳбарони синфҳо, фаррош, дарбон ва ҳар касе, ки дар мактаб вазифае анҷом медиҳад, дар тарбияву таълими шогирдон таъсиргузор ҳастанд. Муаллими забону адабиёт тавассути осори пур аз панду ахлоқи бузургони адабиёт ва забони шевои миллӣ, муаллими таърих бо нақлҳои ҷолиб аз гузаштаи пур аз талошҳои меҳанпарастонаи халқи тоҷик, муаллими ҷуғрофӣ бо ба шогирдон шиносондани вижагиҳои табиати афсонавӣ ва иқлими сарзамини доимобаҳори Тоҷикистон, муаллими расм бо нишон додани тасвирҳое аз кору заҳмати диловарони арсаи меҳнат ва симои шахсиятҳои барӯманди халқамон, хулоса, ҳар муаллиму омӯзгоре, ки аз фанне дарс медиҳад, ҳар кадом барои афзудан ба огоҳиҳои иҷтимоии шогирдон ва борвар кардани дунёи ботини донишомӯзон нақши муассиру фаъоле ифо менамояд.

**в) Барномаҳои таълимӣ.** Дарсҳое, монанди риёзӣ, физика, химия, зистшиносӣ ва дигар фанҳо, ҳар кадом лозиманду аҳамият доранд ва омӯзиши онҳо сатҳи донишу ҷаҳонбинии донишомӯзонро боло мебарад. Аммо агар муаллимони фанҳои гуногун гоҳе баъд аз баёни мавзӯи нав дар робита ба дарс дар мавриди шарҳи ҳоли олиме ё кашфиёти илмие ва ё таърихи кишваре ба нуктаҳои ахлоқӣ ишора кунанд, ҳам барои вусъати ҷаҳонбинии донишомӯзон ва ҳам барои дар зеҳни онҳо ниҳодина кардани арзишҳои

ахлоқӣ қобили аҳамият хоҳад буд. Зеро дар ҳар кишваре дар давронҳои гуногун бузургони илму адаб зиндагӣ ба сар бурдаанд, ки, ба ҷуз осори арзишманд ба ҷаҳониён ба ёдгор гузоштан, шахсиятҳои аз лиҳози ахлоқӣ қобили пайравӣ мебошанд. Дар воқеъ дар таърихи башар шахсияти бузургеро наметавон пайдо кард, ки дар бораи аҳамияти донишу маърифат, одобу ахлоқ ва инсони комил будан суханони пандомез нагуфта бошад.

**г) Муҳити омӯзишӣ.** Шогирдони мактабҳои воқеъ дар наздикии паркҳо, синамоҳо, тарабхонаҳо ба сабаби ин, ки аз назди ин гуна ҷоҳо гузашта, вориди мактаб мешаванд, аз садои баланди мусиқӣ, либоспӯшиву рафтору гуфтори хоси муштариёни ин гуна ҷоҳо, ки дар бештар маврид як навъ зиндагии беқайдонаву беғамонаро аз худ падидор мекунанд, таъсири номатлуб мепазиранд. Ҳамин тавр, агар дар наздики мактабҳо музей ва китобхонаҳо бошанд, асари хубу нек ба шогирдон боқӣ мегузоранд. Агар дар рӯи девор ва роҳравҳои мактаб ва синфхонаҳо шеърҳои пандомӯз ва суханони бузургон дар бораи дониш, маърифат, ахлоқи ҳамида насб шуда бошанд, ба шогирдон таъсири хуб расонда, онҳоро ба донишомӯзӣ, гиромидошти арзишҳои фарҳанги миллӣ, риояи ахлоқу одоби писандида раҳнамун месозанд.

**д) Воситаҳои таълимӣ.** Яке аз воситаҳои омӯзишӣ китобҳои ғайридарсӣ, ба истилоҳ, дастурҳои иловагӣ мебошанд. Агар ин гуна китобҳо ва дастурҳои иловагӣ мувофиқ ба синну соли донишомӯзон тартиб дода шуда ва бештар дорои мавзӯъҳои ахлоқу одоб бошанд, дар афзоиши доноӣ,

рушди ахлоқӣ ва покизагии рафтори онҳо муассир хоҳанд буд. Ва, баръакс, баъзе аз китобҳо, роману достонҳо ва маҷаллаҳои бегонагон мӯҷиби халалдор шудани фикр ва табоҳии ахлоқ мешаванд.

**е) Имкони вохӯриву мулоқот бо зиёиёни эҷодкор.** Мулоқотҳои бевосита бо нависандагон, рӯзноманигорон, ҳунарпешагони маъруф ва донишмандони риштаҳои гуногуни илму дониш барои тарбияи ҳисси созандагӣ ва пайдо кардани итминон ба истеъдодҳои фитрии худ барои кӯдакон хеле муфид хоҳанд буд.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти бузурги тарбияи ахлоқӣ мувофиқи мақсад хоҳад буд, ки **фанни алоҳида ва махсуси тарбияи ахлоқ ҷорӣ карда шавад ва ҳамон тавр ки дар мактаб ба дарсҳои риёзӣ, табиатшиносӣ, забону адабиёт ва ғайра аҳамият дода мешавад, ба дарси тарбияи ахлоқӣ ҳам бояд аҳамияти ҷиддӣ дода шавад.** Ва барои тарбияи ахлоқӣ бояд муаллимоне баргузида шаванд, ки завқу салиқа ва маҳорати дархӯри таълим додани чунин фароянди муҳимро дошта бошанд. Яъне ин муаллимон бояд сармашқҳои ғайратманде бошанд, то тавонанд шогирдонро ба сӯи сифатҳои писандидаву матлуб ҳидоят намоянд ва дар замини ҳастии онҳо тухми арзишҳои ахлоқиву маънавиро бикоранд.

Ҳамон тавр ки ба хотири такмили дониши донишомӯзон аз дарсҳои табиатшиносӣ муаллимон онҳоро ба тамошои дарё, кӯҳ, киштзорҳо, фермаҳои чорводорӣ, коргоҳу корхонаҳо ба гардиши омӯзишӣ *(экскурсия)* мебаранд, ҳамин тавр – ба манзури дар

зеҳну шуури хонандагон пайдо кардани ҳисси эҳтиром нисбат ба офаринандагони дороиҳои илмиву адабӣ ва маънавию ахлоқии миллати тоҷик – муаллимони дарси ахлоқ низ шогирдони худро бояд ба осорхонаҳои таърихӣ, театр, маҳалли ҷойгиршавии ёдгориҳои таърихӣ ва ба зиёрати оромгоҳи бузургони таърих ва илму адаби миллат баранд.

Агар хоҳем ҷомеаро аз фасоду аъмоли бад пок нигоҳ дорем, агар хоҳем наврасону ҷавонон пок бимонанд, бояд пеши ғуборҳо ва кудуратҳоро гирем ва расидани гарди кирдору рафтори зиштро пешгирӣ кунем. Зеро пешгирии беморӣ аз дармони он сабуктар аст. Ҳамаи инсонҳо, ҳатто онҳое, ки баъдан рафтори номуносиб аз худ нишон медиҳанд, бо фитрати пок ба дунё меоянд, аммо тадриҷан, ки калон мешаванд, бар асари ҳаяҷонҳои нафси ҳайвонӣ, васвасаҳои дунёи имрӯз, тамос бо афроди нолоиқ ва ворид шудан ба муҳити нопок олуда мешаванд. Бино бар ин, роҳнамоии ахлоқӣ дар мактабҳо ба ин гуна кӯдакон монанди наҷот аз ғарқ шудан аст, то дар ботлоқи бадахлоқию ҷиноят ғарқ нашаванд.

Ба кӯдак бояд таълим дода шавад, то бадиҳоро шиносад ва натиҷаҳои кирдору рафтори бадро, ҳарчанд кӯчак ҳам бошанд, бидонад. Ба таври исроркорона онро бояд ёд дод, ки ҳаргиз даст ба кирдори бад назанад, ҳатто ҳозир нашавад бо қалами дӯстонаш – бидуни иҷозат пурсидан – як калима нависад ё китобҳояшонро барои хондан гирад, зеро ҳар дафъа ки кори баде анҷом гирифт, дафъаи дигар ҳамон кор осонтар анҷом мешавад ва рафта-рафта ба одат табдил меёбад.

Кӯдак, вақте сарҳади дурусту нодурустро намедонад, гирифтори хато мешавад. Вақте дар ҷамъи одамоне қарор мегирад, ки бо кори нодуруст машғуланд, масалан, шӯхиҳои аз ҳад зиёд мекунанд, ӯ ҳам ба кирдори онон пайавӣ мекунад. Вақте дар мактаб дид, ки бачаҳо бо саҳлангорӣ бар дару девор хат мекашанд, ӯ ҳам чунин корҳоро мекунад. Бино бар ин, муҳити мактаб дар тарбияи ахлоқу одоби неки насли наврас нақши муҳим ифо намуда, дар рушду такомули шахсияти онҳо таъсири муҳим дорад.

Мактаб маконест, ки дар амри ба кӯдак омӯзиш додани муносибати эҳтиромомез ба атрофиён нақши босазо ифо намуда, дар рушду такомули шахсияташ таъсири инкорнопазире мегузорад. Шеваи бархӯрд ва сухани муаллим дар устувор кардани эҳтироми кӯдакон нисбат ба калонсолон таъсири таъйинкунанда доранд. Бино бар ин, мактаб метавонад, монанди хонавода, дар эҷоди сифати эҳтиром ба дигарон – бо аз байн бурдани рафторҳои нописандона ва беэҳтиромона нисбат ба онон – кӯдаконро ёрӣ дода, дар роҳи дар шуури онҳо ниҳодина кардани хулқу хӯи нек саҳми босазо гузорад.

Муаллимон бояд таваҷҷуҳ дошта бошанд, ки яке аз монеаҳои бузурги муносиботи хуб сарзаниш кардани дигарон аст. Агар аз донишомӯзон хатое газарад, бо накуҳишу танбеҳ наметавон ба ҷое расид, балки бо сабру шикебоӣ мешавад хатои шогирдонро ислоҳ намуд. Аз тарафи дигар, хуб аст ва бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки донишомӯзон ба оқибатҳои рафтори нодурусти худ пай баранд. Барои мисол, агар талабае бо талабае пархош ва ё бадрафторӣ кард, аз ӯ талаб

кунанд, ки фавран узр пурсад. Чунин тарзи ҳалли масъала кам-кам дар вуҷуди шогирдон нақши хубе пайдо мекунад ва ҳангоми пой ба зиндагии мустақил ниҳодан онҳо пешпо нахоҳанд хӯрд. Бино бар ин, рафтори меҳромез бо кӯдакон, бархӯрди боэҳтиром ба шахсияти онҳо ва рафтори неку писандидаи муаллимон донишомӯзонро дар масири одатҳои неку ҳамида қарор медиҳанд. Дар ин робита бисёр муфид хоҳад буд, ки омӯзгорон – бар асоси заминаҳои фитрии наврасон – арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва маърифатии онҳоро тақвият намоянд, заминаи густариши онҳоро фароҳам оваранд ва дар амал ба онон эҳтиром ба дигаронро биомӯзанд.

Бояд гуфт, ки масъулиятҳои мактаб бо парвариши неруи ақлонӣ ва ошно сохтани донишомӯзон ба арзишҳои иҷтимоиву ахлоқӣ маҳдуд намешаванд, балки муаллимон масъул ҳастанд, ки шогирдонро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ низ тарбия намоянд. Решаи бисёре аз мушкилот танбалӣ аст ва муаллимон ба ҷавонон бояд талқин намоянд, ки алорағми мушкилоти сершуморе, монанди камбизоативу бекориву дигар масъалаҳои зиндагӣ, дар ҳама ҳолат асолату шахсияти худро ҳифз кунанд ва саъй намоянд, ки гирифтори разолати ахлоқӣ, бахусус танбалӣ, нашаванд. Зеро танбалӣ бо заволи ахлоқии ҷомеа меанҷомад. Ҷавонон, дар ҳар куҷо ки бошанд, бояд ба ду хислати мардуми мо, ки шуҷоату меҳнатдӯстӣ аст, вафодор монанд ва миллати тоҷикро, илова бар дигар сифатҳои некӯ, ки дорем, бо ин хислатҳои писандида ба дигар халқу миллатҳо шиносонанд.

## Нигоҳе ба нақши муаллимон ва таъсири рафтори онҳо дар ниҳодина кардани ахлоқи иҷтимоӣ

Яке аз шохисаҳои асосии пешрафт ва намоди ҳаракатҳои солим дар масири такомули башар риояи ахлоқу маънавиёт дар ҷомеаи инсонӣ аст, ки муҳимтарин коркарди олимону омӯзгорон ва бузургони илму адаби башар аз оғози тамаддун ба шумор меравад. Дар ҷомеаи мо ҳам, ки ҷойгоҳи низоми омӯзишу парвариш мушаххас шудааст, ин нақш бузургтар ва таъсиргузортар ба назар мерасад.

Дар ин росто муаллимон ба унвони неруи инсонӣ, ки муҳандисии афкори умумӣ ва чашмандози рушди фарҳангиву илмии ҷомеа дар дасти онҳост, барои иҷрои меъёрҳо ва назарияҳои ахлоқӣ дар ҷомеа вазифае фаротар аз қишрҳои дигар доранд. Чаро ки дар таҳкими пояҳои низоми илмӣ, бавижа фарҳанги кишвар, бештарин нақшро ифо мекунанд. Ин ҳамон мавзӯест, ки дар чанд соли охир мавриди бетаваҷҷуҳиву бемеҳрии бисёре аз муаллимон воқеъ шудааст ва бо гузашти замон мӯҷиби нигаронии бештари хонаводаҳо гаштааст. Мутаассифона, имрӯз фаъолияти амалии муаллимон бо рисолати баланди иҷтимоие, ки дар ниҳодина шудани ахлоқи иҷтимоӣ доранд, мулоим карда гӯем, гираҳ намехӯрад. Ислоҳи чунин вазъият дар низоми таълиму тарбия аҳамияти бештар аз парвариши ҷанбаҳои инсонии наврасон дорад, зеро муаллимону омӯзгорон ҳастанд, ки ин вазифаи муқаддасро иҷро мекунанд.

## Тарбияи шаҳрванди боахлоқ муҳимтарин вазифаи муаллимон аст

Таҷрибаи бештар аз ду даҳсола нишон медиҳад: иқдомҳои тарбиявие, ки дар мактабҳои мо сурат мегиранд, боиси тағйири рафтори амиқи ахлоқӣ дар донишомӯзон нашудаанд. Торафт афзоиш ёфтани рафторҳои номуносиби ахлоқии кӯдакону наврасон, ҷалб гардидани онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои тундраво ва ба ҷинояткорӣ даст задани бархе аз онҳо баёнгари он аст, ки мактабу муаллимон рисолати худро ба таври матлуб анҷом намедиҳанд.

Тарбияи ахлоқӣ муҳимтарин иқдоми пешгирӣ аз осебҳои равонӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа аст. Баъд аз хонавода мактаб дуввумин ниҳоди тарбиявии кӯдакон аст, ки бояд бо омӯзишҳои дурусти худ маҳоратҳои шаҳрвандиро ба донишомӯзон ёд диҳад. Дар назди муаллимон парвариши кӯдакон, ҳамчун шаҳрвандони боахлоқ, набояд камтар аз аҳамияти омӯхтани дарсҳои риёзӣ ва таъриху забон бошад. Мо ба кӯдаконамон ҳар гуна донишро меомӯзонем, ки онҳоро инсонҳои муфиду муваффақ ба бор оварем. Пас барои чӣ ба омӯзондани ахлоқ – муҳимтарин дониши инсонӣ ва асосу пояи маърифати башарӣ – ба таври шоиста таваҷҷуҳ намекунем? Чаро бештарин нигаронии хонаводаҳо аз вазъияти ахлоқии фарзандонашон аст? Ба назар мерасад оилаҳо ва, умуман, ҷомеа парвариши насли ҷавонро дар паси корҳову ҳадафҳои дигар қарор додаанд ва чунин вазъият хушоянд нест.

Ниҳодҳои гуногуни таблиғотие, монанди телевизиону радио ва матбуоту расонаҳо, бояд ҳамроҳони

бериёи низоми таълиму тарбия дар кори парвариши ахлоқии ҷомеа бошанд, то натиҷаи фаъолиятҳои парваришии муаллимон босамартар гардад.

Муаллимон – ҳамчун бозуҳои муҳаррики низоми таълиму тарбия – нақши калидӣ дар иҷрои барномаҳои тарбиявӣ ва ахлоқӣ доранд.

Муаллими муваффақ касест, ки ҳамаи ҷанбаҳои вуҷуди донишомӯзонро парвариш диҳад ва аз онҳо инсонҳои арзишманде барои ҷомеа созад. Муаллимони синфҳои ибтидоӣ бо афроде сари кор доранд, ки зеҳну шуураш дар пазириши омӯзаҳои илмиву арзишҳои ахлоқӣ мисли киштзори ташна ба об аст. Шогирдони ин давра муаллими худро аз ҷону дил дӯст медоранд ва омӯзаҳои ӯро ба дидаи миннат бар лавҳи зеҳнашон бо қалами меҳру муҳаббат сабт мекунанд. Муаллимони синфҳои ибтидоӣ, ки дар мактаб ҷойгоҳи модарро дар қалби донишомӯзон доранд, бояд аз ин фурсати ноб барои ниҳодина кардани сифатҳои ахлоқӣ ва омӯзаҳои фарҳангӣ истифода кунанд. Муаллими давраи ибтидоӣ, ки бо мавҷудҳои ҳассос рӯ ба рӯ шудааст, бояд шогирдонро ҳарчи бештар ба риояи одобу ахлоқи ҳамида ва эҳтироми калонсолон ташвиқу роҳнамоӣ кунад.

Вуҷуди барномаҳои ҷаззоб барои ҳидояти ахлоқиву иҷтимоии донишомӯзон, ҳузури фаъоли мушовирони равоншинос дар канори мушовирони таҳсилӣ дар мактабҳо, назорати дурусти волидайн ба барномаҳои расонаҳо, монанди моҳвора, Интернет ва амсоли онҳо, муҳимтарин роҳкорҳои ниҳодина кардани ахлоқи иҷтимоӣ дар донишомӯзон ба унвони созандагони ҷомеа ва ворисони фарҳанги миллӣ мебошанд.

Хулоса, мактабу муаллим дар тарбияи насли наврас нақши муҳим доранд ва онҳо воқеан хазинадори ганҷинаи маънавии ҳар ҷомеа ба ҳисоб меравconfigured. Муаллимон коргузори аслии низоми таълиму тарбия ва рӯҳи низоми омӯзишии ҳар кишвар мебошанд ва бо кӯшиши хирадмандонаи онҳо ҳадафҳои таълим ба марҳалаи иҷро мерасанд. Ва он чи кӯдакону наврасону ҷавонон дар мактабҳо ёд мегиранд, аз вижагиҳо, шоистагиҳои илмӣ, фарҳангӣ, тарбиявӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маънавии муаллимон вобаста аст.

Бидуни шак, муаллимон дар дигаргунии ҷомеа ва ҳаракати он ба сӯи ахлоқу маърифати инсонӣ асаргузор мебошанд. **Ба гунае, ки метавон сатҳи риояи меъёрҳои инсониву ахлоқии мардум, дониш, тавоноӣ, кайфиятҳои илмиву ахлоқии ҳар кишварро аз рӯи сатҳи дониш, тавоноӣ, кайфияту маҳорат ва рафтори муаллимони он кишвар ташхис дод.**

**Алорағми пешрафтҳо ва таҳаввулоти чашмгири илмии ҷаҳон ҳанӯз ҳеҷ ҷойгузини бартаре барои муаллим ёфт нашудааст. Бино бар ин, ҳар тағйиру таҳаввуле дар ҷанбаҳои гуногуни иҷтимоӣ бо талоши муаллим суратпазир аст.** Бидуни шак, ҳадафи ормонии муаллимон ҳамеша ин аст, ки ҳаёти башар бар мадори арзишҳои фарҳангӣ чарх занад ва рафтори ахлоқӣ асоси зиндагии инсон бошад, то ҳеҷ бегонае маҷоли таҷовузро ба фарҳанги асили миллӣ пайдо накунад.

# НАҚШИ РАСОНА ДАР ФАРҲАНГИ ИҶТИМОӢ

Имрӯзҳо инсоният бо ворид шудан ба асри расонаҳо ва шаклгирии ҷомеаи иттилоотӣ даврони наверо оғоз кардааст. Мо акнун дар низоми навини ҷаҳонӣ, дар асри расонаҳо ҳаёт ба сар мебарем. Асре, ки дар он воситаҳои ахбори умум ҷузъи ҷудоинопазири зиндагии мо ҳастанд. Он чиро, ки расонаҳо ба номи иттилоот ба мо дастрас мекунанд, ба шаклҳои гуногун дар тарзи зиндагӣ, андешаву эҳсосоти мо таъсир мерасонад. Дар ин миён расонаҳо нақши таъйинкунандае дар рушди фарҳангии кишварҳо доранд. Коркарди расонаҳо дар асри иртиботот, бидуни шак, дар ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаи башарӣ инкорнопазир аст.

Имрӯзҳо он ҷомеае тавсеаёфта шинохта мешавад, ки дар баробари рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қодир ба боло бурдани сатҳи шуури ҷамъиятӣ мебошад. Дар чунин ҷомеае воситаҳои пешрафтаву навини иртиботӣ бо тавлиду пахши маводи матлуби иттилоотӣ дар миёни мардум дар боло бурдани огоҳиҳои гуногуну заруре нақши муҳимеро ба уҳда доранд ва ба ҷомеа дар роҳи расидан ба пешрафту тараққӣ ҳамаҷониба ёрӣ мерасонанд. Имрӯз расонаҳо метавонанд омили муайянкунанда ва инкишофдиҳандаи сатҳи маърифат ва шуури миллӣ бошанд, дар муттаҳид сохтани ҷомеа ва пешрафти давлат нақши арзанда бозанд, ба тавсеаи

ҳамаҷонибаи кишвар, густариши суръати созандагӣ ва афзоиши рушди фарҳангӣ кумак карда, боиси ташаккули афкори солими ҷомеа шаванд.

## Нақш ва ҷойгоҳи расонаҳои фарҳангӣ

Густариши чопи рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун, ҷойгоҳи шоистаи расонаҳо дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум ва шукуфо намудани фарҳангу дониши ҷомеа яке аз омилҳои муҳимтарини тавсеаи фарҳангӣ ва нишонаи ҳадафмандӣ ва пурҳаракатии ҷомеа аст. Бадеҳист, ки тавсеаи фарҳангӣ ба маънои густурдаи он, ки дарбаргирандаи густариши гуфтугӯҳои фалсафию фарҳангию адабию ҳунарӣ мебошад, на танҳо омили асосии рушди худогоҳии миллӣ, балки заминасози тавсеаи сиёсиву иқтисодӣ, пешрафти илму дониш ва ташаккулдиҳандаи андешаву афкори солим дар ҷомеа аст.

Албатта, ин ҳама замоне муяссар ва имконпазир мегардад, ки аз як сӯ, мақомоти давлатӣ ба расонаҳои гуногун ва нақши воқеии онҳо аҳамият диҳад ва расонаҳои оммавиро на ба сифати «рақиб» ё баландгӯи фаъолиятҳои мақомоти ҳукуматӣ, балки ҳамчун рукни муҳиме – дар баробари ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия – бипазирад. Аз сӯи дигар, роҳбарони рӯзномаҳо ва аҳли қалам низ бояд аз рисолати фарҳангӣ ва масъулияти худ дар иттилоърасонии дуруст, ривоҷ додани ҳамдигарфаҳмӣ, тақвияти ҳисси ҳамбастагии миллӣ ва ҳамзистии мусолиҳатомез огоҳ бошанд ва аз паст задани шаъни ашхос, дурӯғпардозӣ, овозапаҳнкунӣ ва, аз ҳама бадтар, аз таблиғи хушунат парҳез намоянд.

Ин гуфтаҳо, дар навбати аввал, ба расонаҳои фарогир, аз ҷумлаи телевизиону радио ва рӯзномаҳои бонуфуз, ки мардум ба хабарҳо, гузоришҳо, таҳлилҳо ва паёмҳои онҳо итминон дорад, дахлдор аст. Таъсири онон дар сурати масъулият эҳсос намудани коргузоронашон метавонад судманду созанда бошад ва дар сурати бемасъулиятӣ зарароварау харобкунанда мешавад.

## Нақши расонаҳо дар шаклдиҳии фарҳанги иҷтимоӣ

Расонаҳо имрӯз – ҳамчун ҳомилон ва интиқолкунандагони паём – метавонанд дар сохти фарҳанги ҷомеа бавуҷудоварандаи боварҳо ва афкори ҷамъиятии муассир бошанд. Онҳо бидуни ба назар гирифтани марзҳои ҷуғрофӣ, ақидаӣ ва фарҳангӣ имкони ҳузур дар ҳамаи нуқтаҳои ҷуғрофиро пайдо кардаанд.

Фарҳанги миллӣ як падидаи пурҳаракат ва бидуни оромиш аст. Ҳар ихтирову кашфиёту назарияпардозии нав, ки дар дунё дар ҳавзаҳои гуногун ба амал меоянд, таъсири онҳо ба фарҳанг мерасад. **Муҳимтарин таъсиргузороне, ки метавонанд дар шаклдиҳии фарҳанги миллӣ аз дигар омилҳо муваффақтар бошанд, расонаҳоянд.** Албатта, ҳар расона вижагиҳои худро дорад ва вижагиҳои онро гурӯҳҳо, қишрҳо ва табақаҳои ҷомеа ва салиқаву завқу ниёзмандиҳои онҳо муайян мекунанд. Масалан, барои насли ҷавон муҳимтарин воситаи баровардани ниёзмандиҳо ба иттилоот, омӯзиш, таъмини иртибот бо дӯстон, фароғату бозӣ ва ғайра Интернет мебошад. Барои насли аз миёна андаке боло ва насли калонсол

муҳимтарин воситаи гирифтани иттилоот рӯзномаҳо мебошанд. Аммо телевизион воситаест, ки на танҳо барои ин ду гурӯҳ, балки барои ҳамаи афроди ҷомеа, новобаста аз синну солаш, муҳимтарин афзори пайвастан бо дунёи хориҷ аст.

Телевизион, ки – ҳамчун оммавитарин ва пуркорбурдтарин расона – бо арза доштани паёму ахбору иттилоот ва дигар барномаҳои омӯзишиву фароғатии ҷолиб одамони зиёдеро ба худ ҷалб мекунад, метавонад дар амри дучори дигаргунӣ кардани фарҳанги ҷомеа **пурнуфузтарин** ва **муассиртарин** омил бошад. Мо имрӯзҳо дар шароите воқеъ шудаем, ки фарҳанги ҷомеа, бидуни дар назар гирифтани марзҳои ҷуғрофӣ ва ақидаӣ – дучори тағйиру таҳаввул аст. Вале, мутаассифона, ин тағйиру таҳаввул на ҳамчун такомули фарҳангӣ, балки бештар ба ҳайси коҳиши фарҳангӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Яъне тавассути телевизион ба ҷомеа он чизҳое пешкаш мешаванд, ки бо ниёзҳои фарҳангии мо хеле кам мувофиқат доранд. Имрӯзҳо ниёзҳои фарҳангии ҷомеаи мо ин ҳифзи асолат, ҳувият, забон, расму оин, садоқату вафодорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва риояи одобу ахлоқи миллӣ аст. Бино бар ин, агар мо хоҳем, ки ҳамаи ин ниёзҳо ба наҳви беҳтар бароварда шаванд, бояд расонаҳоро ба арсаи талошҳои миллӣ бо ҳадафҳои мушаххасу муайян табдил диҳем ва мувофиқ ба ин ҳадафҳо коршиносону мутахассисони баландихтисосу кордон ва боистеъдоду созандаро тарбия кунем.

Ба ҳар ҳол телевизион – ҳамчун як расонаи бисёр муҳим ва яке аз воситаҳои таъсиргузор ба фарҳанги

ҷомеа – вақте метавонад муассир бошад, ки ба паёмгирандагонаш, мувофиқ бо ниёзҳои онҳо, бо равишҳои дурусту мавриди қабул барномаҳо пешниҳод кунад. **Аммо имрӯз телевизиони кишвари мо, ки бояд ниёзҳои паёмгирандагонашро хуб шиносад, ба таври мақбул масъалагузорӣ намояд ва роҳи ҳалли ин масъалаҳоро нишон диҳад, бо камбуди имкониятҳои бозёбиву баррасии ахбору паёмҳо ва ҳам камбуди коргузорони боистеъдоду нововар рӯ ба рӯ аст. Аз ин рӯ, роҳбарону масъулони телевизиони миллӣ бояд бо ниҳодҳои илмиву тахассусии кишвар, факултаҳои рӯзноманигории донишгоҳҳо ва дигар мактабҳои олии мамлакат робитаи зич дошта бошанд ва аз роҳи озмун барои ҳамаи идораҳои барномаҳо шахсони босалоҳият ва дорои диду назари тозаро интихоб намоянд.** Танҳо дар ин сурат телевизион метавонад дар баланд бурдани сатҳи огоҳӣ ва такомули дониши сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми кишвар нақши созанда ифо намояд.

## Расона ва нобудии фарҳангӣ

Дар ҷаҳони имрӯз суръати паҳн шудани паёму иттилоъ ҳатто аз ним қарн пеш садҳо маротиб бештар аст. Ҳам воситаҳо ва ҳам шеваҳои таблиғу ташвиқ тағйир кардаанд. Шояд гуфтани ин суханҳо каме муболиғаомез бошад, вале наметавон онро инкор кард, ки имрӯзҳо ба сабаби ин ки иттилооту паёмҳо дар бештар мавриди пӯшидаву рамзӣ ҳастанд, ба равшанӣ наметавон аз ҳадафу ниятҳои паёмдиҳанда огоҳ шуд.

**Иштибоҳ нахоҳад шуд, агар гӯем, ки дар асри ҳозир тамомии одобу анъанаҳо ва эътиқоду боварҳои башарӣ дар маърази ҳуҷуми одобу рафторҳое ҳастанд, ки на решаҳои ахлоқӣ доранд ва на решаҳои инсонӣ. Ин расму одоб бо чунин роҳу равишҳои зиракона ба одамон расонида мешавад, ки ҳатто муҳофизакортарин ашхосро ба таври худноогоҳона ба бероҳиву каҷроҳӣ ҳидоят мекунад.** «Муаллимон»-у «таблиғгарон»-и ин «ахлоқу рафторҳо» **трестҳои бузурге** мебошанд, ки омӯзаҳои худро на бо равиши маъмулии китобу дарсхонӣ ва ба ҳам омадани устодону шогирдон, балки бо роҳи пешниҳоди молу маҳсулот ва таблиғу ташвиқ ба тарзи зиндагии «шоиста» ба ҷомеаи башарӣ бор мекунанд.

Ин омӯзаҳо ба андозае таъсиргузор ҳастанд, ки агар дар гузашта оину анъанаҳо – баъд аз садҳо сол – бо аз насл ба насл гузаштану ҳифз кардан пойдор мешуданд, имрӯзҳо ҳамин оинҳо зери бори «арзишҳо»-и нав дар чашм ба ҳам задан нобуд мешаванд. **Ва ин кор тавассути расонаҳо анҷом мегирад.** Расонаҳо, албатта, дар шахси дастандаркорони расонаӣ, дар дунёи имрӯз, ба ҷои он ки фарҳанги ормониву инсониро ривоҷ диҳанд, ё дониста ва ё нохудогоҳона, даст ба эҷоди «фарҳангу одобе» мезананд, ки дар асл нобудкунандаи фарҳангҳои асилест, ки меҳвари дунёи кунунӣ мебошанд. **Инсоният барои ин ҳам то имрӯз аз саҳнаи ҳастӣ несту нобуд нашудааст, ки аз сарчашмаи ҳаётбахши ахлоқу маънавиёти асили миллатҳову халқиятҳои ахлоқгаро шодоб аст.**

## Шеваҳои ҷазби паёмгирандагон

Шеваҳое, ки расонаҳо барои рушди фарҳанги тоза бармегузинанд, гуногун ва гоҳе аз латофати хосе бархӯрдоранд. Ҳамин латофати баён ва таблиғи меҳрубонона ҳаст, ки фикрҳоро ба осонӣ мутеъ месозанд. Фарҳангсозони ҷаҳони имрӯз содатарин ва дар айни ҳол мақбултарин роҳро барои ниҳодина кардани фарҳанги худашон бармегузинанд. **Онҳо аввал ба суроғи касоне мераванд, ки аз таҳлилу андешаи мантиқӣ бархӯрдор нестанд ва одатан асири хоҳишҳо ва ҳаяҷонҳои зудгузари худ мебошанд.** Инҳо, чун маъмул, наврасону ҷавонон ҳастанд. Ҷомеашиносон муътақиданд, ки наврасону ҷавонон хеле осон зери бори иғвову дасиса мераванд, таҳти таъсири тарғибу ташвиқ қарор мегиранд ва худашонро ба тафаккуру андеша водор намекунанд.

Барои фарҳангсозони имрӯз чандон муҳим нест, ки ин пайравони ояндаи фарҳанги онҳо дар кадом ҷомеа ва дар кадом кишвар зиндагӣ мекунанд, зеро барои ҳар иқлиму қаламрав ва ҳар нажоду қавме воситаҳои хоси худро дар даст доранд. Муҳим барои онҳо таблиғу ташвиқи муваффақомези арзишҳову боварҳои тиҳӣ ва бемояашон аст. Албатта, агарчи имрӯзҳо ҳадафи фишору ҳуҷуми фарҳангиашон кишварҳои ҷаҳони севвум ё, ба истилоҳ, рӯ ба инкишоф мебошанд, **онҳо дар рӯъёҳояшон тамоми ҷаҳонро мебинанд, ки чун деҳаи кӯчаке дар browsing дасташон қарор дорад.**

Расонаҳо муҳимтарин воситаи тағйиру дигаргунсозии фарҳангҳо ва ҳатто давлатҳо ҳастанд. Онҳо асотирҳо ва намодҳои наве месозанд, шахсиятҳоеро

падид меоваранд, ки гурӯҳи азиме аз мардум, бавижа ҷавонон, бо фикри онҳо мехобанд ва ба ишқи онҳо бедор мешаванд. **Асотирҳое, ки имрӯз расонаҳо месозанд, умуман ориву барӣ аз ахлоқу маниши инсонӣ ҳастанд. Ин асотирҳо бештар ҳаяҷоновар, рӯъёӣ ва бисёр ғайризаминӣ ҳастанд.** Маҳз ҳамин хусусиятҳои афсонавии намодҳои офаридаи онҳо, аз қабили Гарри Потер, наврасон ва ҷавононро ба фикри зиндагии безаҳмату осон меафтонанд ва онҳоро аз ҳақиқати зиндагӣ, ки барои баровардани кӯчактарин ниёзҳои инсонӣ бояд заҳмат кашид, ғофил медоранд.

## Гумгаштагии фарҳангӣ

Расонаҳо тавассути шахсиятҳои асотирии филмҳо, барномаҳо ва хусусан қаҳрамонҳои рекламаҳо гуфтор, кирдор ва ахлоқи ҷомеаҳои башариро таҳти таъсир қарор медиҳанд. Гоҳе тарзи гуфтору рафтори бархе аз одамон чунон шабоҳате ба шеваи рафтору гуфтори шахсиятҳои расонаӣ доранд, ки гӯё даҳсолаҳо ин ҷониб бо якдигар ошно будаанд ва, ба қавли Саъдӣ, камоли ҳамнишинҳо бар онҳо чунин асарро гузоштааст. Бисёриҳо, хусусан ҷавонон, мисли онҳо фикр мекунанд, ба тарзи либоспӯшӣ, ороиши мӯ, рафтору гуфтор ва ҳаракатҳои имовуишоратии онон ба таври таассубомез тақлид мекунанд ва ҳатто номҳои онҳоро бармегузинанд. Вақте ки ин ҳама тақлидҳо ҷойгузини одатҳои пешин мешаванд, дар зеҳну шуури ашхоси таҳти таъсир қароргирифта худ ба худ навъе **фаромӯшиву гумгаштагии фарҳангӣ** ба вуҷуд меояд ва ин вазъ заминаро барои ба зуҳур

пайвастани насли нави дорои **фарҳанги нави аз ҳар ҷиҳат ғайриахлоқӣ** фароҳам мекунад.

Вақте насли нав ҳувият ва худшиносиашро аз даст медиҳад ва бидуни ҳеҷ гуна муқовимат дар хидмати ормонҳои фарҳанги нав қарор мегирад, он ҳама қаҳрамонҳову намодҳои асотирӣ аз сафҳаи расонаҳо ва пардаи намоиши филмҳо **ба зиндагии воқеӣ**, бо ворид шудан ба шууру тафаккури насли нав, кӯч мебанданд. Дар арсаи зиндагии иҷтимоӣ **фарҳанги сунъие** бо арзишу ахлоқҳои сунъӣ ҷойнишини фарҳангу одобу русуму арзишҳои асили миллӣ мегардад.

## Расонаҳо барои даромад

Расонаҳо – телевизион, радио, рӯзнома ва Интернет – дар ҷаҳони имрӯз ба фарҳанг ҳамчун ба дастгоҳи даромадовар ва ё зиёндеҳ менигаранд. Фарҳанг дар зеҳну андешаи соҳибони расонаҳои қудратманд дигар он коркардҳои ахлоқиро ҳам надорад ва камоли матлубашон ин аст, ки тамоми инсоният бояд – ба ҷои он – фарҳанги сохтаашонро бипазирад.

Ин гуна равиш умуман дар ҷаҳони Ғарб, ки хостгоҳи расонаҳои навин аст, имрӯзҳо комилан ҳоким шудааст ва акнун расонаҳо ҷомеаҳоеро нишон гирифтаанд, ки имкони харобу вайрон кардани фарҳанги онҳо осонтар аст. Аввалин коре, ки онҳо мекунанд, ин аст, ки салиқаҳову алоқаҳои рӯзмарраи мардумро шакл медиҳанд, яъне мардумро мафтуни чизҳое месозанд, ки дар ҷомеаи онҳо камтар вуҷуд дошта ва ё умуман вуҷуд надошта бошанд. **Ин расонаҳо дар ҳақиқат сарбозони пиёдаи худро аз байни ҳамин**

**мардуме, ки мехоҳанд онро мавриди ҳуҷум қарор диҳанд, интихоб мекунанд. Онҳо аввал чашмҳоро хира месозанд ва сипас роҳи тасхири ақлу хиради одамонро нишона мегиранд.**

Расонаҳо дар ибтидо молу колоро чунон шефтавор таблиғ мекунанд, то дар одамон тасаввуре ба вуҷуд оваранд, ки бидуни доштани ин колоҳо зиндагӣ воқеан барояшон муяссару мумкин намегардад. Бояд гуфт, ки гоҳе чунин ҳам ҳаст. Сипас ин маводу маҳсулот ҳам аз роҳи расонаҳои тасвирӣ ва ҳам аз тариқи расонаҳои коғазӣ – бо олитарин равишҳои таблиғотӣ – вориди хонаҳо мешавад.

Чӣ гуна таблиғ кардан ва кадом тасвиру вожаро баргузидан имрӯзҳо худ ба як навъ фарҳанге табдил гаштааст. Вақте ки бо таблиғҳои фиребо молу маҳсулотро вориди зиндагии мардум мекунанд, ҳамроҳ бо ин молу маҳсулот фарҳанги хостгоҳашонро ба ҷомеаҳову сарзаминҳо мебаранд ва бо ин роҳ фарҳангҳои миллату халқҳои гуногунро тасхир менамоянд.

Бо ин васф расонаҳо метавонанд дар амал ҳимояткунандаи манфиатҳо ва фарҳангҳои қудратмандони иқтисодӣ бошанд. Вақте ки «сарбозони расонаҳо» **бидуни ҳеҷ хунрезӣ** вориди кишваре мешаванд, табиист, ки ба осонӣ метавонанд фарҳанги он кишварро ҳам бидуни хунрезӣ тасхир кунанд. Дар ҳақиқат расонаҳо **бо намодсозӣ ва тимсолофаринӣ** ҳадафи **аслии** худро **пинҳон** медоранд. Вале корҳоеро, ки дар хароб кардани намодҳо ва асотирҳои милливу маҳаллӣ Рэмбоҳову Гарри Поттерҳо анҷом медиҳанд, дигар намешавад бо Рустамҳову Суҳробҳо ва Зевсу Прометейҳо ислоҳ кард.

Ҳамин нақши таъсиргузориву тағйирсозии расонаҳо боис мешавад, ки бархе аз кишварҳои соҳибтамаддун, монанди Ҳинд, Чин ва кишвари мо, бояд роҳҳоеро барои пешгирии фарҳанги ҳуҷумкунандаи нав тай намоянд, то тавонанд пеши харобшавии фарҳанги худро гиранд.

Имрӯзҳо кишварҳои бисёре ба ин дарк расидаанд, ки расонаҳо **нерумандтарин силоҳи** кишварҳои қудратманд барои тасхири миллатҳои дигар ҳастанд. **Дигар замони ҳуҷуми неруҳои низомӣ барои тағйири фарҳангу боварҳо ва одобу русуми миллатҳо гузаштааст, зеро расонаҳо бидуни ҳеҷ заҳмату мушкилӣ, бе он ки дари хонаи касеро зананд, фақат бо ишорае сафҳаи рангинро мекушоянд ва он гоҳ фазои хилвату танҳои мардумро пур мекунанд.** Ин расонаҳо ҳатто бо ҳилаҳои латиф маҳрами рози мардум мешаванд ва мардум ба ин умед, ки ҳам аз танҳоӣ наҷот меёбад ва ҳам рафиқеву ёри наверо пайдо менамояд, ба онҳо эътимод мекунад ва ҳамаи доштаҳои худро нисорашон месозад.

## Расонаҳо дар муқобили расонаҳо

Воситаҳое, ки тавассути онҳо мешавад бо расонаҳои дорои қасди хароб кардани фарҳанги миллатҳо муқобилат кард, танҳо ҳамин расонаҳо мебошанд. Муҳимтарин воситаҳои **мубориза бо фарҳанги ҳуҷумкунанда** фарҳангу расонаҳои қавии миллӣ ва низ огоҳии саҳеҳ аз вижагиҳои тарафи муқобил ва интихоби роҳи дурусти корбасти онон мебошанд. Баъзе аз кору иқдомҳо дар ин замина инҳоянд:

– нуқтаҳои сусту осебпазири фарҳанги ҳуҷумкунандаро бояд шинохт, аз таҳмили он ба мардум ва густариши он дар байни қишрҳои ҷомеа ҷилавгирӣ кард;

– фарҳанги миллӣ ва асили худро пойдортар карда, дар шакли неруманд дар муқобили фарҳанги ҳуҷумкунанда бояд қарор дод;

– ниёзҳои фарҳангӣ ва ахлоқии мардумро бояд баррасӣ кард ва ба он дар беҳтарин шакл посух дод;

– бо кумаки коршиносон ва андешамандони расонаҳои миллӣ бояд ҳилаҳо ва тарфандҳои таблиғиро ошкор кард, худ тарфандҳои нав сохт ва онҳоро рӯ ба рӯи фарҳанги ҳуҷумкунанда қарор дод;

– рукнҳои фарҳангие, монанди забон, одоб, боварҳо ва анъанаҳо, нақши таъйинкунандае дар ин замина доранд. Дар кишвари мо, ба ҷуз рукнҳои фарҳангии зикршуда, метавон ба фалсафаи Наврӯз, ки маҷмӯи омӯзаҳои нодири фарҳангиву ахлоқӣ мебошад, рӯй овард;

– нуқтаҳои неруманди фарҳанги миллии худро бояд бозшиносӣ кард ва онро ба дурустӣ ба мардум бозшиносонд;

– роҳбарон ва масъулони телевизиони миллӣ бояд низомҳои ҳоким бар иртибототи байналмилалиро ба хубӣ шиносанд ва нисбат ба пахши паёмҳо – то аз дурустиашон воқиф нашаванд – онҳоро пахш накунанд;

– бо таваҷҷуҳ ба он, ки сохторҳои иҷтимоии ҳар кишвар бо кишвари дигар тафовут доранд ва сохторҳои иҷтимоии ҷомеаи мо дорои табоҳии камтаре нисбат ба ҷомеаҳои ғарбӣ мебошанд, дар мавриди истифодаи маводи фарҳангии кишварҳои ғарбӣ **ниҳояти эҳтиётро** риоя кунанд ва фақат пас аз баррасии комил онро ба паёмгирандагон пешниҳод намоянд;

– тақлид аз воситаҳои ахбори умуми ғарбӣ **пайомадҳои ҷуброннопазир** барои истиқлоли кишвар дорад ва телевизиони миллӣ дар ин замина бояд – мувофиқ бо ниёзҳои паёмгирандагони ватанӣ – ба сохтани барномаҳо ҷиддан иқдом намояд;

– пахши аз ҳад зиёди суруд, мусиқӣ ва саргармӣ аз ҷониби расонаи неруманде, чун телевизион, як навъ **харобкории фарҳангӣ** аст. Аз ин рӯ, расонаҳо – бо таҳия ва пахши барномаҳои тарғибкунандаи анъанаву суннатҳои асили фарҳанги миллӣ, арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар, тарзи ҳаёти солим – бояд неруи ҷавонро барои хидмат ба кишвар ва ҷомеа равона созанд ва барои болоравии сатҳи маърифату фарҳанг, тафаккур ва ҷаҳонбинии ҷавонон мусоидат намоянд;

**– телевизион набояд асири васвасаи сарватҷамъкунӣ ва ҳавасронӣ шавад** ва ҳатто дар ин замина вазифа дорад ҳокимони мутлақи ғайриқобили ташхиси сарватҷамъкунӣ ва ҳавасрониро, ки афкори ҷомеаҳои ҷаҳонро – барои дидгоҳҳои табоҳи худ – мавриди сӯистифода қарор медиҳанд, фош намояд;

– телевизион ва радио, ки дастгоҳи неруманди омӯзишианд, бояд дар хидмат ба мардуму ҷомеапазирии афрод ва ҳадафманд шудани зиндагӣ кумак кунанд. Истифодаи ғайриоқилона ва нокоромад аз ин ҷанбаи телевизион на танҳо боиси бар ҳадар рафтани сармояҳои моддию маънавии ҷомеа мешавад, балки сармояҳои маънавию иҷтимоиро ба нуқсон рӯ ба рӯ месозад;

– муҳимтарин рақиби расонае расона аст. Пас бо «дасти» расона метавон пеши расонаҳои вайронгарро гирифт ва фарҳанги ҷомеаро ҳифз намуд.

## Вазифаҳо ва масъулиятҳои ахлоқии расонаҳо

Дар ҷаҳони имрӯз расонаҳо на танҳо воситаи муҳим дар интиқоли илму дониш ҳастанд ва масъалаҳои марбут ба ҷомеаро дар ихтиёри паёмгирандагон мегузоранд, балки дар ҳавзаи фаъолиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ нақши бисёр ҳассосеро ифо мекунанд.

Расона – ҳамчун воситаи иттилоърасонӣ – дорои коркардҳои дутарафа ва ба ҳам муқобил мебошад. Ҳамон андозае, ки метавонад мӯҷиби равшангарӣ, дониш, ваҳдат ва рушди фардиву иҷтимоӣ бошад, ҳамон андоза метавонад омили харобкорӣ, ҷаҳолат, тафриқаву нобудии фикру фарҳанги ҷомеа шавад. Пас арзёбии расона вобастагӣ ба он дорад, ки дар ихтиёри чӣ касе ва бо чӣ ҳадафҳое мавриди истифода қарор мегирад. **Барои ин ҳам усули ахлоқӣ муҳимтарин тарзи баҳрабардорӣ аз расонаҳо мебошад.** Коршиносон бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти пайравӣ аз меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои расонаӣ ба баъзе аз вазифаҳои муҳими ахлоқии расонаҳо ишора намудаанд. Ҳарчанд ин усулҳо дар робита ба рӯзноманигорӣ гуфта шудаанд, дар ҳавзаҳои дигар низ метавонанд мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд:

*Эҳтиром ба истиқлоли давлатӣ, амнияти миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ҳимоят аз ниҳодҳои қонунӣ ва мақомоти ҳукуматӣ аз ҷумлаи вазифаҳои иҷтимоиву ахлоқии муҳими роҳбарон ва кормандони расонаҳо ба шумор меравconfigured.

*Расонаҳо бояд ҳамвора ба усулу меъёрҳои ахлоқӣ, расму оинҳои миллӣ, эътиқоди мазҳабӣ эҳтиром гузоранд ва аз ҳар гуна гироиш ба кинаву адовати нажодию динию ақидавӣ ва таблиғи хушунат дар ин замина, ҳамчунин аз ташвиқу тарғиби ҷанг бо кишварҳои дигар худдорӣ кунанд.

*Рисолати расонаҳо гиромидошти арзишҳои милливу фарҳангӣ, тарғибу ташвиқи **арзишҳои ҷомеаи раиятпарвари демократӣ,** аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ роҳнамоӣ кардани ҷомеа ба хотири рушди бештари фарҳангу маънавиёт ва парвариши насли ҷавони дорои тафаккури созанда, донишу ҷаҳонбинии пешрафта, миллатдӯсту ватанпараст мебошад. Рӯзноманигорон бояд барои боз ҳам ободу шукуфо сохтани кишвар мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби зиндагии иҷтимоиро ба миён гузоранд ва роҳу равиши ҳалли онҳоро пешниҳод намоянд.

*Расонаҳо бояд дар сафи пеши посдорӣ ва гиромидошти муҳимтарин рукни фарҳанги миллӣ – забони тоҷикӣ – бошанд. Рӯзноманигорон бояд аз қоидаҳои забони адабӣ, махсусан қоидаҳои имло, фасоҳат ва балоғати сухан огоҳии хуб дошта бошанд, дар гуфтору забони навиштаҳояшон ғалат роҳ наёбад.

Ташкили барномаҳои ҷолиб дар шабакаҳои радиову телевизиони марказӣ ва маҳаллӣ роҷеъ ба забони тоҷикӣ, тарғибу ташвиқи асолату покизагии он ва даъват ба забони **гуфтугӯи доимии** аҳли ҷомеа табдил кардани забони адабии тоҷикӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини расонаҳо мебошанд.

*Расонаҳо вазифадоранд, ки – ҳангоми чопу интишори хабару тафсиру таҳлил ва интиқоди созанда – аз ифшои иттилоот, ахбор, тасвирҳо, гузоришҳо ва ғайра, ки ононро ба сурати маҳрамона ба даст меоваранд, ҷуз мавридҳое, ки қонун муайян намудааст, худдорӣ намоянд.

*Расонаҳо бояд аз имкониятҳои демократия ва озодии сухан – ҳамчун аз шароити мусоиди танқиди мусолиҳатомез ва баёни пешниҳодҳои созанда оид ба ҳалли масъалаҳои тақдирсози зиндагии ҷомеа – истифода намоянд. Ҳар камбудиву норасоиеро, ки рӯзноманигорон дар фаъолияти ин ё он сатҳи мақомоти роҳбарикунанда ва ё муассисаву ташкилоте мушоҳида мекунанд, бояд дар таҳлилҳои худ бо далелҳои муътамад нишон диҳанд ва – бо парҳез кардан аз баёни таҳқиромез ва бидуни расидан ба иззати нафси шахсиятҳо, ҳамчунин бо пешниҳод намудани равишҳои саҳеҳи ислоҳи камбудиҳо – дар ихтиёри паёмгирандагони худ қарор диҳанд.

*Рӯзноманигорон ба маводи расонаӣ бояд ҳамчун ба хидмати иҷтимоӣ, на ин ки чун ба молу колои тиҷоратӣ, нигоҳ кунанд. Аз ин рӯ, роҳбарон ва кормандони расонаҳо дар анҷоми вазифаҳои касбии хеш на танҳо дар назди соҳибон ва мудирони расонаҳо, балки дар пеши паёмгирандагон масъулият доранд. Ин масъулияти иҷтимоӣ талаб мекунад, ки рӯзноманигорон дар ҳама гуна шароиту вазъият ҳамвора **бар асоси виҷдони ахлоқии худ** амал намоянд.

*Роҳбарон ва кормандони расонаҳо бояд ба дурустии амали касбии хеш таваҷҷуҳи вижа дошта бошанд ва танҳо ахбору иттилоотеро, ки сарчашмаю манбаи он мушаххас аст, интишор кунанд, аз пахши ахбори насанҷида ва паҳн кардани овозаҳо парҳез намоянд.

*Таҳриф кардани матнҳо ва пинҳон намудани иттилооти асосии марбут ба воқеаву рӯйдодҳо бояд дар иҷтимои рӯзноманигорон ҳамчун кори нангин ва рафтори нодуруст дарёфт шавад. Барои ба даст овардани ахбор, ҳуҷҷатҳо, аксҳо ва монанди инҳо набояд аз шеваҳои нодурусту ғайриқонунӣ истифода шавад. **Пойбандӣ ба усули ахлоқӣ бояд меҳвари фаъолияти рӯзноманигорон бошад.**

***Роҳбарон ва кормандони расонаҳо вазифадоранд, ки фаъолиятҳои расонаии худро бо кори тиҷорату бозаргонӣ ё фаъолиятҳои сиёсӣ ба ҳам наомезанд.** Виҷдони ахлоқиву шарофати касбии рӯзноманигорон тақозо мекунанд, ки аз гирифтани ҳар гуна мукофоти моддии ғайриқонунӣ худдорӣ шавад.

# НАҚШИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР РУШДИ АХЛОҚИИ ФАРЗАНДОН

## (Андешаҳо дар атрофи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»)

***«Имрӯз дар замони истиқлолият бояд эҳёи маънавии миллат ва рушди илму маорифро дар ҷои аввал гузорем. Зеро бе ин ҷомеаи мо мустаҳкам ва пешрав нахоҳад шуд».***

Бар тасдиқи ин гуфтаҳои Сарвари давлат ин нуктаро бояд зикр намуд, ки, бо вуҷуди рушди бошитоби азнавсозии ҷомеа, русуму назари муҳофизакоронаи бисёре аз шаҳрвандони мо дар роҳи ногузири ворид шудани Тоҷикистон ба фазои умумиҷаҳонии рушди техникӣ ва фановарӣ як навъ садде эҷод мекунанд.

Бо ин ки дар ҷомеаи мо баҳрабардорӣ аз пешрафтатарин дастовардҳои илму технологияи муосир кори маъмулӣ аст, миёни бисёре аз мардум чунин назари нодуруст мавҷуд аст, ки ихтироъкориҳо ва эҷодҳои фановарӣ аслан кори дигар кишварҳову миллатҳост ва мо қодир ба чунин корҳо нестем. Бархи дигар ба таври худогоҳона ҷаҳонбинӣ ва ҳатто таассуби динии худро аз ҳар гуна афкору назарияи пешрафтаи илмӣ беҳтар меҳисобанд.

Мо ҳама огоҳ ҳастем, ки дар атрофи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» чӣ баҳсҳое

сар заданд. Ва ҳамаи ин мубоҳисаҳо барои ин буд, ки чанд нафар аз намояндагони рӯҳониён дар ин қонун маҳдуд кардани ҳуқуқи диндоронро диданд. Ҳатто намояндагони давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ изҳоротҳо пахш карда, нигаронии худро «дар мавриди маҳдуд намудани озодиҳои мазҳабӣ дар Тоҷикистон» иброз доштанд.

Ҳар касе, ки ин қонунро ба пуррагӣ хондааст, медонад, ки ҳадафи аслии ин қонун, чуноне ки аз номаш бармеояд, маҳз водор кардани падару модар ба таълиму тарбияи неки фарзандон аст. Фақат дар як банди қонуни мазкур, дар робита ба вазифаҳои падару модар, гуфта шудааст, ки волидайн уҳдадор ҳастанд, ки «иштироки фарзандони ноболиғро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва чорабиниҳои дастҷамъонаи динӣ (ба истиснои чорабиниҳои азодорӣ) роҳ надиҳанд». Вале аз он шӯру валвалае, ки дар васоити ахбори умумӣ, асосан дар Интернет, барпо шуд, чунин тасаввур пайдо мешавад, ки қонун билкул ба масъалаҳои динӣ ва маҳдуд кардани ҳуқуқҳои диндорон бахшида шудааст.

Аслан интишор шудани чунин қонунҳо худ далели он ҳастанд, ки ҷомеа на бар он самте, ки як ҷомеаи мутамаддин ва бархӯрдор аз арзишҳои демократӣ бояд биравад, равон аст. ***Вале давлат наметавонад дар вазъияти бааманомада, ки дар ҷомеа «идеологияи» танпарварӣ, кеши истеъмол, парастиши либоси фохира, таассуб ва бегонапарастӣ бар арзишҳои пешрафтаи иҷтимоиву фарҳангӣ бартарият пайдо кардаанд, вокуниш накунад ва бо истифода аз дастгоҳҳое, ки***

***Сарқонун дар ихтиёраш гузоштааст, барои ба самти матлуб ҷорӣ сохтани ҳаёти иҷтимоӣ чораҳои зарурӣ наандешад.***

Худи чунин ақида, ки давлати Тоҷикистон бар он аст, ки ҳуқуқи диндоронро маҳдуд кунад, аз маънову мантиқ бегона аст. Чаро бояд давлат ҳуқуқи диндоронро маҳдуд кунад ва маҳдуд кардани ҳуқуқи динии шаҳрвандон ба давлат чӣ манфиат меоварад? Магар идеологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон атеизм аст? Онҳое, ки чунин иддаҳои бебунёдро мекунанд, ин ҳақиқатро нодида мегиранд, ки ҳеҷ давлате дар фазои пасошӯравӣ, мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар тарғибу гиромидошти ғояҳои дини мубини ислом ба иқдомҳои густурда даст назадааст. Дар тӯли 20 соли истиқлол дар кишвари мо Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии исломии ба номи Имоми Аъзам, 19 мадраса, 39 масҷиди ҷомеи марказӣ, 344 масҷиди ҷомеъ, 3363 масҷиди панҷвақта бунёд ва таъсис гардидаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахси Президент Эмомалӣ Раҳмон барои дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои волои дини ислом тарбият кардани насли ҷавони кишвар пайваста талош мекунад. Ва худи Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки борҳо аз зиёрати Каъбаи мукаррама бархӯрдор шудааст, дар миёни роҳбарони кишварҳои низоми исломӣ ва бонуфузтарин уламои дин обрӯю эътибор дорад.

Бо мақсади аз фармудаҳои Парвардигор ва фарҳанги исломӣ ба таври васеъ бархӯрдор намудани мардуми кишвар ба забони тоҷикӣ ва хатти кириллӣ

интишор додани Қуръони карим, ба манзури шинохти беҳтар ва амиқтари аҳдоф, маъно ва мазмуни волои таълимоти мазҳаби ҳанафӣ баргузор кардани ҷашни бузургдошти Имоми Аъзам, тарғиби ислом дар ҷумҳурӣ, ҳимояи дини муҳаммадӣ аз минбарҳои баланди маҳфилҳои бузурги ҷаҳонӣ иқдомҳое ҳастанд, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон тайи чанд соли охир анҷом додааст.

Сарвари давлати мо, бо эътиқоди маҳкам бар он ки шариати исломӣ ҳама гуна терроризмро, ки як амали бераҳмонаю худонописандона аст, қатъиян маҳкум мекунад, халқҳоро ба ҳамкориву ҳамбастагии бародарона даъват менамояд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои дини мубини исломро, ки дар зоти худ як дини маърифату ахлоқ аст, баланд арзёбӣ намуда, ҷанбаҳои адолату башардӯстӣ, маорифпарварӣ, накухоҳӣ ва рӯҳонияти пешқадами онро ба ҷавонон талқин мекунад. Ва ҳамзамон аз аҳли рӯҳонияти кишвар даъват менамояд, ки ба тарғиби арзишҳои олии умумибашарии ислом таваҷҷуҳ намоянд ва бикӯшанд, ки аҳли ҷомеаро ба тарбияи фарзандон ва ба роҳи нек ҳидоят кардани онҳо ташвиқ кунанд.

Вале, мутаассифона, барои баъзе намояндагони рӯҳониён даъвати Сарвари давлат гӯшрас нест. Ва онҳо дар доираи фаҳмиш, биниш ва донише, ки аслан бо рукнҳои муҳими тарбия, чун илмҳои педагогика ва равоншиносӣ, гираҳ намехӯранд, бо «тарбияи» насли ҷавон машғул ҳастанд.

Барои ин ки садамаеро, ки ашхоси бесалоҳият бо ҳузури худ дар ҳавзаи таълиму тарбия ба ҷомеа ворид месозад, ба хубӣ дарк намоем, руҷӯъ карда, **пораеро аз суҳбати Маҳозир Муҳаммад, собиқ нахуствазири Малайзия, меоварем.**

**Маҳозир Муҳаммад, ки дар муддати 22 сол мамлакаташро ба яке аз лидерҳои иқтисоди ҷаҳонӣ табдил додааст ва ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодии баргузорнамудаашро роҳи исломии тавсеа ба қалам медиҳад, ба суоли рӯзноманигорон: «Чӣ робитае байни ин ду омилҳои мухталиф – мазҳаб ва иқтисод – мавҷуд аст?», чунин посух гуфтааст:**

«– Дар дунёи имрӯз, мутаассифона, шумораи зиёди давлатҳое бо аҳолии мусулмон ҳастанд, ки наметавонанд тараққӣ кунанд. Сабабгори ин аҳвол таълимоти ислом намебошад. Дар 1400 соли гузашта муфассирони ислом, уламо, муллоён ин дини воҳидро ҳамчунон ба навъу гунаҳои мухталиф тафсир кардаанд, ки мо имрӯз ҳазорҳо динҳои гуногун ва хилофи якдигарро мушоҳида мекунем.

Мо дар Малайзия талош кардем, ки ба суннатҳои аслии ислом, он суннатҳое, ки дар Қуръон ҳастанд ва аз таҷрибаи таърих гузаштаанд, бозгардем. **Қуръон ба мо мефармояд, ки қироат кунем, яъне дониш ба даст оварем. Мусулмонони аввалин тибқи ин таълим рафтор карда, осори олимони Юнони қадим ва дигар ҳакимони қабл аз исломро меомӯхтанд ва барои баҳравар кардани дигарон ин китобҳоро тарҷума мекарданд. Ин донишмандони мусулмон бо таҳқиқоти худ барои ғанӣ гар-**

**дондани хизонаи дониши умумибашарӣ саҳми бузург гузоштаанд. Аз миёни мусулмонони давраҳои пешин риёзидонҳо, табибон, мунаҷҷимони бузург бар арсаи дунё падид омадаанд. Онҳо дар тамоми риштаҳои дониши замони худ ба дастовардҳои бузург ноил гашта буданд.** Дар натиҷа мусулмонон тавонистанд, ки аз ғановати сарзаминҳои худ баҳраманд гарданд, аз тиҷорати хориҷӣ суд бардоранд, амнияти давлаташонро таъмин намоянд, мардуми мамлакатро аз хатарҳо ҳифз кунанд ва – ба ин васила – барои онҳо шароити мусоиди зиндагӣ, тибқи фармудаҳои ислом, фароҳам оваранд. Дар вазъияте, ки сокинони Аврупои асрҳои миёна хурофотиву ақибмонда буданд, мусулмонони бофарҳанг тамаддуни бузургу муҳтарами мусулмонии худро бунёд ниҳоданд ва қодир буданд бо дигар нуқоти ҷаҳон ба рақобат пардозанд ва уммати хешро аз таҷовузи хориҷӣ дифоъ намоянд.

***Вале пас аз паймудани ними роҳ дар масири тамаддуни исломӣ тафсиргарони нав зуҳур намуданд, ки тибқи дастури онҳо дониш андӯхтан маънои фақат илоҳиётро омӯхтан дошт. Омӯзиши илмҳои табиӣ, тиб ва амсоли онҳо дигар таҳсин намешуданд. Аз лиҳози пешрафти фикрӣ дар ҷомеаи мусулмонӣ давраи рукуд фаро расид.*** Мусулмонон бештару бештар ба доираи баҳсҳои бебунёд дар атрофи масъалаҳои ҷузъие, аз қабили «оё пӯшидани шалвори танг ва ба сар гузоштани кулоҳи сояафкан хилофи ислом нест?», «кор кардан бо мошинаи чопиро ислом манъ намекунад?», «истифода бурдани рӯшноии электрӣ дар масҷид мумкин аст?» ва

амсоли инҳо, кашида шуданд. ***Бо ин аҳвол мусулмонон аз инқилоби саноатӣ ба ғафлат монданд...***

**Чиҳоро мо аз ислом сармашқи кори худ кардем? Рӯҳи таҳаммул ва усули ҳамкориро. Дар Малайзия бар он мекӯшанд, ки фақат аз таълимоти аслии Ислом, на аз дастуроти фирқаҳову воизони мухталиф пайравӣ намоянд.** Ман фикр мекунам, ки кишварҳои мусулмоннишин бояд босубот, пойдор ва соҳиби ҳукумати қобил бошанд. Онҳо бояд аз лиҳози иқтисодиву молиявӣ неруманд ва аз назари саноатӣ ва фановарӣ пешрафта бошанд.

Албатта, барои расидан ба ин ҳадаф вақт лозим аст, вақту фурсате, ки набояд бар ҳадар равад. Барои ин мо бояд, ҳамчуноне ки Қуръон мефармояд, такя ба ақлу хирад намоем. Дини мо таълим медиҳад, ки сабур бошем. Возеҳ аст, ки сабр муқаддамтарин фазилати инсон аст».

**Илова бар ин иқтибос, ин нуктаро бояд таъкид кунем, ки дар он давроне, ки Маҳозир Муҳаммад масъулияти раҳо намудани ватан ва миллати хешро аз буҳрони шадиди иқтисодиву иҷтимоиву маънавӣ ба дӯши худ гирифт, ҳадафи интиқоди доираҳои рӯҳониёни дохилу хориҷи кишвар гашта буд. Кишварҳои пайрави демократия ва созмонҳои байналмилалӣ Ҳукумати Малайзия ва шахсан нахуствазири онро ба ҷурми маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои диндорон мутаҳҳам мекарданд. Вале гузашти замон бебунёд будани ин ҳама иттиҳомотро нишон дод. Имрӯз ҷомеаи Малайзия на танҳо бо пешрафти худ дар ҳавзаи иқтисодӣ, балки бо баландтар бар-**

**доштани нуфузи арзишҳои дини ислом дар ҷаҳон мақому манзалати хосе касб кардааст.**

Президент Эмомалӣ Раҳмон дар баробари корҳои азиме, ки дар поягузорӣ ва таҳкими иморати давлат, ки неруи фикриву ҷисмонӣ ва вақти зиёди ӯро сарф кардаанд ва мекунанд, фурсат пайдо мекунад, ки бо кори таълиму тарбия ва эҷоди осори таърихӣ-фалсафӣ машғул шавад. Зеро ҳамчун сиёсатмадор медонад, ки бидуни тарбияи насли худогоҳ, ватандӯст, бофарҳанг, бомаърифату соҳибилм баояндаи хушу босаодат умед бастан муҳол аст.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи иқдомҳое, ки дар ҳавзаи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби Президент Эмомалӣ Раҳмон гузошта шудааст, ҳамагӣ барои иҷрои муҳимтарин ҳадаф – тарбияи насли наврас – равона карда шудаанд.

Консепсияи танзими оила, ки дар назари аввал кӯшиши ҳалли масъалаи демографӣ ба назар мерасад, моҳиятан ба тарбияи фарзандон равона карда шудааст. Зеро танҳо ҳамон оилае фарзандро-ҳам аз лиҳози ҷисмонӣ ва ҳам аз назари ахлоқӣ-метавонад солим парвариш кунад, ки қудрати молиявӣ ва вақту ҳавсала барои машғул шудан бо таълиму тарбияи фарзандонро дошта бошад. Вақте ки дар хонавода ҳафт-ҳашт фарзанд ҳаст ва падару модар аз субҳ то шом барои касби маош заҳмат мекашанд ва кӯфтаву шикаста аз кор бармегарданд, оё фурсати онро доранд, ки бо ҳар яке аз фарзандон машғул шаванд, ҳамроҳашон дарсҳои мактабро тайёр кунанд, бо ҳам китоб хонанд...?

Ҳадафи асосии Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» низ таълиму тарбияи фарзанд мебошад. Танҳо падару модаре, ки худашон сарфаҷӯ, ботадбир ва парҳезгор аз зоҳирпарастӣ ва худнамоӣ ҳастанд, метавонанд фарзандони хушодобу некахлоқ тарбия кунанд. Барои чунин падару модар на зоҳири маросимҳо, балки моҳияти онҳо арзиш дорад. Волидоне, ки худашон бофарҳанг ҳастанд ва ба арзишҳои ахлоқиву маънавии миллати хеш арҷ мегузоранд, ҳеҷ гоҳ намегузоранд, ки фарзандони онҳо зери таъсири фарҳанги номатлуби бегонагон бияфтанд ва ҳувияти хешро аз даст диҳанд.

Ба ҷуз асноди зикршуда, як силсила ҳуҷҷатҳои муҳим, ба монанди қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», «Дар бораи ҷавонон», ҳамчунин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Вазорати маориф, дар бораи стандартҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва олии касбӣ, «Низомномаи мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ», Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки ҳадаф аз ҳамаи инҳо такмил намудани дастгоҳи таълиму тарбия, тарҷеҳи роҳу усулҳои беҳтари тадрис ва ба вуҷуд овардани ҳамоҳангии қавии раванди таълиму тарбия бо пешрафти бесобиқаи илму фановарӣ мебошад.

Аммо, дар баробари ин ҳама, ҳақиқати раднопазири зиндагӣ ин аст ва таърихи тамаддуни инсоният

собит кардааст, ки дар иҷрои вазифаи калидии ҷомеа – таълиму тарбияи насли наврас – онҳое, ки дар оянда битавонанд шукуфоиии ҷомеаро таъмин намоянд ва онро ба тарафи фарҳанги тараққиву тавсеа ҳаракат диҳанд, **оила** нақши **аввалия** дорад.

Таълиму тарбияи кӯдакон қадимтарин умури инсонӣ аст. Ҳеҷ ҳакиму файласуф, шоиру нависанда, олиму донишманди бузургеро наметавон пайдо кард, ки дар бобати таълиму тарбияи насли наврас изҳори ақида накарда бошад ва афкори судманд нагуфта бошад. Ва ҷавҳари ақидаи ҳамаи ин бузургони илму маърифат ин аст, ки конуни аслии парвариши фарзанд оила аст.

Албатта, нақши давлат бобати омода кардани шароит барои парвариши инсонҳои мусаллаҳ бо илму дониши пешрафта бузург аст. Вале беҳтарин конуни илму маърифат – бо муосиртарин озмоишгоҳҳо, бо утоқҳои фаннӣ, бо пешрафтатарин таҷҳизот – аз вуҷуди ҷавонон холӣ хоҳад буд, агар падару модар дар зеҳни фарзандонашон шавқи донишомӯзиро бедор накунанд ва онҳоро барои баҳраманд шудан аз илму фарҳанг ташвиқ нанамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, бо дарки аҳамияти ҳаётии таълиму тарбия ва роҳ надодан ба фасоди ахлоқии ҷавонон, масъалаи қабули қонуни махсусеро, ки масъулияти падару модарро дар парвариши фарзандон фаро гирад, ба миён гузошт. Дар лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки Сарвари давлат барои омӯзиш, таҳлил ва бо пешниҳодҳои дархӯри аҳамият такмил намудани он ба

ҷомеаи Тоҷикистон пешниҳод намуд, тамоми вазифаҳо ва ухдадориҳои волидайн, ки аз моҳият, мазмун ва мантиқи зиндагии хонаводагӣ бармеоянд, дарҷ гардида буданд. Ба ҳамин сабаб буд, ки лоиҳаи қонун аз ҷониби аҳолии мамлакат хеле хуш пазируфта шуд ва дар муҳокимаи он зиёда аз 2 миллион шаҳрванди ҷумҳурӣ иштирок карданд ва аз тарафи 80 мақомоти давлатӣ, садҳо корхонаю муассиса ва 11 ҳазор шаҳрванд бобати боз ҳам пурратар кардани муҳтавои қонун пешниҳодҳо ироя гардиданд.

***Лозим ба зикр медонем, ки Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки дар таърихи 2 августи соли 2011 қабул гардид, дар радифи Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дуввумин қонун дар маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки эҷодкори он худи халқи кишвар аст. Зеро ин ҳар ду қонун, то ин ки аз ҷониби намояндагони халқ тасвиб гарданд, дар конуни хиради мардумӣ мақоми худро ҳамчун яке аз сармашқҳои зиндагии мутамаддин пайдо намудаанд.***

Зарурати қабули чунин як ҳуҷҷати муҳими давлатӣ, ки вазифаҳои аслӣ ва бадеҳии волидайнро ба сурати қонун даровардааст, аз ин ҳақиқати талх низ бармеояд ва Сарвари давлат ба ин нукта ишора кардааст, ки «солҳои охир сатҳи тарбияи фарзандон то андозае паст рафтааст ва баъзе падару модарон ба ин масъалаи ҳаётан муҳим беэътиноӣ зоҳир мекунанд.

Коста гардидани ахлоқи қисме аз наврасону ҷавонон, ҷалб гардидани онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои бегона ва ба ҷинояткорӣ даст задани иддае аз онҳо, пеш аз ҳама, натиҷаи беаҳамиятӣ ва бемасъулиятии падару модарон мебошад».

Мусаллам аст, ки дар вазъияти баамаломада Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» барои давлат, ки таъминкунанда ва муҳофизи фазои солими иҷтимоӣ ва масъули рушди ҳамаҷонибаи шаҳрвандон аст, ба сифати дастгоҳи ислоҳи вазъ хидмат мекунад. Ва ба ҳамин хотир аст, ки-дар баробари масъули асосии парвариши фарзанд ташхис додани волидайн- қонун дигар ниҳодҳоро, ба монанди мактаб, ҷомеа ва ҳукуматҳои маҳаллӣ, дар амри таълиму тарбияи насли наврас вазифадор менамояд. Илова бар ин, назорати иҷрои нуктаҳои қонун ба зиммаи комиссияҳои доимӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд, вогузошта шудааст.

***Аз касе пӯшида нест, ки имрӯза омилҳо ва иллатҳои бероҳашавӣ, гумроҳӣ ва фасоди ахлоқии фарзандони мо ба шакли ғайри қобили тассаввур фузунӣ ёфтааст. Мо имрӯз бо воқеияти талхе рӯ ба рӯ шудаем, ки ҷавонони ҷомеаи асри ҳозирро ҷозибаҳои зиёде зери таъсири худ гирифта ва омилҳои бероҳагӣ аз ҳар сӯй онҳоро иҳота намудаанд. Волидайн бояд назари дақиқ ба ин иллатҳову омилҳо дошта бошанд, то таво-***

***нанд, ки фарзандони худро аз ин фоҷиаи даврони муосир дар амон нигоҳ доранд, вагарна насли имрӯз дучори табаҳкориву гумроҳии рӯзафзун хоҳад шуд.***

Дар ҳама давру замон тарбияи фарзанд, бахусус дар синни навҷавонӣ, кори осоне набуд, вале имрӯз зиёда тавонфарсо шудааст. Дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон падарону модарон, фаъолони ҷомеа, мутахассисони риштаи таълиму тарбия бонги хатар мезананд, ки барои наврасон майл ба машрубот, нӯшокиҳои масткунанда, маводи мухаддир ба сурати як қоида даромадааст.

Тибқи таҳқиқоти Академияи равонпизишкии кӯдакон ва навҷавонони Амрико, дар рафтори наврасон хулқу хӯйи бад, рафторҳои ситезаҷӯёна ва зери по гузоштани қоидаҳои одобу ахлоқ зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Ин суол, ки «волидайн чӣ гуна фарзандони худро аз газанди аъмоли зараровар ва натиҷаҳои ғамангези онҳо дар амон доранд?», яке аз масъалаҳои мубрам дар тамоми кишварҳои ҷаҳон аст ва посух ба он ба сифати яке аз вазифаҳои муҳими ҷомеаҳо ва давлатҳо ба миён омадааст.

Аз ин рӯ, дархӯри аҳамият медонем, ки дар ин робита ва дар партави афкори назариявии тарбиявӣ-ахлоқии Президент Эмомалӣ Раҳмон перомуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» андеша ва назари хеш ва ҳамчунин нуктаҳои судманди онҳоеро, ки тахассусашон бо кори таълиму тарбияи насли наврас иртибот дорад, иброз намоем.

Чун ҳадаф аз талошҳои давлат-бо сарф кардани маблағҳои зиёд ба низоми омӯзишӣ-кашф ва рушди лаёқатҳо ва истеъдодҳо ва равона кардани неруи зеҳнии онҳо барои офияти ҷомеа аст, меҳвари ҳама гуна ислоҳоти иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ инсонҳо мебошанд. Аз ин рӯ, ба вуҷуд овардани як ҷомеаи мутамаддин ва бархӯрдор аз арзишҳо ва меъёрҳои волои ҷаҳони муосир, ки бо истилоҳи *ҷомеаи шаҳрвандӣ* ва раванди бархӯрдорӣ аз малакаҳои онро *омӯзиши шаҳрвандӣ* ба қалам додаанд, вазифаи муҳими ҳар кишварест, ки барои бунёд ва таҳкими низоми воқеии демократӣ талош меварзад. Ва роҳи расидан ба ин ҳадаф таълиму тарбия аст.

***Таълиму тарбия дар ҷомеаи имрӯз ба унвони калидитарин вазифа барои рушди ҳамаҷониба ба шумор меравад. Зеро ки дар партави омӯзиш инсонҳо ба вазифаҳо ва масъулиятҳои худ ҳамчун шаҳрванд огоҳ мешаванд, ҷомеа ҳолати як ниҳоди бархӯрдор аз назму тартиби иҷтимоиро ба худ мегирад ва оммаи мардум ба тарафи рушду тараққиву тавсеа ҳаракат мекунад. Беҳуда нест, ки олими инглис Ҷон Далтон таълиму тарбияро – баъд аз нон – дуввумин эҳтиёҷи башар шуморидааст.***

**Тарбияи шаҳрвандӣ равандест, ки зимни он донишҳо, арзишҳо ва муносибатҳои зарур барои нигаҳдории суботи сиёсии ҷомеа аз як насл ба насли дигар интиқол мешаванд. Ин интиқол аз донишҳо ва малакаҳое, ба монанди огоҳӣ аз таърих, садоқат ва вафодорӣ ба Ватан ва миллат, гиромидошти арзишҳои бунёдии ахлоқиву**

**маънавӣ, дарки волоияти қонун, таҳаммулгароии мазҳабӣ, ширкати фаъол дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, иборат мебошад.**

Ба ҳамин тартиб, ҳадафи асосии тарбияи шаҳрвандӣ дар ҳар ҷомеа ба наврасон ва ҷавонон омӯзонидани ҳар он чизе, ки то ворид шудани онҳо ба арсаи ҳаёти ҷамъятӣ дар амри суботи ҷомеа ва тавсеаи илмиву фарҳангӣ ба даст оварда шудааст, мебошад.

Ва нахустин ниҳоде, ки дар муҳити он ин фароянди муҳим сурат мегирад, оила ва нахустин устодон падару модар мебошанд.

***Чанд саҳифа пеш зикр гардид, ки имрӯз омилҳо ва иллатҳои бероҳашавӣ, гумроҳӣ ва фасоди ахлоқии фарзандони мо ба шакли ғайри қобили тассаввур зиёд гаштаанд. Ин омилҳо кадоманд ва чӣ тадбирҳое бояд андешида шаванд, ки ин омилҳои харобкунандаи бунёди маънавии ҷомеа ба коҳиш раванд ва батадриҷ ба нестӣ кашонида шаванд?***

## Камбизоатӣ

Камбизоатӣ омилест, ки бар баъзе оилаҳо соя афкандааст. Кӯдаке, ки дар хонае чашм мекушояд, ки фақру маҳрумият ба он соя афкандааст ва падару модар наметавонанд барояш хӯроку пӯшок фароҳам оваранд, чун андаке калон шавад, ба фикри аз ин хона ба ҷои дигар паноҳ бурдан меафтад ва мехоҳад ба ҳар воситае худашро аз ин ниёзҳо бениёз кунад. Дар ин ҳолат эҳтимоли зиёди он аст, ки ё ба доми табаҳкорон ва ҷинояткорон афтад ва ё ба дуздиву ғоратгарӣ одат кунад.

Бекорӣ яке дигар аз иллати бероҳашавии фарзандон аст. Вақте ки сатҳи бекорӣ дар ҷомеа баланд аст ва саробони оила имкони соҳиб шудан ба кору касби бонону оберо надорад, тамоми аъзои он хонавода дар мазҳари фасод ва дар масири аъмоли хилофи одобу ахлоқ воқеъ мешаванд.

Сиёсати имрӯзаи Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба он равона карда шудааст, ки ҳар шаҳрванди ниёзманди кишвар аз дастгириву кумаки давлат бархӯрдор гардад. Ва низ амалӣ намудани нуктаҳои Консепсияи шуғли аҳолӣ барои солҳои 2007–2015, ки бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дастгирии иҷтимоии шаҳрвандонро дар бар мегирад, умед медиҳад, ки дар солҳои наздик дар мамлакат сатҳи бекорӣ коҳиш меёбад ва, мутобиқан ба ин, шумораи аҳолии камбизоат ба таври қобили мулоҳиза кам мешавад.

## Ихтилофи падару модар

Омили бисёр муассири дигаре, ки боиси фасоди фарзандон мешавад, ҷангу ҷидол байни падару модар аст. Дар хонаводаҳое, ки бисёр вақт оташи вайронгари ҷидол ва бархӯрди волидайн аланга мезанад ва тирагии шуми номуросии доимӣ бар аъзои оила соя афкандааст, кӯдак ба фикри он меафтад, ки барои ба даст овардани оромиши рӯҳӣ чунин фазои пур аз хусумату ҷангу ҷидолро тарк намояд ва ба макони осудатаре гурезад. Вай бо ақли кӯчакаш гумон мекунад, ки дар берун аз муҳити оила дӯстони наву тифоқе хоҳад ёфт ва вақташро бо онҳо дар муҳаббату дӯстӣ

хоҳад гузаронид. Вале он «дӯстон»-и нав, ки чун худи ӯ аз оилаҳои нотифоқ берун шудаанд ва тарбияи саҳеҳ нагирифтаанд, батадриҷ вайро ба доираи ахлоқу одатҳои зишт мекашанд ва ба ботлоқи табаҳкорӣ ва аъмоли хилофи қонун ғарқ мекунанд. Дар натиҷа баъд аз чанд соле ӯ ба ҷавоне мубаддал мешавад, ки балои ҷони мардум ва миллати худ мегардад.

Илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ бояд андешид. Барои ин бояд ки падару модар – ҳангоми хонадор кардани фарзандони худ – ба онҳо чунин шароите муҳайё намоянд, ки писар ё духтар интихоби дуруст намоянд ва бинои зиндагии хешро бар заминаи меҳру муҳаббат устувор созанд. Онҳо, дар навбати худ, фарзандони худро дар фазои ҳамфикрӣ, дӯстӣ ва меҳрубонӣ парвариш намоянд.

Низоъ ва ихтилоф байни падару модар, бахусус дар ҳузури фарзандон, боиси фасоди онҳо мегардад. Бино бар ин, волидайнро лозим аст, ки дар пеши кӯдаконашон ҷангу ситезаву таънаву даъво накунанд ва ҳар кадом барои хомӯш кардани шуълаи низоъ – ҳанӯз пеш аз даргирифтанаш – саъй намоянд. Дар ҷанги падару модар касе, ки бештар озурда мегардад, фарзанд аст. Аз ин рӯ, падару модар, ки масъули хушбахтӣ ва хуррамии фарзандон ҳастанд, дар ҳадди имкон бар он бояд кӯшанд, ки ба низову нифоқ байни ҳамдигар роҳ надиҳанд, то ин ки сафои хонавода ва зиндагии фарзандон тира нагардад.

Саломату саодати ҷомеа ба саодат ва пӯёии низоми оила вобаста аст. Ва тавозуни низоми хонаводагӣ низ ба сифати муносибатҳои дохилиоилавии

байни зану шавҳар, падару модар ва фарзандон вобастагӣ дорад. Ҳар қадар муносиботи байни ҳамсарон беҳтар, солимтар ва пурҷозибатар бошад, зиндагӣ ширинтар, мустаҳкамтар, босафотар мегардад ва фарзандон пурнишот ва муваффақ тарбият мешаванд.

Бино бар ин, таҷаллои истеъдодҳо ва шукуфта шудани нерумандиҳо ва масъулиятшиносии фарзандон дар муҳити оила ва дар канори волидайни меҳрубону дилсӯз фароҳам мегардад ва, баръакс, ҳар гуна маҳрумият аз муносиботи матлуб бо волидайн ва ё ҷудоии зану шавҳар аз якдигар ва дурии фарзандон аз падару модар заминаи изтироб, афсурдагӣ, ақибмондагии фарҳангӣ, бероҳагии ахлоқӣ ва каҷравиҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меоваранд.

Дар ин бобат Президент Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: ***«Шарти нахустини тарбияи фарзанди солеҳ мавҷудияти сафою покизагӣ, раҳму шафқат ва дӯстиву дӯстдорӣ миёни падару модар ва муҳити хонавода мебошад. Эҳтирому меҳрубонии мутақобила ва риояи ҳуқуқи ҳамдигар аз ҷониби падару модар дар зеҳни фарзанд эҳтиром ба шахси худ, эҳтиром ба инсон ва эҳтиром ба ҷамъиятро парвариш медиҳад».***

## Ҷудо шудани падару модар

Дигар аз омилҳои асосии фасоди иҷтимоии фарзандон, ки аз хонавода сарчашма мегирад, ҷудо шудани зану шавҳар аст. Ҷудо шудани зану шавҳар зарбаи рӯҳии бисёр сахт аст, ки мӯҷиби нақзи равонии кӯдакон, бебандуборӣ ва табоҳии онҳо мешавад ва дар та-

моми тӯли зиндагии фарзандон садамаи тарбиятии он дар нобасомонии рӯзафзунашон инъикос меёбад.

Кӯдаке, ки падару модараш аз ҳам ҷудо шудаанд, ба таври матлуб на меҳри модарӣ мебинад ва на ҳимояи падарӣ ва на муҳити гарме, ки дар партави ин конуни гарму пурмеҳру муҳаббат ба шеваи саҳеҳ парвариш ёбад.

Он чи бар мушкили ин вазъият меафзояд, шароитест, ки модар баъд аз ҷудо шудан аз шавҳар бо марди дигаре издивоҷ мекунад ва ё барои дарёфти маош маҷбур мешавад, ки кор кунад ва фарзандонашро бидуни назорат ба ҳоли худашон гузорад. Чунин кӯдаконе, ки беназорат мемонанд ва бидуни лутфу меҳри падар ва дилсӯзиву таваҷҷуҳи модар калон мешаванд, чӣ касе ба воя хоҳанд расид? Бисёре аз ҷумлаи ин кӯдакони маъсум, ки бо зарбаҳои рӯҳӣ, аз як тараф, ва бо фақру гуруснагиву бараҳнагӣ, аз сӯи дигар, калон мешаванд, табиист, ки ба гирдоби фасод ғарқ мешаванд.

Дар самти ҳимояи иҷтимоии фарзандони чунин оилаҳое, ки дар боло зикрашон рафт, Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон бетараф намебошанд. Таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ ба ятимон, бепарасторон ва оилаҳои камбизоат яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ҳукумат мебошад ва дар ин самт як силсила тадбирҳои муассир амалӣ карда шудаанд. Ҳанӯз дар замони душвори солҳои навадуми асри гузашта Ҳукумати Тоҷикистон барои кӯдакони оилаҳои камбизоат ва ятимону бепарасторон мактаб-интернатҳо таъсис дода буд, ки имрӯз шумораи онҳо ба маротиб афзудааст. Илова бар ин, дар Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар боби махсус

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда шудаанд, ки-дар сурати аз ҷониби падару модар иҷро нагардидани уҳдадориҳо дар таълиму тарбияи фарзанд бо сабабҳои норасоии маблағ-барои нигоҳубини фарзанди ноболиғи онҳо кумак намоянд.

## Истифодаи ғалат аз вақти фароғатӣ

Дигар аз омили бероҳашавии фарзандон истифодаи ғалат аз вақти фароғатии онҳост. Кӯдак аз замоне, ки рӯи пои хеш меистад ва қодир ба роҳ рафтан мешавад, хоҳиши шадид ба даводаву бозӣ дорад. Кӯдакон ва навҷавонон ба гардиш ва тамошои манзараҳои табиат бисёр алоқаманд ҳастанд. Агар ба рафтори кӯдакон таваҷҷуҳ кунем, мебинем, ки онҳо доимо дар ҳаракат ҳастанд ва неруи ҷисмонии саршори худро дар бозиҳои гуногуни варзишӣ, монанди футбол ва дигар бозиҳо, сарф мекунанд.

Аз ин рӯ, падару модар ва мураббиёнро лозим аст назорат кунанд, ки кӯдакон неруи ҷисмонии худро ба тарзи матлуб сарф кунанд ва аз вақти фароғати хеш барои ҳифзи саломатӣ ва парвариши ҷисмонии хеш баҳра бардоранд. Барои ин ҳадаф лозим аст, ки дар маҳаллаҳо ва дар фазои кушоди хонаҳои бисёрошёна майдончаҳои варзишӣ ва ҷойҳои махсуси бозӣ сохта шаванд. Ва муҳим боз ин аст, ки кӯдакон пайваста таҳти назорати калонсолон қарор гиранд, то ин ки бар соиқаи шавқу завқи кӯдакона ба аъмоли ношоиста ва ё хатарнок, аз қабили оташбозӣ ва амсоли инҳо, даст назананд.

## Дӯстони бад ва ҳамроҳони гумроҳкунанда

Аз омилҳои асосии дигар, ки ба бероҳагии кӯдакон сабаб мешаванд, дӯстони бад ва ҳамроҳони гумроҳкунанда мебошад. Хусусан замоне, ки бачаи наврас аз лиҳози зеҳнӣ рушди муносибе надорад ва аз ҷиҳати ақидатӣ заиф ва сустахлоқ бошад, хеле зуд таҳти таъсири рафиқи бад меафтад. Аз ин дӯстони фосид ахлоқи вайрон ва одатҳои зишт ва нописандро ёд мегирад, ба роҳи бад ва бадбахтӣ қадам мегузорад, то он ки ҷурму ҷиноят кардан ҷузъи рафтори табии ӯ мешавад ва бадкорӣ барои ӯ ба одат табдил меёбад. Пас аз ин марҳалаи бозгардондани ӯ ба роҳи рост ва берун кашидан аз ботлоқи бадбахтиву фасод кори мушкил ва ҳатто ғайриимкон мешавад.

Яке аз нуктаҳои муҳим дар равиши тарбиятӣ, ки бояд волидайн ва мураббиён ба он таваҷҷуҳ намоянд, дӯстон ва рафиқони наздики бачаҳои онҳост. Бахусус дар синни навҷавонӣ ин мавзӯъ аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Бояд рафтуомадҳои онҳо таҳти назорати ҷиддии волидайн бошанд ва падару модар бидонанд, ки фарзандони онҳо ба куҷо мераванд ва ба чӣ корҳое машғул мешаванд. Падару модар бояд бар он бикӯшанд, ки фарзандонашон дӯстони шоиста дошта бошанд, одоби матлуб, ахлоқи арзишманд ва одоти писандидаро ба онҳо ёд диҳанд ва ононро аз ҳамнишинӣ бо рафиқони бад бар ҳазар доранд, то фарзандон дар доми гумроҳӣ ва бероҳагӣ гирифтор нашаванд.

## Бархӯрди номуносиби падару модар бо фарзандон

Омили дигаре, ки ба фасоди фарзандон сабаб мешавад – ва дар мавриди таъсири ин омил аксари соҳибназарони умури таълиму тарбия назари яксон доранд – муносибати нолоиқи падару модар бо фарзанд аст. Вақте ки кӯдак ё наврас аз ҷониби волидайн ё мураббӣ бо рафтори хашин рӯ ба рӯ мешавад, пайваста сарзаниш мешунавад ё ин ки ҳадафи таҳқир ва тамасхури калонсолон воқеъ мешавад, ба зудӣ ба ин рафторҳои ношоиста аксуламал нишон медиҳад. Одатан асари ин аксуламалҳо дар ахлоқи кӯдак ё наврас, ҳамчун ҷузъи рафтори ӯ, мустаҳкам мешавад ва дар ҳар мавриде, ки аз касе андаке сухани хашин ва ё киняву ҳарфи масхараомез шунид, ба таври худногоҳона ҷавоб мегӯяд.

Ин қабил фарзандони зулмдида ва таҳқиршуда маъмулан ё ба худкушӣ даст мезананд, ё бо падару модар дар кӯи ҷангу ҷидол қарор мегиранд ва ё ин ки хонаи падариро тарк мекунанд, то худро аз ранҷу озоре, ки мекашанд, раҳо намоянд.

## Тамошои филмҳои ҷиноӣ ва фаҳш

Яке дигар аз омилҳои бисёр муассир, ки ба бероҳагии фарзандон боис шуда, онҳоро ба ҷониби ҷиноят ва бебандубориву фасод такон медиҳад, филмҳоест, ки бар сафҳаи синамо, видео ё телевизион ба намоиш дода мешаванд. Ин гуна филмҳо аксаран ҷиноӣ ва фаҳш ҳастанд. Маҷаллаҳо ва нашриёти

бисёр зараровар, ки қиссаҳо ё тасвирҳои шармовар чоп мекунанд, бо ин амр дар вуҷуди наврасону ҷавонон оташи вайронгариро дармегиронанд. Тамошои ин гуна мавод сабаби он мешавад, ки эҳсосоти ҷинсӣ дар наврасон ва ҷавонон барангехта шуда, ҳисси даст задан ба ҷурму ҷиноят дар онҳо афзун мегардад.

Ин гуна воситаҳои харобиовар ахлоқи бузургсолонро вайрон мекунанд – чӣ расад ба наврасон ё ҷавононе, ки истеъдоди пазириш ва таҳаввули ахлоқии онҳо аз салиқаи калонсолон бештар аст?

Асари бисёр бади васоити ахбори умумӣ дар рӯҳияи кӯдакон ва навҷавон ошкор аст, зеро бунёди равонии ҳар инсоне асосан дар даврони кӯдакӣ ва наврасӣ шакл мегирад. Дар ин даврон тафаккури инсон шурӯъ ба нумӯ мекунад ва ҳофизааш барои ёдгирӣ бисёр қавӣ аст. Тасвирҳо ва мафҳумҳо хеле зудтар дар зеҳн нақш баста, то дер замоне пойдор боқӣ мемонанд.

Кӯдакон ё наврасон, бо дидани ин гуна филмҳо ва хондани достонҳои шаҳвонӣ, таҳти таъсири онҳо қарор мегиранд ва саъй мекунанд, ки ба кору рафтори қаҳрамонҳои достон тақлид кунанд ва бо таҳрики ҷинсии барангехташуда аз тамошои ин тасвирҳо ба дунболи баровардани ниёзҳои ғаризӣ даст ба аъмоли хилофи иффат ва покизагӣ мезананд.

Бино бар ин, волидайн бояд огоҳ бошанд, ки фарзандонашон чӣ филмҳое тамошо мекунанд ва чӣ китобҳоеро мехонанд.

Бар асоси тозатарин таҳқиқоти равоншиносӣ, дар иртибот бо таъсири филмҳои хашин ва ҷиноӣ дар рӯҳияи кӯдакон, дар Амрико ба ин натиҷа расидаанд: кӯдаконе, ки соатҳои бештарро ба тамошои филмҳои

ҷиноӣ ва фаҳш мегузаронанд, аз лиҳози даст задан ба аъмоли ҷиноӣ ва бероҳагии ахлоқӣ фоизи бештари ҷинояткорони наврасро ташкил медиҳанд.

Нуктаи дигаре, ки мусалламан падарону модарон бояд бидонанд, ин аст, ки баъд аз он, ки кӯдак ё наврас дар чунин фазои фасод ва касиф қарор мегиранд ва аз ҷиҳати рӯҳӣ дучори лағзиш мешаванд, дигар насиҳати падару модар ва муаллиму устод ба онҳо коргар намешавад.

## Бетаваҷҷуҳии падару модар ба тарбияти фарзанд

Бетаваҷҷуҳӣ ва бетафовутии падару модар ба таълиму тарбияи фарзанд, дар миёни омилҳои бабор оварандаи фасоди фарзандон, омили аз ҳама пуртаъсир ба шумор меравад. Ин омил боис мешавад, ки волидон аз шаклгирии шахсият ва ташаккули рӯҳияи фарзандони худ ғофил ва бехабар мемонанд. Модарон дар ин маврид нақши ҳассостаре доранд.

Масъулият ва вазифаи модар дар иртибот бо фарзандон на танҳо баробар бо масъулиятҳои падар аст, балки аз бисёр ҷиҳат муҳимтар ва ҳассостар аст. Зеро аз ибтидои таваллуди кӯдак то замоне, ки ӯ роҳ рафтан меомӯзад ва бо ин роҳ рафта, ба инсони комил мубаддал мешавад, модар ҳамроҳу мӯниси ӯст. Модар аст, ки нахустин тухмиҳои ниҳоли шахсияти инсонро мекорад ва дар тамоми марҳалаҳои зиндагии ӯ – аз навзодӣ то наврасиву ҷавонӣ – наздиктарин шахс барои фарзанд аст ва аз ҳолу вазъи вай ба хубӣ огоҳӣ дорад.

Аз ин рӯ, агар модар вақти зиёди худро сарфи меҳмонӣ рафтану меҳмон пазируфтан, бо дӯстону хешовандон нишастану бархостан кунад ва падар низ нисбат ба фарзандон бетаваҷҷуҳу бетафовут бошад ва вақти фориғ аз кори худро ба саргармиҳо бо рафиқон ва ба гардишу тафреҳ гузаронад, фарзандон саргардону бепаноҳ мемонанд ва монанди ятимон калон мешаванд. Мусаллам аст, ки фарзандони чунин волидайн метавонанд ба осонӣ ба доми фасод ва бероҳагӣ гирифтор шаванд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба хатари бузурги чунин рафтори бемасъулиятонаи падарону модарон таъкид мекунад, ки ***«дар натиҷаи бемасъулиятиву беназоратии бархе аз падару модарон иддае аз наврасону ҷавонон бе тарбия монда, ба корҳои ношоиста даст мезананд, дар кӯчаву хиёбонҳо аз субҳ то шом гаштугузор менамоянд ва бо шахсони бадрафтор ҳамроҳ шуда, ба амалҳои ношоиста даст мезананд. Наврасон, ки ҳоло ҳаракату рафтори худро пурра дарк накарда, миёни сиёҳу сафед фарқ гузошта наметавонанд, баъзан фирефтаи амалҳои шахсони ҷиноятткор гардида, оқибат худашон низ даст ба ҷиноят мезананд... Вазифаи муқаддаси падару модарон ва дигар калонсолон дар оила, пеш аз ҳама, ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандон ва ба роҳи рост ҳидоят намудани онҳо мебошад».***

Дар робита бо омилҳои зикршуда, ки алоқаи маҳкам бо ду иллати хоси ҷомеаи имрӯз – гироиши ҷавонон ба маводи мухаддир ва фарҳанги бегона – доранд, овардани чанд нуктаро дорои аҳамият медонем.

***Яке аз балоҳои хонумонсӯз ва офате, ки бар пайкари ҷомеаи башарӣ шудааст ва қудрати тафаккур, неру ва кӯшиши созандагиро аз инсонҳо гирифта, бунёди оилаҳоро дар маърази фурӯпошиву нобудӣ қарор додааст, масъалаи маводи мухаддир ва нашъамандӣ мебошад.***

Имрӯз масъалаи нашъамандӣ ба сурати як мушкили ҷаҳонии фарогир даромадааст. Оморҳои пахшшуда, аз ҷумла аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, махсусан Созмони Тандурустии ҷаҳонӣ ва Кумитаи назорати ҷаҳонии маводи мухаддир, баёнгари афзоиши бемайлони истеъмоли ин заҳри қотил дар тамоми ҷаҳон аст.

Аз ҳеҷ кас пӯшида нест, ки густариши ин раванд теша бар решаи бунёдҳои ахлоқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаҳо мезанад ва онҳоро аз дарун дучори фасод мекунад ва дар ниҳояти кор ба вайроншавӣ мебарад.

Натиҷаи баррасиҳои мутахассисон нишон медиҳад, ки наврасон ва ҷавонон бештар аз гурӯҳҳои синни гуногун дар маърази хатари нашъамандӣ қарор доранд. Ва сабаби асосии рӯй овардани наврасону ҷавонон ба нашъамандӣ, ба истисноии дигар ҳолатҳо, бар пояи омилҳои зерин қарор мегирад:

**Ихтилофоти хонаводагӣ ва тазоду кашмакашҳо байни волидайн.** Даргириҳои хонаводагии байни падару модар мӯҷиб мешаванд, ки фарзандон аз назорати лозим бархӯрдор намебошанд. Ин вазъият ва фазои номуносибу номусоиди хонаводагӣ ва адами самимият байни аъзои оила мӯҷиб мегардад, ки фарзандони чунин хонаводаҳо барои худ «дӯстоне» пай-

до кунанд ва ба воситаи онҳо ба сӯи нашъамандӣ кашида шаванд.

**Дӯстони нобоб ва нашъаманд.** Баъзе аз одамони сустниҳод ва беирода, вақте мебинанд рафиқонашон бо истеъмоли маводи мухаддир ғаму андуҳи худро «хомӯш карда», ҳолати «оромиш» ва «шодӣ»-и муваққатӣ ба даст меоваранд, аз рӯи кунҷковӣ моил ба истифодаи ин мавод мешаванд. Аммо ҳамин гироиши муваққатӣ сабаб мешавад, ки нашъаманд шаванд ва як умр пушаймону бадбахт гарданд.

**Нобасомониҳои зиндагӣ ва бекорӣ.** Майл ба бекориву ҳарзагардӣ, фирор аз мушкилоти зиндагӣ ва нотавоноии фард аз рӯ ба рӯ шудан бо масъалаҳои иҷтимоӣ дигар омилҳое ҳастанд, ки сабаб мешаванд шахс маводи мухадирро барои худ паноҳгоҳе интихоб кунад ва то охири умр ба қайди он биафтад.

**Танҳоӣ, эҳсоси бепаноҳӣ, надоштани дӯстони хуб.** Танҳоиву бекасӣ, шикастҳои зиндагӣ, надоштани дӯстони дилсӯзу меҳрубон низ мумкин аст фардро ба тарафи нашъамандӣ такон диҳанд.

**Фишорҳои асабӣ ва равонӣ.** Дар аксари ҳолатҳо омили равониву фишорҳои асабӣ кашише барои нашъамандӣ дар фард ба вуҷуд меоваранд. Мушкилот ва ниёзҳои равонӣ ва эҳсосии бениёзнашуда ва омилҳои номусоиду нороҳаткунандаи зиндагӣ боис мешаванд, ки шахс ба тарафи маводи мухаддир майл пайдо кунад.

**Лаззатҳои нафсонӣ ва зудгузар.** Гурӯҳе бо тасаввурҳои нодуруст барои пайдо кардани орзуҳои гумшудаи худ ба истеъмоли маводи мухаддир рӯй меоваранд ва онро манбаи лаззат ва рафъи ниёзмандиҳои худ мепиндоранд.

**Фаровонӣ ва дастрас будани маводи мухаддир.** Намешавад инкор кард, ки фаровонии маводи мухаддир ва имкони осон дастрас кардани он таъсири зиёд ба нашъаманд кардани инсонҳои зудбовар, бахусус наврасон ва ҷавонон, дорад.

**Тасаввури лаззати ҷинсии бештар.** Бархе аз одамон решаи нашъамандиро дар робита бо алоқаҳои ҷинсӣ медонанд ва тасаввур мекунанд, ки истеъмоли маводи мухаддир лаззати ҷинсиро афзоиш медиҳад. Аммо воқеият ин аст, ки масрафи маводи мухаддир на танҳо тавоноии ҷинсиро зиёд намекунад, балки мӯҷиби заиф гардидани тавоноии шаҳвонӣ, безурётии мардон ва нозоии занон мешавад.

Хулоса, нашъамандӣ аломати як бемориест, ки дар заминаи беназоратии фарзандон, иродаи сусти онҳо ва тасаввуроти нодуруст аз хушиҳои зиндагӣ ба вуҷуд меояд. Мавзӯи маводи мухаддир калобаи печидаест, ки гиреҳҳои кӯри онро ба осонӣ кушодан ғайримумкин аст. Мавзӯи мубориза бо нашъамандӣ бояд дар мағз андар мағзи масъалаҳои дохиливу хориҷӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва иҷтимоиву хонаводагӣ мавриди баррасӣ қарор гирад. Бояд тамоми воситаҳои мавҷуда ба кор бурда шавад, то ин ки ба решакан кардани сабабҳои нашъамандӣ муваффақ гардем.

***Дигар аз масъалаи ташвишовар гироиши ҷавонон ба фарҳанги бегона мебошад.***

Навҷавонӣ баҳри пурталотуми зиндагӣ аст, зеро наврасиву ҷавонӣ беҳтарин даврони зиндагии инсон ва баҳори зиндагии одамӣ аст. Ин давра саршор аз

шӯру шавқ, тавоноии ҷисмониву эҳсосӣ ва созандагиву навоварӣ аст.

Наврасон ва ҷавонон неруҳои созандаи ҳар ҷомеа ҳастанд. Ҳамон ҷомеае солим ва пӯё ба ҳисоб меравад, ки қишри наврас ва ҷавони он аз тарбияти дуруст бархӯрдор бошад.

Дурнамои зиндагии ояндаи инсонро метавон бар асоси амалкарди ӯ дар давраи ҷавонӣ пешбинӣ кард. Агар наврасон ва ҷавонони кишваре дар масири созандагиву ободонии он ҷомеа қадам зананд, истеъдодҳои билқувваи худро ба фаъолият табдил диҳанд ва аз ҳуҷуми фарҳангии бегонагон дар амон бошанд, он кишвар ба самти пешрафту тараққӣ хоҳад рафт ва ба осонӣ ба уфуқҳои рушду камол хоҳад расид.

Барои парҳезкор будани ҷавонон аз шабехуни унсурҳои фарҳангии бегона ва барои тарбияти ҷавонони барӯманд, тавоно, навовар, бофикру андеша ва боғайрат бояд онҳоро раҳнамоӣ кард. Ба ин манзур бояд бо рӯҳияи ҷавонон ва ниёзҳои эҳсосӣ ва равонии онҳо ошно шуд ва забони иртиботи муносиб бо онҳоро ҷустуҷӯ кард.

Ҳидояти рӯҳиву равонии ҷавонон барои нигоҳ доштани фазои солими ахлоқии ҷомеа нақши муҳиме дорад. **Зеро агар низоми тарбиятии кишвар тавонад, ки идеалҳои созанда ва мутаносиб бо рӯҳи наврасон ва ҷавононро дар ихтиёри онҳо гузорад, бо ин роҳ насли наврасро аз гироиш ба идеалҳои дурӯғин ва вайронгар бозмедорад.**

Наврасон ва ҷавононе, ки дар хонаводаи нобасомон ва муҳити омехта аз ихтилофоти хонаводагӣ

парвариш ёфтаанд, заминаи ноустуворе барои тарбиятпазирӣ хоҳанд дошт. Агар падару модар беш аз ниёзҳои моддии фарзандонашон ба ҷанбаҳои рӯҳии ҳаёти онҳо пардозанд, ба зуҳур омадани падидаҳои номатлубе, аз қабили бероҳагӣ, фасод, гироиш ба маводи мухаддир, хеле коҳиш ёфта, батадриҷ рӯ ба нестӣ мегузоранд. Омори марбут ба сатҳи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бештари кӯдакони бадрафтор аз набудани муҳити гарму самимӣ дар оила ва камбуди муҳаббати падару модар гила кардаанд.

Аз ин рӯ, хусусиятҳои даврони балоғат ва навҷавонӣ ниёзҳои хоси худро доранд. Суръати зиёди рушд дар даврони наврасӣ, ки баъзе аз донишмандон онро «тавлиди дубора» номидаанд, ниёз ба хӯроки серғизоро дар ин давра талаб мекунад. Ҳамчунин шароити равонии хоси ин даврон баёнгари ин аст, ки наврасон ва ҷавонон ба оромиши равонии бештар ва муносибати самимонаву дӯстона ниёз доранд. Онҳо ҳамдаму дӯсте металабанд, ки вуҷудашонро дарк кунад ва ҳаргиз бо онҳо нохушоянд рафтор накунад. Наврасон дар ин даврон намепазиранд, ки касе онҳоро танқид кунад, таҳқиру таҳдид намояд. Касонеро мехоҳанд, ки, бидуни лаҳни омирона, ҳокимона ва носеҳона, бо онҳо дӯстона ва самимона сухан гӯянд. Ҷавонон ниёз доранд, ки дигарон вуҷудашонро, ҳамон тавре ки ҳаст, дарк кунанд.

# ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ УСУЛҲОИ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Вуҷуди кӯдакон монанди замини киштнашудаест ва падару модар ба мисли кишоварзонанд. Ва ҳамчуноне ки дар зиндагӣ мебинем, падару модар метавонанд боғбони хубу ботадбире бошанд ва он гоҳ замини замири фарзанди худро ба боғи сарсабзу ҳосилхез табдил медиҳанд. Ё ин ки волидон метавонанд деҳқони бесалиқа, бепарво ва хунсард бошанд ва гузоранд, ки сарзамини ниҳоди фарзандашон пур аз ҳашра шавад. Беҳуда халқ нагуфтааст, ки «фарзанди хуб боғи падар, фарзанди бад доғи падар». Вале ба боғ ва ё ба доғ мубаддал кардани фарзанд вобаста ба худи падару модар аст. Яъне дар салоҳияти комили падару модар аст, ки фарзандонашон инсонҳои комил, огоҳ, боодобу бофарҳанг шаванд ва ё ҳанӯз дар овони наврасӣ аз роҳи рост ба пайроҳаи каҷрафторӣ ва табоҳкориву ҷурму ҷиноят печ зананд.

Донишмандони риштаи таълиму тарбия барои тарбияи неки фарзандон ба падарону модарон якчанд тавсия ва ё қоида пешниҳод кардаанд, ки чанде аз умдарини онҳоро меоварем.

## Фарзанди худро бояд дӯст дорем

Тамоми таърихи инсоният ба исбот расонидааст, ки гармиву муҳаббати хонаводагӣ аз муҳимтарин ва муассиртарин омилҳои тақвияти созгорӣ ва дурӣ аз

фасоду олудагиҳо мебошад. Ва кӯдаке, ки дар муҳити гарми ин конун паноҳ мебарад, роҳу расми зиндагиро ёд гирифта, масъулиятпазиро мешавад ва ба як шахси фаъоли иҷтимоӣ мубаддал мегардад.

Ҳеҷ кас, ба мисли кӯдак, ба ишқ, муҳаббат, навозиш ва таваҷҷуҳ ниёз надорад.

Падару модар метавонанд ҳар рӯз ишқу таваҷҷуҳашонро ба кӯдакон – аз навзод то наврас ва аз наврас то ҷавони ҳаждаҳсола – нишон диҳанд. Волидон хеле зуд диққат медиҳанд, ки ниёзҳои ҳаётии кӯдак мутаносиб бо афзоиши синнии ӯ тағйир мекунанд, аммо дар бисёр маврид фаромӯш мекунанд, ки ишқу муҳаббат ба фарзанд як ниёзи доимӣ аст.

Падару модари меҳрубон фарзандони меҳрубонро тарбият мекунанд. Падаре, ки аз ҳад сахтгир ва худраъй аст, наметавонад фарзандони бомуҳаббат дошта бошад.

Ҳамеша ба кӯдакони худ бифаҳмонем, ки онҳоро дӯст медорем ва ҳар ҳодисае, ки пеш ояд, ба онҳо кумак хоҳем кард. Кӯдакон бояд бидонанд, ки, агар кореро аз надонистан нодуруст анҷом диҳанд, танбеҳ нахоҳанд шуд. Онҳо бояд итминон дошта бошанд, ки хатоҳояшонро бо роҳнамоии падару модар ислоҳ хоҳанд кард.

Бисёре аз мардум гумон мекунанд, ки муҳаббат ба фарзанд ин озод гузоштани ӯ дар анҷом додани корест, ки он лаҳза мехоҳад анҷом диҳад. Ин навъ рафтор ишқ ба фарзанд нест, балки бебандубор кардани ӯст. Эҳтиром гузоштан ба фарзанд асоси муҳаббат аст ва ин кор вақте имконпазир мешавад, ки падару модар ба хотир дошта бошанд, ки кӯдакон аъзои

хонаводаанд ва дар ҳар коре саҳм доранд ва метавонанд изҳори назар кунанд.

Падару модар набояд бо доду фарёд ва изҳори норозигӣ аз иҷрои супорише, ки ба кӯдак дода буданд, натиҷагирӣ кунанд. Ин гуна рафтор, ҷуз таҳқир кардан, аз байн бурдани эътимод ба иззати нафси кӯдакон, ба туғён водоштани онҳо ва ниҳоятан сар задани ҳисси беэҳтиромӣ нисбат ба падару модар хоҳад шуд.

Гӯш додан ба ҳарфҳои кӯдак хашми онҳоро коҳиш медиҳад ва омодаи ҳамкорӣ мекунад. Баъзе аз падару модар, мутаассифона, наметавонанд розӣ бошанд, ки кӯдакон ҳақ доранд фикри шахсии худро дошта бошанд.

Гуфтугӯ ва табодули назар бо фарзандон бисёр аҳамият дорад. Аз ҳамон даврони кӯдакӣ падару модар бояд бо фарзандонашон гуфтугӯ кунанд ва онҳоро барои фаҳмондани мавзӯъҳои гуногун ба доираи суҳбат кашанд. Дар ғайри ин сурат ҷавонон дар синни балоғат, ҳангоми бархӯрд бо мушкилот, ба падару модари худ ба сурати як дӯсти қобили эътимод наменигаранд ва мушкилоташонро бо дигарон дар миён мегузоранд.

Фарзандонро бояд ташвиқ кард, то афкору эҳсосоташонро ба забон оваранд. Эҳтироми падару модар нисбат ба кӯдак бояд низ дар он зоҳир гардад, ки ба онҳо вақти бозӣ карданро ҷудо кунанд. Ба фаъолиятҳои онҳо ва ҳатто ба дӯстонашон таваҷҷуҳ нишон диҳанд.

Имрӯз модарони бисёре ҳастанд, ки фарзандони хурдсоли худро ба дасти мураббиён дода, ба кор мераванд. Ин метавонад асароти нохушоянде барои

фарзандон ба ҳамроҳ оварад. Омори марбут нишон медиҳад, ки модарони корманд вақти ниҳоят камеро бо фарзандони худ мегузаронанд ва, чун аксар вақт, аз кори корхона ё идора ва масъулиятҳои хона хаставу монда мешаванд, наметавонанд фарзандони худро ба таври кофӣ таълим диҳанд.

Падару модаре, ки фарзандони худро ба оғӯш мекашанд ва онҳоро дӯстдориву навозиш мекунанд, пояҳои беҳдошти равонии онҳоро устувор месозанд.

## Барои фарзанди худ сармашқи хуб бошем

Идеал ё сармашқ шудани падару модар муҳимтарин омили таълиму тарбия ва тазмини беҳдошти равонии фарзандон аст. Бояд дар хотир дошт, ки кӯдакон маъмулан аз роҳи ***тақлид*** ҳар кореро ёд мегиранд, на аз тариқи ***ташвиқи*** калонсолон. Кӯдакон мисли оинае ҳастанд, ки тамоми рафтори калонсолон дар онҳо мунъакис мешавад.

Тамоми калимотеро, ки падару модар ба кор мебаранд ва назареро, ки нисбати одамон, ҳодисаву воқеа ва ғайра иброз медоранд, кӯдакон ба таври комил дар хотир нигоҳ медоранд. Бино бар ин, падару модар дар ҳузури кӯдак бояд тавре сухан гӯянд ва роҷеъ ба чизҳое суҳбат кунанд, ки барои фарох шудани домани ҷаҳонбинии фарзандон муфид бошад.

Падару модар вазифадоранд, ки бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои фарзандони худ беҳтарин рафтор ва гуфторро аз худ нишон диҳанд. Онҳо ҳамчунин масъулият доранд, ки тарбияти фарзандони худро то синни ка-

лонсолӣ бар уҳда дошта бошанд. Вақте волидон дар бораи тарбияти фарзандон саҳлангорӣ мекунанд, дар воқеъ вазифаи худро анҷом намедиҳанд.

Вақте падару модар дар ҳузури фарзанд риё мекунанд ва дурӯғ мегӯянд ва, бадтар аз ин, ба фарзандон ин корро ёд медиҳанд, табиатан беҳдошти равонии онҳоро дар хатар меандозанд.

Равоншиносон одат доранд ба падару модар таъкид кунанд, ки «риояти гуфтору аъмоли нек беҳтарин равиши таълим мебошад». Воқеан ҳам, агар падару модар кӯдакони худро аз гуфтору аъмоли бад манъ кунанд, вале худашон ба ин аъмоли бад даст зананд, дар назари фарзандҳояшон инсонҳои дурӯя ва дурӯғгӯ ҷилва карда, таълиму тарбияашон бесамар хоҳад буд.

Барои мисол, агар падару модар мехоҳанд содиқ буданро ба фарзандонашон биёмӯзанд, бояд аввал худашон намуна бошанд. Баъзе калонсолон ба фарзандонашон таъкид мекунанд, ки, агар касе телефон карда маро пурсид, гӯй, ки падарам ё модарам дар хона нестанд, дар ҳоле, ки падару модар дар хона ҳастанд ва намехоҳанд бо шахси телефонкарда суҳбат кунанд. Аз ин рӯ, дурӯғ гуфтанро ба фарзандони худашон меомӯзанд ва барои сафед кардани худ мегӯянд, ки дурӯғи маслиҳатомез кори ношоистае нест.

Чунин одамон ин ҷанбаи масъаларо ба ҳисоб намегиранд, ки кӯдак аз мушоҳидаи чунин рафтори падару модар дучори сардаргумӣ мешавад ва мумкин аст дар оянда, вақте калон мешавад, дурӯғ гуфтанро, мисли волидайнаш, дар ҳама ҷо ба кор барад, то кораш пеш биравад, дар ҳоле, ки мумкин аст барои пеш бурдани кораш аслан ниёз ба дурӯғ гуфтан надошта бошад.

Дар ҳар сурат, агар падару модар бихоҳанд, ки фарзандонашон босадоқат, ҳушёр, поку солим ва соҳиби рафтори дилпазир шаванд, бояд худашон намунаи хубе бошанд.

Баъзе падару модар, ки тасаввур мекунанд имондор ҳастанд, саъй мекунанд, ки имонашонро ба фарзандонашон талқин кунанд, то онҳо низ инсонҳои боимоне шаванд. Ва дар ин ҳол падару модар аслан аз фарзандони худ намепурсанд, ки оё онҳо моил ҳастанд ба тавру тарзе ки волидон воҷиботи диниро ба иҷро мерасонанд, анҷом диҳанд? Оё имони худи падару модар сармашқи фарзандонашон ҳаст? Ё фақат мехоҳанд чизеро ба зӯрӣ ҳам ки бошад, ба фарзандонашон ёд диҳанд. Аз ин рӯ, вақте фарзандон бузург мешаванд, роҳи дигареро баҳри дарки беҳтари маънои зиндагӣ дар пеш мегиранд.

**Агар падару модар мехоҳанд, ки фарзандонашон пайрави меъёрҳои волои ахлоқӣ бошанд, бояд сараввал худашон онҳоро сармашқи кори худ кунанд.**

Дар роҳи тарбият ҳар як аз волидон нақшҳои бешумореро бар уҳда доранд. Дар ин миён нақши тарбиятии падар бисёр муҳим аст. Падар, ба манзури намунаи ибрат будан барои аъзои оила, вазифаҳои азиму муҳимеро бар уҳда дорад ва масъулияти ӯ дар ин бора бисёр сангин аст. Падар барои фарзанд як идеале ба тамоми маънӣ аст ва вуҷудаш барои ӯ омӯзишҳои зиёдеро дар бар дорад.

Дар равоншиносии кӯдак ва низ усули тарбияти фарзанд муайян шудааст, ки кӯдакон падарро чеҳраи барҷаста, бузургтарин шахсият ва оқилтарин инсон

медонанд. Агар касе бар интиқоди падари онҳо чизе гӯяд, онҳо падари худро дифоъ мекунанд.

Падар – аз назари кӯдак – намоди қудрат ва зомини ҳифзи хонавода аст ва ҳама орзуи кӯдак ин аст ва пайваста мекӯшад, ки мисли падараш бошад.

Падар – аз назари кӯдак – зомини рафъи ниёзҳост. Ҳар чизеро, ки аъзои хонавода ба он эҳтиёҷ доранд, падар омода мекунад. Кӯдак дар сояи падар наку парвариш меёбад. Ҳар чи қадар синни кӯдак бештар шавад, эътиқоди ӯ ба тавонмандӣ ва замонати падар бештар мешавад. Ба тавре ки фарзандон дар навҷавонӣ модарро омили меҳру муҳаббат ва падарро омили таъмини зиндагӣ медонанд.

Падар намояндаи дунёи хориҷи фарзанд, маркази доноӣ ва огоҳӣ аст. Кӯдакон гумон мекунанд, ки падарашон дар ҳама кор ва ҳама масъала тавоно ва доно аст. Ҳатто кӯдаконе, ки муддате бар иллати чӣ ҳодисае аз падар дилгир мешаванд, ҳамвора дар бораи қудрату азамат ва ақлу фикри ӯ андешаи баланд доранд.

Падар бо аз роҳи меҳнат ба даст овардани рӯзии ҳалол ва таъмин намудани оила аз эҳтиёҷоти зиндагӣ-барои фарзандон намунаи беҳтарини омӯзиши ахлоқу рафтори хуб мебошад. Зеро рӯзии ҳалол дар сарнавишти фарзандон бисёр муассир аст. Фарзандон бояд ҳамеша қадрдони чунин падар бошанд.

Дар иртибот ба ин мавзӯъ Президент Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: ***«Яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсияти кӯдак мавқеи тарбиявии падару модар мебошад, ки тарзи умумии тарбияро муайян менамояд. Роҳи асосии таъсиррасонии калонсолон ба ташаккули шахсияти кӯдак ба онҳо***

***омӯзондани меъёрҳои ахлоқист. Рафтору муносибатҳои калонсолон метавонанд барои кӯдак чун намуна хизмат кунанд».***

## Фарзандони худро омӯзиш диҳем

Баъзе аз падару модар ба ҷои омӯзиш додани фарзандон, дар мавриди аз уҳдаи коре набаромадан, онҳоро танбеҳ мекунанд. Зеро танбеҳ кардани фарзандон осонтар аз омӯзиш додан ё тарбият кардан аст. Ин навъ рафтор, ба ҷои ин ки фарзандонро ислоҳ кунад, онҳоро саркаш менамояд.

Натиҷаҳои амали нек ва пайомадҳои кори бадро ба кӯдакон бояд дар мисолҳои равшан, ки зиндагӣ аз онҳо мамлӯ аст, бояд фаҳмонд. Бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки ҷалб кардани кӯдак ба ҳар коре на бо фармони омирона, балки бо мулоимат хубтар аст. Агар ба кӯдак ба ҷои «рав фалон корро кун» гуфтан, «дар ин кор ба ман кумак кун» гӯем, ӯро бештар ба кор дилгарм мекунем.

Мо масъулем, ки роҳҳои дурусти омӯзиш додан ба фарзандонамонро ёд бигирем.

Ақидаи равоншиносон ин аст, ки бо рафтори боэҳтироми бомуҳаббат нисбат ба кӯдак бисёре аз мушкилотро ҳал кардан мумкин аст. Мо набояд кӯдакро дар баробари дигарон кӯчак шумурем, барои хатоҳое, ки аз нофаҳмӣ аз вай сар мезананд, маломат кунем.

Падару модар бояд ҳамеша ҳангоми пушаймонии фарзанд аз кори хато узрашро бипазиранд ва бесабаб ӯро танбеҳ накунанд. Балки бо ташвиқ ва сабр ӯро ба ислоҳ даъват кунанд.

Албатта, падарону модарон, дар баробари дар шахси худ нишон додани сармашқ, бояд заминаи он-ро фароҳам созанд, ки фарзанд худ низ дар пайи ноил шудан ба саодати хеш кӯшиш намояд, дар масири тарбият қадамҳои баланд бардорад ва батадриҷ равиши мустақили зиндагиро ёд гирифта, аз зери ҳимояти волидайн барояд. Дар ин марҳала вазифаи волидайн ҳидоят кардан, назорат намудан ва замина сохтан барои таълиму тарбияи худҷӯши фарзанд аст.

## Волидон фарзандони худро бояд боинтизом ва гапдаро тарбия кунанд

Баъзе аз падару модар фикр мекунанд, ки аз байни ишқ ба фарзанд ва интизом бояд якеро интихоб намуд. Дар сурате, ки дидгоҳи саҳеҳ дар мавриди тарбияи фарзандон ин аст, ки ишқ ба фарзанд ва интизоми онҳо якҷо бошад ва яке бидуни дигаре фоида надорад.

Дар мавқеиятҳои ҳассос ва хатарнок кӯдакон бояд мутеи падару модар бошанд. Дар мавридҳое, ки кӯдакон ба корҳои хатарнок даст мезананд ва корҳое мекунанд, ки падару модар намедонанд, наметавон танбеҳҳои ҷузъиро барои онҳо дар назар нагирифт. Аммо набояд фаромӯш кард, ки танбеҳ ҳамеша бояд пас аз дарки саҳеҳи иллати он ба иҷро дарояд.

Вале фарзандро ҳаргиз набояд танбеҳи баданӣ кард. Зеро ҳар навъ танбеҳи баданӣ осори зараровари фаромӯшнашуданӣ бар беҳдошти кӯдак хоҳад гузошт.

Вале танбеҳҳои ғайриҷисмонӣ, аз қабили бардурӯғ дареғ кардани муҳаббати падариву модарӣ,

маҳрум кардан аз тамошои телевизор ба муддати чанд рӯз, боздоштан аз бозӣ бо рафиқон ва амсоли инҳо, бар манфиати кор хоҳанд буд. Албатта, набояд ки муддати танбеҳ тӯлонӣ бошад.

Фарзандонро беш аз ҳад сарзаниш кардан хуб нест, зеро онҳо метавонанд дилгир ва асабонӣ шаванд. Барои ба даст овардани натиҷаи матлуб бояд равиши танбеҳ бо муҳаббат омехта бошад. Зеро фарзандон гавҳаре гаронбаҳо ва самараи ишқи падару модар ҳастанд. Агар волидон хоҳанд, ки фарзандонашон арзишҳои ахлоқии хонаводаро ба фарзандони худ биомӯзанд, бояд бомуҳаббат, меҳрубон ва гарму самимӣ бо онҳо рафтор кунанд.

Агар аз фарзандонатон хатое гузарад, бо накуҳишу танбеҳ ба ҷое расидан намешавад, балки бо тааммул ва шикебоӣ мешавад хатои фарзандро ислоҳ намуд. Аз тарафи дигар, хуб аст ва бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки фарзандон ба оқибатҳои рафтори нодурусти худ пай бибаранд. Барои мисол, агар фарзанди волидайне бо касе пархош кард ва ё нисбати касе бадрафторӣ кард, аз ӯ бояд талаб кард, то фавран узр пурсад. Ин churi ҳалли масъала кам-кам дар вуҷуди ӯ нақши хубе пайдо мекунад ва ҳангоме, ки пой ба зиндагии мустақил мениҳад, пешпо нахоҳад хӯрд.

## Падару модар бояд аз масъулиятҳои худ огоҳ бошанд

Баъзе аз падарону модарон фикр мекунанд, ки агар хӯрок, пӯшок ва манзили фарзандонро фароҳам оваранд ва онҳоро ба мактаб бифиристанд, ба пур-

рагӣ вазифаи волидайнии худро иҷро кардаанд. Ва ё фикр мекунанд, агар гаронбаҳотарин либосҳо ва боҳашаматтарин хонаҳоро дар ихтиёри фарзандони худ бигузоранд ва онҳоро ба донишгоҳҳои бонуфуз бифиристанд, падару модари хубу бомуҳаббате ба ҳисоб мераванд.

Аммо ин меъёрҳо наметавонанд нишон диҳанд, ки падару модар ба вазифаи аслии худ ошноӣ доранд. Падару модар замоне ба масъулиятҳои худ огоҳ мешаванд, ки дар бораи таълиму тарбияти кӯдакон иттилои кофӣ дошта бошанд. Замоне метавонанд мутобиқ ба вазифаҳои худ амал кунанд, ки бидонанд ниёзҳои кӯдак дар зинаҳои гуногуни рушд кадомҳост ва чӣ гуна бояд онҳоро шинохт ва амал кард.

Дар вуҷуди ҳар инсон истеъдодҳое гузошта шудааст ва ин истеъдодҳо дар партави парвариши саҳеҳ шукуфо мешаванд. Илова бар истеъдодҳои фитрӣ, ки дар ҳама инсонҳо вуҷуд доранд, ҳар фард аз тавоноиҳои вижа низ бархӯрдор аст. Ва зарур аст, ки ин истеъдодҳо дар партави диққат ва назорати волидайну муаллимону мураббиён ба хубӣ шинохта ва ҳимоят шаванд ва тарбияти фарзанд ба тарзи матлуб сурат гирад.

Тарбия кори осон нест, балки зариф, дақиқ ва мураккаб аст. Илми башар бо ҳама пешрафте, ки дорад, ҳанӯз дар шинохти тамоми жарфои вуҷуди инсон тавфиқи комил наёфтааст. Бино бар ин, амри нозуку зарифи тарбият ба талоши хастагинопазир ва пайваста ниёз дорад.

Равшан аст, ки барои фарзандон ҳеҷ хидмат ва сармояи беҳтар аз адабу тарбияи саҳеҳ нест, чунон ки

барои падару модар низ ҳеҷ вазифае муҳимтар аз таълиму тарбия вуҷуд надорад.

Чунинанд умдатарин омилҳо, иллатҳо ва усулҳои тарбиявӣ, тибқи афкору назар, пажӯҳишҳо ва таҳқиқотҳо, рисолаҳо ва мақолот, ки донишмандон гуфтаанду рӯи кор овардаанд. Умедворем, ки ин нуктаҳои санҷида ва аз имтиҳони зиндагӣ гузашта барои ҳамватанони гиромӣ дар кори душвор ва пурифтихори таълиму тарбияи фарзандон судманд хоҳанд буд.

# САРЧАШМАИ АХЛОҚУ МАЪНАВИЁТ

## *Сухане чанд аз роҳкорҳои омӯзиш ва гиромидошти забони тоҷикӣ*

Забони тоҷикӣ, ки дар пайванди маҳкам бо гӯишҳои ҳамрешаи худ – забони дарӣ ва форсӣ – дар ҷараёни даҳҳо садсолаҳои таърихӣ ҳамчун забони тамаддунбахш дар минтақаҳои густурдаи ҷаҳон аз мавқеияту азамати фарҳангии вижа бархӯрдор будааст, бисту чаҳор сол аст, дар зодгоҳи худ мақоми пешина ва деринаи худро соҳиб шуда, чун дар асри тиллоии тамаддуни тоҷикон – аҳди Сомониён – ба забони расмӣ, сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод, илму фарҳанг табдил шудааст. Инак, чанд сол аст, ки аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид, дар ҳамоишҳои бонуфузи сиёсии байналмилалӣ, дар кохҳои муҳташами раёсати давлатҳои муътабар лафзи ширину шевои тоҷикӣ садо медиҳад. Ва дар Тоҷикистон ин забони ширин бо лаҳну овои дилангезаш гӯшу қалби меҳмонони воломақом ва ҳар касеро, ки ба ин хоку бум меояд, менавозад ва рӯҳашро фараҳ мебахшад.

Таърихи ҷомеаи башарӣ ва таҷрибаи давлатҳои куҳан ва пешрафтаи дунё ба равшанӣ нишон медиҳад, ки истифода аз як забони умумӣ ба эҷоди миллате бо пайванди иҷтимоии қавӣ ва давлати неруманд боис мегардад. Хушбахтона, дар Тоҷикистон

забони тоҷикӣ ин мавқеияти шоистаи сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангиро доро мебошад.

Ҳарчанд ки забони тоҷикӣ мақоми забони расмиро ҳанӯз дар замони шӯравӣ, яъне соли 1989, соҳиб шуда буд, раванди ба забони сиёсат, иқтисод ва илму фарҳанг табдил шудан ва ба самардиҳӣ пардохтани он дар даврони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон – ва дурусттар – баъд аз Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шудааст. Ва дар амри ба ҳақиқат пайвастани ҳадафҳои ин раванди муҳим, чун дар анҷоми муваффақиятомези дигар ҷараёнҳои ҳаётофарин ва созандае, ки кишвари моро ба диёри сулҳу субот, бархӯрдор аз ваҳдати миллӣ ва рӯй ба инкишоф табдил додааст, саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург аст. Маҳз бо талошҳои пайваста ва пурбори Сарвари давлати тоҷикон забони тоҷикӣ дар ду даҳсола – муддати барои инкишофи падидаи мураккабе, чун забон, ниҳоят кӯтоҳ – забони адабии миллии мо марҳалаи наверо дар такомули худ оғоз намуда, роҳи беш аз пеш боландатар ва пӯётар шуданро аз сар гирифтааст.

Ҳамчуноне ки Президент Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст, «забони миллӣ симо ва пайкари миллат мебошад». Аз ин рӯ, вазифаи ҳар фарди меҳанпараст, огоҳ ва дилсӯз ба фарҳанги миллӣ ҷаззоб, зебо, солим, неруманд ва қобили созандагӣ нигоҳ доштани ин симову пайкар аст. Забон ҳам, ба монанди миллат, пир намешавад ва ҳар қадар солхӯрдатар шавад, боз ҳам ҷавонтар, шодобтар ва нерумандтар мегардад, – ба шарте, ки бо

вай дар ниҳояти эҳтиёту зарофату назокат рафтор кунанд, онро дар ҳадди муқаддасот гиромӣ доранд, барои покизагиву асолаташ талош варзанд, барои ҳифзи он аз «бемориҳо» ва хатарҳои доимӣ ва барои тақвият додан ба истиқлолияташ пайваста пайкор намоянд.

Забони тоҷикӣ аз замонаҳои қадим ба мо расидааст. Ҳар кас ки таърихро хуб хонда бошад, медонад, ки чӣ хуни дилҳо барои нигоҳдории ин ёдгори бузург рехта шуда, чӣ зардобҳои дил хӯрда шуда! Агар ниёгони барӯманди мо ин забони латифу зеборо аз кӯраи озмоишҳои басе сахт бегазанд берун намеоварданд, аз лафзи шевову дилпазири модариамон чизе намемонд! Ва баъд аз ду садсолаву чаҳоряк асри фармонравоии Умавиёну Аббосиён, ки маҳз дар ҳамин замони дароз бисёре аз вожаҳои дарӣ аз миён рафтаанд ё ба арабӣ иваз шудаанд, агар сиёсатмадорони матину меҳандӯст, монанди Сафforиёну Тоҳириёну Сомониён ва суханофаринҳои бузурге, чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино ва садҳову ҳазорҳо фарзандони дилбохтаи ин марзу буми муқаддаси ориёӣ, намебуданд, аз забони тоҷикӣ танҳо хотирае боқӣ мемонд. Пас **яке аз бехаёлиҳо ва сатҳинигариҳо ба забони тоҷикӣ огоҳӣ надоштан аз таърих аст.**

Ба ҳамин манзур аст, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон доимо ва такрор ба такрор ҳамватанон, пеш аз ҳама, насли ҷавонро даъват мекунад, ки фарҳанги ғании гузаштаи миллати худро хуб омӯзанд, аз мероси гаронбаҳои шоирону мутафаккирони асрҳои пешин баҳрабардорӣ намоянд, ба қадри тамаддун ва арзишҳои фарҳангӣ, забони миллӣ ва шеъру сухани оламгири ниёгонамон бирасанд.

Фақат омӯзиши сабақандӯзонаи таърих, расидан ба қадри давлати миллӣ ва гиромидошти забони модарӣ ва дигар арзишҳои волои халқамон кумак мекунанд беадолатиҳое, ки нисбати халқу миллати мо шудаанд, такрор нагарданд. Он захмҳое, ки дар сароғози бунёди давлати Шӯравӣ аз табартақсими ҳудуди таърихии тоҷикон бар қалби миллати мо нишастаанд ва ин табартақсим асосан бо саҳми тоҷикони аслунасабгумкарда ва бегонапараст сурат гирифтааст, ҳанӯз хуншоранд. Дар ин замина андешаманди испанӣ Ҷорҷ Сантана хеле хуб гуфтааст: **«Ононе, ки аз таърих дарс намегиранд, маҳкум ба такрораш мебошанд».** Бо назардошти ин ки ҳасаду душманиву хусумат ба фарҳанги тоҷикон ва миллати тоҷик ҳанӯз ҳам идома доранд ва дар расонаҳои хориҷӣ ва саҳифаҳои Интернет ин душманӣ ҳар гоҳе ба ҳадди ифрот расида, муаллифони ин «ковишҳои илмӣ» ҳатто мавҷудияти миллати тоҷикро инкор мекунанд, бар феълият ва зарурати таъкидҳои Сарвари давлати тоҷикон бобати рӯ овардан ба таърих ва омӯзиши он барои боз ҳам боло бурдани худогоҳӣ, бедорӣ ва ҳушёрии миллӣ меафзояд.

Гиромидошти мо аз арзишҳои миллӣ, ки забон аз аркони муҳими онҳо мебошад, омӯхтану аз бар кардан ва ба қудрати он афзудан аст. Моро зарур аст, ки ҳамеша боэҳтиёт бошем ва нагузорем, ки аз масирҳо ва ҷараёнҳои ғалат нопокиҳое ба дарёи софу покизаи забони тоҷикӣ ворид шаванд ва ин лафзи поку мубарроро тираву олуда кунанд.

Тавсеаву такомули забон як раванди бисёр душвор, тӯлонӣ ва мустақим аст. Барои ҳатто кӯчакта-

рин тағйирот дар забон гоҳо бештар аз сад сол лозим меояд. Аммо хароб шудани забон фароянди хеле бошитоб аст ва метавонад ногаҳон оғоз шавад ва дар кӯтоҳтарин муддат забонро ба нобудӣ барад. **Коршиносон пешбинӣ кардаанд, ки дар сад соли оянда ҳаштод дарсади забонҳои зиндаи дунё аз байн мераванд.** Оё мо бо итминон метавонем гӯем, ки ба забони тоҷикӣ хатари аз байн рафтан таҳдид намекунад? Чӣ бояд кард, ки мо низ, чун ниёгонамон, ки ин ганҷинаи маънавиро бароямон бегазанд расондаанд, тавонем забони тоҷикиро боз ҳам покизатару расотару қудратмандтар намоем ва бароиояндагон ба армуғон барем?

Ин китоб, аз ҷумла, посух ба ин пурсишҳост.

# РОҲБУРДИ ПОСДОРИИ ЗАБОН

Нигоҳи гузоре ба ду даҳаи гузашта ба равшанӣ нишон медиҳад, ки алорағми вазъияти печидаву мураккаби сиёсиву ҳарбӣ ва баъдан дар шароити боз ҳам душвори эҳё ва таҳкими бунёди иқтисоди миллӣ ва анҷоми дигар фаъолиятҳои марбут ба устувор намудани пояҳои давлатдорӣ, Ҳукумати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ҳеҷ вақт аз ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба рушду густариши забон фориғ набудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз поёни соли 1992 ва аввали соли 1993 ба манзури тақвият бахшидан ба мақоми забони давлатӣ ба иқдом пардохт. Ҷашнгирии ҳамасолаи Қонуни забон ба роҳ монда шуд ва вобаста ба татбиқи нуктаҳои Қонуни забон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо ва иқдомоти лозимро ба амал баровард.

Баъд аз то ба андозае ба эътидол омадани вазъи сиёсиву иҷтимоӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манзури татбиқи Қонуни забон ва рушду густариши забони тоҷикӣ ба иқдому чорабиниҳои ҷиддӣ пардохт. Дар ин замина бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 1995 таъсис ёфтани Комиссияи татбиқи Қонуни забон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми муассир ва оғози марҳалаи дуюми татбиқи Қонуни забон мебошад.

21-уми октябри соли 1997 вобаста ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи рушди забон Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тавсеа ва

рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва 3 сентябри соли 1998 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Имлои нави забони тоҷикӣ тасдиқ шуд.

Дар охири солҳои 90-уми садаи гузашта забони тоҷикӣ ба таври куллӣ ба забони давлатӣ табдил ёфт ва ҳанӯз дар оғози соли 2000-ум ҳадди аксари вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои кишвар коргузории худро ба забони давлатӣ ба роҳ монданд.

Аз соли 2000-ум ҷараёни ба забони давлатӣ гузаштани муассисаҳо ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ низ боз ҳам бештар тақвият пайдо намуд. Дар ин давра як қатор вазорату ниҳодҳои иқтисодии Тоҷикистон, аз ҷумлаи вазорати молия, вазорати савдо ва рушди иқтисод, бонкҳо, ба коргузории тоҷикӣ гузаштанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паёми табрикии худ ба муносибати Рӯзи забон дар соли 2003 нақши забони давлатиро дар рушду инкишофи ҷомеа чунин арзёбӣ намуд: «Дастоварди бузурги мо дар бахши сиёсати забон аз ин иборат аст, ки забони давлатӣ дар марҳалаи кӯтоҳ, вале ниҳоят ҳассоси таърихӣ, нақши ваҳдатовариро адо намуд».

Соли 2004 70-солагии Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои Тоҷикистон дар сатҳи давлатӣ таҷлил гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар маҷлиси ботантана ба ифтихори санаи камолоти Институти забон ва адабиёт ба таҳлили раванди татбиқи Қонуни забон пардохта, барои боз ҳам тавсеа бахшидан ба ин ҷараёни муҳим дар назди роҳбарият

ва кормандони Институт, муҳаққиқони соҳаи забон ва зиёиёни кишвар вазифаҳои мушаххас гузошт. Сарвари давлат, аз ҷумла, гуфт: «Яке аз вазифаҳои асосӣ ва пурифтихори Институти забон ва адабиёт дар давраи истиқлолият пуштибонӣ ва густариши забони давлатӣ, таҳкими мақому мартабаи он, аз ҳисоби захираи забони классикӣ ва халқӣ суфтаву ғанитар намудани забони адабӣ, оммафаҳм сохтани забони нашрияҳо, пеш аз ҳама китобҳои дарсӣ, забони матбуот ва тоза нигоҳ доштани забони муоширати мебошад. Ҳамчунин зарурати эҷод ва эҳёи забони илмии тоҷикӣ кайҳо расидааст, ки ин ҳам аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини муҳаққиқон ва зиёиён, аз ҷумла Институти забон ва адабиёт, аст».

Дар партави дастуру раҳнамоии Президенти кишвар ва ба манзури рушду такомули забони тоҷикӣ муҳаққиқон ва коршиносони соҳа «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»(дар ду ҷилд) ва «Донишномаи Рӯдакӣ»-ро таҳия ва ба чоп расонданд. Ҳамчунин дар ин давра дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таҳияи «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» дар шаш ҷилд оғоз гардид.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2007 соли 2008 Соли забони тоҷикӣ эълон гардид ва дар ҳамбастагӣ бо 1150-солагии устод Рӯдакӣ дар саросари кишвар бо шукӯҳу азамат таҷлил гардид.

Бо дарки он, ки муқаррароту меъёрҳои Қонуни забони дар даврони шӯравӣ таҳия ва қабулгардида дар бисёр маврид эҳтиёҷу талаботи ҷомеаро дар истифодаи забони давлатӣ натавонистанд ба пуррагӣ

амалӣ созанд, бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардид ва 5 октябри соли 2009 бо имзои Президенти кишвар тасдиқ гардида, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини фаъолияташ ба ҳайси роҳбари давлат – дар баробари анҷом додани вазифаҳои мураккаб ва печидаи марбут ба таҳкими сохтори сиёсии давлат, омода ва баргузор намуданиислоҳоти иқтисодӣ ва ҳалли маҷмӯи масъалаҳои мубрами ҳаёти давлатӣ – ҳамеша бар он мекӯшад, ки соатҳое ҷудо кунад, то бо ҳамватанон дидору мулоқотҳо ороста, сухан аз омӯзиш ва гиромидошти арзишҳои миллӣ бикушояд ва мардумро ба роҳи фарогирӣ ва сабақандӯзӣ аз таърихи миллати хеш ҳидоят намояд. Дар ин замина Президент Эмомалӣ Раҳмон нахустин қадамеро, ки барои худшиносӣ ва огоҳии миллӣ тавсия медиҳад, гиромидошти забон аст. Сарвари давлат забонро появy бунёди ҳастии миллат медонад ва бо далелҳои муътамад нишон медиҳад, ки эҳёи давлатдории миллии тоҷикон пас аз ҳукмронии дусадсолаи арабҳо аз ба саҳнаи сиёсӣ баргардондани забони модарӣ оғоз гардидааст. Ва бо рӯй овардан ба саҳифаҳои таърих иброз медорад, ки барои гузаштагони мо ифтихор аз Ватан ва забон ҳамеша ангезандаи эҳсоси олӣ буда, дар ҳама давру замон аз ҷумлаи мафҳумҳои муқаддастарин арзёбӣ гардидааст.

Ҳамчуноне ки таърих шаҳодат медиҳад, дар воқеъ ҳам бо ба майдони сиёсат зуҳур намудани Тоҳири Пӯшанҷӣ, Яъқуби Лайси Саффорӣ растохези бузурге дар ривоҷ додану ба кор гирифтани забони тоҷикӣ (дарӣ) ба ҷои арабӣ оғоз шуду батадриҷ суръат гирифт ва ин давра ба ривоҷи забону адаби тоҷикӣ замина гузошт, ки баъдан дар замони Сомониён ҳарчи бештар ба масобаи забони меъёрӣ ва расмӣ неруманд шуд.

Пуштибонии Сомониён аз шоирону адибону донишмандон ва тарҷумаи матнҳои ғайритоҷикӣ ба тоҷикӣ (дарӣ) забони тоҷикиро забони дониш, адаб ва сиёсат гардонид, шаҳрҳои Бухоро, Балх, Самарқанд, Хоразм, Хуҷанд, Бадахшон, Фарғона, Чоч, Фороб, Қубодиён, Хева, Марв, Нисо, Абевард ва дигарҳо ба марказҳои илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ табдил гаштанд, ки Бухоро меҳвари онон буд. Ин муҳимтарин давроне аз таърихи миллати мо ва тамоми нажоди ориёӣ аст, ки сарнавишти ояндаи миллатҳоро таъйин сохт ва донишмандон, адибон, файласуфон, шоирон ба ҷаҳон осори гаронмояро тақдим карданд ва ҷойгоҳи шоисташу эътирофи ҷаҳониёнро ба адабу афкори баланди тоҷикон ба даст оварданд.

Аҳди Сомониён – давраи тиллоии давлатдорӣ, даврони дар авҷи таҷаллӣ қарор доштани илму фарҳанги миллӣ – беш аз асре тӯл накашид ва халқи тоҷик ба роҳи дарози таърихӣ, роҳе пур аз имтиҳонҳои сахту сангин, саршор аз таҷовузи душманон, саркӯбҳои хушунатомез, сахтиҳо, озору азият раҳсипор шуд, то ин ки фақат баъд аз даҳ садсола соҳиби давлате бо марзҳои ба маротибаҳо хурдшуда

гардад. Вале ҷолиб ин аст, ки миллати тоҷик на танҳо он ганҷинаеро, ки дар бағал дошт, дар он шебу фарозҳои пурхатари роҳи ҳазорсола гум накард, балки болои он боз ганҷҳои гаронбаҳо илова карда, барои муосирон ва ояндагон армуғон овард. Президенти кишвар дар ин бора гуфтааст: «Талошу кӯшиш ва андешаи истиқлол миллати моро ҳатто баъди сукути давлати Сомониён ва дар давраҳои ҷабру зулми сулолаҳои бегона қувват бахшидааст, ки аз шебу фарози таърих, аз озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо бо сарбаландӣ гузашта, забони модарӣ, илму адабиёти оламгир, анъанаву суннатҳои неки таърихиву фарҳангӣ ва, муҳимтар аз ҳама, ҳувият, худогоҳӣ ва худшиносии миллиро то замони мову шумо расонад».

Мавҷудияти забони мукаммали тоҷикӣ ва шоҳкорҳои адабиву илмӣ ба забони тоҷикӣ мӯҷиб шуд, ки халқи тоҷик дар тӯли ҳазор соли бенасибӣ аз давлату давлатдорӣ аз байн наравад. Зеро онҳое, ки бар ӯ ҳукумат мекарданд ва ӯро дар панҷаи зулму асорат нигоҳ медоштанд, ҳамвора ниёз ба забони ӯ ва неруи эҷодкориву созандагии ӯ доштанд. Забони тоҷикӣ – офаридаи миллати тоҷик – нигаҳбони ҳастии ӯ дар тӯли садсолаҳо гардид.

Шукри неъмати истиқлол, ки забони тоҷикӣ дар гаҳвораи худ боз аз сари нав, чун ҳазор сол пеш, забони расмӣ шуд ва мақоми пешина ва деринаи худро касб кард.

Нуктаи равшан аст, ки дар даврони шӯравӣ халқи тоҷик истеъдодҳои нуҳуфтаи фаровонеро ба фаъолият расондаву нависандагону шоирони зиёдеро дар арсаи адабиёт парвариш дод, ки дар заминаи

насру назм осори ҷолибе ба вуҷуд овардаанд. Ба шарофати хидматҳои устод Садриддин Айнӣ ва устодон Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Лоиқ Шералӣ ва дигар суханварон забони осори бадеӣ ба сатҳи қобили мулоҳизае бардошта шуд.

Вале дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон забони тоҷикӣ, ки мақоми баланди забони давлатиро соҳиб шудаву ҳавзаҳои истифодааш густариш пайдо намудааст ва бар ҳайси забони сиёсат, иқтисод, илм, қонунгузорӣ, фарҳанг корбурд мешавад, ба нерумандии бештар ниёз дорад. Ва ин давра, беш аз ҳар даврони дигар, азму иродаи созанда ва дастгириву пуштибонии самимонаи ҳамаи соҳибзабононро тақозо мекунад, ки рушду такомули ин забони асилро – бо назардошти талаботи замони нав – марҳала ба марҳала таъмин намоянд, ба тавоноиаш биафзоянд, онро аз ҳар гуна газандҳо ҳифзу ҳиросат намоянд ва аз вожаҳои бегона поку беолоиш нигоҳ доранд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон – бо дарки амиқи масъулияти хеш бар ҳайси роҳбари сиёсии кишвар – ба ҷойгоҳи забон таваҷҷуҳи беандоза дорад ва забони тоҷикӣ, дар андешаи ӯ, бар масобаи яке аз рукнҳои асосии ҳувияти миллии тоҷикистониён аз мавқеияти хосае бархӯрдор мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон мутмаин аст, ки як риштаи пайванди неруманди таърихии муҳимро ҳамин забону адабиёти тоҷик ташкил додааст. Ва Сарвари давлат ишқу алоқа ба забону адабиёт ва гиромидошти анъанаҳои миллиро аз ҷониби тоҷикон сабаби

асосии дар арсаи таърих пойдор мондани миллати тоҷик арзёбӣ мекунад ва муътақид аст: ин ду омил дар ҳамҷоягӣ чун сипаре будаанд, ки пайкари миллатро аз тирҳои кушанда, ки душманони фарҳанги тобноки мо ба таври фаровон ба ҷониби ниёгони мо ҳаво додаанд, ҳифз намудаанд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон дар тайи ҳамаи солҳои роҳбарӣ бар кишвар ҳамеша саъй ба тақвияти забону адабиёт дорад. Муҳимтарин унсур ва умдатарин коре, ки Сарвари давлат барои равнақ бахшидан ба забону адабиёти тоҷик кардааст, суханрониҳои саҳеҳу фасеҳи ӯст, ки эрод кардааст ва бо хитобаҳои пурмазмун арзишу аҳамияти забонро ба таври табиӣ ба миллат ва бавижа ба зиёиён, интиқол намудааст. **Агар суханрониҳо ва хитобаҳову даъватҳои Сарвари давлатро бо гуфтаву навиштаҳои бисёри дигар аз адибону суханварон ва равшанфикрон муқоиса кунем, хоҳем дид, ки суханрониҳои Эмомалӣ Раҳмон дар риояи забони меъёрӣ намунаи беҳтарин барои пайравӣ мебошанд.** Аз ин рӯ, бидуни тардид ин суханрониҳо муҳимтарин унсур ва умдатарин роҳ барои таблиғи равнақ бахшидан ба забони тоҷикӣ мебошанд.

Сухан гуфтани Сарвари давлат бо баёни гиро ва комилан маҷлисоро, бо оҳанги сайқалхӯрда ва оинагун бисёр асаргузор аст. Ин суханрониҳо мисли шишаи шаффоф ва дурахшон мебошанд. Лаҳни сайқалӣ ва каломи фасеҳ ҳунари волоест ва ҷавонони таҳсилкардаи мо бояд донанд ва омӯзанд, ки чӣ гуна бояд суханронӣ кард. **Бидуни муболиға, Президент Эмомалӣ Раҳмон барои насли ҷавон дар заминаи сухангӯӣ як устоду омӯзгори қобили пайравӣ аст.**

Дар баробари суханрониҳо, китобҳо ва мақолаҳои Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки тайи солҳои гузашта эҷод ва интишор шудаанд, дорои аҳамияти бузург мебошанд. Ин осор, дар баробари аз лиҳози маънову муҳтаво хеле бозарфият будан, аз назари сабку услуб ва нигориш хеле суфтаву равон аст. Ин китобҳову мақолаҳо ба сифати намоёнгари қудрати баёни андеша хеле арзишманд мебошанд.

Бо фармони Президенти мамлакат Соли бузургдошти забони тоҷикӣ эълон гардидани соли 2008, қабули Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», таъсис шудани Кумитаи забон ва истилоҳот дар назди Ҳукумати мамлакат, таъсиси «Конуни забони тоҷикӣ», таҳия ва қабули «Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2016», таъсис шудани маҷаллаи илмии «Забоншиносӣ», нашрияи миллӣ эълон гардидани маҷаллаи муътабари адабии кишвар «Садои Шарқ», дар маркази диққати ҳамешагии хеш қарор додани иҷрои муқаррароти Қонуни забон, ҳамгунсозии истилоҳоти соҳаҳои гуногун, риояи меъёрҳои забони давлатӣ ва, дар маҷмӯъ, татбиқи сиёсати давлатии забон нишонаи ғамхорӣ ва пуштибонии Сарвари давлат баҳри рушду такомули забон мебошанд.

Хидматҳои Эмомалӣ Раҳмон **ба унвони муҳаққиқи равандҳои умдаи забон ва назариётчӣ, ки роҳҳои беҳтарини омӯзиш ва фаро гирифтани забони тоҷикиро баён намудааст, дорои аҳамияти бузурганд.** Ва агар ҳам бихоҳем ба таври фишурда нуктаҳои бунёдии дар ҳавзаи забон баёнкардаи Президент Эмомалӣ Раҳмонро номбар кунем, феҳристи дарозе ҳосил хоҳад шуд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикиро рукни муҳими ҳувияти миллӣ номидааст. Ва ин бесабаб нест, чунки забон на фақат воситаи муҳимтарини иртиботи инсонӣ ва падидаи иҷтимоист, балки нишонаи асосӣ ва муайянкунандаи асолати миллат мебошад. Таърихи пур аз шебу фарози тоҷикон пас аз фурӯпошии Давлати Сомониён, ки миллати фарҳехтаи мо дар тӯли ҳазор сол, ба ҷуз забон, аз дигар омилҳои миллатсоз маҳрум буд, вале бо вуҷуди ин аз кӯраи озмоиши сахту сангин бо сарфарозӣ гузашт ва низ ба мавҷудияти адабиёти оламгираш, ки ҷавҳарашро ин забони зебову шево ташкил мекунад, соҳиби давлату давлатдорӣ шуд, қотеътарин далели ҳувияти миллӣ будани забони тоҷикӣ аст. Бино бар ин, Сарвари давлат таъкид менамояд, ки ҳар як фарди соҳибзабон бояд забони модарӣ ва ба воситаи он ҳувияти миллӣ ва фарҳанги миллии худро ҳифз кунад ва гиромӣ дорад. Ҳеҷ фаромӯш насозад, ки забони модарӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва сарчашмаест, ки тоҷиконро ба асолати миллӣ пайванд додааст.

Президент Эмомалӣ Раҳмон, бо натиҷагирӣ аз даврони кӯтоҳ, аммо пурмуҳтавои истиқлолият, таъкид менамояд, ки забони тоҷикӣ – бар ҳайси рамзи ҳувияти миллӣ – аз ҷумлаи омилҳои муттаҳидкунандаи миллат мебошад. Ӯ мегӯяд: «Бо гузашти бист сол мо амиқан дарк намудем, ки забони тоҷикӣ ҳамчун рамзи ҳувияти миллӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ аз ҷумлаи омилҳои асосии муттаҳидкунанда ва пайвандгари миллат мебошад».

Омили муттаҳидкунанда ва пайвандгари миллат будани забон аз хусусияти бунмояи адабиёт будани

он бармеояд. Омӯзиши жарфи таърихи фарҳанги миллат ба Президент Эмомалӣ Раҳмон кумак намудааст, то қудрати адабиётро ҳамчун ҷилваи боризе аз тавоноиҳои инсонӣ ва афзункунандаи қудрати забону баёни инсон ташхис намояд. Ва маслиҳат медиҳад, ки аз зарфияти адабиёт ва уфуққҳои фарохе, ки он пеши ҳар инсони огоҳ боз менамояд, ҳамватанон, пеш аз ҳама ҷавонон, набояд ғофил бимонанд.

Дар тавзеҳи боз ҳам равшани гуфтаҳои боло Президент Эмомалӣ Раҳмон самимитарин бархӯрдро бо забон ва гиромӣ доштану муқаддас шуморидани онро дар омӯхтан ва фаро гирифтан мебинад. Аз ин рӯ, мегӯяд: «Донистани забони модарӣ эҳтиром ба миллат ва гузаштаи хеш мебошад».

Аслан ҳадафи ҳар иқдому тадбире, ки дар ҳавзаи забон ба амал меояд ва ё ҳар нуктаву назаре, ки дар робита бо забон гуфта мешавад, омӯхтан ва ба кор гирифтани зарфият ва тавонмандии забон мебошад. Яъне даъватҳои Президенти кишвар, хоҳ ба манзури таҳкими мақоми забони давлатӣ ва хоҳ барои поку беолоиш нигоҳ доштани забон, садо диҳанд, ҳадафашон аз ҷониби ҳама ва ҳар шаҳрванд омӯхтани забон ва корбурди саҳеҳ ва дурусти ин лафзи шевою ширин мебошанд. Аз ин рӯ, ба нуктаҳову андешаҳо ва пешниҳодҳои судманди Сарвари давлат, ки бобати роҳу тарзи ҳалли мушкилоти мавҷуда дар ҳавзаи забон иброз доштааст, аз ҳамин нуқтаи назар бояд нигарист.

Равшан аст, ки муҳимтарин масъалае, ки дар пеши роҳи инкишофи забон қарор дорад, масъалаи муқаррар намудани меъёрҳои забони адабӣ мебошад. **Танҳо дар сурати ба амал овардани меъёрҳо ва**

**қоидаҳои равшани забони адабӣ мо метавонем ба пешрафт дар ҷорӣ кардани забони умумитоҷикӣ ноил гардем.**

Хусусияти хоси забони тоҷикӣ ин аст, ки забони адабӣ аз забони гуфтугӯӣ фарқи назаррас дорад. Бар ҳасби шароити таърихӣ ва мавқеи ҷуғрофии ватани тоҷикон соҳибзабонон дар маҳаллу нуқоти гуногун ба лаҳҷаҳо ва шеваҳои мутафовут ҳарф мезананд. Бо назардошти чунин вазъи истифода аз забони тоҷикӣ, ҳанӯз дар ибтидои асри гузашта устод Садриддин Айнӣ бар садад баромада буд, ки дар тамоми марзу нуқоти Тоҷикистон **забони ягонаи адабии тоҷикӣ – забони меъёрро** интишор диҳад. Устоди бузурги адабиёти тоҷик – бо мақсади ҳарчи зудтар ва осонтар ба зеҳну тафаккури аҳли миллат расонидани калимаҳои забон – таркиби луғавии онро аз калимаҳои душворҳазми арабиасос ва луғатҳои пурдабдабаву пуртакаллуф покиза намуда, аз ҳисоби калимаҳои барои бештари маҳалҳо шинос ва маъмул забони адабии ҳозираро тадвин намуд. Вай таълим медод, ки забонро фақат ба тарзи амалӣ мешавад фаро гирифт. Аммо раванди минбаъдаи омӯзиши забон, ки ба дасти дигарон – онҳое, ки аз фарҳанги пешрафтаи миллати рус дар мавриди лозиму нолозим пайравӣ мекарданд, афтод, бар хилофи нишондодҳои устод ҷараёни дигареро пеш гирифт.

Барои ҳар миллати мутамаддин пеш бурдани тамоми илмҳои муосир зарур аст. Бидуни шубҳа, илми забоншиносии тоҷик аз илмҳоест, ки пешрафти хосаеро касб кардааст. Вале дар мавриди омӯзиши рукни асосии фарҳанги миллат, ки он ҳамоно забон

аст, бояд хеле боназокат ва эҳтиёткорона рафтор кунем. Дар ин маврид вазифаҳои мактаби миёна ва мактаби олиро аз ҳам ҷудо намоем. Мактаби ибтидоӣ ва миёна – ҷои савод омӯхтан ва дониш андӯхтан; ва мактаби олӣ ҷои фаро гирифтани илм ва конуни омӯзиши роҳу усули тадқиқот ва таҳқиқоти илмӣ аст.

Президент Эмомалӣ Раҳмон аз худ кардани забони модариро аз ҷониби наврасону ҷавонон ва густариш додану дар тафаккури миллӣ пойдор кардани онро ҳамчун забони давлатӣ масъалаи муҳими давлатӣ ва вазифаи муқаддаси мактабу маориф муайян кардааст.

«Забон хишти аввалини кохи миллат буда, яке аз рукнҳои асосии давлати миллӣ ва нахустунсури тафаккури миллӣ мебошад», – мегӯяд Сардори давлат ва тавзеҳ медиҳад: «Таърих гувоҳ аст, ки агар забон ва фарҳанги миллӣ аз байн раванд, миллат низ дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад».

Сарвари давлат дар амри ба таври ҷиддӣ бо доираи омӯзиши забони адабӣ фаро гирифтани мактабиён нақши ду конуни иҷтимоӣ – оила ва мактабро хеле бузург арзёбӣ менамояд. Президенти кишвар нақши падару модарро дар соҳибмаърифат кардани фарзандон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона зикр намуда, тавсия медиҳад, ки ҳар як падару модар бояд дар тарбияи забономӯзии фарзандони худ масъулияти бештаре дошта бошанд. Ӯ иброз медорад, ки омӯзиши забони модарӣ, ки нахуст аз хонавода, кӯдакистон ва мактаб оғоз мешавад, пеш аз ҳама, аз

падару модар ва муаллим ба хотири ҳифзи асолати миллӣ ҷиддият ва қатъияти тамомро дар донистани забон дар тарбияи наслҳо тақозо дорад.

Нақши волидайн на танҳо дар фаро гирифтани забони модарӣ, балки дар ёд гирифтани гуфтори фасеҳ бо ин забони латифу шоирона ниҳоят бузург аст. Дар ин замина бахусус накши модарон болотар аст.

Нақши падару модар дар пайгирии машқу тамрини забономӯзии фарзандон дар хона бисёр дорои аҳамият мебошад. Волидон, ки нисбат ба муаллимон вақти бештареро бо фарзандонашон мегузаронанд, метавонанд назоратгари гуфтори фарзандонашон ва рафтори куллии онҳо ва кумакрасони қудратманде дар ин замина бошанд.

Рушди забони кӯдак бо мизони сухангӯии падару модар бо кӯдак робита дорад. Омилҳои муҳитии гуногун дар сухангӯии кӯдак таъсир доранд. Кӯдакони хонаводаҳои таҳсилкарда ва тарбиятшуда бо вожаҳои дуруст ва суханҳои шоиста сари кор мегиранд ва аз онҳое, ки аз ин неъматҳо маҳруманд, фарқ мекунанд. Яъне ки падару модар, пеш аз ин ки ба кӯдак унс гирифтан бо китобро омӯзанд, бояд худашон китоб хонанд ва ҳамеша дар фикри такмили дониш ва боло бурдани сатҳи ҷаҳонбинии худ бошанд.

Падару модар бояд фарҳанги китобхонӣ ва мутолиаро ба фарзанд омӯзанд. Кумак ба фарзандон дар интихоби китобҳои хуб ва мавзӯъҳои ҷолиб яке аз вазифаҳои муҳими волидайн аст. Баъзе аз одамон гумон мекунанд, ки барои соҳибмаълумот шудани фарзандон хондани фақат китобҳои дарсӣ басанда аст. Албатта, ин фикри нодуруст аст ва падару модар бояд

бо ташвиқи фарзандон ба мутолиа роҳи донишафзоии ононро ҳамвор созанд ва одати китобхониро дар фарзандон ба вуҷуд оваранд.

Беҳтарин муаллимони кӯдак падару модар ҳастанд, ки аз забон омӯхтан ва дониш андӯхтан пуштибонӣ карда, онҳоро ба китобдӯстӣ ташвиқ мекунанд. Гироиши дуруст ба омӯзиш муҳимтарин дарсест, ки кӯдакон аз падару модар ёд мегиранд. Нақши падару модар дар ин ёдгирӣ калидӣ аст. Мактаб метавонад фақат бар малакаву одати кӯдакон, ки дар оила ҳосил шудааст, афзояд.

Барои касби муваффақият на танҳо дар омӯзиши забон, балки дар фарогирии ҳар фанни дигар дахолати хонаводаи мактабхон ба унвони як омили фаъол бисёр муҳим мебошад. Ба назар мерасад, ки бидуни чунин дахолате аз сӯи хонавода таъсири барномаҳои омӯзишии мактаб аз байн меравад. Ва дар сурати дахолати фаъоли волидайн дар ҳар иқдоми муҳими мактаб таъсироти барномаҳои омӯзишӣ тақвият пайдо мекунад.

Падару модарон барои таҳрик намудани завқи кӯдакон бояд онҳоро ба хондани китобҳои бадеӣ ва афсонаву ҳикояҳои ҷолиб ташвиқ намоянд. Нахуст худашон барои кӯдак китоб хонанд ва батадриҷ онро водор ба китобхонӣ кунанд. Бо подош додан ба талошҳои гуфтории фарзанд дар ӯ нисбат ба алоқаманд шудан ба китобхонӣ ангеза эҷод намоянд. Барои фарзанд шунавандаи хуб бошанд ва мавриде, ки ӯ китоби хондаашро бозгӯ мекунад, аз худ таваҷҷуҳи дақиқ нишон диҳанд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон нақши адабиёти тоҷик ва таърихи пайдоиш ва инкишофи адабиёти

классикиро дар фарох сохтани доираи дониши наврасону ҷавонон, аз ҷумла дар ғанигардонии захираи луғавии онҳо, бисёр муассир медонад. Сарвари давлат тавсия медиҳад, ки дар ҳамаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ омӯзиши забони адабӣ бояд дар заминаи адабиёти классикиву муосир ба роҳ монда шавад.

Он чи ки афроди ҳар миллатеро ба ҳам пайванд медиҳад, ҷаҳонбинӣ, хӯю хислат, кирдорҳо, рафторҳо, тарзи гуфтор ва бархӯрд бо ҳамнавъон аст, ки ба таври куллӣ муносибатҳои иҷтимоиро таъйин мекунад. Дар мавриди тоҷикон ҳеҷ омиле, монанди забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик, баёнкунандаи ин рафторҳо ва хислатҳо нест. Агар тоҷикон сесад китоб мутолиа кунанд, ҳеҷ яке аз онҳо ҷои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва ё «Гулистон»-и Саъдиро-ро нахоҳад гирифт. Беҳуда нест, ки дар забони мо барои ҳамаи мақулаҳои ифодакунандаи ҳолати маънавии инсон, яъне ҷаҳонбинӣ, хӯю хислат, кирдорҳо, рафторҳо, тарзи гуфтор ва бархӯрд бо ҳамнавъон ва амсоли инҳо, **як калима – «адаб»** – истифода мешавад. Вожаи «адаб» аз забони паҳлавӣ омадааст ва баъдан ба забони арабӣ гузаштааст. Ин калима ҳам маънои доштани адабро медиҳад ва ҳам маънои адабиётро. Ба ҳамин ҷиҳат **дар Тоҷикистон ҳастии иҷтимоӣ ва ҳувияти миллӣ бидуни забону адабиёти тоҷикӣ қобили тасаввур нестанд.**

Бино бар ин, роҳи баҳра бурдан аз ин сарчашмаи ғановатманди адабӣ танҳо хондани он аст ва бо ҳеҷ тарзи дигар, масалан, бо тамошои барномаҳои телевизионӣ ва ё филмҳое, ки аз рӯи шоҳкорҳои адабиёти

классикӣ таҳия намудаанд, ин хазинаи бузурги забону адабиётро намешавад аз бар намуд.

Дар чанд даҳсолаи ахир чунин гумони ботиле пайдо шудааст ва имрӯзҳо низ ҳар гоҳе мешунавем, ки гӯё забони тоҷикӣ дар навиштани осори фалсафӣ ва мантиқ оҷиз аст. Онҳое, ки чунин даъвоҳоро мекунанд, яқинан осори ба тоҷикӣ навиштаи Ибни Сино, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно, «Асос-ул-иқтибос»-и Хоҷа Насриддини Тӯсӣ ва садҳо китобҳои ниёгони моро нахондаанд. Аз ин рӯ, бо итминон метавон гуфт, ки забони тоҷикӣ барои баёни хирад, мантиқ ва фалсафа зарфият ва қудрати кофиро доро мебошад.

**Вале мушкили дигаре ва, саҳеҳтар бигӯем, саҳву хатое, ки мо пайваста дар чанд соли охир мекунем, ин аст, ки дар эҳёи забони тоҷикӣ ва ҳини таълими адабиёти асрҳои гузашта мо ба осори адибон ва шоирони дараҷаи даҳуму понздаҳум такя менамоем.**

Матну қитъаҳои шеърӣ, ки аз ин муаллифон дар китобҳои дарсӣ оварда шудаанд, дар баробари душворфаҳм буданашон комилан орӣ аз фасоҳату балоғати фикрӣ мебошанд ва он натиҷаи матлуберо, ки як чунин сарчашмаи муҳими худшиносӣ бояд диҳад, намедиҳанд. Чунин рафтор дар сурате, ки фақат худи «Шоҳнома» метавонад, чун дар аҳди Сомониён, эҳёгари забон бошад ва низ осори дигар бузургони адабиёти классикӣ, ки ба ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои ҷомеаи имрӯзи мо комилан дархӯр мебошанд, аҷиб менамояд. **Аз ин рӯ, баҳрабардорӣ аз осори адабиёти оламшумули тоҷику форс дар мамлакати мо ба ислоҳи ҷиддӣ ниёз дорад.** Адабиёт, қабл аз ҳама,

маъно ва ҳикмат аст, – маъно ва ҳикмате, ки дар қолаби сухани дилчасп, нақли ҷолиб ва бо истифода аз санъатҳои баланди бадеӣ, ташбеҳу истиораву таносуби калом офарида шудааст. Пас бояд дар китобҳои дарсии адабиёт фақат намунаҳое аз осори пур аз маъниҳои баланд, мӯшикофиҳои файласуфонаю ҳакимонаи ниёгон баргузида шаванд, ки тавассути онҳо мактабиён тавонанд ба дунёи афкору андешаҳои баланди башардӯстона ва одобу ахлоқи сутуда роҳ ёбанд ва дунёи маънавии худро ғанӣ гардонанд.

**Забони тоҷикӣ забони маҳаллӣ ва бумӣ нест. Ҷуғрофиёи аслии ин забон аз Мадоин то Агра ва аз Самарқанд то Ганҷа доман густурдааст** ва ин забон он қадар тавоност, ки аз ҳамлаҳои фаровоне худро ҳифз намудааст ва кохҳои баланду устувораш аз боду борон газанде наёфтааст. **Забони тоҷикӣ забони тамаддун, донишгоҳи тафаккур ва ҳофизаи таърихии мост.** Ин забон ба андозае неруманд буду ҳаст, ки на араб тавонист онро нобуд гардонад ва на қабилаҳову тоифаҳои зиёде, ки ба ин марзу бум омаданд ва ҳамагӣ дар ин фарҳанг фурӯ рафтаву гудохта шуданд. Бино бар ин, доштани ҳувияти миллӣ бидуни забони тоҷикӣ ғайримумкин аст.

Ба ин сабаб ҳам Президент Эмомалӣ Раҳмон забону адабиётро аз сарчашмаҳои муҳими худшиносӣ муайян намудааст ва иброз доштааст, ки ҳамаҷониба омӯхтани осори ниёгони бузург ва баҳра бардоштан аз афкори файласуфона ва ҳакимонаи онҳо вазифаи ҳар шахсест, ки худро вориси осори шуҳратманди адабиёти оламшумули тоҷик медонад.

Президент Эмомалӣ Раҳмон насли ҷавонро ҳидоят мекунад, ки осори адибони муосирро низ ҳарчи бештар мутолиа кунанд. Ва ба манзури дастраси хонандагон гардондани осори нависандагону шоирони имрӯз Сарвари давлат ба аҳли қалам бобати чопи китобҳояшон пайваста кумаку ғамхорӣ менамояд. Сол то сол маблағҳое, ки аз фонди захиравии Президент барои нашри китобҳои адибон ҷудо карда мешаванд, зиёд мегарданд. Дар баробари ин Президенти кишвар аз адибон тақозо менамояд, ки асарҳои баландғоя эҷод намоянд ва бо эҷоди асарҳои пурмазмун ва таблиғкунандаи арзишҳои волои милливу умумибашарӣ барои тарбияи кӯдакону наврасон саҳм гиранд.

Дар тайи солҳои гузашта бо маблағҳои ҷудогардида аз ҳисоби буҷети давлат ва фонди эҳтиётии Президент, ки даҳҳо миллион сомониро ташкил медиҳанд, китобҳои илмӣ, ахлоқӣ ва асарҳои геронбаҳои таърихӣ, **ки садсолаҳои дароз дар гӯшаи фаромӯшӣ монда буданд,** чоп ва дастраси мардуми кишвар гардонида шуданд.

Эҳтиром гузоштан ба забони миллӣ омӯхтану аз бар кардани он аст. Инсон, вақте ба чизе дил мебандад, шефта мегардад, ки онро донад ва бо мафҳуму моҳияти он ошно бошад. **Омӯхтан ва ба малакаи гуфтори ҳамешагӣ табдил додани забони адабии тоҷикӣ на фақат аҳамияти фарҳангӣ, балки аҳамияти сиёсӣ дорад.** Имрӯзҳо мушоҳида кардан мумкин аст, ки шеваи гуфтори як маҳал ё минтақа барои намояндаи маҳал ё минтақаи дигар мӯҷиби

тамасхур ва писханд мегардад. Ҳатто баъзеҳо аз гуфтори маҳалли дигар, ки ба назарашон аҷиб намудааст, латифаҳо бофта, дар чойхонаҳо ва дар тӯю маъракаҳо ба ҳамсуҳбатон бо обу ранги махсус нақл менамоянд. Албатта, ин зуҳуроти номатлуб дар мамлакат ҷанбаи саросарӣ надорад, вале мавҷудияти онро касе наметавонад инкор кунад.

Аз ин лиҳоз, **интишор ва густариши забони умумитоҷикӣ метавонад ин гуна зуҳуротро аз байн бурда, омили ваҳдату ягонагӣ ва ба партоби таърих сарнагун шудани ҳисси маҳалгарой ва худхоҳӣ гардад.**

Барои даст ёфтан ба густариши забони умумитоҷикӣ Президент Эмомалӣ Раҳмон тавсия мекунад, ки забони давлатиро бояд бар пояи меъёрҳои адабӣ устувор сохта, онро аз ҳама гуна қолабҳои сунъии бегона ва унсурҳои лаҳҷавӣ озод кардан лозим аст. Ӯ таъкид мекунад, ки инкишофи устувори забонро танҳо дар асоси риояи қоидаҳо ва қонуниятҳои меъёрӣ ва таърихии он таъмин кардан мумкин аст. Сарвари давлат нақши расонаҳоро дар ҳалли ин масъалаи муҳим нақши бузург арзёбӣ намуда, иброз доштааст, ки дар ин самт рӯзномаву маҷаллаҳо, радиову телевизион ва дигар воситаҳои иттилоотӣ бояд иштироки фаъолона дошта бошанд. «Ташкили барномаҳои махсуси ҷолиб тавассути шабакаҳои радиову телевизиони марказӣ ва маҳаллӣ роҷеъ ба забони тоҷикӣ, тарғибу ташвиқи асолати он ва танзими фаъолияти воситаҳои таблиғоту иттилоот бо забони давлатӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини рӯз ме-

бошанд. Вале бояд гуфт, ки фазои иттилоотӣ танҳо аз рӯзномаву маҷалла ва шабакаҳои радиову телевизион иборат набуда, балки он имрӯз дар шароити пешрафти босуръати технологияҳои компютерӣ ва Интернет хусусияти умумимилливу умумифарҳангӣ пайдо кардааст ва аз мактабу маориф шурӯъ карда, то одитарин роҳҳои ирсоли маълумот ва дигар воситаҳои алоқаро фаро мегирад».

Президент Эмомалӣ Раҳмон масъалаи **ба забони илм табдил додани забони тоҷикиро** яке аз масъалаҳои бисёр муҳими инкишофи забони модарӣ ҳисоб мекунад. Бар асоси таваҷҷуҳи хосе, ки ба забони тоҷикӣ дорад ва талошҳое, ки барои пешрафти кишвар мекунад, Президенти ҷумҳурӣ муътақид бар он аст, ки дар Тоҷикистон илмро набояд бо дигар забон пеш бурд ва чунин фикрҳоро комилан намепазирад, ки гӯё забони тоҷикӣ қобилияти баёни мафҳумҳои илмиро надорад. Сарвари давлат махсусан таъкид медорад, ки забони тоҷикӣ бояд забони илм шавад. Ӯ дар ин замина оид ба **масъалаи истилоҳот ва махсусан таҳияи истилоҳоти илмӣ, ки барои ба забони илм табдил ёфтани забони модарии мо аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва аз масъалаҳои ҳалталаб барои ҷомеаи мо ба шумор меравад,** дастур медиҳад, ки барои ҳарчи зудтар ба ҳадаф расидан – аз олимони ботаҷрибаи соҳаҳои гуногун гирифта, то корманди одӣ – дар ин кори ҳаётан муҳим саҳм гиранд.

Равшан аст, ки забони тоҷикӣ фақат дар сурате ҳамчун забони илму фарҳанг инкишоф меёбад ва

мавриди истифода қарор мегирад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда шавад. Ва Президент Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, ки зарурати таҳияи истилоҳоти илмӣ барои ҳавзаҳои гуногуни забони тоҷикӣ на фақат вазифаи илми забоншиносӣ, балки масъалаи умдаи сиёсати давлат оид ба забон, бахусус забони давлатӣ, мебошад. Бо назардошти ин нукта, ба хотири такони тоза бахшидан ба кори сохторҳои илмӣ, идорӣ ва ба манзури танзими истилоҳот, аз ҷумла истилоҳоти илмӣ, фаъолияти коргузорӣ, ҳифз ва покиза нигоҳ доштани забони адабӣ, мусоидат ба ҳалли масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълими забони давлатӣ ва, муҳимтар аз ҳама, риояи ҳатмии Қонуни забон аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандон Президент Эмомалӣ Раҳмон ба таъсиси сохтори нави мустақил – Кумитаи забон ва истилоҳот – иқдом намуд.

Кумитаи мазкур, ки ба фаъолияти худ соли 2009 оғоз намудааст, ягона ниҳоди ҷумҳуриявӣ дар амалӣ сохтани сиёсати давлат дар масъалаҳои марбут ба забони давлатӣ маҳсуб мешавад. Кумита, ки дар амри танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, назорати иҷрои муқаррароти Қонун ва риояи меъёрҳои забони адабӣ масъулияти муҳимро ба уҳда дорад, дар ин муддати кӯтоҳ корҳои арзишмандеро ба анҷом расондааст. Таҳияи «Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2016», таҳия ва пешниҳоди «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», тадвину нашри «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» аз ин ҷумла мебошанд. Кумитаи забон ва истилоҳот – якҷоя бо Прокуратураи генералӣ – назорати иҷрои нуктаҳои Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷи-

кистон»-ро дар фаъолияти тамоми вазоратҳо, идораҳо, ташкилоту корхонаҳо ва мактабҳои олӣ таъмин менамояд. Кумитаи забон ва истилоҳот бо фаъолиятҳои муҳиму самарбахшаш дар арсаи сиёсати давлатии забон аз ҳоло натиҷаҳои хуб ба даст овардааст.

Масъалаи муҳими дигаре дар ҳавзаи забон, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи олимони соҳаи забон, адибону рӯзноманигорон, умуман соҳибзабононро бар он ҷалб менамояд, **масъалаи ғанигардонии таркиботи луғавии забон** мебошад. Сарвари давлат дар ин бора гуфтааст: «Ҳар миллат ва қавме, ки ба густаришу рушди фарҳанг ва маънавиёти хеш рӯ меорад ва мехоҳад, ки по ба пои равандҳои ҷомеаи пешқадами ҷаҳонӣ қадам бардорад, ногузир бояд ганҷина ва захираи луғавии худро ҳамеша ғанӣ гардонад, забони адабиро сайқал диҳад ва рушди умумии забонро бар асоси меъёрҳо ва қонунмандиҳои инкишофи таърихии он таъмин созад».

Тағйироти таркиботи луғавии забон як раванди табиист. Забон, ба монанди як организми зинда, ҳамеша дар ҳоли таҳаввулу тағйир аст, – ё рушд менамояд ва ё ба харобӣ меравад. Албатта, мафҳумҳои «рушд» ва «харобӣ» дар иртибот бо забон нисбӣ ҳастанд ва метавонанд ба сифати ҷанбаҳои рушди табии забон дарёфт гарданд. Вале бо ин ки раванди таҳаввули забон як амри ногузир аст, ба рушд расониадан ва ё ба харобӣ кашондан фарояндҳои комилан идорашавандаанд. Яъне агар соҳибзабонон, ба гуфтаи Президент Эмомалӣ Раҳмон, дилсӯзона ва масъулиятшиносона дар садади ҳифзу ҳиросати забон бошанд, вуруди анбӯҳи калимаҳо ва таркибҳои ба табиати за-

бони мо бегонаро роҳ надиҳанд,он гоҳ метавонем забонамонро ҳамчун як забони мустақил, бо ҳама зебоиву тавоноияш ва хушоҳангиву дилпазириаш, нигоҳ дорем ва ба наслҳои оянда ба мерос гузорем.

Дар шароите, ки забони тоҷикӣ имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба сифати забони расмӣ корбурд мешавад, ниҳодҳои масъули ҳолату вазъияти забон, пеш аз ҳама Кумитаи забон ва истилоҳот, наметавонанд пеши роҳи амалкардҳои номатлубро дар ин ҳавза бигиранд. Зеро миқёси ин амалкардҳои номатлуб ба андозае густурда аст, ки ислоҳи хатокориҳои то имрӯз ба вуҷудомада ва ҳамарӯза ба шумораашон афзудашаванда талоши ҳамагониро тақозо мекунад. Ва чун дар ҳар иқдом, ки Президенти кишвар дар сафи пеши фаъолиятҳои созанда қадам мезанад, ӯ дар ҳалли вазъияти ба амаломада дар забон ва рушду инкишофи минбаъдаи он роҳу равиши дуруст нишон додааст ва андешаҳои судманд иброз намудааст.

**Дар фарояндҳои забонӣ – хоҳ мусбат бошанд ва хоҳ манфӣ – масъалаи вожасозӣ ва вожапазирӣ умдатарин масъала ба ҳисоб меравад.** Вожасозӣ фароягдест, ки тайи он барои як мафҳуми мушаххаси илмӣ, фаннӣ, касбӣ, ҳунарӣ ва ғайра маъмулан як ва гоҳе беш аз як вожа баргузида ё сохта мешавад.

Вожасозӣ дар забони тоҷикӣ собиқаи бисёр дерина дорад ва то ба замони Сосониён мерасад. Дар матнҳои ба забони паҳлавӣ навишташудае, ки ба дасти бостоншиносон расидаанд, истилоҳоти зиёде дар риштаҳои фалсафа, пизишкӣ ва ситорашиносӣ ба назар мерасад.

Ин анъана дар забони дарӣ идома ёфт ва донишмандоне, монанди Ибни Сино, Ғаззолӣ, Носири Хусрав, Афзалиддини Кошонӣ ва дигарон, дар соҳаҳои гуногуни илм ба ёфтани вожаҳои ҳаммаънои порсӣ ба ҷои калимаҳои арабӣ ҳиммат намудаанд.

Аммо аз садаи XII ба баъд аз ин равиш тақрибан пайравӣ нашуд ва иқтибосгирии беҳаддуҳисоб аз забони арабӣ ҷои вожасозӣ ба забони тоҷикиро гирифт, то ин ки саранҷом, пас аз инқилоби Октябр, бо таҳаввулоти бузурге, ки бо соҳиби давлатдорӣ шудани тоҷикон дар ҳайати давлати шӯравӣ дар арсаи иҷтимоӣ падид омад, бо саъю талоши устод Айнӣ коркардҳои тозае бар дӯши забони тоҷикӣ гузошта шуданд ва вожасозӣ назму сомони дар он замон дархӯре ба худ гирифт.

Равандҳои носолими сабабгашта ба фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳамчуноне ки тамоми назму сомони то он замон барқарорро тагу рӯ карданд, **дар ҳавзаи забон низ ҳарҷу марҷ ба вуҷуд оварданд. Озодии сухан аз ҷониби зиёиёни эҷодкор, ки ташнаи дигаргуниҳои куллӣ дар забон буданд, озодии амал низ фаҳмида шуд. Ва онҳо гӯйи сабқатро ба даст гирифтанд ва ҳар касе дар доираи донишу ҷаҳонибинии худ баислоҳи забон камар баст. Ба забони тоҷикӣ, чун дар рӯзи боронӣ, сели шадиде аз вожаҳову таркибҳо рехтан гирифт.**

Равшан аст, ки вақте дар як раванди боназокату эҳтиёттталабу олимона шумораи зиёди одамон – ва на ҳамаву ҳамеша босалоҳият – ширкат мекунанд ва ҳар кас хостаи худро мекунад ва мепиндорад, ки маҳз вожаву таркибе, ки ӯ истифода мекунад, дурусттарин ва

муносибтарин вожаву таркиб аст, забон ба чӣ аҳвол меафтад. Ба ҷои манзараи воқеии забонро тасвир кардан гуфтаи донишманди фарзона Акбар Турсонро овардан кофист: «...Мо дар замони истиқлолият бо дасти худамон ба забон калимаю унсурҳои бегонаро аз забони арабию форсӣ гирифта, ворид карда истодаем. Кор то ҷое расидааст, ки ман ҳатто матбуотро бо луғат мехонам».

Ин суханҳоро шахсе мегӯяд, ки ба забондониву зеҳнияти қавии ӯ шубҳае нест.

Содалавҳӣ хоҳад буд, агар биандешем, ки вожаи бегонаеро бипазирем, осебе ба забонамон намерасад ва таъсири манфии чандоне бар забонамон нахоҳад расонд. Баръакс, ҳар калимаи бегона бо ворид шуданаш ба пайкари вожагонии забон, монанди вирус, шурӯъ ба сироят мекунад.

Гоҳе низ шунида мешавад, ки забон як падидаи пӯё аст ва ба таври ҳатмӣ бо забонҳои дигар додугирифт мекунад ва аз ин рӯ, дар дунё ҳеҷ забони покеро наметавон пайдо кард, ҳатто забони англисҳо ҳам дар таркибаш вожаҳои бегонаи зиёде дорад.

**Ҳадаф аз поку беолоиш кардани забон маънои аз забон берун кардани ҳар калимаи бегона нест, балки бархӯрди хирадмандона бо вожаҳои иқтибосӣ ва посдории забони тоҷикӣ аст.** Барои мисол, агар шумораи вожаҳои иқтибосии забони тоҷикиро бо вожаҳои аз дигар забонҳо ба забони англисӣ воридшуда муқоиса кунем, хоҳем дид, ки дар сурате, ки калимаҳои иқтибосии забони англисӣ танҳо 17-18 дарсадро ташкил медиҳанд, калимаҳои иқтибосии забони тоҷикӣ ба 80 дарсад мерасанд. Ин нишонгари

пӯёии забонамон набуда, баёнгари саҳлангорӣ ва бархӯрди ноандешонаи мо бо вожагони бегона аст.

Забони тоҷикӣ забони тавонманд аст ва агар ба вожаҳои иқтибосӣ ниёз дошта бошад, ин ниёз дар ҳадди ниёзест, ки ҳар забони дигар метавонад дошта бошад. **Ва агар хуб биандешем, ниёзмандии забони мо ба вожаҳои иқтибосӣ камтар аз ниёзмандиҳои забонҳои дигар аст.**

Осеби дигари вожаҳои иқтибосӣ ин аст, ки вижагиҳои савтии забони моро дигар мекунанд. Ҳар забоне вижагиҳои савтии худро дорад ва вожагони нав низ ҳамоҳанг бо ҳамон сохтори савтӣ сохта мешаванд. **Агар вожаҳои иқтибосӣ бо сохтори савтии забони иқтибосгиранда ҳамсадоӣ надошта бошанд, оҳиста-оҳиста сохтори савтии забонро ба вайронӣ мебаранд.**

Аз ҳама нигаронкунанда дар ин тағйирҳо ин аст, ки ҳар қадар сохтори савтии забон дигар мегардад, роҳро барои омадани вожагони бегона бештар ҳамвор мекунад ва соҳибзабонон пас аз муддате бо сохтори савтии забони худ бегона мешаванд ва ба сохтори дигаре хӯ мегиранд.

Вожагони бегона дар зоҳир як гурӯҳ вожаанд, ки вориди забон шудаанд, вале дар ботин равишу тарзи вожасозӣ ва сохтори забони манбаъро дар худ нигоҳ доштаанд ва хатари ворид шудан ба забони иқтибосгиранда аз онҳо ҳамеша боқӣ аст. **Яъне на танҳо вожаҳои иқтибосӣ ҷойро барои вожаҳои тоҷикӣ танг мекунанд ва сохтори савтии забонро хароб менамоянд, балки сохтори умумии онро низ дигаргун месозанд ва зояндагии онро аз байн мебаранд.**

Ҳақиқат ин аст, ки мо барои сохтани вожа ба суроғи равишҳои забони худ намеравем, балки равишҳои осонтари забони бегонаро бармегузинем ва ин бештару бештар сохтори забонамонро вайрон мекунад ва зеҳни моро бо равишҳои забони бегона беш аз пеш унс мегиронад. Ва ин унсгирӣ тавоноии забонро коста мегардонад.

Бо ин ки ниёзи имрӯзи мо ба равишҳои фаромӯшшудаи вожасозии забонамон бештар аз ҳар замони дигар аст, вале аз он ҷо, ки вожаҳои иқтибосӣ гардишҳои бунёдине дар забону андешаи мо ба вуҷуд овардаанд, зинда кардани он равишҳо рӯз аз рӯз душвортар ва ҳатто имконнопазир мегардад.

Хулосаи сухан ин, ки вожаҳои забони бегона, ҷуз маҳдудият ва нотавонӣ, барои забони мо армуғоне намеоваранд. **Мо, агар мехоҳем пешрафти илмиву фарҳангӣ дошта бошем, бояд тавонем ба забони худ илм тавлид кунем ва – то метавонем – ба асли забонии хеш бозгардем.** Ва аз он ҷо, ки забони тоҷикӣ бо забонҳои илмии имрӯзи дунё ҳамхонавода ва ҳамсохтор аст, метавонем умедвор бошем: бозгашт ба асли забони тоҷикӣ то ҳадди зиёде моро аз ин парешониҳо ва ошуфтагиҳои забонӣ мераҳонад. Вожапазирии фаровони забони тоҷикӣ – нахуст дар асрҳои миёна аз забони арабӣ, сипас аз забонҳои туркӣ ва ахиран аз забони русӣ – **ба фаромӯш шудани бисёре аз тавоноиҳои забонамон анҷомид.** Вале бо вуҷуди ин, агар аз **имкониятҳои нуҳуфтаи забонамон,** ки ҳанӯз ба таври боястӣ истифода нашудаанд, бо пайравӣ ба ниёгони бузургамон барои бозсохтани як забони пуртавон талош намоем, ба пирӯзӣ даст хоҳем

ёфт. Пас бояд чӣ корҳоро анҷом диҳем, ки ҳарчи пештар ба ин ҳадаф ноил гардем?

Президенти кишварамон ба ин пурсиш дар оғози марҳалаи нави таҳким ва рушди забони давлатӣ дар соли 2009 посух додааст. Агар ҳама афкору андешаву роҳу равиши дар ин замина ибрознамудаи Президент Эмомалӣ Раҳмонро барчинем, феҳристи чорабиниҳо ва иқдомҳо ба таври куллӣ аз ин қарор хоҳад буд:

**1. Вожапазирӣ ва вожасозии дуруст бо истифодабарии сарчашмаҳои муносиб;**

**2. Корбаст, таъмин ва назорати риояи забони давлатӣ дар ҳамаи ҳавзаҳои истифодаи забон. Интихоби роҳу равиши муносиби омӯзиш додани забони модарӣ.**

## 1. Вожапазирӣ ва вожасозии дуруст бо истифодабарии сарчашмаҳои муносиб

Имрӯзҳо забони тоҷикӣ дар даврони бесобиқае аз таърихи мавҷудияти худ қарор дорад. Ин даврон аз ин ҷиҳат бесобиқа аст, ки дар як замон ҳам таҳавуллоти бузурги сиёсиву иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳам пешрафтҳои босуръати илмиву фановарӣ ба амал омадаанд ва илму фановарӣ рӯз аз рӯз ба суръаташ меафзояд. Ва ин ҳама дигаргуниҳои куллӣ ба дӯши забон, ки як падидаи таҳаввулпазир аст, бори вазнине аз ҳазорҳо вожаву таркиб гузоштаанд. Тасаввур кардан душвор нест: дар забони мардуми кишваре чун Тоҷикистон, ки ҳанӯз ду даҳсола пеш риштаҳое, монанди сиёсатшиносӣ, иҷтимоъшиносӣ, низоъшиносӣ, ки ҷавҳари мақолаҳову маводи расонаҳои имрӯз бо

онҳо маҳкам алоқаманд аст, надошт, чӣ селе аз вожаҳову таркибҳо ба вуҷуд омаданд! Агар тасаввур кунем, ки фақат барои ба шеваи имрӯз, яъне ба забони тоҷикӣ, гуфтани он дарёе аз вожаҳои русӣ, ки ҷойгоҳи мустаҳкамеро дар гуфторамон доштанд, чӣ шуморае аз вожаҳои нав лозиманд. Ва ҷолиб дар ин раванд ин, ки «ба асолат бозгардондан»-и забони тоҷикӣ ба як маъракаи ҳамагонӣ табдил шудааст ва ҳар касе мехоҳад, дар анҷоми ин кор «камари ҳиммат мебандад».

«Акнун замоне фаро расидааст, ки мо низ бояд мисли дигар кишварҳои пешрафтаву мутамаддин пайваста дар андешаи пок ва солим нигоҳ доштани забони давлатии худ бошем, вуруди ҳар як унсури навро ба забон дар асоси меъёрҳои адабӣ танзим намоем ва, дар навбати аввал, ба ҳама гуна ғалатгӯиву ғалатнависӣ хотима бахшем. Интихоб, танзим ва истифодаи истилоҳу мафҳумҳои нави ҷаҳонӣ дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеа яке аз муҳимтарин вазифаҳоест, ки онро бояд мутахассисони варзида бо масъулияти тамом ба дӯш дошта бошанд». Ин суханҳоро Президент Эмомалӣ Раҳмон ба сифати дебочаи иқдомҳои зарур дар роҳи ба танзим даровардани фароянди вожасозӣ ва иқтибоспазирӣ баён дошта, дар идомаи мантиқии он ба таври мушаххас ба сарчашмаҳои муносиб дар замина ишора намудааст.

## Вожасозӣ бо истифода аз имкониятҳои дохилии забони тоҷикӣ

Сарвари давлат бар он аст, ки истифода бурдан аз имконоти фаровони **дохилии** забони тоҷикӣ дар қолабҳои мухталифи вожасозӣ, ки яке аз роҳҳои пай-

доиши мафҳумҳо ва истилоҳоти нав мебошад, беҳтарин гироиш дар ин замина аст.

Мо ҳеҷ гоҳ иқтидору имконоти забонамонро дар мақоми забони илм набояд нодида гирем ва онро камарзиш шуморем. **Забони миллии мо тавоноии забони илмро, чунонки аз аҳди Сомониён ва минбаъд дошта буд, ҳоло низ аз чунин имконот бархӯрдор мебошад. Дар ин замина лаҳҷаҳо ва шеваҳои гӯяндагони забони тоҷикӣ яке аз муҳимтарин манбаъҳои такмили забон мебошанд,** ки адибону олимони гузашта ҳамеша бо истифода аз захираҳои ин ганҷинаи гаронбаҳо луғату истилоҳоти фаровоне таҳия намуда, вориди забони адабӣ кардаанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки забоншиносон ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм ин сарчашмаи гаронбаҳоро мавриди омӯзишу баррасии ҷиддӣ қарор диҳанд ва бо ба кор бурдани афзорҳои вожасозӣ истилоҳоти тозаву нав сохта, ба ин васила хазинаи забони меъёрро такмил диҳанд ва ғанӣ гардонанд.

Сарвари давлат ин равиши муносибро пешниҳод намуда, итминон дорад, ки дар лаҳҷаҳо намунаҳои хуби калимоти куҳани дорои собиқаи хаттӣ бисёранд ва онҳоро – бо муқоиса ва истифода аз осори тоҷикии дарии даврони Сомониён ва асрҳои баъдӣ – бояд дубора ба забони меъёр ворид сохт, то забон аз ҳар нигоҳ бо асолати таърихии хеш иртибот пайдо намояд.

## Иқтибоспазирӣ аз забонҳои хориҷӣ

Забон, ҳамчун падидаи бисёр ҳассос ба таҳаввулоти илмиву фановарӣ, дар ҳар замон майл ба ман-

баъҳое мекунад, ки вожаҳои мавриди ниёз дар онҳо нисбатан зиёд ҳастанд. Масалан, барои забони тиб то ба имрӯз забони лотинӣ ҳатто нисбат ба забонҳои пешрафтаи дунёи муосир аз имтиёз бархӯрдор аст. Ба далели он ки дар асрҳои миёна дар ҳавзаи тамаддунии форсизабонон забони илм забони арабӣ ба ҳисоб мерафт, ниёгони мо истилоҳоти илмиро асосан аз забони арабӣ мегирифтанд. Бо ҳамин равиш имрӯз мардумони дунё, чун ба фикри дарёфти истилоҳи тозаи марбут ба фановариҳо меафтанд, рӯй ба забонҳои аврупоӣ, бештар аз ҳама ба забони англисӣ, меоваранд.

Албатта, зарур нест, ки барои ҳамаи калимаҳои мавриди ниёз ба забонҳои пешрафтаи дунё муроҷиат кунем. Бино бар ин, лозим аст, ки бо назардошти мушаххасоти илмиву фановарии муосир дар бахши истилоҳот аз имконоти дохилии забони модариамон, яъне аз қолабҳои суннатии калимасозии забони тоҷикӣ, истифода шавад.

**Дар замони ҷаҳонишавӣ ва пешрафти бесобиқаи илму техникаву технологияҳо яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани забони илм ва иттилооти илмӣ тарҷумаи осори илмӣ аз забонҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Бо пайравӣ аз таҷрибаи кишварҳои дигар, ки муддатҳо пеш ин марҳаларо гузаштаанд, тарҷумаи осори илмии олимони хориҷӣ бояд дар сатҳи баланди илмӣ ва бо ҷалби мутахассисони варзидаи риштаи забон сурат гирад.**

Рӯиҳамрафта Президент Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, ки иқтибосгирӣ аз забонҳои дигар

набояд аз ҳадди эътидол барояд ва дар иқтибоспазирӣ имконоти фаровони дохилии забон дар қолабҳои мухталифи вожасозӣ, ки яке аз роҳҳои пайдоиши мафҳумҳо ва истилоҳоти нав мебошад, истифода шавад. Зеро **вақте ба забон анбӯҳи калимаҳо ва ҳатто таркибҳои фаровоне аз забонҳои дигар бидуни зарурат ворид мешаванд, он гоҳ мавҷудияти ин забон ҳамчун як забони мустақил зери хатар қарор мегирад.**

Сарвари давлат тавсия медиҳад, ки ҳар як калима ва истилоҳи хориҷӣ дар қолабу савтиёт бояд ба хусусияти меъёрҳои забони адабӣ мутобиқ гардонида шавад. Аз ин рӯ, дар танзими истилоҳоти ҳама соҳаҳо, аз ҷумла тиб, низомӣ, варзиш ва соҳаҳои иҷтимоӣ, ки дар суннати мо собиқаи дерина доранд, чунин равиш бояд ба таври яксон истифода гардад. Ва дар зимн хотиррасон мекунад, ки «интихоб, танзим ва истифодаи истилоҳу мафҳумҳои нави ҷаҳонӣ дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеа яке аз муҳимтарин вазифаҳоест, ки онро бояд мутахассисони варзида бо масъулияти тамом бар дӯш дошта бошанд. Дар хотир бояд дошт, ки барои тақвияти истиқлоли фарҳанги миллӣ, пеш аз ҳама, пояҳои забони миллиро устувор кардан зарур аст».

Хулосаи равиши мавриди зикр ин аст: фақат дар сурате, ки вожае барои мафҳуми мавриди назар дар забони тоҷикӣ ёфт нашавад, метавонем вожа ё таркибе аз забонҳои аврупоӣ иқтибос гирем. Ин иқтибосгирӣ, агар санҷида ва воқеан бар асоси ниёз сурат гирад, бар дороии вожагонии забони тоҷикӣ меафзояд.

## Истифода аз захираи луғату истилоҳоти ҳамзабонон

Президент Эмомалӣ Раҳмон истифода аз захираи луғату истилоҳоти ҳамзабононро барои ғанигардонии хазинаи луғавии забони тоҷикӣ яке аз мунособтарин равиш тавсиф намудааст.

Ҷое ба баҳс кардан нест, ки ба сабаби дар тӯли садсолаҳо дар муҳити сиёсиву иҷтимоии гуногун ба сар бурдан ва таҳти таъсири забонҳои гуногун ва омилҳои мухталиф қарор доштан забони муштараки мо, ҳамзабонон, бори гуногуни вожагонӣ гирифта, шохаҳои он ба андозае аз ҳам фарқ мекунанд. **Вале рӯиҳамрафта ин тафовутҳо ба андозае нестанд, ки се шохаи забони классикии порсиро ба забонҳои ба ҳам бегона табдил дода бошанд.** Яъне ин тафовутҳои баамаломада дар забонҳои мо фақат вижагии бумии забонҳои тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ мебошанд, ки натиҷаи роҳи ба таври мустақил паймудаи се халқи бародар дар гузаргоҳи таърих аст.

Вале ҷолиб ин аст, ки ҳам дар Эрон ва ҳам дар Афғонистон масъалаи ҳарчи бештар покиза намудани забони Рӯдакӣ аз олудагиҳои садсолаҳову даҳсолаҳои гузашта яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Ва бояд иқрор шуд, ки ҳамзабонони эрониву афғонистониамон – дар заминаи аз қаъри таърих пайдо намудану берун кашидани вожаҳои асили ниёгонӣ ва бо истифода аз пасвандҳову пешвандҳои порсӣ сохтани вожаҳои нав – аз мо пешқадамтаранд. Ва эҳё кардани ҳамин номгузории асили ориёӣ, ки мо дар Тоҷикистон аз он

пайравӣ мекунем, дар Эрон дар солҳои сивуми садаи гузашта оғоз шуда буд. Бино бар ин, **додугирифти мо бо бародарони ҳамзабонамон дар ҳавзаи забон ҳамин вожаҳои асили ориёӣ бояд бошад, на ин ки арабизмҳое, ки, мутаассифона, ҳамзабононамон аз онҳо хеле фаровон истифода мекунанд.**

## 2. Корбаст, таъмин ва назорати риояи забони давлатӣ дар ҳамаи ҳавзаҳои истифодаи забон

### Интихоби роҳу равиши муносиби омӯзиш додани забони модарӣ

«Фаромӯш набояд кард, ки бе рушди забони давлатӣ ҳамчун рукни муҳими таҳкими худшиносии миллӣ ва давлатдории мо ба маънои томаш соҳибистиқлол буда наметавонем. Аз ин рӯ, риояи меъёрҳои забони адабӣ, пеш аз ҳама, масъулияти бевоситаи ҳар як роҳбару корманди тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ҳар як зиёӣ мебошад. Инро ҳар як фарди бонангу номуси миллат, ки баояндаи неки Ватан хушбин аст ва мехоҳад давлаташ комилан соҳибистиқлолу мутараққӣ бошад, бояд дарк намояд». Ин суханони Президент Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар шаҳрванди масъулиятшинос – хоҳ мансабдори воломақоми давлатӣ, хоҳ роҳбари вазорату муассисаву корхона, хоҳ сарвари ниҳодҳои омӯзишӣ ва ё расонаҳои иттилоотӣ, хоҳ мутахассиси соҳаи забон ва хоҳ инсони одӣ – бояд дастури рафтори иҷтимоӣ дар заминаи корбаст, таъмин ва назорати риояи забони давлатӣ дар ҳамаи

ҳавзаҳои истифодаи забон ва интихоби роҳу равиши муносиби омӯзиш додани забони модарӣ бошад.

## Беҳтар кардани сифати таълими забон дар низоми омӯзишии кишвар

Шароити истиқлолияти милливу давлатӣ ва равандҳои умдаи густариш ва такомули шахсият, ҳамчун инсони худшинос, тақозо мекунанд, ки мактабу донишгоҳ дар маркази ҷаҳду талош баҳри расидан ба ҳадафҳои бузурги пешрафту тавсеа дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт қарор гиранд. Тарбият кардани шахсиятҳои бархӯрдор аз донишҳои комили ҷаҳони муосир, инсонҳои худшинос, хирадпеша ва қодир ба ҳифз ва густариши ҳарчи бештари ваҳдати миллӣ бидуни ба онҳо омӯзондани забони модарӣ ғайримумкин аст. **Агар инсоне чандин забон донад, вале дар сухан гуфтан ба забони модарӣ қодир набошад, ӯро наметавон шахси пешрафта номид.**

Нақши мактаб барои омӯзишу фарогирии забони модарӣ ниҳоят бузург аст, вале, мутаассифона, шеваҳо ва усулҳои таълими забони модарӣ мусоидат бар он намекунанд, то ки мактабиён пас аз ёздаҳ соли таълим забони адабиро ба андозаи кофӣ аз бар намоянд ва ба таври озод навиштану суҳбат карданро ёд гиранд.

Бо таваҷҷуҳ ба нақши муассири мактаб ба забономӯзонӣ ва нокоромадии усули кунунии таълими забон, Президент Эмомалӣ Раҳмон иброз доштааст, ки **вазифаи асосии мактабу маориф имрӯз ба насли наврас омӯзонидани забони умумитоҷикӣ – забони меъёр, забоне, ки бояд батадриҷ забони та-**

**моми тоҷикон, новобаста аз маҳаллу минтақаи зисташон, гардад, мебошад.**

Сарвари давлат усули кунунии таълими забони модариро, ки бар асоси шеваҳои куҳна бунёд ёфтааст, барои имрӯз ғайри қобили баҳрабардорӣ арзёбӣ намуда, ба ниҳодҳои марбута, аз ҷумла Вазорати маориф ва илм, супориш додааст, ки сабку равиши таълим бояд таҷдиди назар карда шавад. Зеро чунин усули таълими забони модарӣ барои соҳибзабонон ва намояндагони забонҳои дигари сокини кишвар чандон самарабахш нест. Президенти кишвар ҳамчунин супориш додааст, ки таҳия ва ҳамгунсозии истилоҳоти забон, таҳияи китобҳои дарсӣ, вожаномаву фарҳангҳои истилоҳии соҳавӣ, маводи таълимӣ ва дигар васоити омӯзишии марбута бояд ҳатман аз ташхиси забоншиносӣ гузаранд ва фақат баъд аз он ба чоп тавсия шаванд.

Нокоромадии усулу шеваҳои имрӯзаи омӯзиши забон аз ин суханони бо таассуф иброздоштаи Президент Эмомалӣ Раҳмон ба равшанӣ намоён мегардад: «Пас аз ёздаҳ соли таълим дар мактаби таҳсилоти умумӣ ва панҷ соли омӯзиши забон дар мактабҳои олӣ иддае аз хатмкунандагон забони адабиро ба андозаи кофӣ аз бар карда наметавонанд ва бо ин забон ба таври озод навиштан ва суҳбат карданро ёд намегиранд».

**Муаллифи ин сатрҳо, ки солҳои дароз ба сифати котиби матбуотии Вазорати корҳои хориҷӣ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сипас сарвари Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ифои вазифа намудаам ва, метавон гуфт, дар маркази роҳбурди забони меъёр қарор гирифта будам,** аз вазъи дар воқеъ номатлуб ва нига-

ронкунанда дар ҳавзаи забон ба хубӣ огоҳ ҳастам. Бавижа, ҳангоми кор дар агентии «Ховар» бо афроде бархӯрд кардаам, ки бо вуҷуди омӯзиши рӯзноманигорӣ доштан, наметавонистанд як мақола ё хабареро ба таври бояду шояд ва бехато ба риштаи таҳрир дароваранд.

Умедвор ҳастем, ки донишмандону коршиносони соҳаи забон ва масъулони низоми омӯзишии кишвар баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат ҷаҳду талош менамоянд ва муваффақ ба эҷоди роҳу усули муассиру муносиб дар таълиму тадриси забони модарӣ мегарданд.

## Неру бахшидан ба раванди табдили забони адабии тоҷикӣ ба забони умумимиллӣ

Нерумандатарин забон ҳамон забон аст, ки сохтори забони меъёр бо сохтори гӯишу лаҳҷаҳои гӯяндагонаш фарқи хеле кам дошта бошад. Масалан, забони русӣ ба чунин дараҷаи такомул расидааст, ки сохтори забони адабӣ бо сохтори забони гуфторӣ тақрибан фарқ надоранд.

Дар сурате, ки имрӯз забони тоҷикӣ ҳамчун забони сиёсат, қонунгузорӣ, коргузорӣ, муоширати байни сокинони кишвар, забони илму фарҳанг ва воситаҳои ахбори омма дар истифодаи васеъ қарор дорад ва ба ин забон санадҳои ҳуқуқӣ, созишномаҳо ва қарордодҳои муҳими байналмилалӣ таҳия мегарданд, дар минбарҳои бузург ва муътабари ҷаҳонӣ забони давлатӣ танинандоз аст ва дар сатҳи ҷаҳонӣ беш аз пеш маъруфият касб менамояд, ҳамаи ин моро

водор месозад, ки ба забони худ арҷ гузорем ва барои рушду такомули он ба таври ҳамагонӣ талош варзем. **Кӯшиш намоем, забони модарии худро ба забони фарогири корӣ ва муошират, яъне ба забоне, ки на фақат дар саҳифаи китобҳову рӯзномаҳо менависему аз минбарҳо ва дар телевизион гап мезанем, балки дар ҳаёти одӣ ва бо наздикону дӯстону ҳамсоягону ҳамватанон бо он суҳбат мекунем, табдил диҳем.**

Чунин ба назар мерасад, ки гӯё мо як фурсати мусоидеро мунтазирем, то ин ки ба сухан гуфтан бо забони меъёр оғоз кунем, дар сурате ки ин фурсат кайҳост, ки оғоз шудааст. **Мо бояд дар ҷомеа чунин муҳите барпо кунем, ки ҳар фард пеши худ вазифа гузорад: ӯ бояд на танҳо забони давлатиро хуб донад, балки онро дар гуфтор бо ҳама кас ва дар ҳама ҷо ба кор гирад.**

Ба манзури ҷиддӣ намудани талаботи забондонии онҳое, ки довталаби вазифаҳои роҳбарӣ ва намояндагӣ дар парлумони кишвар ва мақомоти намояндагӣ дар маҳалҳо мешаванд, бо супориши Сарвари давлат дар як зумра санадҳои марбут меъёрҳое дохил карда шуданд, ки донистани хуби забони давлатиро ба таври ҳатмӣ тақозо мекунанд. Чунин талабҳо нисбати кадрҳои сатҳҳои миёнаи роҳбарӣ низ ҷорӣ карда шудаанд.

Умед аст, ки иқдомҳои мазкур дар якҷоягӣ бо фаъолиятҳои муносиби ниҳодҳои таъсиргузор, ба монанди мактаб ва расонаҳо, дар амри ҳарчи бештар ва пештар ба забони умумимиллӣ табдил гардидани забони меъёр мусоидат хоҳанд кард.

## Меъёр ва ҳусни баён

Шевову равон ва дурусту беғалат сухан гуфтан мавзӯи ҳамешагӣ дар ҳар забон аст. Вале дар забони мо ин масъала **аҳамияти бунёдӣ** дорад, зеро зебоӣ, латифӣ, ширинӣ аз вижагиҳои забони тоҷикӣ мебошанд. Забони тоҷикӣ – бо вожагони зебову савти дилнишин ва баҳамомезии мавзуни калимаҳо – гӯши шунавандаро менавозад ва ҳамчун нағмаҳои парандагони хушхон бо навоҳои дилангез қалбу рӯҳи инсонро фараҳманд мегардонад.

**Зоти забони тоҷикӣ ширин аст** ва дар ҳамбастагӣ бо савтиёти гуворо ва маънову мафҳумҳои баланд, зинату зевари ҳунариву бадеӣ некутарин ва баландтарин мақому ҷойгоҳро дар ҷамъи забонҳои дунё соҳиб гаштааст. Бисёре аз шарқшиносони номдори ҷаҳон забони тоҷикии форсиро медонанд. Ва ҳангоме ки аз онҳо мепурсанд, ки чаро забони моро омӯхтаанд, посух медиҳанд, ки осори навишташуда ба забони форсии тоҷикӣ ганҷинае аз илму донишу маърифат аст, аз ин рӯ, мехоҳанд худашон, бидуни миёнҷӣ, ба ин ганҷи гаронбаҳо даст ёбанд ва баҳра гиранд.

Дар Банглодеш дар маросими таваллуди навзодон мардуми ин кишвар ашъори Мавлоноро ба забони асл аз ёд мехонанд, ҳарчанд ки забони тоҷикиро хуб намедоданд.

Ё ин ки суруди миллии кишвари Покистон ба забони тоҷикӣ аст ва бисёре аз андешамандон, бузургони илму адаб ва сиёсати ин мамлакат ба забони тоҷикии форсӣ ошноӣ доранд.

Мо, ки меросдори азамати таърихии ин забони тавоно ва шево ҳастем, бояд аз соҳиби чунин забони оламгир будан бинозем, талош кунем, ки бар тавоноиву шевоияш биафзоем, бо ишқу дилдодагӣ ба ҳифзу ҳиросаташ камар бандем ва поку беолоиш нигоҳ доштани ин ганҷинаи гаронбаҳоро вазифаи фарзандии худ шуморем.

**Аммо набояд ин ҳама изҳори муҳаббату садоқат ба яке аз муҳимтарин рукни фарҳанги миллиамон фақат ҷанбаи эъломӣ дошта бошад, балки дар амал, бо тарзи гуфтори дурусту бурро, бо риоя намудани қоидаҳои имло ва бо ба кор бурдани санъати каломи бадеӣ собит намоем, ки мо ворисони сазовори ниёгонамон ҳастем.**

Мутаассифона, имрӯзҳо дар радио ва телевизион, ки конуни омӯзиш дар ҳавзаи забони меъёр бояд бошад, гоҳе корҳое надониста рух менамоянд, ки ба забони расмии кишвар осеб мерасонанд ва нақши ин созмонро ба ҳайси ниҳоди омӯзишӣ коста мегардонанд. Ва ин дар сурате рух медиҳад, ки гӯяндагони радио ва телевизион бояд оинаи забони адабии меъёр бошанд ва беҳтарин намунаҳои гуфтори адабиро ба мардум намоиш диҳанд.

Бисёре аз роҳбарон дар идора ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар ҷаласаҳои сатҳи баланд ва ҳатто парлумон, аз тариқи радио ва телевизион бо забоне ҳарф мезананд, ки фосилаҳо аз забони меъёр дур мебошад. **Шумораи ками роҳбароне ҳастанд, ки забони адабиро медонанд, имло ва меъёрҳои онро риоя мекунанд ва ба ҳамкорону тобеони худ ибрати муоширати баландро нишон медиҳанд.**

Забони баъзе рӯзномаву маҷаллаҳо – бо калимаҳову истилоҳоти ғалату душворфаҳм – ба талаботи забони меъёр ва завқи солим ҷавобгӯ нест. Дар маводи чопкардаи ин рӯзномаҳо меъёрҳои муқарраргардидаи забони адабӣ ва ҳатто қоидаҳои қабулшудаи имло риоя намешаванд.

Чунин муносибат ба қоидаҳои имло, ки аз ҷониби Ҳукумат тасдиқ гардидааст, саҳлангорию бемасъулиятии муаллифон ва роҳбарони чунин нашрияҳо дар амри риоя намудани Қонуни забон мебошад.

Мусаллам аст, ки ҳар қаламкаш дар доираи донишу малакааш эҷод мекунад, вале ин маънои онро надорад, ки ҳар кас худсарона ва бе риоя кардани қоидаҳои имло ва сабки хоси забони тоҷикӣ чизҳое нависад, ки барои доираи васеи хонандагон умуман фаҳмо нестанд. **Рӯзноманигорон ва аҳли эҷод худашон бояд дар масъалаи риояи Қонун дар бораи забон, тозагии он ва рушди забони модарӣ намунаи ибрат ба дигарон бошанд.**

Президент Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик аз вазифаву рисолати касбии рӯзноманигорон сухан ронда, аз ҷумла, гуфт: «Бо забони содаву оммафаҳм ва салису равон расонидани иттилоот ва матолиби таҳлилӣ яке аз вазифаҳои асосии матбуот ва, умуман, аҳли қалам мебошад. Аҳли қалам ва рӯзноманигорон худашон бояд дар масъалаи риояи қонун дар бораи забон, тозагии он ва рушди забони ширин ва шоиронаву шевои тоҷикӣ намунаи ибрати дигарон бошанд. Ба андешаи ман, ин яке аз рисолатҳои касбӣ ва қарзи шаҳрвандии рӯзноманигорон маҳсуб мешавад».

Ин панди устодонаи Сарвари давлат барои ҳамаи аҳли қалам ва хусусан барои рӯзноманигорон, бояд сабақи бузург ва дар фаъолияти ҳаррӯзаашон чароғи роҳнамо бошад.

## Компютерӣ кардани забони тоҷикӣ

Компютерӣ кардани забони тоҷикиро Президент Эмомалӣ Раҳмон яке аз омилҳои нерубахш ба раванди густариши забони тоҷикӣ медонад.

Компютерӣ кардани забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, маънои ба вуҷуд овардани фазои ягонаи компютерӣ ва ба низом даровардани коргузории расмии идораҳо ва муассисаҳои давлатиро дар асоси истифодаи василаҳои техникӣ дорад.

Барои ба вуҷуд овардани низоме, ки ба талаботи даврони истиқлол ва рушду тавсеаи забони давлатӣ мусоидат намояд, дар марҳалаи аввал бояд ба ҳалли **ду масъала** кӯшиш намоем. Ин ду масъала ба ҳамаи компютерҳо насб кардани сафҳакалиди (клавиатураи) тоҷикӣ ва таъмин намудани компютерҳо бо вироишгари матнҳои тоҷикӣ мебошанд.

Имрӯз бо итминон метавон гуфт: компютерикунонии мактабҳо, ки бо супориши Сарвари давлат чанд сол идома дошт, ба охир расидааст ва ҳамаи мактабҳои ҷумҳурӣ пурра бо компютерҳо фаро гирифта шудаанд. **Вале дар шароите, ки компютер дар мактабҳо ба як унсури ҷудонопазири воситаҳои таълим мубаддал гаштааст, аксари ин компютерҳо то имрӯз барномаи ягонаи тоҷикӣ надоранд.** Дар сурате, ки ҳоли ҳозир ҳам сафҳакали-

ди тоҷикӣ ва ҳам вироишгари матнҳои тоҷикӣ аз ҷониби олимони тоҷик ба вуҷуд оварда шудаанд.

Вироишгари матнҳо, ки ба таври худкор имлои калимаҳоро баррасӣ мекунад ва дар мавриди ташхиси хатое дар вожаҳо шакли дурусти онҳоро пешниҳод менамояд, ба коҳиш ёфтани ғалатҳои имлоӣ, ки имрӯзҳо матни рӯзномаҳову китобҳову дигар маводи чопӣ аз онҳо огандаанд, кумак хоҳад кард ва дар роҳи тавсеаи забони давлатӣ ба андозаи қобили мулоҳизае мусоидат хоҳад намуд.

## Дурусту беғалат нигоштани лавҳаҳо, овезаҳо, боннерҳову плакатҳо

Яке аз мушкилот дар иҷрои муқаррароти Қонуни забон ба масъалаи эълону реклама, лавҳаю овезаҳо, номгузории муассисаҳо, нуқтаҳои савдо ва марказҳои хизматрасонӣ марбут аст.

Дар баъзе мавридҳо навиштаҷоти рекламаи ороиши берунӣ ва дигар лавҳаю овезаҳо бар хилофи Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия мешавад, ки ин як навъ қонуншиканӣ мебошад.

Имрӯзҳо дар кӯчаву хиёбонҳои пойтахт ва шаҳру ноҳияҳо номҳои фаровони хориҷӣ, ки ба қонунгузории мо мухолифат доранд, ба мушоҳида мерасанд. Номгузорӣ ба забонҳои хориҷӣ беэҳтиромӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ мебошад.

Дар баъзе лавҳаҳо, боннерҳо ва овезаҳо бо табрику таманноҳои идона қоидаҳои одитарини имлои забони тоҷикӣ риоя карда намешаванд ва онҳо пур аз

ғалату иштибоҳ мебошанд. Ҳатто дар лавҳаҳое бо дуруди наврӯзӣ ғалатҳои имлоӣ ба чашм мехӯранд.

Матни норавону пурғалати овеза ва шиору рекламаҳо беэҳтиромиро ба забони модарӣ ба миён меоварад. Ин падидаи номатлубро на фақат дар шаҳру ноҳияҳо, балки дар пойтахт низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Бино бар ин, агар ҳаллу фасли оқилонаву равшангаронаи ин масъала, аз як сӯ, вазифаи ороишгарону рассомону тарҳрезон бошад, аз сӯи дигар, вазифаи роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мебошад.

## Беҳбуд бахшидан ба сифати тарҷумаи филмҳои истеҳсоли хориҷӣ ба забони тоҷикӣ

Сифати тарҷумаи филмҳои истеҳсоли хориҷӣ боз як мавзӯи печида аст. Аксари филмҳои истеҳсоли хориҷие, ки дар замони истиқлол ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, бо калимаҳову таркибҳои номуносиби бо усули таҳтуллафзӣ баргардоншуда ба одитарин талаботи тарҷумаи касбӣ посухгӯ нестанд.

Дар шароите, ки бисёре аз ҳамватанони мо ба филмҳо мароқи зиёд доранд, пахши чунин филмҳо бо забони шикаста, калимаҳои номуносиб ва лаҳни ноҳинҷор аз тариқи чунин манбаи муҳими таъсиргузоре, чун телевизион, мӯҷиби паст фаромадани завқи бадеӣ ва коста гардидани малакаи забондонии мардум мегардад.

Тарҷума дар баробари кори душвору заҳматталаб буданаш аз тарҷумон маҳоратҳову малакаҳои гуногунро тақозо мекунад.

Дар бораи тарҷумони хуб назарҳову ақидаҳои зиёде баён шудаанд. Дар нигоҳи аввал ба назар мерасад, ки тарҷумони хуб бояд ду забонро фаро гирифта бошад. Аммо барои тарҷумони хуб будан, илова бар ду забонро донистан, аз баъзе маҳоратҳо ва вижагиҳои дигар низ бархӯрдор будан лозим аст. **Истеъдоди нависандагии тарҷумон бояд дар ҳудуди истеъдоди муаллифи асари тарҷумашаванда бошад. Агар касе натавонад як асари хубу хонданӣ нависад, аз эҳтимол дур нест, ки тавоноии тарҷумаи як асари хубу хонданиро низ надорад. Тарҷумони хуб бояд, мисли ҳунарпешаи хуб, ба калимаҳо ҳаёту ҳаракат бахшад ва, муҳимтар, ҳатман бояд нависанда бошад.**

Аммо, мутаассифона, аксари тарҷумонҳои филмҳо ба забони тоҷикӣ касоне мебошанд, ки аз ҳунари нависандагӣ хабаре надоранд.

Вижагиҳои тарҷумони хубро коршиносон аз инҳо иборат донистаанд:

– муҳтавои матн ва ҳадафи нависандаро ба хубӣ дарк кунад;

– аз дониши васеъ дар матни аслӣ бархӯрдор бошад;

– аз тарҷумаи лафз ба лафз, ки ҳам ба мафҳуми матни аслӣ ва ҳам ба зебоии он зарба ворид мекунад, парҳез намояд;

– бо шаклҳои гуфтории роиҷ ва маъмул дар ду забон хуб ошно бошад ва ба таври муносиб ба кор гирад;

– аз тариқи интихобу тартиби муносиби калимаҳо таъсири ҳамаҷониба ва лаҳни матни аслиро ба тарҷума интиқол диҳад.

Умед аст, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Давлат ва Ҳукумати кишвар бобати баланд бардоштани фарҳанги забондонӣ ва устувор кардани пояҳои забони миллӣ ин масъала низ ҳалли худро пайдо менамояд ва тамошобинон на фақат аз муҳтавои мароқангези филмҳо, балки аз гуфтори ширину шевои тоҷикона эҳсоси лаззат ва ризоятмандӣ мекунанд.

## Эҷоди асарҳои баландмазмун ва баландғоя

Имрӯз вазифаи аввалиндараҷаи ҳар қаламкаш тарғиби арзишҳои олии фарҳанги миллӣ, ки забон унсури асосии он аст, мебошад. Адибон, ки дар ҳамаи давру замон дар сафи пеши созандагӣ, эҳёи арзишҳои милливу инсонӣ ва густариши донишу маърифат қарор доштанд, имрӯз низ бояд бо офаридани асарҳои пурмазмуну баландғояашон насли ҷавонро ба ватандӯстӣ, гиромидошти забони модарӣ, илмомӯзӣ ва, умуман, инсони комил шудан ҳидоят намоянд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти ин ки шароити истиқлолияти миллӣ ба аҳли сухан шароити озоди эҷод карданро фароҳам овардааст, бо муроҷиат ба адибон гуфтааст: «Имрӯз майдони сухан барои аҳли эҷод фарох аст. Шумо асарҳои баландғоя эҷод намоед, онҳо, албатта, бо дастгирии Ҳукумат нашр хоҳанд шуд. Эҷоди асарҳои пурмазмун ва таблиғкунандаи арзишҳои волои милливу умумибашарӣ барои тарбияи кӯдакону наврасон хеле муҳим мебошад».

Ҳамчуноне ки дар саҳифаҳои гузашта гуфта шуд, адабиёт, пеш аз ҳама, маъно ва ҳикмат аст, – маъно ва ҳикмате, ки дар қолаби сухани дилчасп, нақли ҷолиб ва бо истифода аз санъатҳои баланди бадеӣ, ташбеҳу истиораву таносуби калом офарида шудааст. Яъне **китобҳои бадеӣ фақат баёни қиссаву ривоят ва зодаи қалампардозиҳо ва хаёлбофиҳои нависандагон нестанд. Нависандагон мекӯшанд, то дар қолаби каломи дилписанд достони ҳақиқатҳои талхи рӯзгоронро бозгӯянд ва парда аз бедодгариҳо, палидиҳо, ситамгариҳо, номуродиҳо ва нобасомониҳои боварнакарданӣ бардоранд. Онҳо – гоҳе аз забони худ ва гоҳе аз забони қаҳрамонони романҳову достонҳои хеш – андарз мегӯянд ва ба хонанда роҳи хушбахтӣ ва некфарҷомиро нишон медиҳанд.** Дар романҳову достонҳо некиву бадӣ, дӯстиву душманӣ, дурустиву нодурустӣ, ростиву кажӣ, якрангиву дурӯӣ, вафову хиёнат, ишқу нафрат, меҳрубониву хушунат ва дугонигиҳои бисёри дигаре дар канори ҳам қарор дода мешаванд, то хонанда беҳтар ва бештар биомӯзад ва панди бихрадонаи нависандаро бо ҷону дил бипазирад ва бо роҳе равад, ки ба шодкомиву хушномӣ расад ва беҳрӯзиву пирӯзиро ба даст оварад.

**Рӯиҳамрафта адабиёт бо ҳама нақши бузурги иҷтимоиаш, пеш аз ҳама, сарчашмаи омӯзиши гуфтори адабӣ мебошад.** Китоби хуб он китоб аст, ки мазмунҳои баланд бо забони зебову шево, содаву салис ва суфтаву равон баён шуда бошанд ва хонанда аз хондани он китоб эҳсоси лаззат ва ризоятмандӣ кунад. Китоби хуб на танҳо саргармкунанда аст, бал-

ки ҷанбаҳои омӯзишӣ низ дорад ва ба хонанда донистаниҳои тозае медиҳад.

Ҳамчуноне Президент Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст, «хонандаи мо имрӯз зиёдтар ба асарҳое ниёз дорад, ки дастовардҳои даврони истиқлолият, кору пайкори қаҳрамонони сохтмонҳои бузурги кишварамонро бо ҳақиқатнигорӣ ва завқи баланди бадеӣ инъикос менамоянд.

Ба хотири он ки наслҳои оянда аз корномаи падарону бобоёни шуҷои худ ба нафъи Тоҷикистони соҳибистиқлол огоҳ бошанд, асарҳои арзанда ва мондагор бояд офарид. Ин қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ ва рисолати эҷодии онҳост.

Китобҳое бояд ба нашр расонд, ки рисолати таърихии миллатро рӯшан намоянд, неруи зеҳниро бедор кунанд, моро ба донишандӯзию ҷаҳоншиносӣ бихонанд, оташи муҳаббатро ба Ватан, обу хоки поки он, рамзҳои муқаддаси миллӣ дар дили мардум барафрӯзанд. Ба андешидан водор созанд, ки мо кистем, аз куҷоем ва дар пайи чистем, моро бедории милливу фарҳангӣ ва ҳушёрии сиёсӣ бахшанд, то бидонем, дӯст ва душмани мо кист, чӣ касе ба сарзамини мо аз дари дӯстӣ даромада, чӣ касе бо ғаразҳо ва ҳадафҳои нопок. Он гоҳ метавон гуфт, ки мо вазифаи муқаддаси худро дар назди миллату Ватан анҷом додаем».

Навиштани китобе бо чунин вижагиҳо шояд кори сахте бошад, аммо ҳар як нависанда, чун қалам барои эҷоди асари бадеӣ мебардорад, пеши худ биандешад, ки ӯ барои тарбияи завқи бадеии хонандагон – ҳамватанони хеш – масъулият дорад.

## Чопи китоби олимон ва адибони гузашта

Мо бояд мероси гаронбаҳои ниёгонамонро, ки ганҷинаи бузурги маънавӣ мебошад, барои тарбияи мардум дар рӯҳи худогоҳию ватандӯстӣ истифода намоем. **Осори илмӣ, адабӣ ва фалсафии бузургони миллати мо осори куҳнашудаи гузашта нест, балки он имрӯз ҳам чун сарчашмаи ҳалли мушкилоти ҷомеаи муосир хизмат карда метавонад.** Ин мероси пурбаҳои адабӣ барои кишвари соҳибистиқлоли мо, ки рӯ ба ҷомеаи ҳуқуқбунёди дунявӣ ниҳодааст, хеле муҳим ва зарур мебошад. Зеро бунёди ҷомеаи нав инсони худшиносу худогоҳ ва дорои ахлоқи неку маънавиёти баландро тақозо менамояд. Ва, хушбахтона, осори адабии ниёгони мо саршори андешаҳои волои ахлоқиву башардӯстӣ буда, дар тарбияи эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва ваҳдату ҳамбастагии мардум нақши бузург мебозад.

Дуруст аст, ки дар даврони шӯравӣ бо саъю талоши олимону нависандагон теъдоди зиёди осори арзишманди классикони адабиёти мо ба алифбои муосири тоҷикӣ баргардонида шуданд. **Аммо садҳо дафтару девон ва даҳҳо рисолаҳои илмиву бадеии дигар аз назари хонанда дур мондаанд. Ин китобҳоро ба расмулхати имрӯзаи тоҷикӣ баргардондан кори бо аҳамият ҳамроҳ мебошад. Вале бояд дар ин замина низ масъулиятшинос бошем ва ин осори пурарзишро беғалат баргардон кунем ва дар шакли китобҳои хушсифату бобақо ба мардум дастрас намоем.**

Аз соли 2004-ум инҷониб ҳамасола аз Хазинаи эҳтиётии Президенти мамлакат барои табъу нашр ба

таври мақсаднок маблағ ҷудо мешавад. Дар натиҷа ҳар сол аз тариқи нашриёти «Адиб», «Ирфон» ва дигар муассисаҳои табъу нашр даҳҳо номгӯй китобҳои адибони гузашта ба табъ расида, дастраси ихлосмандони каломи бадеъ мегарданд.

Президенти ҷумҳурӣ дар ин замина таъкид мекунад: он китобҳоеро бояд ба нашр расонд, ки рисолати таърихии миллатро равшан намоянд, неруи зеҳниро бедор кунанд, моро ба донишандӯзию ҷаҳоншиносӣ бихонанд, оташи муҳаббатро ба Ватан, обу хоки поки он, рамзҳои муқаддаси миллӣ дар дили мардум барафрӯзанд.

## Омӯзиши хати ниёгон

Президенти кишвар мавзӯи суръату сифати тоза бахшидан ба раванди омӯзиши хати ниёгонро муҳим арзёбӣ намуда, ба Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дастур додааст, ки доир ба густариши таълими хати ниёгон тадбирҳои муассир андешанд. Сарвари давлат ҳамчунин иброз доштааст, ки зиёиён низ вазифадоранд, дар ин кори хайр саҳмгузор бошанд.

Алифбои ниёгон барои миллати тоҷик муҳимтарин арзиш аст, зеро бо ин хат – аз устод Рӯдакӣ то устод Айнӣ – осори гаронбаҳои адабиёти тоҷику форс, ки таҷаммулгари нубуғи нажоди ориёӣ пеши ҷаҳониён аст, навишта шудааст. Аз ин рӯ, барои ҳар касе, ки худашро вориси ин осор медонад ва бо номи ниёгони бузурги хеш ифтихор мекунад, донистани ин хат зарур аст.

Имрӯз таълими алифбои ниёгон дар саросари низоми омӯзишии Тоҷикистон роҳандозӣ шудааст ва бадеҳист, ки китобҳои марбут мавҷуданд. Вале, бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти ин масъала,**мувофиқи мақсад хоҳад буд, ки дастурҳои омӯзиши мустақилона низ ба табъ расанд. Дастуре, чун худомӯз, ҳаргиз наметавонад чизи зиёдӣ бошад, зеро, дар навбати аввал, барои онҳоест, ки мехоҳанд хати ниёгонро мустақилона ёд гиранд, бавижа, агар дар назар гирем, ки ҳама дар ҷомеа мактабхон ва донишҷӯ намебошанд.** Ҳатто барои мактабиён ва донишҷӯён ҳам, ки дарси хат мехонанд, худомӯз воситаи ёдгирии хуб аст ва ҳар кас бидуни раҳнамунии муаллим метавонад малакаи бештаре ба даст оварад.

Тоҷикистон ҷузъи ҷаҳони форсизабонон аст. Ҷаҳоне, ки ба далели густурдагӣ ва бисёрнуфусиаш ҷараёнҳои умдаи забонӣ аслан он ҷо сурат мегиранд. **Фақат дар шабакаи Интернет садҳо сомонаҳо ба хати ниёгон мавҷуданд, ки дар ҳама риштаву соҳа метавон мақолаву матолибу пажӯҳишҳои ҷолибу хонданӣ пайдо кард. Бино бар ин, агар мо хоҳем, ки вориди ҳавзаи густурдаи форсизабонони ҷаҳон гардем ва аз файзи додугирифтҳои судманди фарҳангӣ баҳраманд шавем, бояд ки алифбои ниёгони хешро ёд бигирем.**

## Ҳифз ва зинда сохтани номҳои таърихии ҷуғрофӣ

Яке аз масъалаҳои дорои аҳамияти муҳим дар шинохти суннат ва арзишҳои фарҳанги миллӣ ҳифз

ва зинда сохтани номҳои таърихии ҷуғрофӣ мебошад. Номҳо чеҳраи воқеӣ ва таърихи гузаштагони ҳар қавму миллат мебошанд, ки бо мурури замон тағйир ёфтаанд. Дар шакли дуруст барқарор кардани онҳо маънои дар дилу ҳофизаи насли имрӯз зинда кардани рӯзгорони пурифтихори гузаштагон ва ному кори неки онҳоро дорад.

Президент Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти ҳифз намудан ва зинда сохтани номҳои таърихии ҷуғрофиро чунин тавсиф намудааст: «Яке аз масъалаҳои муҳим барои таърихи миллат ин гирдоварӣ ва омӯзишу таҳқиқи дақиқи номҳои ҷуғрофӣ мебошад. Бар асоси таҳқиқоте, ки аз ҷониби донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ анҷом гирифтааст, ҳар як номи ҷуғрофӣ дар асоси манбаъҳои хаттӣ бояд мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шавад. Номҳои ҷуғрофии минтақа ба таъриху сарнавишти миллат иртибот дошта, таърихи рушду такомули забони моро инъикос менамоянд».

## Номгузории фарзандон

Президент Эмомалӣ Раҳмон номгузории фарзандонро рукни муҳими забон ва инъикоскунандаи асолати милливу фарҳангии миллат тавсиф карда, тасреҳ намудааст, ки номҳои тоҷикӣ ганҷинае мебошанд, ки дар тӯли асрҳо сайқал ёфта, бо сарнавишт ва ташаккули таърихии миллат иртиботи узвӣ пайдо кардаанд.

Нақши номгузорӣ дар шахсияти инсон хеле муҳим аст. Номи зебову муносиб бунёдгузори шахсияти кӯдак

аст. Номи фарзанд дар шаклгирии шахсият таъсири фаровон дорад. Кӯдак хеле зуд номашро ёд мегирад ва бо номи худ хешро шахсияти мустақил эҳсос мекунад. Аз ҳамин рӯст, ки аз қадимулайём падару модарон кӯшиш мекардаанд, ки ба фарзандони худ номҳои муносиб гузоранд. Баъзеҳо ба фарзандонашон номи ниёгони худро мегузоранд, то ёду хотираи ононро зинда созанд. Ва бархе номи бузургон ва қаҳрамонони миллиро бар онон мениҳанд, ба он умеде, ки фарзандонашон хислатҳои он бузургонро гиранд.

Ҳар як номи тоҷикӣ нишонае аз симои миллӣ ба шумор меравад ва сарфи назар кардан аз он, пеш аз ҳама, беэҳтиромӣ нисбат ба забони модар ва давлати худ, ба таъриху фарҳанги миллӣ ва, дар маҷмӯъ, ба миллату Ватан мебошад. Дар ниҳоди номҳои миллӣ, бидуни шак, орзую омол, эътиқоду эҳтиром, наҷобату шараф, арзишҳои иҷтимоӣ, завқ ва салиқаи зебошиносии миллӣ инъикоси возеҳ ёфтаанд.

**Муҳимтарин нукта дар ин мавзӯъ насабпазирии шаҳрвандон бар тибқи анъанаҳои таърихан ташаккулёфтаи миллӣ мебошад. Меъёрҳои ному насабгузорӣ дар Қонуни забон инъикоси худро ёфтаанд.** Татбиқи оқилона ва санҷидаи ин сиёсат ба эҳё ва тақвияти асолати миллӣ мусоидати матлуб хоҳад намуд.

Сарвари давлат таъкид мекунад, ки «шинохт ва эҳёи асолати миллӣ вазифаи муқаддаси имрӯзаи мову шумост. Асолат омили пойдории ниҳоди давлат ва миллат аст ва шинохту татбиқу тақвияти огоҳонаи он бақо ва ҳастии миллати соҳибистиқлолро ифода мекунад. Агар нектар назар кунем, ном воқеан ҳусни

сират аст. Бахусус, номгузории ашхос ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ қисми ниҳоят муҳим ва арзишманди суннати номгузории мост, ки меъёрҳояш дар Қонуни забон зикр шудаанд».

Чунинанд умдатарин роҳбурдҳо, роҳнамоиҳо ва дастурҳои Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки бобати омӯхтан, гиромӣ доштан, ҳифзу ҳиросат намудан ва ба қудрату тавоноии забони тоҷикӣ афзудан баён доштааст. Умедворем, ки ин нуктаҳои санҷида ва раҳнамуниҳои дилсӯзонаи Сарвари давлат барои ҳаммеҳанон, пеш аз ҳама ҷавонону наврасон, ба сифати дастури раҳнамо хидмат хоҳанд кард.

# ЧӢ ГУНА БОЯД ЗАБОН ОМӮЗЕМ?

Имрӯз ҳар нависанда, рӯзноманигор, тарҷумон ва ҳар касе, ки бо сухан сари кор мегирад, – аз адабиёт то илму фалсафа – ин заруратро ҳис мекунад, ки бояд дар бораи забон андеша намояд ва дар чораандешӣ баҳри пешгирӣ кардани амалҳои харобиоваре, ки дар забони адабӣ ҷараён доранд, саҳм гирад.

Ҳар халқу миллате ба ҳамон андозае, ки марзҳои зиндагии моддӣ ва андешаи маънавии худро густариш медиҳад, забони худро тавонотар ва умри онро дарозтар менамояд. Зеро ҳамон гуна, ки ошкор аст ва таърихи инсоният нишон медиҳад, забон падидаест, ки монанд ба мавҷудоти зинда аст, – рӯзе ба дунё меояд, замоне ба ҳаёти худ идома медиҳад ва, чун неруи зиндагиашро аз даст дод, умраш ба охир мерасад. Тӯли умри ҳар забон вобаста ба неруи ҳаётӣ ва қувваи офаринишу созандагии соҳибони забон аст.

Аҳли забонро метавон ба сокинони шаҳре монанд кард, ки меъморони он забон сохтаанд ва ин меъморон шоирон, нависандагон, олимон, мутафаккирон мебошанд. Меъморони асили забони тоҷикӣ низ ҳазорон сол пеш калима ба калима ин забонро ҳамчун меъморони моҳир канори якдигар чидаанд ва бақои ин забонро барои садсолаҳо муайян сохтанд.

Акнун вазифаи мо – сокинони шаҳри забони тоҷикӣ – аст, ки ин мероси гаронқадрро, ки гузаштагони некномамон аз худ ёдгор гузоштаанд, посдорӣ ва ҳифзу ҳиросат кунем.

Равшан аст, ки аҳли ин шаҳр – шаҳри забони тоҷикӣ – дар асри бисту якум бо ниёзҳо ва мушкилҳои хосе рӯбарӯянд. Вале онҳо набояд аз ин мушкилиҳо ҳаросанд, балки ҷидду ҷаҳд намоянд ва нагузоранд, ки ин мероси гаронбаҳои барҷоймонда аз ниёгонашон вайрон шавад. Ҳаргиз ба он роҳ надиҳанд, ки сохтори асили забонашон хароб гардад ва зарфияташро аз даст диҳад. Барои он пайкор кунанд, ки зарфияту гунҷоиши забонро густурдатар созанд, то ин ки вожаҳою таркибҳои дар он буда ва дар оянда воридшаванда асилу солим нигоҳдорӣ гарданд. Ҳама талоши лозимро анҷом диҳанд, ки ин забони ширину шево садҳо соли дигар барои наслҳоиояндаи тоҷик хидмат кунад ва ҳамчуноне ки мо, имрӯзиён, забони Рӯдакиро мефаҳмем, баъд аз ҳазор сол ояндагон забони моро фаҳманд.

Забони тоҷикӣ забонест, ки андеша, ҳувият ва халқияти моро шакл додааст ва зарифтарину зеботарин ҷанбаҳояш ба хусусияти миллии мо табдил гаштаанд. Забони тоҷикӣ унсури ваҳдатбахш, рамзи ягонагӣ ва ваҳдати миллии мост.

Забони тоҷикӣ забони илм, адабиёт, калом, мантиқ, фалсафа аст. Агар ба китобҳои таърихӣ назар андозем, мебинем, ки ин забон дар ҳама замон ва дар тамоми риштаҳои илм қудрати баён доштааст.

Забони тоҷикӣ забонест, ки дар тӯли ёздаҳ садсола асолаташро нигоҳ доштаву зинда аст ва зинда хоҳад монд. Сурудаҳои Рӯдакӣ – падари шеъри форсӣ – баъд аз ёздаҳ садсола ҳанӯз ҳам барои мо фаҳмоянд:

**Замона панде озодвор дод маро,**
**Замона чун наку бингарӣ ҳама панд аст.**

Ё ин байт:

**Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,**
**Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.**

Имрӯз ҳар як мактабхони тоҷик забони ашъори Рӯдакӣ, достонҳои «Шоҳнома» ва рубоиёти Хайёмро ба хубӣ мефаҳмад. Осори Шекспирро, ки чаҳор сад сол пеш суруда шудааст, англисизабонон – бидуни ба забони имрӯз баргардондан – намефаҳманд.

Ин суханони нағзи донои Тӯс чӣ содаву фаҳмост:

**Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,**
**Зи дониш дили пир барно бувад.**

Дигарон ба забони мо шеър месароянд ва забони моро меситоянд. Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар оташи ишқи мо месӯзад:

**Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони шумо,**
**Эй ҷавонони аҷам, ҷони ману ҷони шумо.**
**Ҳалқа гирди ман занед, эй равшанони обу гил,**
**Оташе дар сина дорам аз ниёгони шумо.**

Суруди миллии Покистон ба забони тоҷикӣ аст. Бисёре аз андешамандон ва бузургони илму адаб ва сиёсати Покистон бо забони тоҷикӣ ошноӣ доранд.

Дар бисёре аз биноҳои даврони ҳукмронии муғул дар Ҳиндустон ашъори тоҷикӣ бар рӯи катибаҳои мармарин ҳаккокӣ гардидааст.

Дар сароҳо ва коххои ҳукуматдорони турки усмонӣ катибаҳо ба забони тоҷикӣ ва бо хати заррин нигошта шудаанд. Он гоҳ барои мо гуноҳе набахшиданӣ аст, ки дар гаҳвораи забони тоҷикӣ ин забони азизро густариш надиҳем.

Агар замоне Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол ва садҳо ниёгони бузургамон бо осори оламгирашон забони тоҷикиро аз нав зинда карданд ва онро шуҳраи офоқ намуданд, чаро мо имрӯз барои нигоҳ доштани забони падаронамон кӯшиш накунем? Чаро ба ояндагон густураи забони тоҷикиро нишон надиҳем? Мо бояд, ҳар чи дар тавон дорем, аз вожаҳои тоҷикӣ баҳра барем ва тоҷикона сухан гӯем. Зеро миллати мо тоҷик ва забонамон тоҷикӣ аст. Забони мо мояи ифтихори мо, тоҷикон, аст. Моро ба ин забон мешиносанд. Магар мешавад тоҷик бошем ва забони тоҷикиро пос надорем?!

Агар аз хондани ин сатрҳо чанд лаҳза бозистем ва як ҳафтаномаи ватаниро гирифта, фақат чанд ҷумлаашро хонем, **бо таассуф иқрор мешавем, ки забони адабии тоҷикӣ дар ҳақиқат ҳам ба ислоҳи ҷиддӣ ниёз дорад. Ва даъватҳои дилдодагони лафзи модарӣ аз ҳамватанон барои посдории забон на танҳо даъват, балки як навъ бонги изтиробанд.**

Сухани тозае нахоҳем гуфт, агар гӯем, ки забондонии мо, тоҷикон, дар сатҳи паст қарор дорад ва ба далели ҳуҷуми фарҳангӣ, ки тавассути филмҳо ва видеомавод анҷом мегирад ва ба иллати таҳти таъсири барномаҳои саргармкунандаву аз ҳар лиҳоз мароқангези шабакаҳои телевизиони хориҷӣ мондани ҳаммиллатони мо сурат мепазирад, рӯз аз рӯз боз ҳам коҳиш меёбад.

Бо хондани ин матлаб шояд пеши дидаҳои хонандаи арҷманд манзараҳое аз суҳбатҳои ҳаммиллатон дар кӯчаву бозор, дохили наклиёти мусофирбар

ҷилвагар мегардад, ки бо якдигар бо чӣ забоне ҳарф мезананд.

Масалан, ҳафтод-ҳаштод сол пеш тоҷикон аслан маънои садҳо калимаҳои русиро, ки имрӯз ба таркиби забони гуфтугӯӣ дохил шуда, доираи истифодаашон беш аз пеш густурдатар мегардад, намедонистанд. Аммо имрӯзҳо ҳатто онҳое, ки забони русиро дуруст намедонанд, дар гуфторашон аз калимаҳои забони русӣ ба таври фаровон истифода мекунанд. Зиёда аз ин, чунин ҳам ба назар мерасад, ки ҳадди аксари тоҷикон асли калимаҳоеро, ки ба русӣ баён мекунанд, ба тоҷикӣ намедонанд.

Чаро ин тавр шудааст? Чаро халқе, ки дар тӯли зиёда аз ҳазор сол забонашро аз тӯфонҳои офатбори таърихи пурфоҷиааш бегазанд берун оварда, то ба асри бист – даврони эҳёи давлатдориаш – расонидааст, дар тӯли ҳафт – ҳашт даҳсола онро ба ҳоли ногувор гирифтор намудааст? Чаро имрӯз мо, тоҷикон, – аз коргари одӣ то ба олими шуҳратманд – бо он сароҳат, бо он зебобаёнӣ, ки ҳамзабонони хориҷии мо ва ҳамватанони бурунмарзии дар муҳити комилан ғайритоҷикӣ бузургшуда ҳарф мезананд, наметавонем сухан гӯем?

Ин саволҳоро як ҷавоб аст – мо забони модариамонро ба тавре, ки бояд омӯзем, намеомӯзем.

Мушоҳидаҳои шахсӣ ва суҳбату машварат бо шахсиятҳои зиёде аз аҳли қалам моро муътақид сохт, ки бароиислоҳи вазъи забондонии ҳаммиллатон чораву тадбирҳое, ки то имрӯз дар соҳаи мактабу мориф андешида шудаанд, натиҷае нахоҳанд дод, ***агар мо тарзи таълими забонро ба таври куллӣ мавриди***

***таҷдид қарор надиҳем.*** Яъне ислоҳи вазъи мавҷударо на бо роҳи боз ҳам зиёд кардани шумораи дарсҳои забон, на тавассути чопи луғатҳои тафсирию соҳавӣ, на бо ташкили комиссияи босалоҳияти давлатӣ ва на бо даъвати ҳаммиллатон баҳри гиромӣ доштани забони модарӣ ба даст овардан ғайриимкон аст.

Ҳамаи он ҳамватанони гиромии мо, адибон, олимон, рӯзноманигорон, муаллимон ва умуман онҳое, ки ҳарферо ба ҳарфе часпонда хуб сухан мегӯянд ва ё менависанд, заҳмату машаққати равону ҷолиб баён карданро медонанд. Ва аз ин сабаб ҳам сухандон шуданд, ки худро дар мактаби саъю кӯшиши худ парваридаанд ва сухангӯӣ ёд додаанд. Пас суоле ба миён меояд, ки мактаби миёна барои чӣ лозим аст?

***Ҳақиқат ин аст, ки дар мактаби миёна, ба ҷои гуфтори адабиро ёд додан, илми забоншиносиро меомӯзонанд.*** Ва ин усули таълим боис мегардад, ки хонандагон на забонро ёд мегиранд ва на илми мураккаберо, чун забоншиносӣ, аз бар менамоянд**.** Ин усул забонро ҳамчун сохтор меомӯзонад ва вақти зиёди омӯзандаро сарфи ҳамаҷониба фаро гирифтани сарфу наҳв (грамматика) мекунад. ***Дар натиҷа мактабхон дониши назариявии забонро ёд мегирад, аммо худи забонро не.*** Вай ҳиссаҳои нутқро медонад, вале дар худи нутқ заиф аст ва наметавонад ба забони адабӣ, ҳамон тавре ки бо забони лаҳҷа озод сухан мегӯяд, ҳарф занад. Ба ростӣ, аҷиб аст, ки барои ин ки ба инсон сухан гуфтанро омӯзонид, ба сари ӯ бояд сели донишҳои барзиёдро рехт. Масалан, худи китоб, бе он ки аввал ба мактабхон сухан гуфтанро ёд диҳад, аз вай талаб мекунад, ки бо истифодаи якчанд

калимаҳо ҷумлаҳое созад ва ё аксаран саволҳои бе-рабт медиҳанд ва мактабхонро сардаргум менамоянд, аз қабили «чаро мо пиронро дӯст медорем?» ва ё «чаро мо Ватанро дӯст медорем?» ва монанди инҳо. Чунин ба назар мерасад, ки муаллифони китобҳои дарсӣ намедонанд, чӣ тавр саҳифаҳои китобро пур кунанд.

Дар бисёр маврид аз адабиёти классикӣ порчаҳои насрӣ меоваранд, ки бо забони имрӯз комилан мувофиқат намекунанд. Шояд муаллифон иддао кунанд, ки бо ин роҳ мактабхонҳоро бо адабиёти классикӣ ошно месозанд. Вале фикр ба он намекунанд: кӯдакон, ки забони имрӯзро дуруст намедонанд, чӣ тавр метавонанд бо чанд пораи насрӣ сабки осори бадеии асрҳои гузаштаро ёд гиранд? Ва умуман оё ин муҳим аст?

Чун дар ҳама кор, дар таълими забон низ, бо усули аз сода ба мураккаб бояд амал кард. **Мо ҳамеша ин воқеиятро бояд дар хотир дошта бошем, ки зиёда аз ҳаштод дарсади калимаҳои забони тоҷикӣ решаи арабӣ доранд. Пас аввалин ва муҳимтарин вазифаи мактабу муаллиму китобҳои дарсӣ ба мактабиён ёд додани маънои калимаҳо аст. Ва мушкили дигаре, ки дар сари роҳи омӯзиши забони адабӣ қарор дорад, ин фарқи боризи сохтори забони адабӣ аз қолаби забони шифоҳӣ аст. Аз ин рӯ, то ин ду масъала ҳалли худро наёбанд, яъне агар мо услуби роиҷи таълими забонро куллан дигар карда, ба усули амалии фаро гирифтани забон нагузарем, ба ҳеҷ пешрафте дар ин замина ноил намегардем.**

Вале мо ба ҷои иқрор шудан ба ин ҳақиқат, ки забони адабиро намедонем ва ба ҷои пайиислоҳи он кӯшидан, дар мавриди лозиму нолозим бо худситоӣ ва фахрфурӯшӣ,аз қабили «мо фарҳанги ғанӣ дорем», «мо забони оламшумул дорем» ва ғайра, машғулем.

Масалан, ҳатто аз минбарҳои баланди маҳфилҳои бузург дар баёни таҷаллии ягон ҳодисаву воқеа мегӯем: **«шукӯҳу шаҳомат»**. Ва боре ҳам луғатро кушода намебинем, ки **шаҳомат** хусусияти одам аст, на ин ки сифати ҳодиса. Танҳо дар мавриди инсон калимаи **шаҳомат**ро метавон ба кор бурд, ҳодисаву воқеа наметавонанд **далер, ҷасур, боҳиммат, саховатманд** бошанд, ки инҳо ҳама маъно ва муродифи калимаи **шаҳомат** ҳастанд.

Дигар калимае, ки нисбатан бисёр ва ноҷову бемантиқ истифода мешавад, калимаи **ташриф** аст. Решаи калимаи **ташриф шараф** аст ва ин калимаро, яъне **ташриф**-ро тарафи пазироикунандаи меҳмон аз рӯи одоби меҳмоннавозӣ ба кор гирифта, вуруди меҳмонро барои худаш шараф меҳисобад. Аммо мо ин калимаро ҳамчун муродифи калимаи русии **«визит»** истифода мекунем ва сафари ҳар касеро, ки аз ҷое ба ҷое рафт, **ташриф** мегӯем, аз қабили: «вазири умури хориҷаи Миср ба Ҳабашистон ташриф овард». Ин ҳабашистониҳои меҳмоннавоз бояд вуруди мансабдори олиқадри мисриро, ки вориди кишварашон шудааст, **ташриф** гӯянд, на ин ки мо.

**Қадам ранҷа намудан** ё **қадам ранҷа кардан**-ро низ тарафи пазироикунандаи меҳмон аз рӯи одоби меҳмоннавозӣ ба кор мегирад.

Калимаи **наҷиб,** монанди вожаи **шаҳомат,** фақат барои баёни хислати инсон истифода мешавад ва маънояш аз нажоди пок будан аст. Вале мо ин калимаро ба кору ҳодисаву воқеа нисбат медиҳем ва ба ҷои **корҳои наҷибона**, **рафтори наҷибона** гуфтан, **корҳои наҷиб, рафтори наҷиб** мегӯем.

Калимаи **пайкор** ҳарчанд зоҳиран амале вобаста бо **кор**ро баён месозад, маънои луғавиаш **ҷанг** ва **мубориза**и **ҷанговарона** мебошад. Вале мо барғалат ин калимаро паҳлуи калимаи **кор** гузоштаву **кору пайкор** гуфта, гумон мекунем, ки хеле шоирона ва пуртаъсир гап зада истодаем.

Калимаҳои **мустақил** ва **истиқлол** вожаҳои ҳамреша ҳастанд ва дар таркибашон овози сактадор надоранд, вале аксари гӯяндагони телевизиону радио калимаи **мустақил**ро сактадор – **мустаъқил** – талаффуз мекунанд.

Ибораи **ҳусни оғоз**-ро аз рӯи лутф ба сухани шахсе, ки миёни ҳозирон обрӯманд аст ва ё нисбати гуфтори пурмазмуни иқтибосшудаи ашхоси маъруфе мегӯянд. Масалан, «Устод Бахтиёрӣ бо хондане шеъре аз эҷодиёти худ маҳфили шоирони ҷавонро ҳусни оғоз бахшид». Ибораи «ҳусни хотима» низ ҳамин гуна корбурд мешавад: «Устод Бахтиёрӣ бо додани чанд тавсияи судманд ба маҳфили шоирони ҷавон ҳусни хотима бахшид».

Вожаи **намоишнома** аз ду реша – намоиш+нома – сохта шудааст ва равшан аст, ки маънои навиштаеро медиҳад, ки аз рӯи он намоиш таҳия мекунанд. **Намоишнома** муродифи калимаҳои русии **пьеса** ва **сценарий** мебошад. Аммо аксарият ин калимаро ба

ҷои намоиши театрӣ ба кор мебаранд, ки комилан ғалат аст.

**Ифтитоҳ,** албатта, маънои кушоданро дорад, вале беҳтар он аст, ки ба ҷои ин калима вожаи **кушоиш**-ро истифода кунем, ки ҳамзабонони мо ин вожаро зиёдтар истифода мекунанд.

Маънои вожаи **шодбош** табрик гуфтан аст, вале ин калимаро ба ҷои «салом» истифода мекунем. Масалан, операторҳои ширкати «Вавилон» мегӯянд: «Шуморо шодбош мегӯем». Бомантиқу тоҷикона мебуд, агар мегуфтанд: «Шуморо дуруд мегӯем!».

Дар луғатномаи Деҳхудо вожаи **дарёфтан** чунин шарҳ дода шудааст: ***воқиф шудан, донистан, мутталеъ шудан; дироят, тафаҳҳум, фаҳмидан, фаҳм кардан, дарк кардан...***Чанд мисол:

***Дарёфт,*** *ки шамъи ҳаёти падараш дар остонаи хомӯш шудан аст.*

*Хеле зуд* ***дарёфт,*** *ки фурсати зиёде надорад.*

*Ӯ* ***дарёфт,*** *ки дар ин замина истеъдоде надорад.*

Вале дар бисёр маврид мо **дарёфтан**ро ба ҷои ёфтану пайдо кардани касе ва ё чизе истифода мекунем.

Бисёре аз ҳамватанон **дарзмол**ро **утуг** ё **уту** мегӯянд, ки **дарзмол** гуфтан хуб аст.

Дар забони гуфтугӯӣ калимаҳое ҳастанд, ки муродифи тоҷикӣ надоранд, вале қабул кардани онҳо ба забони адабӣ бо ҳамон шакле, ки дар забони халқ роиҷанд, кори хатое нахоҳад буд. Масалан, калимаи **квартира**, ки дар варақаҳои расмии мақомоти гуногун

ба ҷои он калимаи **ҳуҷра** ё **утоқ**ро истифода мебаранд, ки чандон дуруст нест. Утоқ ин қисмати мустақиле аз хона аст. Дар забони тоҷикӣ калимаи **хона** ҳам ҳавлиро ва ҳам сохтаҳои мустақилеро бо чаҳор девор ва шифт(сақф) мефаҳмонад. Масалан: «Ӯ дар деҳа **хонае** дошт», – ин ба маънои ҳавлӣ. «Ин ҳавлие буд иборат аз панҷ **хона»**, – ин ба маънои қисмати мустақиле аз хона. Аммо **ҳуҷра** ин хоначаи танг дар масҷид, дарвешистон ва ғайра аст. Ва **утоқ** низ манзили фард аст, ки дар Эрон ба маънои ҳам қисмате аз хона ва ҳам ба маънои кабинети корӣ истифода мешавад. **Квартира**ро дар Эрон опортумон мегӯянд. Мо низ, агар вожаи **квартира**ро истифода кунем, айбе надорад.

Номи БДА дар ҳадди ниҳоят бемантиқ аст – Бозрасии давлатии автомобилӣ. Дар ин ном маълум нест, ки манзур аз бозрасии чист – давлат ё автомобил? Бемантиқии ин ном вақте бараъло намоён мегардад, ки калимаи «давлатӣ»-ро хориҷ карда хонем: Бозрасии автомобилӣ. Яъне сухан аз бозрасиест, ки маъмурон онро бо воситаи автомобил анҷом медиҳанд. Оё беҳтар нест, ки номи ин хидматро фаҳмо карда, **назорати ҳаракати нақлиёт** гӯем? Оё шарт аст дар ин номи хидмат ба таври ҳатмӣ калимаи автомобил ҳузур дошта бошад, дар сурате ки иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо фақат автомобилҳо набуда, воситаҳои дигари нақлиёт, аз қабили троллейбус, мотосикл, велосипед, ароба ва ғайра, мебошанд.

Аз ҳама мероси сахтҷоне, ки аз даврони шӯравӣ мондааст, ин мафҳумҳои бемантиқ дар номи баъзе сохторҳо мебошад, аз қабили «Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикис-

тон». Манзур аз **«назди Ҳукумат»** гуфтан сохтори тобеи Ҳукумат гуфтан аст. Пас оё беҳтар нест, ки ин номро мувофиқ ба меъёри забони тоҷикӣ «Кумитаи ҳукуматии ҷавонон...» гӯем. Зеро вожаи «ҳукуматӣ» дар ин ном ба тобеъ будани ин кумита ба Ҳукумати мамлакат ишора мекунад. Ва агар чунин ҳисоб кунем, ки ҳузур доштани калимаҳои «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ин номҳо зарур мебошанд, он гоҳ, ба назари мо, беҳтар аст, ки онҳоро ба ду қисмат ҷудо карда нависем, масалан: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи ҷавонон...», «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи занон ва оила», «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. АМИТ «Ховар» ва ғайра.

Беҳавсалагӣ, хунукназарӣ ва гоҳе камсаводии кормандони он ниҳодҳое, ки ба сифати сарчашмаи забономӯзӣ хидмат мекунанд, ин боз як мавзӯи дарднок аст. Чӣ рӯзномаеро аз назар нагузаронед, пур аз хатоҳои имлоӣ аст. Сатрҳои гузарони телевизион сартосар пур аз хатост. Дар телевизиони пойтахт як байт шеъри бахшида ба Душанберо, ки дар як рӯз даҳҳо маротиба нишон медиҳанд, чанд муддат пеш хато менавиштанд.

**«Аҷаб шаҳри дилоророӣ, Душанбе,**
**Хаёлам, зеби дунёӣ, Душанбе»**-ро, ки чаҳор вергул дорад, бидуни ягон вергул навишта нишон медоданд…

Маҳдудаи ин нигошта имкон намедиҳад, ки аққалан садяки «ҷилваҳои эҷодӣ»-и қаламкашонеро, ки ҳамарӯза саҳифаҳои рӯзномаҳову маҷаллаҳову китобҳоро аз ин гуна ғалатҳо «гулгун» мекунанд, оварем.

Дархӯри аҳамият хоҳад буд, ба ҷои ин гуна навиштаҳои дилгиркунанда чанде аз тавсияҳои коршиносон ва қаламкашонро оварем, ки оганда аз роҳкорҳо ва нуктаҳои судманд барои хуб сухан гуфтан ва нутқро сайқал додан мебошанд.

Инак, он нуктаҳое, ки бояд биомӯзед:

– Сухан гуфтан ниёз аст. Хуб сухан гуфтан фан аст. Зебо сухан гуфтан ҳунар аст.

– Зиёд машқу тамрини суханронӣ кунед, то ин ки фанни сухан гуфтанро хуб ёд гиред.

– Шояд хотираи хуб надошта бошед, аммо лозим аст, ки барои хуб сухан гуфтан ҳофизаатонро неру бахшед. Барои ҳам мустаҳкам кардани хотира ва ҳам барои зебо сухан гуфтан шеърҳои зиёд ва ҷумлаҳои омӯзандаро аз ёд кунед, то ин ки дар мавриди лозим онҳоро дар гуфторатон ба кор баред.

– Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки каме аз равоншиносӣ огоҳ бошед ва донед, ки чӣ тавр метавон шавқи шунавандаро бедор кард.

– Аз интиқод натарсед. Аслан аз касе, ки шуморо танқид кардааст, наранҷед. Кӯшиш кунед, ки гуфторатон санҷида бошад, дар акси ҳол худатон замина фароҳам меоваред, ки шуморо танқид кунанд. Худатон низ ба нафси касе назанед, агар ҳам пай бурдед, ки суханаш бемантиқу берабт баромад. Аз саҳву хатои дигарон ҳамеша барои худ дарс гиред. Кӯшиш намоед он чиро, ки дар суханони дигарон писандатон наафтод, дар гуфтори хеш такрор накунед.

– Бодиққат мутолиа кунед ва аз ҳама чизи тозаву нав иттилое ба даст оваред, то дар ҳузури одамони таҳсилкардаву огоҳ шахси бехабар аз дунё шинохта нашавед.

– Тавре машқу тамрин кунед, ки қоидаҳои хуб сухан гуфтан барои шумо ба одат табдил шавад, – ҳамон гуна, ки одам нафас мекашад ва роҳ меравад.

– Ҳеҷ гоҳ ва дар ҳузури ҳеҷ кас аз забондониатон нанозед. Агар ҳам эҳсос кардед, ки матлаби баёнкардаи ҳамсуҳбатонро дар қолаби хубтаре гуфта метавонед, аз ин кор худдорӣ кунед.

– Агар мехоҳед ҳарфҳоятон ҳаяҷоновар ва таъсиргузор бошанд, бояд аз таҳи дил ҳарф бизанед. Яъне суханҳоятон ҳарфҳои дилатон бошад.

– Зиёд забонбозӣ накунед ва сода сухан гӯед. Агар зиёд забонбозӣ кунед, ба пизишке монанд мешавед, ки сари болини беморе, ки аз дарди сахт ба худ мепечад, нишастааст ва, ба ҷои ба бемор дорую даво додан ва дардашро сабук кардан, барояш аз илми тиб сухан мегӯяд.

– Саъй кунед аз чизҳое суҳбат кунед, ки барои мардум хушоянданд.

– Зарбулмасалҳо, ривоятҳо, ҳикояву достонҳоро барои тақвияти мавзӯи гуфторатон ба кор гиред, ки ин ҳама сухани шуморо дилписанд мекунанд.

– Вожаҳоро пурра талаффуз кунед, ҳеҷ ҳарферо дар калима ва ҳеҷ калимаеро дар ҷумла ноқису нотамом баён нанамоед.

– Бисёр мутолиа кунед ва зиёд китоб хонед. Бо мутолиа маҳорати кашфу дарёфти мафҳумҳои баландро соҳиб мешавед ва ганҷинаи вожагонатон ғанитар мегардад.

– Корбурди вожаҳо ва ҷойгоҳи ҳар кадомро дарёбед, дар интихоби вожаҳо иштибоҳ накунед ва мақому масрафи ҳар калимаро биёмӯзед. «Гулистон»-

и Саъдӣ, девони Ҳофиз, насру шеъри имрӯз, матнҳои илмӣ, фалсафӣ, ҳунарӣ, таърихӣ, сиёсӣ, ҳикояҳо, масалҳо, суханҳои бузургон ва амсоли инҳоро зиёд мутолиа кунед ва ба хотир супоред.

– Забони модарӣ ва қоидаҳои онро ёд бигиред. Ин ёдгирӣ боис мешавад, ки ошуфта сухан нагӯед ва ҳамеша сухани шуморо бифаҳманд.

– Хатоҳо ва ғалатҳои маъмули гуфторӣ ва навишториро бишиносед ва аз корбурди онҳо парҳез кунед. Барои фарди одӣ дар ҷомеа хатои забонӣ айб аст, аммо барои одами таҳсилкарда зишт аст. Вожаву таркибҳоеро, ба монанди «агарчи», «бояд гуфт, ки», «лозим ба зикр аст, ки» ва даҳҳо намунаи дигар, зиёд истифода набаред, ки табъи шунавандаро хира мекунанд.

– Шеърхониро ёд гиред, шеърро ғалат нахонед, такяҳову тақтеъҳоро ҳангоми хондани шеър риоя кунед.

– Бо адабиёти миллӣ, осори адибон ва намунаҳои мактуб ва матнҳои гуногун дар ҳадди ниёз ошно бошед ва бархе аз онҳоро дар дафтаре барои корбурд ёддошт кунед.

– Бархе аз ҳикоятҳои «Гулистон»-и Саъдӣ ё «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва дигар осори суханварони бузурги адабиёти миллӣ ва хориҷиро хонед, нукоти баландмазмуни онҳоро ҳифз кунед, зеҳну ҳофизаи худро бо онҳо зинат бахшед ва дар мавриди ниёз ба кор баред.

– Ба забону адабиёти тоҷик арҷу эҳтироми қалбиву дарунӣ гузоред ва ин забонро дуруст, ширин, беғалат, шаффоф, сода ва бидуни таклиф ба мардум арза намоед.

– Мардум ва кишвари худро дӯст доред ва дар ин дӯстӣ заррае риёву тазоҳур накунед. Аз меҳанпарастии дурӯғин, ки мардум аз он безоранд, парҳез намоед.

– Дар сухан гуфтан саросема нашавед, шитоб накунед ва шаффофгӯ бошед. Барои дастёбӣ ба маҳорати шаффофгӯӣ тамрин кунед ва матнҳои мухталифро пеши худ бурро хонед.

Ҳунари суханварӣ ва хуб сухан гуфтан ба танҳоӣ кофӣ нест. Балки агар мехоҳед аз суханони касоне, ки мехоҳанд донишеро ба шумо интиқол диҳанд, баҳраманд шавед, бояд ҳунари хуб гӯш доданро ҳам биомӯзед.

***Забони меъёрро мо, форсизабонон, забони адабӣ номидаем, ки дар тамоми ҷаҳон танҳо забони китобии мо забони одоб ном дорад.*** Ва ин бесабаб нест. Тамоми адабиёти ҳазору дусадсолаи форсиву тоҷикӣ – идомаи мантиқии фарҳанги оламшумули аҷдоди дури мо, – ки решаи тамаддунҳои Шарқу Ғарбро шодоб намудааст ва бар пояи се асли бунёдии фарҳанги ориёии «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» бино шудааст, сартосар ҳидоятгари инсон ба роҳи ростин, ҳақиқат, адолат, башардӯстӣ, эҳтироми ҳамнавъон мебошад. Дар дунё дигар осореро наметавон пайдо кард, ки мисли мероси адабии форсу тоҷик ин ҳама арзишҳои баландро ба инсонҳо исроркорона тарғиб карда бошад.

Пас биёед, ин **забони одобро,** ки бо он бузургтарин ва арзишмандтарин осори адабиёти ҷаҳонӣ эҷод шудааст, дар якҷоягӣ бо ниёзҳои имрӯзи худ ҳамроҳ

ва ҳамсоз кунем. Биёед, даст дар дасти ҳам диҳем ва забони худро посдорӣ кунем. Гиромидошти забони миллӣ гиромидошти худи мост.

**Мо аз адибон, рӯзноманигорон, муаллимони забон ва ҳар соҳибназаре даъват мекунем, ки бо истифода аз зарфиятҳои ин забони қудратманд ва таркибпазир, бар ивази он калимаҳои гӯшхарош ва бемантиқ, ки сандуқи забони тоҷикӣ аз онҳо имрӯз пур шудааст, калимаҳои хуб, пурмағз, балеғ ва расо бисозанд ва бар зарфияту густурдагии забони тоҷикӣ биафзоянд.**

Мо ин забонро, ки ҳамчун мероси муқаддас аз ниёгонамон гирифтаем, вазифадор ҳастем аз таркибҳову калимаҳои ғализу ғалат покиза намоем ва полоишу пироиш кунем.

Нуктаи маълум аст, ки забон сутуни ҳувияти миллат аст. Пас вазифаи ҳар фарди огоҳ, дилсӯз ва пайгир ин аст, ки дар устувориву пояндагӣ нигоҳ доштани он ҷидду ҷаҳд намояд.

# МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛАТ – ЧАРОҒИ РОҲИ ПЕШРАФТ

**(дар ҳаммуаллифӣ бо Акрам Воҳидов)**

**(моҳи январи соли 2020)**

**«Мегӯянд, ки корномаи як роҳбари сиёсии воқеиро метавон ба чаҳор марҳала тақсим кард: дар аввал ба ӯ таваҷҷуҳ намекунанд, баъд ба вай бо тамасхур менигаранд, сипас бо ӯ мубориза мебаранд. Ва саранҷом ӯ пирӯз мегардад». Ба дурустии ин суханҳои Маҳатма Гандӣ мо дар мисоли роҳбари сиёсии кишварамон – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон – бовар пайдо кардаем.**

Дар аввалҳо барои ин ба Эмомали Раҳмон таваҷҷуҳ намекарданд, ки мепиндоштанд зери бори вазнини мушкилоти зиёди тақрибан ҳалнопазири сиёсию ҳарбию иҷтимоӣ ё худаш ба зудӣ аз мансаби сарвари давлат даст мекашад ва ё ӯро маҷбур мекунанд, ки ба истеъфо равад. Зеро шоҳиди он буданд, ки дар тӯли як давраи кӯтоҳе пас аз ба истиқлол расидани кишвар ду Президенти ҷумҳурӣ, чаҳор Раиси Шӯрои Олӣ ва панҷ Ҳукумат барканор шуданд. Илова бар ин, авзои кишвар аз вазъияти як сол пеш бамаротиб печидатар ва шароит сахттар гашта буд.

Баъдан ба Эмомалӣ Раҳмон ба ин сабаб бо тамасхур менигаристанд, ки медиданд ин сарвари ҷавон дар вазъияте, ки кишвар ҳанӯз дар гирдоби ҷангу хунрезӣ даступо мезад, даҳҳо ҳазор одам бехонаю сарпаноҳ мондаву садҳо ҳазор ҷилои Ватан карда, дар мулкҳои бегона овора буданд, бо хушбоварии фавқулода аз сулҳу оштӣ, ҳамдиливу ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдати миллӣ, ояндаи дурахшони кишвар ва дигар ҳадафҳои бузург сухан мегуфт. Дар он рӯзҳо барои бисёриҳо тасаввури чунин ҳадафҳо воқеан ҳам душвор буд, зеро мепиндоштанд, ки ин ҳадафҳои бузург

дастнаёфтанӣ мебошанд. Ҳатто баъзе аз онҳое, ки дар сохторҳои муҳими идораи давлат фаъолият мекарданд, ба фарҷоми муваффақиятомези иқдомҳои роҳбари давлат чандон бовар надоштанд.

Сипас барои он бо Эмомалӣ Раҳмон ба мубориза бархостанд, ки мехостанд ӯро аз саҳнаи сиёсат дур андозанд, то ба ин васила пеши ҷараёни солимсозии вазъи сиёсию ҷамъиятиро, ки бо тадбиру иқдомҳои ин сиёсатмадори матин беш аз пеш ба суръаташ афзуда мешуд, бигиранд, Тоҷикистонро дигарбора оғӯшта ба хоку хун кунанд, андешаҳои вопасгароёнаи худро ба миллати бофарҳанги тоҷик таҳмил намоянд ва кишварро ба фалокату бадбахтӣ бикашонанд.

Ва саранҷом Эмомалӣ Раҳмон ба пирӯзӣ расид! Барои он ба пирӯзӣ расид, ки дар ҳамаи кораш, ҳамаи иқдомаш ва азму талошаш **ба ду омил – қудрати мардум ва тавоноиҳои фардии худ** – такя кард.

Ҳамин такя ва бовар ба мардуми Меҳан ва тавоноии дарунии хеш ба Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолияти сахту душвораш дар роҳи расидан ба ҳадафҳову ормонҳои поку воло – ба хотири саодату хушбахтии миллат – шуҷоат, устуворӣ ва мардонагӣ бахшид.

Вақте Эмомалӣ Раҳмон сарвари давлат интихоб гардид, на таҷрибаи кофии сиёсӣ дошт, на бар маҳфилҳои бузурги сиёсатмадорони ҷаҳон ворид буд, ки бо шахсиятҳои варзида маслиҳату машварат кунад, ва на узви ҳизби қудратманде буд, ки бар хатти он такя намояд. **Такягоҳи ӯ танҳо мардуми кишвар буд.** Ҳимояту пуштибонии мардум, ҷалби эътимоди онҳо, корбасти тавонмандиҳо ва неруи лоязоли халқ барои ҳаллу фасли хостаҳою ниёзҳои ҳаётии ҷомеа ба

Эмомалӣ Раҳмон кумак карданд, то ҳамаи тадбирҳо ва иқдомҳои сулҳсозона ва зиндагисозонаи худро бомуваффақият ба ҳадаф расонад.

Дар такя ба мардум Эмомалӣ Раҳмон – ҳамчун фарзанди падару модари заҳматкаш, парвардаи обу хок ва муҳити меҳнату машаққати кишоварзон – халқро, ба маънои комили ин вожа, мешинохт ва онро қудрати бузург медонист. Ӯ муддатҳо пеш аз ба сиёсат рӯй овардан ба чунин ақида расида буд, ки агар роҳбари сиёсии тавонманду доное ба саҳна ояд ва тавонад, ки дар партави роҳу равиши равшан мардуми кишварро дар атрофи худ муттаҳид созад, ин мардуми ватандӯст, заҳматкаш ва бономусу шараф қодир аст Тоҷикистонро ба кишвари пешрафтаю ободу шукуфо табдил диҳад.

Эмомалӣ Раҳмон, ки чаҳор даҳа умри худро дар миёни мардуми заҳматкаш гузарондаву худ низ аҳли талошу заҳмат буд, наметавонист ҳатто тасаввури онро дошта бошад, ки сарнавишти худро аз сарнавишти мардуме, ки бо онҳо зиста буд ва ҳамеша шарики шодиву сурур ва ғаму андуҳи онон буд, ҷудо кунад. Ҳамин андеша ӯро ба сиёсат овард, то барои беҳбудии зиндагии халқи заҳматкаш хидмат кунад.

**Дар такя ба худ Эмомалӣ Раҳмон равшантарин намунаи худбовариро, ки танҳо хислати инсонҳои неруманду тавоност, нишон дод.** Ӯ ҳанӯз дар нахустин ҳафтаҳо ва моҳҳои раёсати худ – бо ҷасорату мардонагию қотеият дар иҷрои нақшу масъулиятҳои худ – собит кард, ки қодир аст дар сахттарин ва мушкилтарин шароити сиёсию ҳарбӣ даст ба иқдомҳои ҷасурона занад ва бо камтарин имконияти идорию низомӣ дар кӯтоҳтарин муддат вазъро ба эътидол оварад.

**Ҳамин худбоварӣ ва огоҳӣ аз тавонмандиҳои даруниаш буд,** ки Эмомалӣ Раҳмон, дар марҳалаи барои сарнавишти давлату миллат хатарноки тирамоҳи соли 1992, дар мавқее, ки андаке монда буд Ватани мо ғарқ дар хуни фарзандони хеш гардидаву аз назарҳо нопадид шавад, рисолати наҷоти кишвар ва миллатро бар дӯш гирифт. Ин дар шароите буд, ки касе, ҳатто онҳое, ки, ба қавле, устухонашон дар сиёсат сахт шуда буд, ҷуръати ба зимма гирифтани чунин масъулиятро надоштанд.

**Ҳамин худбоварӣ ва эътиқоди устувор ба тавоноии шахсиятии хеш буд,** ки Эмомалӣ Раҳмон дар пеши мардуми кишвар савганди фарзандӣ ёд кард ва изҳор намуд, ки дар кишвар сулҳу оромиро ҳатман барқарор хоҳад кард. Ӯ ин суханҳоро дар шароите ба забон оварда буд, ки Тоҷикистон на сохторҳои неруманди қудратӣ дошт, на артиш дошт ва на мақомоти роҳбарии коромад!

**Ҳамин худбоварӣ ва эътимод ба ҷасорату ҷавонмардии хештан буд,** ки Эмомалӣ Раҳмон – ба хотири ҳарчи зудтар хотима бахшидан ба мухолифатҳо – бидуни заррае тарс ба маҳалҳои хатарноки ҷанг ва ба гуфтушунид бо ифротитарин сардорони силоҳбадастон мерафт, аз ҳеҷ гуна сӯиқасде ба ҷонаш ва эҳтимоли ҳалок гардидан намеҳаросид.

**Ҳамин худбоварӣ ва такя ба истеъдодҳояш буд,** ки Эмомалӣ Раҳмон корҳои бузургеро, ки бисёриҳо имконнопазир мешумориданд, имконпазир кард, аз монеаҳое, ки мепиндоштанд рахнанопазиранд, гузашт, ба ҳадафҳое, ки барои аксар дастнорас менамуданд, расид.

Муҳимтарин нукта дар пирӯзиҳои Эмомалӣ Раҳмон ин аст, ки **илова бар ин ки худаш саршор аз худбоварӣ ва тавонмандиҳои маънавӣ аст, рӯҳияи худбовариро дар мардум низ бедор кард, ҳушмандию ибтикору эҳсоси масъулияти онҳоро ба ҳаракат овард, ҳамватанонро ба ҷидду ҷаҳд ба хотири бозшиносии ҷойгоҳи иҷтимоиашон ташвиқ намуд, ба мардум роҳи саҳеҳи расидан ба ҳадафҳоро нишон дод**.

Шахсияти бисёрҷонибаи Эмомалӣ Раҳмон, ахлоқи писандида, шуҷоат, мардонагӣ ва ҳамоҳангии қавлу амалаш боис шуданд, ки мардум ба ӯ зуд эътимод пайдо карданд. Зеро медиданд, ки ин сарвари ҷавон бо шоистагии як роҳбари сиёсии хирадпеша ниёзҳои асосии ҷомеаро ташхис медиҳад ва ба ҳаллу фасли ин ниёзҳо дар ҳадди имкон талош мекунад. Медиданд, ки ӯ бо мардум пайваста дар иртибот аст ва мехоҳад дардҳою ранҷҳои халқро аз наздик эҳсос кунад, то – бо огоҳӣ аз воқеият – хостаҳои афроди ҷомеаро ба таври матлуб пайгирӣ намояд.

Эмомалӣ Раҳмон – бо ин ҳама хусусиятҳо ва вижагиҳо – дар баробари мардум ба сифати сармашқ ва намунаи ибрат қарор гирифт ва батадриҷ худтавонмандию иқтидори маънавии ӯ ба қишрҳои гуногуни ҷомеа интиқол ёфт ва ҳамагонӣ гардид. **Ва, муҳимтар аз ҳама, миёни мардум ва Сарвари давлат пайванди рӯҳию маънавӣ ба вуҷуд омад.** Ин пайванди рӯҳию маънавӣ нуқтаи таҳаввули миллати тоҷик гардид ва ҳамбастагӣ байни афроди миллату давлат бештар ва устувортар шуд. Бар асари ин таҳаввули равонию маънавӣ ва бо такя ба хосту иродаи мардум Эмомалӣ Раҳмон аз қитъаҳои азҳампошида Тоҷикистон сохт, ба

кишвар азамату шукӯҳ бахшид ва ҷойгоҳи давлати тоҷиконро дар арсаи ҷаҳон устувор гардонд.

Имрӯзҳо зиёда аз бисту ҳафт сол аз замони баргузории иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ мегузарад. Тоҷикистон, ки дар оғози истиқлоли худ ҳаммонанди ниҳоли навкошта пояаш суст ва дар пеши тундбодҳои ҳаводис ларзон буд, акнун мисли дарахти танумандu решадорест, ки устуворию иқтидорашро касе дар дунё наметавонад инкор кунад. Пешрафтҳои азиме, ки давлат ва миллати мо дар арзи солҳои гузашта дар тамоми арсаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию илмию фарҳангӣ ба даст овардаанд, нишон медиҳанд, ки кишвари мо роҳи саҳеҳу итминонбахшро ба сӯи рушду тараққӣ дар пеш гирифтааст.

Сохтмони роҳҳои автомобилгард, эҳдоси роҳҳои оҳан, бунёди неругоҳҳои бузургу миёнаву хурди барқи обӣ, ба кор андохтани садҳо корхонаи нав, амалӣ гаштани барномаҳои васеи ислоҳоти кишоварзӣ, тавсеаи сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ, густариши фаъолиятҳо дар соҳаи ҳифзи тандурустӣ, сохтани дармонгоҳҳо, бемористонҳо, мактабҳо, кӯдакистонҳо, муассисаҳои кумакҳои иҷтимоӣ, пешрафти муназзами фарҳанг, афзоиши доимии шумораи таҳсилкунандагони мактабҳои миёнаву олӣ, ислоҳоти соҳаи ҳуқуқ ва тартиботи ҷамъиятӣ... – ҳамаи инҳо фақат намунаҳое аз фаъолиятҳоянд, ки акнун дар ҳавзаҳои мухталифи ҳаёти кишвари мо дар ҷараён мебошанд, то ин ки дарояндаи наздик Тоҷикистон ба яке аз мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон табдил ёбад.

Эҳтиёҷе ба зикр кардан нест, ки ҳамаи ин дастовардҳои бузург – бештар аз ҳама ва пештар аз ҳама –

ба шарофати **пайванди рӯҳию маънавии Пешвои миллат бо мардуми мамлакат** ба вуҷуд омадаанд. Пайванде, ки аз дер боз бар пояи эътимод бино шудаву аз соле ба соле рӯ ба афзунӣ аст. Зеро агар роҳбари кишваре мавриди эътимоди миллати хеш бошад, метавонад – бо такя ба ҳайсияту нуфузи маънавии худ – даст ба иқдомҳои бузург бизанад ва дар корзорҳои васеи созандагӣ пирӯз гардад.

Ин, ки Эмомалӣ Раҳмон тавонист Тоҷикистони нобасомон аз ҷангу қатлу ғорату таҷовуз ва бо дастгоҳҳои идории амалан нокоромади сароғози истиқлолиятро ба кишвари бонизому босубот ва омода ба пешрафтҳои босуръат табдил диҳад;

ин, ки иқтисоди дар асари ҷанг харобгаштаву ба даҳсолаҳо ақибафтодаро эҳё намудаву дар масири рушду тараққӣ гузорад;

ин, ки ҷомеаи аз лиҳози иҷтимоӣ сусту заифу бемор ва аз нигоҳи ақидатӣ шикастхӯрдаю парешонро дармон кардаю ба ваҳдату ҳамдилӣ расонад;

ин, ки мардуми хаста аз ҷанг ва рӯҳафтодаю маъюсро ба инсонҳои боангеза мубаддал кардаву дар дили онҳо умед ба ояндаи некро бедор созад, **дар ҳақиқат муъҷиза аст. Муъҷиза** аз ин ҷиҳат, ки бисёриҳо – чи дар дохил ва чи берун аз кишвар – бовар намекарданд дар мамлакате, ки шумори қобили таваҷҷуҳе аз мардумаш – бо иғвою дасисаи бадхоҳони миллат – ба гирдоби ҷанги бародаркушӣ афтодаву фарзандони як падару модар ба ҷони ҳамдигар дарафтодаанд;

дар ҷомеае, ки бар асари таблиғоти душманон дар он фазои хусумату бадбинӣ ҳукмрон аст;

дар сарзамине, ки ҷавлонгоҳи неруҳои аҳриманӣ шудаву кори ин неруҳои сиёҳ ба парокандагию ошуфтагию бегонапарастӣ кашондани миллат аст, касе қудрати онро дошта бошад, ки назму тартибу қонун ва оромишу амнияту суботро барқарор созад ва – ба ин васила – миллату кишварро аз марги яқин наҷот бидиҳад. Аммо Эмомалӣ Раҳмон бо қудрати иродаву ҳиммати худ – ба хотири саодати миллионҳо инсони муштоқи зиндагии орому осуда – **ин кори тақрибан нашуданиро анҷом дод**.

Оре, ин фарзанди диловару шуҷои халқ – ба ҳукми сиришти поки миллӣ ва ғайрати инсонии хеш – барои ҳифзи обу хок ва шарофати сарзамини аҷдодӣ аз худ **қаҳрамонӣ** нишон дод. **Қаҳрамоние, ки назирашро баъд аз амирони Сомонӣ касе нишон надода буд.**

Дар зиндагӣ инсонҳои қодир ба корҳои муъҷизагунро маъмулан шахсиятҳои истисноӣ меноманд. Дар ин росто худ ба худ пурсишҳое ба миён меоянд, ки Эмомалӣ Раҳмон чӣ тавр тавонистааст ин ҳама истеъдодҳо ва тавоноиҳоро ба даст оварад ва дар як давраи кӯтоҳе ба сиёсатмадори барҷаста табдил гардад? Яъне рози қудрати маънавӣ ва пешрафтҳои ин абармарди сиёсат дар чист? **Посухи ин пурсишҳоро дар шахсият ва сирати Пешвои барӯманди миллат метавон пайдо кард.**

Пешвои миллат шахсиятест бисёр неруманд, қавӣ ва устувор дар муқобили мушкилиҳо. Ӯ инсони дорои сароҳат дар гуфтор, садоқат дар қавлу амал, матину фидокор дар хидмат кардан ба мардум мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, ватанпарасти матин, ба болотарин маънои воқеии ин калима, аст. Рӯ

овардани ӯ ба сиёсати бузург бо ҳамин ҳисси поки ватандӯстиаш вобаста аст. Дар шароите, ки кишвар ғарқ дар буҳрони амиқи сиёсиву иқтисодиву иҷтимоӣ буд, Эмомалӣ Раҳмон ибрози омодагӣ кард, то зимоми роҳбарии ҷумҳуриро ба дасти худ гирад. Вай ба хотири саодати мардум, барои поён додан ба ҷанги хунини ҳамватанӣ, ки ҳамарӯза ҷони садҳо мардуми бегуноҳро ба коми хеш фурӯ мебурд, розӣ буд, ки ба ҳама гуна сахтӣ тоб оварад, фидокор бошад, ҷонашро ба хатар гузорад.

Андаке бештар аз дувуним даҳаи роҳбарии ин сиёсатмадори фараҳманд саропо фидокориҳоест ҳамарӯза ва ҳамасоата. Зеро танҳо бо фидокорӣ мумкин буд – бо имкониятҳои ночиз – дар муддати замони кӯтоҳ корҳои бузургро анҷом дод. Танҳо бо фидокорӣ мешуд киштии тӯфонзадаи Тоҷикистонро аз миёни талотумҳои хашину бераҳми ҳаводис гузаронд ва ба соҳили амну наҷот расонд. Танҳо бо фидокорӣ мешуд дар зеҳну шуури мардуми кишвари ҷангзада эҳсоси ҳамбастагию ваҳдати иҷтимоиро бедор кард, афроди миллатро ба шинохти вазифаю масъулиятҳояшон водор сохт ва неруи халлоқи онҳоро барои таъмини саодати халқи кишвар сафарбар намуд.

Пешвои миллат таҷассуми мардонагию шуҷоат мебошад. Мардонагию шуҷоат ва рӯҳияи вазифашиносӣ ӯро ба мақоми волои инсонию сиёсие, ки имрӯз дар кишвар ва ҷаҳон дорад, расондааст. Вақте ӯ розӣ шуд, ки роҳбарӣ ба кишварро бар уҳда гирад, ин корро ҷузъе аз вазифаи шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандӣ ба ҳисоб овард. Вай худогоҳона медонист, ки ба чӣ роҳ

рафтааст ва чӣ масъулияти сахту сангинеро бар дӯш ниҳодааст. Мефаҳмид, ки дар кишвари гирифтори ҷангу таҷаммуи силоҳ ва, илова бар ин, дар сурате ки «ҷиноҳи ҳарбӣ»-и неруҳои зиддидавлатиро асосан авбошону террористон ташкил медиҳанд, ҳар лаҳза метавонад ҳадафи сӯиқасд қарор гирад. Аммо ӯ аз марг наметарсид, зеро вай чунин меҳисобид, ки зистан бидуни талош баҳри наҷоти ҷони дигарон бадтар аз марг аст.

Эмомалӣ Раҳмон бузургмардест бо ҳувияту қудрати азим ва қодир ба фаъолияту иқдомҳои бузург. Ҳар масъулиятеро, ки ба уҳда мегирад, бо ҷиддияти беназире пайгирӣ кардаву ба анҷом мерасонад. Пешвои миллат – ба далели ин хусусияти шахсиятии худ – тавонистааст Тоҷикистонро аз як кишвари маҳаллию заиф, ки дар арсаи байналмилалӣ танҳо чун як кишвари гирифтори низоҳои дохилӣ шуҳрат дошт, ба як қудрати босуботи минтақавӣ табдил кунад ва соҳиби обрӯю эътибор гардонад. Тоҷикистон дар партави сиёсати оқилона ва ҳадафмандонаи Пешвои миллат ба пешрафтҳои чашмгир ва ҳамаҷониба даст ёфта, **имрӯз марҳалаи омодагӣ ба дигаргуниҳои бузургро аз сар мегузаронад**.

Пешвои шарофатманди миллати тоҷик пешоҳанг ва сармашқ дар ҳамаи иқдомҳо ва фаъолиятҳои зиндагисоз дар кишвар аст – чи дар нақшасозиву барномарезиҳо ва чи дар иҷрои онҳо – ва бо фурӯғи бовару имони худ ба амалӣ гаштани ҳатто баландпарвозонатарин нақшаҳову барномаҳову ҳадафҳо роҳи мардумро дар масири расидан ба манзили орзуҳо равшан месозад.

Пешвои миллат намоди хирадмандию ҳушёрист. Ба баракати хираду ҳушёрии ин роҳбари оқил ҳеҷ неруи ғаразманди дохилию хориҷӣ имкони онро надорад, ки ҷомеаи моро аз масири ҳадафҳои неки созандагию бунёдкорӣ ва ободонии Ватан берун созад ва фазои сулҳу оромӣ ва амниятро дар кишвар халалдор кунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон инсони хастагинопазир, сабур, таҷаллии андешаҳои амиқи инсонӣ, таблиғгари ахлоқи волои миллӣ, нидодиҳандаи ваҳдату ҳамбастагӣ, пайвандгари собитқадами сиёсат ва маънавиёт аст.

Ӯ пуштибони неруманди истиқлол, ҳомию нигаҳбони якпорчагии кишвар, сарвари дилсӯзу меҳрубони миллат, таъминкунандаи адолати иҷтимоӣ ва дастгири муҳтоҷону афтодагон мебошад.

Худованд Пешвои миллати моро аз ахлоқу маънавияти баланд, ки асоситарин вижагии шахсиятӣ ва хусусиятҳою истеъдодҳои фаровони ӯ мебошанд, баҳраманд гардондааст.

**Сиёсати бузург арсаи баҳамоии инсонҳои бархӯрдор аз қудрати маънавӣ мебошад. Ва дар ин арса ҳамон сиёсатмадоре нуфузу таъсир пайдо мекунад ва мавриди таҳсину эҳтиром мегардад, ки дорои ахлоқу маънавияти баланд бошад. Бисёре аз мардум – чи дар Тоҷикистон ва чи хориҷ аз он – ба Пешвои мо ба ин сабаб бо гармию самимият эҳтиром меварзанд, ки ӯро ҳамчун шахсияти беназир, дорои қалби саршор аз муҳаббату меҳрубонӣ нисбат ба ҳамватанон, соҳиби ахлоқу маънавияти намунавӣ, хиради истисноӣ ва иззати баланди инсонӣ мешиносанд.**

**Сарнавишти кишвар ва ояндаи афроди миллат ба таври мустақим ба ахлоқи роҳбари кишвар вобастагӣ дорад. Эмомалӣ Раҳмон муътақид аст, ки оянда дар сиёсати ҷаҳонӣ мутааллиқ ба ахлоқ аст. Вай борҳо дар суханрониҳояш таъкид кардааст, ки пешрафти давлат ва тавоноии ҷомеа, пеш аз ҳама, ба ҳифзи арзишҳои олии ахлоқию маънавӣ вобаста мебошад.**

Появу бунёди сиёсати Эмомалӣ Раҳмонро эътимод ба мардум ва муҳаббат ба ҳамватанон ташкил медиҳанд. Ин **ҷавҳари фалсафаи сиёсӣ** ва **ҳастаи аслии** хидмати фидокоронаи ӯ ба мардуми кишвар аст.

Эмомалӣ Раҳмон имрӯз яке аз он сиёсатмадорони миқёси ҷаҳонӣ аст, ки **ҷонибдори омезиши ахлоқу сиёсат** буда, **бар он аст, ки яке аз омилҳои муассири буҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ дар дунё буҳрони маънавӣ аст**. Сарвари давлати тоҷикон борҳо дар мавриди таҳлили сабабҳо ва омилҳои сар задани ҷанги нангини ҳамватанӣ дар Тоҷикистон таъкид намудааст, ки **решаи** низои ҳамватании рухдодаро дар оғози соҳибистиқлолии кишварамон, дар навбати аввал, бояд **дар суст шудани пояҳои ахлоқ миёни қисме аз ҷавонон** донист.

Аз ин рӯ, Эмомалӣ Раҳмони рӯзҳои нахустини Сарвари давлат интихоб шуданашро метавон **ба табиби дилсӯзе** монанд кард, ки омадааст, то бемориҳо ва захмҳои ҷомеаро дармон кунад, **ба муаллими ахлоқ** ташбеҳ кард, ки ба мардум **дарсҳое аз ормонҳои баланди дӯстӣ, бародарӣ, меҳанпарастӣ ва устувор буданро дар роҳи расидан ба ҳадафҳои олии истиқлолу озодӣ** медиҳад.

Дар баробари ин вижагиҳо Эмомалӣ Раҳмон аз хусусияти муҳими дигаре бархӯрдор аст, ки сиёсатшиносон онро **ғаризаи сиёсӣ** меноманд. Баҳраманд будан аз **ғаризаи қавии сиёсӣ** ва доштани қудрати таҳлили саҳеҳу дақиқ ва огоҳӣ аз падидаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба Пешвои миллат кумак мекунанд, ки **авлавиятҳоро** дар кишвар ба хубӣ ташхис дода, барои ҳалли мушкилот ва пешбурду тараққии давлат иқдомҳои зарурӣ ба амал оварад. **Ин воқеият, ки дар Тоҷикистон тамоми нақшаю барномаҳои давлатӣ дар замон ва муҳлати пешбинишуда амалӣ мегарданд, ба шарофати ҳамин вижагии олии Пешвои миллат мебошад.** Ҳунари волои сиёсии Сарвари давлат дар он аст, ки боояндабинии фавқулода **авлавиятҳоро** мешиносад ва ҳама тадбирҳои лозимро меандешад, то мушкилиҳо Ҳукуматро ғофилгир накунанд. Ҳар як аз ин корҳои бузургу бунёдӣ – эҳёи босуръати асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат, қабули Конститутсия, бунёди артиши миллӣ, татбиқи ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа, сохтмони неругоҳҳои бузурги барқ, ба муомила баровардани пули миллӣ ва садҳо иқдоми созандаи дигар – бо тамаркуз ба **авлавиятҳо** ва дарки таъхирнопазирии онҳо сурат гирифтаанд.

**Фаъолияти пурбаракати Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмору бунёдкори бузурги Тоҷикистони навин дархури омӯзишу таҳқиқи амиқтару бунёдитар мебошад. Амиқтару бунёдитар аз баррасиҳое, ки муҳаққиқону пажӯҳишгарон то имрӯз анҷом додаанд.** Чунин таҳлилу омӯзиши комилу ҳамаҷонибаро **мактаби сиёсии Эмомалӣ Раҳмон** низ тақозо меку-

над. Зеро **мактаби сиёсии Пешвои миллат омили муҳимтарин ва асоситарини пешрафтҳои кишвар ва мардуми мо дар роҳи пурифтихори истиқлол аст**. Маҳз аз файзи ин мактаб имрӯз бар кишвари мо сулҳу оромӣ, ваҳдату самимият ва сафою садоқати ҳамагонӣ ҳукмфармост ва заминаҳои мусоид барои ҳама гуна кору кӯшиши созанда фароҳам мебошанд.

**Мактаби сиёсӣ, ки Пешвои миллат поягузорӣ кардааст, маҷмуе аз раҳнамудҳо, омӯзаҳо, ҳидоятҳо мебошад, ки дар паёмҳо, суханрониҳо ва мақолаю китобҳои арзишманди таърихию фалсафии ӯ инъикос ёфтаанд ва дар онҳо ба ҳамаи масъалаҳои муҳими зиндагии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию ахлоқӣ метавон посухи мукаммалро пайдо кард.**

**Ин мактаби сиёсӣ, ба маънои классикии ибора, таълимоти муназзами илмӣ ё мактаби назариявӣ намебошад, вале бо он саҳму нақши бузурге, ки дар тарбияи сиёсию маънавии мардум, бахусус ҷавонон, ифо кардааст ва мекунад, аҳамияту арзиши ҳар мактаби сиёсии анъанавиро хира менамояд.**

**Мактаби сиёсии Пешвои миллат усулҳо ва роҳнамоиҳои равшани ҳаракати мардуми Тоҷикистон** дар масири тавсеаю тараққӣ ва пешрафтҳо дар ҳамаи арсаҳои зиндагии иҷтимоӣ, ба даст овардани иззату эҳтиром дар ҷомеаи байналмилалӣ мебошад.

**Арзишҳои муҳиме**, ки дар ин **ганҷинаи ҳикмат** аз ҷониби Пешвои миллат ҳамчун **пояҳои бунёдии** ҳифзи истиқлол ва таҳкими давлатдорӣ баён шудаанд, **қутбнамое** барои наслҳои имрӯзу оянда ба ҳисоб мераванд,

ки пайравӣ аз онҳо бояд дар сарфасли фаъолиятҳои ҳамешагии афроди миллат қарор гиранд.

Ин **мактаби фикрӣ** саршор аз таҷаллии ақлу хирад, рӯҳу иродаи мағлубнопазир ва ормонҳои поку муқаддаси миллат ва **барги заррине** дар таърихи давлатдории тоҷикон мебошад.

**Пешвои миллат тавассути ин нуктаҳои ҳикматомӯз дастурамалҳои фардӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва тарбиятиро ба афроди миллат омӯзиш медиҳад.** Ва бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки ба баракати пайравӣ аз ин роҳнамоиҳои **роҳкушо** мардуми Тоҷикистон то имрӯз ба пешрафтҳои азиме дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа даст ёфтааст.

Пешвои миллати тоҷик чунин мешуморад, ки мардуми заҳматкаш, меҳнатдӯст ва босабру таҳаммули Тоҷикистон лоиқу шоистаи зиндагии беҳтару саодатмандонатар мебошанд. Ин ҳадафи олитарин ва камоли матлуби Пешвои миллати тоҷик аст.

Пешвои миллати мо, ки дар тӯли беш аз дувуним даҳа бо роҳбарии даҳоёнаи худ дар мамлакат таҳаввули бунёдии сиёсиву иқтисодиву иҷтимоӣ ва ахлоқию маънавиро ба вуҷуд овардааст, **имрӯз рисолати худро дар он мебинад, ки кишварро дар масири расидан ба Тоҷикистони ормонӣ ҳидоят намояд**.

**Аз нигоҳи Президент Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистони ормонӣ ин кишварест, ки дар он беҳтарин унсурҳои донишу биниши инсоният дар роҳи таъмини болотарин сатҳи зиндагӣ барои ҳамаи шаҳрвандон ба кор гирифта мешавад. Мамлакатест, ки дар он дастовардҳои навтарини фановарии ҷаҳон бо арзишҳои волои маънавӣ ва**

**меъёрҳои пешрафтаи адолати иҷтимоӣ ба ҳам омезиш ёфтаанд. Ҷомеаест, ки бар пояи созандагӣ, башардӯстӣ, эҳтиром ба ҳамватанон бунёд шудаву дар он ҳар фарде аз афрод аз осудагии комили моддӣ, озодиҳои иҷтимоӣ ва аз ғановати саршори маънавию ахлоқӣ бархӯрдор аст.**

Бадеҳист, ки ҳар миллату ҷомеае дар дунё ҳақ дорад дар роҳи расидан ба чунин ҳадафҳо бикӯшад. Ва Пешвои миллати тоҷик, ки бештар аз ҳар касе аз рӯҳияи созандагию ҳисси ибтикору навсозии мардум огоҳ мебошад, муътақид аст, ки халқи тоҷик дар роҳи ба даст овардани ин ҳадафҳои олӣ метавонад қадамҳои ҷиддӣ бардорад.

Вале барои он, ки ин роҳи пурифтихору сарнавиштсоз то расидан ба манзили ҳадафҳо паймуда шавад, лозим аст ҳамаи мо – тоҷикистониён – дар якҷоягӣ аз роҳи ҳамкориҳои содиқонаву самимӣ раҳнаварди ин шоҳроҳи бузург бошем. Зеро ҳамчуноне, ки меъморону муҳандисон – ҳар қадар ҳам боистеъдоду ҳунарманд бошанд – бидуни бетонрезону, кафшергарону хиштчинҳо ва садҳо коргари дигар наметавонанд тарҳҳои худро дар амал татбиқ кунанд, **бунёди ҷомеаи навини ормонӣ** низ бе ширкати амалию фаъоли тамоми афроди кишвар – бунёдкорони асосии давлатдорӣ ва низоми сиёсӣ – имконнопазир аст. Шарти муҳими дигари ноил гаштан ба чунин пешрафте дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ доштани рӯҳияи неруманд, худбоварии пойдор ва донишу огоҳии комил аст.

Ва ҳамаи ин омодагиҳо ва сифатҳои лозимро – ба манзури баргузоркунии таҳаввулоти бузург барои эҷоди **Тоҷикистони ормонӣ** – мешавад бо пайравӣ

аз **мактаби сиёсии Пешвои миллат** ба даст овард. Зеро **омӯзаҳои ин мактаб** ҳосили таҷрибаи фаровони сиёсатмадорест, ки ба баракати нубуғи беназир ва истеъдоди сиёсии саршораш имрӯз дар ҷаҳон давлате бо номи Тоҷикистон вуҷуд дорад. Ин **таълимоти** роҳбари бузурги сиёсиест, ки дар буғранҷтарину печидатарин шароити сиёсию иҷтимоӣ ваҳдати ҳамагонии мардуми кишвар ва пайванди устувори давлат ва миллатро ба вуҷуд овардааст. Ин **раҳнамудҳои** Пешвои эътирофгардидаи миллӣ, мураббӣ, устод ва дӯсти хайрхоҳи ҳар як аз тоҷику тоҷикистонӣ аст, ки роҳи расидан ба саодату беҳрӯзию рифоҳи инсониро нишон медиҳад. Ин **мактаб** роҳкушои ҳамаи мушкилот ва марҳами шифобахшест, ки метавонад тамоми бемориҳои ҷомеаро дармон кунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон имрӯз яке аз чеҳраҳои намоёни сиёсии ҷаҳон аст. Ному шахсияти Эмомалӣ Раҳмон бавижа барои тоҷикон – мардуми Тоҷикистон ва ҳаммиллатонамон дар тамоми ҷаҳон – маҳбубу азиз мебошанд. Пешвои миллат марди содиқ ба таърихи пуршукӯҳи давлатдории тоҷикон, эҳёгари анъанаю суннатҳои асили аҷдодӣ ва арзишҳои волою зиндагисози миллӣ аст. Пешвои миллат шахсияти варзидаи сиёсиест, ки бо омӯзиши амиқу дақиқ ва корбасти мероси фарҳанги қадимтарини давлатдориҳои ниёгон, таърихи бою рангин, ганҷинаи гаронмояи илмию адабӣ ва маънавию ахлоқии дар тӯли ҳазорсолаҳо андӯхтаи аҷдоди шарофатманди халқамон **бинои тарбияи наслҳои имрӯзу ояндаи кишварро** поягузорӣ намуд. Аз ин рӯ, **Пешвои миллати мо на танҳо**

**пешбару роҳнамои мардуми Тоҷикистон, ҳамчунин эҷодкори андешаҳои нав, мактаби сиёсии нав ва роҳу равиши нави давлатдорӣ аст. Мактаби сиёсии** ин шахсияти бузург мардуми кишварро ба пуштибонии сулҳу ваҳдат, эҷоду устуворсозии низоми одилонаву оқилонаи муносибатҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ҳидоят менамояд. **Ин мактаб чароғи роҳ ва нурафкани масири пешрафти кишвар ва ормонҳои мардуми Тоҷикистон барои марҳалаи кунунӣ ва давронҳои оянда аст.**

Муҳимтарин нукта дар баррасии нақшу аҳамияти мактаби сиёсии Пешвои миллат дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ин аст, ки мактаби сиёсии Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин омили шакл гирифтани шахсияти Сарвари давлати Тоҷикистон ҳамчун Пешвою Роҳнамои миллат мебошад. Аҳамияти баррасии ин мавзӯъ махсусан ба ин ҷиҳат аст, ки иродату ихлос ба Пешвои миллат, ки имрӯзҳо дар қалбҳои мардум мавҷ мезананд, на танҳо арҷгузорӣ ба мақоми сиёсии волои ӯ ҳамчун поягузори давлатдории навин ва асосгузори сулҳу ваҳдати миллист, балки пештар аз ҳама ва бештар аз ҳама таҷаллии эҳтироми миллат нисбат ба Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ба ҳомии истиқлоли давлатӣ, таҳкимгари арзишҳои волои давлатдорӣ, фарҳангӣ, маънавию ахлоқӣ ва таблиғгари бузурги ин арзишҳои зиндагисоз мебошад. Ба баёни дигар, **муҳаббату иродати мардуми кишвар ба Эмомалӣ Раҳмон муҳаббату иродат ба такягоҳ, пешво ва муаллими ҷомеа аст**.

Рози пазириши Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби мардум ба сифати такягоҳ, пешво ва муаллими ҷомеа, агар, аз як тараф, вобаста ба эътимоди мардуми ҳақшиносу наҷиби Тоҷикистон бошад, аз тарафи дигар, ба анъанаҳои ахлоқию маънавии миллати куҳансоли мо такя мекунад.

Аз азал ҳакиму пиру пешво дар назди тоҷикон аз мақому манзалати волое бархӯрдор буданд. Дар пеши аҷдоди мо, ки сиришти ахлоқию маънавиашонро пайравӣ аз **се асли ҷовидонӣ – пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек** – муайян мекарда, онҳое, ки ҳастиашонро сарфи ҳидояти дигарон намудаву одамҳоро ба ростӣ, адолат, инсондӯстӣ, эҳтироми иззату шарофати насли башар раҳнамун месохтаанд, мақому ҷойгоҳи волое доштаанд.

**Арҷгузории тоҷикон ба бузургони худ, пеш аз ҳама, арҷгузорӣ ба омӯзаҳои ахлоқию маънавии онҳост.** Бесабаб нест, ки мо ҳангоми зикри номи бузургони адабиётамон аз сифатҳое, ба монанди «устод», «ҳаким», «шайх», истифода мекунем, ки ҳамагӣ маъноҳои пешвою муаллимро доранд. Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки **осори бадеӣ – ҳамчун навъе аз ҳунар – танҳо дар забони мо «адабиёт», яъне адабнома, номида мешавад**.

Ҳамон тавр, ки майли инсон ба амну адолат ва зиндагии саодатмандона хислати зотӣ ва фитрии ӯст, ниёзи вай ба доштани як роҳбару роҳнамои неруманду солеҳу шоистаи ҷомеа низ амри табиӣ мебошад. Ин ниёз бамаротиб меафзояд, агар ҷомеа ва давлат дар маърази хатар қарор гиранд. Яъне чунин авзою аҳволе дар мамлакат ба вуҷуд ояд ва ҳамагон эҳсос

кунанд, ки кишварашон рӯ ба нобудӣ меравад. Хости сарнавишт будааст, ки айни ҳамин ҳодиса дар Ватани мо дар солҳои 1990-ум пеш омад ва миллати тоҷик вориди сиёҳтарин ва талхтарин фасле аз таърихи хеш гардид.

Халқи куҳансоли тоҷик, ки дар чанд ҳазор соли зиндагии таърихиаш ҷангҳои харобиовари зиёдеро аз сар гузарондаву қатлу ғорати лашкари мақдунӣ, ҳуҷуми хунини арабҳо, ваҳшигариҳои урдуи Чингизхон, аз сарҳои бурида манорасозии Темурлангро дидаву дар ҷараёни ин ҷангҳо ҷони садҳо ҳазор азизонашро қурбонӣ додааст, дар ҳеҷ замоне надида буд, ки тоҷик қасди ҷони тоҷик кунад, фарзандони як падару модар ба ҳамдигар душман шаванд, хонаҳои якдигарро вайрону валангор кунанд, Ватани худро ба коми оташ андозанд.

Ин ҷанг барои миллати мо мусибатҳои бешумор ва фоҷеаҳои бузурги инсониро ба бор овард. Дар кашмакашҳо ва задухӯрдҳои мусаллаҳона наздик ба 150 ҳазор шаҳрванд кушта шудаву даҳҳо ҳазор нафари дигар маъюбу маҷруҳ гаштанд. Беш аз як миллион ҳамватанонамон аз муҳити ваҳшатноки даргириҳо гурезон шуда, дар кишварҳои ҳамсоя рӯ ба саргардонию дарбадарӣ оварданд. Зиёда аз 25 ҳазор оила бе ноновару парастор монданд ва 55 ҳазор кӯдак ятим шуданд. Садҳо гули сари сабади миллат, инсонҳои фарҳехта – чеҳраҳои шинохтаи сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ – ба хоку хун кашида шуданд.

Хисоратҳои сахти дигаре, ки ин рӯйдоди нангин ба вуҷуд оварда буд, ин буд, ки аҳримани ҷанг

риштаҳои ваҳдату иттиҳоди миллиро ба шиддат суст кард, мардуми кишварро ба ҳизбҳою созмонҳою гурӯҳҳои ба ҳам муқобил қисмат намуд, одамонро аз якдигар бимнок ва ба ҳамдигар бадгумон сохт, азму иродаи халқро фалаҷ гардонд.

Мардуми аз ҷангу бедодгариҳо басутӯҳомада танҳо аз давлат умеду интизори ҳимояту ҳифозат доштанд. Аммо давлати он рӯзҳо, ки ба иллати надоштани як роҳбари қавию ботадбир дар муқобили фишори неруҳои қудратталаб корношояму фалаҷ шуда буд, на танҳо наметавонист аз миллионҳо шаҳрвандонаш дифоъ намояд, балки қудрати онро надошт, ки амнияти намояндагони худашро таъмин созад: гаравгонгирию террори вакилони Парлумон, аъзои Ҳукумат ва дигар мансабдорони давлатӣ дар он даврон кори маъмулӣ шуда буд.

Фазои тарсу ваҳшат дар кишвар, вайронии масканҳо, суқути иқтисодӣ, бекорӣ, беморӣ, бедодгарию қатлу ғорати силоҳбадастон, дуздӣ, гаравгонгирӣ, таҷовуз ба номуси занону духтарон... – ин аст тасвири номукаммале аз манзараи шуми даврони ҷанги шаҳрвандӣ.

Дар чунин лаҳзаҳои дардноки таърих, ки тарсу ваҳшат, яъсу ноумедӣ бар кишвар соя андохтаву дар торикии зулму ситами силоҳбадастону зӯроварон равзанаи умеде ба зиндагии осудаву ором дида намешуд;

дар он рӯзҳои мусибатбор, ғамангез ва сиёҳи таърихи навини Тоҷикистон, ки Ватани мо дар остонаи нобудию табоҳӣ қарор дошт ва оянда низ чизе, ҷуз хуну ашку сияҳрӯзию вайронӣ, ба армуғон надошт;

дар он рӯзҳое, ки ҳатто сиёсатмардоне, ки бо шуҷоату бебокӣ, ҷуръату ҷасорат дар ҷомеа маъруф буданд ва суханҳое аз озодиву истиқлол мезаданд, роҳи фирорро пеш гирифтаву дар маконҳои тинҷ нишаста, аз дур ба ҳоли зори мамлакат ва мардуми кишвар нигоҳ мекарданд;

дар он рӯзҳое, ки зиндагии мардум дар гарави як тӯда ҷинояткор буд ва дуздону қотилону одамрабоён худро ҳокиму соҳиби зиндагии ҷомеа медонистанд;

дар он рӯзҳое, ки фазои кишвар оганда аз гиряю навҳаи модарони доғдидаи фарзандмурдаю занҳои бевамонда буд ва оҳу нолаи мардуми аз гарониҳо ва идомаи бетадбириҳо баҷономада ба осмон мерасид;

дар он рӯзҳое, ки душманони бадхоҳи миллати тоҷик камтарин шубҳае дар пирӯзию комёбии зар-харидони худ дар ба даст овардани қудрати сиёсӣ дар Тоҷикистон надоштанд ва нақшаву барномаҳои ба гардани миллати тоҷик овехтани тавқи бандагию бардагиро мекашиданд, дар иҷлосияи сарнавиштсози XVI Шӯрои Олии кишвар сиёсатмадори ҷавоне бо мардию мардонагӣ зимоми давлатдориро ба даст гирифт ва чунон пойдорию шуҷоату қаҳрамонӣ аз худ нишон дод, ки бо хомӯш кардани оташи ҷанги даҳшатбори бародарӣ дар хоки муқаддаси Ватанаш шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Номаш дар маҳфилҳои бузурги сиёсии ҷаҳон ошно ва корномааш намунаи ибрат барои сиёсатмадорони даврон гардид.

Тасмими Эмомалӣ Раҳмон барои ба уҳда гирифтани роҳбарӣ бар кишвар шитобомезу фаврӣ набуд ва пас аз борҳо санҷидан дар тарозуи худбо-

варӣ гирифта шуд. Он замон ӯ дар як паллаи тарозуи андеша истеъдодҳою тавоноиҳои худ ва дар паллаи дигари он сарнавишти миллат ва давлатро қарор дод. Бо таваҷҷуҳ ба шахсияти комили Эмомалӣ Раҳмон бо итминон метавон гуфт, ки агар ӯ дар он ҳангом нисбат ба неруҳои фитрӣ ва эҳсоси масъулиятпазирии худ кӯчактарин шакку тардид пайдо мекард, ҳаргиз розӣ намешуд чунин рисолати бузург ва вазифаи таърихиро бар дӯш гирад.

Ба мақоми сарвари кишвар – ва он ҳам кишвари ҷангзадаву ошуфтаю вайрон – боло шудани сиёсатмадори бетаҷрибаю ҷавон на танҳо дар таърихи давлатдории мо, балки дар сиёсати ҷаҳонӣ рӯйдоди беназир аст. Ва низ нодиру беназир ин аст, ки ин давлатмарди навқадам **тавонист дар рӯи харобаҳои кишвари гирифтори ҷанг давлатдории навинеро поягузорӣ намояд ва онро ба сарзамини сулҳу салоҳ табдил диҳад.**

**Ин ҳама дастовардҳо ба ин сабаб имконпазир гаштанд, ки Эмомалӣ Раҳмон тавонист бо ба вуҷуд овардани рӯҳияи иттиҳоду пайвастагии давлат ва миллат нақшу рисолати як пешвои воқеии миллиро ифо намояд. Нақшу рисолате, ки беш аз ҳар чиз бо усули маънавию ахлоқӣ ҳамроҳ аст.**

Маҳз ба далели **пойбандии Эмомалӣ Раҳмон ба равишу усули маънавию ахлоқӣ дар идораи давлат ва бархӯрдориаш аз ахлоқи волои инсонию сиёсӣ** мардуми кишвар ӯро пешвои худ хонданд, – хеле пештар аз он рӯзе, ки Парлумони кишвар ин ҳақиқати ба қалбҳои афроди миллат нишастаро ба расмият даровард.

Оё танҳо тавоноӣ дар идораи кишвар ва доштани истеъдоди муттаҳид сохтани халқ боис мешавад, то роҳбари сиёсӣ аз ҷониби мардум ба сифати пешво пазируфта шавад? Аслан киро пешво мегӯянд ва фарқ миёни ӯ ва дигар роҳбарони сиёсӣ чист? Пешвои воқеӣ дорои чӣ вижагиҳоест?

**Нахуст бояд гуфт, ки пешво унвон, вазифа ва мансаб нест. Балки рисолат аст. Рисолатест, ки халқ бо таваҷҷуҳ ба истеъдодҳои фаровонаш дар ҷанбаҳои гуногун ба ӯ вогузоштааст.**

**Кору заҳмати пешво сахту тоқатфарсост ва ҳар кас ба ин мақом лоиқ намеояд. Пешво будан доштани чашми тамомбин, қалби тамомшинос, шуҷоату қудрату гузашт ва бавижа иродаю саховати тамомбахшро мехоҳад. Зеро пешво буданмаънои худро битамом ва бечуну чаро ба манфиатҳои кишвар ва миллат тобеъ карданро дорад.**

Пешво инсонест дорои камоли ахлоқию маънавӣ ва одобу рафтори писандида. Зеро танҳо чунин шахсе метавонад бо аъмолу атвори некуи худ барои афроди ҷомеа сармашқу намунаи ибрат ва мазҳари пайравӣ гардад ва бо нури андешаю ҳикмати хеш масири ҷомеаро ба сӯи ҳадафҳои нек равшан намояд.

Пешво ҳамеша вазифаю масъулиятҳоеро бар уҳда мегирад, ки ҳеҷ каси дигаре ҷуръати анҷоми онҳоро надорад.

Пешво аз вижагиҳое, чун шуҷоат, ростию дурустӣ ва тамоил ба азхудгузаштагӣ, баҳраманд аст.

**Дар ҳоле, ки роҳбари сиёсӣ ҷомеаро идора мекунад, пешво онро ҳидоят менамояд.** Пешво, ки аз вожаи тоҷикӣ буда, маънои пешрав, роҳнамо ва ҳидоят-

гаррро дорад, на танҳо ҷомеаро ба роҳи расидан ба ҳадафу ормонҳои олӣ роҳнамоӣ мекунад, балки ҳамчунин худи ӯ ҳамеша ва дар ҳама кор дар пеш қадам мезанад. Ба иборати дигар, ӯ саркору пешкор аст ва илова бар он, ки ҳамаи иқдомҳои барои ҷомеа муфидро тарҳрезӣ менамояд, бахши мушкили корҳоро бар уҳдаи худ мегирад.

Пешво будан маънои фидокор будан ва садоқати комил доштан ба мардум аст. Пешво аввалин шахси масъул дар кишвар аст ва масъулияти хешро ба таври комил ва хайрхоҳона ба мардум мерасонад. Яъне хидмати ӯ ба мардуми мамлакат хидмати беминнат аст.

Пешво касест, ки нерую тавони ҷисмию фикрии хешро дар роҳи расидан ба ваҳдати ҳақиқии миллат битамом месупорад. Бо тафриқаандозӣ дар ҷомеа ва парокандагӣ дар кишвар мубориза менамояд. Бо ҳидоятҳои ҳакимона ва бо ба амал пайванд додани иқдомҳои мушаххаси сиёсию иҷтимоию фарҳангӣ миллатро муттаҳид мегардонад ва пайваста дар роҳи тақвияти ягонагии миллӣ талош мекунад.

Пешво барои миллаташ дар ҳама кор ва ҳама чиз сармашқ аст: дар меҳнатдӯстӣ, сабру таҳаммул, саховат, меҳрубонӣ ба ҳамватанон. Бино бар ин ҷомеае, ки аз пешвои саромад, кордон ва додгустару додгар бархӯрдор аст, метавонад ба зиндагии саодатмандона умед бандад.

Пешво касест, ки арзишҳои миллиро ривоҷ медиҳад, бо таассубу хурофоту бегонапарастӣ мубориза мекунад, дар ҷомеа фазои солими маънавию ахлоқиро ба вуҷуд меоварад ва онро пайваста устувор месозад.

Пешво касест, ки дорои ҳунари барангехтани инсонҳо ба анҷоми корҳое мебошад, ки барои худашон муфид аст. Ӯ ҳисси худбоварии мардумро бедор мекунад ва ба онон итминон мебахшад, ки на танҳо пеши хешону наздикон, ҳамчунин дар назди кишвар низ, аз аҳамияту арзиш бархӯрдор ҳастанд.

Тасвире аз як пешвои миллии воқеӣ комил нахоҳад буд, агар таъкид нагардад, ки **меҳваритарин нақшу рисолати роҳбари сиёсӣ, ки ӯро ба пешво табдил медиҳад, муаллиму мураббии маънавии ҷомеа ва низ соҳибмактаб будани ӯст**.

Хушбахтона, бо лутфи Худованд Пешвои миллати тоҷик аз тамоми хусусиятҳои зикршуда ва дигар сифатҳои лозим барои як роҳнамои шоистаи ҷомеа баҳраманд аст. Ва низ боиси қаноатмандист, ки Пешвои миллати мо дар тӯли солҳои роҳбарии шуҷоона, устодона ва дурбинонаи хеш – бо такя ба фикри равшан, сиришти хирадмандона, хислатҳои волои ахлоқию инсонии хеш – **мактаби сиёсии худро пояризӣ кард. Мактаберо, ки пайравӣ аз он асоситарин ниёзи кишварро, ки ҳаройина ба вуҷуд овардани рӯҳияи умед ба оянда, сарфарозӣ ва эҷоди худбоварӣ дар зеҳну шуури афроди миллат аст, мебарорад**.

Зикри ин нукта зарур аст, ки мактаби Пешвои миллат на танҳо маҷмуе аз паёму баёну раҳнамудҳост, балки ҳамчунин намоде аз шахсияти бисёрҷонибаи Сарвари давлати тоҷикон аст. Рози пешрафтҳои Тоҷикистон низ дар ҳамин аст, ки Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон тавонист на танҳо давлатдории навини тоҷиконро поягузорӣ намояд ва

дар кишвар таҳаввули бунёдии сиёсию иҷтимоию фарҳангиро баргузор кунад, балки зербинои парвариши имкониятҳо ва тавоноиҳои рӯҳию маънавии инсонҳоро ба вуҷуд оварад. Ва муҳимтарин омили тарбияи ахлоқию маънавии ин мактаб ба сифати намунаи ибрат қарор гирифтани одобу рафтори ҳасанаи Пешвои миллат аст. Дилбастагию муҳаббати ҳақиқӣ ба аслу решаи миллати хеш ва садоқат ба Модар-Ватан, хидмати холисона ба халқ, дӯст доштану меҳрубон будан ба дигарон, шитофтан ба ёрии кӯдакони ятиму бепарастор, ғамхории пайваста ба пиронсолону камбизоатон на танҳо баёнгари рӯҳи меҳрубонии падарона, дилсӯзӣ ва омодагии ҳамешагии Пешвои миллат дар осон кардани мусибату мушкилот дар ҷомеа ҳастанд, балки низ дарсҳоянд, ки барои такомули маънавии афроди миллат хидмат мекунанд. Ба ҳамин сабаб аст, ки мардуми кишвар Президент Эмомалӣ Раҳмонро ҳомии худ, роҳбари фарёдрасу ҳақбин, додгустару адолатпеша ва наҷотдиҳандаи давлату мамлакат медонанд. Ва ҳақшиносона ба ӯ меҳр меварзанд ва ҳам дар ҳузураш ва ҳам дар ҳар мавриди дигар «Пешво»-яш ном мебаранд.

Мактаби Пешвои миллатро – бо таваҷҷуҳ ба аҳамияту арзишаш – ҳамчун як роҳнамои назарӣ ва амалӣ метавон сармояи тамомнашавандаи миллӣ номид. Сармояе, ки миллати тоҷик бо доштани он тавониста-аст монеаҳои душвореро, ки дар сари роҳи расиданаш ба ормонҳои муқаддаси бунёди давлатдории миллӣ қарор доштанд, паси сар кунад. Соҳиби иқтидор, пешрафт, ғурури солиму шарофати миллӣ гардад. Ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон устувор созад.

Сармояе, ки Пешвои миллат дар шакли мактаби сиёсии худ барои кишвар ва миллати мо захира кардааст, як сармояи таърихию ҳаётӣ аст. Зеро раҳнамудҳои ин мактаб барои як замон нестанд ва дар ҳамаи давронҳо метавонанд роҳкушо бошанд. Инҳо дарсҳои арзишманде ҳастанд, ки Пешвои барӯманди мо дар тӯли солҳо аз таҷрибаи роҳбарӣ бар кишвар, аз бархӯрдҳо бо мухолифони давлат дар саҳнаҳои хатарнок, аз мушорикату ҳамкорӣ дар доираҳои бузурги сиёсати ҷаҳон ва аз талошҳои хастагинопазир дар амри дифоъ аз манфиатҳои кишвар ҳосил кардааст. Вазифаи мо – насли имрӯзу фардо – ин аст, ки ин сармояро бо диққату эҳтиёти тамом нигаҳбонӣ кунем ва суди ин сармояи арзишмандро барои пешрафти имрӯзуояндаи кишвар ба кор гирем.

Аз он чӣ дар ин саҳифаҳо гуфта шуд, метавон натиҷа гирифт, ки муҳимтарин омилҳое, ки боис шудаанд имрӯзҳо Тоҷикистони азизи мо дар шароити сулҳу суботи пойдор ба таври итминонбахш ба сӯиояндаи дурахшони хеш қадам мезанад, хусусиятҳои шахсиятӣ ва мактаби сиёсии Пешвои барӯманди миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Ба шарофати ин **ду омил – хусусиятҳои шахсиятӣ ва мактаби сиёсии Пешвои миллат** – мардуми кишвари мо дар симои Эмомалӣ Раҳмон на танҳо роҳбари сиёсӣ, балки ҳамчунин роҳнамои маънавии худро пайдо намуданд, ҳидоятҳои ӯро ҳамчун хатти равшани зиндагии худ баргузиданд, худро мухлису пайрави содиқи ин сарвари меҳанпарасту фидокор ба ҳисоб оварданд.

Ҳар қадар замон аз рӯзҳои баргузории иҷлосияи сарнавиштсози XVI Шӯрои Олӣ мегузарад, бештар аён мегардад, ки Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои бузурги таърихи муосири миллати тоҷик ва поягузори давлатдории навини Тоҷикистон, абармарде, ки аз миёни мардум бархостааст, – андешае, ба ҷуз Тоҷикистон, ҳадафе, ҷуз сарфарозии тоҷикон, вазифае, ҷуз хидмат ба кишвару миллати хеш, надорад.

Инак, беш аз чаҳоряк аср аст, ки миллати тоҷик бо бархӯрдорӣ аз пайванди ногусастании худ бо Пешвои миллати хеш дар роҳи шукӯҳманди созандагию офаринандагӣ қадам мезанад. Ва яқин аст, ки ҳаракати ӯ дар ин роҳ ба таври пирӯзмандона идома хоҳад ёфт ва дар кӯтоҳ замоне ҷойгоҳи Тоҷикистон дар сафи миллатҳои сарфарози ҷаҳон муайяну мустақар хоҳад шуд.

# ПАСГУФТОР

Мақсад аз таҳияи ин китоб фақат таъкид намудан ба зарурати тарбияи саҳеҳи ахлоқӣ намебошад, зеро ин зарурати шинохташуда аст, балки ҳадафи асосӣ даъвати тамоми масъулони ниҳодҳои таълиму тарбия, падарону модарон, олимон, рӯзноманигорон ва дигар алоқамандон барои ширкати фаъолона намудан дар кори тарбияи саҳеҳи ахлоқии насли наврас ва ба зиндагии шоистаи замонаи пешрафт омода кардани он мебошад. Зеро тарбияи саҳеҳи ахлоқӣ танҳо ҳамон вақт самара медиҳад, ки ҳамаи аҳли ҷомеа дар кори таълиму тарбияи насли наврас содиқонаву софдилона ва бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ саҳм гузорад. Бино бар ин, донишмандон, пажӯҳишгарон, таърихшиносон, ҳуқуқдонон, нависандагон, рӯзноманигорон ва ҳамаи соҳибназарони коршинос ва касоне, ки салоҳияти тарбияи афроди ҷомеаро доранд, дар ин замина бояд талош намоянд.

Ҳамчуноне ки дар саҳифаҳои пешин баён шуд, нақши ахлоқу маънавиёт нақши бунёдӣ, сарнавиштсоз ва инкорнопазир дар шахсияти инсонҳо мебошад. **Ҷомеаи инсонӣ бидуни ахлоқ дигарбора ба барбарият бозмегардад,** неруҳо ба ҳадар мераванд, истеъдодҳо саркӯб мешаванд, амнияту озодӣ ва, он чи аз фарҳанг мемонад, бозичаи дасти ҳавасбозон мегардад ва зиндагии инсонӣ мафҳуми воқеии худро аз даст медиҳад.

Агар ба таърихи гузаштаи инсоният дуруст нигоҳ кунем, мебинем, ки **қавму халқиятҳои зиёде дар асари гирифтор шудан ба вайронии ахлоқӣ фурӯ пошидаанд ва ё тамоман нобуд шудаанд. Яке аз сабабҳои асосии фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ низ ин буд, ки дар ду даҳсолаи охири даврони шӯравӣ ҷомеа, дурусттар бигӯем, қишри роҳбарии ҳизби коммунистӣ, аз мансабдорони ҳизбии ноҳия гирифта, то сатҳи олӣ – Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистӣ – аз пайроҳаи ахлоқ берун шуда, ба жарфои амиқи ҷоҳталабӣ, такаббур, худхоҳӣ, хешутаборпарастӣ ва дигар бадкирдориҳои иҷтимоӣ ғарқ шуда буданд.** Ба ҷои ватандӯстони бузург, инсонҳое бо хислатҳои баланди ахлоқӣ, ба монанди инсондӯстӣ, адолатпарварӣ, шарики ғами дигарон будан, фидокорӣ, ки аз худ намунаҳои бемонанди меҳнати қаҳрамонона нишон медоданд, одамоне ҷойнишин шуданд, ки ҳизбро фақат воситаи расидан ба мансаб ва ба даст овардани даромадҳои бедардимиён медиданд. Ин шахсони беғояву бемаслак, бемавқею ҳарис, ки сурати аслии худро зери ниқоби арзишҳои коммунистӣ пинҳон мекарданд, пояҳои давлати Шӯравиро батадриҷ суст гардонида, ниҳоят ба фурӯпошӣ расонданд.

Зиндагии шахсӣ низ бидуни ахлоқ латофату шукуфоиву зебоӣ надорад. Ахлоқ яке аз ҷанбаҳои табиии ҳаёти инсон аст, ба ин маъно, ки инсон ҳамон тавр ки барои парвариши ҷисм ба ҳавою ғизо ниёз дорад, ба ахлоқ ҳам ниёз дорад. Ахлоқ шинохти огоҳонаи вазифаҳо, масъулиятҳо, шеваҳои пиндору гуфтору кирдори фард дар ҷомеа мебошад. Ба қавли файласуф ва

педагоги амрикоӣ Ҷон Дюи, «таълиму тарбия омода кардани афрод барои зиндагӣ нест, балки худи зиндагӣ аст».

Имрӯз дар тамоми дунё, аз ҷумла дар кишварҳои Ғарб, **бо дарки ин ки бетаваҷҷуҳӣ ба ахлоқу маънавиёт ва ба ҳайси меҳвар қарор додани моддиёт ҷомеаро ба сӯи вайрониву нобудӣ мебаранд,** дар садади ислоҳи вазъ дар арсаи тарбияи ахлоқӣ баромадаанд. Донишмандону коршиносони кишварҳои дунё беш аз пеш дар рисолаҳову мақолаҳои худ ба сиёсатгузорони риштаи таълиму тарбия ҳушдор медиҳанд, ки бисёре аз ноҳинҷориҳо ва мушкилоти имрӯзии ҷомеаи башарӣ аз бетаваҷҷуҳӣ ба маънавиёту ахлоқ ба вуҷуд омадаанд, зеро ахлоқу маънавиёт **зербинои** рафтори инсонҳост. Барои саломату рушди ҷомеа бояд ба омӯзаҳои ахлоқӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Аз ин рӯ, мутасаддиёни риштаи таълиму тарбия ва низ зиёиёни кишварҳо вазифадоранд, ки бо ниҳодина кардани ахлоқу маънавиёт дар ҷомеа – аз тариқи мактабҳо, расонаҳо, пеш аз ҳама телевизион, – огоҳибахшӣ кунанд ва дар вуҷуди инсонҳо ахлоқу маънавиётро зиндатару пӯётар намоянд.

Тамаддуни инсонӣ ин маҷмӯи дастовардҳои ҳамаи халқу миллатҳои ҷаҳон аст. Ҳеҷ ихтирои ихтироъгаре ва ё равиши илмии наве дар заминаи холӣ, яъне аз сирф, ба вуҷуд наомадааст. Ҳар навоварӣ рӯи дастовардҳои мавҷуд рух менамояд. Бо пайравӣ аз ин равиш, **мо набояд аз ҷанбаҳои беҳтарини низоми таълиму тарбияи шӯравӣ, ки пешрафтатарин дар ҷаҳон шинохта шудааст, рӯй гардонем.** Бавижа ба **тарбияи меҳнатдӯстӣ**, ки ҷавҳари ҳадафу мақсади

таълиму тарбияи шӯравӣ буд, аҳамияти **ҷиддӣ** диҳем. Аслан меҳнат меҳвари ҳастии инсон аст, фаъолиятест, ки ба инсон имкони мавҷудиятро пеш меоварад. Аз ин рӯ, барои он ки кӯдаконро ба ҳаёти мустақилона дар оянда ба таври шоиста омода кунем, онҳоро бояд дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия намоем. Мо бояд, чун дар замони шӯравӣ, мактабро на фақат ба макони таълиму тадриси дониш, балки ҳамчунин ба боргоҳи тарбияи меҳнатдӯстӣ, конуни парвариш ва василаи ба қалбҳои кӯдакону наврасон ҷо кардани ҳисси эҳтиром ба кору меҳнат табдил диҳем.

Дар заминаи такмили равиши тарбияи ахлоқӣ метавон аз таҷрибаи **кишварҳои ахлоқмадоре,** монанди Чин, Япония ва Корея, истифода кард. Дар кишвари Чин, ҳарчанд низоми таълиму тарбия ба шакли амрикоӣ сурат мегирад, дар мактабҳои саросари кишвар **дарси ахлоқ** ҳамчун **дарси алоҳидаву мустақил** ҷорӣ карда шудааст. Дар донишкадаҳои олии муаллимии Япония ба омодасозии ахлоқии донишҷӯён таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад. Ҳамаи муаллимони оянда – илова ба донишҳои касбиашон – ду дарси махсус – ахлоқ ва усули тарбияи ахлоқро меомӯзанд. Дар Корея бар асоси таҷрибаи таърихӣ ба ин натиҷа расиданд, ки бояд тарбияи ахлоқӣ дар барномаи дарсии мактабҳо – ҳамчун дарси мустақил – ворид карда шавад. Зиёда аз ин, барномаи дарси тарбияи ахлоқӣ сол ба сол такмил мешавад. Дар тӯли ду даҳсолаи гузашта – вобаста ба пешрафти бесобиқаи фановарӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бавижа дар иттилоот, – **барномаи тарбияи ахлоқӣ** дар ин кишвар **шаш бор бознигарӣ ва ислоҳ гардидааст.**

Аз ин рӯ, агар мо **бо такяи бештар** ба арзишҳои ахлоқиву фарҳангии халқамон, ки сарчашмаи покӣ, ростӣ, некӣ, инсондӯстӣ, заҳматписандӣ мебошанд, инчунин **бо ба кор гирифтани таҷрибаи кишварҳои ахлоқмадор** фароянди тарбияи ахлоқиро дар сатҳи баланд ба роҳ монем, дар ояндаи наздик ба ҳадафи ормонии тамоми ҷомеаҳои дунё – бунёди ҷомеаи комилан ахлоқӣ – хоҳем расид.

# КИТОБЕ, КИ ҲУШДОР МЕДИҲАД ВА РАҲНАМОӢ МЕКУНАД

## (Тақриз)

***Башарият, ҷаҳони имрӯз дар марҳалае қарор доранд, ки онро сиёсатмадорону ҷомеашиносон, донишмандони соҳаҳои мухталифи илму фарҳанги ҷаҳон, махсусан кишварҳои ғарбӣ, давраи бархӯрди тамаддунҳо ва ё бо калимаи боз ҳам серистеъмолтар – ҷаҳонишавӣ – меноманд.***

## Ҷаҳонишавӣ тӯфони Нӯҳро монад?

Чаҳонишавӣ равандест, ки бо суръати барқ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангии халқҳои ҷаҳон таъсири манфиву мусбати худро боқӣ гузошта, дунёро ба гирдоби ҳаводисе бурда истодааст, ки аз он танҳо кишварҳову миллатҳое ҷон ба саломат хоҳанд бурд, ки раҳбарону донишмандони он аз хираду дурандешӣ кор бигиранд ва барои наҷоти худ ва миллати худ аз ин масолеҳи маънавӣ киштии Нӯҳ бисозанд. Дар наздик ба 25 соли даврони истиқлол дар кишвари азизи мо давлатмардону олимонамон дар ин самт корҳои муайянеро анҷом доданд, ки қобили қадрдонӣ низ ҳастанд. Вале, мутаассифона, ҳанӯз ҳам гуфта наметавонем, ки худро аз хатари пайомадҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ ба пуррагӣ наҷот додаем ва ё дар оянда наҷот

дода метавонем ё не. Зеро муқовимат бо таҳдидҳои оқибатҳои бади раванди ҷаҳонишавӣ кори як даврони мушаххас нест ва он бояд пайваста, аз рӯи барномаи дарозмуддати ҳадафнок сурат бигирад ва тамоми соҳаҳои ҳаёти моро дар бар гирифта бошад.

Агар нашри китоби Зафар Сайидзода (Саидов Зафар Шералиевич), мушовири калони дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷики оид ба робитаҳои хориҷӣ «Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ»-ро қадами ҷиддӣ ва устуворе дар ин самт бигӯем, ба асли мақсади мо мувофиқтар мебошад. Аҳамияти бузурги илмӣ-назариявӣ ва амалии китоб аз ин нуқта бармеояд, ки муаллифи он мавзӯъро на аз саҳифаҳои матбуот ва шабакаҳои иҷтимоӣ омӯхта матраҳ месозад, балки ҳангоми иҷрои вазифа дар симматҳои сардори Раёсати иттилооти Вазорати корҳои хориҷии ҶТ, котиби матбуотии Президенти ҶТ, директори Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» дар назди Ҳукумати ҶТ бо ин мушкил ҳазорон бор бархӯрди амалӣ доштааст у дар роҳи ҳаллу фасли он иқдомҳои устувору судноке низ гузоштааст. Инро мо аз муҳтавои китоби мазкур баръало мушоҳида мекунем.

## Ҷаҳонишавӣ орӣ аз ҷавҳари ахлоқист

Зафар Сайидзода дар оғози китоб нахуст дар бораи пайомадҳои мусбат ва манфии ҷаҳонишавӣ ба хонандаи асар маълумот медиҳад. Ба навиштаи муаллиф, ин падида ҳарчанд аз қарни 19 оғоз мегирад, вале мафҳуми ҷаҳонишавӣ нахуст соли 1961 дар

фарҳанги Вебстер ба кор гирифта шудааст. Афкори файласуфон ва ҷомеашиносони мухталифро дар бораи ҷаҳонишавӣ оварда, андешае чанд оид ба паҳлуҳои мусбати ҷаҳонишавӣ мегӯяд. Аз ҷумла, ӯ чунин мешуморад, ки «бо пешрафти ҷаҳонишавӣ заминаҳои бурузи ҷанг байни кишварҳои бузург, бавижа низомҳои сармоядор, ки то кунун мӯҷиби чандин ҷанги бузурги хонумонбарандоз шудаанд, то ҳадди зиёде аз байн мераванд... Табдили дунё ба як дунёи кӯчактар – аз роҳи ҷаҳонишавӣ – боиси афзоиши ҳамкорӣ байни кишварҳо ва сулҳи пойдортар дар байни онҳо мегардад... Бо пешрафти ҷаҳонишавӣ диктаторҳо ва режимҳои саркӯбгар маҷоли боқӣ мондан дар сари қудрат ва пӯшондани зишткориҳои худро надоранд...». Вале дар ҳамин ҳол муаллиф аз таъсири манфии ҷаҳонишавӣ бештар сухан гуфта, андешаи ҷомеашиноси барҷастаи муосири англис Энтони Гидденс – «ҷаҳонишавӣ шеваи нави ғорати ҷаҳон аст»-ро мисол меорад. Ба ақидаи Зафар Сайидзода, ҷаҳонишавӣ орӣ аз як ҷавҳари ахлоқӣ аст. Нобаробарии рӯз ба рӯз физояндаи шароити моддии зиндагии мардум яке аз оқибатҳои номатлуби ҷаҳонишавии иқтисод аст. Неруҳое, ки мошини ҷаҳонишавиро ба пеш мебаранд, ба таври ошкоро иқтисодҳои миллиро таҳти нуфузи худ қарор додаанд ва барои ба даст гирифтани манбаъҳои даромад бо ҳукуматҳо сари носозгорӣ доранд, менависад муаллифи китоб ва мушаххасан аз ин неруҳо ном мебарад: «Ҳар ҷо, ки пои созмонҳои фаромиллӣ, монанди Бунёди байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ, мерасад, дастгоҳи қонунгузории кишварҳо вазифаи

қонунгузориро бо тарсу ҳарос анҷом медиҳад. Масъулони умури иқтисодии давлатҳо ҳангоми таъсиси буҷа, молиёт ва тақсими даромадҳо тавсияҳои созмонҳои байналмилалиро бояд ба таври ҳатмӣ дар назар дошта бошанд». Дар баробари ин муаллифи китоб таъсири фарҳанги ғарбиро дар раванди ҷаҳонишавӣ ба риштаи таҳлил кашида менависад, ки «ҷаҳони Ғарб ҳам аз ҷиҳати фановарии иртиботот ва ҳам аз ҷиҳати густурдагии «империя»-и хабариву таблиғотиаш беназир аст... Ҳар рӯз, беш аз пеш, Амрико ва Аврупо ба воситаи расонаҳои умумӣ ва барномаҳои пурҷозибаашон ҷавонони кишварҳои гуногунро аз фарҳанги миллӣ ва боварҳои мазҳабии ниёгонашон бегона мекунанд». Хулосаи муаллифи китоб дар натиҷаи таҳлилҳои ҳамаи паҳлуҳои ҷаҳонишавӣ ин аст, ки «вақте шаҳрвандони боақлу фаросат ба тамошочиёни бехаёл табдил мешаванд ва зиндагии иҷтимоиву фаъолиятҳои дастаҷамъии инсонҳо ба саҳнаи театр ё пардаҳои намоиш табдил мешаванд, ин вазъ нишонаи он аст, ки фарҳанги миллӣ дар хатар аст. Ба ин тартиб мумкин аст, ки буҳронҳои шадиде ба вуҷуд биёянд. Буҳронҳое, ки гоҳ-гоҳ ба нобудии тадриҷии арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳанги миллӣ анҷом мешаванд».

## Асли мақсад муқобала бо пайомадҳои манфист

Аз ин рӯ, аз панҷ чаҳор қисми як китоби дусаду шастсаҳифагиро донишманди тоҷик ба масъалаи мубрами рӯз ва ҳаётан муҳими миллату кишвар –

роҳу усули муқобала ба таъсири манфии ҷаҳонишавӣ – ихтисос додааст. «Ҷомеаи солим бидуни доштани хонаводаҳои солим наметавонад ба вуҷуд ояд ва ҳеҷ як осебҳои иҷтимоӣ бидуни таъсир ба хонавода падид наомадаанд», – менависад Зафар Сайидзода. Нахуст ӯ нишон медиҳад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ аввалин ниҳоди ҷомеа, яъне оила, дар Ғарб чӣ гуна ахлоқан фурӯпошӣ шудааст ва ё дар ҳоли фурӯпошӣ аст. Ӯ мушаххасан мисол меорад, ки «имрӯзҳо хонавода дар Ғарб дар ҳоли фурӯпошӣ аст ва равшантарин далелаш ҳам канор рафтани ахлоқ аз ҳамаи арсаҳои зиндагӣ аст. Кор ба ҷое расидааст, ки издивоҷи ҳамҷинсгароён бар издивоҷи анъанавӣ бартарӣ пайдо намуда, дар ҳуҷҷатҳои барасмиятдароварандаи никоҳ – ба ҷои мафҳумҳои «шавҳар» ва «зан» – «шарики якум» ва «шарики дуввум» менависанд... То ба имрӯз издивоҷи афроди ҳамҷинс дар 15 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла дар бархе аз штатҳои ИМА, Мексика, ҳамчунин Англия ва Уэлс, вуҷуд дорад». Ҳамаи ин навъи «ахлоқ» тавассути моҳвораҳо ба тамоми ҷаҳон тарғибу ташвиқ мешаванд. Аз ин нигоҳ хонаводаҳо бузургтарин қурбониёни моҳвораҳо ҳастанд, менависад ҷомеашиноси тоҷик. «Бисёре аз хонаводаҳо – бидуни таваҷҷуҳ ба осебҳои моҳвора – аз ин васила истифода мекунанд ва аз он, ки фарзандонашон низ ҳамроҳи онҳо ба тамошои филмҳову сериалҳои моҳвора мепардозанд, ҳеҷ нигаронӣ надоранд. Вақте аъзои як хонавода соатҳо пеши телевизор барои тамошои филмҳои моҳвора менишинанд, риояи бисёре аз арзишҳо, аз ҷумла ҳарими миёну зану мард, ба гузашти замон назди онҳо коста мегардад. Бино ба

назари ҷомеашиносон, тамошои бархе аз шабакаҳои моҳворай бо фасоди ахлоқӣ, бебандуборӣ дар робитаҳои байни навҷавонон ва ҷавонон меанҷомад. Аммо падару модарон ба ин аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд».

## Ҳифзи ахлоқи миллӣ аз хонавода оғоз мешавад

Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон аз афзоиши талоқ дар байни навхонадорон ва пошхӯрии оилаҳо ибрози нигаронӣ карда, пешниҳод намуд, ки барои ислоҳи вазъи бамаломада дар ин ниҳоди нахустини ҷамъиятӣ соли 2015-ро дар ҷумҳурӣ «Соли оила» эълон намуда, тамоми кӯшишу талошҳоро баҳри солимии хонавода ба харҷ диҳем. Зафар Сайидзода дар китоби худ масъалаи осебпазирии хонаводаро дар раванди ҷаҳонишавӣ ба риштаи таҳлил кашида, моро ҳушдор медиҳад, ки мушкилоти мазкур кишварҳои пешрафтаи ғарбиро, – онҳоеро, ки дар татбиқи раванди ҷаҳонишавӣ нақши бориз доранд, солҳост, ки дунболагир аст. Ӯ менависад: «Афзоиши вайроншавии издивоҷҳо дар ҷомеаи Ғарб, ки ҳудуди сеяки издивоҷҳоро дар бар мегирад ва густариши ҳамзистии муштараки бидуни никоҳ, ки дар бисёре аз кишварҳои Ғарб то се баробар афзоиш ёфтааст, чолишҳоеанд, ки таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ ба вуқӯъ пайвастаанд ва имрӯз бошиддаттарин хатар дар баробари талоши ҷомеаҳои башарӣ барои ҳифзи якпорчагии хонавода ба ҳисоб мераванд». Донишманди тоҷик дар боби

«Асари манфии ҷаҳонишавии арзишҳои оилавӣ», ки наздик ба панҷоҳ саҳифаи китобашро дар бар дорад, ин масъалаи хеле муҳимро мӯшикофона ба баррасӣ гирифтааст. Сипас ӯ дар идомаи китоб вазифаҳо, нақшҳо ва масъулиятҳои ниҳодҳои иҷтимоиро дар тарбияи ахлоқии инсонҳо номбар кардааст. Зафар Сайидзода аз ҳушдори Президент Эмомалӣ Раҳмон – «агар мо имрӯз насли дорои ахлоқи ҳамида ба камол нарасонем, фардо ҷомеа ба мушкилоти сангини иҷтимоиву фарҳангӣ дучор меояд» – ёдовар шуда менависад, ки масъулини соҳа ба дарки ин ҳушдор ҳанӯз нарасидаанд. «Агар дарк карда бошем ва пай бурда бошем, чаро аз таҳияву тасвиби ҳуҷҷати воқеан муҳими «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаротар нарафтаем? Масалан, дар вазъияте, ки дар ҷомеа, ба иллати омилҳои муайяни дар ин саҳифаҳо борҳо зикршуда, арзишҳои маънавию ахлоқӣ торафт камаҳамият мешаванд, дар муҳимтарин санадҳои соҳаи таълиму тарбия- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2015» мафҳуми «тарбияи ахлоқӣ» умуман вуҷуд надорад».

Дар идомаи китоб муаллиф ба масъалаи нақши оила, мактаб, расонаҳо дар тарбияи ахлоқии фарзандон, дар шахсиятсозӣ аҳамият дода, таваҷҷуҳи хонандаро ба мавзӯи истифода аз сарчашмаҳои ахлоқу маънавиёт, усулҳои тарбияи фарзанд, роҳбурди посдории забон, ки яке аз роҳҳои муҳими муқобала бо пайомадҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ мебошанд, ҷалб месозад.

Чорчӯби як мақола имкон намедиҳад, ки тамоми паҳлуҳои ин китоби пурарзиш мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор бигиранд. Барои ҳамин ҳам дар хотима гуфтанием, ки, ба андешаи мо, ин китоб лоиқи онро дорад, ки бори дигар бо теъдоди калон ба нашр расида, аз он мураббиёну устодон – аз боғчаҳои бачагона шурӯъ карда, то мактабҳои миёна, коллеҷҳо, донишкадаву донишгоҳҳо – ҳамчун дастури таълимӣ васеъ истифода бубаранд. Барои адибону рӯзноманигороне, ки худро меҳандӯсту посбони фарҳанги ниёгон медонанд, китоби рӯимизӣ бошад. Ин китоб метавонад ҳамчун доруе, ки ба масунияти бадани ҷомеа тавону қудрат мебахшад, аз сӯи он тоифа мардуме, ки масъулияти парасторӣ ва ҳифзи сиҳҳати ҷомеаи моро ҳамчун табибони он ба уҳда доранд, дар фаъолияташон васеъ истифода шавад.

**СУЛТОНИ ҲАМАД (шодравон),**
**собиқ корманди сарредаксияи**
**«Энсиклопедияи миллии тоҷик»,**
**5 марти соли 2015**

## Муаррифиномаи муаллиф

## Сайидзода Зафар Шералӣ
## (Саидов Зафар Шералиевич)

Санаи таваллуд – 18 декабри соли 1961, тоҷик, аз оилаи хизматчии низомӣ, маълумоташ олӣ.

Номзади илмҳои фалсафа (1989), доктори илмҳои таърих (2016).

Алъон – консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Екатеринбурги Россия.

Соли 1983 Донишгоҳи давлатии (алъон – миллии) Тоҷикистонро бо ихтисоси муаррих ва ҷомеашинос хатм кардааст.

Солҳои 1983 – 1986: аспирант ва ассистенти кафедраи диншиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон.

Солҳои 1987 – 1990: корманди масъул, мудири бахш ва мудири шуъбаи идеологии КМ комсомоли Тоҷикистон.

Солҳои 1990 – 1991: сармутахассиси Кумитаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ҷавонон.

Солҳои 1991 – 1992: корманди масъули дафтари матбуоти Президент ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Солҳои 1993 – 1995: сардори Раёсати иттилооти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Солҳои 1995 – 2003: котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Солҳои 2003 – 2008: директори Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз 5 феврали соли 2008 то 17 октябри соли 2019: мушовири калони Президенти Тоҷикистон ва бахши Ёрдамчии он оид ба сиёсати хориҷӣ ва масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ.

Муаллифи зиёда аз 70 китоб, инчунин мақолаҳои зиёд оид ба масъалаҳои фалсафа, таърих, забон, сиёсатшиносӣ ва фарҳанги иттилоотии Тоҷикистон мебошад.

Дорандаи медали давлатии «Хизмати шоиста», Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, Ифтихорномаи (мукофоти олии) Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ифтихорномаи Парлумони Ҷумҳурии Чеченистони Федератсияи Россия. Аълочии фарҳанги Тоҷикистон аст.

Оиладор, соҳиби се фарзанд мебошад.



**29 августи соли 2016 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон муаллифи ин китобро бо медали давлатии «Хизмати шоиста» қадр намуд.**

ИН КИТОБ БО КУМАКИ СПОНСОРИИ
СОҲИБКОРИ ФОЗИЛУ МЕҲАНПАРВАР
**БАХТИЁР МУЪМИНОВ**
НАШР ШУДААСТ.



Ин китоб бо кумаки спонсории
шаҳрванди фозилу меҳанпарвар
**Ашрафиддин Самончиев**
нашр шудааст.

Ин китоб бо мусоидати
шаҳрванди ватандӯст
**Исмоил Шоҳфайзов**
нашр шудааст.

## Мундариҷа

**НАҚШИ СИЁСИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРӢ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РУШДИ БОСУБОТИ ТОҶИКИСТОН ..... 5**

**ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ..... 85**

**ГУСТАРИШИ АХЛОҚИ МИЛЛӢ ВА ГИРОМИДОШТИ ЗАБОНИ МОДАРӢ – ПОСУХ БА ПАЙОМАДҲОИ МАНФИИ ҶАҲОНИШАВӢ ..... 301**

**МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ЧАРОҒИ РОҲИ ПЕШРАФТ ..... 591**

**Сайидзода Зафар Шералӣ**
**(Саидов Зафар Шералиевич)**

# ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР: МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ

**Нашри дуюми иловадор**

***Китоби илмии сиёсӣ***

Сармуҳаррир –
номзади илмҳои таърих
**Абдунабӣ Сабуров**

Мусаҳҳеҳ – **Муборак Умарова**

Муҳаррири техникӣ – **Парвиз Саидов**

Ба чоп 29.01.2020 с. имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 80.
Ҳуруфи адабӣ Cambria.
Адади нашр 1000.

Дар ҶДММ «Контраст» чоп шудааст.
ш. Душанбе, к.Н. Муҳаммад, 28

ISBN 978-99947-49-89-8